

Султони Ҳамад

# Бурхи Валӣ - дӯсти Худо

СУЛТОНИ ҲАМАД

# БУРХИ ВАЛӢ –



# ДӮСТИ ХУДО

**ББК 63.3 (2 тоҷик) +86.38+63.5 (2 тоҷик)**
**Ҳ 31**

**Султони Ҳамад**
**Бурхи Валӣ - дӯсти Худо**
**Душанбе: Истеъдод, 2013. 592 саҳ.**

**Муҳаррир: Саидмуроди Шариф**
**Тарроҳ: Ҷаҳонгири Султон**

***Ин китобро ба падари бузургворам Ҳамади Пирак (рӯҳаш шод бод) ва модари меҳрубонам Ҳадисаи Одина, ки ишқу муҳаббати Ватанро дар тору пуди ҷонам ҷой кардаанд, мебахшам.***

Дар китоб дар баробари овардани қиссаву ривоятҳо, шеъру достонҳо ва андешаҳои таҳлилӣ дар бораи ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ, инчунин назаре ба таърихи водии Вахё, як гӯшаи биҳиштосои Ватани азизамон, таърихчаи силсилаи эшонҳои Ёзғанд, силсилаи эшонҳои Арзунк, дигар мазорҳои маъруфи ин минтақа, шахсиятҳои маъруфи таърихӣ ва мазҳабии ин диёр андохта шудааст. Китоб барои оммаи васеи хонандагони синну сол ва касбу кори гуногун пешниҳод мешавад.

***ISBN 978-99947-867-0-1***

*© Султони Ҳамад, 2013*

## ПЕШГУФТОР

Рӯи чоп омадани китоби "Бурхи Валӣ-дӯсти Худо", ки дар он симои ин шахсияти маъруф, вале то ба ҳол наомӯхтаи кишварамон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст, дорои аҳамияти маърифатӣ ва фарҳангӣ мебошад. Махсусан дар давроне, ки Ватани мо беш аз пеш мавриди тавaҷҷӯҳи хоси сайёҳони ҷаҳон гардидааст, ин китоб метавонад дар ин самт барои шавқмандони соҳаи ҳаёти дунявӣ ва мазҳабӣ раҳнамои хубе бошад.

Ҷолиб он аст, ки симои Бурх дар ин китоб аз дидгоҳи гуногун мавриди омӯзиш ва тамоми андешаҳои он бо такя ба сарчашмаҳои таърихӣ мудаллал шудаанд. Аз сӯи дигар дар китоб иттилое сабт гардидааст, ки аз нигоҳи таърихӣ аз аҳамият холӣ нестанд. Зиндагиномаи эшони Султон, муносибати ӯ бо амир Олимхон, бо Иброҳимбек, бархурдаш бо Фузайл Махсум дар ин китоб бо такя ба манбаъҳои хаттӣ ва гуфтори ашхоси алоҳида тарзе ба риштаи тасвир кашида шудаанд, ки низ ба баъзе торикиҳои ҳаёти ин ашхоси таърихӣ рӯшанӣ мебахшанд.

Бо ин гуфтаниям, ки китоб агарчи дар жанри публисистика навишта шуда бошад ҳам, вале баръало мушоҳида мешавад, ки муаллиф дар вақти навиштани он аз китобҳои илмӣ ва таърихӣ васеъ истифода бурдааст.

Мутмаинам, ки китоб хонандаи хешро пайдо хоҳад кард ва мавриди қабули онҳо қарор хоҳад гирифт.

Ба муаллифи китоб Султони Ҳамад комёбиҳои аз ин бештареро орзумандам.

**Мӯсо Диноршоев, академики АИ ҶТ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор,**
**барандаи ҷоизаи давлатии**
**ба номи Абӯалӣ ибни Сино.**

## САРСУХАНИ МУАЛЛИФ

Хонандаи азиз, нахуст мехоҳам бигӯям, ки ҳарчанд китоб "Бурхи Валӣ дӯсти Худо" номгузорӣ шуда бошад ҳам, вале сухан дар он танҳо дар бораи ҳазрати Бурхи Сармасти Абдоли Валӣ - ин чеҳраи дар адабиёти классикиии мо, махсусан адабиёти ирфонӣ, хеле маъруф, намеравад. Шумо, хонандаи азиз, дар баробари гирифтани иттилои наву тоза дар бораи ин бузургвор ва шахсияти вай, боз маълумоти муфассалеро дар бораи Вахё, минтақае, ки маркади ин дӯсти Худо он ҷо воқеъ аст, дар бораи табиат, таърих ва мардуми наҷиб ва дигар авлиёи он ба даст оварда метавонед.

Симои Бурхи Валӣ садсолаҳо боз мавриди таваҷҷӯҳи аҳли эҷод қарор гирифтааст. Дар бораи Бурхи Валӣ аз ин пеш классикон ва ҳамзамонони мо китобу достону мақолаҳои зиёде навиштаанд ва баъдҳо низ хоҳанд навишт. Муаллиф зимни дар бораи ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ ва дигар авлиёи Вахё аз сарчашмаҳои хаттии дастрас маълумот гирифтан, ҳамзамон онро бештар аз сӯҳбат ва баёноти пирони хирадманди ин водӣ, аз уламои дини мубини ислом, аз шоирону нависандагони огоҳи кишвар ва дигар рав-

шанфикрони миллат ҷамъоварӣ кардааст. Матни бархе аз ин мусоҳибаҳо ба сабаби доштани иттилооти дигари муфид дар шакли пурра ва ё мӯҳтавои он бо нишон додани санаи дақиқ ва ҷои сӯҳбат дар замимаи китоб оварда шудаанд.

Вахё аз лиҳози тақсимоти маъмурӣ-ҳудудӣ таърихан агар марбути шоҳигарииДарвоз ва баъдан то замони ба қудрат расидани ҳукумати Шӯроҳо дар сарзамини мо марбути бекигарии Дарвози аморати Бухоро бошад ҳам, вале аз нуқтаи назари ҷӯғрофӣ ва этникӣ минтақаи хос ва алоҳидаи Ватани азизамон ба ҳисоб мерафт ва имрӯз низ чунин аст. Дар ҳамин ҳол дар муқоиса бо дигар манотиқи кишварамон табиат, таърих ва мардуми ин гӯшаи зебоманзари Ватани дӯстдоштаниамон, ки рӯз то рӯз таваҷҷӯҳи сайёҳонро бештар ба худ ҷалб мекунад, камтар омӯхта ва муаррифӣ шудааст.

Аз ин рӯ дар ин китоб муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар бораи мавқеи ҷӯғрофӣ, захираҳои табиӣ, дурнамои иқтисодии он, таърихи дар ин минтақа сокин шудани мардуми он ва махсусан дар бораи таърихи замони ба сари қудрат омадани ҳукумати Шӯроҳо дар Вахё, ки маъмулан дар замони қабл аз истиқлолияти давлатӣ дар ин бора маълумоти дигархелтаре дода мешуд, иттилои тозаеро пешкаши хонандагони арҷманд гардонад. Бори аввал дар ин китоб дар бораи эшонҳо ё худ саидзодаҳои Вахё, ки бо номи эшонҳои

Ёзғанд ва эшонҳои Арзунк машҳуранд, маълумоти муфассал ва воқеӣ дода мешавад.

Шаҷараномаҳои бархе аз ин эшонҳо бори аввал дар ҳамин китоб ба табъ мерасанд. Матлабе, ки дар бораи эшони Султон, падар, бародарон ва дигар ақрабои ин шахсияти таърихии Ватанамон ба нашр мерасад, то ба имрӯз дар ягон китоби дигар чоп нашудааст. Ин маълумотро муаллиф аз надиктарин хешу ақрабои ин бузургон, ки то ба ин замон хомӯш буданро аз сухан гуфтан авлотар медонистанд, дар сӯҳбатҳои доманадор ба даст овардааст.

Дар хотима мехоҳам ба мӯҳтарам Мӯсо Диноршоев, академики АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор барои маслиҳатҳои хеле пурқиммат ва муфидашон, ки баъди хондани дастхати ин китоб ба камина арзонӣ доштанд ва банда онҳоро бо камоли мамнуният ва сипос ба инобат гирифтам, самимона изҳори ташаккур намоям.

Банда инчунин аз Тоҷиддин Мардонӣ, олими шинохтаи тоҷик, корманди Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ, аз Қурбоналӣ Идрисов-донишманди тоҷик, аз Абдураҳим Раҷабов-донишманд ва ҷавонмарди ҳимматбаланди тоҷик ва дигар дӯстони азиз барои машварат ва кӯмакҳои беғаразашон дар навиштан ва ба табъ расондани ин китоб изҳори сипоси самимӣ мекунам.

**Бо эҳтиром Султони Ҳамад**

**Эй номи Ту беҳтарин сароғоз,**
**Бе номи Ту нома кай кунам боз?**

## ХУДОЁ, ФАРЗАНДАШ БИДЕҲ!

Ҷавонмард пеши роҳи пайғамбар Мӯсо алайҳиссаломро гирифту гуфт:

- Эй Калимуллоҳ, шунидам, ки барои роз гуфтан бо Парвардигори олам ба кӯҳи Тӯр равона ҳастӣ. Хоҳиши ман ин аст, ки аз Холиқи якто бароям фарзанд талаб бикун. Солҳост, ки издивоҷ кардаам, вале Худованд то ба ҳол бароям фарзандеро лоиқ надонистааст. Шояд, ки бо шафоати ту Худованд аз ин неъмати бебаҳо маро бархурдор созад.

Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом ба он ҷавонмард ваъда дод, ки паёмашро ба Раббулъоламин хоҳад расонд ва худ равонаи кӯҳи Тӯр шуд. Баъди муноҷот бо Парвардигори олам ҳазрати Мӯсо (а) ба Худованди бузург талаби он ҷавонмардро дар бораи фарзанд изҳор дошт. Худованд ҷавобаш дод:

- Эй Калимуллоҳ, саломи маро ба он бандаам бирасон ва ба ӯ бигӯ дар тақдири ӯ фарзанд нест.

Ҳазрати Мӯсо (а) вақте аз кӯҳи Тӯр бармегашт дар

роҳ, дар ҳамон ҷойи қаблӣ, ҳамон ҷавонмардро дучор омад. Ҷавонмард аз дидани пайғамбар хушҳол гардиду саросемавор аз ӯ пурсид:

- Эй ҳазрати Мӯсо, оё талаби маро пеши Худованд изҳор доштӣ?

- Бале, ай бандаи Худо. Худованд баъди фиристодани дуруд гуфт, ки дар тақдири ту фарзанд нест.

Ҷавонмард аз шунидани ин посух хеле ҳам озурдадилу ошуфтаҳол гардид.

Он ҷавон рӯзе дар роҳ Бурхи сармастро мебинад, ки яке аз ду себи дар даст будаашро ба ҳаво партоб карда "Ё Ҳу" ва сипас он себро дошта себи дуввумро, ба ҳаво партоб карда "Ё Манҳу" гӯён роҳ мерафт. Азбаски аз забони ӯ танҳо зикри ҳамин сифатҳои Худованд мебаромад, ҳама ӯро бештар девонаи ишқи Худо мегуфтанд. Ҷавонмардро нияте пеш омад, ки аз ин девонаи ишқи Худо, хоҳиш намояд то пеши Худованд дуо кунад, ки Парвардигор барояш фарзанде арзонӣ дорад. Бо ин мақсад пеши роҳи ӯро мегираду бо як андӯҳи зиёд мегӯяд:

-Эй девонаи ишқи Худо, ман муддати зиёд аст, ки издивоҷ кардаам, вале фарзанд надорам. Аз Худо бихоҳ, ки бароям фарзанд бидиҳад. Ту, ки фақат дар зикру ёди Худо ҳастӣ, Парвардигор дуоятро мустаҷоб хоҳад кард.

Бурхи Сармаст, лаҳзае аз себпартоӣ ва роҳ рафтан бозистоду ба он ҷавонмард нигарист. Магар аз чаш-

мони ашколуди ӯ дарди гаронашро эҳсос намуд, ки яке аз себҳояшро боло партофту гуфт:

- Худоё, як фарзандаш бидеҳ!

Дар худи ҳамон лаҳза аз Худованд барояш илҳом шуд:

- Эй Бурхи Сармаст, дар тақдири ин ҷавонмард фарзанд нест.

- Бурхи Сармаст баробари доштани себи ҳавододааш себи дуввумро боло партофту гуфт:

- Худовандо, ду фарзандаш бидеҳ!

Аз Худованд илҳом шуд:

- Эй Бурхи Сармаст, дар тақдири он ҷавонмард фарзанд нест.

Бурхи Сармаст дар ҳоли ҳаво додан ва доштани себҳо боз исрор варзид:

- Худоё, се фарзандаш бидеҳ!

Худованд боз ба ӯ илҳом дод:

- Эй Бурхи Сармаст, дар тақдири он ҷавонмарде, ки барояш талаби фарзанд мекунӣ, авлод нест.

- Бурхи Сармаст дар ҳоли ҳаво додан ва дошта гирифтани себҳо ҳамоно ба талаби худ меафзуд:

- Худоё, Ту каримӣ, чор фарзандаш бидеҳ!

Ҳамин тавр ҳар боре, ки Худованди бузург ба Бурхи Сармаст илҳом медод, ки дар тақдири он ҷавонмард фарзанд нест, ҳазрати Бурх ба талаби худ меафзуд. Ҳамин тариқ вақте Бурхи Сармаст талаб кард, ки "Ҳафт фарзандаш бидеҳ!" Худованд ба ӯ илҳом дод:

- Додамаш ҳафт фарзанд, ай Бурхи Сармаст! Инак, бо кори худат машғул бош!

Баъди шунидани ин илҳоми Худовандӣ Бурхи Сармаст боз "Ё Ҳу, ё Манҳу" гӯён ба зикри Парвардигор машғул шуд.

***

Солҳо гузаштанд. Рӯзе ҳазрати Мӯсо (а) аз ҳамон минтақа мегузашт. Ҷавонмардеро дид, ки аз иҳотаи кӯдакони зиёде бархоста ба назди ӯ омад:

- Ё Мӯсои Калимуллоҳ, маро шинохтӣ?

- ...

Ман ҳамон бандаи Худову уммати ту ҳастам, ки чанд сол қабл аз ту хоҳиш карда будам, ки дар муноҷотат бо Худованд бароям фарзанд талаб кунӣ. Вале он замон бароям гуфта будӣ, ки дар тақдири ман фарзанд нест. Ана, чи тавре ки мебинӣ Худованд маро соҳиби ҳафт фарзанд кард.

Ҳазрати Мӯсо (а) аз ин суханони он ҷавонмард дар тааҷҷуб шуд ва ба ӯ гуфт:

Бигӯ, ай ҷавони шодмон, ту чӣ кор кардӣ, ки Худованд барои ту фарзанд дод?

- Ман аз девонаи ишқи Худо Бурхи Сармасти Валӣ талаб кардам, ки бароям дуо кунад, то Худованд неъмати фарзандро бароям арзонӣ дорад. Ӯ дуо кард ва чи тавре мебинӣ, дуояш мустаҷоб шуд, - посух дод он ҷавонмард. Мӯсо алайҳиссалом бо таҳайюр ба ӯ гуфт:

- Дар ин кори ту чӣ ҳикмате нуҳуфтааст, ман наме-

донам. Дар муноҷотам аз Худованд инро пурсон хоҳам кард.

Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом баъди ин воқеа дар яке аз муноҷотҳояш аз Худованди бузург шарҳи ин воқеаро пурсон мешавад:

Худованд барояш чунин посух медиҳад:

- Ё Калимуллоҳ, бидон, ки Ман байни бандагонам нафарҳои зиёде дорам, ки ба ҷуз тоату ибодат ва зикри номи Ман дигар коре надоранд. Бурхи Сармаст аз ҷумлаи онҳост. Ӯро девонаи ишқи Ман гӯянд. Ӯ дӯсти Ман аст. Ана ҳамин дӯстам пеши Ман нозе кард. Ва ман нозбардори ӯ шудам. Ман дӯстамро ноумед накардам.

Мӯсои Калимуллоҳ чун ин посух бишунид гуфт:

- Ё Парвардигори олам, ӯ танҳо як банда буд, ман охир паёмбари Ту ҳастам?

Дар ин ҷо Худованд ба Мӯсо (а) гуфт:

- Ё Калимуллоҳ, ман ҳоло дархосте дорам, ки мехоҳам онро ту иҷро намоӣ. Бирав, як зарфу як корд бигиру ба раставу бозор бирав ва бароям ҳафт порча гӯшти одамӣ биёр. Бале, бале гӯштӣ одамӣ. Бароям фарқ надорад онҳоро ба ту кӣ медиҳад ва ё ту онҳоро аз кӣ мегирӣ, чӣ гуна мегирӣ. Шарт ҳамин, ки гӯшти инсон бошад.

Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом корду сатил дар даст бозор ба бозор, раста ба раста мегашту ба мардум мегуфт, ки Худованд аз ӯ талаби ҳафт порча гӯшти одамиро кардааст ва кӣ омодааст, ки ин ҳафт порча

гӯштро аз бадани хеш барои Худо бидиҳад? Вале касе ба ин суоли ӯ посухи мусбат надод. Касе омодаи буридани гӯшти бадани худ  аз барои Худованд набуд. Он гоҳ Мӯсо алайҳиссалом ночор барои муноҷот ба кӯҳи Тӯр баргашт ва ба Худованд гуфт:

- Парвардигорам, ман хиҷолатзадаву шармандаам. Аз умматони ман касе омодаи додани ҳафт порча гӯшти бадани хеш барои Худо нашуд. Мутаҳайир ва шармандаам, ки чӣ кор кунам?

Худованд ба ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

- Эй Калимуллоҳ, дар фалон мавзеъ нафаре бо исми Бурхи Сармаст, ки аз бандагони Ману уммати туст, ба тоату ибодат ва зикри Ҳақ машғул аст. Ба назди ӯ бирав, саломи Маро бирасон ва ба ӯ бигӯй, ки Худованд талаби ҳафт порча гӯшти одамиро кардааст. Ӯ хоҳиши туро ба ҷо хоҳад овард.

Ҳамин, ки ҳазрати Мӯсо (а) ба он мавзеъ расид, мардеро дар ҳолати тоату ибодат дид. Чун мард аз омадани Мӯсо (а) воқиф гашт, аз ҷой бархост ва бо чеҳраи кушод гуфт:

- Хуш омадӣ, ай Калимуллоҳ.

Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом аз ин тарзи истиқбол дарк намуд, ки ин шахс Бурхи Сармаст аст ва паёми Худовандро ба ӯ расонд:

- Ай Бурхи Сармаст, Худованд бароят салом мефиристад ва талаби ҳафт порча гӯшти одамӣ кардааст.

Бурхи Сармаст чун ин суханони ҳазрати Мӯсоро

бишнид ҳамон лаҳза мисле, ки муждаеро шунида бошад, мастона гуфт:

- Эй Калимуллоҳ, куҷост корду зарфи ту? Онҳоро ба ман бидеҳ.

Бурхи Сармаст чун корду сатилро гирифт ба буридани бадани хеш шурӯъ кард. Аз ҳафт ҷои баданаш ӯ ҳафт порча гӯштро бурида ба сатил андохта ба дасти ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом супурд. Ва худ дар ҳоле, ки аз ҳафт ҷои баданаш хун фаввора мезад, боз ба зикри Ҳақ гуфтан идома дод. Мӯсо алайҳиссалом он порчаҳои гӯштро гирифт ва ба кӯҳи Тӯр омад ва дар муноҷот бо Худо қиссаи Бурхи Сармастро ҳикоя кард.

Худованд ба ӯ гуфт:

- Эй Калимуллоҳ, дидӣ, ки чӣ гуна ошиқон дорам? Онҳо на танҳо омодаи додани чанд порча аз гӯшти бадани хеш ҳастанд, балки агар фармон бидиҳам бароям ҷони хешро низ хоҳанд дод. Мана, ҳоло боз ба ҳамон мавзеъ бирав ва ба Бурхи Сармаст бигӯй, ки Худованд мехоҳад, ки саратро фидояш бисозӣ.

Мӯсо алайҳиссалом боз ба назди Бурхи Сармасти ғарқи хун бармегардад. Ӯро боз дар ҳоли зикри Ҳақ гуфтан меёбад. Мӯсо алайҳиссалом ба Бурхи Сармаст паёми Худовандро мерасонад. Бурхи Сармаст бо як хушҳолии бузург ҳамон лаҳза омода мешавад, ки сари хешро фидои Худованд бикунад. Ӯ ба болои кӯҳе баромада аз онҷо худро ба поён ҳаво дод. Бадани ӯ ба сангҳои нӯгтез бархӯрда тика-тика шуд. Бо қудрати

Худованд ӯ боз зинда гардид ва ҳамон лаҳза болои кӯҳ баромада аз он ҷо боз худро ба поён ҳаво дод. Ҳамин ҳолат ҳафтод маротиба такрор мешавад. Худованд он гоҳ ба ҳазрати Мӯсо мегӯяд:

- Ай Калимуллоҳ, акнун дидӣ, ки ин бандаи ман чӣ гуна маро дӯст медоштааст? Ӯ кореро кард, ки аз бандагони Ману умматони ту ҳарчанд исрор варзидӣ, касе накард. Ҳатто ту, ки пайғамбари ман будӣ, ин корро накардӣ. Охир, бароят гуфта будам, ки ба Ман ҳафт порча гӯшти одамӣ биёр. Чун умматонат гӯшти бадани хешро надоданд, ту метавонистӣ ин корро худат кунӣ. Ту низ аз ҷинси одамӣ ҳастӣ.

Пас бигӯ, эй Калимуллоҳ, чӣ гуна нози чунин дӯстонамро ман набардорам?

**Чунин мастон маро чандин ҳазоранд,**
**Ки номамро шунида ҷон супоранд.**

***

Ин қиссаи дилангезро дар бораи Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ соли 2005-ум дар шаҳри Қундузи Афғонистон аз Ғулом Саноӣ ном ҷавони тахминан 25-28-сола, ки дар як дӯкони доруфурӯшӣ кор мекард, шунидам. Сурогаи Ғулом Саноиро ба ман як китобфурӯше, ки аз ӯ дар дӯконаш доштан ва ё надоштани китоберо дар бораи ҳазрати Бурхи Сармаст пурсон шуда будам, дода буд. Ин фурӯшандаи китоб чун дигар ҳамтоёни худ ба ман гуфт, ки ҳазрати Бурхро мешиносад, вале чунин китобро дар бораи ӯ надорад. Аммо дар тафо-

вут аз дигар ҳамкасбони худ ӯ гуфт, ки чунин китобро чанд сол пеш дар дасти Ғулом Саноӣ ном як донандаи хуби таърихи ниёгон дидааст ва суроғаи ӯро ба ман дод. Ғулом Саноӣ баъди нақл кардани қиссаи мазкур гуфт, ки дар ҳақиқат, чанд сол муқаддам ӯ китобе дошт, ки дар он якчанд қисса дар бораи ҳазрати Бурхи Сармаст навишта шуда буд. Баъдан ин китобро касе аз пеши ӯ бурдааст ва феълан танҳо чанд қиссае аз он китоб дар ёди ӯ боқӣ мондаасту халос. Дар бораи ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ бошад ӯ нахустин бор аз муршидаш донишманди хуби тасаввуф, яке аз уламои шинохтаи Ғазна Пир Фақир Дарвеши Ваҳидуллоҳ раҳматуллоҳи алайҳ шунида буд.

Худи Ғулом Саноӣ низ аз Ғазнист ва мӯътақид аст, ки шаҷараи ӯ то ба шоири тавонои форс-тоҷик, орифи бузург, Ҳаким Саноӣ мерасад. Ғулом Саноӣ хеле хуб медонистааст, ки мазори ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ дар яке аз манотиқи кӯҳистонии Тоҷикистони имрӯза аст. Ғулом Саноӣ гуфт, ки аз издивоҷи ӯ муддати ҳашт сол сипарӣ мешавад. Вале то ҳанӯз соҳиби фарзанд нагардидааст. Ӯ бисёр мехоҳад, ки мазори ҳазрати Бурхро чун ниёгони хеш зиёрат намояд. Ғулом Саноӣ мӯътақид аст, ки баъди зиёрати марқади ин дӯсти Худо, ӯ чун ҳамон ҷавонмарде, ки саргузашташро бароямон қисса кард, соҳиби фарзанд хоҳад шуд. Инро ҳатто муршидаш таъкид намудааст.

## ДАР САБАБИ ТАЪЛИФИ КИТОБ

Марқади ҳазрати Бурхи Сармасти Валиро дар Вахё агарчи зиёрат карда дар бораш қиссаҳои зиёде шунида бошам ҳам, вале ин ҳикояти Ғулом Саноиро бори аввал мешунидам. Ва он ҳам дар хориҷ аз кишвар аз забони як ҷавоне, ки бо як меҳру муҳаббати беандоза бузург ба ин шахсият сухан мегуфт. Он лаҳзаи суҳбат бо Ғулом Саноӣ хулосаи ман ҳамин буд, ки дар бораи ҳазрати Бурх қиссаҳои ношунида ва ҳанӯзам бо ҳуруфи кириллик ба чоп нарасида хеле зиёданд. Қобили зикр аст, ки дар бораи ин бузургвор бори аввал соли 1999 муҳаққиқ Абдулмалик Шехов таҳти унвони "Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ" рисолаеро ба табъ расонд ва дар он маълумоти зиёде дар бораи зиндагиномаи ин дӯсти Худо гирд оварда шудааст. Муҳаррири масъули ин рисола шоир ва файласуфи боистеъдод Назри Яздонӣ буда, ба он доктори илми фалсафа Рустам Комилов сарсухан навиштааст. Соли 2006 Абдумалик Шехов ин рисоларо васеътар намуда бо иловаҳои хеле муҳим дар таҳрири олими таърихчӣ Раҳматуллоҳ Абдуллоев дар нашриёти "Ирфон" ба чоп мерасонад. Бояд гуфт ин дафъа китоб ҳам дар намуд ва ҳам дар мазмун хеле ҳам беҳтар ба нашр расидааст. Албатта, ин китоб ҳамчун соири китобҳои дигаре, ки чоп мешаванд, аз

камбудӣ холӣ нест.

Вале ҳадаф инҷо ифшо намудани норасоиҳои ин асар набуда, балки таъкиди он аст, ки бо вуҷуди ба табъ расидани ин рисола ҳанӯз ҳам паҳлӯҳои норӯшани зиндагиномаи ин бузургвор хеле зиёданд ва баррасиву рӯи чоп овардани онҳо ба манфиати умум мебуд. Бинобар ин бо назардошти гуфтаҳои боло мо чанде ба кофтуковҳое дар ин самт машғул шудем.

Дар натиҷа аз забони мардум, аз китобҳои қадима, аз суҳбатҳои шоирону олимон, аз сарчашмаҳои таърихӣ нуктаҳоеро дарёфт намудем, ки то ба ҳол кам касоне ҳастанд, ки дар маҷмӯъ аз ин мавод огаҳӣ дошта бошанд. Вале пеш аз он ки дар бораи онҳо ҳарф бизанем, аввал бояд дар бораи он гӯшаи зебои ватанамон, ки марқади ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ дар он ҷой воқеъ шудааст - водии Вахё ва мардуми шарифу сарбаланди он чанд сухан бигӯем, алалхусус вақте ки баъзеҳо решаи калимаи Вахёро аз Бурх ва ё худ аз Бурхиё медонанд.

## "ВАХЁ - САРЗАМИНЕ, КИ РОҲ БА СӮИ КИШВАРИ ҶОВИДОНӢ ОН ҶОСТ"

Дар ҷилди аввали Энсиклопедияи Советии тоҷик, ки соли 1978 ба нашр расидааст, дар бораи Вахё чунин маълумоти кӯтоҳе оварда шудааст: "Вахиё, ноҳияи кӯҳсор дар РСС Тоҷикистон, байни кӯҳҳои Петри 1 ва Вахшу Дарвоз. Ҳавзаи дарёи Хингоб (дарёҳои Хингоб, Ғармоб, Оби Мазор ва ғ.)-ро дарбар мегирад. Аз Ғарб ба Шарқ ба масофаи 160 километр тӯл кашидааст. Нуқтаи баландтаринаш 6083 метр (қуллаи Арнавад) дар қаторкӯҳи Дарвоз. Иқлимаш континентии сернам (боришоти солона 600 - 1600 мм. Ландшафтҳояш: (бешакӯҳ, арча, заранг, тӯс), буттазор (асосан настаран, дӯлона), марғзор, дашт, биёбони кӯҳӣ".

## СУХАНЕ ЧАНД ДАР БОРАИ ТАБИАТ ВА ҶУҒРОФИЁИ ВАХЁ

Доктори илмҳои ҷуғрофӣ Холназар Муҳаббатов оғози водии Хингоб ё худ Вахёро мавзеи резишгоҳи ду дарёи кӯҳӣ -Сурхоб ва Хингоб медонад.

"Дар мавзее, ки ду дарёи хурӯшони кӯҳӣ- Сурхоб ва Хингоб ба ҳам меомезанд, яке аз дарёҳои калонтарини кишвар-Вахш тавлид меёбад ва маҳз аз ин ҷо ду водии калони кӯҳӣ-Хингоб ва Сурхоб ибтидо меёбад".

(Холназар Муҳаббатов "Инсон ва сарватҳои табиат", Душанбе, нашриёти "Адиб" соли 2012, саҳ.66).

Дарёи Хингоб аз он ҷое, ки се қаторкӯҳ- қаторкӯҳи Пётри 1 аз самти шимол, қаторкӯҳи Дарвоз аз самти ҷануб дар шарқи водӣ бо қаторкӯҳи Академияи Фанҳо ба ҳам меоянд, аз се шохоби аз пиряххои ин қаторкӯҳҳо ҷоришаванда, яъне шохобҳои Қирғизов, Ғармов ва Бохуд, ташаккул ёфта, то ба дарёи Сурхоб дар ноҳияи Нуробод, дар резишгоҳи зикршуда, дарёи Вахшро ташкил додан, роҳи 205 километриро тай менамояд. Ҷуғрофидонон ва умуман мардуми маҳал, тӯли ана ҳамин 205 километри водии Хинговро бо ибораи дигар водии Вахё, дараи Вахё ва мулки Вахё низ мегӯянд.

Водии Вахёро дар шимол қаторкӯҳи Пётри 1 аз водии Қаротегин, дар шарқ қаторкӯҳи Академияи Фанҳо аз ноҳияи Мурғоби ВМКБ ва дар ҷануб қаторкӯҳи Дарвоз аз ноҳияҳои Дарвозу Ванҷ ҷудо мекунад.

Водии Вахё дар ҳамин шабу рӯзе, ки ин сатрҳо навишта мешаванд (апрели 2013), ба ҷуз аз ҷамоати деҳоти Сағирдашт, ки ба ноҳияи Дарвоз ҳамроҳ карда шудааст, дигар аз ҷиҳати маъмурӣ-ҳудудӣ ба пуррагӣ ба ноҳияи Тавилдара тобеъ мебошад. Дар айни замон бидуни ҷамоати деҳоти Сағирдашт ҳам ноҳияи Тавилдара баъди ноҳияи Мурғоб бо 5 ҳазору 974 километри мураббаъ масоҳаташ бузургтарин ноҳияи кишвар ба шумор меравад. Тавилдара ягона ноҳияест, ки аз ҳама

зиёд, бо нуҳ ноҳияи дигари ҷумҳурӣ, ҳамсарҳад аст. Дар шимол бо ноҳияҳои Рашту Тоҷикободу Ҷиргатол, дар шарқ бо ноҳияи Мурғоб, дар ҷануб бо ноҳияҳои Ванҷу Дарвоз ва дар ғарб бо ноҳияҳои Ховалингу Балҷувону Нуробод сарҳад дорад. Дар замонҳои қадим, аниқтараш қабл аз даврони шӯравӣ, мардуми водии Вахё бо мардуми минтақаҳои мазкур тавассути роҳҳои мушкилгузари кӯҳистонӣ-ағбаҳо, асосан дар фасли гармо рафтуомад мекарданд. Масалан, тибқи маълумоти ашхоси калонсоли ин водӣ мардуми Вахё ва Қаротегин ба манотиқи якдигар аз тариқи 11 ағбаи қаторкӯҳи Пётри 1 сафар мекарданд. Ба қавле танҳо ағбаи Ёфуч, ки деҳаи ҳамномеро дар Вахё бо деҳаи Ҳазорчашмаи Каротегин мепайвастааст, тамоми чор фасли сол фаъол будааст. Тавассути се ағба-ағбаи Пиёда ё худ Гушун, ағбаи Висхарв ва ағбаи Курговад мардуми Вахё ба Дарвозу мардуми Дарвоз ба Вахё танҳо дар фасли тобистон рафтуомад мекардаанд. Аз Ванҷ низ ба водии Вахё ва баръакс мардум аз тариқи ду ағба- ағбаи Пшихарв ва ағбаи Ситарғӣ танҳо дар фасли гармо меомадаанду мерафтаанд. Ҳамин чизро дар бораи ағбаҳое, ки Ховалингу Балҷувонро бо водии Вахё мепайванданд, гуфтан мумкин аст. Ҳамаи ин ағбаҳо дар замони шӯравӣ, дар даврони роҳкушоиҳо, аз истифода бозмонданд. Дигар ба онҳо зарурат намонд. Вале ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мардумро боз маҷбур сохт, ки аз пайраҳаи аҷдодон бираванд. Аз ин

ағбаҳо дар замони ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 беш аз дигарон муҷоҳидон истифода мебурданд. Масалан, Мирзо Зиёев, собиқ фармондеҳи нирӯҳои мусаллаҳи мухолифини ҳукумат, тобистони соли 1994 бо 34 нафар ҳамсафи худ аз деҳаи Пойимазори Ванҷ раҳакӣ шуда бори аввал баъди ҳафтод сол ағбаи Ситарғиро (баландиаш 4473 метр) гузашта ба деҳаи Арзунки Вахё меоянд ва то имзои Созишномаи Сулҳ дар Вахё соҳиби қудрат мешаванду дар он ҷо мемонанд. Дар ин давра аксар ағбаҳои қаторкӯҳи Пётри 1, ки водии Вахёро бо Қаротегин мепайвастанд, боз аз сари нав фаъол шуданд. Яке аз роҳҳои асосии аз Афғонистон ба дохили Тоҷикистон омадан аз тариқи ағбаҳои Вишхарв ва Гушун буд. Маҳз тариқи ҳамин ағбаҳо муҷоҳиддини тоҷик ба дохили Тоҷикистон меомаданд ва силоҳу муҳимоти хешро интиқол медоданд. Баъдҳо мақомоти низомии ҳукумат барои пешгирӣ кардан аз убури муҷоҳиддин бо истифода аз ҳавопаймоҳо ба ин ағбаҳо минаҳои ба ном "сюрприз" мепартоянд. Ин минаҳо ба хотири фиребу ҷалби назар дар шакли бозичаву қалами худкору дигар ашёи туҳфамекардагӣ сохта шуда буданд, ки баробари ба даст гирифтан мекафиданд. Дар натиҷа даҳҳо нафар аз ҷумлаи муҷоҳиддин ва аҳолии осоишта ҳалоку захмӣ гардиданд. То ба ҳанӯз ин ағбаҳо аз ин минаҳо тоза нашудаанд.

Дар бораи табиат ва мардуми водии Вахё доктор Холназар Муҳаббатов дар ҳамон китоби худ аз ҷумла

мегӯяд: "Водии Вахё! Ин водӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ ҷои пурфайзу сероб ёд шудааст. Бошандагони ин водӣ аз қадимулайём ба зироаткориву боғдорӣ ва парвариши чорво шуғл доштанд. Бозёфтҳои таърихӣ аз он далолат мекунанд, ки дар ин сарзамин ҳунармандиву косибӣ, оҳангарӣ, кулолӣ хеле инкишоф ёфта будааст. Овозаи намадҳои гулдору зеварҳои заргарии косибону ҳунармандони вахёӣ дар сар то сари Кӯлобу Ғарм шӯҳрат доштанд. Мардуми меҳнатдӯсту пуртавони он дар давраҳои пеш, бо вуҷуди набудани техника, аз камари кӯҳу шаххо ҷӯю канал канда ҳар порча замини худро шодоб кардаанд. Нишонаи ин гуна ҷӯю каналро мо дар водии Вахё ба миқдори зиёд дидем. Маводи экспедитсияи маҷмӯии солҳои 1928-1932 низ ин фикри моро тасдиқ мекунад. Дар ҳайати экспедитсия олимони машҳури мамлакат (Иттиҳоди Шӯравӣ С. Ҳ.), аз ҷумла Н.И. Вавилов, А.Е.Ферсман, В.Л. Комаров, Н.П. Горбунов сафар карда, дар бораи ин водӣ, сарватҳои табиӣ, этнография, фолклор, олатҳои кору рӯзгори мардуми ин ҷо фикру мулоҳизаҳои пурқимат баён кардаанд. Бе муболиға бояд гуфт, ки табиати водии Вахё басо марғубу дилкаш аст. Аз ин рӯ сайёҳону тадқиқотчиёни зиёде табиати онро ба Швейтсария нисбат додаанд. Ҳатто яке аз иштирокчиёни экспедитсияи тоҷику Помир, олими забардасти советӣ, Н.А. Кисляков дар ҳамон солҳо ин водиро "дурдонаи табиати кӯҳистон" номида буд (саҳ. 71-73)... Водии Вахё аз сар-

ватҳои зеризаминӣ низ ғанӣ аст. Геологҳо дар ин ҷо захираҳои зиёди сангҳои қиматбаҳо, аз ҷумла графит, масолеҳи сохтмони боб ва сӯзишвориро кашф кардаанд. Дар сурати истифодаи кони ангишти Миёнаду, ки захираи зиёд дорад, имконият пайдо мешавад, ки вилояти Бадахшону ноҳияи Рашт бо ангишт пурра таъмин карда шаванд.

Омӯзишу тадқиқоти васеи захираҳои табиии ин водии зебою пурсарват ва истифодаи он баҳри такомули қувваҳои истеҳсолии кишвар дар оянда ҳиссаи босазо хоҳад гузошт (саҳ. 91)".

Дар бораи миқдори деҳаҳои водии Вахё, аз манбаъҳои хаттие, ки мо ба онҳо дастрасӣ доштем, аввалин маротиба дар навиштаҳои афсар ва муҳаққиқи рус Г. А. Арандаренко ("Каратегин (по распросным сведениям). Воен. Сб. 1878, №5, Стр. 116-136 ва "Дарваз и Каратегин. В. кн. "Досуг в Туркистане", СПб, 1889, стр. 437-479) иттилоъ дода шудааст. Аз рӯи маълумоти Г. А. Арандаренко Қаротегин солҳои 1877-1888 512 деҳа, тахминан 120 000 аҳолӣ доштааст. Теъдоди деҳоти Вахё 84-то будааст. Дарвоз бошад 23 деҳа доштааст. Теъдоди аҳолии Вахё ва Дарвозро Г.Арандаренко нишон нadодааст.

Соли 1927 дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба рӯйхатгирии Умумииттифоқии аҳолӣ баргузор мегардад, ки тибқи омори он дар Қаротегин 768 деҳа будаасту 125 196 нафар аҳолӣ, дар Вахё теъдоди деҳаҳо 197-то ва теъдо-

ди аҳолӣ 26 809 нафарро ташкил медодаанд. Дарвоз соҳиби 56 деҳа будааст, ки дар онҳо 13 641 нафар аҳолӣ зиндагонӣ мекардаанд.

Соли 1932 дар Тоҷикистон маълумоти раёсати ба ҳисобгирии хоҷагии халқ ба нашр мерасад, ки дар он рӯйхати маҳалҳои аҳолинишини Тоҷикистон бо теъдоди сокинонаш нишон дода шудаанд. Тибқи нишондоди он дар Қаротегин 682 деҳа ва 140 ҳазору 285 нафар аҳолӣ, дар Вахё 176 деҳа ва 29 ҳазору 529 нафар аҳолӣ ва дар Дарвоз 46 деҳа ва 12 ҳазору 459 нафар аҳолӣ будааст.

Аз рӯи ба рӯйхатгирии аҳолии 15-ми январи соли 1959 Қаротегин 515 деҳа ва 67 116 нафар аҳолӣ, Вахё 59 деҳа, 3 231 нафар аҳолӣ, Дарвоз - 42 деҳа, 15 350 нафар аҳолӣ доштаанд. (Аз китоби "Таджики Каратегина ин Дарваза" Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон, Институти таърихи ба номи Аҳмади Дониш. Ҷилди 1, зери таҳрири Н.А.Кисляков ва А.К. Писарчик, Нашриёти "Дониш" соли 1966, саҳ 48).

Сабаби кам шудани теъдоди деҳот ва аҳолии Қаротегину Вахё асосан дар муҳоҷирати мардумони ин минтақаҳо ба водии Вахш нуҳуфтааст. Муҳоҷирати иҷбории ин мардум ба хотири азхудкардани заминҳои бекорхобидаи Вахшонзамин асосан аввали солҳои панҷоҳуми асри гузашта сурат мегирад. Дар ин бора дар яке аз бобҳои оянда китоб маълумоти муфассалтаре хоҳем дод.

## САРЧАШМАҲОИ ТАЪРИХӢ ДАР БОРАИ ВАХЁ

Шоир ва муҳаққиқи тоҷик Салимшо Ҳалимшо дар як мақолаи худ, ки дар маҷаллаи "Фарҳанг" (ш.12, соли 1997) ба нашр расидааст, бо истинод ба китоби "Авесто" менависад: "Дар Вандидод" омадааст: "Ҳафтумин ҷоеро, ки Ҳурмузд офарид, Ваекерета буд. Маънои Ваекерета "пули бахт" аст. Аз "Авесто" медонем, ки "Пули бахт" роҳ ба сӯи кишвари ҷовидонӣ мебарад. Ваекерета дар ҷоест, ки аждари ҳазорметра он ҷост, кӯҳи Вистон он ҷост, ки бар қуллаи худ гаҳвораи сангин дорад. Луғати авестоии Ваекерета имрӯз дар шакли Вахё исми маҳаллест дар домани кӯҳи Вистон, ки зиёратгоҳи ҳазрати Бурх он ҷост".

Дар яке аз қадимтарин китобҳои ҷуғрофие, ки бо забони форсӣ навишта шудааст, "Ҳудуд-ал-олам" аз ин минтақа ба номи ноҳияи Ҷабал, яъне кӯҳистон ёд мешавад. Дар ҳамин китоб зимни баёни ин мавзеъ истилоҳоти ҷуғрофие вомехӯранд, ки то ба имрӯз дар ин сарзамин бо каме тағйироти овозӣ дар истифодаанд. Масалан, муаллифи "Ҳудуд - ал - олам" аз хусуси саршавии Вахшоб (дарёи Вахш) аз кӯҳҳои Фомир (Помир) сухан гуфта дар бораи мавҷудияти "майдони машҳуре" бо номи "Куллос" иттилоъ медиҳад. Кул-

лос, ки имрӯз мардуми маҳал онро Хуллоз гӯянд, дар Чилдараи ноҳияи Тавилдара мавқеият дорад. Дарёи Вахш баъди як шудани дарёчаи Хингоб бо дарёчаи Сурхоб, ки аз кӯҳҳои водии Рашт (Қаротегин) меояд, оғози худро дар Сари Пули ноҳияи имрӯзаи Нуробод мегирад.

## ВОДИИ ХИНГОБ Ё МУЛКИ ВАХЁ

Сайёҳ ва этнографи машҳури рус Николай Андреевич Кисляков, ки аввалҳои солҳои 30 - юми асри гузашта дар водии Хингов кору зиндагӣ кардааст, зимни ба риштаи тасвир кашидани урфу одати мардуми водии Хингов аз минтақаҳои зерин иборат будани ин водиро зикр кардааст:

Аввал Хлоз (ҳамон Куллос ё Хуллоз). Ба навиштаи Н.Кисляков ба ин минтақа деҳаҳое, ки дар поёноби ин водӣ ҷойгир шудаанд, яъне аз деҳаи Ёфуч то Тавилдара, дохил мешаванд. Ба гуфтаи Н.Кисляков Оби Хингобро баъзан Оби Хлоз низ мегуфтаанд. Хлоз дар қисмати поёноби дарёи Хингоб дар ҳарду тарафи соҳил ҷойгир шудааст ва ин деҳаҳо ба Хлоз дохил мешаванд:

Аз тарафи рости дарёи Хингоб:

Ёзғанд, Работноли Ғарибон ё худ Работноли Варавӣ, Работноли Калон, Шӯри Боло, Шӯри Поён, Душохакаҳаки Боло, Душохакаҳаки Поён, Чилдараи боло, Чилдараи Поён, Дашти Сабз, Деҳи Мулло, Гадоалии Афтоврӯ, Гадоалии Нушра, Қалъаи Хучак,

Деҳи Сафар, Ғилболдара, Душоха, Одилён, Амрутак, Мазор, Бишолак, Талхак, Муридон, Шакоб, Ёволук, Разаки Боло, Разаки Дашти Қалъа, Разаки Дарун, Разаки Повун, Паси Ови Талх, Дамов, Дашти Ғырқ, Посвуни Сари Дашт, Посвуни Сари Ҷар, Ёфуч

Аз тарафи чапи дарёи Хингоб:

Чироғ, Дараи Ҷӯи Афтоврӯ, Дараи Ҷӯи Нушра, Фарки Шодӣ, Ҷавчӣ, Чашмаи Кабуд, Дашти Ҳасан, Халилиён, Сари Сел, Хамдара, Калпак, Гирдоб, Навобод, Севак, Чашмасор, Пашор, Хоҷаи Хлоз, Дашти Наё, Ҳафтчироғ, Деҳи Боло, Деҳи Та, Дашти Ғозӣ, Девлохи Калон, Косагардон, Бедак, Бедаки Миёна, Бедаки Мирон, Бедаки Поён, Қаракутан, Нурунҷ, Деҳи Баланд, Паси Гузун.

Як қисми водии Хингобро Н. Кисляков "туркия" гуфтааст. Аҷибаш он аст, ки "туркия"-ро бо ҳарфи хурд навиштааст. (Таджики Каратегина и Дарваза, ҷилди 1 саҳ. 318). Барои чӣ "туркия" ва он чӣ маънӣ дорад, мутаассифона, Н. Кисляков дар ин китобаш шарҳ надодааст. Вале дар китоби дигараш «Следы первобытного коммунизма у горных таджиков Вахио-Боло" дар ин бора ривоятеро меорад, ки каме баъдтар, дар ҷои мувофиқ, онро манзури шумо, хонандагони азиз, хоҳем кард.

Ба минтақаи "туркия"-и водии Хингоб деҳоти зерин дохил мешаванд:

а) аз тарафи рости дарёи Хингоб:

Лангари Тавилдара, Гурхам, Хур, Сайёд, Пунарвоғ, Сабзихарв, Юфан, Иштиён, Арғанкуҳ, Лайрон, Ғурум, Алисурхун, Нусунӣ, Лангари Сангвор.

б) аз тарафи чапи дарёи Хингоб:

Тавилдара, Фаркинг, Каранак, Сари Ҷангало, Сари Дашт, Деҳи Калон, Тутои Боло, Тутои Поён, Зағараи Боло, Зағараи Поён, Пағула.

Ба минтақаи Сағирдашт бошад деҳот ва мардуми ҷамоъатҳои Сағирдашт, Сафедорон ва Пуштароғ, ки дар қисмати шимолии қаторкӯҳҳои Дарвоз ҷой гирифтаанд, дохил мешуданд:

Дараи Мело, Олуни, Оҳангарон, Садиқа, Шоҳҳорун, Кулумбаи Поён, Кулумбаи Боло, Ғалчагиён, Гулён, Камчак, Мирудён, Лухч, Нишаи, Сайидон, Сағирдашт, Чихкак, Тилимиён, Яхмоч, Довагӣ, Гурбадара, Пастику, Пастелак, Сафедорон, Фаркинг.

Ба минтақаи Нижғола бошад деҳоти марбути ҷамоати Миёнадеҳ, ки миёни мардуми маҳаллӣ онро маъмулан Миёнаду низ мегӯянд, дохил мешуданд:

Миёнадеҳ, Ҷӯри Поён, Ҷӯри Боло, Звай, Дараи Ҳайрон, Новд, Дараи Себак, Дараи Боло, Хирз, Ғовди Паси Овринг, Ғовди Паст, Ғовди Миёна, Хипшон, Дараи Саркорон, Каскароғ, Ғундараи Поён, Ғундараи Боло.

Вахё минтақаи панҷуми водии Хингоб аст, ки ба навиштаи Н.Кисляков аз Ҷари Бахт шурӯъ шуда то деҳоти дар саргаҳи ин дарёча мавқеъ доштаро дарбар мегирад:

Сари Санг, Урфати Поён, Урфати Боло, Рехч, Псода, Ғузовод, Сарха, Руботи Хух, Лоҷирк, Бич, Сангвор, Скад, Над, Дараи Калп, Бурса, Роға, Дашти Боло, Маднгат, Арзинг, Пашмғар, Найгуфт, Дарғаз, Дувадг, Дарахтак, Нусай, Ҳазрати Бурх, Дарбоғ, Дараи Дархарва, Вирзгаҳ, Боршид.

Н.Кисляков дар ҳамин навиштааш таъкид мекунад, ки водии Хингобро инчунин дар муоширати байни одамон бисёр вақт "мулки Вахё" низ мегуфтаанд.

## Н. А. КИСЛЯКОВ КӢ БУД?

Азбаски аз ин ба баъд аз осори Н.А. Кисляков васеъ истифода мешавад ва аз фаъолияти ӯ дар Вахё тез-тез ёдовар мешавем, лозим медонем, ки дар бораaш ба шумо, хонандагони азиз, дар ҳамин ҷо маълумоти муфассалтаре бидиҳем.

Николай Андреевич Кисляков 11-уми декабри соли 1901 дар хонаводаи низомии рус таваллуд шудааст. Падараш аз аҳли дворянҳо буда соли 1915 дар ҷанги якуми ҷаҳон, дар ҷанги Русия ба муқобили Олмон, ба ҳалокат мерасад. Баъди маргаш ба ӯ рутбаи генерал-майорро медиҳанд. Модари Николай Кисляков аз аҳли калимиҳост. Николай Кисляков соли 1927 ба Донишгоҳи давлатии Ленинград ба шуъбаи мардумшиносӣ дохил мешавад. Соли 1930 ҳангоме ки курси 3 мехонд, ӯро барои кор ба Тоҷикистон мефиристанд. Ӯ дар ноҳияи Тавилдара муовини мудири шуъбаи мао-

риф таъйин мегардад. Зимистони соли 1931-32 ӯ ба Ленинград бармегардад. Тобистони соли 1932 боз ба Вахё меояд. Моҳи сентябри соли 1932 ӯ дар деҳаи Ёзғанд ба Анна Зиновьевна Розенфельд ном донишҷӯи Донишгоҳи Ленинград, ки барои таҷрибаомӯзӣ ба Тавилдара омада буд, хонадор мешавад. Аз Ёзғанд навхонадорон ба деҳаи Сангвор мераванд. Дар деҳаи Сангвор дар мактаби ҳафтсолае, ки ба тозагӣ таъсис ёфта буд, ҳарду ба ҳайси муаллими забони русӣ ва риёзиёт кор мекунанд. Николай Кисляков дар курси маҳви бесаводӣ барои калонсолон низ дарс мегуфт. Моҳи июли соли 1933 Николай Кисляков бо ҳамроҳии занаш ба Ленинград бармегарданд ва корҳои илмиашонро дар риштаи мардумшиносӣ ва эҷодиёти даҳонии халқ идома медиҳанд. Николай Кисляков 9-уми июни соли 1935 рисолаи номзадиашро дар мавзӯи "Нишонаҳои коммунизми ибтидоӣ дар тоҷикони кӯҳистони Вахёи Боло" дифоъ мекунад ва номзади илми мардумшиносӣ мешавад. Соли 1935 боз ба Тавилдара баргашта то соли 1937 ба ҳайси методисти шуъбаи маорифи ноҳия кор мекунад. Соли 1937 ба Ленинград баргашта бо корҳои илмӣ машғул мешавад. Чанд моҳ пас аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аниқтараш моҳи августи соли 1941, бо ҳамроҳии зану кӯдакаш ба Тоҷикистон меояд. Ӯро дар Сталинобод, пойтахти Тоҷикистон, директори музейи давлатӣ таъин мекунанд. Соли 1943 ҳамчун мутахассиси варзидаи таҷрибадор ӯро ба Вазорати ко-

рҳои хориҷаи Иттиҳоди Шӯравӣ ба кор гирифта ба ҳайси референт ва атташе ба Теҳрон, пойтахти Эрон мефиристанд. Соли 1945 аз Эрон баргашта соли 1953 рисолаи докториашро дар мавзӯи "Оила ва никоҳ дар байни тоҷикон" дифоъ мекунад. Николай Кисляков соли 1973 дар Ленинград вафот кард ва дар ҳамон ҷо ба хок супурда шудааст. Аз худ осори бои илмиро боқӣ гузоштааст. Махсусан асарҳои ӯ дар соҳаи мардумшиносӣ хеле муҳим ва муфид ҳастанд.

## ОДАМОН КАЙ ДАР ИН ВОДӢ МАСКАН ГИРИФТАНД?

Дар бораи кай дар ин водӣ маскан гирифтани одамон фикру назарҳо гуногун аст. Азбаски дар ин бора Абдумалик Шехов дар китоби Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ дар боби "Сайри таърихии водӣ" (саҳ. 12-20) маълумоти муфассал додааст, мо аз такрори онҳо худдорӣ карда ҳаминро мегӯем, ки бо такя ба ёфт шудани табаре, ки олимони бостоншинос замони сохта шуданиӣ онро ба асри бириинҷӣ мансуб медонанд, тахмин меравад, ки дар ин мавзеъ мардум ҳанӯз се ҳазор сол пеш аз солшумории мелодӣ зиндагонӣ мекардаанд. Баъзе муҳаққиқон аз қабили Салимшо Ҳалимшо бар ин назаранд, ки Худованди бузург баъди он, ки дунёро ва аз ҷумла ин мавзеъро офарид, инсонҳоро низ сокини он кард. Зеро ба қавли ӯ дар аҳди қадим ва ҳатто имрӯз ҳам бархе аз мардум ба ин бовар буданд ва ҳас-

танд, ки дар кӯҳистон зистан ин ба Худованд ҳам рӯҳан ва ҳам ҷисман наздиктар будан аст.

Як иддаи муҳаққиқони дигар бошад бо ишора ба мавҷудияти мазори Ҳазрати Бурх дар ин сарзамин чунин назареро иброз менамоянд, ки одамон ин ҷоро ҳаддиақал беш аз се ҳазор сол муқаддам маҳалли сукунат ихтиёр кардаанд.

Муҳаққиқ Садриддини Қаландарзода дар як мақолаи худ, ки асосан дар бораи таърихи ноҳияи Нуробод (собиқ Дарбанд ё худ Комсомолобод) -ҳамсояминтақаи Вахё қисса мекунад, ба масъалаи аз кай боз дар ин минтақа маскун шудани одамон сухан гуфта менависад, ки ин мавзеъ "дар соли 721-и қабл аз милод ба дасти Гуштосп ё дурусттараш бобои Куруши Кабир, Камбуҷ гузашт" Дар идомаи мақолааш муҳаққиқ менависад: "Бахтуннаср, фармондеҳи Гуштосп ба ҳукумати 431 солаи бани Исроил дар минтакаи Урдуну Фаластини имрӯза поён дод. Аз ваҳшати ҷанг ва харобию бенизомии рӯйдода аксари мардуми зиндамонда, махсусан қабилаҳои араб аз Урдуну Фаластин муҳоҷир гашта, бештар ба Балху Мовароуннаҳр ва Қафқоз кӯч бастанд ва ағлаби онон ба Худои ягона ва пайғамбари Худо ҳазрати Мӯсо (а) имон доштанд. Роҳи Чин аз Балх ба Дарбанд сурат мегирифт ва онҳо дар ҷустуҷӯи минтақаи орому осоишта ниҳоят ба ин ҷо расиданд. Ва шоёни зикр аст, ки тибқи баъзе ривоятҳо ҳазрати Бурхи Валӣ ҳам ҷузъи ҳамин қофила будааст. Имрӯз мад-

фани ӯ дар саргаҳи минтақаест бо номи Вахё, ки дар сарҳади Дарвозу Қаротегин чой гирифтааст». (Ҳафтаномаи "Тоҷикистон", соли 2003, 24-уми апрел).

Далели асосие, ки барои тақвияти фарзияи худ, яъне аз Урдуну Фаластин ба ин минтақа омадани одамонро исбот кунад, ба гуфтаи муаллиф ин ҳамон далели номгузорӣ шудани деҳоти ин ноҳия ба тарзи номҳои шаҳру деҳоти Урдуну Фаластини имрӯза мебошад. Ба ақидаи Қаландарзода деҳаи Мурдун ба хотири шаҳри Урдун, деҳаи Хуфак ба хотири Хайфои Фаластин ва деҳаи Ёфуч ба хотири Ёфаси Фаластин номгузорӣ шудааст.

Муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Ибни Қурбон дар китоби тадқиқотии хеш "Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим" ҳини номбар кардан ва ташреҳ додани адёне, ки дар замонҳои қадим дар ҳудуди давлати имрӯзаи тоҷикон арзи вуҷуд доштанд, аз ҷумла чунин овардааст: "Дигар яҳудиён буданд, ки ҳанӯз пас аз оне, ки Куруши Кабир онҳоро аз асорати бобулиён озод карда, ба мамлакати васеъаш тафриқа дода буд, ҷоҷо ба сар мебурданд. Онҳо на танҳо дар ғарби Эронзамин (яъне Ҳамадону Хузистону Исфаҳон, ки бо теъдоди зиёд ба сар мебурданд), балки дар шарқи он низ зиндагӣ мекарданд. Агарчи дар хусуси таъсири онҳо ба аҳолии маҳаллӣ маълумоти дақиқе нест, аммо ин нукта ва ин далел, ки яке аз пешвоёнони онон- Бурхи Сармасти Валӣ, ки мадфанаш дар ҳудуди Тоҷикистон (дар

Вахё) аст, то ба имрӯз мавриди эътиқоди мардум қарор дорад, аз он дарак медиҳад, ки дар он рӯзгор ба ҷомеъаи эрониён бетаъсир набудаанд". (Ибни Қурбон Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим, Душанбе: ЭР-граф, 2007, саҳ. 65).

Олими рус Н.А. Кисляков бо такя ба ривоятҳои мардуми маҳал асли баромади мардуми Вахёро аз минтақаи Ёхсу медонад. Аз ҷумла ӯ дар китоби худ "Следы первобытного коммунизма у горных таджиков Вахио-Боло", ки соли 1936 дар Маскав ва Ленинград ба нашр расидааст, чунин қиссаро меорад: "Тибқи ривоятҳои мардуми маҳал аввалин сокинони Вахё аз Ёхсӯ омада чор нафар бародар будаанд, ки яке аз онҳо ба Қаротегин рафтааст. Се нафари дигар дар ҳамин водии Хингов маскан гузиданд. Онҳо Хлоз (xloz, ё хоса, ё хосаji Xloz), Турк (Turg) ва Вох (Vox) ном доштаанд. Хлоз дар деҳаи Разак, дар наздикии Чилдара муқимӣ мешавад. Турк бошад барои зистан Тавилдараро маскан интихоб мекунад. Вох барои зиндагӣ кардан ба Вахёи Боло меравад ".

Баъдан Н.А. Кисляков хулоса мебарорад, ки "қабри Хоҷаи Хлоз дар деҳаи ҳамноми назди Чилдара воқеъ аст. Қабри Вохро метавон дар деҳаи ҳазрати Бурх дар Вахёи Боло тахмин зад. Зеро ақидае ҳаст, ки тибқи он номи Бурх шакли таҳрифшудаи ҳамон Вох аст".

Дар манбаъҳои хаттии илмие, ки то ба ин лаҳза мо ба онҳо дастрасӣ доштем, дар ин мавзӯъ ягон фикру

назари муҳимеро алҳол дарёфт накардем. Калонсолони Вахё низ дар суҳбат бо мо аз мавҷудияти ин ривояти Н. Кисляков ибрози беиттилоӣ карданд.

Вале ҳамин Н. Кисляков боз дар китоби "Таджики Каратегина и Дарваза", ки бо ҳаммуаллифии А.К. Писарчик навишта шудааст, дар бораи аз кадом маҳал ва ё минтақа ба Вахё омадани мардум андешаронӣ карда бо истинод ба одамони кӯҳансоли Вахё менависанд, ки як қисми онҳо дар замони истилои муғулҳо аз бархе минтақаҳои Эрон ба водии Вахё ҳамчун ба ҷои амн паноҳанда шудаанд. ("Таджики Каратегина и Дарваза" ҷ. 1, саҳ. 50-51).

Дар навбати худ мардуми Вахё ба манотиқи ҳамсояи хеш Ванҷу Қаротегин барои зиндагонии доимӣ хеле зиёд кӯч бастаанд. Масалан, Н.Кисляков дар китоби "Таджики Каратегина и Дарваза" (ҷилди 1, саҳ 57) менависад, ки ба сабаби он ки дар Вахёи Боло мардум аз камзаминӣ азият мекашиданд, як қисми аҳолии он ба манотиқи дигари атрофи ин водӣ кӯч бастаанд. Ба навиштаи ӯ як қисмати мардуми Вахё ба водии дарёи Панҷ ё худ Дарвоз кӯчидаанд. Чанд муддат пеш кӯчбандии оммавии мардуми Вахё ба қисмати боло ва миёнаи водии дарёи Ванҷ ба мушоҳида мерасид. Як сабаби ба водии Ванч кӯч бастани мардуми Вахёро Н. Кисляков агар дар камзаминии водии Вахё донад, сабаби дигарашро дар ба ғуломӣ бурдани мардуми Ванҷ медонистааст. Ванҷе, ки бе ин ҳам аҳолии кам дошт. Барои ҳамин ҳам

ба қисмати болоии водии Ванҷ мардуми Вахё кӯчида меомаданд ва ба қисмати поёнии он мардуми Дарвоз ва заминҳои онро азхуд мекарданд.

Мардуми Вахё, ба навиштаи Н. Кисляков, ба водии Қаротегин низ зиёд кӯчидаанд. Ин мардум аксаран дар ҳарду тарафи соҳили дарёи Сурхоб бештар ва асосан дар қисмати боло ва миёнаи ин дарё маскан гузидаанд.

Дар як ҷои дигари ҳамин китоб Н. Кисляков як мақоли халқиеро, ки асосан онро одамони куҳансоли Қаротегин дар гуфтугуи худ бисёр истеъмол мекардаанд, яъне "вахёчӣ набошӣ зархаридӣ ё ғуломӣ" ва тарҷумаи русии он ("если ты родом не из Вахио, то ты наемник или раб"), овардааст, ки гӯё он аз бартарияти мардуми ин минтақа дар ин водӣ дарак медодааст. (Таджики Каратегина и Дарваза, ҷилди 1, саҳ.318).

## НОМҲОИ МАҲАЛ ЧӢ МЕГӮЯНД?

Таҳлили решашиносии номҳои маҳали мазкур низ наметавонад дар бораи кай дар ин минтақа маскан гузидани мардум маълумоти дақиқе дар ихтиёри мо гузорад. Зеро дар ин минтақа маҳалҳо зиёде ҳастанд, ки тибқи маънои луғавии номи онҳо ба замони баъди ислом овардани мардуми ин диёр марбутанд. Масалан, худи калимаи Тавилдара калимаи мураккаб буда аз ду қисм иборат аст. Тавил аз забони арабӣ ба маънои дароз омадааст. Яъне дараи дароз. Дар ҳақиқат, Тавилдара ё худ водии Хингов, ки онро, чи тавре ки дар боло зикр кардем, водии Вахё низ мегӯянд, дарозтарин водии манотиқи кӯҳистонии кишвари азизи мо ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо номҳои маҳалҳое, ки дар таркибашон калимаҳои арабӣ ва ё исми шахсиятҳои бузурги дини мубини ислом ҳастанд, хеле зиёданд. Боз якчанд мисол меорем: Қалъаи Ҳусейн, Мазори Хоҷа Аҳмади Ясавӣ, мазори ҳазрати Султон Ҷуръатдорхӯҷаи Валӣ, қадамҷои Ҷунайдуллоҳи Бағдодӣ, мазори Хӯҷаи Хуллоз, ки онро бо номи дигараш мазори саҳобаи киром Абдурраҳмон ибни Афв ёд мекунанд, Саломгаҳ ва ғайра. Дар баробари ин навъ топонимҳо дар ин минтақа калимаҳои зиёде дар номи маҳалҳо ва деҳаҳо истифода мешаванд, ки бархе аз олимони лу-

ғатшинос онҳоро марбути замони пеш аз исломӣ медонанд. Масалан, маъно ва бароमади номҳои Двадг, Рехч, Сарха, Псода, Лоҷирк, Бич, Пнарвоғ, Звай, Ғовд, Бғудг ва ғайраро олимони забоншинос то ба ҳол дақиқ муайян накардаанд. Аниқтараш дар ин самт дар забоншиносии мо то ҳанӯз, мутаассифона, тадқиқоти муфассале сурат нагирифтааст. Топонимикаи Тоҷикистон ба тавре ки зарур аст, омӯхта нашудааст. Агар ба ин кор олимони забоншинос ҷиддӣ машғул шаванд, аминам, ки маълумоти зиёди муфидеро дар бораи таърихи худ  ба даст хоҳем овард. Ба ҳар ҳол он чизеро, ки имрӯз дар бораи маънои номҳои маҳалҳои ин минтақа медонем ҳамин аст, ки аксари онҳо дар замони пеш аз дини  исломро қабул кардани мардум номгузорӣ шудаанд. Он забон хоҳ забони паҳлавӣ бошад, хоҳ забони суғдӣ, хоҳ авестоӣ.

Пас бо назардошти ин гуфтаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки аввалин инсонҳо дар водии Хингов ҳаддиақал ҳанӯз пеш аз дини исломро қабул кардани ин мардум, сокин шуда буданд.

# МАРДУМИ МАҲАЛ ДАР ЧӢ НАЗАРАНД?

Ва аммо худи мардуми маҳал дар чӣ назаранд, ки аз кай боз дар ин минтақа аҷдоди онҳо маскун гардидаанд? Мулоқоту суҳбатҳо бо куҳансолони ин диёр маълумоти ҷолиберо дар ихтиёри мо гузошт. Аксари ҳамсӯҳбатҳои мо, ки аз 70 - 80 сол  беш умр доштанд, бо истинод ба гуфтаҳои падарону бобоёни худ мегуфтанд, ки мардуми водии Хингов, махсусан қисми болоии Вахё, тақрибан 600-800 сол муқаддам аз марказҳои сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии замони худ ба ин минтақаи кӯҳистонӣ ҳиҷрат кардаанд. Бархе асли баромади аҷдодони худро аз Бухоро, иддае аз Самарқанд ва қисмати дигар аз Хоразм медонанд.  Гурӯҳҳое, ки баромади гузаштагони худро аз Афғонистон медонанд, низ ҳастанд. Барои исботи фикри ироашуда аксари ҳамсӯҳбатҳои ман аз мавҷудияти шаҷаранomaҳо ҳарф мезаданд. Мегуфтанд дар ин шаҷаранomaҳо тақрибан 15 - 20 пушти як хонавода нишон дода шуда будааст, ки дар умум таърихи 500 - 600 соли як оиларо дарбар мегирифтааст. Аксари ин шаҷаранomaҳоро дар замони ба қудрат омадани ҳукумати Шӯроҳо, ба хусус солҳои сиюми асри гузашта, вақте таъқибу озори донишмандони дини мубини ислом ба

авҷи аъло расид, соҳибонашон бо дасти худ аз байн бурдаанд, то мансубияти хешро ба хонадони олимони исломӣ пинҳон доранд.

Вале дар байни ин уламо нафарҳои дурандеше низ буданд, ки аз бозмондагони худ хоҳиш мекарданд, ки ин шаҷараномаҳоро мисли сураҳои Қуръонӣ азёд кунанд ва дар навбати худ онҳо аз насли нав ҳамин корро талаб намоянд.

## ХАРВАК Ё ХУД ХЕВА

Барои мисол як иддаъ аз аҳолии деҳаи Лоҷирки водии Вахё бо истинод ба шаҷараномаҳо ва қиссаҳои калонсолон муътақиданд, ки аҷдоди онҳо тақрибан 600-700 сол муқаддам аз Хоразм ба водии Вахё ҳиҷрат кардаанд. Сабаби ҷилои Ватан карданро онҳо дар ноороми ва ҷангу ҷидолҳое, ки дар он замон ба хотири ишғоли сарзамин, ғасби ҳокимият ва ё ба сари қудрат омадани нирӯҳои мухталиф дар он сарзамин рух додаанд, медонанд. Масалан, тибқи нақли сокини деҳаи мазкур мулло Саидҷаъфари 70- сола бобои ӯ домулло Қиёмиддин писари Муҳаммадшарифи алайҳираҳма, ки соли 1939 дар синни 99- солагӣ дар деҳаи Лоҷирк вафот кардааст, шаҷараномае доштааст ва дар он сабт шуда будааст, ки аҷдоди ӯ 13 пушт қабл аз сарзамини Хоразм ба ин диёр омада будааст. Соли 1937 чанд муддат пеш аз он ки мақомоти амниятии он давраи шӯравӣ мулло гӯён дар хонаи ӯ кофтуков гузаронанд ва ӯро

ба зиндон бубаранд, домулло Қиёмуддин аз писараш мулло Саидумар хоҳиш мекунад, ки он шаҷараномаро чун суррае аз Қуръони маҷид пурра аз ёд кунад. Сипас он шаҷараномаро ӯ аз байн мебарад. Дар навбати худ домулло Саидумар аз писари худ махсуми Саидҷафъар хоҳиш мекунад, ки шаҷараномаро азёд кунад. Ҳамин тариқ ин шаҷаранома то ба замони мо аз даҳон ба даҳон омада расидааст.

Ба нияти маълумот гирифтан, ки 600 - 700 сол пеш дар Хоразм чи воқеаҳое рух доданд, ки боиси муҳоҷирати як теъдод аҳолии он шуданд, мо ба китобҳои таърихӣ рӯ овардем. Дар натиҷа як чизи ҷолиберо ба мушоҳида гирифтем…

Муҳаққиқон решаи калимаи Хева, маркази Хоразмро аз калимаи "хайвак" ё худ "харвак" медонанд. Дар ин бора дар китобҳо ду навъ маълумот мавҷуд аст. Тибқи маълумоти якум дар интиҳои биёбони дуру дарози наздикиҳои шаҳри имрӯзаи Хева чоҳе будааст, ки мусофирон баъди нӯшидани оби он бо як эҳсоси хурсандӣ "Ҳай овак" мегуфтаанд, яъне ба маънии оби хушу гуворо омадааст. Ин чоҳро гӯё писари ҳазрати Нӯҳ пайғамбар алайҳиссалом Сом канда будааст. Баъдан гӯё шаҳри Хева дар атрофи ҳамин чоҳ бунёд шудааст ва шаҳр низ номи худро аз ҳамин чоҳ гирифтааст. Тадриҷан номи "ҳай овак" ба Хевак ва ахиран ба Хева табдил шудааст.

Тибқи маълумоти дигар обе, ки аз паҳлӯи ин шаҳр

мегузашт, аз чашмае ҷараён мегирифт, ки онро "Хайвак" ва ё "Харвак" мегуфтанд. Маънои калимаи "Хайвак" ё худ "Харвак" оби калон будааст. Ба ёд биёред калимаҳои "харсанг", "хармуҳра", "хармагас" ва ғайраро. «Хар» дар таркиби ин калимаҳо ба маънои бузург, калон омадааст. Номи шаҳр низ аз ҳамин номи чашма гирифта шудааст. Аввал онро Хевак мегуфтанд, баъдтар Хева мегуфтагӣ шуданд.

Муаррихи асри 10 Абӯисҳоқи Истахрӣ аз ин об ҳамчун шохоби Амӯдарё дар навиштаҳояш ёдовар шудааст. Дар замони мо ин обро мардуми Хева "Паҳлавоноб" меноманд, ки мазмунан ҳамон маънои "Харвак"-ро медиҳад.

Ана акнун мерасем ба сари мақсад. Дар деҳаи Лоҷирк, дар мавзеи Сари Кӯтал, аз наздикии хонаи ҳамон домулло Қиёмиддине, ки шаҷараномааш аз Хоразм будани аҷдодашро исбот менамояд, оби чашмае мегузарад, ки онро то ба имрӯз мардуми таҳҷоӣ "оби Харвак", "чашмаи Харвак" мегӯянд. Оби Харвак аз доманакӯҳи қисмати шарқии деҳаи Лоҷирк аз чашмае оғоз мегирад. Чун маҷрои сарозер дорад, ҷараёни об торафт шиддат мегирад ва бо вуҷуди ҳаҷман на он қадар калон буданаш замоне дар имтидоди он 7-8 осиёби мардуми гирду атрофи деҳаи Лоҷирк гардон мешудааст. Ҳамин тавр ҳадс задан мумкин аст, ки мардуми аз Хоразм муҳоҷиршуда ин обро дар Лоҷирк ба хотири ҳамон оби Харваки Хева чунин номгузорӣ кардаанд.

Чизи дигари ҷолиберо, ки баъди хондани китобҳои таърихӣ дарёфтем ин аст, ки дар асри 13-и melодӣ урдуи муғулҳо бо сардории Чингизхон ба Хоразм ҳуҷум меорад ва дар ин ҷанг қисмати зиёди мардуми Хоразм (ба қавле 100 ҳазор нафар одам) кушта мешаванд, қисмати дигар ба асорат меафтад. Ба гуфтаи муаррихе ба як ҷангҷӯйи муғул 24 асири хоразмӣ рост меомадааст. Қисмати дигари аҳолии Хоразм ба хотири наҷоти худу аҳли хонавода ба ҷойҳои амнтаре муҳоҷират мекунанд. Чунончи муҳаддис ва мутакаллими бузурги дини мубини ислом, асосгузори тариқати тасаввуфии кубравия шайх Наҷмиддини Кубро (1145-1220), ки ба сабаби тарбияи шогирдони зиёди донишмандаш ӯро "Валитарош" ном мебурданд, шамшер ба даст ба муқобили муғулҳо ба ҷанг мебарояд ва ҷоми шаҳодат менӯшад. Баъди шаҳодати Наҷмиддини Кубро шогирдони ӯ ба ҳар тарафи олам, аз ҷумла, Ҳиндустону Эрону Афғонистон, Бадахшону Хатлони Тоҷикистон парешон мешаванд. Бархе аз муҳаққиқони тасаввуф Мир Саиди Алии Ҳамадонӣ (вафоташ 1385)-ро аз ҷумлаи пайравони тариқати Наҷмиддини Кубро медонанд. Бо дарназардошти ин навиштаҳо ва гуфтаҳои боло ҳақ дорем ҳадс бизанем, ки иддае аз мардуми деҳаи Лоҷирки Вахё маҳз ҳамон давраи пурошӯб аз Хоразм ба ин ҷо ҳиҷрат кардаанд.

## ТАСОДУФ Ё ИРТИБОТИ ВОҚЕӢ?

Ба ҳар ҳол оё имрӯз ба ҷуз он чи гуфтем боз ягон асноду далеле дорем, ки аз Самарқанду Бухоро ва Хоразм асли баромад доштани мардуми ин маҳалро тасдиқ намоянд? Дар "Ашкол-ул-Олам"-и ҷуғрофидони машҳур Ҷайҳонӣ ҳангоми ном гирифтани бархе аз маҳаллоти атрофи Самарқанду Бухоро номҳое истифода шудааст, ки имрӯз ин гуна номҳои ҷуғрофиро мо дар водии Вахё низ мебинем. Масалан, Ҷайҳонӣ менависад: "Иштиҳон рустоест дар атрофи Самарқанд". Бо номи "Иштиён" деҳае имрӯз дар Вахё вуҷуд дорад. Онро Оштиён низ мегӯянд ва зодгоҳи собиқ Раиси Комиссияи Оштии Миллӣ шодравон Сайид Абдуллоҳи Нурӣ мебошад."Урфат - шаҳрест дар вилояти Усрушана" - менависад муаллифи "Ашкол - ул - Олам". Деҳае айнан бо ҳамин ном, яъне Урфат имрӯз дар Вахё ҳаст. Собиқ ҷонишини сарвазири ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шодравон Зокир Вазиров дар ҳамин деҳа таваллуд шудааст. Ҷайҳонӣ дар китоби худ аз Варомин ном деҳае дар роҳи Фарғона ва Шош ёдовар мешавад. Даштеро дар Вахё имрӯз Виромун мегӯянд. Дар Эрон низ бо номи Вир ва Мун мавзеъҳои ба ҳам наздик низ ҳастанд. Дар Эрон шаҳреро Сурхе мегӯянд, дар Вахё деҳае Сарха ном дорад. Дар бораи аз куҷоҳо ба Вахё

омадани мардум андешаронӣ карда Н.Кисляков бо истинод ба мардуми куҳансоли Вахё менависад, ки як қисми онҳо дар замони истилои муғулҳо аз бархе минтақаҳои Эрон ба водии Вахё ҳамчун ба ҷои амн паноҳанда шудаанд. ("Таджики Каратегина и Дарваза" ҷ. 1, саҳ. 50-51).

Оё ин гуна номгузориҳо тасодуфиянд ё робитае воқеие байни онҳо вуҷуд дорад? Ҳалли ин ҷиҳати масъала низ кофтуков ва тадқиқоти амиқеро дар ин самт тақозо дорад. Ба ҳар ҳол бархе аз мардуми ин минтақа то ба сари ҳокимият омадани Шӯроҳо бо ин марказҳои сиёсӣ, илмиву фарҳангии Осиёи Марказӣ алоқаи зич доштанд. Даҳҳо тан аз мардуми ин диёр дар мадрасаҳои Бухорову Самарқанд таҳсили илм кардаанд. Садҳо тани дигар барои пайдо кардани ризқу рӯзӣ ба ин шаҳрҳо мерафтанд. Бо вуҷуди монеаву садҳои зиёде, ки дар тӯли асрҳо яке паси дигаре пеш меомаданд, то ба имрӯз аз мардуми Вахё нафароне ҳастанд, ки робитаву пайвандҳои хешутабориро бо ин шаҳрҳо канда накардаанд.

## ҲИҶРАТ Ё БАДАРҒА?

Саволе ба миён меояд, ки чӣ боис шуд, ки одамон 700 - 800 сол муқаддам шаҳрҳои ободи, марказҳои илмиву фарҳангиро тарк намуда ба як кӯҳистони дурдаст муҳоҷират карданд? Барои ба ин суоли мантиқӣ посух гирифтан бояд бо вазъи сиёсиву иҷтимоии 700 - 800 сол пеши ин шаҳрҳо каме шинос бошем. Чи тавре ки дар боло низ дар ин бора ишора кардем, ин давраи муҳоҷирати иҷборӣ ба замони ҳуҷуми муғулҳо ва ба сари қудрат омадани давлати Темуриҳо рост меояд. Маълум аст, ки дар он давраи пурталотум зиндагонӣ барои бархе аз ақшори ҷомеъа гарон меафтод. Бисёриҳо дар он замон дар ҷустуҷӯи ҳаёти беҳтаре тарки он марказҳои пурошӯб намуда ба дигар кишварҳо ва минтақаҳои амнтаре ҳиҷрат кардаанд. Сипаҳсолори машҳури Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд борҳо дар мусоҳибаҳои худ гуфтааст, ки аҷдодони ӯ тахминан 500 - 600 сол қабл аз ин аз қарияи Даҳбеди Самарқанд ба водии Панҷшери Афғонистон омадаанд ва дар инҷо муқимӣ гаштанд. Ӯ бо ишора ба шаҷараномаҳои мардуми ин маҳал гуфтааст, ки аҷдодони онҳо бо сабаби нотинҷиву ноором иҳои замона аз Самарқанд ба ин ҷо кӯч бастаанд. Аз таърих инчунин ба мо маълум аст, ки бо ҳамин сабабҳо баъди марги орифи бузург Хоҷа Ба-

ҳовуддини Нақшбанд, асосгузори тариқати нақшбандия дар тасаввуф, шогирдони ӯ Хоҷа Муҳаммади Порсо, Мавлоно Яъқуби Чархӣ, Хоҷа Алоуддини Аттор ва ғайра Бухороро тарк гуфта ба манотиқи кӯҳистон барои иқомати доимӣ омаданд. Аз сӯи дигар нуқтаи назаре низ мавҷуд аст, ки ҳукуматдорони вақт, яъне онҳое, ки бо зӯри силоҳ дар Бухорову Самарқанд ба сари қудрат омаданд, барои аз марказҳо дур нигоҳ доштани қишри равшанфикрону бомаърифати ҷомеа бо баҳонаи тарғиби дини ислом онҳо ва пайравони онҳоро ба ҷойҳои дурдаст, минҷумла ба манотиқи кӯҳистон мефиристоданд.

Масалан, дар "Рашаҳот айн - ал - ҳаёт" - и Али Сафӣ омадааст, ки дар замоне, ки дар Самарқанд Муҳаммад Ҷаҳонгир ва дар Хуросон Мирзо Шоҳрух- писарони Амир Темур подшоҳӣ мекарданд, Хоҷа Муҳаммади Порсо гоҳ - гоҳе ба хотири баланд бардоштани савияи илму дониши худ ба Ҳирот сафар мекард ва ҳамзамон аз суҳбати Мирзо Шоҳрух низ баҳра мегирифт. Аз ин рафтуомадҳо подшоҳи Самарқандро хуш намеомад ва боре қосиде ба хизмати Хоҷа Муҳаммади Порсо фиристод ва навишт, ки шуморо ба ҷонибе рафтан воҷиб аст, ки аҳли онҷо аз ислом бехабар бошанд. Шояд, ки аз баракати қудуми Шумо мушарраф ба ислом шаванд. Ва дар асл матлаби ӯ ба ин маънӣ буд, ки аз мулки ман бадар раванд.

Худораҳматӣ эшони Нурмуҳаммад, фарзанди эшо-

ни домулло Халифа алайҳираҳма, аз қарияи Арзунки Вахё соли 2005 дар суҳбат бо мо гуфт, ки аҷдоди онҳо тақрибан 200 сол пеш аз вулусволии Баҳораки вилояти Бадахшони Афғонистон ба водии Вахё омадаанд. Нахуст иҷозати ба ин ҷо омаданро онҳо аз шоҳи Дарвоз, ки он вақт давлати алоҳида будааст, дарёфт намудаанд. Яке аз ҳадафҳои асосии ба Дарвоз, аз ҷумла ба Вахё, омадани аҷдоди эшонҳои Арзунк таблиғу ташвиқи дини мубини ислом будааст.

## ВАХЁ - КОРВОНСАРОИ "РОҲИ АБРЕШИМ"

Аз ин водӣ гузаштани пайраҳаи машҳури корвонгузари "Роҳи абрешим" инчунин боз як сабаби дар ин ҷо маскан гузидани иддае аз инсонҳо шуда метавонад. Ба қавли куҳансолони ин диёр роҳи мазкур аз ағбаи Вишхарви Дарвоз гузашта қисмате аз водии Вахё (деҳоти Драхтак, Найгуфт, Урфат, Сангвор ва ғайра)-ро убур намуда тариқи ағбаҳо ба Тоҷикободу Ҷиргатол гузашта ва аз онҷо ба Қирғизистону Хитой мерафтааст. Аз эҳтимол дур нест, ки бархе аз мусофирон ин водии сабзу хуррамро дида бо сабабҳои гуногун онро ҷои зисти доимии хеш қарор дода бошанд.

## НИГОҲИ МУХТАСАРЕ БА ТАЪРИХИ ВАХЁ

Дар масъалаи ҳамчун воҳиди маъмурӣ - сиёсӣ марбути кадом давлатҳо будани водии дарёи Хингов дар тӯли таърих дар осори муҳаққиқин маълумоти мухталиф дарҷ гардидаанд. Масалан, дар китоби доктори илмҳои таърих, профессор Ҳайдаршо Пирумшоев "Таърихи Дарвоз" (аз қадим то замони муосир), ки соли 2008 дар шаҳри Душанбе аз тарафи нашриёти "Ирфон" ба табъ расидааст, омадааст, ки водии Вахё ё худ водии дарёи Хингоб, аз замонҳои хеле қадим ҳамеша як ҷузъи ҳамин мулки Дарвоз будааст. Дарвоз, ки имрӯз як минтақаи зебои Тоҷикистони азиз ба ҳисоб меравад, дар тӯли таърих таҳаввулоти хеле зиёд ва рангинеро аз сар гузаронидааст. Бино ба гуфтаи муаллиф, ки ба навиштаҳои як сайёҳи чинӣ бо номи Чин Сю-ан - Сзан истинод меорад, замоне ин сарзаминро диёри Кумедҳо меномидаанд. "Аз ин водиҳо корвонҳои тоҷирон аз Бохтар ба Серика мерафтанд, ки ин масирро ба Дарвозу Рӯшон айният додан ба ҳақиқат наздик аст". (с. 27-28). Дар ҳамин китоб ("Таърихи Дарвоз") омадааст, ки ҳанӯз аз замони Искандари Мақдунӣ дар ҳамин минтақа давлати мустақиле бо номи "Шоҳигарии Дарвоз" вуҷуд доштааст.

Бобоҷон Ғафуров низ дар китоби "Тоҷикон" (Душанбе, "Ирфон", 1998, саҳ. 408-409) гуфтааст, ки дар арафаи ҳуҷуми арабҳо ба Мовароуннаҳр дар ин сарзамин "мулкҳои мустақилу ниммустақил" хеле зиёд будаанд ва аз он ҷумла аз "мулки Дарвоз бо пойтахташ Куррон" ном бурдааст.

Вале дар навиштаҳои ҷуғрофиёдон Ибни Хурдодбеҳ маълумоте ҳаст, ки дар замони давлатдории яке аз намояндагони хонадони Тоҳириён Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828-844) дар қатори дигар вилоятҳо Каррон низ ба ин давлат боҷу хироҷ месупоридааст.

Бино ба навиштаи муаллифи "Таърихи Дарвоз" дар замони давлатдории Сомониён, ғазнавиҳо ва ҳатто темуриҳо Дарвоз ҳамчун мулки мустақил вуҷуд доштааст. Ба қавли ин муаллиф охирин сулолаи шоҳони ин шоҳигарӣ аз соли 1638, яъне аз соли ба сари тахт нишастани Шоҳқирғиз то соли 1878, яъне то замони аз тахт тавассути амири Бухоро Сайид Музаффар барканор шудани охирин шоҳи Дарвоз Сироҷиддиншоҳ дар ин минтақа ҳукумат кардаанд. Таърихи сукути ин шоҳигарӣ хеле ҷолиб аст.

## ДАР ҲАЙАТИ АМОРАТИ БУХОРО

Миёнаҳо асри 19 Русияи подшоҳӣ кӯшиши ба зери итоати худ даровардани Осиёи Миёнаро, ки аз се давлати мустақил: аморати Бухоро, хонигарии Хева ва хонигарии Қӯқанд иборат буд, мекунад. Амир Сайид Музаффар бо русҳо ба ҷанг медарояд. Вале шикаст мехӯрад. Дар натиҷа музофотҳои Хуҷанду Ӯротеппа, Панҷакент, Самарқанд ва Каттақӯрғон тибқи шартномаи 23-юми июни соли 1868 байни Русияву Бухоро ба ҳайати Русия мегузаранд. Дар заминҳои ишғолӣ Русия кишвари Туркистонро таъсис медиҳад. Баъд аз ин агарчи аморати Бухоро истиқлолияти худро расман нигаҳ дошта бошад ҳам, вале амалан ин ба тобеияти бечунучаро (протекторат)-и империяи Русия мегузарад. Амир Сайид Музаффар ба хотири ҷуброн кардани хисороти воридшуда бо ҳидояти Русия ба забти мулкҳои мустақилу ниммустақили атрофи амораташ шурӯъ мекунад. Яке аз чунин мулкҳо Дарвоз буд. Амир Музаффар ба беки Қаротегин Худойназар амр мекунад, ки ба Дарвоз лашкар бикашаду онро ба итоати худ дарорад. Беки Қаротегин бори аввал бо 150 сарбоз соли 1877 ба Дарвоз ҳуҷум мекунад, вале шикаст мехӯрад. Худи ҳамон сол саросемавор 1500 кас ҷамъ карда бори дуввум ба Дарвоз юриш меку-

над. Ин дафъа ҳам ба муқовимати сахти мардуми Дарвоз дучор мешаваду ақибнишинӣ мекунад. Бори сеюм бо фармони амири Бухоро бекигариҳои Ҳисору Кӯлобу Балҷувон ба беки Қаротегин аскар медиҳанд ва Худойназар охирин шоҳи Дарвоз Сироҷиддиншоҳро зимистони соли 1878 шикаст дода як муддати кӯтоҳ Дарвозро мутеъи бекигарии Қаротегин мекунад. Вале баъдан амир Музаффар Дарвозро низ ба бекигарии алоҳида табдил медиҳад ва Абдураҳмонхоҷаро миёнаҳои соли 1878 беки Дарвоз таъин мекунад. Абдураҳмонхоҷа то соли 1881 беки Дарвоз будаст. Аз соли 1881 то соли 1886 дар сари ин вазифа Муҳаммад Муродбек буд. Аз сарчашмаҳо инчунин маълум аст, ки соли 1899 амир Абдулаҳадхон ба ин вазифа беки собиқи Қӯрғонтеппа Мирзо Юлдош тӯқсаборо таъин мекунад. Солҳои 1901-1906 сари ин вазифа Абдусатторбий ном шахсе будааст. Ва соли 1917 ин вазифаро Тӯробқулибек ба зимма дошт.

Тибқи сарчашмаҳо бекигарии Дарвоз ба 13 воҳиди маъмурӣ - 11 амлокдорӣ ва ду шуъба тақсим мешуд. Азҷумла чор амлокдорӣ дар водии Хингоб буд, яъне амлокдориҳои Чилдара, Тавилдара, Сағирдашт ва Вахёи Боло. Дар соҳилҳои дарёҳои Ванҷу Панҷ ҳафт амлокдорӣ: Ванҷ, Жумарч, Моймай, Қалъаи Хумб, Шикай, Куф, Хоҳон ва ду шуъба: Язғулом ва Тангшев мавқеъ доштанд.

Дар сохтори мақомоти ҳокимияти амлокдориҳо ва-

зифаҳои маъмурӣ ва давлатӣ аз қабили девонбегӣ, муншӣ, мироб, қозӣ, муфтӣ, раис, доруға, мушриф, миразор, арбоб вуҷуд доштаанд. Аз ин байн фақат қозӣ бо фармони амир таъйин мешудааст. Дигар соҳибмансабони маъмурии амлокдориҳо аз тарафи бек таъйин мегардиданд.

Тибқи маълумоте, ки дар китоби "Таърихи Дарвоз" омадааст, соли 1910 дар давраи қозигии мулло Ғиёсиддин ва раисии мулло Муҳаммад Азим дар бекигарии Дарвоз, дар амлокдориҳо инҳо қозӣ будаанд:

Мулло Абдураҳмон - қозии Тавилдара ва Вахёи Поён

Мулло Мирхоҷа- қозии Вахёи Боло

Мулло Мирзо- қозии Ванҷ

Мулло Рӯзӣ- қозии Чилдара

Мулло Муҳаммад Шариф -қозии Сағирдашт

Мулло Муҳаммад Тоҳир- қозии Қалъаи Хумб.

Бино ба навиштаи Муҳаммад Содиқхоҷаи Бухороӣ, мутахаллис ба Гулшанӣ (1861-1910) дар китоби "Таърихи ҳумоюн" мулки Дарвоз аз чор қасаба иборат будааст, ки ду қасабаи он дар водии Оби Хингов мавқеъ доштанд. Гулшанӣ, ки худ қаравулбегии амири Бухоро Абдулаҳад (1885-1910) будааст, ин асарро на танҳо бо такя ба баъзе аз муаллифони аврупоӣ ва хусусан "Қомус-ул-аълом"-и Шамсиддини Сомӣ навиштааст, балки худ бевосита ба ин ҷойҳо сафар намуда дар асоси боздидҳову мушоҳидаҳои хеш онро китобат кардааст.

Иқтибосе, ки мо дар поён меорем аз боби "Мақолаи

ҳаштум зикри иёлати Қалъаи Хум, яъне Дарвози китоби "Таърихи ҳумоюн" аст, ки онро узви вобастаи АИ ҶТ Ҷӯрабек Назриев ба чоп омода намудааст:

**"...Қасабаи дигари Дарвоз Чиҳилдара аст ва он қасаба ба тарафи шимолии Дарвоз ва ҷанубии Каротегин аст ва мулосиқ (пайвастшуда, алоқаманд) ба ҳукми Қалъаи Ғарм. Ин қасаба ба даруни як сой воқеъ аст. Ободии он аз шарқ ба ғарб тӯлонӣ ба камарҳои кӯҳистонӣ сукно (сукунат, истиқомат) доранд. Аҳолии ин ҷо аз аҳолии Ванҷ беҳтаранд, зироат ва ашҷори мусмира доранд ва маишати онҳо ба хубӣ мегузарад ва баъзеи онҳо галаи андак доранд. Аксари галаи онҳо буз мебошад. Кам дар ин ҷо гӯсфанд ёфт мешавад. Асп дар ин ҷо бисёр аст ва марьои (чарогоҳ)-и атрофи инҷо фаровон аст. Лиҳозо аксар молдоронанд аз қабили гов, гӯсфанд ва аспу буз. Аммо буз дар ин ҷо назар ба соири ҳайвоноти аӯлат бештар аст ва шир дӯшидани он аксар сабаби маъоши онҳост. Аҳолии ин ҷо низ ҳама тоҷиканд. Аҳли талабаи илм дар ин ҷо фаровон аст ва аҳолии он закитабъ, ҳуззолу (ҳазлгӯ, хушсухан) забоновар ва бадеҳагӯянд. Аксари онҳо аҳли хатту савод аст.**

**Қасабаи сеюми Дарвоз қасабаи Тавилдара мебошад, ки ободтарини қасаботи Дарвоз Тавилдара аст. Аҳолии он бағоят соҳиби фасоҳату балоғат, аксари онҳо шуаро ва удабоанд. Ҳама закитабъу базлаҷӯй ва латифагӯю забоноваранд. Шуарои ширинкалом бисёр доранд. Ва аз он ҷумла аз идораи мутақаддами (гузашта) онҳо**

**Нокомӣ ва Маҳҷур аст. Ва алон (акнун, ҳозир) низ шуарои фасеҳ ва балеғ дорад ва мавзеи мазкур бағоят хушҳаво ва фараҳфазо аст. Ҳавои ин ҷо ба ҳеҷ қасабаи Дарвоз нест. Бағоят обшор ва кассирулашҷор (сердарахт) ва хушмарғзор аст ва мурғзораст. Туюр (паррандагон)-и ин ҷо бисёр ва зироати ин ҷо низ хуб аст. Аҳолии ин ҷо низ тамоман тоҷиканд. Олимони мутабаҳҳир (бисёр доно) доранд. Дар Бухорои Шариф хатми кутуби мутадовила (маъмулӣ, расмшуда) намуда ба ватани худҳо омадаанд, бисёр аст. Ва аксари меваҷот ва зироат ба мавзеи Тавилдара мавҷуд аст. Ба хушҳавоӣ ва дилкушоӣ сонии иснайни фирдавсу ҷаннат (яъне биҳишти дуюм) аст. Ва ин аъзами қасаботу қитъаоти вилояти Дарвоз аст. Ҷамъияти нуфуси ин мутаҷовиз аз понздаҳ ҳазор хонавор аст. Аҳолии ин ҷо куллан тоҷиканд. Бағоят саҳеҳ-ул-бадан ва қави-ул-бунияанд. Дӯшизагони ин ҷо ба ҳусну латофат низ машҳуранд. Аҳолии ин ҷо зукуран ва уносан (зану мард) холиқу забоновар ва латифагӯянд. Бағоят мардумони хушлаҳҷаанд ва ширинсуханнанд". *(Муҳаммад Содиқхӯҷаи Гулшанӣ "Таърихи Ҳумоюн", Ба чоп тайёркунанда Ҷӯрабек Назриев, Душанбе, "Пайванд", 2006, саҳ. 158-159).***

Тобистони соли 2006 дар суҳбат бо мо Муҳаммадшарифи 91-сола, ки тахминан 60 сол муқаддам аз деҳаи Шайхои Вахё ба шаҳри Қӯрғонтеппа иҷборан муҳоҷир шуда будааст, гуфт, ки мири Дарвоз дар водии Вахё се намоянда дошт, ки тавассути онҳо корҳои маъму-

риву давлатдории аморати Бухороро пеш мебурд. Қабл аз истиқрори ҳокимияти шӯравӣ дар ин манотиқи кӯҳистонӣ намояндаҳои мири Дарвоз яке бо номи бии Улуғ дар Сайёд мезистааст, дигаре бо номи бии Раҳим дар Лоҷирк ва саввумӣ бо номи Нӯъмонбӣ дар Най-гуфти Сангвор.

Соли 1984 муҳаққиқи адабиётшинос Амирек Ҳабибов бо номи "Ганҷи парешон" китоберо аз чоп баровардааст, ки дар он дар боби шоир "Маҳҷур" аз ҷумла менависад:

"Маҳҷур тахаллуси адабии шоири асри XIX ва ибтидои асри XX Сайидхоҷа писари Ҳамидхоҷа "Вола" мебошад. Ӯ дар деҳаи Вахё, райони пештараи Тавилдара (ҳозира Комсомолобод) дар оилаи марди деҳқон ва шоир Вола таваллуд ёфта, баъдҳо барои таҳсили мадраса ба Бухоро меравад. Маҳҷур мадрасаро тамом карда ба хизмати амир Абдулаҳадхон кашида мешавад. Аммо аз рӯи тахмин баъд аз чанд муддат Маҳҷур ва Нӯъмон ба ватанашон Дарвоз ба кор таъмин мешаванд. Ҳокими ҳамонвақтаи Дарвоз Йулдошбӣ ба муносибати унвони "бӣ"-и додан ба Раҳим ва Нуъмон ба мансаби судурӣ ба Маҳҷур чунин таърихе навиштааст:

**Шукри иллаҳ шуд ба мо завқи сурур,**
**Мансаби ҳар се дуогӯ дар ҳузур.**
**Чунки Нуъмону Раҳим аз лутфи шаҳ,**
**Мансаби "бӣ" шуду ишонаш судур…**

**Аз фараҳмандӣ ба ман зар доду гуфт,**
**Хон муборак боз аз лафзи судур.**

Йулдошбӣ қайд мекунад, ки "Дар вақти ҳокимии бандаи ҳақир, ғуломи камтарини шоҳи маъдилатоин Мирзо Йулдошбӣ - соли 1317". Аз он ҷое, ки Мирзо Йулдошбӣ таърихро соли 1317 ҳиҷрии қамарӣ (1899 мелодӣ) зикр карда, маълум мешавад, ки ба мансабҳои номбурдашуда таъин шудани ин касон низ ба ҳамон солҳо баробар мебошад". (А.Ҳабибов, "Ганҷи парешон", Душанбе, нашриёти "Ирфон", соли 1984, саҳ: 31-32).

## ТАШКИЛИ ҲОКИМИЯТИ ШӮРОҲО ДАР ВАХЁ

Моҳи октябри соли 1917 дар Русия қудратро болшевикон ба дасти худ гирифтанд ва ҳокимияти шӯроҳоро таъсис доданд. Ин таҳаввулоти ҷиддии сиёсиву низомии Русия дарҳол ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Осиёи Миёна таъсири худро гузошт. 28-уми октябр дар Тошканд, 11 ноябр дар Хуҷанд, ки он солҳо дар ҳайати губернияиТуркистони Русия буданд, ҳокимият ба дасти шӯроҳо гузашт.

3-юми декабри соли 1917 Мурочиатномаи Шӯрои Комиссарони Халқии РСФСР "Ба ҳамаи меҳнаткашони мусулмони Русия ва Шарқ" қабул шуд. Тибқи ин ду ҳуҷҷат раҳбарияти Русияи Шӯравӣ бо Бухоро шартномаҳои пешинаро бекор кард.

Амир Олимхон бо нобоварӣ ба ҳукуматдорони нави Русия нигариста муносибатҳои худро ба Афғонистону Англия вусъат мебахшад. Низомиёни афғону англис дар Бухоро зиёд мешаванд. Ин болшевиконро ба амалҳои қотеъона ҳидоят мекунад.

30-апрели соли 1918 анҷумани панҷуми фавқулоддаи Шӯроҳои кишвари Туркистон Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Туркистон (ҶМШСТ)-ро дар ҳайати Ҷумҳурии Шӯравии Федеративии Сотсиалистии Русия (РСФСР) эълон кард.

25-уми сентябри соли 1918 дар Тошканд ҷамъомади 86 нафар аъзои Ҳизби ҷавонбухориён "Ҳизби ҷавонбухороиён-коммунистон - болшевикон"-ро таъсис доданд. Амалан ин таъсиси Ҳизби коммунисти Бухоро (ҲКБ) буд.

30-юми майи соли 1919 анҷумани якуми (муассисони) ҲКБ дар Тошканд даъват шуд ва то 11 июн идома дошт.

26-27 июли соли 1919 анҷумани дуюми ҲКБ дар Тошкент барпо шуд. Хулосаи ин анҷуман ҳамин буд, ки дар оянда байни амири Бухоро ва Ҳукумати Шӯравии Русия ба ҳеҷ ваҷҳ муносибати дӯстӣ буда наметавонад.

26-31 декабри соли 1919 анҷумани саввуми ҲКБ кумитаҳои ҳизбиро вазифадор кард, ташвиқоти зиддиамириро дар Бухоро пурзӯр намоянд.

2 феврали соли 1920 хони Хева сарнагун шуда ба ҷои

он Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Хоразм ташкил ёфт.

16-18 августи соли 1920 анҷумани чоруми ҲКБ, ки дар Чорҷӯи Нав гузашт, қарор қабул кард, ки оммаро барои сарнагун кардани амир ба муборизаи мусаллаҳона даъват намояд.

25 августи соли 1920 бо амри фармондеҳи Фронти Туркистон М. В. Фрунзе ва аъзои Шӯрои Ҳарбии Фронт В.В. Куйбишев "Дастур ба аскарони Фронт барои кӯмак расондан ба меҳнаткашони шӯришбардоштаи Бухоро" қабул карда шуд.

28 августи соли 1920 бо фармони таъҷилии Штаби Фронти Туркистон барои гузаронидани "Амалиёти Бухоро" зери фармондеҳии М.В. Фрунзе се гурӯҳи амалкунанда (гурӯҳҳои Чорҷӯй, Когон, Самарқанд) ташкил ёфт.

1 сентябри соли 1920 амир аз Бухоро фирор кард.

2 сентябри соли 1920 Бухоро ба дасти болшевикон гузашт.

14 сентябри соли 1920 дар Бухорои Кӯҳна маҷлиси якҷояи КМ ҲКБ, Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ ва Шӯрои Нозирони Халқ даъват гардид, ки дар он ҳайати органи олии қонунбарор Кумитаи Инқилобии Умумибухороӣ ва ҳукумати Бухоро-Шӯрои Нозирони Халқ иборат аз 11 нозирони халқӣ бо сардории Файзулло Хоҷаев интихобу тасдиқ карда шуданд.

6 октябри соли 1920 дар Бухорои Кӯҳна дар собиқ қасри тобистонаи амир - Ситорамаҳихоса бо иштиро-

ки 1950 нафар намоянда Қурултои аввалини намояндагони халқии Умумибухороӣ даъват шуд. Дар он аз таъсиси Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро эъломия пахш гардид.

Вале бо пахши ин эъломия ҷанг миёни Артиши сурхи болшевикон ва нирӯҳои мусаллаҳи зиддишӯравӣ дар қаламрави собиқ аморати Бухоро, аз ҷумла дар манотиқи Қаротегину Дарвози Бухорои шарқӣ қатъ нагардид, балки он то тирамоҳи соли 1923 идома дошт. Танҳо августи соли 1923 дар Ғарм ва ноябри ҳамон сол дар Дарвоз ба болшевикон муяссар мешавад, ки ҳокимияти шӯроҳоро дар ин навоҳӣ барқарор намоянд. То ин замон дар Қаротегин дастаҳои Фузайл Махсум ва дар водии Вахё нирӯҳои мусаллаҳи эшони Султон зидди ҳукумати шӯроҳо ҷанг мекарданд. Муфассалтар дар ин бора дар боби "Таърихчаи эшонҳои Ёзғанд" маълумот хоҳед гирифт.

## ТАҚСИМОТИ МАЪМУРИИ ВАХЁ ДАР ЗАМОНИ ШӮРОҲО

Баъди он ки ба ҷои аморати Бухоро дар моҳи октябри соли 1920 Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро эълон шуд, мувофиқи тақсимоти нави маъмурӣ дар ҳудуди бекигариҳои собиқи Қаротегин ва Дарвоз вилояти Ғарм таъсис ёфт, ки он дар навбати худ ба тумону кентҳо ҷудо мешуд. Соли 1924 мувофиқи ин тақсимоти маъмурӣ вилояти Ғарм аз чунин тумонҳо иборат буд: Ғарм, Қалъаи Хумб, Ҷиргатол, Қалъаи Лабиоб, Оби Гарм, Ҳоит.Водии Вахёро шомили тумони Қалъаи Хумб карда буданд.

Соли 1925 баъди гузаштани тақсимоти ҳудудии миллӣ дар ҳайати вилояти Ғарм тумонҳои Ванҷ, Ғарм, Дарвоз, Ҷиргатол, Қалъаи Лабиоб, Қалъаи Ҳоит ва Оби Гарм дохил буданд.Водии Вахё ба ҳайати тумони Дарвоз дохил карда шуд.

Соли 1929 ба ҷои тумонҳо ноҳияҳо (районҳо) ва ба ҷои вилояти Ғарм округи Ғарм таъсис ёфт. Дар ҳайати округи Ғарм аз ин давра то соли 1931 ноҳияҳои Ғарм, Ҷиргатол, Қалъаи Хумб, Тавилдара ва Ҳоит дохил буданд. Акнун водии Вахёро ба ҳайати ноҳияи Тавилдара дохил карданд.

Бояд гуфт дар замони ҳокимияти шӯроҳо дар водии

дарёи Хингоб ё худ дараи Вахё мувофиқи тақсимоти маъмурӣ дар солҳои гуногун ду ноҳия - Тавилдара ва Сангвор таъсис ёфта чанд муддат ба ин тарз арзи вуҷуд кардаанд:

Ноҳияи Тавилдара солҳои 1920-1924 дар ҳайати тумони Дарвози вилояти Ғарми Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро буд.

Солҳои 1924 - 1929 чун тумони воҳиди вилояти Ғарми ҶМШС Тоҷикистон арзи ҳастӣ кардааст.

Солҳои 1929-1931 Тавилдара ба ҳайси тумони округи Ғарми ҶШС Тоҷикистон буд.

Солҳои 1931-1938 чун воҳиди маъмурӣ-ноҳияи Тавилдара бевосита дар тобеияти ҷумҳурӣ буд.

Бояд гуфт, ки маҳз дар ҳамин давра, аниқтараш аз соли 1936 сар карда дар водии Хингоб ё худ дараи Вахё ба иловаи ноҳияи Тавилдара дар асоси қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии ҶШС Тоҷикистон боз як ноҳияи дигар, ноҳияи Сангвор таъсис дода мешавад. Ба ин ноҳия асосан деҳоти Вахёи Боло, яъне деҳаҳои Сари Санг, Урфати Поён, Урфати Боло, Рехч, Псода, Ғӯзовод, Сарха, Руботи Хух, як қисми Лоҷирк, Бич, Сангвор, Скад, Над, Дараи Калп, Бурса, Роға, Дашти Боло, Мадынгат, Арзинг, Пашмғар, Найгуфт, Торуға, Дарғаз, Двадг, Драхтак, Нусай, Ҳазрати Бурх, Дарбоғ, Дараи Дархарва, Вырзгаҳ, Боршид дохил мешуданд. Соли 1937 аз ноҳияи Тавилдара боз деҳоти ҷамоатшӯроҳои Лоҷирк (деҳаҳои аз Лангар поён), Ар-

ғанкӯҳ ва Миёнадеҳро гирифта ба ноҳияи навтаъсиси Сангвор медиҳанд.

Дар ҳайати ноҳияи Тавилдара акнун 8 деҳшӯрои зерин боқӣ мемонанд: Сафедорон, Сағирдашт, Пуштароғ, Гурхамб, Деҳи Калон, Хамдара, Ҳафтчироғ ва Чилдара.

Солҳои 1936-1938 ноҳияҳои Сангвору Тавилдара дар тобеияти бевоситаи ҷумҳурӣ қарор доштанд. Соли 1938 округи Ғарм аз нав барқарор шуд ва ноҳияҳои Тавилдара ва Сангвор боз ба округи Ғарм тобеъ карда шуданд. Соли 1939 округи Ғармро ба вилояти Ғарм табдил месозанд. Ноҳияҳои Тавилдара ва Сангвор ба вилояти Ғарм мансуб мегиранд. Соли 1952 ноҳияи Сангвор барҳам дода шуда деҳоти он ба ноҳияи Тавилдара тобеъ кунонда мешаванд. Яъне боз аз сари нав тамоми дараи Вахё марбути як ноҳия, ноҳияи Тавилдара мешавад. Ёдовар мешавем, ки дар ҳамин давра деҳшӯроҳои Пуштароғ, Сафедорон ва Сағирдашт марбути ноҳияи Тавилдара буданд. Соли 1955 ноҳияи Тавилдара низ барҳам дода мешавад. Ҳудуди ноҳия ба ноҳияи Косомолобод (ҳоло Нуробод) мегузарад, ба ҷуз ҷамоати Сағирдашт. Мардуми Сағирдашт муҳоҷиратро ба водии Вахш қабул накарданд. Ҳукумат ҳам онҳоро маҷбур карда натавонист. Ҷамоати Сағирдашт чанд муддат ҳамчун ҷамоати мустақил ба марказ тобеъ буд. Баъдан онро ба ноҳияи Қалъаихумб (ҳоло Дарвоз) шомил карданд, ки ҳанӯзам ин ҷамоат мар-

бути ҳамин ноҳия ба ҳисоб меравад.

Ноҳияи Тавилдара 23-и феврали соли 1991 аз нав барқарор карда мешавад. Феълан Тавилдара аз панҷ ҷамоати деҳот иборат аст, ки 84 деҳа доранд: ҷамоати деҳоти Тавилдара 20 деҳа, ҷамоати деҳоти Чилдара 30 деҳа,ҷамоати деҳоти Вахё 8 деҳа, ҷамоати деҳоти Сангвор 14 деҳа, ҷамоати деҳоти Ваҳдат 12 деҳа.

Масоҳати Тавилдара бидуни ҳудуди ҷамоати Сағирдашт, ки аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофӣ ба дараи Вахё дохил мешавад, 5 974 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Аҳолиаш 20 ҳазору 172 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин теъдод 9705 нафарашон занон мебошад. Байни нуқтаи ғарбӣ ва нуқтаи шарқии ноҳия масофа 205 километрро ташкил медиҳад. Тавилдара бо ноҳияҳои Нурobод, Рашт, Тоҷикобод, Ҷиргатол, Мурғоб, Ванҷ, Дарвоз, Ховалинг, Балҷувон ҳамсарҳад мебошад.

Аз Душанбе то маркази Тавилдара 206 километр роҳ масофа ҳаст.

# МУҲОҶИРАТ БА ВОДИИ ВАХШ

Сабаби асосии барҳам додани ноҳияҳои Сангвор ва Тавилдара  ба водии Вахш ва дигар минтақаҳои пахтакории ҷумҳурӣ муҳоҷир кардани аҳолии он мебошад. Мақсади асосӣ аз муҳоҷир кардан тараққӣ додани хоҷагии қишлоқ, махсусан соҳаи пахтакории он дар водии Вахш буд. Мувофиқи нақлу ривоятҳои шоҳидони айнӣ муҳоҷиркунӣ иҷборан сурат мегирифт. Ва мардуми дар обу ҳавои тозаи кӯҳистон одаткарда ба шароити гармои водии он солҳо бедолу дарахту сӯзони Вахш тоб наоварда, гирифтори бемориҳои мухталиф мегардиданд ва ҳатто гурӯҳ-гурӯҳ ба ҳалокат мерасиданд. Дар суҳбат бо нависандаи ин сатрҳо файласуф ва шоири маъруфи тоҷик Назри Яздонӣ дар  ин масъала назари ҷолиберо ироа кард. Ба гуфтаи ӯ "ин муҳоҷиратро роҳбари ҳамон вақтаи ҷумҳурӣ марҳум Бобоҷон Ғафуров ташкил карда буд. Албатта ин кори хуб буд. Обод кардани водиҳо, ҷои кор пайдо кардан, сарҳадотро боэътимод кардан аз ҷиҳати давлатдорӣ кори дурандешона буд. Вале ман як чизро намефҳмам,- гуфт Назрӣ Яздонӣ ва ба суханаш идома дод. Барои чӣ Ғармро танҳо нимашро, Мастчоҳи Кӯҳиро танҳо нимашро муҳоҷир карданду водии Вахёро, ки аз ду ноҳия иборат буд, ба пуррагӣ муҳоҷир карданд? Барои мисол ҳоло мастчоҳиҳо

ҳам Мастчоҳи Нав доранд ва ҳам Мастчоҳи Кӯҳнаашон обод аст. Нимаш Масчоҳи Кӯҳнаро нигоҳ доштанд, нимаш Масчоҳи Навро обод карданд. Хубиаш ин ки муҳоҷиршудагон ҳама дар як минтақа зиндагӣ карданд ва лаҳҷаву урфу одати маҳалли хешро то андозае нигоҳ доштанд. Аз чӣ сабаб Вахёро, ҳама мардумашро саросар муҳоҷир карданд ва ба болои ин пароканда, ба ноҳияҳои гуногун? Як қисм ба Шаҳритус, як қисм ба Ҷилликӯл, як гурӯҳ ба ноҳияи Панҷ, қисми дигар ба Вахшу Қумсангиру Колхозобод ва ғайра? Мардумро пурра кӯчонданд. Ҳам аз Вахёи Боло ҳам аз Вахёи Поён. Дар он ҷо касе намонд ба ҷуз чанд нафаре, ки худро ба девонагӣ задаву аз онҷо набаромаданд. Аз солҳои панҷоҳум то солҳои ҳафтодум қариб, ки касе дар онҷо зиндагӣ намекард. Ин ҷойҳо бесоҳиб монданд. Он ҷоро ба чарогоҳ табдил дода буданд. Ва дуввумаш ин ки чаро ҳамаи мардумро ба як ҷо накӯчонданд?". Рости гап, посухи ин суолро мо низ пайдо карда натавонистем.

Посухи ин саволро худи аллома Бобоҷон Ғафуров ба академик Мӯсо Диноршоев ҳанӯз солҳои ҳафтодуми асри гузашта гуфтааст. Дар сӯҳбате, ки Бобоҷон Ғафуров бо  устод Мӯсо Диноршоев доштааст, баъди фаҳмидани он ки зодгоҳи устод Диноршоев деҳаи Арзунки Вахё мебошад, давраи муҳоҷиркунии мардуми ин водиро ба ёд оварда азҷумла мегӯяд: "Мо соли 1953 маҷбур шудем ҳамон ҷойро муҳоҷир кунем. Барои обод

кардани водии Вахш ду лоиҳа вуҷуд дошт. Якум лоиҳаи ҳукумати марказӣ аз Маскав ва лоиҳаи дигар лоиҳаи ҳукумати Тоҷикистон. Тибқи лоиҳаи Маскав муҳоҷират ба водии Вахш бояд аслан аз манотиқи Русия ва дигар ҷумҳуриҳо сурат мегирифт. Яъне водии Вахшро тавассути русҳо ва дигар миллатҳо бояд обод мекардем. Ман пешниҳод кардам, ки водии Вахшро тавассути мардуми кӯҳистони худи Тоҷикистон обод кунем. Ман фикр кардам, ки агар кӯҳистон як муддате беодам низ монад он аз худи мо ҳаст ва касе онро гирифта наметавонад. Онро мешавад, ки баъдтар боз обод кунем. Вале ба беҳтарин минтақаи Тоҷикистон-водии Вахш агар намояндагони дигар миллатҳоро биёранд, он вақт хавфи дар оянда аз даст додани ин минтақа моро таҳдид хоҳад кард. Метавонистем, ки дар оянда онро аз даст бидиҳем. Нақшаи лоиҳаи дуюмро ба Иосиф Сталин, сардори давлат, ман пешниҳод кардам"-, гуфтааст Бобоҷон Ғафуров. Дар идомаи сӯҳбат Бобоҷон Ғафуров аз Мӯсо Диноршоев "фикри шумо дар ин хусус чист?"- гӯён суол мекунад. "Сад дар сад шумо, Бобоҷон Ғафурович, ҳақ ҳастед! Шумо ба манфиати миллату давлати тоҷикон кор кардед-, посух медиҳад академик Мӯсо Диноршоев.

Барои чӣ Бобоҷон Ғафуров Вахёро муҳоҷир кард? Дар Шаҳритусу Қабодиён асосан ӯзбекҳову арабҳо зиндагонӣ мекарданд. Арабҳо агарчи бо тоҷикӣ ҳарф мезаданд, вале шуурашон ӯзбекӣ буд. Дар Панҷу Қумсан-

гиру Колхозободу Ҷиликӯл низ ҳамин гап буд. Яъне аксариятро ӯзбекҳову лақайҳову қунғӯротҳо ташкил медоданд. Бобоҷон Ғафуров дарк намуд, ки агар ба ин маҳалҳо тоҷикони кӯҳистонро наорад, хавфи аз даст рафтани ин сарзаминҳо дар оянда хеле зиёд мешавад. Таърих нишон дод, ки ин ташвиши аллома Бобоҷон Ғафуров бесабаб набудааст. Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 равшан нишон дод, ки дар ҳақиқат, душманони миллати тоҷик нақшаи аз Тоҷикистон ҷудо кардани ин минтақаро доштаанд. Куштори бераҳмона ва аз ин сарзамин рондани ҳамон мардуме, ки замоне Бобоҷон Ғафуров барои аз даст надодани ин минтақаҳо ва зери нуфуз нигоҳ доштани ин минтақа ба ин ҷо онҳоро муҳоҷир карда буд, равшан аз он далолат мекунад, ки нигарониҳои Бобоҷон Ғафуров беҷо набудааст. Бубинед, дар куштори мардуми кӯҳистон ва рондани онҳо аз ин минтақа ҳатто артиши кишвари ҳамсоя бевосита ширкат кард. Вале ҳазорон бор шукри Парвардигор, ки роҳбарони ҷонибҳо сари вақт инро дарк карданд ва сари роҳи таҷзияи кишварро гирифтанд.

То солҳои 90-уми асри гузашта аз ҷиҳати маъмурӣ водии Вахё марбути ноҳияи Комсомолобод (ҳоло Нуробод) буд. Якта-нимта хоҷагиҳои шахсие, ки бо сабабҳои гуногун деҳаҳои худро тарк накарда буданд, барои баровардани эҳтиёҷоти моддии хеш беш аз 150 километр роҳро пиёда ва ё аспсавор тай намуда ба маркази ин ноҳия меомаданд.

Бо вуҷуди он ки ҳукуматдорони вақти Тоҷикистон ба водии Вахё баргаштани собиқ сокинонашро манъ карда буданд, вале каму беш мардумони он оҳиста-оҳиста ба ватани аҷдодии хеш руҷӯъ мекарданд. Баъдҳо, хусусан баъди солҳои 80-ум, роҳбарони Ҳукумати Тоҷикистон ба чараёни бозгашти мардуми Вахё ба зодгоҳашон аз паси панҷа нигоҳ мекардагӣ шуданд. Аҳолӣ дар ин минтақа боз афзоиш ёфт. Билохира, 23 феврали соли 1991, тақрибан 9 моҳ қабл аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ноҳияи Тавилдара аз сари нав таъсис ёфт.

## ВАХЁ ДАР ДАВРОНИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ

Дар даврони соҳибистиқлолӣ кӯҳистони Вахё мисли дигар манотиқи кишвар макони асосии рӯёрӯӣ ва даргириҳои мусаллаҳонаи ҳукумат ва мухолифини он ба ҳисоб мерафт. Тавофут аз дигар манотиқ шояд дар он бошад, ки водии Хингоб қариб ҳамеша дар таҳти назорати нерӯҳои мусаллаҳи мухолифин қарор дошт ва задухӯрдҳо дар ин минтақа хеле шадид ва амалан то ба имзо расидани Созишномаи Хустдеҳ дар декабри соли 1996 миёни сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифин шодравон Сайид Адуллоҳи Нурӣ идома доштанд. Шоири маъруф ва достонсарои мо устод Мӯъмин Қаноат дар "Ҳамосаи дод"-и худ, ки ба ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-97-ум бахшида шудааст, дар боби "Дарди ҳафтум" ҷанги Вахёро чунин

ба риштаи тасвир кашидааст:

**Пас аз ин чи гӯям ба размоварон,**
**Ки шуд ҷанги Вахё чу ҷанги ҷаҳон.**
**Зи Кафтаргузар ҷанг то Лангар аст,**
**Ки ҳар санги Бурхи Валӣ сангар аст…**
**Чӣ гӯям ман аз ҷабҳаи Дашти Шер,**
**Ки буд нусхаи номаи Ардашер.**
**Ду даста чу зарба ба урду заданд,**
**Ба ин ҷанг тимсоли ҷоду заданд.**
**Ба дасти асорат чу сарҳанг рафт,**
**Зи мӯю зи рӯи ҳама ранг рафт.**
**Ту таъбир кун ҷанги Сайёдро,**
**Кӣ дорад ба каф оташу бодро?**
**Ки дар ҷанги Лайрон майдон куҷост?**
**Ҳама чархзан,чархи гардон куҷост?**
**Ки дар panҷаи сӣ ҷавонзӯр чист,**
**Ҳама саф шикастанду дастур чист?**
**Сафе ғарқа дар оби Хингоб шуд,**
**Дили марду зан аз алам об шуд.**
**Чӣ зӯре? Зи дасти қадар мерасад,**
**Чӣ нуре? Зи шамсу қамар мерасад!**

***(Аз китоби "Меҳри Сипеҳр", Душанбе "Адиб", 2007, саҳифаи 359).***

## ВАХЁ ОЯНДАИ ХУБ ДОРАД

Неъматуллоҳ Сафаров, ки худ аз тоҷикони минтақаи Кӯлоб мебошад, дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ мудири лабораторияи ташхиси кайҳонии сарватҳои табии ва мониторинги онҳо дар Тоҷикистон буд. Солҳои зиёд дар водии Вахё ба ҳайси муҳаққиқи ҳамон ниҳод кору зиндагӣ кардааст. Ҳоло роҳбари Маркази миллии гуногунӣ ва бехатарии биологии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди ҳукумати ҶТ мебошад. Аз ӯ хоҳиш кардам, ки дар бораи дирӯзу имрӯз ва фардои табиати Вахё фикру андешаи худро бигӯяд. Ӯ аз ҷумла гуфт: "Ман Вахёро мисли як мусафеди хирадманди бовиқор мебинам. Саллаи сафедаш қуллаи Исмоили Сомонӣ ҳаст ва табиати сабзпӯши доманакӯҳҳояш ҷомаест бар тани ӯ. Обҳои дарёҳои Вахё шабоҳат ба маҳсии чармине доранд, ки дар пойи ин пири хираданд. Зеботарин гӯшаи Тоҷикистони азиз аст.

Аз муҳоҷир кардани мардуми кӯҳистон ҳам хурсанд будему ҳам хафа. Агар хафагии мо барои эҳтимоли латма дидан ва ё аз байн рафтани урфу одат ва анъанаҳои мардуми кӯҳистон бошад, хурсандии мо барои он буд, ки ҳамин минтақаи кӯҳистонии кишвари азизамон фурсати як каме дам гирифтан пайдо мекунад. Ман дар ин ҷо ҳамчун табиатшинос фикрамро иброз карда истодаам. Зеро ман дида истода будам, ки табиатро бераҳмона сӯистифода мекардем. Тӯли ҳазорсо-

лаҳо мардум дар ин ҷо аз табиат ҳамон микдореро барои зисти худ мегирифтанд, ки ба он эҳтиёҷ доштанд. Аз он зиёд намегирифтанд. Ғунҷоиши экологии онро хуб медонистанд. Табиатро низ ин муносибати мардум қонеъ нигоҳ медошт. Ман инро аз нақли бобои Олим, ки яке аз мӯсафедони хирадманди ин водӣ буд, дарк кардам. Бобои Олим дар сӯҳбате бо мо аз ҷумла гуфт: "Ҷавони наврас будем. Як гурӯҳи калони сохтмончиён омаданду гуфтанд роҳ месозем. Ба ин хотир бо тракτору дигар техника дарахтонро мекананду ба Хингоб мепартофтанд. Худораҳматии падарам он замон мегуфт, ки ин кор оқибати хуб надорад. Рӯзе мерасад, ки табиат низ мардумро аз бағали худ ҷудо хоҳад кард. Чуноне, ки бераҳмона дарахтонашро мекaнем ва ба дарё меандозем, он низ рӯзе бо мо чунин хоҳад кард. Ҳамин тавр ҳам шуд. Чанде баъд мардумро маҷбуран муҳоҷир карданд. Дар биёбонҳои сӯзон ҷо карданд. Ҳар кор мукофоти худро дорад".

Бале, дар чил панҷоҳ соли ахир бо табиат муносибати бераҳмона карда мешуд, ки оқибат подоши онро гирифтем.

Вахё имрӯз ҳамчун минтақаи иқтисодӣ имконияти хуб дорад. Аз се тараф бо қаторкӯҳҳо иҳота шудааст.- Дар байн даштҳои фароху васеъ дорад. Обҳову чарогоҳҳо, заминҳои корам, сарватҳои табиии зеризаминӣ ин гӯшаи зебои диёрамонро ба як минтақаи аз ҷиҳати захиравӣ бой табдил додааст. Ҷавҳари асосии табиа-

ти Тоҷикистон дар ҳамин водӣ ҳаст. Дар замони шӯравӣ баъд аз он ки мардуми ин дарaро муҳоҷир карданд, ҳамасола дар фасли тобистон беш аз ду миллион чорвои калони шохдор ва чорвои хурдро аз ноҳияҳои ҷанубӣ ба ин минтақа оварда нигоҳубин мекарданд. Имрӯз ҳам вазъ дар муқоиса бо даврони шӯравӣ қариб, ки кам фарқ мекунад. Чорвои зиёдеро дар фасли тобистон дар ин ҷо нигоҳубин мекунанд. Мардум чорвои зиёд доранд. Вале муносибати мардуми таҳҷоӣ бо табиат аз фарҳанги баланди ин мардум дарак медиҳад. Яке аз омилҳои асосии бақои миллат ин муносибати дурусту хирадмандона бо табиати Ватан мебошад.

Имрӯз чӣ бояд кард, ки ин гӯша боз ҳам ободтар бошаду рушд кунад?

Пеш аз ҳама захираи сарватҳои табиии онро омӯхтан ва ҳаҷму андозаи онро муайян кардан даркор аст. Бояд тарзи аз он истифода бурданро низ муайян бикунем.

Дуввум. Талош бояд кард, ки сармоягузориҳои худиву хориҷӣ ба ин водӣ бештар шавад, то ин ки бошуурона, бе фишор болои табиат аз он ҷо ҳарчӣ бештар маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва манфиатоварро инсоният барои худ бигирад. Ин водиро ҳамчун як манбаи зисти аҳамияти байналмилалӣ дошта бояд истифода кард. Пояндагии миллат ҳам аз бисёр ҷиҳат аз истифодаи дурусти имконоти водии Вахё барин манотиқ вобастагии қавӣ дорад. Намунаи чунин муноси-

бат бо табиат барои мо кишвари Ҷопон буда метавонад. Ба он хотир давомнокии умри инсон дар Ҷопон 81-сол аст, ки табиатро тавонистаанд он чунон ки боястӣ дар хизмати мардум гузоранд.

Дар ҳамин водӣ мардум аз қадимулайём кореро мекарданд, ки дар дигар манотиқи Ватанамон камтар анҷом медоданд. Ин ҳам бошад тиллошӯӣ бо усули бобоӣ мебошад. Обҳои ин водӣ дар таркиби худ ин метали қимматбаҳоро хеле зиёд доранд. То замони шӯравӣ мардуми ин водӣ, қариб ки ба таври оммавӣ ин шуғлро доштанд. Ин кори сердаромадро метавон имрӯз эҳё кард. Вале онро тарзе бояд эҳё кард, ки муҳити зист аз он осеб набинад, талаботи экология ба инобат гирифта шавад.

Ҳамин чизро дар бораи бунёди нирӯгоҳҳои хурди обии барқӣ, нирӯгоҳҳои бодии барқӣ ва нирӯгоҳҳои офтобии барқӣ гуфтан мумкин аст. Захираҳои обу бод ва офтоби ин диёр имконият медиҳанд, ки даҳҳо чунин нирӯгоҳҳои хурд бунёд шаванд, ки тавассути онҳо хоҷагии халқи ин минтақа ва ҳатто кишвар рӯ ба инкишофи бештар гузорад. Захираи энергетики ин диёр чунон бузург ҳаст, ки натанҳо барои инкишофи хоҷагии халқ басанда мебошад, балки метавон нерӯи изофаи онро ба фурӯш гузошт».

Бар асари ҷанг иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва табиати ин гӯшаи зебои Ватанамон зарари ҷиддӣ дид. Дар ҳоли ҳозир 1880 гектар замини корам ва 148 гектар боғ до-

рад. Феълан дар ноҳияи Тавилдара наздик ба 180 хоҷагии деҳқонӣ фаъолият доранд. Як муассисаи нақлиётӣ, як корхонаи саноатӣ-кони ангишти Миёнаду, се нуқтаи гуфтушуниди телефонӣ, 52 мактаб, 1 мактаб-интернат, 1 хонаи кӯдакон, 1 Омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ, 3 хонаи фарҳангӣ, 6 китобхона амал мекунанд.

## ВАХЁ МАКОНИ АВЛИЁ

Чи тавре, ки мебинем дар водии Вахё имрӯз ягон корхонаи азими саноатӣ ва ё дигар иншооти муҳими хоҷагии халқ вуҷуд надорад, ки бо он дар дигар манотиқи кишвар ва берун аз он ин водиро бишносанд. Вахёро дар гузашта ва имрӯз ҳам бо одамони дарёдилу соҳибмаърифаташ, табиати зебо, обу ҳавои дилкаш ва зиёратгоҳҳои муқаддасе, ки дар инҷо хеле зиёд ҳастанд, мешинохтанд ва мешиносанд. Бобои Ҳисорӣ аз деҳаи Найгуфт, ки соли 2005 ба синни 81 қадам гузошта буд, аз бобокалонаш шунидааст, ки дар хоки муқаддаси водии Вахё 63 нафар авлиё, яъне дӯстони Худо, аз ҷумлаи донишмандон, орифону обидони роҳи Ҳақ ба хок супорида шудаанд. Ба гуфтаи бобои Ҳисорӣ бархе аз мақбараҳои онҳо дар замони шӯравӣ хароб ва аз ёдҳо фаромӯш шуданд. Қисмати дигаре аз онҳо ҳанӯз ҳам побарҷост ва то ба ҳол мардум ин ҷойҳои муқаддасро зиёрат мекунанд. Масалан, чуноне ки қаблан ёдовар шудем, дар даромадгоҳи водӣ, дар қисмати чапи дарёи Хингов, дар деҳаи Хуллоз, зиёратгоҳе

мавҷуд аст, ки онро мазори хӯҷаи Хуллоз меноманд.

## МАЗОРИ ХӮҶАИ ХУЛЛОЗ

Хӯҷаи Хуллоз яке аз деҳаҳои зебоманзари водии Хингов ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо дарахтони мевадор аз қабили себу гелос ва чормағз ҳосили хуб медиҳанд. Махсусан гелоси Хӯҷаи Хуллоз дар гирду атроф машҳур аст. Калонтарин ва солхӯрдатарин чанори водӣ бо номи чанори Афзалӣ дар ҳамин деҳа мебошад. Миёнаҳои солҳои панҷоҳуми асри гузаштаи мелодӣ мардуми ин деҳаро мисли деҳаҳои дигари Тавилдара ба водии Вахш, асосан ба ноҳияи Панҷ, муҳоҷир карданд. Вале солҳои 80-90-ум аксарияти муҳоҷиршудагон ба зодгоҳи худ баргаштанд ва ин ҷоро низ обод карданд.

Пеш аз ҳама мазори бузургвори Хӯҷаи Хуллозро обод карданд. Нависандаи ин сатрҳо, камина, мазори мазкурро бори аввал 10-уми апрели соли 1997 зиёрат кардам. Раҳбаладии банда шодравон Аҳмад Зиёи 72 сола (падари собиқ фармондеҳи нирӯҳои мусаллаҳи мухолифин Мирзо Зиёев) буд. Ба гуфтаи ӯ дар ин мазор турбати саҳобаи киром ҳазрати Абдураҳмон ибни Афв ба хок супурда шудааст. Ӯ мегӯяд, ки Абдураҳмон ибни Афв дӯсти даврони кӯдакии ҳазрати Муҳаммад Пайғамбар (с) мебошад ва яке аз даҳ нафар ёрони биҳиштӣ. Гӯё ба ин тарафҳо ҳамон замонҳо барои ривоҷу густариш додани дини мубини ислом омадааст.

Мулло Сайидмуҳиддини арғанкӯҳӣ, ки ҳамон вақт наздик ба панҷоҳ сол умр дошт, гуфтаҳои бобои Аҳмади Зиёро дар бораи саҳобаи киром будани Абдураҳмон ибни Авф тасдиқ намуда илова намуд, ки Абдураҳмон ибни Авф тоҷирони муваффақи замони Расули акрам (с) буд. Молу мулкашро барои беҳбудии мардум ва пешрафти дини ислом харҷ мекардааст. Замоне мардуми атроф баъди зиёрати Хӯҷаи Хуллоз рост ба ноҳияи Ховалинг, ба зиёрати мазори ҳазрати Султон, ки тавассути пайраҳаҳои кӯҳӣ то он ҷо аз мазори Хӯҷаи Хуллоз ҳамагӣ шашсоата роҳ будааст, мерафтанд. Ё баръакс, баъди зиёрати мазори ҳазрати Султон ба зиёрати мазори Хӯҷаи Хуллоз меомадаанд. То кадом дараҷа ривояти мардумӣ дар бораи дар ин ҷо мадфун шудани ҳазрати Абдураҳмон ибни Авф, яке аз саҳобаҳои киром ҳақиқат дорад, мо каме поёнтар посух хоҳем гуфт.

# ХОҶА АҲМАДИ ЯСАВӢ ВАҶУРЪАТДОРХӮҶАИ ВАЛӢ

Дар деҳаи Қалъаи Ҳусайни ҷамоати Сағирдашт бошад, мақбараи Султон Ҷуръатдорхӯҷаи Валӣ ҷойгир шудааст. Мардум муътақиданд, ки ӯ бародари яке аз уламои тасаввуф, маъруф бо номи "Пири Туркистон" Хоҷа Аҳмади Ясавӣ мебошад. Ба ақидае мазори худи Хоҷа Аҳмади Ясавӣ низ дар водии Вахё мебошад. Он дар Драхтак ном деҳае, ки дар сари роҳи корвонгузари Дарвоз - деҳаи Сангвор мавқеъ дорад, ҷойгир аст.

Ба гуфтаи Абдумалик Шехов, муаллифи китоби "Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ", ки аз қаряи Дараи Ҳайрони ҷамоати деҳоти Миёнадеҳи ноҳияи Тавилдара мебошад, тибқи шаҷараи мавҷуд аҷдоди онҳо ба хонадони Хоҷа Аҳмади Ясавӣ омада мерасад. Аз рӯи қиссаҳои аз аҷдодон боқимонда Хоҷа Аҳмади Ясавӣ яке аз орифони соҳибкаромот будааст. Ӯ дар асри 12 дар минтақаи Туркистон, ки феълан марбути вилояти Чимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон аст, зиндагонӣ мекардааст ва ҳамчун сӯфӣ ба тарбияи шогирдон машғул будааст. Шогирдонаш, ки закӣ ва боҳуш будаанд, ба мушоҳида гирифтаанд, ки шайх Аҳмади Ясавӣ баъди намози аср ҳамеша то намози шом ғайб мезадааст. Сирри ин ғайбзаниро онҳо аз бародари шайх Аҳмади Ясавӣ шайх Ҷуръатдорхӯҷа пурсон мешаванд. Шайх Ҷуръатдорхӯҷа ба онҳо мегӯяд, ки баъди хондани на-

мози асри навбатӣ домони шайх Аҳмади Ясавиро бигиранд, ҳамаш маълум мешавад. Шогирдон ба гуфтаи шайхҶуръатдорхӯҷа амал мекунанд ва худро дар як лаҳза бо ҳамроҳии устодашон дар масҷидулҳароми Маккаи мукаррама мебинанд. Шайх Аҳмади Ясавӣ чун шогирдонашро дар паҳлӯяш дар хонаи Худо мебинад, аз он ки шайх Ҷуръатдорхӯҷа рози ӯро назди шогирдонаш кушодааст, ибрози нохушнудӣ мекунад ва аз Ҷуръатдорхӯҷа талаб мекунад, ки ҷои зисташро тағйир бидиҳад. Шайх Ҷуръатдорхӯҷа ба хотири он ки мӯҷиби хашми бародараш нашавад, он мавзеъро тарк гуфта ба кӯҳистони Вахё омада маскан мегузинад. Ҷӯръатдорхӯҷа аввал Дараи Ҳайрони Миёнадеҳи Вахёро ҷои зист интихоб мекунад. Дар ҳамин ҷо духтараш Бибӣ Маҳрӯро, ки зани хеле донишманд будааст, ба яке аз шахсҳои тақводори он диёр ба шавҳар медиҳад. Ба гуфтаи Абдумалик Шехов ва амакаш Муҳаммадшариф Шехов, ки ҳангоми навиштани ин сатрҳо мутаваллии мазори Бибӣ Маҳрӯ дар Дараи Ҳайрон буд, мардуми ҳамин маҳал асосан самараи издивоҷи Бибӣ Маҳрӯ ва ҳамон шахси барӯманди деҳа, мебошанд. Ҷуръатдорхӯҷа баъди ба шавҳар додани духтараш Қалъаи Ҳусайнро барои худ ҷои зист интихоб мекунад. Қалъаи Ҳусайн деҳаест дар ҷамоати деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвоз. Ҷуръатдорхӯҷа баъди маргаш дар ҳамин деҳаи Қалъаи Ҳусайн ба хок супурда мешавад ва оромгоҳаш дар ҳамин деҳа мебошад.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Абдумалик Шехов дар идома афзуд, ки боре ба зиёрати мақбараи шайх Аҳмади Ясавӣ дар ноҳияи Туркистони вилояти Чимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон ноил шудааст. Дар наздикии Чимкент, ки аз ноҳияи Туркистон шаст километр дур аст, Сайрам ном деҳае ҳаст, ки мардуми он худро форсҳои забонгумкарда меноманд. Ба гуфтаи ин мардум онҳо низ аз бозмондагони Хоҷа Аҳмади Ясавӣ мебошанд. Хоҷа Аҳмади Ясавиро ҷадди бузурги худ медонанд. Ба сабаби дур будан аз муҳити истифодаи забони форсӣ забони модарии худро фаромӯш кардаанд.

Абдумалик Шехов аз мавҷудияти мазори Хоҷа Аҳмади Ясавӣ дар деҳаи Дарахтаки Вахёи Боло иттилоъ надоштааст. Ҳангоми сафар ба мазори ҳазрати Бурх, вақте ки деҳаи Сангворро мегузаред, дар масири ҳаракат дар наздикии деҳаи Найгуфт аз тарафи дасти рост дарёчае ба Оби Мазор мерезад. Ин дарёчаро Оби Занг мегӯянд. Агар ба тарафи саргаҳи ҳамин дарёча ҳаракат кунед ,тахминан 5-7 километр баъд, дар болои теппае, ки деҳаи Дарахтаки Поёнро аз Дарахтаки Боло ҷудо мекунад, шумо гӯреро дучор меоед, ки мардум онро қабри Хоҷа Аҳмади Ясавӣ меноманд. Ҳафтод сол боз ин деҳаҳо матруканд. Дар ин ҷо касе зиндагонӣ намекунад. Вале ашхоси огоҳ аз ин мазор вақте ки ба зиёрати ҳазрати Бурхи Валӣ меоянд, ба ин ҷо низ омада оёте чанд аз Каломуллоҳ сари гӯри ин бузургвор ба хотири шод кардани арвоҳи ӯ қироат мекунанд.

Хотиррасон мекунем, ки Хоҷа Аҳмади Ясавӣ, яке аз орифони тасаввуф, соли 1103 дар деҳаи Сайрами ҳозира вилояти Чимкенти Ҷумҳурии Қазоқистон таваллуд шуда дар синни 63-солагӣ аз дунё гузаштааст. Мақбараи ӯ феълан дар ноҳияи Туркистони Ҷумҳурии Қазоқистон зиёратгаҳи мардуми маҳал ва меҳмонон мебошад.

Шайх Аҳмади Ясавӣ тибқи маълумоти бархе аз сарчашмаҳо ба забони туркӣ низ ашъор дорад, ки чанде аз онҳоро Кулолӣ ном шоире аз шаҳри Сарбанд ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Мо намунаеро аз ин ашъор пешкаши хонандагони арҷманд мегардонем:

**Эй дили гумроҳ, гунаҳ кардӣ пушаймон нестӣ,**
**Мезанӣ лоф сӯфиям дар кӯи Ҷонон нестӣ.**
**Бесамар бигзашта умру ҳайф, гирён нестӣ,**
**Сӯфиандомӣ, вале ҳаргиз мусалмон нестӣ,**

**Расми сӯфиён магар ин аст, корат ғафлат аст,**
**Донаи тасбеҳ ба дасту дар забонат ғайбат аст,**
**Саллаи гилпечи ту аз баҳри нафсу иззат аст.**
**Сӯфиандомӣ, вале ҳаргиз мусалмон нестӣ.**

**Сӯфӣ бошӣ бо дили пургавҳари имон бишав,**
**Бе парешонхотирӣ дар ҳасрати Раҳмон бишав,**
**Бо тамоми ҳастият дар тоати Яздон бишав,**
**Сӯфиандомӣ, вале ҳаргиз мусалмон нестӣ…**

## ҶУНАЙДУЛЛОҲИ БАҒДОДӢ ВА ДИГАРОН

Дар наздикии деҳаи Сангвор як маконеро мардум бо меҳр "мазори Ҷунайдуллоҳи Бағдодӣ" ном мебаранд ва онро ба зиёратгоҳ табдил додаанд. Дар ин ҷо низ зоирин ба ҳаққи арвоҳи ин орифи бузург дуо мекунанд.

Масалан, қиссаи зеринро ман аз забони мулло Асроҷи Ҷафрӣ, навасаи эшони Алам, писари Тоҷиддин навишта гирифтам. Мулло Асроҷ домоди бобои Меъроҷ мебошад, ки ӯ дар навбати худ домоди эшони домулло Мӯҳтоҷ-бобои шоир ва файласуфи маъруфи кишвар Назри Яздонӣ аст. Мулло Асроҷ аз хусураш ин қиссаро шунидааст. Қисса аз забони мулло Асроҷ 8 сентябри соли 2006 навишта шудааст:

«Рӯзе Ҷунайдуллоҳи Бағдодӣ, ки мақбарааш дар болотари сари пули Сангвор ҳаст, ба масҷиди Сангвор меҳмон мешавад. Эшони домулло Муҳтоҷи Валӣ имоми масҷид будааст. Дар ҳамин масҷид як марди дарвеши назарногире низ дар хидмати намозгузорон будааст. Баробари дастархонро густурдан аз ғайб як табақ ширбиринҷ болои дастархон ҳозир мешавад. Баробари болои дастархон омадани табақи ширбиринҷ як тарафи девори масҷид боз шуда ба он ҳазрати Бурх ворид мешавад. Ҳазрати Бурх ба ҳозирин мегӯяд, ки ӯ

аз ба зиёрати Бурх омадани Ҷунайдуллоҳи Бағдодӣ воқиф шуда худаш ба пешвози ин орифи бузург ба масҷиди Сангвор меояд. Бурхи Валӣ, Ҷунайдуллоҳи Бағдодӣ ва эшони домулло Муҳтоҷи Валӣ суҳбате ороста сипас якҷоя аз ҳамон табақи ширбиринҷ хӯрок мехӯранд ва тайи табақро ба ҳамон дарвеш медиҳанд. Рӯзи дигар эшони домулло Мӯҳтоҷ аз мардуми Сангвор хоҳиш мекунад, ки ҳурмату эҳтироми он дарвешро риоя кунанд, зеро ӯ низ аз ҷумлаи назаркардаҳо ба шумор меравад.

Ҷунайдуллоҳи Бағдодӣ рӯзи дигар ба мақсади зиёрати эшони Ҳоҷӣ домулло Қурбони Валӣ ба деҳаи Арзунк меравад. Баъди аз он ҷо бозгаштан дар сари пули Сангвор ҷон ба Ҳақ месупорад ва мардуми ин маҳал ӯро бо обрӯ ба хок супурда марқадашро ба зиёратгоҳ табдил медиҳанд».

Бузургоне, ки исмашонро дар боло гирифтем, тибқи санадҳои муассиқ шахсони таърихианд ва баъди марг дар дигар кишварҳои олам ба хок супурда шудаанд ва имрӯз мақбараи онҳо дар он кишварҳо зиёратгоҳи ҳазорон алоқамандону мухлисонашон аз дуру наздик мебошад, ки ба ин шакку шубҳа нест. Вале чаро мардуми шарифи водии Вахё маконҳоеро мақбара ва ё гузаргоҳи ин бузургон дониста ба онҳо бо як эътиқоди хоса муносибат мекунанд? Дар посух ба ин суоли мантиқӣ танҳо чанд фарзияро барои мулоҳизаи хонандагони азиз пешниҳод мекунем.

1.Чи тавре ки дар боло зикр кардем, яке аз пайраҳаҳои корвонгузари «Роҳи Абрешим» аз водии Вахё мегузашт. Махсусан, вақте ки аз Ҳиндустон тавассути Бадахшони Афғонистон ба Дарвози тарафи рости дарёи Панҷ меомаданд, аз Дарвоз ба воситаи ағбаҳои зиёде, аз ҷумла Вишхарв ва Гушун, ба водии Вахё мерафтанд ва аз Вахё имкон буд, ки ҳам ба водии Ҳисор бираванд ва ҳам ба Қирғизистону Хитой ва ҳамин тавр ба дигар гӯшаҳои ҷаҳон. Бо эҳтимоли қавӣ гуфтан мумкин аст, ки ин олимони бузурги дини мубини Ислом, ин сӯфиёни пок, ки болотар зикри номашон рафт, худашон ва ё аз ақрабои онҳо, аз шогирдонашон, шояд касе замоне аз ин роҳ сафар карда бошанд. Дар аснои сафар хотирае аз худ дар ин маҳал гузоштаанд. Шояд аз ҳамроҳони онҳо касе фавтида бошад ва дар ин ҷойҳо ба хок супурда шуда бошанд. Бо гузашти айём мардум ин маконҳоро танҳо бо гирифтани номи он бузургон ёд мекардагӣ шудаанд. Яъне номи шахси фавтида ва ба хоксупурдашуда аз ақрабо ва ё шогирдони он бузургон аз ёдҳо рафтаву танҳо номи худи бузургонро мегирифтагӣ шудаанд.

2. Дар ҷавоби ин савол фарзияи дигареро низ ба ин тарз пешниҳод кардан мумкин аст. Барои аҳли тасаввуф чеҳраи Бурхи Сармасти Валӣ, ки ба ақидае дар ин сарзамин ба хок супурда шудааст, хеле ошно буд. Дар ин бора муфассалтар дар боби "Симои Бурхи Валӣ дар ашъори шоирони тассаввуф" сӯҳбат хоҳем кард. Ва ҷои

шубҳа нест, ки он бузургони тасаввуф агар имконият дасташон медод, албатта зиёрати мақбараи ҳазрати Бурхи Сармасти Валиро ба ҷо меоварданд. Зеро ӯро намунаи ибрат барои хеш медонистанд. Аз ҳамин рӯ бо эҳтимоли қавӣ гуфтан мумкин аст, ки робитаи он бузургоне, ки зикрашон рафт, бо водии Вахё заминаи воқеӣ дорад. Азбаски мавзӯъ хеле доманадор ва баҳсбарангез аст, мо лозим донистем, ки дар бораи ин ду мазор, яке мазори Хоҷа Алоуддин дар Лангари Боло ва дигаре мазори ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ маълумоти муфассалтаре бидиҳем. Хосатан вақте ки берун аз ин минтақа низ ин мазорҳо маъруфияти бештаре доранду дар бораи шахсияти дар ин мазорҳо хуфта ихтилофи назарҳо хеле зиёдтар ба назар мерасанд.

## МАЗОРИ ҲАЗРАТИ ХОҶА АЛОУДДИН

Мазори ҳазрати Хоҷа Алоуддин дар қисмати кӯҳии деҳаи Лангари Болои ҷамоати Миёнаду ҷойгир шудааст. Аз деҳа то зиёратгоҳ тавассути пайраҳае меравед, ки тадриҷан шуморо ба даруни калпе ворид месозад, ки дар баландӣ ҷойгир аст. Мақбараи ҳазрати Хоҷа Алоуддин дар дохили ин калп аст. Аз девори паҳлӯи калп синаи санги азимеро шикофта ҳамчун муъҷизаи Худовандӣ чашмае ҷорӣ мешавад, ки оби зулолу ширини онро зоирон баъди ба он мавзеъ бо заҳмати зиёд расидан бо ҳаловати бепоён нӯш мекунанд.

Кист ҳазрати Хоҷа Алоуддин? Оё дар борааш дар манбаъҳои хаттӣ чизе гуфта шудааст? Бо истифода аз он манбаъҳое, ки имрӯз дастраси мо ҳастанд, мо баъзе фикрҳои худро дар ин бора иброз менамоем.

Шарқшиноси рус И.Гарненский дар китоби худ "Тайны Памира" ("Асрори Помир"), ки соли 2002 дар Маскав нашр шудааст, дар бораи шахсияти Хоҷа Алоуддин бо истинод ба яке аз зоирини ин макон, ки аз ноҳияи Шаҳритус будааст, мегӯяд, ки ҳазрати Хоҷа Алоуддин дар замони Расули акрам (с) дар артиши ӯ парчамбардор будааст. Ба ин макон ба хотири тарғибу таблиғи дини мубини Ислом фиристода мешавад. Вақте ки ӯ ба ин ҷо меояд ва аз худ дарак медиҳад,

Иблис дар либоси одамӣ мехоҳад ӯро бо фиреб аз байн бубарад. Иблис ба одамон мегӯяд, ки ба гапи парчамбардори Пайғамбар (с) бовар накунанд ва қаблан ӯ бояд аз имтиҳон гузарад. Иблис пешниҳод мекунад, ки гулхани азиме барафрӯзанд ва парчамбардори Пайғамбар аз миёни он оташ убур намояд. Агар дар вақти гузаштан аз ин гулхан осебе ба ӯ нарасад, пас ӯ ҳамоне ҳаст, ки худро муаррифӣ намудааст. Ва агар сӯхта шавад, пас ӯ дурӯғгӯй будааст. Мардум ин фикри Иблисро дастгирӣ мекунанд. Парчамбардори Расул (с) аз дохили гулхан дар даст гули садбарге ҷон ба саломат мебарояд. Мардум беруншавии ӯро аз дохили оташ бо хушнудӣ истиқбол мегиранд ва аз ӯ чӣ гуна зинда монданашро мепурсанд. Дар ҷавоб мегӯяд, ҳамин ки дохили гулхан шудааст, фариштаҳое аз осмон омада дасти ӯро гирифта ба дохили ҷаннат мебаранд. Ва ӯ ҳамчун нишонае аз биҳишт гули садбаргеро ба худ овардааст. Баъди ин Иблис аз тарси он, ки ба ғазаби мардум гирифтор нашавад, ба зудӣ ин минтақаро тарк менамояд.

Сайёҳ ва пажӯҳишгари дигари рус Владимир Гузман дар китоби худ "Солҳои ҳаштодум" дар бораи амокини муқаддаси Вахё сухан гуфта менависад, ки дар ин диёр ду мазори машҳур ҷойгир шудааст. Яке мазори ҳазрати Бурх ва дигаре мазори Хоҷа Алоуддин. Ба гуфтаи В.Гузман мазори Хоҷа Алоуддин мазори писари Салмони Форс, яке аз ёрони наздики Муҳаммад

пайғамбар (с) мебошад.

Вале дар байни мардуми ин деҳа ин қиссаҳоро на ҳама медонанд ва на ҳама эътироф мекунанд. Аксари мардуми ин қария бар онанд, ки ҳазрати Хоҷа Алоуддин яке аз шогирдони орифи бузург Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд (1318-1389) мебошад ва ба ин ҷо тахминан 600-700 сол қабл омадааст. Дар ин бора ман аз Муҳаммадӣ Ҷобиров ном сокини деҳа, ки соли 1997 тақрибан беш аз 50 сол дошт, шунидам. Ба гуфтаи Муҳаммадӣ ӯ ин хабарро ҳини наврасиаш аз мулло Барот ном марди донишманди ин деҳа, ки аз тариқати тасаввуф бархурдор будааст, шунидааст.

Зиёратшоҳ, фарзанди эшони Амруллоҳ, аз деҳаи Дурбади ноҳияи Ҳисор, ки замоне мутаваллии ин зиёратгоҳ маҳсуб мешуд, низ мавҷудияти чунин фарзияро тасдиқ мекунад.

## ҲАЗРАТИ ХОҶА АЛОУДДИН СӮФӢ БУД?

Дар ҳақиқат, вақте мо ба таърихи тасаввуф, махсусан тариқати нақшбандия назар меафканем, мебинем, ки дар доираи пайравони ин тариқат, ба хусус аз ҷумлаи шогирдони Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд шахсе ҳаст, ки ӯро Хоҷа Алоуддини Аттор ном мебаранд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва ирфонӣ аз қабили "Нафаҳот-ул-унс"-и Абдураҳмони Ҷомӣ, "Рашаҳот айн - ал- ҳаёт"-и Фахриддин Алӣ ибни Ҳусайн Воизи Кошифӣ, "Хазинат-ул-асфиё"-и Муфтӣ Ғулом Сарвар, "Сафинат-ул-авлиё"-и Муҳаммади Дорошукӯҳ ва ғайра Хоҷа Алоуддини Аттор аз аҳли Хоразм буда, дар ҷавонӣ ба Бухоро меояд ва ба тариқати нақшбандия мепайвандад ва дар ин ҷода обрӯю эътибори баландро соҳиб мешавад. Баъди вафоти Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд аксаран аҳли тасаввуф ӯро ҷонишини Хоҷа Баҳоуддин эълон мекунанд. Ҳатто Хоҷа Муҳаммади Порсо ва мавлоно Яъқуби Чархӣ, ки аз шогирдони машҳури Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд буда, даҳҳо асар дар тариқати тасаввуф навиштаанд, ӯро устоди хеш номидаанд. Агарчи аз Хоҷа Алоуддини Аттор то ба замони мо асаре нарасида бошад ҳам, вале фикрҳои панду ахлоқии ӯ тавассути китобҳои шогирдонаш хеле маъруф мебошанд.

Хоҷа Алоуддини Аттор пас аз марги устодаш аз Бухоро рахт мебандад ва ба вилояти Чағониён меояд ва дар соли 802 ҳиҷрии шамсӣ мутобиқи соли 1400 мелодӣ дар Деҳнави Тирмиз ҷон ба Ҳақ месупорад. Марқади ин марди орифу порсо дар ин мавзеъ имрӯз ба зиёратгоҳи ҳазорҳо нафар ихлосмандону алоқамандони ӯ табдил гаштааст.

Ҳамин тариқ баъди овардани ин маълумот ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳазрати Хоҷа Алоуддине, ки мазораш дар Лангари Вахё мебошад, шахси дигар аст.

Дар китоби "Хазинат-ул-асфиё" муаллиф дар бораи Хоҷа Алоуддини Ғиждувонӣ маълумот дода ӯро аз ҷумлаи шогирдони Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд ном мегирад. Хоҷа Алоуддини Ғиждувонӣ дар шонздаҳсолагӣ шогирди Мир Кулол мешавад ва баъди вафоти ӯ ба даргоҳи Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд меояд. Тибқи иттилои "Сафинат-ул-авлиё" Хоҷа Алоуддини Ғиждувонӣ дар соли 852 ҳиҷрӣ вафот мекунад ва мақбарааш дар Ғиждувони Бухоро аст. Дар тасаввуф боз як Хоҷа Алоуддини Ҳиравӣ аст, ки аз асҳоби орифи бузург Садриддини Кошғарӣ, падарарӯси Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ будааст.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар китоби "Нафаҳот-ул-унс" қиссаеро дар бораи шайх Алоуддини Хоразмӣ меорад. Имом Абдуллоҳ -ал - Ёфеъӣ аз машоихи асри 14 буда, таснифоте аз қабили "Таърихи миръот-ул-

ҷинон ва ибрат-ул-яқзон фӣ маърифати ҳаводис-уз-замон", "Равзат-ул-раёҳин фӣ ҳикоёт-ус-солеҳин", "Дурр-ун - назми фи фазоил -ул-Қуръон ул-азим" доштаст ва ашъори хубе низ гуфтааст. Тибқи баъзе аз ишораҳо дар "Нафаҳот-ул-унс" Имом Абдуллоҳи Ёфеъӣ аз Ҳиҷоз буда, ба шайх Алоуддини Хоразмӣ ҳаққи устодӣ низ доштааст.

Мавлоно Ҷомӣ бо истинод ба ҳамин Имом Ёфеъӣ менависад, ки шайх Алоуддини Хоразмӣ муддати 12 рӯз бо як вузӯъ намоз мегузорид, понздаҳ сол паҳлӯ бар замин нагузошта буд. Маъмулан чандин рӯз таом намехӯрд ва агар мехӯрд чизе хеле кам. Ба гуфтаи Имом Ёфеъӣ шайх Алоуддини Хоразмӣ ба ӯ боре гуфтааст, ки замоне дар як маконе аз соҳилҳои Рум гӯшаеро ихтиёр карда будам. Чун рӯзи иди Фитр буд, аз мақари ист барои хондани намоз хориҷ шуда будам. Чун ба хона баргаштам одамеро дидам, ки дар хилвати ман намоз мегузорад. Ва аҷибаш ин буд, ки болои реге, ки бар дари хилватсарои ман буд, асари пой набуд. Тааҷҷуб кардам, ки аз куҷо даромадааст. Аз ин пурсиш зор бигирист. Ман дар фикр шудам, ки барояш чи биёрам. Охир, рӯзи ид аст. Ӯ инро магар фаҳмид, ки ба ман, "Эй фалонӣ, фикр накун, ки дар ғайб аст он чи ту намедонӣ. Вале агар об дорӣ, пеши ман биёр",-гуфт. Бархостам, ки об биёрам. Дидам, ки пеши косаи об, ду нони гарм ва мағзи бодоми бисёр. Онҳоро бардошта пеши ӯ бурдам. Нонро шикасту мағзи бодомро пеши

ман бирехт. Ӯ аз он мағзи бодом ба ман медоду мегуфт, бихӯр. Худаш танҳо як мағзи бодом хӯрд. Он таъом дар назарам хеле бомазза намуд. Ӯ магар тааҷҷуби маро пай бурд, ки гуфт, ки дар ҳайрат набошам, зеро Худоро бандагоне ҳастанд, ки ҳар ҷой, ки бошанд, ҳарчи хоҳанд, дарёбанд. Тааҷҷубам зиёдтар шуд. Боз пешат хоҳам омад, иншоаллоҳи таъоло. Ва аз пеши ман бирафт. Аз моҳи шаввол 7 рӯз гузашта буд, ки омад ва бо ман аҳди ухувват( бародарӣ) баст".

Дар бораи шайх Алоуддини Хоразмӣ дар "Нафаҳотул-унс"-и Абдураҳмони Ҷомӣ маълумоти дигаре нест.

Кадоме аз ин шахсиятҳои маъруфе, ки зикри номашон дар сарчашмаҳои мазкур рафт, метавонад он бузургворе бошад, ки марқадаш дар қисмати кӯҳии деҳаи Лангари Вахё ҷойгир шудааст?

## ХОҶА АЛОУДДИН ХОРАЗМИСТ?

Ҳамин тариқ бо такя ба он маълумоте, ки ба он дастрасӣ дорем, метавонем чунин фарзияҳоро дар бораи мазори ҳазрати Хоҷа Алоуддин, ки дар деҳаи Лангари Вахё ҷойгир аст, пешниҳод намоем. Дар ин ҷо мазори яке аз орифони асрҳои 14-15 мелодӣ, аз шогирдони пири тариқати Нақшбандия Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд ҷойгир шудааст. Номи ӯ Хоҷа Алоуддин будааст ва зодгоҳаш Хоразм. Дар манбаъҳои хаттии дастраси мо ду орифе бо ин ном ва аз ин макон, ки аз аҳли тасаввуф бошад, маълум аст. Яке Хоҷа Алоудди-

ни Аттор, шогирд ва ҷонишини Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд ва дигаре Хоҷа Алоуддини Хоразмӣ, ки аз он Мавлоно Ҷомӣ дар "Нафаҳот-ул-унс" ёд кардаанд. Чун дар манбаъҳои хаттӣ дақиқ мастур аст, ки Хоҷа Алоуддини Аттор дар Деҳнави Тирмиз ба хок супурда шудааст, пас даъвои он ки мазори Хоҷа Алоуддин дар Лангари Вахё буда, ин мазори ҳамон Хоҷа Алоуддини Аттор, яке аз шогирдони Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд мебошад, ин даъвои саҳеҳ нест. Пас дар ин ҷо фикри дигаре ба миён омада метавонад. Фикри он, ки дар деҳаи Лангари Вахё имкон дорад мазори Хоҷа Алоуддине, ҷойгир шуда бошад, ки дар бораи он Мавлоно Ҷомӣ дар "Нафаҳот-ул-унс" ёдовар шудаанд. Ҳарчанд замони таваллуд ва вафоти ин ориф дар асари Ҷомӣ зикр нагардида бошад ҳам, вале макони таваллуди ӯ Хоразм ишора шудааст. Ва ишора нагардидани макони ба хоксупоридани ӯ низ ба мо бештар ҳақ медиҳад, ки тахмин бизанем, ки дар деҳаи Лангари Вахё бо эҳтимоли қавӣ Хоҷа Алоуддини Хоразмӣ мақбара дорад, ки зикри ӯ дар "Нафаҳот-ул-унс" -и Мавлоно Ҷомӣ рафтааст.

Ва фарзияи сеюм ин аст, ки бузургворе, ки дар деҳаи Лангари Вахё марқад дорад, эҳтимолан тамоман шахси дигар бошад. Яъне ин ҳам Хоҷа Алоуддин ном дошта, аз Хоразм буда бошад ва низ аз шогирдони Хоҷа Баҳовуддини Нақшбанд.

Имрӯз дар даврони истиқлолият имконият фароҳам

омадааст, ки дар муқоиса бо даврони шӯравӣ бе тарсу ваҳм ба пажуҳиши ин гуна амокини муқаддас машғул шавем. Аз ин рӯ ниҳодҳое, ки ба омӯхтани таъриху фарҳанг ва илму адаби мо расман машғул ҳастанд ва аз ҳисоби андозсупор маош мегиранд, мебоист кайҳо ба ин мавзӯъҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд ва ба гӯшаҳои торики таърих рӯшанӣ меандохтанд. Ба ҳар ҳол ҳанӯз ҳам дер нашудааст. Фикр мекунам он чизеро, ки мо дар ин бобат гуфтем, аз манфиат холӣ нест. Мешавад, ки бар асоси ин гуфтаҳо ва навиштаҳо боз пештар ҳаракат кард.

# ТАЪРИХЧАИ МУХТАСАРИ ЭШОНҲОИ ВАХЁ

**Пеш аз он ки дар бораи ҳазрати Бурх ва мазори ӯ ба хонандагони гиромӣ иттилоъ бидиҳем ба мақсад мувофиқ мебуд агар дар бораи ду силсилаи эшонҳои ин водӣ, ки дар ҳаёти сиёсӣ - иҷтимоии беш аз ду сад соли ахири мардуми водии Хингоб нақши муассире доштанд, яъне силсилаи эшонҳои Ёзғанд ва эшонҳои Арзунк, маълумот бидиҳем. Хосатан барои он ки имрӯзҳо мақбараи баъзе аз ин эшонҳо ба зиёратгоҳи мардуми дуру наздик табдил ёфтаанд.**

# ЭШОНҲОИ ЁЗҒАНД

Дар бораи эшонҳои Ёзғанд маълумоти дар ин навишта овардашударо ба ҷуз аз китобҳое, ки дар феҳристи адабиёти истифодашуда омадааст, бештар аз бозмондагон ва наздикони ҳамин авлод ва ё хонадон ё афроде, ки онҳоро хуб мешинохтанд ва ё мешиносанд, гирифтаем. Агарчи аз ин авлод, шукри Худои бузург, насли зиёде боқӣ монда бошад ҳам, вале аксарияти онҳо ба ин хонадон тааллуқ доштани худро на тасдиқ ва на такзиб мекунанд. Ин як ҳолати табиӣ мебошад. Мо зиёд хондаем ва дидаем, ки дар замони шӯравӣ барои падар писарро азият додаанду барои бародар бародари дигарро. Аз ин рӯ ба хотири ҳифзи ҷону тани худ аксарияти инсонҳо аз хешовандони наздики худ, ки мавриди таъқибу фишори мақомот қарор мегирифтанд, рӯ мегардонданд. Шояд ин падидаи номатлуб танҳо хоси замони шӯравӣ набошад. Дар ҳар давру замон шояд бархе аз инсонҳо муқобили инсонҳои дигар ҳамин гуна рафтор мекарданд ва дар оянда ҳам мекунанд. Вале чун парвардаи замони шӯравӣ ҳастем ва инро бо чашми сар дидем мо наметавонем онро нодида бигирем, ҳамон тавре ки ҷиҳатҳои мусбати ин низоми давлатдориро наметавонем сарфи назар кунем.

Тақдир маро бо Саидкабир ва бародаронаш панҷ сол қабл (соли 2008) дар деҳаи Ёзғанд дар назди мақбараи ҳазрати эшони Султон ба ҳам овард. Рости гап, Саидкабирро ман пештар дар Душанбе борҳо дида будам. Дақиқтараш ба дӯкони китобфурӯшии ӯ борҳо даромада будам ва ҳатто аз дӯконаш китоб низ харида будам. Вақте ки ӯро дар сари мақбараи ҳазрати эшони Султон дидам, гумон кардам, ки ӯ низ мисли ман зоире ҳаст, ки мехоҳад аз ҷойҳои муқаддаси ин диёр дидан кунад. Чун бо хонадони эшони Султон пайванди хешу таборӣ доштанашро фаҳмидам, маро ҳиссиёти наҷибе фаро гирифт. Даррав ба ӯ худро шинос карда гуфтам, ки бисёр мехоҳам дар бораи эшони Султон маводе бинависам ва оё ӯ метавонад, ки дар ин кор ба ман мусоидат кунад? Гуфт, ки барои чунин як тасмимеро гирифтан ӯ бояд бо бародарон ва баъзе аз бузургони авлод суҳбат кунад ва аз онҳо маслиҳат бипурсад. Хулоса, мо шумораи телефонҳои якдигарро гирифта маслиҳат кардем, ки дар Душанбе ин масъаларо ҳал хоҳем кард. Ҳамин тавр баъди чанде мо дар Душанбе вохӯрдем ва ба бахти ману хонандаҳои азизам Саидкабир розигӣ дод, ки дар навиштани маводе дар бораи ин хонадон ба ман кӯмак мекунад.

Саидкабир тахминан панҷоҳ сол дорад. Писари эшони Аҳмадҷон мебошад. Падари ӯ эшони Аҳмадҷон писари эшони Саидҷалолиддин ҳаст, ки ӯро эшони Ҳоҷӣ низ гӯянд. Эшони Саидҷалолиддин писари хурдии

эшони Шайх Шаҳобиддини Валӣ мебошад. Эшони Султон низ писари ҳамин эшони Шайх Шаҳобиддини Валӣ мебошад. Яъне эшони Саидҷалолиддин бародари эшони Султон аст. Вақте ки эшони Султонро соли 1922 Фузайл Махсум ба дор мекашад, эшони Саидҷалолиддин тақрибан 22 сол доштааст. Ӯ низ минбаъд ҳаёти пурфоҷиъа ва пурмоҷароеро аз сар мегузаронад, ки баъдан шумо, хонандагони азиз, дар идомаи китоб аз он воқиф хоҳед шуд. Ҳоло ҳаминро мегӯем, ки ӯро кормандони мақомоти амниятии Тоҷикистон чанд рӯз қабл аз шурӯъи Ҷанги Бузурги Ватанӣ боздошт карда гӯё барои истинтоқ ба Тошканд мефиристанд. Аз ҳамон вақт то ба имрӯз аз эшони Саидҷалолиддин маълумоте дар даст нест. Дар вақти мафқудуласар шудани падар эшони Аҳмадҷон 23 сол доштааст. Эшони Аҳмадҷон фарзанди дуввуми эшони Саидҷалолиддин мебошад. Маълумоти диниро дар назди падар гирифтааст. Эшони Аҳмадҷон аз падар дар бораи гузаштагони ин хонадон, ба хусус, бобо ва амакҳояш қиссаҳои зиёдеро шунида, ашёи шахсии онҳоро ба ёдгор гирифта ба фарзандонаш, хосатан ба Саидкабир, онҳоро нақл кардааст. Ӯ аз Саидкабир хоҳиш карда будааст, ки ҳатман ин қиссаҳои ӯро рӯи қоғаз биёрад ва агар имконият пайдо шавад, китоб кунад. Аз ҳамкории бошавқи бародари гиромӣ, Саидкабир ман ба чунин хулоса омадам, ки ӯ низ мехост дар бораи ин хонадон маълумоти муфиде ба нашр бирасад.

## Ҳангоми ҳангомаҳомон гум шуд насабномаҳомон

Ба гуфтаи Саидкабир шаҷараи аҷдоди онҳо аз ҳазрати Имом Ҳусайн, набераи Пайғамбари гиромӣ Муҳаммад (с) шуруъ мешавад. Дар бораи сарманшаи гузаштагони мо дар матбуоти даврӣ, ҳатто дар китобҳо маълумоти начандон саҳеҳ ба нашр расидааст. Ба хусус дар китобе навиштаанд, ки гӯё аҷдоди мо аз ҳазрати Абӯбакри Сиддиқ (р) оғоз мегирад. Бино ба гуфтаҳои қиблагоҳам ин чиз ҳақиқат надорад. Падарам мегуфт, ки мо як шаҷаранома доштем, ки дар шакли як коғаз-номаи дароз буд. Дар он номи аҷдоди мо аз аввал то бобоям эшони Саидҷалолиддин сабт шуда буданд. Баъди чанд ном дар поёнтари онҳо мӯҳр гузошта мешудааст. Ҳамин шаҷараномаро солҳои сиюм ё баъдтар дар як кофтуков кормандони амниятӣ аз хона гирифта бурдаанд. Баъдан бо роҳҳои гуногун кӯшиш кардем, ки онро бозгардонем, вале дар амнияти Тоҷикистон ба мо гуфтанд, ки он шаҷаранома ҳамон вақт ба Тошканд фиристода шудааст. Он шаҷараномаро дигар ба мо барнагардонданд.

Бо вуҷуди ин мо аҷдоди худро аз эшони Рӯзимуҳаммад, ки дар деҳаи Сайидони Сағирдашт зиндагӣ мекард, ба ин тараф хубтар медонем. Эшони Рӯзиму-

ҳаммад кай ба деҳаи Сайидон омадааст ва аз кай дар ин ҷо маскун шуд, ҳамсуҳбати ман Саидкабир ин чизро намедонад. Мо низ дар ин бора маълумоти бештаре пайдо накардем.

## Сайидонро сайидон обод карданд

Деҳаи Сайидон яке аз маҳалҳои хушобу ҳавои Сағирдашт ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз ҳам он ҷо сафедорони шинондаи эшонҳо сабзу хурраманд. Нақл мекунанд, ки яке аз ҳамин сафедорҳо асои дасти эшони Авлиё Мирзораҳим, писари эшони Рӯзимуҳаммад будааст, ки бо каромоташ сабз шудааст. Эшони Авлиё Мирзораҳим бо ҳидояти падар барои таҳсили илм ба Қандаҳори Афғонистон меравад. Барои чӣ маҳз ба Қандаҳор? Касе аз ҳамсӯҳбатони ман ҳозир ба додани посухи мантиқӣ ба ин савол нашуд.

Вай чанд муддат дар назди олими бузурги исломӣ, шайх Муҳаммад Охун соҳиб дар Қандаҳор улуми исломиро фаро гирифта, баъди вафоти Муҳаммад Охун соҳиб ба деҳаашон бармегардад.

Дар бораи дар назди ин олими замон таълим гирифтани Авлиё Мирзораҳим дар китоби "Далелуссоликин"-и Абдулҳайи Муҷахарфӣ, ки баъдан аз писари эшони Авлиё Мирзораҳим эшони Шайх Шаҳобиддин дасти пир гирифтааст, чунин мисраъҳоро мехонем:

**Рабуда файз аз ин қутби ягона,**
**Муҳаммадҷон ҳамон Ғафси замона.**
**Шуда лутфи Илоҳӣ чунки ёраш,**
**Замон бигзошт андар Қандаҳораш.**

## Ошкор шудани донишмандии Авлиё Мирзораҳим

Дар деҳаи Сайидон эшони Авлиё Мирзораҳим олиму донишманд шудани худро ифшо намесозад. Баръакс, бештари вақти худро зери буттаи хуче, ки то ба имрӯз дар ин деҳа вуҷуд дорад, бо зикри Худованд ва сукут кардан мегузаронидааст. Боре ба деҳаи эшонҳо писарони устоди эшони Авлиё Мирзораҳим Муҳаммад Охун соҳиб аз Афғонистон меоянд. Онҳо бо ҳидояти модарашон ба назди эшони Авлиё Мирзораҳим омада будаанд. Зеро падарашон васият карда будааст, ки эшони Авлиё Мирзораҳим яке аз шогирдони донишманди ӯ будааст, ки гӯё дониш ва илми ӯро бо худ мукаммал ба кишвараш бурдааст. Агар фарзандони ӯ нияти олим шудан дошта бошанд, ҳатман ба Ватани эшони Авлиё Мирзораҳим бираванд ва эшони Авлиё Мирзораҳимро пайдо карда аз ӯ илм биомӯзанд. Ҳамин тариқ фарзандони Охун соҳиб ба деҳаи Сайидон омада эшони Авлиё Мирзораҳимро пайдо карда худро ба пеши пойи ӯ мепартоянд ва илтимос мекунанд, ки ба онҳо дарс гӯяд. Танҳо ҳамин вақт мардуми деҳа кӣ будани эшони Авлиё Мирзораҳимро дарк мекунад

ва ба иззату икром карданаш мепардозанд. Баъд аз ин ҳокимони маҳалҳои атроф низ аз шахсияти эшони Авлиё Мирзораҳим огоҳ шуда мекӯшанд то хизматашро ба ҷо оранд. Дар ҳамин давра як гурӯҳ муридонаш эшони Авлиё Мирзораҳим ва аҳли хонаводаи ӯро ба деҳаи Калпаки дашти Ҳасан, ки дар рӯ ба рӯи деҳаи Ёзғанд ҷойгир аст, мебаранд. Дар он ҷо масҷиду мадраса месозанд, чандин хонаҳои чилланишинӣ бунёд мекунанд. Эшони Авлиё Мирзораҳим ба таълиму тарбияи шогирдон машғул мешавад, муридони зиёде пайдо мекунад. Овозаи авлиёгии ӯ ба дуру наздик паҳн мешавад. Сӯфиҳои зиёде дар чиллахонаҳои ӯ чилла мешинанд. Дар чиллахонаҳои ӯ дар як вақт аз даҳ то понздаҳ сӯфӣ чилла менишастааст. Шогирдони зиёдеро ба воя мерасонад, ки дар назди ӯ аз шаш то ҳашт сол таълим мегирифтанд. Баъдан шогирдон ва муридонаш ӯро ба Ёзғанд даъват мекунанд. Дар ин ҷо ба ӯ заминҳои хуброчудо мекунанд, барояш боғ бунёд ва масҷиду мадраса месозанд. Мадрасаи эшони Авлиё Мирзораҳим хеле овозадор будааст. Махсусан дар давраи писари ӯ эшони Шайх Шаҳобиддини Валӣ шуҳрати ин мадраса беандоза калон шуд ва онро шахсиятҳои бузург хатм карданд. Яке аз онҳо шоири машҳури ин сарзамин Абдулҳайи Муҷахарфӣ буд, ки бо забонҳои тоҷикиву арабӣ шеър мегуфт. Хулоса, овозаи шахси олиму донишманд будани эшони Авлиё Мирзораҳим ба гӯши мири Ғарм мерасад ва ӯро ба меҳмонӣ

даъват мекунад. Ҳини меҳмондорӣ мавзееро бо номи Яхакпаст ба ӯ нишон дода пешниҳод мекунад, ки дар ҳамин ҷо зиста мардуми маҳалро ба қавле соҳибӣ кунад. Яъне ба таълиму тарбияи мардум машғул шавад. Эшони Авлиё Мирзораҳим розӣ мешавад. Эшон ҳамин тариқ ҳам дар Яхакпаст, ҳам дар Ёзғанд ва ҳам дар Янқӯрғони Кофарниҳон замин доштааст ва дар ин минтақаҳо низ зиндагӣ мекардааст. Ба навиштаи Николай Кисляков эшони Авлиё Мирзораҳим соли 1867 дар деҳаи Яхакпаст дунёи фониро падруд мегӯяд ва дар ҳамон ҷо ба хок супурда мешавад. Дар ҷанозааш шоҳи Қаротегин Шоҳ Музаффар ҳузур доштааст. Мазораш то ҳоло дар Яхакпаст побарҷост. Сарабек, ки баъди марги эшони Авлиё Мирзораҳим Қаротегинро мегирад ба одамонаш намегузорад, ба ҳурмати эшонҳо ва ё аз тарси онҳо ба Яхакпаст ҳамла кунанд.

Феълан мақбараи эшони Авлиё Мирзораҳим дар Яхакпаст макони зиёрати орифону ошиқони Худо қарор гирифтааст. Н. Кисляков дар китоби худ "О феодалах Восточной Бухары, в основном, о семьи Язгандских ишанов и их последних поколений ишана Султанхана" ("Дар бораи феодалҳои Бухорои Шарқӣ, асосан дар бораи хонаводаи эшонҳои Ёзғанд ва намояндаи ахири онҳо эшони Султонхон" дар бораи маросими ҷанозаи эшони Мирзораҳим бо истинод ба мардуми куҳансол мегӯяд, ки он хеле бошукӯҳ ва серодам гузашта будааст.

## Фарзандони эшони Авлиё Мирзораҳим

Эшони Авлиё Мирзораҳим ҳафт фарзанд дошт:

Эшони Мирафзал писари калониаш мебошад, ки ҳамагӣ якчанд моҳ баъди вафоти падар ӯ низ аз дунё мегузарад. Баъди вафоти ӯ деҳаи Калпак бар асари омадани сел аз байн меравад. Мардум омадани сел ва аз байн рафтани деҳаро ба марги бемаҳалли ду олими намоён иртибот додаанд.

Эшони Муҳаммадобид дар вақти дар қайди ҳаёт будани падараш бо ҳамроҳии бародараш эшони Шарофуддин дар деҳаи Ёзғанд зиндагӣ мекард.

Эшони Мирзо ва эшони Халифа ҳамроҳи қиблагоҳашон дар Яхакпаст хок шудаанд.

Писари хурдиашон эшони Мавлавӣ дар Янқӯрғон дар наздикиҳои мавзеи "Кирпичный" ба хок супурда шудааст.

Баъди вафоти эшони Авлиё Мирзораҳим фарзанди он кас эшони Шайх Валӣ Шаҳобиддин, ки дар Ҳисор зиндагӣ мекард, ба Ёзғанд бармегардад ва умури падарро ба дасти хеш мегирад. Эшони Муҳаммадобид, ки як шахси зоҳид ва тақводор буд ва ба воситаи парҳезгорӣ ба мартабаи авлиёгӣ расида будааст, дар бораи бародараш Шайх Валии Шаҳобиддин гуфтааст,

ки ӯ валии модарзод аст ва месазад, ки "гарди эзангӯи аспашро бо ҷорӯби миҷгон бирӯбӣ". Баъди омадани Шайх Шаҳобиддин ба Ёзғанд эшони Муҳаммадобид бо ҳамроҳии эшони Шарофуддин ба деҳаи Чаққони Ховалинг мераванд. Ба ақидае силсилаи эшонҳои Чаққон аз ҳамин эшони Муҳаммадобид писари эшони Авлиё Мирзораҳим шуруъ мешавад. Воқеан як хоҳари онҳо низ бо номи Бибии Чаққон ҳамчун табиб дар чор атрофи Кӯлоб машҳур гаштааст. Эшони Муҳаммадобид низ дар ривоҷи ислом дар Кӯлоб хизматҳои шоёне кардааст. Масҷиду мадраса сохта шогирдон ва муридони зиёде тарбия кардааст.

## Эшони Шайх Шаҳобуддини Валӣ

Эшони Шайх Шаҳобуддин чор зан дошт, ки дар маҷмӯъ аз онҳо шаш писар ва ду духтар ба дунё меоянд. Як занаш духтари Шоҳ буд. Зани дуввумаш, Халифа, духтари мансабдори қалайхумбӣ Мулло Раҳим, яке аз бачаҳои амакаш буд. Зани сеюмаш аз Қаротегин аз қишлоқи Дашти Ёвар буд. Зани чорумаш аз Ҳисор аз дараи Ромит. Зани аввалааш ҳамеша дар Ёзғанд мезист. Халифа гоҳ дар Ёзғанд ва гоҳ дар Яхакпаст буд. Зани сеюм доимо дар Яхакпаст будааст. Зани чорумаш дар Янқӯрғон мезист.

Писарони эшони Шайхи Шаҳобиддини Валӣ эшони Султон, эшони Аловуддин, эшони Ҳайдар, эшони Шоҳраҳматуллоҳ, эшони Ҳоҷӣ ( ё худ эшони Сайидч-

алолиддин С. Ҳ,) ва эшони Сулаймон мебошанд. Шайх Шаҳобиддин инчунин бо номҳои Винаск (Бибинаск) ва Вимушк (Бибимушкиниссо) ду духтар низ дошт.

Эшони Шайх Валии Шаҳобиддин кӯшиш мекард, ки ба фарзандонаш таълими хуби исломӣ диҳад. Онҳоро аз ҳамаи илмҳои замон бохабар созад. Устодон ва муаллимони онҳо аз ҳисоби уламо ва шахсиятҳои шинохтаи гирду атроф буданд. Худи эшони Шайх Шаҳобиддин донишманди хеле бузург буд. Шогирдону муридони зиёде дошт, ки аксари онҳо дар дари хонаи ӯ аз ҳашт то даҳ сол истода хизмат мекарданд, илм меомӯхтанд. Яке аз онҳо шоири зуллисонайн Абдулҳайи Муҷахарфӣ буд.

## Шайх Абдулҳайи Муҷахарфӣ

Шайх Абдулҳайи Домулло Муҳаммадсобири Абдулазим соли 1284 ҳиҷрӣ, баробар бо 1867 милодӣ дар деҳаи Муҷахарфи ноҳияи Нурободи Раштонзамин ба дунё омадааст. Гузаштагони дури ӯ аз Даҳбеди Самарқанд будаанд.

Соли 1930 Абдулҳайи Муҷахарфӣ ва писари калониаш Абдулфаттоҳ, ки он вақт сисола буд, бо туҳмат дар Оби Гарм суд ва ба ҳукми паррон маҳкум карда мешаванд. Падар писарашро як кор карда мегурезонад. Ӯ ба Афғонистон мегурезад. Баъди дар соли 1979 ба Афғонистон даромадани нирӯҳои шӯравӣ Абдулфаттоҳ ба Арабистони Саудӣ ҳиҷрат мекунад. Писари

дигари ӯ Муҳаммадикром, хушбахтон, ҳоло дар қайди ҳаёт аст ва 93 сол дорад. Яъне таваллуди ӯ соли 1920 милодӣ мебошад. Соли 1991 Муҳаммадикром барои ҳаҷ ба Макка меравад ва дар он ҷо бародари калониаш Абдулфаттоҳро мебинад. Шоир Абдулҳайи Муҷиахарфиро соли 1931 дар синни 64 -солагӣ ба қавли баъзе шоҳидон дар маҳаллаи Сариосиёи шаҳри Душанбе ба шаҳодат расонидаанд.

Ҳафт сол дар Ёзғанд таҳсили илм кардааст.

"Абдулҳайи Муҷахарфӣ дар назди эшони шайх Шаҳобиддини Валӣ дар Ёзғанд чанд муддат хизмат карда дасти пир гирифтааст. Падари Абдулҳайи Муҷахарфӣ Муфтӣ Муҳаммад Собир бо эшони Шаҳобиддин иртиботи хеле наздик доштааст. Баъд аз он ки писараш Абдулҳайи Муҷахарфӣ аз назди пираш ба деҳаи худ Чормағзак бармегардад, аз мардум дурӣ ҷуста дар як гӯшаи деҳа ду сол чилла мешинад. Аз ин кори писараш падараш дар ташвиш афтода ба назди дӯсташ, пири писараш шайх Шаҳобиддини Валӣ рафта аҳволро ба ӯ мерасонад. Шайх Шаҳобиддини Валӣ ба деҳаи Чормағзак омада шогирдаш Абдулҳайро барои ба зиндагонии муқаррарӣ баргаштан ҳидоят мекунад. Аниқтараш ӯро аз чиллахона гирифта ба масҷид меораду ба ӯ хотиррасон мекунад, ки дар тариқати нақшбандия сармашқи фаъолият шиори бузургвор Хоҷа Баҳоваддини Нақшбанд ин "дил ба ёру даст ба кор, хилват дар анҷуману сафар дар ватан" аст. Баъд аз ин даъва-

ти устодаш Шайх Абдулҳайи Муҷиахарфӣ гӯшаи узлатро тарк намуда ба ҳаёти муқаррарӣ бармегардад. Шайхи Муҷахарфӣ дар бораи устодаш ду шеър навиштааст. Яке дар шакли ғазал, дигар дар шакли қасида. Ғазал "Дар мадҳи ҳазрати пири дастгир муршиди аҳли замон соҳибдили ойинадил" ном дорад:

**Қатили теғи ишқи ҳазрати Субҳон Шаҳобиддин,**
**Адиби раҳнамоёни раҳи ирфон Шаҳобиддин.**
**Бувад соҳибдилу дарёдилу ойинаи софе,**
**Бишуста занги гарди ғайр аз ҷон Шаҳобиддин.**
**Дар ин охирзамон чун ӯ валӣ пайдо намебошад,**
**Баҳоваддини сонӣ Аҳмади даврон Шаҳобиддин.**
**Чу мардум гарчи зиннат медиҳад ӯ зоҳири худро,**
**Кунад аз аҳли зоҳир ҳоли худ пинҳон Шаҳобиддин.**
**Ба як наззорааш сад тафсия дар дил кунад зоҳир,**
**Муридонро намояд раҳ ба Ҳақ пинҳон Шаҳобиддин.**
**Бувад кашфи камолоту кароматаш зи ҳад афзун,**
**Муҳити роҳи ишқу машраби майдон Шаҳобиддин.**
**Бувад дар ҷанби нури офтоби фазли ӯ яксар,**
**Чу зарра дигарон печон маҳи тобон Шаҳобидин.**
**Киро шояд ки дар ҷанби кароматаш кунад даъво,**
**Бузургони замонанд чокарони он Шаҳобуддин.**
**Муридонаш ҳама соҳибдилу соҳибкароматанд,**
**Зи дасти дӯст нӯшанда майи ирфон Шаҳобиддин.**
**Зи ишқи Ҳақ таъоло оташе дар сина бинҳода,**
**Муҳаббат пеша дорад бо дилу бо ҷон Шаҳобиддин.**

**Биҳамдиллоҳ дар ин вақти зуҳури куфру бидъатҳо,**
**Ба лутфи Ҳақ маро шуд раҳнамои ҷон Шаҳобиддин.**
**Ғуломи шаҳсавори арсаи майдони ирфонам.**
**Муқими Ёзғанду зубдаи пирон Шаҳобиддин.**
**Дили ман доимо дар интизори як нигоҳи ӯст,**
**Бувад дар асри худ қутби ҳамон мардон Шаҳобиддин.**
**Ба ҷону дил ғуломӣ соз, Абдулҳай, агар хоҳӣ,**
**Ки роҳи маърифат ёбӣ ба нури ҷон Шаҳобиддин.**

***

## Каромоти Шайх Шаҳобиддини Валӣ

Дар ҳамин давра ҳазрати эшони шайх Шаҳобиддини Валӣ аллакай аз худ каромот нишон медод. Масалан, боре шайхи машҳури Деҳнав Сӯфӣ Аллоҳёр ӯро бо каромоташ ба Деҳнав даъват мекунад. Ҳамроҳи бархе аз муридону шогирдонаш озими Деҳнав мешавад. Вале аз сарҳад онҳоро бо баҳонае гузаштан намемонанд. Сипас бори дигар ҳазрати эшони шайх Шаҳобуддин худаш танҳо пинҳонӣ ба Деҳнав меравад. Чанд муддат дар чиллахонаҳои кӯҳии яке аз қаряҳои Деҳнав, ки масҷиди Сӯфӣ Аллоҳёр он ҷо будааст, чилланишинӣ мекунад. Се рӯз пеш аз ид аз чилла мебарояд ва ба назди имом хатиби шиносаш меояд. Имом хатиб, ки дар баробари донишманд буданаш фақир будааст, бо ҳасрат ба ӯ шикоят мекунад, ки калоншавандагони деҳа мехоҳанд дар намози ид хеши худашон-

ро, ки навакак мадрасаи Бухороро хатм карда омада будааст, пеш гузаронанд. Ҳазрати эшон танҳо боре аз яке аз калоншавандагон хоҳиш мекунад, ки бигузор дар намоз имом -хатиби фақир пеш гузарад, вале онҳо қабул намекунанд. Рӯзи ид шогирди хатмкарда намозро имоматӣ карданӣ мешавад. Ӯ баъди ният кардану "Аллоҳу Акбар" гуфтан дигар овоз намебарорад. Чанд дақиқа интизор мешаванд, вале дигар овозаш намебарояд. Сипас ӯро аз намозгоҳ хориҷ мекунанд. Эшони Шайх Шаҳобуддин дар ин вақт ба имом -хатиб ишора мекунад, ки пеш гузарад. Ҳамин тариқ намозро имом хатиби фақир имоматӣ мекунад. Баъд аз ин кор мардуми зиёде ба эшон ихлос ва бо ӯ аҳди муридӣ мебанданд. Ҳоло дар бархе аз минтақаҳои Деҳнави Ҷумҳурии Ӯзбекистон муридони эшони Шайх Шаҳобиддини Валӣ хеле зиёданд, ки ба сабаби шоҳиди як каромоти ӯ будан ба ӯ ихлос бастаанд. Яъне бо каромоташ ӯ онҳоро ба муридӣ кашидааст.

Эшони Шайх Шаҳобиддини Валӣ зимистонро дар Янқӯрғон, тирамоҳро дар Яхакпаст ва тобистонро дар Ёзғанд мегузаронидааст. Эшони Шайх Шаҳобиддини Валӣ соли 1902 дар деҳаи Ёзғанд дунёи фониро падруд гуфт.

Пеш аз маргаш Эшони Шайх эшони Султонро ҷойгузини худ таъин мекунад.

## Эшони Султон-ҷойгузини Шайх Шаҳобуддини Валӣ

Эшони Султон аз Бибӣ Халифа дар Яхакпаст таваллуд шудааст. То 10- солагиаш дар ҳамон ҷо зистааст. Баъдан ӯро ба Ёзғанд меоранд. Ӯ шояд дар охирҳои солҳои ҳафтодум ва ё аввалҳои солҳои ҳаштодуми асри 19 таваллуд шуда бошад. Чунки дар замоне, ки дар Бухоро инқилоб мешавад (соли 1920 Ҳ.С.), ӯ чилу панҷ сол доштааст, менависад Николай Кисляков. Вақти вафоти падараш эшони Султон тахминан 25-27- сола будааст.

Таълимоти ибтидоиро дар Ёзғанд дар назди муфтӣ Мулло Ҳайит ва мулло Назар ҷудо аз дигар кӯдакони Ёзғанд мегирад. Вақте синни эшони Султон ба 12 мерасад духтареро бо номи Гулбаҳор, аз духтарони эшонҳои Кӯлоб ба ӯ ба занӣ медиҳанд.

Эшони Султон умуман се маротиба издивоҷ кардааст. Зани аввалааш дар Ёзғанд мезист, дуввумаш дар Яхакпаст ва сеюмаш дар Ҳисор зиндагонӣ мекард. Аз ин се зан танҳо як духтар дошт, ки дар овони кӯдакӣ вафот мекунад.

Эшони Султон дар назди муридони падараш, ки аз олимони шинохтаи замон ба ҳисоб мерафтаанд, таълими динӣ мегирад ва ҳатто домоди яке аз онҳо мешавад.

## Эшони Султон
## ва атрофиёни ӯ

Амири вақти Бухоро ӯро ба дарбораш ба меҳмонӣ даъват мекунад. Агарчи падару бобокалони эшони Султон аз тарафи амири Бухоро қадрдонӣ шуда бошанд ҳам, вале онҳо ба Бухоро нарафта бо ӯ дидор накардаанд. Эшони Султонро махсус амир ба дарбораш даъват мекунад. Эшони Султон дар умури тиҷоратиаш одами махсусе дошт, ки ӯро Ҳасанбой меномиданд ва корҳои тиҷоратиашро ӯ пеш мебурд. Ҳасанбой аз калонтарин бойҳои минтақа ба ҳисоб мерафт. Ӯ аз кӯҳистон гову молро гирифта ба Андиҷон ва дигар шаҳрҳои калонтар бурда фурӯхта аз он ҷо молҳои саноатиро ба Хитой мебурд ва аз Хитой чизҳои дар кӯҳистон заруриро ба ин ҷо меовард. Эшони Султон бошад бо такмили илми худаш машғул буд. Ӯ асосан бо олимону сӯфиҳо муколимаву мунозира мекард. Баъзан ба саҳро баромада бо деҳқонони оддӣ суҳбатҳо менамуд ва ҳатто сари юғу испор истода гоҳҳо шахсан шудгор низ мекард. Бо истинод ба шоҳидон нақл мекунанд, ки дар як рӯз дар ҳамин Ёзғанд барои хӯроки меҳмонон ва аҳли хонавода то 5-6 бузу гӯсфанд забҳ мекардаанд. Одамони зиёди ношиносе дар хонаи эшони Султон кору зиндагонӣ мекарданд. Бархе агар ба

талаби илм омада бошанд, қисми дигар ба қасди муридшавӣ меомадаанд. Қисмати дигар хонаи эшони Султонро аз дасти золимони замон ҷои амнтар ёфта онро ҳамчун паноҳгоҳ истифода мекардаанд. Паноҳҷӯён медонистанд, ки аз хонаи эшони Султон бурдани онҳо кори чандон осоне нахоҳад буд. Бархи дигареро барои табобат меоварданд. Аксарияти онҳо баъди шифо ёфтан то дер дар хонаи эшони Султон хизмати ӯро мекарданд, баъзеашон ҳатто дигар ба ҷое намерафтанд. Реҷаи кории эшони Султон хеле ҷолиб буд. Аз ҳамаи одамон дида дертар, соатҳои яки шаб хоб мекард ва аз ҳама барвақттар, қабл аз азони намози бомдод аз хоб мехест. Намози бомдодро ҳамеша бо ҷамоат мехонд. Баъди хондани намоз бо шогирдон, бо сӯфиҳо дар баҳсу муколима мебуд. Хӯроки субҳгоҳиро низ хеле барвақт мехӯрд. Хӯрокаш ҳамеша фатири гарм, ширчой ё ширбиринҷ ва ё боз як хӯроки дигаре, ки бо ҷурғот ва шир тайёр мекарданд, буд. Ҳеҷ гоҳ баъди намози бомдод хоб намекард.Тарзи либоспӯшии махсусе дошт.Тарзи либоспӯшии эшони Султон тарзи либоспӯшии ашрофзодагони Андиҷонро ба хотир меовард. Ду ҷелаки сафедро болои ҳам мепӯшид. Миёнашро бо рӯмол мебаст. Калӯшу маҳсӣ мепӯшид. Дар сар аксаран салла мебаст. Вале вақте ки ба саҳро баромаданӣ мешуд, дар сар тоқии чоркунҷаи бахмалии сиёҳ мемонд. Одамони зиёде духтарон ва писарони худро оварда ба ҳазрати эшон назр мекарданд. Баъзеҳо духтаро-

нашонро барои табобат меоварданд ва баъди шифо ёфтан дигар намебурданд. Ихтиёри онҳоро ба дасти эшон месупурданд. Эшон баъзеи онҳоро қабул мекард баъзеи дигарро не. Агар синну солашон хурд мебуд, мегуфт, то ба воя расиданашон онҳоро ба хона бибаранд. Баъзан духтарони назршударо ба писарони назршуда никоҳ карда медод. Дар баробари никоҳ кардан ба ҳар кадоми онҳо сару тан дода ихтиёрашонро ба дасти худашон месупурд. Сипас ҳарҷо, ки мехостанд, мерафтанд. Дар замони эшони Султон боғи Ёзғанд хеле сабзу хуррам буд. Шахсан бародарони эшон омада дар он кор мекарданд. Мардуми деҳаи Шӯл бо таъмини ҳезуми хонаводаи эшонҳо машғул буд. Албатта, барои ин корашон ҳаққи заҳмат мегирифтанд. Мардуми қаряҳои Молиёни майда ва Молиёни калон бо обчакорӣ барои эшонҳо машғул буданд. Дар ҳамин ҷо аз шири буз панир тайёр мекарданд, ки берун аз водии Хингоб он хеле машҳур буд. Корҳои ҳаҷман бузургро бо воситаи ҳашар анҷом медодаанд. Масалан, вақте ки пулҳои Ёзғанд ва Чироғро аз болои дарёи Хингоб месохтанд, аз ҳашар васеъ истифода карданд. Маъмулан чорво кушта мардумро даъват карда дастҷамъӣ ин корҳоро дар муддати кӯтоҳ анҷом медоданд. Эшони Султон дар назди ҳокимони гирду атроф ва чи тавре ки гуфтем, ҳатто амир, аз обрӯю эътибори баланд бархурдор буд.

## Қиссаи ба ҳаҷ рафтани эшони Султон

Эшони Султон бо ҳамроҳии бародаронаш эшони Сулаймон, эшони Ҳайдар, эшони Алоуддин, эшони Шораҳматуллоҳ ва як марди худоҷӯе аз Роҳатӣ Мулло Маҷид ба ҳаҷ, ба зиёрати хонаи Худо мераванд. Ин қиссаро ҳоҷӣ Ширин ном мӯйсафеде аз деҳаи Пашор, ки ӯ низ ҳамроҳи онҳо будааст ва дар 84-солагӣ вафот кардааст, ба мо нақл карда буд,- мегӯяд Саидкабир.

Ба гуфтаи ҳоҷӣ Ширин бо роҳбарии эшони Султон аз ҳамин кӯҳистон ҷамъ 25 нафар ба мақсади зиёрати хонаи Худо озими Каъбатуллоҳ мешаванд. Ҳангоми ҳаракат дар биёбон дар як мавзее бо мақсади хӯрок хӯрдану дам гирифтан маъво мегиранд. Аз куҷое як аъробии қоқи дарози сиёҳ пайдо мешаваду кӣ будани роҳбари корвонро пурсон мешавад. Эшони Султон худро муаррифӣ мекунад. Он аъробӣ бо эшон бо забони арабӣ дуру дароз суҳбат мекунад. Сипас эшон ба ошпаз муроҷиат карда мегӯяд, ки яке аз ду деги хӯрокро ба ин мард, ки намояндаи дарвешон будааст, бидиҳад. Худ низ даст ба ҷайб бурда халтачаи тиллояшро бароварда аз он як мушт тилло гирифта ба он марди аъробӣ медиҳад. Дар ҳамин вақт эшони Сулаймон ӯро сарзаниш карда мегӯяд, ки "ҳазра-

ти эшон, ин чӣ коре ҳаст, ки мекунӣ? Дар пеш роҳи дароз дорем ва ин биёбон на ҷои чунин саховатмандист". Эшон ба сӯяш танҳо як табассуми маънидоронае мекунаду чизе намегӯяд.

Ҳамагӣ чанд соат пас аз назди онҳо гурӯҳи калони зоирин бо роҳбарии як бойбачаи қӯқандӣ савори чордаҳ асп ва мусаллаҳ бо камонҳои панчтира гузаштанӣ мешаванд. Эшони Султон сари роҳи онҳо баромада ба саворaҳо пешниҳод мекунад, ки шабро бо онҳо рӯз кунанд ва фардо якҷо сафарро идома диҳанд. Зеро амнияти роҳ чандон хуб нест. Вале он бойбачаи қӯқандӣ бо ишора ба камонҳои худ гуфтааст, ки касе ҷуръати бо онҳо рӯ ба рӯ шуданро нахоҳад кард. Сипас бойбача бо дархост ва гирифтани дуъо аз ҳазрати эшон ба роҳи худ идома медиҳад. Рӯзи дигар баъди хондани намози бомдод эшони Султон бо ҳамраҳонаш ба роҳи худ идома медиҳанд. Тақрибан як фарсах роҳро тай карда будаанд, ки садои нолиши мардеро мешунаванд. Чун ба назди он марди нолишкунанда мерасанд, манзараи мудҳишеро мебинанд. Тамоми он саворaҳои мусаллаҳеро, ки шоми дирӯз онҳоро сиҳҳату саломат дида буданд, аз зарби шамшер ба қатл расида ёфтанд. Аз аспҳову милтиқҳо ва моли онҳо дараке набуд. Танҳо бойбачаи қӯқандӣ нимҷон нолиш мекарду халос. Дар байни эшонҳои ҳаҷкунанда эшони Ҳайдар табиби маъруф буд. Ӯ дарҳол намадеро дар замин андохта ба болояш қандеро, ки ба мақсади доругӣ майда карда бу-

данд, пошида бойбачаи қӯқандиро дар он мепечонад. Хулоса, бойбачаи қӯқандиро табобаткунон то Маккаи мукаррама мебаранд ва он ҷо аз ӯ чӣ гуна рух додани ҳодисаро пурсон мешаванд. Бойбачаи қӯқандӣ накл мекунад, ки "баъди он ки дар биёбон бо шумо дучор шудему пешниҳоди эшони Султон дар бораи шаб дар маҳфили шумо гузарониданро рад кардем, мо ба роҳи худ идома додем. Ҳамин ки тақрибан як фарсах роҳро тай кардем аз куҷое як аъробии қоқи дарози сиёҳ пайдо шуда гуфт, ки мо чанд нафар қаландарем, барои мо хайре бикунед. Мо ба ҷойи хайр кардан ӯро таҳқир карда пеш кардем. Баъди чанде буд, ки як гурӯҳи калони шамшербадастон дар раъси ҳамон аъробии қоқи дарози сиёҳ болои мо ҳамла карда ҳамаро ба ҷуз ман ба қатл расонда молу дороии моро ба яғмо бурданд. Боқимонда корҳоро шумо хуб медонед.

Баъди ин гуфтаҳои бойбачаи қӯқандӣ эшони Сулаймон аз ҷой бархоста аз эшони Султон барои суханҳои чанде пеш гуфтааш маъзарат хост. Эшони Султон маънидорона табассуме карданду чизе нагуфтанд.

Дар бораи саховатмандии эшони Султон ҳангоми сафараш ба ҳаҷ қиссаҳои зиёде гуфта шудаанд. Овозаи ин саховатмандӣ ва ҷавонмардии эшони Султон ба гӯши ҳокимони Маккаи мукаррама расида ӯро ҳурмату эҳтироми зиёде кардаанд. Тибқи маълумоти мавҷуда сафари ҳаҷи эшони Султон ва ёронаш баъди вафоти қиблагоҳаш дар соли 1902 сурат гирифтааст.

Сафари ҳаҷ як соли тамомро бар бар гирифтааст.

***

## Моҷарои қипчоқҳо

Чи тавре ки дар боло гуфта будем, эшони Авлиё Мирзораҳим бобои эшони Султонро мири Қаротегин солҳои 50-уми асри 19 ба Ғарм даъват карда деҳаи Яхакпастро ба ӯ мебахшад. Дар ин деҳа чанде пеш аз тарафҳои Бухорову Самарқанд як гурӯҳи қипчоқҳоро оварда буданд. Барои ҳамин ҳам мардуми ин деҳаро қипчоқҳо мегуфтанд. Эшони Авлиё Мирзораҳим аз Вахё муридонашро ба Яхакпаст даъват намуда ба онҳо заминҳои корамнашударо тақсим мекунад. Сол то сол сафи муридони вахёчии эшонҳои Ёзғанд дар Яхакпаст зиёд мешавад. Махсусан омадани вахёчиҳо ба Яхакпаст дар замони эшони Султон хеле зиёд мешавад. Мавқеи қипчоқиҳо дар Яхакпаст торафт танг мегардад. Онҳо аз додани ушр ба эшонҳо саркашӣ мекунанд. Эшони Султон фармон медиҳад, ки қипчоқҳое,ки ушр ва закот намедиҳанд аз замин ва хонаву дар берун карда шаванд. Бадарғаи қипчоқҳо дар соли 1914 аз деҳаи Яхакпаст ба таври оммавӣ сурат мегирад. Дар ҳамин ҳол байни муридони вахёчии эшони Султон ва қипчоқҳо задухӯрд сурат мегирад. Эшони Султон аз болои қипчоқҳо ба Қӯшбегии Ҳисор шикоят мебарад. Қӯшбегии Ҳисор 20 нафар қипчоқии Яхакпастро ба Ҳисор даъват мекунад то дар назди қозии шариат ба

саволҳо ҷавоб гӯянд. Яке аз онҳо, Одинаро, ҳабс карда ба Бухоро мефиристанд. Се нафари дигар Ҷалол, Юнус ва Ҳисорироро дар Душанбе зиндонӣ мекунанд. Тибқи ҳукми қозӣ боқимондаҳо ҳақ доштанд, ки дар Яхакпаст ба ҳайси чоряккор зиндагонӣ кунанд ва аз заминҳояшон истифода баранд. Вале аз байни ин 16 нафар се нафарашон Зайниддини Амон, Салим Самеъ ва Мирзо Хол ба Тошканд ба назди губернатори рус барои шикоят рафтанд.

Ва аммо дар Тошканд низ касе ба доди онҳо намерасад. Онҳо боз ба назди амири Бухоро даромаданӣ мешаванд. Эшони Султон аз ин нияти қипчоқҳо бохабар шуда Қӯшбегии Ҳисорро низ хабардор мекунад. Қӯшбегии Ҳисор тавассути Қӯшбегии Бухоро, ки хешаш будааст, роҳ намедиҳад, ки қипчоқҳо ба назди амир раванд Он гоҳ ба ин 16 нафар қипчоқии Яхакпаст 70 нафар ҳамшаҳриёни онҳо, ки ба Бухоро қаблан омада буданд, ҳамроҳ мешаванд. Хулоса, байни қипчоқҳову одамони Қушбегӣ задухӯрд ба амал меояд. Чанд нафар захмӣ мешавад. Гап ба гӯши Амир Олимхон мерасад ва оқибат қипчоқҳоро ба ҳузури хеш даъват мекунад. Дар асоси шикояти қипчоқҳои Яхакпаст замини эшонҳоро дар Яхакпаст ду қисм намуда як қисми онро ба қипчоқҳо ва қисми дигари онро ба эшони Султон медиҳанд. Дар Бухоро ин ҳодисаро ҳодисаи вахёчиҳо ном мебурданд. Устод Садриддин Айнӣ як рубоӣ дорад, ки дар он бо эҳтимоли зиёд ба

ҳамин ҳодиса ишора шудааст:

**Фарёд, ки моро фалаки иғвочӣ,**
**Афканд миёни мардуми балвочӣ.**
**Таърих зи рӯи ҳуш ҷӯйӣ ёбӣ,**
**Аз "воқеаи тумонии вахёчӣ".**

## Қиссаҳои бобои Мирзонаҷот дар бораи эшони Султон

Бобои Мирзонаҷоти 93- сола, ки ҷияни Ҳоҷӣ Ширин, яке аз муридон ва дӯстони наздик ва ҳатто муҳофизи эшони Султон будааст, дар сӯҳбат бо Саидкабир қиссаҳои хеле ҷолиберо дар бораи Эшони Султон ҳикоя кардааст. Бобои Мирзонаҷот дар маркази Ғарм зиндагӣ мекунад. Писараш Муҳаммад ном дорад. Бобои Мирзонаҷот мегӯяд, ки номи ӯро эшони Султон мондааст. Тағои ӯ Ҳоҷӣ Ширин то охири умраш, яъне то соли 1958 дар деҳаи Ҷарқишлоқ, феълан микрорайонҳои 82, 112, 92-и шаҳри Душанбе он ҷо қомат афрохтаанд, зиндагонӣ кардааст. Ҳоҷӣ Ширин 84 сол умр дидааст. Дар қабристони Ҷарқишлоқ ба хок супурда шудааст. Ҳоҷӣ Ширин умуман фарзанд надоштааст. Одами қавипайкари бузургҷусса будааст. Ҳамеша дар тан пӯстине аз пӯсти гӯсфанд ва ё шутур доштааст. Ба гуфтаи Ҳоҷӣ Ширин аз нақли ҷиянаш Мирзонаҷот ӯ аз пираш, яъне аз эшони Султон чор сол бузургтар будааст. Агар чунин бошад ва Ҳоҷӣ Ширин дар синни

84- солагӣ соли 1958 вафот карда бошад, пас таваллуди ӯ соли 1874 мебошад. Аз ин бармеояд, ки таваллуди эшони Султон соли 1878 аст, зеро ӯ чаҳор сол аз Ҳоҷӣ Ширин хурдтар будааст. Аз рӯйи ин ҳисоб эшони Султон агар соли 1922 ба дор кашида шуда бошад, дар он замон 44 сол умр доштааст. Ҳоҷӣ Ширин он вақт 48 сола будааст.

## Эшони Султон ва хоҳари мири манғит

Амири Бухоро намояндаи худро бо номи Мири манғит барои роҳбарӣ кардан ба минтақаи кӯҳистонии аморати Бухоро аз Бадахшон то Қалъаи Хумб ба Дарвоз мефиристад. Мири манғит аз тариқи ағбаи Хобу Рубот мехоҳад ба маркази бекигарии Дарвоз Қалъаи Хумб равад. Вақте ба Ёзғанд мерасанд ҳаво хунук мешавад ва барф мебораду ағба касногузар мегардад. Мири манғит ба муддати 18 рӯз бо аҳли аёлаш дар хонаи эшони Султон меҳмон мешавад. Ҳамроҳи Мири манғит хоҳари ҳанӯз шавҳар накардааш низ будааст. Хоҳари Мири манғит вақте эшони Султонро мебинад аз янгааш, зани Мири манғит хоҳиш мекунад, ки ба акааш гӯяд, то ӯро ба эшони Султон ба занӣ диҳад. Эшони Султон марди қоматбаланд буд ва чеҳраи зебо дошт. Мири Манғит ин хоҳиши хоҳарашро ба ҷо меорад. Дар ин байн мардум бо усули ҳашар роҳи ағбаро аз барф тоза мекунанд ва Мири манғит бо аҳли хона-

водааш ба Қалъаи Хумб меравад. Баъди шаш моҳ Мири манғитро барои мансаби баландтаре додан ба Бухоро даъват мекунанд. Дар вақти аз Ёзғанд гузаштан Мири манғит аз хонаи эшони Султон дидан мекунад ва бохабар мешавад, ки дар ин байн хоҳараш аз касалии шадиде вафот кардааст. Мири манғит ба аз беморӣ вафот кардани хоҳараш бовар намекунад ва рӯйирост даъво мекунад, ки хоҳарашро махсус куштаанд. Баъди ба Бухоро расидан Мири манғит ба назди амир Олимхон рафта аз эшони Султон шикоят мекунад. Ба гуфтаи ӯ эшони Султон хоҳарашро заҳр дода кушта будааст. Ба хотири рӯшанӣ андохтан ба қазия амир ба ҳокими Ҳисор, қушбегӣ фармон медиҳад, ки намояндаашро ба Тавилдара фиристода эшони Султонро ба Бухоро гирифта биёяд, то ин ки худаш шахсан ба тафтиши қазия машғул шавад. Намояндаи Мири Ҳисор ба Ёзғанд омада эшони Султонро ба Бухоро мебарад. Ҳамроҳи эшони Султон 20 нафар аз ҷумлаи муридон ва шайху сӯфиёни Вахё ба Бухоро мераванд Дар байни онҳо Ҳоҷӣ Ширин низ будааст. Ҳамин қиссаро ба Мирзонаҷот Ҳоҷӣ Ширин нақл кардааст. Замоне, ки эшони Султон бо ҳамраҳонаш ба Бухоро мерасанд, амир Олимхон бо қабули меҳмонони хориҷӣ банд будааст. Эшони Султон 18 рӯзро дар интизории қабули амир Олимхон мегузаронад. Билохира, амир Олимхон ӯро ба ҳузури худ даъват мекунад. Дар он вақт яке аз вазирҳои амир Олимхон эшони Сайидбур-

ҳониддин аз деҳаи Чуқураки Ховалинг будааст. Ана ҳамин шахс дар ҳузури амир Олимхон аз эшони Султон ҷонибдорӣ мекунад. Дар ҳамин суҳбат Мири манғит низ будааст. Ӯ дар суханрониҳои худаш ба эшони Султон туҳмат зада ӯро як бесаводи пойлуч меномад. Эшону сайидзода будани эшони Султонро зери суол бурданӣ мешавад. Аммо амир Олимхон худ мебинад, ки аз чеҳраи эшони Султон нур меборад ва ӯ як муршиди комилро мемонад. Ҳеҷ бовариаш намеояд, ки ҳамин гуна инсон бесавод ва бадтар аз он як бадкирдор бошад. Як рӯз баъди ҳамин мулоқот бо амир Олимхон намози Иди қурбон бояд баргузор мегардид. Амир Олимхон ба эшони Султон фармон медиҳад, ки омодагиашро бинад, фардо намозро ӯ хоҳад хонд. Дар бораи он ки эшони Султон як намози идро дар ҳузури амир Олимхон хондааст ман ҳанӯз дар даврони кӯдакиам шунида будам, Худораҳматии падарам дар ин бора бисёр ҳарф мезад. Инак, баъди нақлҳои Бобои Мирзонаҷот боз ҳамон суханҳо ба ёдам заданд,- ба ёд меорад ҳамсӯҳбати ман эшони Саидкабир.

Мақсади амир Олимхон аз пеш даровардани эшони Султон дар намози ид ин фаҳмидани масъалаи босавод будан ва набудани эшони Султон буд. Ба гуфтаи амир мантиқан агар эшони Султон босавод бошад, ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин ҷиноят даст намезанад. Агар намози идро ӯ имоматӣ карда натавонад, пас вай зери пӯшиши номи эшонзода ба корҳои нодуруст низ даст

заданаш мумкин аст. Дар сурати ёфтани ин камбудии ҷиддӣ, яъне надонистани тарзи хондани намози ид, мешавад, ки эшонро муттаҳам кард ва ҷазо дод. Сайбурҳониддини вазир аз ниятҳои амир воқиф шуда аз эшони Султон хоҳиш мекунад, ки хутба (балиғ)-ро на аз китоб, балки азёд хонад. Агар ин корро карда натавонад беҳтараш худро ба беморӣ занад. Ин ҳолатро дида муридони ҳазрати эшони Султон дар ташвиш мешаванд. Хулоса, рӯзи дигар, рӯзи ид, амир аз эшони Султон хоҳиш мекунад то намози идро имоматӣ кунад. Ҳазрати эшони Султон нахуст ба минбар баромада ба ваъзи амри маъруф ва наҳй аз мункар оғоз мекунад. Баъди хондани хутба (балиға) ва хондани намоз ба аҳли ҷамоат бо як садои форам дуову дуруд мефиристаду аз намоз хориҷ мешавад. Амир Олимхон инро дида фикру ақидааш нисбати эшони Султон тағйир меёбад. Ба ифтихори эшони Султон амир Олимхон маҳфиле меорояд. Ба ӯ муҳр, ҷома ва камарбанди қиматбаҳои аз сангҳои камёфт ороишдодаро туҳфа мекунад. Ин камарбандашро то ба имрӯз бозмондагонаш бо худ доранд. Ин камарбанд аз пашм майдабофӣ карда шудааст. Ба ҳамроҳони эшони Султон низ инъомҳои зиёде месупоранд. Ба ҳокими Ҳисор амр медиҳад, ки эшонро бо як эҳтироми комил, бо ду дасти адаб ба зодгоҳаш бурда расонда дуъояшро бигиранд. Мири манғит бошад ба хотири суханҳои нодурусташ дар ҳаққи эшони Султон аз ҳамон мансаби ваъдагӣ низ

мондааст.

Амир Олимхон эшони Султонро ҳини дар болои тахти амирӣ буданаш боз як бори дигар ба дарбораш даъват карда будааст. Маротибаи сеюм ва охирин эшони Султон бо амир Олимхон дар Душанбе соли 1920, баъди суқути аморати Бухоро вомехӯрад. Ин мулоқот дар ҳамин ҷое, ки имрӯз қасри Миллат қомат афрохтааст, баргузор гардидааст. Амир баъди аз Бухоро ба Бухорои шарқӣ фирор карданаш ба сабаби ҷавобгӯйи талаботи амниятӣ буданаш маҳз ҳамин мавзеъро дар Душанбе қароргоҳи муваққатии худ интихоб мекунад.

Зимистони солҳои 1920-21 Амир Олимхон дар ҳамин ҷо ҷаласае даъват мекунад, ки дар он амалдорони ӯ, бою эшонҳо ва фармондеҳонаш ширкат мекунанд. Дар ҳамин ҷо ба эшони Султон унвони фахрии судурро медиҳад. Барномаҳои мубориза бо болшевиконро тарҳрезӣ мекунанд.

21 феврал аскарони сурх Душанберо мегиранд. Амир ба Афғонистон мегурезад, эшони Султон ба Ёзғанд омада ба ҷанг омодагӣ мегирад. Аз Душанбе эшони Султон силоҳу муҳимот оварда буд. Амалдорони маҳаллиро дар Тавилдара ӯ ҷамъ мекунад (Қозӣ Қурбон, Ниёз Тӯқсабо, Акбар Тӯқсабо, Сайидалӣ Урок ва ғ) ва ҷиҳоди муқаддас -ғазовот эълон мекунад. Дар аввал 50 ва ё бо гуфтаи дигар 150 касро мусаллаҳ мекунад.

## Эшони Султон ва Иброҳимбек

Эшони Султон бо ҳамроҳии бародараш эшони Сулаймон ҷиҳод эълон карда камонҳоро ба муридону шогирдонашон, ки ихтиёран нияти мубориза алайҳи болшевиконро карда буданд, тавзеҳ доданд. Хулоса, то соли 1922 нирӯи мусаллаҳи бегонае натавонист бе иҷозати эшони Султон вориди ин водӣ гардад. Дар ин байн Анварпошшо, яке аз низомиёни баландрутбаи Туркия вориди Бухорои Шарқӣ мегардад ва аз сӯи яке аз фармондеҳони саркаши амир Олимхон Иброҳимбек ба зиндон андохта мешавад. Ин овоза ба гӯши амир Олимхон, ки дар ин вақт дар Афғонистон будааст, мерасад. Ӯ бо ирсоли мактубе аз фармондеҳони дар Бухорои Шарқӣ будааш хоҳиш мекунад, ки мусоидат намоянд то Анварпошшо аз зиндони Иброҳимбек озод шавад. Чунин мактубро эшони Султон низ мегирад. Эшони Султон бо ин мақсад бо 200 сарбозаш аз деҳаи Ёзғанд ба водии Ҳисор, ба пеши Иброҳимбек меояд. Иброҳимбек эшони Султонро сахт эҳтиром мекард. Аз ин рӯ натавонист, ки суханашро рад кунад. Хулоса, Иброҳимбек Анварпошшоро озод карда ба дасти эшони Султон месупорад. Дар ҳамин ҳол дар мавзее, ки наздики он имрӯз муҷассамаи Исмоили Сомонӣ қомат афрохтааст, як гарнизони Артиши Сурх мустақар буд.



*Манзараи деҳаи Лоҷирк аз болои Сари Кӯтал*



*Қиблагоҳам Ҳамади Пирак, соли 1990*



*Ҳадисамоҳ Одинаева, модарам-набераи домулло Қиёмиддин*



***Домулло Саъидҷафъари Саъидумар ва Султони Ҳамад***



***Ғулом Саноӣ аз Қундузи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон***



***Зоирин баъди зиёрати мазори ҳазрати Бурх, августи 2008***



***Куҳҳои сурху дарахтони сабзи атрофи Ҳавзи Кабуд***



***Қурбоналӣ Идрисов, донишманди тоҷик***



***Эшони Абдулбасир имом хатиби масҷиди ба номи эшони Султон***



***Мақбараи эшони Султон ва эшони Сулаймон дар деҳаи Ёзганд***



***Мазори Бурхи Валӣ солҳои 80-и асри 20-и мелодӣ***



***Мақбараи эшони Саидаҳмадҷон дар деҳаи Ёзганд***



*Манзараи байни деҳаҳои Найгуфту Дарахтак Июли 2005*



*Мақбараи эшони шайх Шаҳобиддини Валӣ дар деҳаи Ёзганд*



*Мақбараи эшони Ҳайдар дар деҳаи Ёзганд*



***Манзараи мақбараи Бурхи Валӣ аз поён***



***Манзараи Куҳистони Арзунк***



***Ҳоҷӣ Ҳуҷҷатуллоҳ Раҳматуллоев***



***Махсуми домулло Абдурашид***



***Маркази ноҳияи Тавилдара, августи соли 2005***



***Манзараи оромгаҳи Бурхи Валӣ аз поён***



***Эшони Саидкабир, Султони Ҳамад, эшони Саидбашир, эшони Абдубасир ва муридони эшонҳои Ёзганд***



***Мулло Ҳоҷӣ Саидҷаъфар писари домулло Саидумар. Соли 2006***



***Меҳроби масҷиди ҷомеи ба номи эшони Султон дар деҳаи Ёзганд***



*Намуди мазори Бурхи Валӣ аз паҳлӯ. Июли 2005*



*Назри Яздонӣ-шоир ва файласуфи маъруфи тоҷик*



*Низомиддини Муҳаммадикром-набераи Абдулҳайи Муҷахарфӣ*



***Намунаи хати Эшони Султон***



***Намунаи хати Абдулҳайи Муҷахарфӣ, ҳамсабақи эшони Султон***



***Порае аз аждаҳосанги деҳаи Алисурхун***



***Салимшо Ҳалимшо Шоири Халқии Тоҷикистон***



***Сафедорони Лоҷирк, августи 2008***



***Сӯфӣ Муҳаммадятим, ки аз ноҳияи Тоҷикобод аст, беш аз 20 сол мешавад, ки ҳар сол пиёда ба зиёрати мазори Бурхи Валӣ меояд***



*Тавилдара. Пули болои дарёи Хингоб, соли 2005*



*Талбак Садриддин-Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистии Иттиҳоди Шӯравӣ, чанд карат депутати халқии СССР*



*Бобои Исломиддин*



***Ҷое, ки нахчир забҳ шудааст***



***Эшони Абдубасир дар сурохии туте, ки аз эшони Султон ёд дорад***



***Эшон- писари домулло Қиёмиддин***



*Мӯсо Диноршоев - академики АИ ҶТ*



*Эшони домулло Ориф-*
*писари эшони домулло*
*Халифа*



*Эшони Саидаҳмадҷон*
*фарзанди эшони*
*Саидҷалолиддин*



***Мӯмин Қаноат - Шоири халқии Тоҷикистон***



***Эшони Саидкабир фарзанди эшони Саидаҳмадҷон дар даст косае, ки бо он эшони Султон хӯрок мехӯрдааст***



***Юсуф Ёқубов, узви вобастаи АИ ҶТ, доктори илмҳои таърих, бостоншиноси маъруф***



***Эшони Ҳоҷӣ Ҳурматуллоҳ Муҳтоҷов***

Анварпошшо ба эшони Султон маслиҳат медиҳад, ки ба ин гарнизон шабехун зананд. Чунин ҳамлаи ғофилгирона сурат мегирад ва Артиши Сурх аввалин бор дар Бухорои Шарқӣ дар ҳамин ҷо ба талафоти калоне дучор ва ба дарунтари водӣ маҷбур ба ақибнишинӣ мешавад. Аниқтараш фармондеҳони онҳо ба музокира пардохта ваъда медиҳанд, ки агар сарбозони амир роҳ кушоянд, ки онҳо аз муҳосира бароянд, дигар ҷанг нахоҳанд кард. Эшони Султон ба ин ваъдаҳо бовар карда ба Артиши Сурх роҳ мекушояд, ки аз муҳосира бароянд. Аз ин ғалабаи нахустин фармондеҳон ва сарбозони вафодор ба амир Олимхон рӯҳбаланд шуда барои идомаи мубориза ба водии Ҳисор меоянд. Аз ҷумла, ба қавле фармондеҳи Фарғона Шермуҳаммад, ки болшевикон ӯро Кӯри Шермат мегуфтанд, низ қисме аз сарбозони худро гирифта ба Ҳисор меояд. Махсуми Фузайл бо ҳазор сарбозаш, ки асосан аз қирғизҳои Олой иборат буданд, шахсан ба ин водӣ меояд. Хулоса, ҳамон шабу рӯз дар ин водӣ наздик ба 12 ҳазор сарбози тарафдори Амир Олимхон ҷамъ шуда буд. Дар ҷаласае, ки на ҳамаи фармондеҳон ҳузур доштанд, Анварпошшо худро фармондеҳи кулли лашкари Бухоро эълон мекунад ва бо ҳамин ба ихтилофу тафриқа миёни қумандонҳо оғоз мебахшад. Аксари фармондеҳон аз ин кори Анварпошшо норизо шуда аз ӯ худро ҷудо мекунанд. Анварпошшо қариб, ки танҳо мемонад. Эшони Султон бо сарбозонаш ба Ёзғанд меравад. Дар

Ҳисор бошад байни Иброҳимбек ва Махсуми Фузайл мунокиша ба амал омада ба задухӯрд табдил меёбад. Дар ин ҷанг Иброҳимбек тақрибан ҳазор сарбози Махсуми Фузайлро халли силоҳ карда худи ӯро ба асорат мегирад. Аз як ҳамлаи болшевикҳо ба лашкари Иброҳимбек Махсуми Фузайл истифода бурда аз зиндони ӯ мегурезад. Умуман Махсуми Фузайлро Иброҳимбек се маротиба қасди куштан мекунад, вале ду бори дигар эшони Султон намегузорад, ки ин корро Иброҳимбек дар ҳаққи Махсуми Фузайл анҷом диҳад. Эшони Султон  ҳар бор бо овардани далоил, ки ин куштор метавонад ихтилофро дар байни мубориизони зидди болшевикҳо бештар кунад, аз амалӣ шудани нияти Иброҳимбек ҷилавгирӣ мекард. Бори охирин Иброҳимбек ба эшони Султон гуфтааст, ки "Шумо ин қадар зиёд ин Махсуми Фузайлро пуштибонӣ мекунед, вале рӯзе мерасад, ки аз дасти ӯ кушта мешавед".

Хулоса, аз ин ихтилофҳо болшевикҳо моҳирона истифода бурда боз Артиши худро мукаммал карда ба ҷангҳои навбатӣ омода шуданд. Онҳо баъдтар ба тарафдорони ҳукумати амирӣ зарбаи сахт зада бархеро маҷбур карданд, ки ба манотиқи кӯҳистон ақибнишинӣ кунанд. Масалан, Анварпошшо ақибнишинӣ карда ба вилояти собиқи Кӯлоб меравад ва дар минтақаи Ховалинг бо мири Балҷувон Давлатмандбӣ алайҳи болшевикон ҷанг карда ҳарду ба шаҳодат мерасанд.

## Қиссаи музокироти эшони Султон бо фармондеҳ Мелкумов

Ба хотири ҷилавгирӣ кардан аз вуруди Артиши Сурх ба водии Хингоб эшони Султон пости размандагони худро дар Лаби Ҷар мегузорад. Фармондеҳи Артиши Сурх Яков Мелкумов бо силоҳу муҳимоти зиёд ба ҳуҷум гузашта размандагони эшонро маҷбур мекунад, ки ба самти Ҳавзи Кабуд ақибнишинӣ кунанд. Дар Ҳавзи Кабуд размандагони эшони Султон мавқеи хубтарро ишғол карда Артиши Сурхро намегузоранд, ки дигар пешравӣ кунад. Хулоса, баъди ин фармондеҳ Мелкумов ба Ғарм, ки дар дасти болшевикон будааст, рафта аз он ҷо кӯмак мегирад ва аз ду самт ба болои размандагони эшони Султон дар мавзеи Ҳавзи Кабуд ҳамла мекунад. Эшони Султон маҷбур мешавад то Тавилдара ақибнишинӣ кунад. Эшон аз пули Тавилдара гузашта онро оташ мезанад. Болшевикҳо Ёзғандро гирифта ба сабаби аз байн бурда шудани пули Тавилдара дигар наметавонанд эшони Султонро дунболагирӣ кунанд ва ноилоҷ ба музокирот мепардозанд. Мақсади асосии музокирот эълон кардани оташбас будааст. Дар ин музокирот Нусратуллоҳ Махсум миёнҷӣ будааст. Ба музокирот худи фармондеҳ Мелкумов дарёи Хингобро бо қаиқ убур карда бо ҳамроҳии чанд

нафар меояд. Ҳангоми гуфтушунид Мелкумов аз эшони Султон аз хусуси чакмани сафедаш пурсон мешавад:

- Мегӯянд шумо як чакмани сафед доред, ки аз он тир намегузарад. Мешавад, ки он чакманро ба мо намоиш диҳед. Дар ҳақиқат, мо медидем, ки тирҳоеро, ки ба сӯи шумо шиллик мекардем, ба шумо зиён намеоварданд, чаро?

Эшони Султон ба муридонаш ишора мекунад, ки чакмани сафедашро биёранд. Мелкумов он чакманро ҳайрон тагу рӯ мекунад ва мегӯяд, ки ягон сирре дар худ ниҳон надорад, як чизи оддӣ аст.

Эшони Султон баъди анҷоми гуфтушунид чакманашро ба Мелкумов туҳфа мекунад. Мелкумов дар навбати худ аз ин туҳфаи ногаҳонӣ то андозае худро гум карда даст ба силоҳи шахсиаш, ки таппончаи навъи маузер будааст, бурда онро аз ғилоф кашида ба эшони Султон туҳфа кардааст. Ин оташбас тахминан ду сол идома доштааст. Дар ин муддат эшони Султон бо эътирофи ҳукумати нав дар Ёзғанд зиндагонӣ мекардааст. Сабаби нақзи оташбас омадани Путовский ба ҳайси қумондон ба Тоҷикистон будааст.

Путовский қариб будааст, ки Нусратуллоҳ Махсумро барои ин кораш душман эълон кунад. Хулоса, баъди нақзи оташбас аз сӯи болшевикҳо тарафдорони ҳукумати амирӣ, аз ҷумла эшони Султон, бо онҳо сахт ҷанг кардааст.

## Эшони Султон ва Махсуми Фузайл

Махсуми Фузайл аз Ғарм ба эшони Султон мактуб навишта аз ӯ талаб мекунад, ки мардумро ба ҷиҳод даъват кунад ва аз ҳисоби муридону шогирдони сершумораш ба ӯ сарбоз бифиристад. Эшони Султон дар ҷавоби мактуби Махсуми Фузайл менависад, ки дигар кор аз кор гузаштааст. Идомаи ҷиҳод маънои худкуширо дорад. Дар шароите, ки мардум ба ҷуз каланд дигар силоҳе надоранд, мубориза бурдан бо як Артиши сар то по мусаллаҳ маънои ба дами марг задани худро дорад. Эшони Султон хоҳиши Махсуми Фузайлро рад мекунад. Дар ин байн ба ҷои Анварпошшои марҳум ба Бухорои Шарқӣ амир Олимхон сарлашкари дигари турк Салимпошшоро мефиристад. Салимпошшо баъди аз сарҳад гузаштан дар Дарвоз ба асорати фармондеҳи ин минтақа Диловаршоҳ меафтад. Амир Олимхон ба эшони Султон нома навишта хоҳиш мекунад, ки Салимпошшоро аз асорати Диловаршоҳ озод карда ӯро ҳамчун фармондеҳи кулл ба қумандонҳо муаррифӣ намояд. Эшони Султон Салимпошшоро аз дасти Диловаршоҳ гирифта ба Ёзғанд меорад ва дар зиёфате, ки ба ин муносибат ташкил карда буд, 11 фармондеҳи минтақа, ба ҷуз Махсуми Фузайл ширкат

меварзанд. Овозаи меҳмони эшони Султон шудани Салимпошшо ба Фузайл Махсум низ мерасад ва ин амал оташи ғазаби ӯро зидди эшони Султон аланга мебахшад. Салимпошшо низ ба мақсади мустаҳкам кардани мавқеи худ дар байни қумондонҳо аз ин ихтилофи байни эшони Султон ва Махсуми Фузайл ба манфиати хеш моҳирона истифода бурданӣ мешавад. Баъди ин Махсуми Фузайл худ ба фаъолиятҳои зидди эшони Султон шурӯъ мекунад. Ӯ дар як мактуби дигари худ аз эшони Султон даъват мекунад, ки Акбар тӯқсаборо, ки дар ағбаи Лӯлихарвӣ фаъолият карда гӯё мардумро азият медодааст, ҷазо бидиҳад. Эшони Султон ин мактубро низ гирифта аз иҷрои он худдорӣ мекунад. Зеро аввал ин ки эшони Султон далелу аснод надошт, ки собит созанд чунин корҳоро Акбар тӯқсабо кардааст ё не. Дуввум, эшони Султон ҳақ надошт, ки ҳукми қатли нафареро содир кунад, чун ӯ қозӣ набуд, ки гуноҳ доштан ва ё надоштани одамонро дайн намояд. Аз сӯи дигар Акбар тӯқсабо низ одами баобрӯ буд ва нафарҳои зиёде дар пушташ буданд. Вале дар ин байн одамони Махсуми Фузайл омада пинҳонӣ Акбар тӯқсаборо ба қатл расонда ҷасадашро дар наздикиҳои Ёзғанд дар таги санге пинҳон мекунанд. Махсуми Фузайл ба болои эшони Султон боз гуноҳҳои дигарро бор карданӣ мешавад. Якум, чаро бо болшевикҳо ва Нусратуллоҳ махсум музокира карда онҳоро гузоштааст, ки бемамониат аз Лаби Ҷар ақибнишинӣ ку-

нанд. Чаро бо онҳо то охир ҷанг накардааст? Дуввум чаро фармондеҳ Шермуҳаммадро, ки чанд муддат бо ӯ дар Ёзғанд будааст, ҳамчун душмани Фузайл ба дасти ӯ насупурдааст ва ҳатто тавассути додараш эшони Сулаймон ӯро бемамониат ба Афғонистон гуселонидааст? Дар ҷавоби иттиҳомот эшони Султон гуфтааст, ки ӯ наметавонист ҷангро зидди болшевикҳо дар Лаби Ҷар идома диҳад, зеро худаш имкони шикаст хӯрдан дошт. Дар масъалаи фармондеҳ Шермуҳаммад бошад эшони Султон гуфтааст, ки ӯ низ як бародари исломӣ буд ва идомаи ҷангро бо чунин шароит бемантиқ меҳисобид. Ӯ мехост ба Афғонистон биравад то бо омодагиҳои пурратаре ба ин ҷо баргардад. Аз тарафи дигар эшони Султон боз як бори дигар такрор кардааст, ки идомаи ҷанг дар ин шароит бо болшевикҳо натанҳо бефоида, балки бар зарари мусалмонҳост. Аз ин рӯ, мегуфт ӯ, тактикро бояд дигар кард.

***

## Қиссаи ба қатл расидани эшони Султон

Махсуми Фузайл, ки нисбат ба эшони Султон адовати шахсӣ дошт ва обрӯву манзалати рӯзафзуни эшони Султон эҳсосоти бухлу ҳасади ӯро бедор карда буданд, дар фикри аз байн бурдани эшони Султон мешавад. Баъди ба наздаш рафтани Салимпошшо ин нияти нопокашро Махсуми Фузайл тезтар амалӣ карданӣ мешавад. Зеро маълумотҳое ҳастанд, ки Салимпошшо

ихтилофи байни эшони Султон ва Фузайл Махсумро вусъат бахшидааст ва ин корро бо мақсади дар оянда сарвари ягона шудан карда будааст. Салимпошшо чун дидааст, ки аксари сарбозони Фузайлро қирғизҳои Олой ташкил медиҳанд, умед мебандад, ки дар оянда фармондеҳии онҳоро ба даст мегирад. Хулоса, дар яке аз рӯзҳои моҳи ноябри соли 1922 Фузайл Махсум бо ҳамроҳии Салимпошшо ва лашкараш аз Ғарм ба Тавилдара меоянд ва аз эшони Сулаймон, ки дар Тавилдара будааст, дар куҷо будани Акбар тӯқсаборо пурсон мешаванд. Вақте ҷавоби намедонамро мешунаванд, чанд сарбозашро барои пайдо кардани Акбар тӯқсабо мефиристад. Онҳо, ки медонистанд ҷасади Акбар тӯқсабо дар куҷо пинҳон ҳаст, рафта онро аз зери санги қаряи Ёзғанд меоранд ва эшонҳоро гунаҳкор мекунанд, ки гӯё Акбар тӯқсаборо онҳо ба қатл расондаанд. Ҳамон замон Махсуми Фузайл фармон медиҳад, ки эшони Сулаймонро ба ҳабс бигиранд. Одам равон мекунад, ки рафта эшони Султонро аз деҳаи Ёзғанд биёранд. Вақте ки сарбозони Махсуми Фузайл ба Ёзғанд расиданд, эшони Султон дар намоз будааст. Мардум кайҳо медонистаанд, ки сарбозони Фузайл барои бурдани эшони Султон омадаанд. Ҳарчанд эшони Султонро аз омадани одамони Фузайл хабардор карданд, вале ӯ хабарро ношунида гирифта то дер намоз хондааст. Баъди хориҷ шудан аз намоз ӯ бо либосҳои сафед бо ҳамроҳии одамони Фузайл ба Тавилдара меояд. Бародари дигари эшони Сул-

тон эшони Шораҳматуллоҳро низ одамони Фузайл ҳамроҳашон мегиранд. Дар Деҳи Калони Тавилдара Махсуми Фузайл бо дори омода кардааш эшони Султонро интизор будааст. Баъдҳо тасодуфан бо афғоне шинос шудам, ки бобояш дар ҳамон замон дар Тавилдара вазифаи қозигиро ба ҷо меовардааст,- мегӯяд Саидкабир. Ҳамин афғон нақл кард, ки бобоям дар вақти қатли эшони Султон дар ҳамон мавзеъ ҳузур доштааст. Вақте Фузайл мехоҳад эшони Сулаймонро ба дор овезад бобои ин афғон ба Фузайл гуфта будааст, ки "хуб, агар эшони Султон гунаҳкор бошад, пас ӯ гуноҳе дар рафтори эшони Сулаймон намебинад. Эшони Сулаймонро Фузайл бояд ҷавоб диҳад". Фузайл он вақт ба он афғон гуфта будааст, ки агар камтарин далелро медоштам барои ин шаккокият туро низ ба дор мекашидам. Вале афсӯс чунин далел надорам". Хулоса, бародарон эшони Султон ва эшони Сулаймон дар пеши Фузайл на танҳо сар хам накарданд, балки бо як виқор ба пешвози марг рафтанд. Гӯё марг ба рӯйи онҳо дарвозаи биҳиштро боз мекарда бошад. Касе дар чеҳраи онҳо осори тарсу ҳарос ва ё пушаймониро надидааст.

Дар ҳамин ҳол Мирзонаҷот ба нақл аз писари Абдураҳмон понсад, содиқтарин нафари Махсуми Фузайл чӣ гуна ба шаҳодат расидани эшони Султонро ба ин тарз ҳикоят кардааст.

Абдураҳмон понсад, ки бо чашми худ манзараи қатли эшонҳоро дидааст, ба писари худ чунин нақл

кардааст. Эшонҳо пеш аз он ки ба дор кашида шаванд хоҳиши хондани ду ракаат намозро кардаанд. Фузайл ба онҳо ин корро иҷозат додааст. Эшони Сулаймон ду ракаат намозро хонда мехезад, вале эшони Султон ҳамоно дар сукут будааст. Махсуми Фузайл аз ин кор дар изтироб меафтад. Фармон медиҳад, ки эшони Султонро аз ҷояш хезонда ба пояи дор баранд. Вақте ки навкарони Фузайл ба назди эшон омада ӯро бардоштанӣ мешаванд, мебинанд, ки барвақт ҷон ба Ҳақ таслим кардааст. Худованд дуои ӯро дар рӯйи ҷонамозаш ба иҷобат расонида мартабаи шаҳодатро насибаш мекунад. Чун ин хабарро ба Фузайл мерасонанд девонавор фарёд мезанад, ки "ба дор кашедаш гуфтам, ба дор!!!". Навкарон аз тарси ҷони худ ҷасади беҷони ҳазрати эшонро ба пойи дор бурда саросемавор ҳалқаи дорро ба гарданаш меандозанд. Дигар мунтазири фармон нашуда бандро бо тамоми қувва мекашанд. Ҷасади беҷони ҳазрати эшон ба ин тарафу он тараф алвонҷ мехӯрд. Эшони Султон дар тан куртаи дарози сафед ва эзори сафед дошт. Чун тан беҷон буд, эзори ҳазрат ба буҷулаки пояш хамидаву руст мемонад. Ҳарчанд сатри авратро куртаи дарози эшон нигоҳ медошт, вале Абдураҳмон понсад беихтиёр ба сӯйи ҷасади эшон медаваду эзори ӯро гирифта ба миёнаш мустаҳкам мекунад. Ин ҳолатро дида Фузайл сахт ба ғазаб омада фармон медиҳад, ки Абдураҳмон понсадро дастгир намуда 21 дарра зананд. "Агар ба ҷойи ту каси дигар ин корро

мекард 21 дарра не, 21 порааш мекардам"-, гуфтааст ба ӯ Махсуми Фузайл.

Нақл мекунанд, ҳамон рӯз яке аз наздикони Салимпошшо хостааст ба аспи эшони Султон савор шавад. Ба назди асп омада гуфтааст, ки "акнун султони ту манам" ва хостааст, ки даст болои пушташ гузорад, ки асп чунон шаттае ба фукаш задааст, ки косахонаи сараш аз танаш чанд метр дур паридааст. Эшони Шораҳматуллоҳро баъди як рӯзи дар зиндон нигоҳ доштан ба сабаби бегуноҳ буданаш ҷавоб додаанд. Хонаву дари тамоми эшонҳоро талаву тороҷ карданд. Ҳатто офтобаҳои таҳораткуниро бо худ бурданд.

Эшонҳоро аз тарси Махсуми Фузайл се рӯз ба хок намесупоранд. Онҳоро дар ташнови хонаи Ёр ном шахсе, ки ҳанӯз ҳам зиндааст, пинҳон мекунанд. Баъди се рӯз ҷасади онҳоро дар ҳамон Деҳи Калон ба хок месупоранд. Баъди шаш ё нӯҳ моҳ падарашон ба хоби бародарашон эшони Сайидҷалолиддин медарояд, ки мегӯяд: "писаронамро ба назди худат биёр". Эшони Сайидҷалолиддин як гов дар Ёзғанд кушта бо сӯфиҳо машварат мекунад ва розигии онҳоро гирифта бо сабаби вайрон будани купрӯки Тавилдара аз пули Чироғ гузашта ба Деҳи Калон меоянд. Дар он ҷо ҳам барзаговеро кушта ба мардум нон медиҳанд ва қабри эшонҳоро мекушоянд. Аҷибаш дар он будааст, ки ба ҷуз аз мӯйи дароз дигар дар тану чеҳраҳоии эшонҳо ягон тағйироте дида нашудааст. Онҳо одамони на-

вакак бахобрафтаро мемонданд. Вақте онҳоро аз гӯр мегиранду барои ба Ёзғанд бурдан омода месозанд, аз баданашон мисли шаҳидони аъло хун мечакад. Баъдан онҳоро бурда дар Ёзғанд ба хок месупоранд. Боре барои дидани ҳамон мавзее, ки эшонҳо аввалин бор ба хок супурда шуда буданд, яъне ба Деҳи Калон рафтем, - мегӯяд Саидкабир. Ба мо қабри эшонҳоро нишон дода гуфтанд, ки дар ҷои онҳо ду нафар ихлосмандонашонро, ки дар ноҳияи Панҷ зиндагӣ карда васият карда будаанд, ки баъди маргашон онҳоро дар гӯрҳои холишудаи эшонҳо гӯронанд, гӯрондаанд. Шояд ки ба шарофати онҳо азоби пурсиши гӯр барояшон камтар шавад,- гуфтаанд дар шарҳи васияти худ онҳо.

Баъди ба қатл расондани эшонҳо Махсуми Фузайл бо ҳамроҳии Салимпошшо ба Кӯлоб меравад. Дар Кӯлоб Салимпошшо ташаббусро ба даст гирифта беки Кӯлоб Ашӯрбекро ба дасти худаш ба қатл мерасонад. Шахсан сарашро аз тан ҷудо месозад. Фузайл ин манзараро дида дарк мекунад, ки чи хатои бузурге аз ӯ гузаштааст. Ӯ эҳсос мекунад, ки агар ҷонашро халос накунад, Салимпошшо рӯзе бо ӯ низ чунин рафтор хоҳад кард. Ва бо баҳонае ба Ҳоит омада дар он ҷо муддате ором меистад. Салимпошшо бошад бо лашкари боқимондаи Фузайл ва Ашӯрбек ба Душанбе ҳуҷум мекунад ва дар ҷанги зидди Артиши Сурх шикаст мехӯрад. Баъдан маҷбур мешавад, ки ба Афғонистон гу-

резад. Дар Афғонистон чун мефаҳманд, ки ӯ дар куштани эшонҳо даст дорад, касе ба ӯ нигоҳ намекунад. Ӯ чанд муддат мисли девонаҳо дар кӯчаҳо амир Олимхонро дашном дода мегардад. Сипас ба ватанаш Анталияи Туркия меравад. Дар он ҷо низ аз кирдорҳои ношоистаи ӯ бохабар будаанд. Ӯро ҳатто ба шаҳр даромадан намемонанд. Ӯ мехоҳад қочоқӣ вориди шаҳр шавад, ки ҳадафи тири посбонҳо қарор мегирад ва саг барин дар ватани худаш кушта мешавад.

***

## Ҷанги эшони Сайидҷалолиддин бо Махсуми Фузайл

Баъди ба шаҳодат расондани эшони Султону эшони Сулаймон бародари хурдии онҳо эшони Сайидҷалолиддин, ки тақрибан 22-24 сол дошт, тасмим мегирад, ки тавассути Кӯлоб ба Афғонистон гузашта равад. Ӯ ҳамроҳи худ 14 муридашро гирифта озими деҳаи Чаққони Ховалинг мешавад, то бо хешу табор худоҳофизӣ карда ба Афғонистон биравад. Дар ин байн ба гӯши Махсуми Фузайл ва Салимпошшо, ки баъди қатли эшони Султон ва эшони Сулаймон ба Кӯлоб рафта буданд, овоза мерасад, ки бародари хурдии эшонҳои мақтул ба қасди қасосгирӣ озими Кӯлоб шудааст. Аз ин рӯ дар роҳи ӯ пост монда ӯ ва одамонашро дастгир карданӣ мешаванд. Дар лаҳзаи охир муридони эшони Сайидҷалолиддин аз мақсади Фузайл Махсум огоҳ шуда бо одамони Фузайл ва Салимпошшо ба

ҷанг медароянд. Дар ин ҷанг ба ҷуз Сайидҷалолиддин ҳамаи 14 муриди ӯ ба шаҳодат мерасанд. Вале пеш аз ҷоми шаҳодат нӯш кардани онҳо чил нафар ҷангҷӯи Фузайл ва Салимпошшоро ба қатл мерасонанд. Худи Сайидҷалолиддин баъди ҷон ба саломат бурдан дар кӯҳҳо раҳгум мезанад ва маҷбур мешавад, ки ба водӣ фарояд. Дар водӣ боз ҳам ба дасти сарбозони Фузайл ва Салимпошшо, ки аз ҳисоби казакҳои рус будаанд, меафтад. Онҳо мехоҳанд ӯро ба назди Фузайл бубаранд, вале эшони Сайидҷалолиддин бо онҳо дар набард мешавад. Дар вақти ҷанг казакҳои рус бо шамшер чанд зарбае ба сари ӯ мезананд. Гумон мекунанд, ки баъди ин зарбаҳо ҷонаш баромадааст. Шаб ба Фузайл ин ҳодисаро нақл мекунанд. Фузайл чун аз бародари эшонҳои марҳум будани шахси бо казакҳо ҷангкарда ғофил мешавад, казакҳоро сарзаниш мекунад, ки чаро зинда ва ё мурдаашонро бо худ наёварданд. Казакҳо мегӯянд чун шаб торик аст, фардо ҷасадро хоҳанд овард. Вале Сайидҷалолиддин бо хости Худо ба ҳуш омада худро бо як азоб ба лаби дарёчае мерасонад. Аз қазо дар ҳамин лаҳзаҳо аз назди ӯ марди харсаворе мегузарад Он харсавор эшони Сайидҷалолиддинро мешиносад. Ӯ як тан аз муридони падари эшон дар ҳамин минтақа будааст. Он мард, ки шахси куҳансолу донишманд ва сӯфӣ будааст, эшони Сайидҷалолиддинро боэҳтиёт ба хар бор карда аз дарёча гузаронида ба хонааш мебарад. Ӯ мекӯшад, ки аз паси худ

осоре боқӣ нагузорад, то баъдан ӯро ба воситаи он пайдо накунанд. Дар хонааш ӯ аспхонае доштааст, ки дар кунҷи он як кулӣ (зарфи лойии калони ҷавгирӣ) дар чуқурие гузошта шуда будааст. Суфӣ аввал захмҳои эшони Сайидҷалолиддинро ба диққат шуста малҳам молида ба ӯ хӯроки гарм дода сипас наздикиҳои субҳ ӯро даруни кулӣ гузошта болои кулиро маҳкам карда аз болояш саргини аспро партофта аспро дар болои он мебандад. Субҳ Махсуми Фузайл одамонашро барои овардани ҷасади эшони Сайидҷалолиддин мефиристад. Онҳо ба ҷои воқеа омада ҳарчанд мекобанд, вале эшонро намеёбанд. Фузайл чун ин ҳолатро мебинад фармон медиҳад, ки тамоми хонаву оғилҳои мардуми гирду атрофро бодиққат бикобанд. Тамоми лашкари Махсуми Фузайл чанд рӯз ҷасади эшони Сайидҷалолиддинро меҷӯянд. Ҳатто ба хонаи ҳамон суфӣ чанд бор мераванд, аспхонаашро мекобанд, вале эшонро аз он ҷо пайдо карда наметавонанд. Сӯфӣ эшони Сайидҷалолиддинро пинҳонӣ хурду хӯрок медод, табобат мекард. Билохира, баъди гузаштани шаш ё ҳашт моҳ, вақте гирду атроф каме ором ба назар мерасад, эшони Сайидҷалолиддин аз сӯфӣ иҷозати рафтанро мепурсад. Сӯфӣ ҳарчанд мегӯяд, ки то як муддат ин ҷо бошад, ба ӯ зан медиҳанд, зиндагиаш, Худо хоҳад, хуб мешавад. Вале эшон далел пеш меорад, ки дар хона зану фарзанд дорад, шояд аҳли хонавода дар ташвиш бошанд, аз худ дарак бояд дод. Хулоса, он сӯфӣ ба эшон дуъои

сафари нек медиҳаду эшони ҳоҷӣ он хонаро бо ашки чашм тарк менамояд. Ӯ аз тариқи ағбаи Каранак аввал ба Тавилдара, сипас ба Ёзғанд меояд. Баъдан дар хоб падараш эшони Шайх Шаҳобиддин Валиро мебинад, ки ба ӯ мегӯяд "Писарҳоямро ба наздат биёр". Эшони Сайидҷалолиддин баъди овардан ва дар Ёзғанд ба хок супурдани ҷасадҳои бародарони шаҳидаш, занашро гирифта аз Ёзғанд ба водии Ҳисор меояд. Эшони Сайидҷалолиддин ошкоро маузер дар паҳлӯ ба хонаи дар Янқӯрғон будаашон меояд. Дар вақти набудани эшонҳо хонаи онҳоро ба оилаҳои афсарони рус дода будаанд. Дар он ҷо асосан занҳо ва фарзандони афсарони рус зиндагӣ мекардаанд. Вақте эшони Сайидҷалолиддин мусаллаҳ ба хонааш бармегардад ҳама дар ҳарос мешаванд ва дарров ӯро дастгир карда аз ӯ кӣ буданашро мепурсанд. Вақте мефаҳманд, ки ӯ соҳиби ҳамин хона ҳаст, иҷозаташ медиҳанд, ки дар як гӯшааш зиндагонӣ кунад. Эшони Сайидҷалолиддин хонаводааш, аз ҷумла модари пирашро низ ба ин ҳавлӣ меорад. Эшон дар хонаашон як сандуқе доштааст, ки ҳар бори кушодан аз он мусиқие садо медодаст. Ҳар боре, ки мусиқӣ садо медодааст, ҳамаи занҳо ва фарзандони афсарони рус ба хонаи онҳо медавидаанд то бубинанд, ки аз сандуқ чӣ чиз мегиранд. Худи эшон низ эҳсос мекард, ки ҳар як қадами ӯ зери назорат аст. Боре муридони ӯ бо номи сӯфӣ Зубайд ва сӯфӣ Тошӣ аз Симиганҷ ба эшон пешниҳод мекунанд, ки

Янқӯрғонро тарк намуда бо аҳли хонаводааш ба дараи Симиганҷ, ба деҳаи Дара биёяд. Хулоса, эшони Сайидҷалолиддин ба он ҷо мекӯчад ва бештари вақт ба Ӯзбекистон пеши муридони падар мерафтааст.

***

**Қиссаи татари болшевики мусулмоншуда**

Талабаи синфи ҳафт ё ҳашт будам,- мегӯяд Саидкабир. Дар хона танҳо нишаста будам, ки бачаҳои кӯча мӯйсафеди тахминан 80-90 -солаеро ба хона оварда гуфтанд, ки ин хешатон ҳаст ва шуморо мекобад. Баробари дидан он мард гирякунон маро ба оғӯш кашид ва гуфт, ки ман муриди эшони Сайидҷалолиддин мебошам. Сабаби мусалмон шудан ва мурид гаштанам эшони Сайидҷалолиддин мебошад,- гуфт ӯ. Ва сипас нақл кард, ки чӣ гуна болшевикон ӯро барои гирифтани иттилоот аз байни муллову эшонҳо тайёр карда будаанд. Ӯ агарчи татар буд, вале он замон аз ислом фарсаххо дур буд. Ӯзбек гӯён ӯро ба доираи муллоҳо ва эшонҳо ворид карда буданд. Вазифаи ӯ асосан аз ҳамин иборат будааст, ки аз гуфтору рафтори муллоҳо ва эшонҳо сари вақт роҳбарони болшевикҳоро огоҳ мекардааст. Вақтҳои ахир дар бораи эшони Сайидҷалолиддин супориш гирифта будааст. Бояд ӯро барои пурсиш дастгир мекардаанд. Эшон инро фаҳмида худро ошкор намекардааст. Як рӯз эшони Сайидҷалолиддин ба як қишлоқ омада дар хонаи муридаш меҳмон

мешавад. Аз омадани эшон хабардор шудам,- мегӯяд меҳмони омада. Вале ҳанӯз дудила будам, ки хабарро бирасонам ва ё не. Дар ҳамин вақт дар қишлоқ овоза мешавад, ки болшевикон вориди деҳа шуда хона ба хона тафтиш карда истодаанд. Рости гап, ман худ ҳайрон шудам, ки ин хабарро кӣ расонда бошад. Дидам, ки мардуми деҳа, махсусан аҳли хонае, ки ҳазрати эшон он ҷо буд, бисёр безобита шуданд. Онҳо хабарро дарҳол ба ҳазрати эшон расонданд. Ҳазрати эшон саросема нашуда ба хондани ду ракаат намози нафл шурӯъ кард. Баъди адои ду ракаат намози нафл рӯи ҳавлӣ баромад. Ҳамин ки эшони Сайидҷалолиддин рӯйи ҳавлӣ баромад ба қудрати Худовандӣ аз самти кӯҳ абре пайдо шуд, ки ба замин фаромад. Дар як лаҳза чунон тумани ғафсе қишлоқро печонд, ки дигар аз се- чор қадам дуртар касе ва чизеро намедидӣ. Эшон табассумкунон аз ҳавлӣ берун шуд. Ба ӯ гуфтам, ки "ҳазрат, ман ҳамроҳатон биравам?". Гуфт: "Лозим нест. Ту ҳоло барои онҳо даркорӣ". Эшон барвақт медонистааст, ки ман киям. Аскарони сурх омада тамоми хонаву даҳлезу аловхонаву оғилҳоро кофтанд. Вале эшонро пайдо карда натавонистанд. Баъди чанде буд, ки як муаллимеро шатта зада бурданд, ки ту моро фиреб додӣ. Хабарро ҳамин муаллим дода будааст. Ин ҳодиса эътимоди маро нисбат ба ҳазрати эшон зиёд кард. Ман бори аввал ба каромоти ӯ бовар кардам. Дафъаи дуввум бо ҳамроҳии эшон ба зиёрати мазоре

рафтанӣ шудем. Ман медонистам, ки дар роҳи ҳамон мазор мақомоти НКВД дар таги як пул пинҳонӣ дидбонгоҳе доштанд, ки касеро ки мехостанд, дар ҳамон ҷо аз байн мебурданд ва ҷасадашро ба дарё мепартофтанд. Ин хатарро танҳо вақти дар роҳ будан дарк кардам. Аз тарс араќи сафед маро пахш кард. Ин ҳолати маро ҳазрати эшон пай бурда гуфт, ки "ташвиш накашам, ҳамааш соз мешавад". Вақте аз пул мегузаштем, дидам, ки одамони дар зери он буда бо даҳони воз, панҷтираҳо дар паҳлӯяшон хоб рафтаанд. Мо ба мазор рафта зиёрат карда омадем. Аз байн қариб се соат гузашт. Онҳо ҳанӯз хоб буданд. Баъди дидани ин каромоти эшон ман тамоман ба ӯ ихлос бастам ва аз ӯ хоҳиш кардам маро ба муридӣ қабул намояд.

Ин татари собиқ болшевики мусалмоншуда тахминан шаст сол баъд як набераашро бо худ оварда буд, ки аз бозмондагони эшонҳо таълими исломӣ бигирад.

***

## Қиссаи тройка шудани эшони Сайидҷалолиддин

Соли 1937-ум буд. Эшони Сайидҷалолиддин баъди бозгашт аз Синои Деҳнави Ӯзбекистон аз пеши муридонашон дар роҳ аз сӯи мақомоти амниятии Ӯзбекистон боздошт мешавад. Ҳамроҳи ӯ чандин нафар мулло ва сӯфӣ низ будааст. Эшон муҳрҳои эшониро низ бо худ доштааст. Дар зиндони Деҳнав ӯ ба Султон ном ҳамроҳаш муҳрҳоро дода мегӯяд, ки ту имрӯз аз зиндон мебароӣ. Илтимос, ин муҳрҳоро бо худ бигир. Вақту соаташ фаро расид ман аз ту онҳоро мегирам. Султон худи ҳамон шаб аз зиндон мегурезад ва муҳрҳоро бо худ мебарад. Эшони Сайидҷалолиддинро ба зиндони Тошканд мебаранд. Ҳамон вақт маҳбусони зиндонҳо таҷриба карда будаанд, ки касеро дар муддати се рӯз агар хӯрок надода танҳо об медодаанд, он зиндонӣ ҳукми қатл доштааст ва ҳатман баъди се рӯз ӯро ба қатл мерасонидаанд. Ҳангоми ба қатлгоҳ бурдан аз паси маҳбусон як саги гирандаро "алакушкуш" мекардаанд. То маҳбуси аз гушнагӣ бемадор  аз тарси газидани саг худро тезтар ба қатлгоҳ бирасонад. Ҳамин тариқ эшони Сайидҷалолиддинро баъди се рӯзи гушна нигоҳ доштан ба кушторгоҳ бурданӣ мешаванд. Сагро аз пасаш "алакушкуш" мегӯянд. Вале саг бар-

хилофи чашмдошти соҳибаш ин даъфа оромона аз паси эшони Сайидҷалолиддин бо сари хам ба кушторгоҳ меравад. Ҳамин ки эшон дар назди девор худро омодаи паррондан мекунад, саг худро ба пеши пойи эшон партофта ба нолиш медарояду аз чашмонаш ашк ҷорӣ мешавад. Ин ҳолро зиндонбон дида дарров ба сардораш хабар медиҳад. Сардори зиндон ба ҳайрат афтода бори дигар эшонро пурсуҷӯ мекунад. Чун аз аслу насаби эшон бохабар мешавад, дигар ҷуръат намекунад, ки ҳукми қатлро ба иҷро расонад. Баръакс, боре ӯро ба назди худ даъват карда ҳуҷҷатҳои як шахси тамоман бегонаро ба ӯ дода хоҳиш мекунад, ки тезтар аз Ӯзбекистон хориҷ шаваду дигар то чанд муддате ному насаби ҳақиқии худро аз одамон пинҳон дорад. Эшони Сайидҷалолиддин ба Тоҷикистон баргашта чанд соли дигар дар ин ҷо дар озодӣ мегардад. Вале ҳамагӣ се ё чор рӯз пеш аз саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ӯро дар наздикии собиқ бозори "Баракат" кормандони НКВД боздошт намуда ба маҳбас мебаранд. Ин дафъа низ ӯро ба ҷурми фаъолияти зиддисоветӣ ба маҳбас мекашанд. Баъди он ки шаби аввалро дар маҳбас мегузаронад зиндонбонон ӯро субҳгоҳи рӯзи дигар ҳангомӣ таҳорат кардан дар беруни зиндон мебинанд. Ҳайрон мешаванд. Сардорони маҳбас дар ин кор аз аскарони қаторӣ гумонбар мешаванд. Онҳоро иваз мекунанд. Вале боз ду рӯзи дигар низ ин кор такрор мешавад. Писарони эшон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки

ӯро аз зиндон озод кунанд, вале ин ҳама кӯшишҳо баръабас мераванд. Боре ба онҳо хабар медиҳанд, ки падарашонро ба Тошканд фиристодаанд. Фарзандони ҳазрати эшон ӯро кофта ба Тошканд мераванд. Вале дар он ҷо ба онҳо иттилоъ медиҳанд, ки ҳазрати эшони Сайидҷалолиддинро, дар ҳақиқат, бояд ба Тошканд меоварданд. Аммо ӯ ба Тошканд нарасидааст. Ҳуҷраи ӯ дар қатораи аз Тоҷикистон омада холӣ будааст. Касе то ҳол гуфта наметавонад, ки эшони Сайидҷалолиддин куҷо шудааст. Аз ҳамон замон то имрӯз беш аз 71 сол мегузарад, вале аз ӯ хабаре нест.

## Бозмондагони эшонҳои Ёзғанд

Эшони Саидҷалолиддин тақрибан дар синни 40-41 солагӣ мафқудуласар мешавад. Аз ӯ панҷ писару як духтар боқӣ мемонад. Писаронаш эшони Муҳаммадҷон, эшони Аҳмадҷон, эшони Саидакбар, эшони Саиданвар ва эшони Саиднуриддин, духтараш Бибӣ Ҳусния мебошанд. Аз миёни фарзандони эшони Саидҷалолиддин каму беш дар бораи эшони Аҳмадҷон маълумот дорем. Эшони Аҳмадҷон дар вақти беному нишон шудани падар такриан 22-24 сол доштааст. Мушкилоти зиндагӣ ва масъулияти нигоҳубини хонавода баъди мафқудуласар шудани эшони Саидҷалолиддин асосан ба дӯши ҳамин эшони Аҳмадҷон бор мешавад. Ба воя расондан, таълим додану тарбия кардани беш

аз 10 нафар бародарону хоҳарони аз худ кӯчактар ӯро маҷбур мекарданд, ки касбу корҳои гуногунро аз худ карда тавассути он рӯзгори хешро пеш бубарад. Эшони Аҳмадҷон дар баробари он ки донишманди исломии хуб буд, ӯ ҳам деҳқониро хуб медонист, ҳам касби оҳангариро нағз аз худ карда буд. Воқеан, солҳои панҷоҳум дар Душанбе ва атрофи он як армании оҳангар буд, ки сирри сохтани плуги ҷуфткуниро аз дигар оҳангарон пинҳон медошт. Бозори ҳунараш ҳамеша гарм буд. Одамони гирду атрофи шаҳр барои сохтани плуги ҷуфткунӣ моҳҳо дар назди ӯ навбат мепоиданд. Эшони Аҳмадҷон дар як ташриф овардан ба назди ин оҳангар ва суҳбат бо ӯ ва шогирдонаш сирри сохтани плугро кашф мекунад ва худ тавлидгари ин навъ олати меҳнат мегардад ва як мушкилоти деҳқонони атрофро осон мекунад. Дар замоне, ки мардуми хешу ақрабояшон тройкашуда талош мекарданд, ки касе аз муносибати хешу таборӣ доштани онҳо бо "душманони халқ" огоҳ нашавад ва ҳамаҷиҳата онро пинҳон медоштанд, эшони Аҳмадҷон кӯшиш ба харҷ медод, ки нишонаҳое аз онҳоро ба насли баъдӣ ба ёдгор бирасонад. Ҳоло бо кӯшиши ин марди ба нангу номусу ор чанд ашёи муҳими эшони Султон, падари ӯ Шайх Шаҳобиддини Валӣ, эшони Саидҷалолиддин ва дигарон то ба рӯзҳои мо маҳфуз мондааст. Инҳо пеш аз ҳама мӯҳрҳо (печат)- и эшонҳо мебошад. Камарбанди эшони Султон, ки онро ба ӯ Амир Олимхон тӯҳфа намуда-

аст, косаи чӯбине, ки дар он Шайх Шаҳобиддини Валӣ ва эшони Султон хӯрок мехӯрданд, гарданбанди Вимушк (Бибимушкиниссо)-и, хоҳари эшони Султон, гилеме, ки дар он ҷасади эшони Султон ва эшони Сулаймонро аз Тавилдара ба Ёзғанд овардаанд, сандуқчаи хурдакаке барои нигоҳ доштани мӯҳрҳои эшонҳо низ аз ашёе мебошанд, ки ҳар як музейи шаҳрҳои калон доштани чунин экспонатҳоро орзу мекунад. Эшони Аҳмадҷон ба ҷуз он ки ин ашёро маҳфуз нигоҳ доштааст, боз қиссаву ривоятҳои ҷолиберо аз ҳаёти падару бобо ва амакҳояш ба фарзандонаш, махсусан ба эшони Саидкабир, нақл карда аз ӯ талаб кардааст, ки дар навбати худ ӯ ин қиссаҳоро на танҳо ба фарзандонаш, балки агар тавонад онро дар шакли китоб тайёр карда ба нашр бирасонад. Фарзанди дигараш эшони Абдулбасирро хононда махсус дар Ёзғанд хонадор мекунад, ки ҳавлии бобову амакҳояшро соҳибӣ кунад. Эшони Абдулбасир ба ғайр аз он ки имоми масҷиди панҷвақтаи ба номи ҳазрати Эшони Султон дар деҳаи Ёзғанд мебошад, ӯ инчунин нигоҳубини оромгоҳеро, ки дар боғи бобокалонаш Шайх Шаҳобиддини Валӣ ҷойгир шудааст ва дар он ҳамин бобокалонаш, бародарони бобои эшони Саидҷалолиддинаш эшони Султон, эшони Сулаймон, эшони Ҳайдар ва падараш эшони Аҳмадҷон ба хок супурда шудаанд, ба ӯҳда дорад. Воқеан, аз шаш фарзанди Шайх Шаҳобиддини Валӣ дар ин мазор се фарзандаш: Эшони Султон, эшони

Сулаймон ва эшони Ҳайдар гӯронда шудаанд. Тақдири эшони Саидҷалолиддинро акнун медонед. Ба қавли эшони Саидкабир, ки ба қиблагоҳаш эшони Аҳмадҷон истинод меорад, эшони Алоуддин ва эшони Шораҳматуллоҳ баъди аз сӯи Махсуми Фузайл ба қатл расидани бародаронашон эшони Султон ва эшони Сулаймон чанд муддат мавриди таваҷҷуҳи ҳукуматдорони вақт қарор мегиранд. Онҳо мехоҳанд дар бозиҳои сиёсии худ аз эшони Алоуддин ва эшони Шораҳматуллоҳ ҳамчун маводи тарғиботӣ истифода намоянд. Ба қавле эшони Шораҳматуллоҳ муддате раиси ревком (шӯрои инқилобӣ)-и ё Тавилдара ва ё Ғарм таъин мегардад. Вале бародарон чун мебинанд ва эҳсос мекунанд, ки ба онҳо ҳукуматдорон чандон боварӣ надоранд ва ҳатто маълумотҳое мерасиданд, ки онҳоро душмани халқ эълон карда ба қатл мерасонанд, онҳо зану фарзандҳои худро дар ин ҷо гузошта ба Афғонистон фирор мекунанд ва дар ҳамон ҷо вафот мекунанд ва ба хок супурда мешаванд.

## ЭШОНҲОИ АРЗУНК

Дар байни эшонҳои ҷумҳурӣ эшонҳои Арзунки водии Вахё низ мавқеъ ва мартабаи хоси худро доранд. Онҳо низ ба мисли эшонҳо ва саидҳои дигар дар ин боваранд, ки аҷдодашон аз хотамул анбиё, Муҳаммад Пайғамбар (с) оғоз мегирад. Дар хусуси кай ва чӣ гуна дар деҳаи Арзунки водии Вахё маскун шудани эшонҳо мо аз писари калонии эшони домулло Халифа-яке аз рӯҳониёни маъруфи муосири ин водӣ шодравон эшони домулло Нурмуҳаммад маълумоти зеринро гирифтем. Тахминан 200 сол пеш дар вулусволии Баҳораки Бадахшони Афғонистон се бародар аз аҳли эшонҳо бо номҳои эшони домулло Нурмуҳаммад, эшони домулло Шомуҳаммад ва эшони домулло Назармуҳаммад зиндагӣ мекардаанд. Ин ҳар се дар баробари саидзода будан инчунин аз дини мубини ислом хеле хуб бархурдор буданд ва дар таблиғи ин дини осмонӣ саҳми арзанда мегузоштанд. Боре эшони Нурмуҳаммад аз дарёи Панҷ убур намуда ба назди шоҳи Дарвоз, ки он замонҳо ҳанӯз мулки мустақил ба ҳисоб рафта водии Вахё марбути он будааст, меояд ва омодагии хешро барои таблиғи дини мубини ислом дар қаламрави ин водӣ изҳор медорад. Шоҳи Дарвоз ӯро ба водии Вахё мефиристад. Зеро Миршодӣ ном як сокини деҳаи

Арзунки Вахё чанде пештар аз шоҳи Дарвоз хоҳиш карда будааст, ки ба деҳаи онҳо ба хотири таблиғи дини мубини ислом олимеро бифиристад. Деҳаи Арзунк яке аз қаряҳое мебошад, ки дар доманаи баландтарини кӯҳи минтақа, қуллаи Исмоили Сомонӣ, ки дар гузашта бо номи қуллаи Сталин, баъд Коммунизм (баландиаш 7495 метр аз сатҳи баҳр) машҳур буд, мавқеъ гирифтааст. Эшони домулло Нурмуҳаммад дар ҳамин ҷо издивоҷ намуда барои такмили дониши худ ба Бухоро сафар мекунад. Баъди хатми яке аз мадрасаҳои Бухорои шариф ба Арзунк бармегардад ва ба таблиғу тадриси дини мубини ислом машғул мешавад.

Баъди марги эшони домулло Нурмуҳаммад се фарзандаш давомдиҳандаи кори ӯ мегарданд. Инҳо эшони домулло Қосим, эшони домулло Салоҳ ва эшони домулло Қурбони Валӣ мебошанд. Аз эшони домулло Қосим эшони Раҳматуллоҳ ба дунё меояд, ки дар навбати худ соҳиби 18 фарзанд (тибқи маълумоти дигар 36 фарзанд, 18 писар ва 18 духтар) мегардад. Аз эшони домулло Салоҳ низ фарзандони зиёде ба дунё омаданд, ки авлоди онҳо то ба имрӯз дар гӯшаҳои гуногуни ҷумҳурӣ зиндагонӣ мекунанд. Эшони домулло Қурбони Валӣ фарзанд надоштааст. Дар байни эшонҳо ва умуман уламои водии Вахё эшони домулло Қурбони Валӣ машҳуртарини онҳо ба шумор меравад. Дар бораи ӯ дар байни мардуми ин диёр қиссаву ривоятҳои зиёде аз даҳон ба даҳон то ба имрӯз омада расидааст.

## Эшони домулло Қурбони Валӣ

Тибқи ин ривоятҳо, эшони домулло Қурбони Валӣ аз синни хурдсолӣ соҳиби зеҳн ва завқи баланд будааст. Маълумоти ибтидоиро аз қиблагоҳи хеш эшони домулло Нурмуҳаммад гирифта, сипас барои идомаи таҳсил ба Ҳиндустон сафар мекунад. Дар он замон, яъне дар асрҳои 17-18, бархе аз шаҳрҳои Ҳиндустон, ки феълан дар ҳудуди Покистони имрӯза ҳастанд, ба маркази таълими улуми исломӣ табдил ёфта буданд. Уламои зиёде ҳатто аз Осиёи Марказӣ, аз Бухорову Самарқанд, водии Фарғона барои такмили донишҳои худ ба ин шаҳрҳо сафар мекарданд.

Соли 2008 дар суҳбат бо нависандаи ин сатрҳо Мулло Ҳоҷӣ Ҳурматуллоҳи Неъматуллоҳ, ки 83 сол дошт, гуфт, ки аз калонсолҳои Вахё дар овони ҷавониаш шунида будааст, ки эшони домулло Қурбони Валӣ муриди Аҳмади Сарҳиндӣ, муаллифи китоби "Соҳиби мактуботи Имом Раббонӣ" мебошад. Тибқи гуфтаи Ҳоҷӣ Ҳурматуллоҳ эшони домулло Қурбони Валӣ дар мадрасаи ҳамин олим дар Сарҳинди Ҳиндустон таҳсил намуда будааст.

Рости гап, ин маълумот моро водор сохт, ки дар бораи зиндагиномаи Аҳмади Сарҳиндӣ ё худ Имом Раббонӣ маълумоте дошта бошем.Тибқи сарчашмаҳо, аз-

ҷумла китоби Кныш А. Д. "Мусулманский мистицизм", ки соли 2004 ва китоби Ҷон А. Субҳон "Суфизм его святые и святыни", ки соли 2005 дар Санкт-Петербург ба чоп расидаанд, Аҳмад Форуқи Сарҳиндӣ, яке аз сарварони вақти тариқати нақшбандия дар Ҳиндустон мебошад. Ӯ соли 1563 дар Сарҳиндӣ таваллуд шуда дар ҳамон ҷо соли 1625 дар синни 63-солагӣ аз дунё мегузарад. Эшони домулло Қурбони Валӣ бошад, тибқи ҳисобҳои тахминӣ, ки бо истифода аз шаҷаранomai эшонҳои Арзунк эҳтимолӣ ва қиёсан гирифта шудаанд, тахминан 50-100 сол баъди марги Аҳмади Сарҳиндӣ ба Ҳиндустон барои таҳсил рафтааст. Ин маълумотро чӣ гуна ба даст овардем? Ба гуфтаи эшони Ориф боре эшони Расо, падари эшони Мӯсо алайҳиррахма гуфтааст, ки вақте ки мақбараи эшони домулло Раҳматуллоҳро тармим кардаанд, аз вафоташ чил сол гузашта будааст. Эшони Расо бошад ҳамон сол, яъне соли 1900 таваллуд шуда будааст. Агар соли 1900 аз вафоти эшони домулло Раҳматуллоҳ 40 сол гузашта бошад, пас соли вафоти эшони домулло Раҳматуллоҳ 1860 будааст. Тибқи маълумоти дақиқ эшони домулло Раҳматуллоҳ 106 сол умр хӯрдааст. Пас аз ин мебарояд, ки соли таваллуди эшони домулло Раҳматуллоҳ соли 1754 будааст. Эшони Раҳматуллоҳ писари бародари эшони домулло Қурбони Валӣ, эшони домулло Қосим мебошад. Эшони домулло Қосим бошад тибқи нақли аксарияти ҳамсуҳбатҳои мо аз баро-

дараш эшони домулло Қурбони Валӣ ҳамагӣ якчанд сол фарқ доштааст. Ҳамин тариқ бо дар назардошти гуфтаҳои болоӣ ба хулосае меоем, ки эшони домулло Қурбони Валӣ шояд на дар назди худи Шайх Аҳмади Сарҳиндӣ, балки дар пеши яке аз шогирдони "Муҷаддиди алфи сонӣ" (Муҷаддиди ҳазораи дуввум), яъне Аҳмад Форуқи Сарҳиндӣ таҳсили илм, ба хусус илми тасаввуф карда бошад. Қиссаи зерин ин фикрро метавонад тақвият бахшад. Домулло Қурбони ҷавон чунон ба омӯзиши илму амалияи тасаввуф дода мешавад, ки тарзи зиндагонии дарвешону қаландаронро пеш мегирад. Чанд муддат дар ин аҳвол кӯҳу биёбонҳоро маъвои худ қарор медиҳад, бо вуҳуш якҷо зиндагӣ мекунад. Ҳамсабақон ва устодонаш ҳарчанд мекӯшанд ӯро аз ин ҳолат берун созанд, вале касе аз онҳо дар ин кор муваффақ намешавад. Сипас намояндаеро ба зодгоҳи эшони домулло Қурбони Валӣ Вахё мефиристанд то наздиконашро аз ин ҳоли эшон воқиф созанд. Баробари шунидани ин хабар яке аз бародаронаш бо номи эшони домулло Қосим барои овардани ӯ озими Ҳиндустон мешавад. Эшони домулло Қосим ҳамин ки ба мадрасаи мазкур мерасад, аз ҳамсабақони эшони домулло Қурбони Валӣ ҷои сайру гашти ӯро пурсон мешавад. Яке аз ҳамсабақон эшони домулло Қосимро ба ҳамон мавзеъ мебарад. Тибқи ҳикояти эшони домулло Нурмуҳаммади писари эшони домулло Халифа вақте ки бародари эшони домулло Қурбони Валӣ ва ҳамсаба-

қаш ба ӯ наздик мешаванд, ҳамсабақаш номи эшони домулло Қурбони Валиро гирифта садо мекунад. Эшони домулло Қурбони Валӣ, ки ришу мӯйлаб ва мӯи сараш хеле давида буданд, пойлучу сари луч дар тан либосҳои дарида, ба сӯи ҳамсабақаш ҳатто нимнигоҳе ҳам намекунад. Мисле, ки ӯро надидаву нашунидааст.

-Ана ҳамин тавр ӯ ба ҳеҷ як садои мо вокунише нишон намедиҳад. Гӯё касеро намешунавад-, бо ибрози таассуф мегӯяд ҳамсабақи эшони домулло.

Дар ин лаҳзаҳо эшони домулло Қурбони Валӣ ҳарду дасташро сӯи осмон бардошта "Ё Аллоҳ" гӯён зери лаб ҷумалотеро паст-пастак замзама мекунад.

Бародари эшони домулло Қурбони Валӣ ин вазъи додарашро дида беихтиёр бо кафи дастонаш ашкҳои худро, ки даври чашмонаш ҳалқа зада буданд, пок намуда садо мебарорад:

-Ҳазрати эшони домулло Қурбон, э биёри (бародари) ширин, ман аз ҳамин қадар раҳи дур пеши ту омадам…

Эшони Қосим ҳанӯз суханашро ба поён нарасонда буд, ки эшони домулло Қурбони Валӣ ба сӯяш нигарист ва "Ё Аллоҳ, ё Аллоҳ, ё Аллоҳ" гӯён оғӯшашро боз намуда ба сӯи бародараш равона мешавад. Эшони домулло Қосим низ бо як ҳаяҷон дастонашро боз намуда бародарашро ба оғӯш мекашад. Дар ҳамин ҳол ӯ мебинад, ки дар мӯи сар ва риши дарози бародараш ҳашароту ҷонвароне аз қабили калес маъво гирифтаанд ва дигар тоқат накарда фарзанди падар дар оғӯш

чилави гиряро сар медиҳад. Эшони домулло Қурбони Валӣ низ бародарашро сар надода талх гиря мекунад. Бад ин минвол чанд лаҳзае мегузарад. Сипас роҳ ба сӯи гармоба мегиранд. Дар роҳ ҳамсабақи эшони домулло Қурбони Валӣ аз ӯ мепурсад:

-Ҳазрати эшон, дар рафтори ту чӣ ҳикмате нуҳуфта буд, ки садоҳои мо ҳамсабақонатро намешунидиву вале ба садои бародари худ тез вокуниш нишон додӣ. Чаро чунин шуд?

Эшони домулло Қурбони Валӣ зоҳиран чун як шахсе, ки аз хоби дуру дароз навакак бедор шуда бошад, дар посух ба ин суол гуфт:

-Таи чанд муддате, ки дар ин кӯҳу дашту биёбон будам, худро мисли шахсе, ки аз нашъаи шароб маст мешаваду дигар намехоҳад чанд муддате ба ҳуш биёяд, эҳсос мекардам. Ҳарчанд шумо ва дигар ҳамсабақон мекӯшидед, вале ҳамоно дар ҳолати беҳушӣ мемондам. Бо амри Худои бузург садои фарзанди падар ва бӯи Ватан, ки ӯ бо худ оварда буд, барои ман мисли ҳамон навшодире хизмат кард, ки маъмулан барои аз ҳушрафтагон хизмат мекунад. Овози аз хурдӣ бароям шинос меҳри фарзанди падариро дар ман бедор кард ва маро аз он ҳолати мадҳушӣ баровард.

Эшони домулло Қосим ришу мӯйсари бародарашро ба тартиб даровард ва баъди чанде онҳо ба ватан баргаштанд. Маҳз дар ҳамин сарзамин баъди бозгашт аз таҳсил эшони домулло Қурбон аз худ корҳоеро нишон

медиҳад, ки мардум ва уламо ба номи ӯ дар зиндагиаш калимаи "валӣ"-ро илова менамоянд. Дар бораи баъзе аз ин корҳо мо поинтар қисса хоҳем кард, вале ҳоло биёед, бо дигар эшонҳои Вахё то он ҷое, ки маълумот дорем, шинос бишавем.

## Эшони Раҳматуллоҳ ва бозмондагони ӯ

Аз эшони Раҳматуллоҳ чи тавре ки гуфтем, 18 ва ё ба ақидаи дигар 36 фарзанд ба дунё меояд. Аксарияти фарзандони эшони домулло Раҳматуллоҳ, махсусан аз ҷинси мардон, дар марказҳои илмию фарҳангии он замон Самарқанду Бухоро ва шаҳрҳои Афғонистону Ҳиндустон таълим гирифта ба Ватан баргашта дар ин ҷо ба таблиғу тадриси дини мубини ислом машғул мешаванд. Вақте, ки майдони таблиғу тадриси динӣ дар водии Вахё бо сабаби зиёд будани уламо танг мешавад, эшони домулло Раҳматуллоҳ бо розигии мири Дарвоз баъзе аз фарзандонашро барои идомаи таблиғи ислом ба водии Ванҷу кӯҳистони Ҷиргатол мефиристад. Ба гуфтаи эшони домулло Нурмуҳаммад, як қисми эшонҳои Ванҷу Ҷиргатол аз ҳамон авлоди эшони домулло Раҳматуллоҳ мебошанд. Қисми дигари фарзандони эшони домулло Раҳматуллоҳ дар Вахё мондаанд. Як иддаъ ба марказҳои илму фарҳангии Осиёи Марказӣ ҳиҷрат намудаанд. Масалан, ба гуфтаи эшони домулло Нурмуҳаммад падари ӯ, эшони домулло Хали-

фа, фарзанди эшони домулло Суннатуллоҳ, яке аз фарзандони эшони домулло Раҳматуллоҳ мебошад. Эшони домулло Суннатуллоҳ низ дар навбати худ аз чор зан соҳиби 12 писар шудааст. Фарзандони ӯ аз қабили эшони Расо (падари худораҳматӣ эшони Мӯсо, ки 21-уми феврали соли 2013 дар ноҳияи Ҷиликӯл дунёи фониро падруд гуфт), эшони Ихтиёр, эшони Асомуддин, (модарашон кампири Лоҷуворд аз Пашмғар), эшони Мурассаъ, эшони Аловхӯҷа, (модарашон Барфак аз Ванҷ ) эшони Аҳмад (баъдан ба Ванҷ фиристода мешавад, падари эшони Адҳам) эшони Насруллоҳ (падари эшони Махсум, ки феълан дар Ҷиликӯл зиндагонӣ мекунад), эшони Насриддин (падари эшони Муфарраҳ), (модарашон аз деҳаи Нусунӣ) ва эшони домулло Халифа (фарзанди хурдии эшони Суннатуллоҳ, аз кампири Моҳпочо, духтар ва ё набераи Нуъмонбӣ) дар ривоҷи дини мубини ислом нақши боризе доштанд.

## Эшони Халифа

Бояд гуфт, ки эшони домулло Халифа, аз ҷумлаи он эшонҳои водии Вахё буд, ки дар ин солҳои ахир аз ҳама зиёд ихлосмандону муридон дошт. Баъд аз он ки сокинони водии Хинговро иҷборан ба водии Вахш муҳоҷир карданд, ӯ бо аҳли оилааш ба ноҳияи Ҷиликӯл омада чанд муддат дар он ҷо зиндагонӣ кард. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷангкунон то ба Берлин рафтааст. Ҳатто дар деворҳои Рейхстаг имзои худ-

ро гузоштааст.

Баъд дар соҳаи маориф ва хоҷагии қишлоқ дар вазифаҳои гуногун кор кардааст. Қабл аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба зодгоҳаш деҳаи Арзунк бар мегардад ва дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ кӯшишҳо ба харҷ медиҳад, ки ҳарчи тезтар дар Тоҷикистон сулҳ ба даст биёяд. Ба ҳама маълум аст, ки водии Вахё яке аз пойгоҳҳои асосии мухолифини мусаллаҳи ҳукумат дар дохили кишвар ба шумор мерафт ва то имзои Созишномаи Сулҳ дар 27-уми июни соли 1997 пайваста дар таҳти контроли нерӯҳои низомии мухолифини мусаллаҳ қарор дошт. Табиист, ки роҳбарияти низомии мухолифин асирони ҷангии худро аз ҳисоби сарбозони ҳукуматӣ дар ҳамин водӣ нигоҳ медоштанд. Дар мавриди он ки ба онҳо муносибати башардӯстона карда мешуд, саҳми эшони домулло Халифа хеле калон аст. Насиҳатҳои ӯ ба размандагони мухолифин садди роҳи рафтори нодурусти онҳо бо ин асирон мегардид. Борҳо шудааст, ки бо хоҳишу талаби ӯ роҳбарияти размандаҳои ин минтақа асиронеро, ки бемор буданд ва ё дар хонаҳояшон мушкилоте эҷод шуда буд, аз асорат раҳо кардаанд. Дар бораи ақлу заковат, дониш, обрӯю эътибори эшони домулло Халифа даҳҳо пажуҳишгароне, ки ба ин минтақа меомаданд ва бо ӯ ҳамсуҳбат мешуданд, дар осори худ ёдовар шудаанд. Мо дар ин ҷо танҳо аз баъзеи онҳо ном мебарем. Солҳои 1982-1984 ба водии Вахё Владимир Анатолиевич

Сазонов, нависандаи шинохтаи рус сафаре доштааст. Дар навиштаҳои худ дар бораи ин водӣ ӯ, аз ҷумла, аз эшони домулло Халифа ёдовар шуда менависад:

"Агар аз деҳаи Сангвор на ба тарафи ҳазрати Бурх, балки қад-қади оби Хингов сайёҳати худро ба сӯи саргаҳи ин дарёча идома бидиҳед, шумо тахминан баъди 20 километр ба деҳаи хурдакаке бо номи Арзунк мерасед. Аз он каме болотар деҳаи матруки Пашмғар мебарояд. Қуллаи ҳафтҳазорметраи кӯҳи Ғармо ва қуллаи баландтарин кӯҳ дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, қуллаи Коммунизм ба чашм мехӯранд. Дар қишлоқи Арзунк эшони Арзунк зиндагонӣ мекунад, ки мутаваллии мақбараи падари хеш мебошад... Дар бораи эшони Арзунк қиссаву ривоятҳои зиёде дар байни мардум паҳн шудааст. Ӯ дар бораи тамоми воқеаҳое, ки дар дохили водӣ рух медиҳанд, иттилои дақиқ дорад. Кӣ, аз куҷо, кай ба ин водӣ меояд, барои ӯ ҳамеша маълум аст. Ӯро дар водӣ аз хурд то бузург ҳурмат мекунанд. Бо ӯ машварат менамоянд, маслиҳат мепурсанд".

Нависандаи дигари рус Владимир Гузман дар китоби худ "Солҳои ҳаштодум" дар бораи сафари худ ба Вахё навиштааш низ ҳини ёдовар шудан аз эшони домулло Халифа ҳамин хислатҳои неки ӯро махсус қайд кардааст.

Публисисти шинохта Игор Герненский бошад дар китоби худ "Асрори Помир" эшони домулло Халифаро устоди худ номидааст. "Якумин устоди осиёгии ман

эшони Халифа, аз деҳаи Арзунк буд. Дар он солҳо дар бораи ӯ дар байни мардум қиссаву ривоятҳои зиёде паҳн шуда буд. Қисса мекарданд, ки ӯ чи гуна дар роҳи тасаввуф, яке аз тариқатҳои дини ислом устувор аст. Ин қиссаҳо чунон маро ба ваҷд оварданд, ки аз маркази Дарвоз дар сар ҳавои суҳбати эшони Халифа ба Арзунк рафтам. Мулоқот бо эшони Халифа ва қиссаҳои ӯ бароям дунёи наверо кушоданд".

Эшони домулло Халифа моҳи феврали соли 1997 дар синни 75-солагӣ ин дунёи фониро падруд мегӯяд. Феълан аз ӯ ду писар: эшони домулло Назармуҳаммад ва эшони домулло Ориф боқӣ мондаанд, ки давомдиҳандаи кори падар мебошанд. Писари калониашон эшони домулло Нурмуҳаммад тақрибан чор сол пеш ин дунёи фониро падруд гуфт. Ба гуфтаи эшони домулло Ориф падараш ҳазрати эшони Халифа солҳои охир ба навиштани таърихчаи эшонҳои Вахё машғул буд. Гоҳгоҳ шеър ҳам менавишт. Мисраъҳои зеринро соате пеш аз ҷон ба Ҳақ супурдан гуфта будааст:

**Дар ду олам сирри ишқи он Худо дорем мо,**
**Дар саноящ ин забони бо дуъо дорем мо.**
**Зиндагиву бандагӣ аз ҷумлаи тақдири ӯст,**
**Ин дам акнун ҳукми он Зот аз қазо дорем мо.**

Марқади эшони домулло Халифа дар қабристони деҳаи Арзунк, дар паҳлӯи мақбараи падараш эшони

Суннатуллоҳ, бобояш эшони Раҳматуллоҳ ва бародари бобокалонаш эшони домулло Қосим, эшони домулло Қурбони Валӣ мебошад. То ба имрӯз мардум аз кору бори эшони домулло Қурбони Валӣ қиссаҳо мекунанд. Тибқи ваъда мо низ қиссаеро дар бораи ин марди Худо пешкаши шумо мегардонем.

## Қиссаи ба Ҷиргатол рафтани эшони домулло Қурбони Валӣ

Ин қиссаро ман аз модари гиромиям Ҳадисамоҳ шунидаам. Дар навбати худ ӯ ин қиссаро дар навҷавониаш, солҳои 40-уми асри гузашта, ҳангоме, ки дар Вахё зиндагонӣ мекарданд, аз модари эшони домулло Халифа Моҳпочо ном зани оқила, ки ҳамон вақт тахминан 60 сол умр доштааст, шунидааст. Ҳамин тавр тибқи нақли модарам вақте ки эшони домулло Қурбони Валӣ ба мақсади таблиғи дини ислом ба Ҷиргатол меравад, дар он ҷо мардуми маҳал, ки асосан қирғизҳо буданд, мехоҳанд ӯро дар аввал имтиҳон кунанд, ки оё ӯ дар ҳақиқат олим ва донишманди ислом ҳаст ё не. Онҳо бо маслиҳат сагеро кушта аз гӯшти он хӯрок пухта ба пеши ӯ меоранд. Мақсад аз ин кор он будааст, ки агар ҳазрати эшони домулло Қурбони Валӣ аз гӯшти саг пухта шудани хӯрокро бифаҳмад, пас ӯ дар ҳақиқат донишманд будааст ва месазад, ки ӯро ба ҳайси пешвои мазҳабӣ қабул намоянд ва аз рӯи гуфтаҳои ӯ амал намоянд. Дар сурати ғайр ӯро ба ватанаш гусел мена-

моянд. Эшони домулло Қурбони Валӣ ин ҳолатро дарк мекунад ва бо нигоҳи маънидоронае ба атрофиён назар афканда, сипас бо он каромоти Худододии худ даст болои табақи гӯшти саг бурда чи навъе, ки қирғизҳо, маъмулан, ба ҳайвони дар сари роҳашон хобида, хитоб мекунанд, "тур" гуфтааст. Саги бирён мисле, ки то ин лаҳза хоб будааст, аз болои табақ хеста ба берун медавад. Ин манзараро дида мардуми он ҷо шӯру фарёд бардошта худро ба пеши пои эшон мепартоянд ва аз ӯ барои ин густохии хеш маъзарат мехоҳанд. Эшони домулло Қурбони Валӣ чанд муддат дар он ҷо бо таблиғи ислом машғул мешавад ва баъди тарбияи шогирдони зиёд мехоҳад ба ватанаш деҳаи Арзинки Вахё баргардад. Қирғизҳо чун аз ин нияти ҳазрати эшон воқиф мегарданд, ошуфтаҳол мешаванд, ки чунин пешвои мазҳабиеро аз даст хоҳанд дод. Онҳо умедвор будаанд, ки эшон то охири умраш ин ҷо боқӣ монда ҳатто баъди марг дар ҳамин ҷо ба хок супурда мешавад. Онҳо дар оянда аз шафоати мазори ҳазрати эшон бархурдор шуданро умедвор будаанд. Бинобар ин ба хулосае меоянд, ки ӯро бикушанд ва дар ҳамин ҷо мақбараи ӯро бунёд намуда зиёратгаҳи хеш қарор бидиҳанд. Ин нияти худро мехоҳанд аз тариқи заҳрдиҳӣ анҷом бидиҳанд. Кӯшиши ду маротиба тавассути як кампир ба ӯ заҳр додан ба нокомӣ анҷом меёбад. Ҳазрати эшон бо каромоти худ аз ин ният огаҳ мегардад ва аз хӯрдани заҳр иҷтиноб меварзад. Дафъаи сеюм заҳрро дар

чараёни як маъракае ба хӯроки ӯ меандозанд. Ин дафъа низ ӯ аз ин сӯиқасд ба ҷони худ огаҳ мегардад, вале тан ба тақдир медиҳаду он хӯроки бо захр омехтаро истеъмол мекунад. Аммо қаблан ӯ ба чанд шогирди худ мегӯяд, ки фардо баъди ҷанозаи ӯ ҳамин, ки тобутро бардоштанд, онро маҳкам бидоранд. Рӯзи дигар баъди ҷаноза якбора тобут бо ҷасади ҳазрати эшон ба ҳаво бармехезад. Шогирдоне, ки васияти ӯро гирифта дастаи тобутро сахт қапида буданд, ҳамроҳ бо тобут ба ҳаво бархостанд. Ин ҳолатро дида муридон ва ихлосмандони ҳазрати эшон чанд муддат аз пушти тобут болои замин медаванд. Барои он ки муридонаш ноумед нашаванд, ҳазрати эшон барояшон аввал саллаи худ ва баъдан тасбеҳашро таббарукӣ ба ёдгор мепартояд. Ҳамин тариқ, тобут парвозкунон ба ағбаи Кафтар, ки дар сарҳади байни Тоҷикобод ва Вахё мебошад, мерасад ва дар он ҷо ист мекунад. Сипас аз он ҷо бархоста ба тарафи Арзунк роҳ пеш мегирад. Дар поёни дашти Виромун, дар рӯ ба рӯи деҳаи Сангвор тобути ҳазрати эшон боз як бори дигар ба замин мефарояд, зеро ба гуфтае модари ҳазрати эшон ва ба қавли дигаре яке аз бародарони ӯ хабари марги ӯро фаҳмида ба истиқболи тобуташ ба ин ҷо меоянд. Ҷасади ҳазрати эшон ба ҳурмати модар ва ё бародари худ поён шуда сипас аз он ҷо то ба Арзунк тобут даст ба даст бурда мешавад. Дар ҳамин ҷое, ки тобут ба замин фаромадааст, мардуми маҳал рамзи эҳтиром ба ин дӯсти Худо

гӯшаеро обод кардаанд ва онҷоро бо меҳр қадамҷои ҳазрати эшони домулло Қурбони Валӣ номгузорӣ кардаанд. Нафароне, ки ба мақсади зиёрати мазори ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ меоянд, ҳатман дар ин ҷо ҳам як каф дуои хайр ба ҳаққи арвоҳи ин марди Худо ва тамоми гузаштагон мефиристанд.

Ҷасади ҳазрати эшони домулло Қурбони Валӣ дар зодгоҳаш деҳаи Арзунк ба хок супурда шудааст. Марқади ин олими барҷастаи ислом имрӯз ба маконе табдил ёфтааст, ки зоирин аз дуру наздик ба ин ҷо барои зиёрат меоянд.

Ҳазрати эшони домулло Қурбони Валӣ ҳамчун олими дини ислом дар тасаввуф асарҳое низ эҷод карда будааст. Шеър ҳам менавиштааст. Вале мутаассифона, намунаи осори ӯ феълан дастраси мо нагардидааст. Дар деҳаи Пашмғар як дарахти хеле куҳансоли бурс мавҷуд аст, ки дар танаи он шеъри зерин кандакорӣ карда шудааст:

**Навиштам ман дар ин бурси ягона,**
**Ки монад аз мани мискин нишона.**
**Ба ёрон алвидоъ гуфтему рафтем,**
**Ба ҷону дил дуъо гуфтему рафтем.**
**Ҳамон ёре, ки бо мо дошт улфат,**
**Нигаҳдораш Худо гуфтему рафтем.**

Мегӯянд ин шеърро қабл аз сафараш ба Ҷиргатол

дар танаи ин дарахти бурс ҳазрати эшони домулло Қурбони Валӣ навиштааст.

**Маълумоти бештареро дар бораи эшонҳои Арзунк шумо аз суҳбатҳо бо эшони домулло Ориф писари эшони домулло Халифа, мулло Ҳурматуллоҳ писари Неъматуллоҳ ва эшони домулло Махсум, ки дар замимаи ҳамин китоб оварда шудаанд, дарёфт хоҳед кард.**

# БУРХИ ВАЛӢ
# ДӮСТИ ХУДО

## КАЛИМАИ БУРХ ДАР ФАРҲАНГ ВА ЛУҒАТҲОИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Маъмулан инсон вақте калимаеро ба забон меорад, ҳамзамон бо шуури хеш мекӯшад то маънои онро дарк бикунад, бифаҳмад. Одами кунҷков агар ба маънои он дуруст сарфаҳм наравад, ба фарҳангу луғатҳои гуногун мурочиат мекунад. Мо низ мехоҳем бифаҳмем, ки калимаи «Бурх», ё чи тавре ки баъзеҳо онро «Бархиё» низ мегӯянд, дар фарҳангу луғатҳо омадааст ё не? Ва ин калима чӣ маъно дорад? Мо ба ин мақсад ба чанд луғату фарҳанги дастрасамон руҷӯъ овардем..

**«Фарҳанги Онандроҷ»,** таълифи Муҳаммадподшоҳ, мутахаллис ба "Шод" ҷилди 1, саҳ.653:

**«Барх** (бо фатҳа) - пора ва ҳисса, баъзе, бархе. Ба маънои пора-пора ва ҳисса. Чун шутури қурбониро пора-пора бурданд, онро шутури бархӣ гуфтаанд. Ва чун бархӣ ба маънои қурбонӣ аст. Ва ба маънои барқ бародари раъд омада, моҳира низ гуфтаанд ва ба маънои сиришки оташ низ бошад. Ва ба ин маънӣ ба замми аввал гуфта авлиёуллоҳ дар қадим, ки онро **Бурхи асвад** меномиданд.

**Барх** билфатҳ - афзоиш ва зиёдат ва арзонии нарх ва ғалаба ва қаҳр ва шикастани гардан ва шикастани пушт ва задани шамшер, ки баъд гӯшт бурида шавад.

**Бархоҷ** (бо фатҳа) - ба маънои дӯк».

**"Бурҳони қотеъ"**-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон, чопи Душанбе, "Адиб" 1993, ҷилди 1, саҳ.163-164:

**«Барх** - бар вазни чарх, ба маънии пора ва ҳисса ва баҳра; ва лахт ва баъз бошад; ва толоб ва истахрро низ гӯянд; ва ба маънии барқ ҳам ҳаст, ки бародари раъд аст; ва моҳира низ гӯянд; ва ба маънои сиришки оташ бошад; ва ба маънии шабнам ҳам омадааст; ва ба ин маънӣ ба замми аввал (яъне **бурх**) низ гуфтаанд.

**Бархӣ** - бар вазни чархӣ; ба маънии фидо шудан ва қурбон гардидан бошад; ва он чи дар ивази чизе ба касе диҳанд; ва ба маънии ҳисса ва баҳра ва андаке аз бисёр ҳам ҳаст».

**"Ғиёс-ул-луғат"** чопи Душанбе, "Адиб", соли 1987, ҷилди 1, саҳ.123:

«Барх - ба маънии пора ва ҳисса ва баҳра (аз "Бурҳон" ва "Латоиф", Бурхиё - номи падари Осаф, ки вазири Сулаймон алайҳиссалом буд».

## КАЛИМАИ "БУРХ" ДАР ДИГАР ЗАБОНҲО

Кунҷковии аз ҳад зиёд моро водор сохт то ҷустуҷӯ намоем, ки оё калимаи "бурх" дар ҳамин шакл боз дар кадом забонҳо мавҷуд аст ва чӣ маъно дорад. Дар натиҷа фаҳмидем, ки "бурх" дар забони олмонӣ ва ҳолландӣ ба маънои шаҳр омадааст. Бо номи «Бурх» дарё ва водие дар Бангладеш низ мавҷуд будааст. Тараф-

дорони дини буддоӣ бошанд калимаи "бурх"-ро яке аз калимаҳои муқаддаси дини худ мешуморанд. Масалан, дар забони бурятҳое, ки дар наздикиҳои кӯли Байкал зиндагӣ мекунанд, "бурх" ба маънои рӯҳи Буддо истифода бурда мешавад. Бо ривояти мардуми ин ҷо дар кӯҳдомани шаҳрчаи Хуҷир харсанге будааст бо номи Шаман. Ин харсанг ба қатори 9 макони муқаддаси дини буддоӣ дар Осиё дохил мешудааст. Қаблан онро «харсанг - маъбад» мегуфтаанд. Дар паҳлӯи ҳамин харсанг ғоре будааст, ки ба ривояти мардуми маҳал дар он Бурх -рӯҳи Буддо мезистааст.

Дар ҳоли ҳозир ин мавзеъ зиёратгоҳи мӯътақидони дини буддоии ин маҳал ба шумор меравад.

Дар дини буддоӣ инчунин кӯҳи Бурхан, ки дар даштҳои Муғулистон мавқеъ гирифтааст, кӯҳи муқаддас ба шумор меравад.

Бузургони муғул дар пояи ҳамин кӯҳ ба қабр гузошта мешуданд. Масалан, падари Чингизхон Есугай дар доманаи ҳамин кӯҳ мадфун шудааст. Чингизхон пеш аз ҷангҳои тақдирсозаш ба зиёрати кӯҳи Бурхан мерафт. Дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ бо аҳли оилааш ба ҳамин ҷо паноҳ мебурд.

И. Горненский дар китоби "Асрори Помир" мегӯяд, ки тибқи тахмини баъзе олимон дар замони шоҳигарии Кушониён дар мавзеи Вахё шояд ибодатгоҳи буддоиҳо Бурхан ҷойгир будааст, ки калимаи бурх низ аз ҳамон номи маъбад аст. (И. Горненский "Тайны Па-

мира", стр. 142).

Дар кишвари Непал бошад эътиқодмандони дини буддоӣ маросиме доранд бо номи "Бурха дзанко". Ин маросим таҷлили рӯзи таваллуди шахсони куҳансол аст ва аз се марҳила иборат мебошад.

Дар марҳилаи якум, ки "Бхим радха рохан" ном дорад, рӯзи таваллуди шахсоне ҷашн гирифта мешавад, ки синнашон ба 77 солу 7 моҳу 7 рӯзу 7 гҳату 7 пал расида бошад.(Як рӯз баробари 60 гҳат ва як гҳат баробари 60 пал будааст. Гҳат ва пал воҳиди ченаки вақт мебошад) Марҳилаи дуюм "Сахасра чандра даршанам" ном дорад, ки маънояш "Нурпошии ҳазорумин шаби моҳи чордаҳ" мебошад ва он вақте таҷлил мегардад, ки шахс ба синни 83 солу 4 моҳу 4 рӯзу 4 гҳату 4 пал расида бошад. Вақте ки ба шахси дарозумр муяссар мешавад, ки 1200 бор тулӯъи маҳтобро бубинад, яъне ба синни 99 солу 9 моҳу 9 рӯзу 9 гҳату 9 пал бирасад, марҳилаи сеюми "Бурха дзанко" "Сварга радха рохан" таҷлил карда мешавад.

## ЗИКРИ ҲАЗРАТИ БУРХ ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ҒАЙРИТОҶИК

Дар бораи ҳазрати Бурх ва мазори ӯ муҳаққиқону олимони зиёде андешаронӣ кардаанд ва матолиб навиштаанд. Қабл аз ҳама табиист, ки русҳо дар ин кор пешдастӣ намудаанд. Соли 1877 дар газетаи русии "Туркистанские ведомости" мақолае дар бораи кӯҳистони Бухорои шарқӣ ба нашр мерасад, ки дар он аввалин бор дар матбуоти Русия аз мавҷудияти мазорҳо дар кӯҳистон сухан меравад. Ана дар ҳамин мақола мазори ҳазрати Бурх дар қатори мазорҳое ном гирифта мешавад, ки аз ҳама бештар дар байни мардум мавриди зиёрат қарор мегиранд. Дар мақолаи муҳаққиқи рус Андреев М.С, ки таҳти унвони "Вахё" дар шумораи 93 - и газетаи "Туркистанские ведемости" соли 1899 ба нашр расидааст, низ зикри мазори ҳазрати Бурх рафтааст. Олим ва тадқиқотчии рус В. И. Липский, ки охирҳои асри 19 ва аввалҳои асри 20 ба Бухорои шарқӣ се маротиба сафар доштааст, дар китоби худ "Горная Бухара" ("Кӯҳистони Бухоро"), ки соли 1905 дар Санкт- Петербург ба нашр расидааст, аввалин бор муайян месозад, ки мазори ҳазрати Бурх дар баландии 9052 фут(қадам) ё худ 2759 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст.

Вале, матлабе, ки муфассал ва махсус дар бораи ма-

зори ҳазрати Бурх навишта шудааст, мақолаи олими шарқшинос ва этнографи машҳури рус Н. Кисляков мебошад. Чи тавре ки дар боло гуфтем, Н. Кисляков солҳои сиюми асри гузашта чанд муддат дар Вахё бо ҳамроҳии завҷааш Анна Зиновевна Розенфелд кору зиндагӣ кардааст. Зимни дарс гуфтан ӯ ба омӯзиши урфу одат, лаҳҷаву шеваҳои мардуми маҳал, ҷамъоварии эҷодиёти даҳонакии мардуми ин ҷо низ машғул будааст.

Борҳо ба мазори ҳазрати Бурх рафта бо мутаваллиҳо, рӯҳониён ва мардуми маҳал дар бораи ин бузургвор суҳбатҳо доштааст. Азбаски лаҳҷаи Вахёро ӯ хуб омӯхта бо он озодона ҳарф мезадааст, вай маълумоти зиёде дар бораи шахсияти Бурх ва мазори ӯ ҷамъоварӣ кардааст. Дар натиҷа соли 1932 ӯ таҳти унвони "Бурх-горний козел" мақолае менависад, ки он соли 1934 дар шумораҳои 1 ва 2 журнали "Советская этнография" ба табъ мерасад.

Н. Кисляков дар ин мақолаи худ зимни маълумоти муфассали ҷуғрофӣ додан дар бораи водии Вахё, ба хусус деҳаи ҳазрати Бурх, ӯ инчунин иттилооти хеле хуб дар бораи иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳанги мардуми ин маҳал, додааст. Вале таваққуф мекунем ба он чи ки ба мавзӯи мо дахл дорад. Албатта, ин иттилоъ дар бораи мазори ҳазрати Бурх мебошад. Бояд гуфт, ки Н. Кисляков дар бораи худи мавқеи мазор, сохти мақбара, тасвири он, табиати атрофи мақбара, мутаваллиё-

ни он, қиссаҳо дар бораи ҳазрати Бурх ва таърихчаи бунёди мақбараи ҳазрати Бурх бори аввал дар матбуот маълумоти муфассал додааст. Николай Кисляков дар ин мақолааш таърихчаи ҳазрати Бурхро он чуноне, ки ба ӯ мардуми маҳал нақл кардаанд, меорад. Ин албатта хуб аст. Вале баъдан ӯ бо ишора ба баъзе аз нуқтаҳои ин қиссаи ҳазрати Бурх андешаронӣ карда, ба таваҷҷуҳи хонанда хулосаҳоеро пешкаш менамояд, ки чандон бо воқеъият наздик буда наметавонанд. Масалан, бо ишора ба лаҳзаи дар қисса пайдо шудани нахчир ва ба амри ҳазрати Бурх онро куштани Бобо Ҳоҷӣ, аввалин мутаваллии мазор, то ба сохтмончиёни мақбара ғизо бидиҳанд, Н. Кисляков менависад, ки зоҳир шудани симои нахчир дар қисса ин рабте ба дини ислом надорад ва аз он гувоҳӣ медиҳад, ки қабл аз қабули дини ислом мардуми маҳал нахчирро муқаддас дониста ба парастиши ин навъи ҳайвон машғул будаанд. Барои тасдиқи фикраш Н. Кисляков ибораҳои "хуни нахчир", "хоки Бурх"-ро мисол меорад. Дар ҷое, ки нахчир забҳ шудааст, хок сурх ба назар мерасад. Зоирин баъди зиёрат маъмулан аз ин хок каме бо худ мегиранд. Ин амал ва дар сари гӯри одамон гузоштани шохи нахчирро далел гуфта Н. Кисляков ба хулосаи, ба фикри мо, нодуруст омадааст.

## БУРХ БУЗИ КӮҲӢ НЕСТ!

Ҳамин нуқтаи назари эҳтимоли гузаштаи тотемӣ (парастиши ҳайвон) доштани мардуми водии Хинговро Н.А. Кисляков дар китоби "Следы первобытного коммунизма у горных таджиков Вахио - Боло" бори дигар такрор кардааст. Ӯ дар бораи мазори Хоҷаи Хуллоз ва Бурхи Валӣ сухан ронда аз ҷумла мегӯяд: "Хоҷаи Хлоз ва Вох шояд гузаштаи тотемӣ дошта бошанд, чунки аввалӣ дар симои паланг ва дуввумӣ дар симои нахчир зуҳур ёфтаанд".

Мутаассифона, ин фарзияҳои ӯ ва тахмини ӯ, ки маънии калимаи Бурх шояд нахчир бошад, болои дигар муҳаққиқини рус таъсир доштааст, ки якчанд нафари онҳо дар навиштаҳои худ маънии калимаи Бурхро ҳамчун бузи кӯҳӣ ба қалам додаанд. Масалан, Владимир Гузман дар китоби худ "Тропой Священного Козерога" менависад, ки: "...калимаи "бурх" маънои бузи кӯҳиро дорад, ки ин ҳайвон қабл аз ислом дар минтақаи кӯҳистони Осиёи Миёна ва Марказӣ мавриди парастиш қарор гирифта будааст". В. Гузман ҳам мисли Н. Кисляков барои исботи фикри худ дар сари қабрҳо гузоштани шохи нахчир ва мавҷудияти акси нахчир дар рӯи баъзе аз харсангҳоро далел меорад. Нависандаи дигари рус А. Иванников

дар мақолааш "Кровь Святого Бурха" ("Хуни Бурхи Муқаддас") фикри Н. Кисляков ва Гузманро такрор намуда, нахчирро як ҷонвари барои ин мардум муқаддас номидааст.

Ана ҳамин тавр, фарзияе ё худ хулосаи номуваффақонаи, аниқтараш, нодурусти як олим имрӯз на танҳо нависандагону муҳаққиқони дигари баъди ӯ омадаро, балки доираи васеи хонандагони тамоми ҷаҳонро ба фаҳмиши ғалати маънои калимаи "бурх" мувоҷеҳ сохтааст. Кор ба ҷое расидааст, ки ҳатто олимони тоҷик кӯшиш кардаанд, ки ин хулосаи Н. Кисляковро бо далелҳои худ тақвият бубахшанд. Масалан, бостоншинос, узви вобастаи АИ ҶТ Юсуфшоҳ Ёқубов дар мақолаи худ "Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ" менависад:

"Чӣ тавре, ки маълум аст симои гӯсфанди кӯҳӣ - нарғул дар устураи авастоӣ симои фариштаи оташ ва ҷанг Баҳром мебошад. Ба ин далел Н. Кисляков исбот карданӣ мешавад, ки симои Бурх дар тасаввуроти мардум ин ҳамон тасвирест аз бузи кӯҳӣ. Дар Авасто Баҳром (Бараҳран) фариштаи пирӯзӣ ва нигаҳбони фатҳу зафар мебошад ва бо пайғамбар Зардушт дар колбади бод, варзов, асп, шутур, гуроз, ҷавони 15-сола, мурғи шикорӣ варғик, меш (нарғули даштӣ) ва марди далер пайдо шуда, ба душманони пайғамбар ғолибият нишон медиҳанд". (Чордаҳ мазор, саҳ: 38).

Вале бояд мунсифона эътироф кард ва ҳатто арҷ гузошт, ки олими дигари рус В.Н. Басилов дар китоби

худ "Культ святых в исламе", ки соли 1970 дар Маскав чоп шудааст, ин ақидаи нодурусти гузаштаи тотемӣ доштани мардуми Вахёро рад мекунад. Ба ақидаи ӯ ёд кардани ҳайвонот дар қиссаҳои роҷеъ ба авлиёҳо як чизи муқаррарӣ буда хусусияти анъанавӣ дорад. Масалан, ба гуфтаи ӯ, дар ноҳияи Конибодом (дар дигар минтақаи Тоҷикистон -С.Ҳ.) мазори Хоҷа Такка Бурд воқеъ аст, ки тибқи ривоят авлиёро ба ин макон нахчир овардааст.

В.Н. Басилов бо истинод ба ривоятҳои дигар дар бораи ҳазрати Бурх ба хулосае меояд, ки "зиёрати Бурх дар саргаҳи Оби Мазор фикреро, ки мувофиқи он парастиши авлиё баъди аз байн рафтани ҷаҳонбинии тотемии мардуми маҳал дар замони нав дар шакли нав зуҳур кардааст, тасдиқ намекунад".

Бо назардошти навиштаҳои боло муаллифи ин сатрҳо ҳангоми суҳбат бо куҳансолони ин диёр, олимону муҳаққиқон, шоирону нависандагон ҳамеша аз онҳо дар бораи маънии калимаи "бурх" ва ҷонвари муқаддас будан ва ё набудани нахчир барои мардуми ин минтақа суол мекард. Аз миёни ҳамсуҳбатҳои хеле сершумор ягон нафари онҳо ҳозир ба тасдиқи он нашуд, ки яке аз маъноҳои калимаи "бурх" нахчир ё бузи кӯҳӣ бошад. Ҳатто устод Юсуфшоҳ Ёқубов низ дар суҳбат бо мо бузи кӯҳӣ ё нахчир будани як маънои калимаи "бурх"-ро, ки ба он Н. Кисляков исрор меварзад, рад кард. Дар масъалаи замоне барои мардуми ин сарза-

мин ҷонвари муқаддас будани нахчир низ ҳамсуҳбатони мо изҳори беиттилоӣ карданд.

## БУЗИ КӮҲИРО БО БУРХИ ВАЛӢ ЧӢ МУНОСИБАТ АСТ?

Дар ин масъала муаллифи ин сатрҳо чунин назар дорад, ки бинобар мавҷудияти як далели мантиқӣ ба ҳеҷ ваҷҳ нахчир ва ё бузи кӯҳӣ наметавонист дар ҳеҷ давру замон барои мардуми ин диёр ҷонвари муқаддас ба ҳисоб биравад. Ин ҳам бошад ба далели он ки мардуми маҳал аз давраҳои хеле қадим ба шикори ин навъи ҳайвон машғул будаанд. Муаррих ва сайёҳи рус А. Шишов дар китоби худ "Таджики", ки аввалин бор соли 1910 дар Тошканд ба нашр расидааст, менависад, ки тоҷикони Вахё додани на камтар аз ду камонро (яке "камуни фаранг" дигаре "камуни сияҳ") дар маҳри духтар дар қатори дигар чизҳои зарурии рӯзгор яке аз талаботи асосӣ меҳисобиданд. ( А.Шишов "Таджики", Алматы, 2006, стр. 302). Шикори нахчирҳо яке аз шуғлҳои асосии одамони чолоку бақувват, боҷуръат ва закии мардуми ин водӣ буд. На ҳар кас метавонист ба ин кор машғул бошад. Зеро нахчир аз ҷумлаи ҳайвоноти чолоку бақувват аст. Дар даромадгоҳи меҳмонхонаҳову аксаран дар болои гӯрҳо гузоштани шоххҳои нахчир маънои онро дошт, ки соҳибони ин маконҳо хоҳ зинда бошанд, хоҳ мурда аз ҷумлаи одамони обрӯманд будаанд. Аз сӯи дигар агар нах-

чир барои ин мардум ҳайвони муқаддас ба ҳисоб мерафт, онро шикор намекарданд. Ба ёд биёред ҳиндуҳо нисбати гов, ки барояшон муқаддас аст, чи гуна муносибат мекунанд.

Бо далели пайдо шудани нахчир дар қиссаи Ҳазрати Бурх Н. Кисляков ин қиссаро ба замони пеш аз исломӣ маҳсуб медонад. Ба андешаи мо ин фикри ғалат аст ва он аз беиттилоӣ доир ба як шохаи ислом, тасаввуф ва адабиёти ирфонӣ маншаъ мегирад.

Чи тавре, ки маълум аст, ҳарчанд тибқи қиссаҳои мардумӣ ва адабиёти ирфонӣ Ҳазрати Бурх дар замони ҳазрати Мӯсо (а) ба сар бурда бошад ҳам, аҳли тасаввуф ӯро Қутбулорифин меҳисобиданд. Дар адабиёти ирфонӣ бошад, образи оҳу хеле зиёд вомехӯрад. Ба ёд биёред достонҳои "Лайливу Маҷнун"-и шоирони гуногунро. Оҳувон дар лаҳзаҳои сарнавиштсози ҳаёти Маҷнун пайдо мешаванд. Дар адабиёти тасаввуфӣ мо инчунин мехонем, ки оҳувон дар ҳаёти худи шахсиятҳои шинохтаи тасаввуф - авлиёҳо нақш доранд. Барои мисол ҳикоятеро аз "Тазкират-ул-авлиё"-и Фаридуддини Аттор дар бораи Шайх Ҳаддод меорем:

"Абӯҳафси Ҳаддод рӯзе бо ёрон ба саҳро рафта буд. Чун нишастанд ва сухан гуфт ва вақти эшон хуш шуд. Оҳуе аз кӯҳ омад ва сар ба канори Бӯҳафс ниҳод. Бӯҳафс силлӣ бар рӯи худ задан гирифт ва фарёд кард. Чун оҳу рафт ва шайх ба ҳоли худ боз омад, ёрон суол карданд:

-Ин чӣ буд?

Гуфт:

-Чун вақти мо хуш шуд дар хотирам омад, ки кошки гӯсфанде мебуд то бирён мекардем ва ёрон имшаб пароканда намешуданд. Чун ин дар хотирам гузашт оҳуе наздик шуд.

Ёрон гуфтанд:

-Ё шайх, касеро, ки ба Ҳақ чунин ҳоле бувад, фарёд кардан ба худ силлӣ задан, чи маънӣ медиҳад?

Шайх гуфт:

-Намедонам, ки мурод аз дар канор "ниҳодан" аз дар берун аст? Агар Худой бар Фиръавн некӣ мехост, Нилро ба муроди ӯ равон намекард".

Барои тақвияти фикри худ боз як ҳикоятеро аз ҳамин "Тазкират-ул-авлиё" меорем:

"Нақл аст, ки як рӯз Робиъа ба кӯҳ рафта буд. Хеле аз оҳувону нахчирону бӯзону гӯрон гирди ӯ даромада буданд, дар ӯ наззора мекарданд. Ногоҳ Ҳасани Басрӣ падид омад. Чун Робиъаро бидид, рӯй бад-ӯ ниҳод. Он ҳайвонот, ки Ҳасанро бидиданд, ҳама ба як бор бирафтанд. Робиъа холӣ бимонд. Ҳасан, ки он бидид, мутағайир шуд. Робиъаро бидид, гуфт, ки эшон аз ман чаро рамиданд ва ба ту унс гирифтанд:

Робиъа гуфт:

-Ту имрӯз чӣ хӯрдӣ?

Гуфт:

-Андаке пиҳпиёз.

Гуфт:
-Ту пиҳи эшон хӯрӣ, чӣ гуна аз ту нагурезанд?".

## ТАМСИЛИ МУШКИ ОҲУ

Шоирони ориф аз образи оҳу хеле зиёд истифода кардаанд. Шайх Фариддадини Аттор дар "Илоҳинома" тамсили мушки оҳуро меорад. Тибқи он "ҳар сол дар зиндагонии оҳу айёме фаро мерасад, ки дар зарфи чил шабонарӯз аз хӯрдани хору хошок ҳуддорӣ мекунад. Фақат як ё ду бор гулҳои хушбӯйро пайдо карда истеъмол мекунад. Рӯзи чилум субҳдам интизори дам ё худ боде мешавад, ки баъди дарёфти он аз нофаш нофа, яъне мушк равон мешавад. Мушке ки як дунё аз ин лаҳза ба баъд харидораш аст. Тавлиди мушки оҳуро шоир чун тамсиле дар таблиғи нуқтаи назари худ истифода кардааст:

**Чунин гуфтанд устодони пирӯз,**
**Ки оҳуест, к-андар чил шабонрӯз,**
**На хошоке хӯрад он ҷо на хоре,**
**Гули хушбӯй ҷӯяд як- ду боре.**
**Чу дорад ин чилла дар покӣ, он гоҳ**
**Сари худ сӯи субҳ орад саҳаргоҳ.**
**Даме гардонад ӯ пас субҳгоҳе,**
**Сӯи худ даркашад он дам ба гоҳе.**
**Чу он дам бигзарад бар хуни ҷонаш,**
**Шавад аз нофи ӯ нофа равонаш.**

**Аз он дам мушк аз ӯ ояд падидор,**
**В-аз он дам гардадаш халқе харидор.**
**Ки донад он чунон дам дар ҷаҳоне,**
**Ки хун з-ӯ мушк гардад дар замоне.**
**Чу хуне мушк гардад аз дами пок,**
**Бувад мумкин, ки з-ӯ ҷоне шавад хок!**
**Бале, чун нури Ҳақ дар ҷон дарояд,**
**Танат ҳолӣ ба ранги ҷон барояд.**
**Чи гӯям беш аз ин имкон надорад,**
**Ки ҷонам беш аз ин фармон надорад?!**
**Агар ту кимиё созӣ, чунин соз**
**Вале ин кимиё дар роҳи дин соз!**

***(Шайх Фаридаддин Аттор "Илоҳинома", Душанбе "Паёми ошно", 2000, саҳ. 334-335)***

## БУРХ СОҲИБИ КАЛИДИ БОРОН?

Муҳаққиқи рус В.Н. Басилов дар китоби худ навиштааст, ки дар байни мардуми Осиёи Миёна, ба хусус туркманҳо, ӯзбекҳо, қазоқҳо ва тоҷикон Буркут-бобо, ё худ Бурқ ё Девонаи Бурх ё Борх ном шахсияти мазҳабии қабл аз исломӣ мавриди эътироф қарор гирифтааст. Ба қавли Н. Басилов Буркут-бобо дар мифологияи туркманҳо шахсиятест, ки калиди боронро дар ихтиёр доштааст. Ба гуфтаи Н. Басилов дар устураи туркманҳо омадааст, ки дар лаҳзаи зарурати борон мардум ба рӯҳи Буркут - бобо руҷӯъ карда аз ӯ кӯмак талаб

мекардаанд. Ва Буркутбобо ба қамчини худ ба абрҳо мезадааст, ки дар натиҷа раъду барқ шуда борон меборидааст. Ғайр аз ин дар устураи туркманҳо Буркутбобо қобилияти пешгӯӣ кардани воқеаҳоро доштааст.

Бо Худованд дар масъалаи бархам додани дӯзах мунозира кардааст, бо шафоати ӯ мурдаҳо зинда ва бефарзандон соҳиби фарзанд мешудаанд. Тибқи навиштаи Н. Басилов дар устураи ӯзекҳо, қазоқҳо ва тоҷикон Бурқ ё Буркут-бобо ё худ Девонаи Бурх тамоми ин хусусиятҳоро дорад, ба ҷуз аз борон овардан. Бояд гуфт, ки дар бораи он ки дар қиссаҳои ӯзбекӣ ва қазоқӣ Бурх ё Буркут-бобо дорои хусусиятҳои борон овардан ҳаст ва ё не мо чизе намедонем. Вале дар қиссаҳое, ки дар байни мардуми мо дар бораи Ҳазрати Бурх паҳн шудаанд ва дар осори хаттӣ омадаанд хусусияти шафеъ шудан пеши Худованди бузург ба хотири овардани борон аз хусусиятҳои асосии ӯ ба шумор меравад.

Танҳо як мисолро аз манзумаи Мавлавӣ Ҷунунӣ дар ин робита пешкашатон мекунам. Ҳангоме ки дар бани Исроил қаҳтӣ рух медиҳаду дуои талаби борон кардаи бандаҳо қабули Парвардигор намешавад, Худованд ба пайғамбараш Мӯсо (а) чунин мефармояд:

**Валекин дар фалон ҷо бандае ҳаст,**
**Қабули мост номаш Бурхи Сармаст.**
**Бирав бо ӯ бигӯ созад дуоро,**
**Ба ҳукми ӯ кунам абри саморо.**

Ин нуқта нишон медиҳад, ки В. Басилов дар бораи Ҳазрати Бурх ва мазори ӯ дар Тоҷикистон чандон маълумоти пурра надошта аст. Дар ҳамин ҳол ӯ дар китобаш дар бораи дар ноҳияи Калинини Ҷумҳурии Туркманистон ва шаҳри Урганҷи кӯҳнаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон мавҷуд будани мақбараҳои Буркут-бобо ва Бурқ ва ё Бурух хабар медиҳад ва менависад, ки онҳо мавриди зиёрати мардуми маҳал қарор гирифтаанд.

## БУРХ ШАХСИЯТИ АСОТИРИСТ Ё ТАЪРИХӢ?

Дар адабиёти бисёрҳазорсолаву бои форсу тоҷик як силсила чеҳраҳое, аз қабили Хӯҷаи Хизр, Луқмони Ҳаким, Ҳотами Тай, Рустами Дастон ва ғайра мавриди таваҷҷуҳ ва тараннуми шоирону нависандагони классик қарор гирифтаанд, ки аксари муҳаққиқин даврони зиндагонии онҳоро (ба ҷуз Хӯҷаи Хизр, ки ба ақидае Худованд умри ҷовидонааш додааст) ба замони пеш аз зуҳури дини мубини Ислом нисбат медиҳанд. Дар ин масъала мухолифате дар байни олимону муҳаққиқон қариб, ки ба назар намерасад. Вале дар бораи шахсиятҳои воқеии таърихӣ ва ё устуравӣ будани ин чеҳраҳо дар байни олимону пажуҳишгарон назарҳои зидду нақиз мавҷуд аст. Ҳазрати Бурхи Сармасти Валиро низ ба ин силсила дохил кардан мумкин аст. Фарқ танҳо дар ин ҷост, ки дар бораи Бурхи Валӣ бештар шоирон ва адибони саршиноси аҳли тасаввуф чизе

гуфтаанд ва ё зикри хайри номашро кардаанд. Як тафовути дигари симои Бурхи Валӣ аз чеҳраҳои дар боло ёдшуда дар навиштаҳои адибону шоирон дар он аст, ки Бурхи Валиро ҳамзамони шахсиятҳои таърихӣ тасвир кардаанд. Бархе аз муҳаққиқин ӯро ҳамасри пайғамбари дини оташпарастон Зардушт медонанд. Вале аксарият олимону пажӯҳишгарон Бурхи Сармасти Валиро муосир ва яке аз умматони ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом меҳисобанд. Қисми дигари олимон уммати пайғамбар Мӯсо буданашро агарчи рад накунанд ҳам, вале даврони зиндагониашро баъзеҳо ба замони пайғамбарии Довуд алайҳиссалом, бархе Сулаймон алайҳиссалом ва як қисми дигар ба замони зиндагонии Ирмиё пайғамбар алайҳиссалом мутобиқ медонанд.

Иддаъи дигар бар хилофи назаре, ки ҳазрати Бурх шахсияти таърихӣ ҳаст, ӯро як чеҳраи тахайюлӣ- устуравӣ тасвир кардаанд. Ҳамин тариқ ба хотире, ки барои хонандаи гиромӣ дарки ин назарҳо мушкил набошад, мепардозем ба шарҳи мухтасари ҳар яке аз ин назарҳо.

## МАЪНИИ БУРХ СИРИШКИ ОТАШ АСТ

Дар оғози ҳамина мо бо истинод ба як мақолаи Салимшо Ҳалимшо гуфтем, ки дар қисмати "Вандидод"-и Авесто Ваекерето ном мавзеи тасвир шудааст, ки тибқи даъвои муаллифи мақола, шоири донишманд Салимшо Ҳалимшо ин ҳамин Вахё ҳаст. Ба мақсади ги-

рифтани маълумоти бештар дар ин бора нависандаи ин сатрҳо бо Салимшо Ҳалимшо сӯҳбате дошт ва ҳини мусоҳиба аз ӯ суол кард, ки оё дар китоби муқаддаси зардуштиён дар бораи ҳазрати Бурх маълумоте ҳаст. Ӯ посухи мусбат дод. Дар "Авесто" донишманд ва табибе бо номи Срита ( ё Трита ё Исрит) зикр шудааст,- гуфт ӯ. Ба гуфтаи Салимшо Ҳалимшо маънои луғавии Срита лахча будааст. Лахча чизе аст, ки аз гулхан боқӣ мемонад, вале оташ дораду ҳанӯз хокистар нашудааст. Он донишмандро барои он Срита мегуфтаанд, ки беморонро бо истифода аз оташ, аниқтараш лахча табобат мекардааст, яъне бо роҳи "доғсӯзӣ". Дар омади гап бояд бигӯем, ки ин намуди табобат то ба имрӯз дар байни табибони мардумии ин минтақа роиҷ аст. Дар ҳамин шабу рӯзҳое, ки ин сатрҳо навишта мешаванд, дар маркази ноҳияи Тавилдара зани тахминан ҳаштодсолае бо номи кампири Саломатхон бо ҳамин усули доғсӯзӣ бо табобати беморон машғул будааст. Ин зани табиб дар сӯҳбат ба беморон муайян мекардааст кадом узви баданаш дард мекунад ва сипас ба ҳамон ҷо бо истифода аз маводе, ки аз гиёҳҳо тайёр мекардааст (асосан аз шулӯхаи лалмӣ) ва дуравши дар оташ тафсонда доғ месӯхтааст. Ин усули табобати кампири Саломат шояд босамар будааст, ки овозааш берун аз ҳудуди Вахё паҳн шудааст ва барои табобат ба назди ӯ аз Душанбеву Ғарму Ҳисор низ беморон меоянд. Инҳо асосан нафароне ҳастанд, ки ба дарди по ва даст

гирифторанд. Кампири Саломат бо ифтихор мегӯяд, ки ин ҳунар ба ӯ аз бибӣ ва бобокалонаш мерос мондааст. Вале мо бармегардем ба қиссаи Салимшо Ҳалимшо дар бораи Бурхи Валӣ.

Ба қавли шоири донишманд Салимшо Ҳалимшо ҳазрати Бурхи Валӣ аз аввалин инсонҳое мебошад, ки сокини ин хитаи зебои кӯҳистони кишвараш гардидааст. Бурхи Валӣ аз дудаи Ҷамшед аст, мегӯяд Салимшо Ҳалимшо. Аз ҷумлаи аберахои Ҷамшед мебошад. Ҷамшед бошад аз каёниён аст, яъне аз кавиҳо. Кавиҳо гуфта одамонеро ном мебурданд, ки бевосита ба Офаридгор роз мегуфтанд.

Худи маънои калимаи кавӣ дар Авесто сухан гуфтан аст, ки дар замони мо дар лаҳҷаи шуғнӣ қариб, ки дар ҳамин шакл "қив" боқӣ мондааст. Воқеан, дар лаҳҷаи шуғнӣ то ба имрӯз лахчаро "бурх", "вурх", "вурғ" мегӯянд».

Чи тавре ки дидем дар "Фарҳанги Онандроҷ" таълифи Муҳаммадподшоҳ ва луғати "Бурҳони қотеъ" ҳам яке аз маъниҳои калимаи "бурх" ин сиришки оташ мебошад. Ҳамин тариқ як маънои калимаи Бурх лахча, яъне оташе, ки баъди аланга ё гулхан боқӣ мемонад, мебошад.

## БУРХИ ВАЛӢ АЗ ДУДАИ ҶАМ АСТ?

Хонандаи азиз, акнун ба ёд биёред, ки маънои Срита, табибе, ки дар Авесто мастур аст ва ба қавли Салимшо Ҳалимшо ӯ ҳамин ҳазрати Бурх мебошад, низ лахча ва ё оташи баъди гулхан боқӣ монда мебошад. Бино ба қавли Салимшо Ҳалимшо дар Авесто омадааст, ки Срита ё худ Бурхи Валӣ ба Худо роз мегуфтааст.

Ӯ ду фарзанд доштааст, ки якеро Гаршосп (ё шакли дигари ин калима Кришаспа) ва дигареро Вахшур мегуфтаанд. Вахшур баъдан ҳокими Вахшонзамин мешавад.

Ҳамин фикрашро Салимшо Ҳалимшо дар китоби достонҳояш, ки соли 2006 дар нашриёти "Адиб" бо номи "Зодагони ҳафт тӯфон" ба табъ расондааст, низ баён кардааст. Дар достони "Ҳайкали Модархудо" бобе ҳаст зери унвони "Имтиҳони омӯзгор" дар васфи профессор, олими адабиётшинос Соҳиб Табаров. Дар ин манзума Салимшо Ҳалимшо зимни тавсифи водии Вахш ёдовар мешавад, ки:

**Водии Вахш хонаи Вахшури порсост,**
**Фарзанди Бурх ӯст дар ин пок хокдон.**
**Қонуни аввалини ҷаҳонро навишт ӯ,**
**Қонуни адл аз қаламаш гашт ҳукмрон.**
**Вахшур буд зодаи Бурхи Валӣ ба ҳақ,**
**Бурхи Валӣ аз дудаи Ҷам омадаст, ҳон.**



*Абрҳо бар қуллаҳо чун мавҷҳо бар сахраҳо*



*Камарбанди эшони Султон, тӯҳфаи амир Олимхон*



*Акаи Сайрат, яке аз бошандагони деҳаи Найгуфт*



*Зиёрати шайхи Сулаймон аз Ҷиликул, ноябри соли 2000*



*Бинои мақбараи эшони домулло Қурбони Валӣ дар деҳаи Арзунк. Соли 2008*



*Бинои мақбараи эшони домулло Раҳматулло дар деҳаи Арзунк. Соли 2008*



*Гурӯҳи зоирин, августи 2008*



*Бинои мақбараи эшони домулло Халифа. Соли 2008*



*Буруҷзори деҳаи Арзунк, апрели соли 1997*



***Деҳаи Сангвор***



***Бинои мақбараи Султон Ҷуръатдорхӯҷа дар деҳаи Қалъаи Ҳусайни Сагирдашт. Апрели соли 1997***



***Кампири Саломат-табиби мардумӣ. Тавилдара соли 2008***



*Домулло Ҳурматуллоҳ аз Бурса*



*Деҳаи Сангвор. Ҳоҷӣ Фазлиддин, августи 2008*



*Карим Салимов*



*Кундораҳои хонаи бобоям дар Дарахтак*



*Мазори Бурхи Валӣ. Соли 2005*



*Мазори Хоҷа Абдоли Валӣ дар Бадахшони Афғонистон, августи 2006*



*Мазори Хоҷа Алоуддин аз дур. Июли соли 2005*



*Мазори Хоҷа Аҳмади Ясавӣ дар деҳаи матруки Дарахтак*



*Мақбараи Ҳоҷӣ, нахустин мутаваллии мазори ҳазрати Бурх*



***Пул аз болои Оби Занг***



***Манзараи Рӯи Деҳи Лоҷирк***



***Манзараи тобистонаи куҳистони Вахё***



***Масҷиди ба номи Бурхи Сармасти Валӣ дар Хуҷанд***



***Мутаваллии қадамҷои Бурхи Валӣ дар Хуҷанд***



***Мутаваллии мазори Бурхи Сармасти Валӣ мулло Шокир***



***Муҳаммадӣ Ҷобиров, Ҳисорӣ Шарифов ва Амриддини Фазлиддин, апрели соли 1997***



***Неъматулло Сафаров, олими табиатшинос***



***Чашмаи мазори Хоҷа Алоуддин, апрели соли 1997***



*Пули деҳаи Нусай. Дар боло акси булдозери хизматнишондода*



*Ба зиёрати Бурхи Сармаст мераванд*



*Санги Кампирак. Лоҷирк, июли 2005*



***Сандуқчае, ки дар он мӯҳри эшонҳои Ёзганд нигоҳ дошта мешудааст***



***Султони Ҳамад ва туте, ки аз эшони Султон ёд дорад***



***Муҳаммадии Қорӣ Зубайд***



***Эшони Мӯсо, Султони Ҳамад, Эшони Нурмуҳаммади эшони домулло Халифа бо писараш Бурхвалӣ. Сентябри соли 2005***



***Сӯфӣ Ҳоҷӣ Наиб***



***Талбаки Назир***



***Усто Абдурашиди Истаравшанӣ бо шогирдонаш, июли соли 2005***



***Усто Абдурашиди Истаравшанӣ, июли соли 2005***



***Усто Абдуррашиди Истаравшанӣ бо шогирдонаш. Августи 2008***



*Сӯҳбати Султони Ҳамад бо Талбак Садриддинов-Қsaҳрамони Меҳнати Сотсиалистии Иттиҳоди Шӯравӣ, чанд карат депутати халқии СССР*



*Эшони домулло Мӯсо*



*Эшони домулло Махсуми Арзункӣ. Июли соли 2012*



*Эшони Орифи Арзункӣ бо писараш эшони Масъуд ва яке аз муридонаш Баҳром*



*Яке аз биноҳои маркази ноҳияи Тавилдара, августи соли 2005*

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Салимшоҳ Ҳалимшоҳ охирҳои соли 2007-ум маснавии "Ноҷиёни дунё"-ро дар маҷаллаи "Садои Шарқ" ба нашр мерасонад. Дар ин маснавӣ омадааст, ки дар даврони зиндагонии Бурх Вахё ба макони биҳиштосо табдил ёфта будааст. Мардум дар он хушу хуррам мезистанд. Бурх марди донишманду табиби ҳозиқ будааст. Аз дори дунё Худованд ба ӯ ду фарзанд дода будааст. Фарзанди бузургаш Вахшур дар водии Вахш барои мардуми ин сарзамин зиндагонии хушеро фароҳам оварда будааст. Ба гуфтаи шоир Вахшур нахустин қонуни одилонаро дар ҷаҳон эҷод ва ҷорӣ намудааст. Аз ҳаёти хуши мардуми Хуросон Иблис ба ғазаб меояд ва дар дили турк фитна эҷод мекунад. Турк болои сарзамини Вахшур лашкар мекашад. Вахшурро ба қатл мерасонад. Бо истифода аз қувваҳои аҳриманӣ хушксолиро дар кишвар пиёда месозад. Дар саргаҳи оби Вахш аждаҳоеро ба хотири ҷилавгирӣ аз ҷараёни об ба водӣ посбон мемонад. Мардум ба дод меоянд. Он гоҳ Гаршосп писари дуюми Бурхи Валӣ ба хотири наҷоти одамон аз алмоси кӯҳистон найзае месозад, дами онро аз нури офтоб тез мекунад ва ба ҷанги аждаҳо меравад. Гаршосп дар ин набард аждаҳоро мағлуб месозаду мардумро аз ташнагиву хушксолӣ наҷот медиҳад:

**Вахё зи дами Бурхи Валӣ буд биҳиште,**
**Бар боди хазон роҳ набудӣ ба дари он…**
**Аз дониши ӯ боғи ҷаҳон пур зи самар шуд.**
**Ҳам дар маҳи найсону даю тиру ҳазирон.**

**Бал Бурхи Валӣ дод ба кас умри дубора,
Бал садди аҷал гашт ба Вахёи дурахшон…
Аз дори ҷаҳон Бурх ба дунё ду писар дошт.
Буданд ду болу пари ӯ аз дари Раҳмон.
Вахшур будӣ пури бузургаш, ки ба номаш,
Ин водии Вахш аст ба ин шуҳрату ин шон.
Қонуни адолат шуд аз ӯ вирди забонҳо,
Овард зи қонун ба сари дафтару девон.
Қонун бикунад пурамал аз зиндагии хақ,
Чун об, ки орад ба самар киштаи деҳқон…
Иблис хабар ёфт чу аз дафтари Вахшур,
К-он оинае ҳаст ба ҳар минбару девон.
Шӯре ба дили турки ҷафопеша барангехт,
Дар ларза аз он фитна бишуд хоки Хуросон…**

## ҚИССАИ АЖДАҲО ДАР ЗАБОНИ МАРДУМ

Дар деҳаи Алисурхуни водии Вахё санги бузурги сафеди устухонмонанде болои замини мавзеи кӯҳӣ хобидааст, ки дарозиашро беш аз панҷсад метр медонанд. Мардуми Вахё муътақиданд, ки ин санг ҷасади аждаҳое мебошад, ки як вақтҳо пеши оби Хингобро гирифта будааст у мардумро азият дода ба қатл мерасондааст. Баъдан ӯро ҳазрати Алӣ (а), домоди Пайғамбари акрам Муҳаммад (с), ки бо каромоташ аз ин мушкили мардуми Вахё огоҳ шуда будааст, омада ба ҳалокат мерасонад. Ин қиссаро ман аз забони Ҳоҷӣ Саъид-

ҷаъфари Саидумар, ки тахминан 70- сол дошт, рӯзи 19 августи соли 2008 дар ҳамон мавзее, ки аждаҳосанг хобидааст, шунида ба магнитофон сабт кардам. Баъдан акси он маҳал ва аждаҳосангро низ гирифтам. Дар ҳақиқат, аждаҳосанг устухони бузургеро ба хотир меорад. Таркиби ин санг мисли устухон ковок аст.

Аз ҳамин рӯ бархе аз зоирони мазори ҳазрати Бурх вақте аз ин ҷо дидан мекунанд, барои хотира аз ин аждаҳосанг ба осонӣ пораеро шикаста бо худ ба ёдгор мебаранд. Ба ҳамин сабаб ҳам ин санг тадриҷан аз байн рафта истодааст. Бо вуҷуди ин аждаҳосанг дар шакли ҳозирааш низ ҷасади аждаҳоро ба хотир меорад. Қиссаеро, ки дар бораи ин аждаҳосанг аз Ҳоҷӣ Саъидҷаъфари Саъидумар шунидам, инак пешкашатон мекунам. Ин қиссаро Ҳоҷӣ Саъидҷаъфар овони хурдсолӣ аз мӯйсафедони деҳаи Лоҷирк шунидааст. Он пурра бо назм суруда шуда будааст. Дар ёди Ҳоҷӣ Саъидҷаъфар баъзе аз порчаҳои ин қиссаи назмӣ боқӣ мондаанд. Хушбахтона, мазмуни қиссаро пурра аз ёд медонад.

"Кофире дар шаҳри Барбар подшоҳ будааст. Шаҳри Барбар Дарвози имрӯзаро мегуфтанд. Боре ба як гӯшаи зебоманзари диёри Вахё аждаҳоре ҳамла оварда сари роҳи оби Хинговро дар деҳаи Алисурхун мегирад. Мардуми дар поёноби ин деҳа сокинбуда дигар аз беобӣ сахт азият мекашанд. Шоҳи Барбар мегӯяд, ки касе агар ин аждарро ба ҳалокат бирасонад, ними давлаташро ба ӯ медиҳад. Дар ҳамин вақт аз Ху-

дованди азза ва ҷалла ба ҳазрати Алӣ илҳом мешавад, ки ба Барбар биравад ва мушкили бандагонашро осон гардонад. Ҳазрати Алӣ ба Барбар меояд ва шоҳи Барбар, ки аз куҷо будану кӣ будани паҳлавонро ҳанӯз намедонад, мушкилро ба ӯ чунин арза медорад:

**Фардо, ки мегардад баҳор,**
**Дарё намегирад қарор.**
**Ҷӯе бикан дар кӯҳсор,**
**Коре бикун аз баҳри мо.**

**Як аждаре дар ҷангал аст,**
**Роҳи халоиқ бастааст,**
**Чандин ҳазорон хӯрдааст.**
**Дорад зи мардум ӯ ғизо.**

Сипас ҳазрати Алӣ барои аз байн бурдани аждаҳор ба он мавзее, ки имрӯз дар Вахё Алисурхун ном дорад, меравад. Байни ҳазрати Алӣ ва аждаҳор задухӯрде барпо мешавад:

**Ҳайдар варо аз дур дид,**
**Аждар варо дар дам кашид.**
**Бигрифт Алӣ аз гарданаш**
**Партофташ андар ҳаво.**

Дар ин ҷанг ҳазрати Алӣ бар аждаҳор ғолиб омада ӯро мекушад. Баъд ҷасадашро пӯст карда ба маърази тамошо дар ҳамин Алисурхуни Вахё мепартояд. Шоҳи Барбар чун мебинад, ки ин ҷавонмард аждарро ба қатл расонид, назди ӯ шарти дигаре мегузорад. Мегӯяд, ки душмане дорам, ки онро низ бояд қатл кунӣ:

**Гуфт як душмане дорам Алӣ**
**Домод бошад бар Набӣ.**
**Гар ту сари ӯ оварӣ,**
**Он гаҳ шавем аз ту ризо.**

Ҳазрати Алӣ мегӯяд, ки манам домоди пайғамбар Алӣ. Агар имон биоварию мусулмон бишавӣ инак сарам фидоят. Вагарна сарат аз тан ҷудо хоҳам намуд.

**Гуфто ки ман худ Ҳайдарам,**
**Имон барӣ, инак сарам.**
**Варна туро гардан занам,**
**Поён шавад ин моҷаро.**

Чун шоҳи Барбар мебинад, ки ҳамон ҷавоне, ки аждарро аз байн бурдаву мардумро аз даҳшат наҷот додааст, ҳамин ҳазрати Алӣ ҳаст, даррав тавба карда калимаи шаҳодатро арза намуда мусалмон мешавад".

# ГАРШОСП ДАР "ЭНСИКЛОПЕДИЯИ СОВЕТИИ ТОҶИК"

Дар ҷилди дуюми "Энсиклопедияи советии тоҷик", ки соли 1980 дар Душанбе ба чоп расидааст, дар бораи Гаршосп чунин маълумот дода шудааст. "Гаршосп номи яке аз қаҳрамонҳои афсонавии халқҳои эронӣ. Дар "Шоҳнома" аз ҷумлаи паҳлавонони сиистонӣ бобои Рустам мебошад: қаҳрамони асосии "Гаршоспнома"-ҳо низ мебошад. Насаби ӯро дар "Бундаҳиш" Гаршосп писари Исрит писари Сом писари Дуршосп писари Туг писари Фаридун зикр кардаанд".

Дар "Таърихи Табарӣ"-и Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ омадааст, ки дар замони подшоҳии Ҷамшед Беваросб ном марде сипоҳи бузурге ҷамъ карда то подшоҳии Ҷамро бигирад. Ҷамшед гурехта ба Зобулистон меравад. Ва дар он ҷо духтари шоҳи Зобулистонро ба занӣ мегирад. Аз ин духтар Тур таваллуд мешавад. Аз Тур Шедосб таваллуд мешавад. Аз Шедосб Ҳушам ва аз Ҳушам Абрут (ин ҳамон Срита ё Трита ё Исрит аст ё ба гуфтаи шоир Салимшо Ҳакимшо ҳамин ҳазрати Бурх аст -С.Ҳ.). Аз Абрут Гаршосб ва аз Гаршосб Наримон таваллуд мешавад. Аз Наримон Сом ва аз Сом Дастон ва аз Дастон Рустам ва аз Рустам Фаромуз. Дар китоби "Таърихи анбиё",

ки дар Теҳрон ба нашр расидааст, низ тақрибан ҳамин маълумот омадааст.

## МИЁНИ БУРХ ВА ЗАРДӮШТ ЧӢ ИРТИБОТ АСТ?

Муҳтарами Ҳотам, шоир ва муҳаққиқи таърихи диёри куҳанамон дар бораи вожаи Бурх фикри худро дорад. Ба навиштаи ӯ "маънои вожаи "Бурх" "ҳазрат ё "бузургвор" буда, номи ин бузургвор на Бурх, балки дигар аст. Дар тӯли асрҳои зиёд вожаи "Бурх" -"Ҳазрат"- номи аслии ин авлиёро шояд ба худ гирифта бошад" (ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" 4 августи соли 2000). Ӯ ҳатто тахмин мезанад, ки решаи вожаи Бурх ин ҳамон калимаи "Верх"-и русӣ ҳаст. Яъне боло гуфтан ҳаст.

Муҳтарам Ҳотам дар натиҷаи тадқиқотҳои зиёд ба чунин хулоса омадааст, ки зодгоҳи паёмбари эрониёни бостон Зартушт, деҳаи Роғаи Вахё аст, ки дар саргаҳи шохоби дарёчаи Хингоб, дар наздикиҳои деҳаи Арзунк ҷойгир шудааст. Аз ин маҳалла то пояи баландтарин кӯҳи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ қуллаи "Коммунизм", ки имрӯз онро қуллаи Исмоили Сомонӣ меномем, тақрибан 45-50 километр масофа мебошад. Тахминан ҳамин қадар масофа аз деҳаи Роға то мазори ҳазрати Бурх дар деҳаи Боршид ҳаст.

Бар хилофи ривоятҳои мардумӣ, ки мегӯянд асли баромади ҳазрати Бурх аз Арабистон аст ва ӯ аз таъқ-

иби душманонаш фирор карда ба ин ҷо ҳамчун паноҳанда омадааст, Муҳтарами Ҳотам ба ин бовар аст, ки ҳазрати Бурх аз ҳеҷ куҷо наомада аз бузургони ҳамин диёр аст. Ӯ низ мисли олими бостоншинос Юсуф Яъқубов муътақид аст, ки барои аз душманонаш дар амон будан ба ҳазрати Бурх лозим набуд, ки ин қадар масофаи дуру дарозро тай намояд.

Агар ҳазрати Бурх на он нафарест, ки тибқи ривоятҳо аз Арабистон омадааст, пас ӯ кӣ буд, чӣ кора буд?

Муҳтарами Ҳотам бо такя ба навиштаҳои олими рус Николай Федорович Федоров (1829-1903), ки солҳои 90-уми асри 19 ба ҷустуҷӯи қабри яке аз се нахустпадари олам, ба кӯҳистони Бадахшон омада буд, ҳадс мезанад, ки шояд ҳамин ҳазрати Бурх аз ҷумлаи яке аз ҳамон се нафари нахустпадар бошад. Муҳтарами Ҳотам муътақид аст, ки ориёиҳо ба Хоразм аз минтақаҳои атрофи Фарғона муҳоҷират кардаанд. Ӯ менависад:

**"Далели дигари ба Хоразми кунунӣ муҳоҷират намудани орёиҳо аз минтақаҳои атрофи Фарғона дар ин маҳал вуҷуд доштани ривоятҳо дар бораи Бурхи Валӣ мебошад. Тавре маълум аст, мақбараи Бурхи Сармасти Валӣ, яке аз бузургони тоисломӣ дар саргаҳи дараи Вахё воқеъ аст. Дар ноҳияи Панҷакент низ гӯё мазори ӯ дар мавзеъи Сармад вуҷуд дошта будааст. Худ Сармад ихтисори тахаллуси Бурх - Сармаст аст. Хоразмиён эътиқод ва ривоятҳошонро дар бораи ин шахсият танҳо аз ин маҳалҳо бурда метавонистанду халос. Муҳаққиқ**

**Г.П. Снесаров навиштааст: "Бофандаҳо пир ва пуштибони худро доштанд, ки он шахсияти дар Хоразм ва берун аз ҳудудҳои он хеле машҳур Девонаи Бурхи Валӣ буд. (Вай Буркут-бобо низ ном дошта тахаллусаш Сармаст буд.) Яке аз ҳафт қабри вай дар Кухна-Урганҷ (Туркманистон) воқеъ гаштааст… Бофандаҳои дургадикӣ ба зиёрати мазори ӯ мерафтанд".** Пири бофандаҳо будан, тахаллуси сармаст ва девона доштан ва дигар хусусиётҳи ин шахсият низ метавонист танҳо аз ин минтақа муҳоҷират намояд. Яке аз далелҳои дигари муҳоҷирати хоразмиён аз водии Фарғона он аст, ки бисёр номҳои маҳалҳо, маросимҳо вожаҳои забонии Хоразм бо водии Фарғона ва минтақаҳои ҳамҷавори он яксон аст. Номҳои Ҳазорасп, Урганҷӣ (Гурганҷ), Балхон, Сурӣ, Хулм, Шулчӣ, Дарғон, Баратиген (Паратакен), Гардман (Горумон), ки дар Хоразм қисман то асрҳои миёна вуҷуд дошта, қисман ҳоло низ вуҷуд доранд, дар водии Фарғона ва минтақаҳои ҳамҷавори он низ қисман то асрҳои миёна вуҷуд дошта, қисман ҳоло низ вуҷуд доранд.

Олим ва файласуфи намоёни рус Николай Федорович Федоров нахустмеҳани башарият ва оромгоҳи Нахустпадар (Ҳазрати Одам)-ро дар Помир медонист. Вай Помирро нахустмеҳани башарият ва тамоми халқҳо, инчунин ҷойгоҳи муқаддас эълон намуда буд. Тирамоҳи соли 1899 Федорови 70-сола ҳамроҳ бо шогирдаш Петерсон ба Помир, ба зиёрати оромгоҳи На-

хустпадар ба сафар мебарояд. Вай дар Помир мактуби машҳури худро ба В. Кожевников навишта, дар он суроғаи худро **"дар доманаи Парапомиз, дар сарҳади миёни Ирон ва Турон" ишора мекунад. Федоров Помирро Кремли умумиҷаҳонӣ, ҷойгоҳи биҳишти Эдем (Адан), яке аз се ҷойгоҳи муқаддаси дунё номидааст. Вай Помирро ҳамчун гаҳвораи башарият дониста, дар ин мавзӯъ ба баъзе маълумотҳои илмии замони худ такя кардааст".**

Устод Мӯъмин Қаноат дар китобаш **"Аз Бесутун то кунун"** ***(Душанбе, "Адиб", 1993, саҳ: 57)*** ғазале дорад, ки аз он чунин сатрҳоро мехонем:

**Даст намедиҳӣ ба мо, даст ба мо намерасад,**
**Садди миёни одамон то ба само намерасад…**
**Тири Накону ҷони Бурх мепараду ҳамепарад,**
**Пири тариқати маро тири хато намерасад…**

Мо дар суҳбат аз устоди муҳтарам Мӯъмин Қаноат аз Након пурсидем, ки ӯ кист ва оё Бурх ҳамон Бурхи Валӣ ҳаст? Устод дар ҷавоб гуфтанд, ки аз рӯи навиштаи "Вандидод"-ҳои «Авасто» Након дар давраи Зардушт зиндагонӣ кардааст. Ӯ аз сулолаи туркнажодон будааст ва бо донишманд ва табибии машҳури он давр Бурх душманӣ доштаасту билохира ӯро ба қатл расондааст. Бурх ин ҳамон Бурхи Валиест, ки марқадаш дар кӯҳистони Вахё ҷойгир аст. Ба гуфтаи устод Мӯъмин Қаноат Бурх табиби хеле ҳозиқ будааст ва бо истифо-

да аз гиёҳҳои шифобахш мардумро дармон мебахшидааст. Бино ба навиштаҳои "Авасто", мегӯяд устод Мӯъмин Қаноат, Бурх забони олами вуҳушро низ медонистааст.

## БУРХ ВА КУРУШИ КАБИР

Дар ҳамин ҳол устод Мӯъмин Қаноат пофишорӣ намекунад, ки зиндагонии Бурх дар замони Зардушт ин ҳақиқати маҳз аст. Ба қавли ӯ фарзияи дар замони пайғамбар Мӯсо алайҳиссалом зиндагонӣ кардану уммати ӯ будани Бурх низ хеле фарзияи қавӣ аст ва онро набояд аз мадди назар дур сохт. Ба саволи он, ки Бурх чӣ гуна ба ин минтақаи кӯҳистон омадаву дар ин ҷо дафн шудааст, устод Мӯъмин Қаноат ибрози ақида намуданд, ки шояд дар замоне, ки Куруши Кабир сарзамин Банӣ Исроилро таҳти тасарруфи худ даровarda мардуми онро ба ҳар гӯшаву канори шоҳаншоҳии худ бадарға намуд, Бурх ин гӯшаи дунёро амнтар ёфта ба ин ҷо паноҳ овардааст. Аз нуқтаи назари устод Мӯъмин Қаноат вақти он расидааст, ки оиди ин шахсияти бузурги таърихии кишварамон як тадқиқоти мукаммал ва амиқ ба иҷро расад ва парда аз рӯи нофаҳмиҳо оиди Бурх- ин **"шинохтатарин ва муҳимтарин чеҳраи ҳамаи давру замонҳои мардуми ин минтақа"** бардошта шавад.

## БУРХИ ВАЛӢ -ДӮСТИ ХУДО ВА УММАТИ МӮСО (А)

Акнун дар бораи фарзияи дар замони ҳазрати Мӯсо (а) зиндагонӣ кардани Бурхи Сармасти Валӣ ҳарф мезанем. Бояд гуфт, ки ин фарзия фарзияи асосӣ аст ва дар ин бора ҳам ривоятҳои мардумӣ зиёд аст ва ҳам сарчашмаҳои гуногуни хаттӣ маълумоти зиёд додаанд. Дар қиссаҳои мардумӣ, ки аз сӯи фолклоршиносон ва муҳаққиқини эҷодиёти даҳанакии халқ ва зиндагии ҳазрати Бурх ҷамъоварӣ шуда дар маҷмӯаҳои гуногун ба нашр расидаанд, қариб дар ҳамаи онҳо омадааст, ки ҳазрати Бурх уммати ҳазрати Мӯсо (а) мебошад ва дар аҳди подшоҳони он замон зиндагонӣ кардааст.

Аз осори хаттӣ қадимтарин сарчашмае, ки дар бораи ҳазрати Бурх маълумот додааст, ин китоби Абӯтолиби Маккӣ (вафоташ соли 996 мелодӣ), яке аз нахустин муҳаққиқини тасаввуф, "Қут-ул-қулуб" мебошад. Муаллиф дар китобаш қиссаи "Дуои истисқо кардани ҳазрати Бурх"-ро меорад. Тибқи он дар аҳди Мӯсои Калимуллоҳ дар банӣ Исроил солиёни зиёд қаҳтсолӣ рух медиҳад. Тоату ибодат ва дуъои талаби борони ҳазрати Мӯсо ва умматонаш ҳеҷ не, ки назди Худованди бузург қабул шавад. Мӯсо (а) ба кӯҳи Тур барои муноҷот меравад ва сабаби иҷобат нашудани

дуъояшро аз Худованд мепурсад. Худованд ба ҳазрати Мӯсо (а) мегӯяд, ки умматони ту ба ҷои тоату ибодат ба Худои хеш ба корҳои ғайришаръӣ машғул буда гуноҳи аз ҳад зиёд содир мекунанд ва ман чӣ гуна дуъои исёнгаронро иҷобат намоям? Дар фалон мавзеъ як бандаи Ман, ки уммати ту низ ҳаст, пайваста ба тоату ибодат ва зикри номи Ман машғул аст. Ӯро Бурхи Асвад гӯянд. Бирав, ӯро бигӯ дуъо кунад. Дуъояшро мустаҷоб хоҳам кард. Мӯсо (а) Бурхро пайдо намуда аз ӯ талаби дуъои истисқо мекунад. Бурхи Валӣ даст ба дуъо мебардораду Худованд дуъояшро мустаҷоб мегардонад.

Ҳамин қиссаро аз ин ба баъд бархе аз шоирон ва уламои тасаввуф аз шайх Фаридуддини Аттор (асри 12) шурӯъ карда то Мавлавӣ Ҷунунӣ (асри 19) бо каме тағйирот ва иловаҳо дар осори худ овардаанд. Дар адабиёти тасаввуф инчунин қиссаҳои мазмунан дигаре низ оварда мешавад, ки дар онҳо Бурхи Сармасти Валӣ ҳамзамони ҳазрати Мӯсо (а) тасвир шудааст. Вале дар байни олимон муҳаққиқоне ҳастанд, ки дар бораи чунин шахсияти таърихӣ будани ҳазрати Бурх шакку тардид доранд. Масалан, олими бостоншинос, доктори илмҳои таърих Юсуфшоҳ Яъқубов дар мақолааш "Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ", ки дар китоби "Чаҳордаҳ мазор" (Душанбе, 2001) чоп шудааст, аз ҷумла менависад: "Бояд тазаккур дод, ки дар Таврот дар китобҳои Мӯсо аз Бурхи авлиёёд нашудааст. Агар

Бурх бо чунин мақом ҳамзамони Мӯсо мебуд, ҳатман аз ӯ дар Таврот ёд мешуд". Дар ҷои дигари мақолааш муҳтарам Юсуфшоҳ Яъқубов мегӯяд: "Аммо чи тавре ки дар боло ёдовар шудем, дар Таврот миёни наздикони пайғамбар аз ҳазрати Бурх ёд намешавад. Дар бораи хушксолӣ низ ҳарфе нест. Бинобар ин ривоёти он, ки Бурх ё Бурқиё ҳамзамони Мӯсо буд, исбот талаб мекунад".

## БОРУХ ҲАМОН БУРХ НЕСТ?

Дар ҳамин ҳол олими файласуф, шоир ва донишманди маъруф Назри Яздонӣ бар ин назар аст, ки зикри ҳазрати Бурх бо номи Борух дар Таврот рафтааст. Ба гуфтаи Назри Яздонӣ, ки дар як барномаи телевизионии шабакаи аввали ТВТ тирамоҳи соли 2005 суҳбат мекард, зикри ҳазрати Бурх дар Таврот дар китоби Ирмиёи набӣ бо номи Борух, котиби ин пайғамбар омадааст. Ҳазрати Ирмиё алайҳиссалом чандин сол баъди вафоти Мӯсо алайҳиссалом рисолати набиро ба дӯш гирифта ӯ низ шариати пайғамбар Мӯсои Калимуллоҳро таблиғу ташвиқ мекард.

Барои гирифтани маълумоти бештар дар ин бора мо Қуръони маҷид, Таврот ва "Қасас-ул-анбиё"-ро бо ин мақсад амиқтар мутолиа кардем. Дар Қуръони маҷид дар умум дар143 ояи 34 сураи муборакаи он зикри номи Мӯсо (А) рафтааст. Воқеъан, дар ягон ояи Каломуллоҳ аз ҳазрати Бурх ном бурда нашудааст. Вале дар

бораи он, ки дар замони Мӯсои Калимуллоҳ хушксолӣ ва қаҳтӣ ба вуқӯъ пайвастааст, дар сураи "Ал Аъроф" ояи 130-ум ишораи мушаххасе ҳаст: **"Ва лақад ахазно ола Фиръавна би-с-синина ва нақсин мин самароти лаъаллаҳум язкуруна"**. ("Ва ҳар оина гирифтор кардем касони Фиръавнро ба қаҳтиҳо ва ба нуқсони меваҳо то шавад, ки эшон панд пазиранд"). (Қуръони маҷид, Тафсири Ҳусайнӣ, саҳ: 349). Дар бораи ин хушксолӣ дар "Таърихи Табарӣ" низ маълумот дода шудааст. "Се сол қаҳт барафтод бар ҳама Миср, то ҳеҷ бар нарӯиданд ва ҳеҷ мева аз дарахт боз накарданд ва аз гуруснагӣ ҳамемурданд… Фиръавн Мӯсоро хоҳиш кард, ки дуо кун, то ин қаҳт бишавад, то пас ба ту бигаравем. Мӯсо дуо кард ва Худои азза ва ҷалла он қаҳт аз эшон бардошт. Боз эшон нагаравиданд". ("Таърихи Табарӣ", ҷилди 1,Теҳрон соли 2001, саҳ 246-247). Аммо он хушксолие, ки ҳафт сол идома дошта ҳазрати Мӯсо барои рафъи он бо амри Худованди азза ва ҷалла аз Бурхи Валӣ хоҳиши дуои истисқо мекунад, он баъдан дар банӣ Исроил рух медиҳад, ки оиди он на дар Қуръони маҷид ва на дар "Таърихи Табарӣ" маълумот наомадааст.

Дар ҳамин ҳол, ҳақиқатан ҳам дар ҳамаи панҷ китоби Мӯсо (а), ки дар Таврот оварда шудаанд, мо номи ҳазрати Бурх ва ё дигар исми хосеро, ки ҳам шаклан ва ҳам мазмунан шабеҳи ин ном бошад, пайдо накардем. Вале дар китоби Ирмиё набии Таврот Борух ибни

Нериё ном шахсе зикр гардидааст, ки ӯ дар аҳди пайғамбарии Ирмиё (а) котиби ӯ ба шумор мерафтааст. Тибқи он чи дар ин боби Таврот омадааст, дар аҳди подшоҳии Еҳуёқим ибни Иушиё қавми Яҳуд мубтакири гуноҳи зиёд шуд ва Худованд хост то онҳоро аз ин роҳи бад боздорад. Ба Ирмиё хитоб омад то мардуми банӣ Исроилро аз роҳи бад баргардонад. Ирмиёи набӣ аз Борух ибни Нериё хоҳиш намуд, ки ин даъвати Худовандиро рӯи коғаз оварда, сипас дар Байтулмуқаддас барои қавми яҳуд бихонад. Борух вақте ин корро мекунад, ба ӯ бовар намекунанд ва номаи Ирмиёи набиро подшоҳ дар оташ месӯзад ва фармон медиҳад, ки Ирмиёи набӣ ва Борухро дастгир намоянд. Чанд муддат Ирмиёи набӣ ва Борух аз бими дастгир шудан пинҳон мешаванд. Ирмиёи набӣ баъди чанде бори дигар қавми худро ба сӯи Худо даъват мекунад. Вале боз ҳам ӯро инкор мекунанд. Дар замони подшоҳии Сидқиё, бародари Еҳӯёқим, Ирмиёи набӣ ва Борух ба ҳабс кашида мешаванд ва ба муддати 10 сол дар зиндон мемонанд. Дар боби чилу панҷуми китоби Ирмиёи набии Таврот омадааст, ки Ирмиё Борухро тасаллӣ медиҳад ва ба ӯ аз қавли Худованд мегӯяд, ки "ҷони туро дар ҳар макone, ки биравӣ, барои ту ғанимат хоҳам гузошт". Ва дар соли 11-уми дар ҳабс будани Ирмиёи набӣ Набудкаднесар ё худ Бухтнассар ба Байтулмуқаддас ҳуҷум оварда шоҳ Сидқиёро сарнагун месозад ва Ирмиёи набӣ аз ҳабс озод мешавад.

Ҳамин қисса дар китоби "Таърихи анбиё аз Одам то Хотам бо қиссаҳои Қуръон" (саҳ. 696- 697), ки соли 1968 дар Теҳрон ба чоп расидааст, низ омадааст.

Муаллифи "Таърихи анбиё" менависад, ки "яке аз пайғамбарони бани Исроил ҳазрати Ирмиё Шилику алайҳиссалом буд, ки насабаш ба Бенямин фарзанди Яъқуб мерасад. Зуҳури нубуввати Ирмиёи набӣ дар соли 766-и қабл аз мелод буд. Соли чаҳоруми салтанати Юбоқим (дар Таврот ин ном дар шакли Еҳуёқим омадааст, С.Ҳ.) подшоҳи Оли Яҳудо буд, ки хитоб ба Ирмиё расид, ки мардуми банӣ Исроилро ба сӯи Ҳақ ва роҳи рост ҳидоят кун. Ирмиё Борух бинни Нерёро, ки яке аз мулозимони наздикаш буд, талабид ва бо ӯ суханоне гуфт ва ба ӯ чизе навишт ва он навиштаро ба Байтулмуқаддас овард ва ба мардум қироат кард ва гуфт:

-Эй Оли Яҳуд, аз Худо битарсед ва шариати ҳазрати Мӯсоро қабул намоед, то Худованд ба шумо раҳм кунад. Ва агар итоат накунед, ҳазрати Ирмиё ваъдаи азоб ба шумо додааст, ки ба дасти сипоҳи Бобул кушта шавед ва асир гардед. Бидонед, ки агар шумо китоби Тавротро амал накунед, он чи китоб дар миёни шумо бошад ҷамъ мекунанд ва ҳамаро хоҳанд сӯзонд.

Ин хабар ба Юбоқим расид. Дастур дод он номаро пора кунед ва ба оташ бизанед ва ҳукм кард Ирмиё ва Борухро ҳар куҷо ёфтед, бикушед".

Дар ҳамин ҷо бояд зикр кард, ки муаллифи "Таъ-

рихи анбиё" бо ишора ба "Маснавӣ" менависад, ки Ирмиё ҳамон ҳазрати Хизр алайҳиссалом ҳаст. "Ва гуфтаанд, ки исми ӯ Булён ибни Маликон буд, ки аз фарзандони мулуки банӣ Исроил аст, ки тарки салтанат ва подшоҳӣ карда ва зӯҳду инзиво ва гӯшанишиниро ихтиёр карда ва дар ваҷҳи тасмияи ӯ навиштаанд, ки ӯро аз ин ҷиҳат Хизр гуфтаанд, ки бар замине, ки менишаст ё мегузашт ва намоз мехонд, замин сабзу хуррам мешуд. Баъзе ҳам навиштанд Ирмиё номи Илёс ҳаст".

Дар идомаи қиссаи ҳазрати Ирмиё набӣ дар "Таърихи анбиё" омадааст, ки " Бухтнассар подшоҳи Бобул Байтулмуқаддасро мусаххар карда тамоми мол ва ҷавоҳире, ки дар он ҷо буд, ба ғорат бурд ва Юбоқимро асир кард ва ба Бобул фиристод. Ва Сидқиёро, ки бародари Юбоқим буд, ба салтанати Оли Яҳудо мусавваб намуд. Дар замони подшоҳии Сидқиё низ Ирмиё пайғамбар рисолати худро идома дода банӣ Исроилро ба роҳи Ҳақ ва шариати Мӯсо даъват мекунад. Аммо бани Исроил на танҳо даъвати ӯро намепазиранд, балки подшоҳ Сидқиё ҳазрати Ирмиёро ба муддати 10 сол ба зиндон мепартояд. Соли 11-уми дар зиндон будани ҳазрати Ирмиё Бухтнассар бори дигар ба аррозии муқаддас ҳамла овард ва Байтулмуқаддасро забт намуд. Сидқиё ва қисмати зиёди Оли Яҳудро ба асирӣ гирифта ба сӯи Бобул фиристод ва танҳо як қисмати ками мардумро барои зироат ва кишоварзӣ боқӣ

гузошт. Ва дар ин мавқеъ ҳазрати Ирмиё аз зиндон озод шуд. Банӣ Яҳудо хостанд аз зери фармони Бухтнассар хориҷ шуда ба Миср бираванд. Ирмиё манъ кард. Гуфт ба зудӣ Бухтнассар бар Миср ҳам ғалаба хоҳад ёфт ва шуморо асир хоҳад кард. Банӣ Яҳудо ҳарфи ӯро нашуниданд ва ба Миср рафтанд. Бухтннассар ба Миср лашкар кашид ва он ҷоро мусаххар намуд ва ҳамаи онҳоро асир кард.

Ирмиё китобе дошт муштамил бар панҷоҳ фасл ва китоби муҳокимаронии он дар панҷ фасл буд, муштамил бар ахбори ғайбу таърихи харобии Байтулмуқаддас ва асирии бани Исроил ва харобии сарзамини Байтулмуқаддас, ки дар 70 сол тасреҳ карда буд. Аз мулозимони Ирмиё Борух бинни Нериё пайғамбар буд, ки бародари Сориёи пайғамбар аст, ки зуҳураш дар соли 763-и қабл аз мелод буд ва қабри ҳарду дар Байтулмуқаддас буд. Бухтнассар Байтулмуқаддасро гирифт оташ зад ва ҳамаро кушт. Ҳазрати Сориё бародари Борух бинни Нериё дар он ҷо мардумро ба роҳи Худо ҳидоят мекард ва дар масҷиди Ал Ақсо Худоро ибодат менамуд ва мардумро ба шариати ҳазрати Мӯсо (а) мехонд, то ба дасти Бухтнассар ҳам ба ҳолати сахт ҳалок гардид".

## ОСАФ ИБНИ БАРХИЁ КИСТ?

Дар "Таърихи анбиё" ҳангоме, ки сухан дар бораи Сулаймон пайғамбар (а) меравад, гуфта мешавад, ки ӯ бо номи Осаф ибни Бархиё вазире доштааст. Осаф ибни Бархиё марди қавӣ, донишманд, кордон ва сипаҳсолори қӯшун ва садри аъзами девони адолати ӯ будааст. Осаф ибни Бархиё 12 ҳазор савораи размозмудае дошт, ки аз тамоми лашкариён мумтоз буданд ва ҳамарӯза аз матбахи салтанатӣ ғизо мехӯрданд. Чиҳил ҳазор асп доштааст, ки ҳамеша омодаи саворӣ будаанд. Осаф ибни Бархиё умури кишварро идора менамуд ва бо он қудрат ва нуфузе, ки ба ҳама чиз дошт, касеро ёрои мухолифат бо ӯ набуд. Дар соли 1178-и қабл аз мелод шурӯъ ба сохтани масҷиди Ақсо карданд. Чун ба интиҳо расид, тобутеро, ки дар миёни он "Алвоҳи Таврот" буд ва ҳазрати Мӯсо (а) ибтидо дар он гузошта буд, бо шукӯҳу азамат ва ҷалол ҳамл карданд ва дар масҷид фурӯ оварданд ва ҳазрати Сулаймон бо шукронаи итмоми масҷид ва ҳифзи алвоҳи аҳкоми осмонӣ саҷдаи шукр намуд ва қурбонӣ кард ва ид гирифт. Дар ҳамин "Таърихи анбиё" гуфта мешавад, ки вақте ки яке аз девҳо худро ба сурати ҳазрати Сулаймон сохта дар вақти дар истинҷо будани ҳазрати Сулаймон (а) ангуштарини мӯъҷизаофарашро аз

маҳрами пайғамбар (а) мегираду чанд муддат бо симои ҳазрати Сулаймон подшоҳӣ мекунад, маҳз ҳамин Осаф ибни Бархиё мефаҳмад, ки он фарде, ки чил рӯз боз дар тахт нишастааст, ҳазрати Сулаймон (а) нест. Барои ҳамин ҳам чил тавротхонро ба гӯшаҳои тахт нишонда, аз онҳо талаб мекунад, ки Тавротро баланд - баланд хонанд. Дев дигар тоқат накарда аз қаср мегурезаду ангуштариро ба дарё мепартояд, ки он ба дасти девҳои вафодор ба ҳазрати Сулаймон мерасад ва оварда онро ба пайғамбар медиҳанд.

## ОСАФ ИБНИ БАРХИЁ ДАР "ТАЪРИХИ ТАБАРӢ"

Дар китоби "Таърихуррусул вал мулук"-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, ки мухтасаран бо номи "Таърихи Табарӣ" маъруф аст ва онро аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ тарҷума намудааст, ҳангоме ки сухан дар бораи пайғамбар ҳазрати Сулаймон меравад, муаллиф аз Осафи Бархиё чанд бор ёдовар мешавад. Дар китоб муаллиф ӯро аз муқаррабони дарбори ҳазрати Сулаймон ба қалам додааст. Нахуст қайд шудааст, ки бо дуои Осаф ибни Бархиё Худованд дар як мижа задан тахти маликаи Сабо Билқисро ба пеши ҳазрати Сулаймон ҳозир месозад. Дуввум, Осаф ибни Бархиё ба ҳазрати Сулаймон хабари ба парастиши бут машғул будани яке аз занонашро мерасонад. Воқеан дар "Таърихи Табарӣ"

таъкид шудааст, ки Осаф бинни Бархиё ягона шахсе будааст, ки ба ҳарамсарои ҳазрати Сулаймон иҷозати ворид шудан доштааст. Баъди огоҳ шудан аз бутпарастии занаш ҳазрати Сулаймон ӯро аз ин кор бозмедорад. Дар ҷои дигари китоби "Таърихи Табарӣ" омадааст, ки Осаф бинни Бархиё нахустин шахсе будааст, ки ба тахти подшоҳии Сулаймон бо фиреб нишастани деверо бо номи Маҳр мефаҳмад. Ва ба хотири гурезондани дев тавротхонҳоро ҷамъ карда супориш медиҳад, ки баланд-баланд Тавротро қироат кунанд. Маҳр ба тавротхониҳо тоб наоварда гурехта меравад. Сулаймон боз тахти хешро соҳиб мешавад. (Таърихи Табарӣ, ҷилди 1, саҳ. 349-355).

Тақрибан айнан ҳамин нуктаҳоро дар китоби "Тафсири Табарӣ" низ мехонем. Тафовут дар ин ҷост, ки дар "Тафсири Табарӣ" номи деве, ки тахти Сулаймонро ба муддати кӯтоҳ ғасб мекунад, Сахр ном дорад. (Тафсири Табарӣ, ҷилди 2, саҳ. 125-130).

## БАРХИЁ НОМИ АБУЛОБОИ МОСТ?

Аллома Муҳаммад Иқбол китобе дорад бо номи "Ҷовиднома", ки дар жанри сайёҳати рамзӣ навишта шудааст. Қаҳрамони асар Зиндарӯд, ки ба назар мерасад ифодагари афкори худи муаллиф аст, якҷо бо рӯҳи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ба олами улвӣ, ки ба навиштаи Аллома Иқбол дар сайёраҳои Қамар, Уторид, Зӯҳра, Миррих, Муштарӣ ва Зуҳал ҷойгир

шудааст, сайёҳат мекунад. Ҳангоми сайёҳат онҳо бо рӯҳи Паёмбари ислом (с), ҳакимон, орифон ва адибони машҳур мулоқот мекунанд. Дар фалаки Миррих Зиндарӯд ва рӯҳи Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ бо яке аз ҳакимони он ҳамсуҳбат мешаванд. Ҳакими миррихӣ дар муаррифии сарзамине, ки дар он зиндагонӣ мекунад, мегӯяд:

**Ин навоҳӣ Мар ғдини Бархиёст,**
**Бархиё номи абулобои мост.**

Дар тавсифи шаҳри Марғдин ва мардуми он Муҳаммад Иқбол менависад:

**Марғдину он имороти баланд,**
**Ман чӣ гӯям з-он мақоми арҷманд.**
**Сокинонаш дар сухан ширин чу нӯш,**
**Хубрӯю нармхӯю содапӯш.**
**Фикрашон бе дарду сӯзи иктисоб,**
**Роздони кимиёи офтоб.**
**Ҳар кӣ хоҳад симу зар гирад зи нур,**
**Чун намак гирем мо аз оби шӯр…**
**Андар он олам на лашкар, не қӯшун,**
**Не касе рӯзӣ хӯрад аз кушту хун.**
**Не қалам дар Марғдин гирад фурӯғ,**
**Аз фани таҳриру ташҳири дурӯғ.**
**Не ба бозорон зи бекорон хурӯш,**
**Не садоҳои гадоён дарди гӯш.**

Ба гуфтаи Муҳаммад Иқбол миррихиён, ки ба забони дарӣ суҳбат мекунанд, дар илму фарҳанг чун ғарбиён зуфунун буда аз заминиён хеле пеш рафтаанд. Ҳатто нафаре аз онҳо дар замони Расули акрам ба замин фуруд омада аз ҳоли заминиён воқиф шудааст:

**Ин ҳама хоб аст, ё афсунгарӣ,**
**Бар лаби миррихиён ҳарфи дарӣ.**
**Гуфт: "Буд андар замони Мустафо,**
**Марде аз миррихиёни босафо.**
**Бар ҷаҳон чашми ҷаҳонбинро кушод,**
**Дил ба сайри хиттаи Одам ниҳод.**
**Пар кушуд андар фазоҳои вуҷуд,**
**То ба саҳрои Ҳиҷоз омад фуруд.**
**Он чӣ дид аз Машриқу Мағриб навишт,**
**Нақши ӯ рангинтар аз боғи биҳишт…**

Аз мутолиаи ин боби "Ҷовиднома" чунин ба назар мерасад, ки Аллома Иқбол шаҳри Марғдинро ба ҷомеаи исломӣ ҳамчун як ормон барои пайравӣ пешниҳод мекунад. Вале дар бораи он, ки Бархиё ном гузоштани пешвои мардуми ин сарзамини хаёлӣ аз сӯи Муҳаммад Иқбол тасодуфӣ ҳаст ва ё ӯ бо Бурхи Сармасти Валӣ иртиботе дорад, кӯшиш мекунем фикри дар тасаввуф маъмули дигарро ба шумо, хонандаи гиромӣ, баён намоем. Бинобар назари баъзе аз уламои тасаввуф эҳзори арвоҳи гузаштагон дар байни рӯҳо-

ниёни дараҷаи боло як кори таҷриба шудааст ва воқеият дорад.

Дар суҳбат бо мо донишманди шинохтаи тоҷик Рустами Ваҳҳоб дар иртибот бо ин мавзӯъ гуфт, ки "ман ҳамин саволро бо назардошти он чи Муҳаммад Иқбол дар "Ҷовиднома" гуфтааст бо мақсади ҳақиқати ҳолро фаҳмидан пеши домулло Муслиҳиддин, яке аз шогирдони домулло Муҳаммадии қумсангирӣ матраҳ карда будам. Ин шахсияти шинохта дар ин бора гуфтанд, ки чунин кор имконият дорад ва ҳақиқат доштани онро тасдиқ менамоянд. Ба гуфтаи ӯ шахсиятҳои маъруфи рӯҳонӣ ва онҳое, ки ба пояи баланди рӯҳоният расидаанд, метавонанд ба мартабае расида бошанд, ки ба эҳзори арвоҳ муваффақ шаванд.

Умуман, дар байни рӯҳониёни дараҷаи боло ин чиз матраҳ аст. Ба ин қабил шахсиятҳо рӯҳониёне дохил мешаванд, ки дар ҳавзаи ирфон таҷрибаҳои амалӣ доранд",- мегӯяд Рустами Ваҳҳоб.

Ба гуфтаи ӯ "қолу ҳол бармегарданд ба ҳамон фалсафаи офариниши Одам (а). Худованд вақте ки инсонро меофарад, номи ашё, исми чизҳоро аз ӯ мепурсад. Инсон ҳама чизро медонад. Назари аслӣ ин аст, ки донистани он номҳо танҳо исмҳо, танҳо номҳо, исмҳои зоҳирӣ набуданд. Яъне манзур аз исм ин илм ҳаст. Ҳамаи илмҳое, ки дар назди Худованд ҳаст ва дар ҳамон маҳдудае, ки барои инсон салоҳ донистааст, наметавонад, ки танҳо соф ном бошанд. Бояд, ки но-

мҳо бо муҳтавояшон бошанд. Баъд бо гузашти исёнҳову нисёнҳо, лағзишҳо рӯйи онҳоро парда гирифтааст. Ва танзеҳи ботинии инсон парда бардоштан аз рӯйи ҳамон исёну нисёнҳо ҳаст, то асли ҷавҳари ҳамон донишҳои аввале, ки Худованд дар фитрати инсон ниҳода буд, ошкор шавад. Ва илми ҳол, фикр мекунам, аз ҳар тариқ ҳаракат дар ҳамин масир аст. Ҳаракат дар масири гузаштан аз хилоли ин пардаҳои исёну нисён ва расидан ба фитрати аввалии донишманд".

Масалан, Бедил мегӯяд:

**Як лағжиши по ҷодаи тавфиқ талаб кун,**
**Аз заҳмати чандин раҳу фарсанг бурун о.**

Ҳамин тариқ ба гуфтаи муллоҳои суфӣ авлиёҳо, ки бешак Аллома Иқболи Лоҳурӣ аз ҷумлаи онҳост, қобилияти эҳзори рӯҳи бузургонро доранд. Ва ин бузургон метавонанд тавассути ин эҳзор бо арвоҳи бузургони дигар дар суҳбат бошанд. Дар бораи ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ низ чунин ривоят ҳаст, ки дар як дуои худ аз Худованди бузург талаби дидорбинии ҳазрати Муҳаммад пайғамбар (с)-ро мекунад. Парвардигор ин хоҳиши ӯро ба ҷо меорад. Мулоқоти ҳазрати Бурх бо Паёмбари гиромӣ (с) дар яке аз қабристонҳои Арабистони Саъудӣ бо номи Бақия сурат гирифтааст. Шоире ин мулоқотро ба риштаи назм кашидааст. Порчае аз ин манзумаро то ба ҳол куҳансолони водии Вахё аз ёд

медонанд. Инак ин порчаро пешниҳоди хонандагони арҷманд мекунем. Дар аввал муроҷиати Бурхи Валӣ ба Пайғамбари гиромӣ (с) омадааст:

**Ассалом, эй Аҳмади мурсал, биё,**
**Хоки поки туст тоҷи анбиё.**
**Гар задам бахя ба ҳар як анбиё,**
**Бар ту ду бахя задам, эй раҳнамо.**
**Бахяи аввал шайъи доррулфано,**
**Бахяи дуюм шайъи дорулбақо.**

Сипас ҷавоби Расули акрам (с) ба Бурхи Валӣ чунин ба риштаи назм кашида шудааст:

**Воалейк, эй Бурхи Абдоли Валӣ,**
**Дар миёни авлиёҳо афзалӣ.**
**Қутби абдолон туӣ, эй масти Раб,**
**Гуфтугӯйи туст дар аҳли араб.**
**Кас туро ҳаҷ кард ҳаҷҷи он қабул,**
**Ҳаҷҷи бе ту несташ осон қабул.**
**Ҳақ таъоло аз суханҳои накӯт,**
**Ханда рӯзе се маротиб менамуд.**

## СИМОИ ҲАЗРАТИ БУРХ ДАР ОСОРИ БУЗУРГОНИ ТАСАВВУФ

Ҳамчуноне ки қаблан гуфтем, зикри номи Бурхи Валӣ аввалин бор дар қадимтарин осори хаттии тасаввуфӣ дар китоби "Қут-ул-қулуб"-и Абӯтолиби Маккӣ рафтааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо Абӯтолиби Маккӣ дар Эрон таваллуд шуда дар Макка ба воя расидааст. Тасаввуфро дар назди олими машҳури замонаш Абӯсаиди Арабӣ, ки яке аз шогирдони Ҷунайдуллоҳи Бағдодӣ будааст, омӯхтааст. Баъдтар аз Макка ба Басра ва аз он ҷо ба Бағдод рафта таҳсилашро дар назди муаллифи яке аз аввалин китобҳое, ки дар бораи ҷараёни мазҳабӣ- фалсафии тасаввуф навишта шудааст, "Китоб-ул- лумаъ фи тасаввуф" Абӯнасри Сарроҷ (вафоташ соли 988 мелодӣ) идома медиҳад. Маҳз дар ҳамин давра дар ӯ хоҳиши ба мисли устодаш навиштани китобе дар бораи назарияи тасаввуф пайдо мешавад ва ба навиштани китоби "Қут-ул-қулуб" шурӯъ мекунад. Номи пурраи китоб "Қут-ул-қулуб фи муъомалат-ил- маҳбуб", яъне "Ғизои дилҳо дар муомилот бо маҳбуб" мебошад. Ин китоб чи дар замони худаш ва чи дар даврони баъдӣ аз сӯи муҳаққиқин баҳои баланд ва мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Уламои бузурги тасаввуф ҳамчун

Муҳйиддин ибни Арабӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Алӣ ибни Усмони Ҳаҷвирӣ, Муҳаммади Порсо ва ғайра дар навиштаҳои худ борҳо ба ин китоб истинод овардаанд. Абӯтолиби Маккӣ тибқи маълумоти сарчашмаҳо соли 996 мелодӣ аз дунё чашм мепӯшад.

Китоби "Қут-ул-қулуб" асосан дар баёни шарҳу тафсири истилоҳоти тасаввуф аст. Дар боби шарҳи калимаи "идлол"- ки ба маънои нозу карашмаи маҳбуб ҳаст, Абӯтолиби Маккӣ дар китобаш мисоли нози ҳазрати Бурхро меорад. Дар ирфон истилоҳи муҳиб асту маҳбуб аст. Муҳиб дӯстдор, маҳбуб  дӯстдошта. "Идлоли маҳбуб", яъне нозу карашмаи маҳбуб. Ба қавли Абӯтолиби Маккӣ Бурх маҳбуби Худо, дӯстдоштаи Худост. Дар "Қут-ул-қулуб" ин қисса чунин оварда шудааст:

"Ва аз нозу карашмаи маҳбубон ва дӯстдоштагони Худо ва касоне, ки дар мақоми унси ҳазрати Ҳақ ҳастанд, муноҷоти Бурхи сиёҳпӯст аст, ки Худои таборак ва таъоло Калими Худ, Мӯсоро амр кард, ки аз вай бихоҳад, ки барои бани Исроил талаби борон кунад. Чунки онҳо муддати ҳафт сол буд, ки дучори қаҳтсолӣ шуда буданд. Ҳазрати Мӯсо (а) ҳафтод ҳазор бор барои онҳо талаби борон кард. Худо ваҳй фиристод ба Мӯсо, ки чӣ гуна ман дуои онҳоро иҷобат бикунам, дар сурате, ки онҳо бисёр зулм кардаанд, гуноҳ кардаанд ва ботини палиди онҳо монеъ аз он аст, ки дуои онҳо иҷобат бишавад. Онҳо бидуни, он ки ба Ман бовар дошта бо-

шанд, дуо мекунанд. Аз макри Ман худро дар амон мебинанд. Баргард, бирав назди бандае аз бандагони Ман, ки вайро Бурх гӯянд. Ва ба ӯ бигӯ, ки берун ояд ва дуо кунад, то дуои ӯро Ман иҷобат бикунам. Мӯсо (а) ҳазрати Бурхро намешинохт. Мӯсо алайҳисалом рӯзе дар роҳ мерафт. Ногоҳ бо бандаи сиёҳпӯсте дучор омад, ки дар пешонаи ӯ аз сабаби саҷдаи зиёд осори гарду ғубор ҳувайдо буд. Вай чодареро дар гардани худ печонда буд. Мӯсо (а) тавассути фаросати худ ӯро шинохт ва бар ӯ салом гуфт. Ва аз ӯ пурсид:

Номи ту чист?

Ӯ дар ҷавоб гуфт:

- Номи ман Бурх аст.

Ва Бурх илова кард:

- Ин ту ҳастӣ, ки муддатҳост дар ҷустуҷӯи мо мебошӣ, то берун биёям ва барои шумо дуои талаби борон бикунам?

Пас ҳазрати Бурх берун шуд ва дар муноҷоташ бо Худои бузург ин ҷумлаҳоро гуфт:

- Оё кори Ту ин аст? Ҳилми Ту ин аст? Оё ба Ту чунин менамояд, ки абрҳои Ту кам шуданд? Бодҳо аз итоати Ту сарпечӣ мекунанд? Он чӣ дар хазинаҳо дорӣ кам мешаванд? Ё ин, ки хашму ғазаби Ту бар гунаҳкорон шиддат гирифтааст? Оё Ту Ғаффор нестӣ? Қабл аз ин, ки бандаҳои хатокорро биёфаринӣ, Ту раҳматро халқ кардӣ ва ба меҳрубониву шафқат амр кардӣ. Пас барои чӣ он чи, ки Худат амр кардӣ, хилофи онро мекунӣ?

Оё Ту ба мо нишон медиҳӣ, ки ин кори ношуданист ё худ имконнопазир аст? Ё аз марг метарсӣ ва мехоҳӣ, ки зудтар ин мардумро уқубат бикунӣ, азоб бидиҳӣ?

Муноҷоти ҳазрати Бурх ҳанӯз тамом нашуда буд, ки банӣ Исроил аз борон сероб шуданд ва Худои таборак ва таъоло дар муддати ним рӯз гиёҳу алафи фаровоне бирӯёнид, то ҳадде ки баландии онҳо ба зонуҳои онҳо расида буд. Пас ҳазрати Бурх аз дуои талаби борон баромад".

## ФАРИДУДДИНИ АТТОР ВА БУРХИ ВАЛӢ

Бояд гуфт, ки ҳамин қиссае, ки дар "Қут-ул-қулуб" оварда шудааст, баъдан аз сӯи чанд нафар шоир ва олим дар робита ба ин ва ё он мавзӯъ бо каме тағйирот у иловаҳо дар китобҳояшон оварда мешавад. Чунончи ҳамин қиссаро орифи тавоно Фаридуддин Муҳаммади Аттор (1119-1230 мелодӣ) дар маснавии хеш "Мусибатнома" меорад. Ин қиссаи манзум дар баҳри рамали мусаддаси маҳзуф навишта шуда аз 55 байт иборат аст. Дар ин маснавӣ шайх Аттор нахуст бо чанд байт васфи ин авлиёуллоҳро мекунад. Ҷолиб он аст, ки ҳазрати Аттор Бурхи Валиро як шахси босавод гуфтааст. Сипас ба қаҳтӣ гирифтор шудани бани Исроилро ба риштаи тасвир мекашад:

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

**Буд андар аҳди Мӯсои Калим,**
**Бурхи асвад бедиле бо дил ду ним.**
**Он чунон сарсабзие дар Бурх буд,**
**К-аз саводаш чеҳраи дин сурх буд.**
**Шуд табаҳ бар Оли Исроил кор,**
**З-он ки омад хушксолӣ ошкор.**
**Соя меафканд қаҳтӣ саҳмнок,**
**Хостанд афтод халқе дар ҳалок.**
**Халқ омад пеши Мӯсо сар ба сар,**
**Та ба истисқо бурун ояд магар.**
**Рафт Мӯсо сӯи саҳро беқарор,**
**Хост борон аз Худои комгор.**
**Ҳам ба истисқо намоз оғоз кард,**
**Ҳам яди байзо дуоро боз кард.**
**Гарчи бисёре дуо гуфт он замон,**
**Ҳеҷ асар пайдо наёмад дар ҷаҳон.**
**Рафт Мӯсо баъд аз он якбор низ,**
**Барнаёмад кор дигар бор низ.**
**Хост шуд халқе дар он тангӣ ҳалок,**
**Рафт Мӯсо гуфт, эй Донои пок.**
**Чист дору то шавад дармон падид?**
**Чист фармон то шавад борон падид?**
**Ҳақтаъоло гуфт бо Мӯсо ба роз ,**
**Гар ба борон аст қавматро ниёз,**
**Бандае дорам, ки ӯ гӯяд дуо,**
**Аз дуои ӯ шавад ҳоҷат раво.**

Дар идомаи ин манзума омадааст, ки ҳазрати Мӯсо Бурхи Валиро пайдо карда аз ӯ хостори дуои истисқо мегардад.

Бурхи Валӣ айнан ба он тарзе, ки Абӯтолиби Маккӣ дар китобаш овардааст, даст сӯи Парвардигор мекушояду дуо мекунад ва Худованд дуои ӯро мустаҷоб мегардонад. Дар тафовут аз китоби "Қут-ул-қулуб" шайх Аттор дар хотимаи манзумааш меорад, ки як рӯз баъди дуо кардан Бурхи Валӣ ҳазрати Мӯсо алайҳиссаломро дида ба ӯ мегӯяд:

**Гуфт, ай Мӯсо, бидидӣ он замон,**
**Бо Худои ту чӣ гуфтам он чунон.**
**Гармии ман дидиву гуфтори ман?**
**Мардии ман дидиву ҳинҷори ман?**
**З-ин сухан Мӯсо чунон дар тоб шуд,**
**К-оташи чашм омадаш в-аз об шуд.**
**Ҷӯш мезад хашми ӯ чун баҳри жарф,**
**Хост то ӯро биранҷонад шигарф.**
**То чунин шӯридаӣ на сар на бун.**
**Инчунин густох чун гӯяд сухун,**
**Ҷабраил омад, ки эй Мӯсо, матоб,**
**Пас маранҷон Бурхро аз ҳеҷ боб.**
**З-он ки Ҳақ мегӯяд ин Бурхи сиёҳ,**
**Ҳаст моро бандае аз дергоҳ.**
**Лутфи моро ӯ ба ҳар рӯзе се бор,**
**Мебихандонад чу гулбарги баҳор,**

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

**Лутфи моро ханда аз гуфтори ӯст,**
**Кори ту нест ин, валекин кори ӯст.**
**Ҳар касе хосияте ёфт аз Илоҳ,**
**Буд ин хосияти Бурхи сиёҳ.**

Сипас шайх Аттор бо забони ҳазрати Ҷабраил алайҳиссалом ҳазрати Мӯсо алайҳиссаломро ба хотири он, ки мехост Бурхи Валиро барои шатҳгӯияш сиёсат кунад, ба шиддат итоб менамояд ва ӯро аз ин нияташ боз медорад.

Бояд гуфт, ки дар Афғонистон яке аз аз овозхонҳои машҳури наътгӯй ва қавволихон Мир Фахриддин иборат аз 17 байт манзумаеро, ки моли Фаридуддини Аттораш мехонад, ба оҳанг даровarда ба барномаи ҳунарии худ ворид кардааст. Худи Мир Фахриддин гуфтааст, ки агарчи дар ин манзума номи ҳазрати Бурх мушахассан зикр наёфта бошад ҳам, вале сухан маҳз дар бораи ӯ меравад. Зеро шоир дар бораи шахсияте ҳарф мезанад, ки тамоми сифатҳои Бурхи Сармастро дорад. Қабл аз ҳама ин масти илоҳӣ мисли Бурхи Сармаст дар аҳди Мӯсо (а) зиндагӣ мекард ва мисли ӯ пайваста дар зикри Худованд буд. Ва ҳарфи зикраш мисли Бурхи Валӣ "Ё Ҳу" буд. Тибқи ин қисса ҳазрати Мӯсо (а) дар муноҷот аз Худованди бузург хоҳиш мекунад, ки аз ҷумлаи инсонҳо ба ӯ як бандаи хосашро нишон бидиҳад, то бидонад, ки чи касонанд дӯстони Худо. Худованд ба Мӯсо (а) мефармояд:

*Султони Ҳамад*

**Нидо омад, ки эй Мӯсо, сафар кун,**
**Бирав андар фалон кӯҳе гузар кун.**
**Ки аз хосони мо он ҷо яке ҳаст,**
**Ки сӯзи ишқ бар вай андаке ҳаст.**

Калимуллоҳ баъди ҷустуҷӯйҳои зиёде он ҷоро дар он кӯҳсор пайдо мекунад ва ин манзараро мебинад:

**Якеро дид бар санге нишаста,**
**Ба зикри Ҳақ забони хеш баста.**
**Ки мӯи сар бипечида танашро,**
**Ту гӯӣ дӯхта пироҳанашро.**
**Ду чашмонаш мисоли чашми оҳу,**
**Набудӣ дар забонаш ғайри "ё Ҳу".**
**Саломаш дод Мӯсои сарафроз,**
**Ба ҷуз "ё Ҳу" наёмад ҳеҷ овоз.**

Чун он сармасти Илоҳӣ ба ҷуз "Ё Ҳу" дигар чизе бар забонаш намеорад, ҳазрати Мӯсо (а) ба ӯ мегӯяд:

**Бад-ӯ гуфто, ки эй масти Илоҳӣ,**
**Аз ин "ё Ҳу" зиёд гуфтан чӣ хоҳӣ?**
**Агар бо Ҳақ туро кораст, баргӯ,**
**Агар мақсуд дидор аст, баргӯ.**
**Манам Мӯсои пайғамбар, ки ҳастам,**
**Худоро аз дилу ҷон мепарастам.**
**Чу номи Ҳақ шунид он масти ҳайрон,**
**Бизад "ё Ҳу", парид аз қолабаш ҷон.**

**Нидо омад, ки эй Мӯсо, чӣ дидӣ?**
**Магар бо масти ҳайронам расидӣ?**
**Аз ин мастон маро чандин ҳазоранд,**
**Ки номамро шунида ҷон супоранд.**
**Ало Аттор хушгуфтор бошӣ,**
**Аз ин гуфтор бархурдор бошӣ.**

Мавриди зикр аст бигӯем, ки мазмуну мундариҷаи ин қисса аз сюжети қиссаҳои дигаре, ки дар бораи ҳазрати Бурх гуфта шудаанд, ба куллӣ фарқ мекунад. Бо овардани ин қисса шоир гуфтанӣ ҳаст, ки дар байни инсонҳо дар баробари ашхоси гунаҳкор низ ҳастанд шахсоне, ки Худовандро аз дилу ҷон мепарастанд ва омодаанд, ки барои Ӯ хешро қурбон созанд. Ва Бурхи Валиро ҳамчун намунаи ин ашхос мисол меорад.

## АЗ ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ ГӮШ КУН

Узви вобастаи Академияи Илмҳои ҶТ Юсуфшоҳ Яъқубов дар мақолаи ёдшудааш менависад, ки "дар байни мардуми Дарвоз пиромуни ҳазрати Бурх қиссае бо номи "Бурхнома" роиҷ аст". Сипас 55 байти ин "Бурхнома"-ро дар мақола меорад, ки ду байти ахири ин қисса ба таври зер омадаанд:

**Аз Ҷалолиддини Румӣ гӯш кун,**
**Рав зиёрат бар Ҷабал хомӯш кун.**
**Ин муноҷот бишнав, эй аҳли ҷаноб,**
**Аз карам валлоҳу аълам биссавоб.**

Бо ишора ба ҳамин ду мисраъ муҳтарам Юсуфшоҳ Яъқубов дар идомаи мақолааш менависад, ки "агарчи мисраъҳои ахири ин манзума ба Мавлои Рум нисбат дода шудааст, вале аз он ки дар ин манзума вазну қавофӣ муроъот нашудааст, биноан ин манзумаро мансуб ба шахсе медонем, ки шеърдӯст ва иродатманди ҳазрати Бурх будааст.

Аз ин манзума бар меояд, ки маҳалли вафоти Бурх дар Ҷабал- кӯҳистони Ироқу Ассурия будааст. Дар адабиёти ҷуғрофӣ, аз ҷумла китоби Ибни Хурдод "Масолик ва мамолик" ва "Ҳудуду-л-олам" ноҳияи Ҷабал чун вилояти таърихӣ- кӯҳистони Ироқ ва Ассурияро гуфтаанд" ("Чаҳордаҳ мазор", Душанбе-2001, саҳ. 36-37).

Бо чунин далелҳо муҳтарам Яъқубов хулоса менамояд, ки "Бурхнома"-ро Ҷалолиддини Румӣ нанавиштааст ва мадфани ҳазрати Бурх дар Ҷабалест, ки дар ҳудуди байни Форс, Ироқ, Озарбойҷон ҷойгир шудааст. "Зеро агар ӯ аз авлодони худ- банӣ Исроил қаҳр карда бошад, дар кӯҳистони наздик ба диёраш ватан мегирад ва ҳамон ҷо вафот мекунад".

Оиди ин хулосаҳои олими мӯҳтарам чӣ метавон гуфт? Оё нуқтаи назари дигареро низ дар ин маврид пеш овардан мумкин аст? Бо арзи эҳтиром ба навиштаҳои бостоншиноси мӯҳтарам, устоди гиромӣ, мо ҷуръат мекунем фикри дигареро иброз намоем. Нахуст дар бораи моли Ҷалолиддини Румӣ будан ё набудани манзумаи "Бурхнома" ҳарф мезанем. Олими гиромӣ як

сабаби асосии моли Мавлоно надонистани "Бурхнома"-ро "дар муроъот нашудани вазну қофия" дар ин манзума медонад. Дар ин маврид бояд гуфт, ки ҳақиқатан ҳам дар он манзумае, ки дар мақолаи устод оварда шудааст, на танҳо вазну қофия муроъот нашудааст, балки баъзе калимаву иборахо, ҳатто мисраъҳо хато ва бемаънӣ нашр шудаанд. Вале, ба фикри мо, ин асос шуда наметавонад, ки бигӯем "Бурхнома"-е, ки онро моли Мавлавӣ медонанд, дар асл ҳамин гуна хато навишта шуда бошад. Дар дасти мо чанд варианти ин манзума ҳаст, ки аз ончи дар мақолаи муҳтарам Юсуфшоҳ Яъқубов омадааст, фарқ мекунанд. Чанд мисол меорем. Масалан, дар мақолаи олими муҳтарам байте аз ин манзума чунин омадааст:

**Меназад бе амри мо гоме бурун,**
**Бурхи Сармастаст бошадаш номаш кунун.** (саҳ. 33-34).

Мебинем, ки дар мисраи дуюми байти мазкур ҳақиқатан ҳам вазн риоя нашудааст.

Вале ҳамин байт дар манзумае, ки дастраси мо ҳаст, ба ин шакл омадааст:

**Меназад бе амри мо гоме бурун,**
**Бурхи асвад номи ӯ бошад кунун.**

Ё худ мисоли дигар. Дар мақола омадааст:

**Фаҳм агар дорӣ зи холиқи азал,**
**Чун ки шуд ин мужда бар сӯи Ҷабал.** (саҳ. 34).

Дар ин байт агарчи вазн риоя шуда бошад ҳам, вале маънои мисраи дуввум ва умуман байт чандон мафҳ-

ум нест. Зеро калимаҳо дар мисраи дуввум хато оварда шудаанд.

Варианти дурусти ин байт чунин аст:

**Фаҳм агар дорӣ зи Холиқи азал,**
**Чун шуда он муҷтабӣ сӯи Ҷабал.**

Муҷтабӣ дар луғат ба маънои баргузида омадааст.

Дар байти зерин низ чунин камбудӣ ба назар мерасад. Яъне агарчи вазн риоя шуда бошад ҳам, вале ба сабаби нодуруст навишта шудани калимаҳо, дарки мазмуни дурусти ин байт муяссар намешавад:

**Масту аз худ мутлақу дар Ҳақ шудаст,**
**Дар ҷаморуллоҳ мустағрақ шудаст.** (саҳ. 34)

Дар асл бошад ин байт дар "Бурхнома" ба ин шакл омадааст:

**Раста аз худ мутлақо дар Ҳақ шуда,**
**Дар ҷамолуллоҳ мустағрақ шуда.**

Ин гуна мисолҳоро аз ин мақола боз бисёр овардан мумкин аст, вале мо бо ҳамин иктифо мекунем ва иброз медорем, ки ғалат ба чоп расондани осори олиме ё шоире ин ҳанӯз маънои онро надорад, ки худи олим ва ё шоир ин хатоҳоро содир карда бошад. Ё худ танҳо ба ҳамин далел, ки ӯ наметавонист чунин хато бикунад, хулоса барорем, ки ин моли фалонӣ нест. Хусусан, вақте далели хаттӣ низ мавҷуд аст, ки Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ чунин як манзумаеро эҷод кардааст. Дуруст аст, ки дар тамоми осори то ба имрӯз дар Тоҷикистону Эрону Афғонистон ба нашр расидаи

Мавлоно чунин манзума ва ё қиссаеро пайдо карда наметавонем. Вале гуфтан ҳам наметавонем, ки то ба имрӯз он чиро, ки Мавлоно эҷод кардааст, муҳаққиқону мурратибон гирд овардаанду ноширон пурра ба нашр расондаанд. Масалан, имрӯз шеърдӯстон ва алоқамандони адабиёти форсу тоҷик дар Тоҷикистону Афғонистону Эрон ва ҳатто Покистон чандин ғазалро моли Ҷалолиддини Румӣ меҳисобанд, ки дар "Девони Кабир" онҳоро наметавон пайдо кард. Барои мисол матлаъ ва мақтаъи чунин ду ғазалро ҳамчун исботи гуфтаҳои худ хидмати шумо, хонандаҳои азиз, арза медорем:

**Даст бар сӯрох барӣ аз захри мор андеша кун,**
**Пой бар гул менихӣ аз неши хор андеша кун…**
**Шамси Табрезӣ туро ҷоме диҳад, андеша дор,**
**Ҷомро бар каф бигиру аз хумор андеша кун.**

***

**На ман беҳуда гирди кӯйи он дилдор мегардам,**
**Мазоқи ошиқӣ дорам, пайи дидор мегардам…**
**Биё, ҷоно, ҳидоят кун, ту Мавлонои Румиро,**
**Ғуломи Шамси Табрезам, қаландарвор мегардам.**

Аз сӯи дигар домулло Раҷаби Усмонзода яке аз уламои машҳури дини мубини ислом дар кишвар, ки аз соли 1944 то соли 1978 имом -хатиби масҷиди ҷомеъи шаҳри Ваҳдат буда соли 1978 дар синни 85 солагӣ аз

дунё чашм пӯшидааст, дар саҳифаи 21 "Баёз" ном китобаш қиссаеро дар бораи Бурхи Сармасти Валӣ аз Мавлонои Румӣ ривоят мекунад. Мазмунан ин ҳамон қиссаест, ки мӯҳтарам Юсуфшоҳ Яъқубов онро "Бурхнома" гуфта дар мақолаашон овардаанд. Мураттиби китоби "Баёз" Ҳоҷӣ Муҳаммадумари Солеҳзода бо такя ба муаллифи китоб домулло Раҷаби Усмонзода менависад, ки "Мавлонои Рум дар ҳаққи се шахсияти бузург Расули акрам (с), Бурхи Сармасти Валӣ ва Имло алайҳираҳма манзумаҳо гуфта будааст". (Домулло Раҷаби Усмонзода "Баёз", Душанбе 2006, саҳ. 18, бо ҳуруфи кириллӣ). Сипас дар саҳифаи 74-и ҳамин китоб "Муноҷоти Бурх" ном манзумае оварда мешавад. Мураттиб дар оғози ин манзума бо наср чунин пешсухани кӯтоҳ навиштааст: "Мулло Раҷаб мушобеҳ ба назми Мавлонои Рум назмеро эҷод кардааст дар васфи Бурхи Сармасти Валӣ". Манзумаи "Муноҷоти Бурх" тақрибан такрори манзумаи "Бурхнома" аст. Албатта, фарқият дида мешавад. Аммо мазмун ва сюжети манзума як чиз аст. Воқеан, дар ин манзума ҳам камбудиҳо дар риояи вазну қофияи шеър ба назар мерасанд. Вале бояд гуфт, ки ин навъи камбудиҳоро мо ҷоҷо дар "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Румӣ низ дучор меоем. Аз ин рӯ танҳо ҳамин камбудии вазну қофияро сабаб нишон дода мо наметавонем бигӯем, ки ин манзума моли Мавлавӣ нест. Мавлавие, ки пираш, аниқтараш шахсе, ки ояндаи дурахшони Ҷалолидди-

ни Румиро дар тасаввуф пешгӯӣ карда буд, яъне Шайх Фаридаддини Аттор, дар "Мусибатнома" ном китобаш дар бораи ҳамин Бурхи Валӣ достоне дорад.

Акнун ҳарчанд аз мавзӯи ин боб каме дуртар равем ҳам, ба хотири рӯшанӣ андохтан дар масъалаи муҳим дар бораи дар кадом ҷабал мадфан шудани ҳазрати Бурхи Валӣ чанд сухан мегӯем. Муҳтарам Юсуфшоҳ Яъқубов бо истинод ба мисраи дуввуми байти пеш аз охирони манзума "Рав зиёрат бар Ҷабал хомӯш кун" макони дафни Бурхи Валиро Ҷабали Ироқу Ассурия мегӯяд. Ҷолиб он аст, ки олими муҳтарам он чи дар мисраи аввали ҳамин байт омадааст, яъне "Аз Ҷалолиддини Румӣ гӯш кун"-ро нодида гирифта инкор мекунад, ки манзума эҷоди Мавлавӣ ҳаст, вале ҳамзамон фикри дар мисраи дуввуми ҳамин байт омадаро ба тарзи худ тайид менамояд ва барои исботи фарзияи худ истифода мебарад.

Бояд гуфт, ки манзури муаллифи манзума аз Ҷабал гуфтан айнан ҳамон Ҷабали Ироқу Ассурия ҳаст ё не, ҳатто аз ин байт сареҳан маълум нест. Мешавад гуфт, ки манзури муаллифи "Бурхнома" аз Ҷабал гуфтан ин худ як мавзеи кӯҳистон аст, ки метавонад дар ҳар кишваре бошад. Зеро дар забони арабӣ ҷабал гуфта кӯҳро мегӯянд. Ва ҳамзамон бояд бигӯем дар бархе аз осори қадимаи хаттӣ омадааст, ки баъзе аз ҷуғрофишиносон ва сайёҳони гузашта кӯҳистони Тоҷикистони имрӯзаро низ ҷабал гуфта ёдовар шудаанд. Масалан, дар

ҳамон китоби "Ҳудуд-ул олам"-е, ки олими муҳтарам онро барои исботи фикри худ ҳамчун санад истифода кардааст, ҷабал ба ҳамин маънӣ омадааст. Далели дигар, яъне Бурхи Валӣ баъди ранҷидан аз қавми худ метавонист ба Ҷабале биравад, ки ба ҷои зисти қаблиаш наздиктар бошад, низ чандон муассир ба назар намерасад. Аввал бояд донист, ки барои чӣ аз қавмаш ранҷидааст ва ин ранҷиш дар ҳаёти минбаъдаи ӯ то чӣ андоза таъсир доштааст. Агар ин ранҷиш ба хотири он бошад, ки қавмаш даъвати ӯро ба сӯи Ҳақ напазируфта алайҳи ҷони ӯ ва наздиконаш иқдоми хатарнок кардаанд, албатта, ӯ метавонист ба минтақае биравад, ки ӯро дар он ҷо нашиносанд ва барои душманонаш дастнорас бошад. Ба минтақаи дуртар рафтани ӯ барояш беҳтар ва бехавфтар мебуд, аз он ки дар наздикиҳои Ватан ҳамеша бо хатар мувоҷеҳ мешуд.

Аз сӯи дигар мо набояд фаромӯш кунем, ки Бурхи Сармаст авлиёуллоҳ буд ва кулли авлиёро Худованд соҳиби каромот карда буд. Тай кардани масофаи дароз барои авлиё кори чандон душворе набуд ва агар мо ба мавҷудияти чунин дӯстони Худо имрӯз ҳам боварӣ дошта бошем, пас бояд эътироф кунем, ки имрӯз ҳам чунин кор аз сӯи авлиё иҷрошаванда аст.

Акнун бармегардем ба мавзӯи симои Бурх дар осори бузургони тасаввуф.

# АМИР САИДИ ҲАМАДОНӢ ВА БУРХИ САРМАСТ

Аз бузургони мутақаддими тасаввуф, ки дар хоки диёрамон Тоҷикистони имрӯза дафн шудаанд, тибқи маълумоти мавҷуда Амир Саиди Ҳамадонӣ нахустин намояндаи ирфон аст, ки дар осори худ аз Бурхи Сармасти Валӣ ёдовар шудааст. Ӯ дар боби "Дар шарҳи салтанати маънавӣ ва асҳоби хилофати инсонӣ"-и китоби "Маҷмӯаи расоил"-аш, ки дастхати он таҳти рақами 546 дар Ганҷинаи дастнависҳои Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфуз аст, ҳамон қиссаи талаби борон кардани Бурхи Валиро дар аҳди Мӯсои Калимуллоҳ меорад. Дар боло гуфта будем, ки тибқи сарчашмаҳои ба мо дастрас ин қисса нахустин бор дар китоби "Қут-ул- қулуб"-и Абӯтолиби Маккӣ вомехӯрад ва он қиссаро манзури хонандаи гиромӣ карда будем. Амир Саиди Ҳамадонӣ қиссаи талаби борон кардани Бурхро ба ин тарз овардааст: "Дар ахбор омадааст, ки дар замони Мӯсо алайҳиссалом панҷ сол борон наборид ва халқи бисёр ба қаҳт ҳалок шуданд ва Мӯсо алайҳиссалом бо банӣ Исроил чанд навбат ба истисқо берун рафт ва иҷобат нашуд. Ба бани Исроил шамотат (ришханд) карданд. Мӯсо алайҳиссалом му-

ноҷот кард ва гуфт: Илоҳо, чӣ ҳикмат аст, ки дуои бандагон мустаҷоб намегардонӣ? Ҳақ ҷалла ва ъало ваҳй фармуд, ки эй Мӯсо, чӣ гуна иҷобат кунам дуои қавме, ки абдони худро ба алвоси маъосӣ олудаанд ва забонҳоро ба гандагӣ, дурӯғ ва наҷас кардаанд ва дастҳо ба ношоист кашида ва шикамҳо хазинаи ҳаром гардонида. Вале моро бандаест, ки агар юмни анфоси (нафасҳои нек) ӯро василати дуо гардонед, шуморо аз ин сахтӣ фараҳ диҳем.

Гуфт:

- Чӣ ном дорад он банда ва сифати ӯ чӣ гуна аст?

Хитоб расид, ки номи ӯ Бурх аст, бандаи сиёҳпӯст аст бо ҷомаи кӯҳна ва мӯи ҷулида ва рӯи гардолуда.

Мӯсо алайҳиссалом рӯзе дар саҳрое мегузашт, шахсе бидид, бишнохт, пеши ӯ бирафт ва гуфт:

- Эй бандаи Худо, чӣ ном дорӣ?

Гуфт:

- Ман Бурх ном дорам.

Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

- Мо туро меҷӯем.

Эй Калими Худо, чӣ ҳоҷат дорӣ?

Гуфт:

- Дуое кун, ки бошад, ки Ҳақ субҳонаҳу ва таъоло халоиқро аз ин сахтӣ бозраҳонад.

Гуфт:

- Эй Калими Худо, дур шав аз миён, то ман бо Парвардигори худ сухан гӯям.

Мӯсо алайҳиссалом ба як тараф биистод ва ӯ рӯй сӯи осмон кард ва гуфт:

- Магар хазинаи Ту холӣ шудааст ё бодҳо мухолифати Ту кардаанд? Ё абр аз фармони Ту берун рафтааст? Ё тарсидӣ, ки фурсати уқубат фавт шавад ва таъҷил кардӣ дар уқубати бандагон? Чун аз ин ҳама муназзаҳӣ рӯзии бандагон бифирист!

Дарҳол абр баромад ва борон борид ва дар як рӯз гиёҳҳо бар зону расид. Мӯсо алайҳиссалом аз ғайрат мутаҳайир шуд. Ҷабраил алайҳиссалом нузул кард ва гуфт:

Ё Мӯсо, Худованд ваҳй фармуд, ки нек бандаест моро ин банда, вале дар вай як айб аст.

Гуфт:

Илоҳо, чӣ айб дорад?

Фармуд:

Ӯ насими субҳро дӯст медорад ва бо боди субҳ андаке ором мегирад ва султони муҳаббати мо дар ҳар дил, ки бурда иззат баркашад, ҳеҷ чизро дар он дил ҷой намонад".

## ҲАЗРАТИ БУРХ ВА НАҚШБАНДИЯ

Ҳамин қиссаро яке аз шогирдони орифи бузург, асосгузори тариқати нақшбандияи тасаввуф Ҳоҷа Баҳоваддини Нақшбанд Хоҷа Муҳаммади Порсо дар китоби хеш "Фасл-ул-хитоб би васл-ал-аҳбоб" (Фасли хитоб дар васли аҳбоб), ки бо забони арабӣ навишта шудааст, бо истинод ба китоби "Қутулқулуб"-и Абӯ толиби Маккӣ каме ба дигар тарз овардааст. Дар ин китоб дар саҳифаи 49 бобе ҳаст, ки "Муноҷоти Бурх ғуломи сиёҳ" ном дорад. Мазмуни ин ҳикоятро дар тарҷумаи корманди Институти Шарқшиносии Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Мардон Тоҷиддинов, ки лутфан бо хоҳиши муаллифи ин сатрҳо кардааст, пешкаши хонандагони гиромӣ мекунем.

"Банӣ Исроилро хушксолие пеш омад. Ҳазрати Мӯсо пайғамбар алайҳиссалом ба Худо дуъо кард, ки барои 70 ҳазор аҳолии банӣ Исроил обро арзонӣ диҳад. Аз Худованди мутаъол вайҳ мешавад, ки ман чӣ гуна ба онҳое об диҳам, ки хилофи гуфтаҳои ман амал мекунанд, гуноҳ содир мекунанд? Сабаби асосии кулфату зулмате, ки болои сари онҳо омадааст, ин ҳамон гуноҳи содир кардаи онҳо мебошад. Умматони ту ба роҳи ғайри фармудаи Ҳақ мераванд.

Ҳазрати Мӯсо (а) ба шунидани ин калом парешон-

хотир мешавад. Дар ҳамин ҷо Худованди мутаъол ба ӯ мегӯяд:

-Ё Калимуллоҳ, ман бандае дорам, ки ӯро Бурх гӯянд. Бирав ба ӯ бигӯ, ки дуо кунад. Ман дуои ӯро мустаҷоб хоҳам кард.

Чун ҳазрати Мӯсо Бурхро намедонист дар ҷустуҷӯи ӯ мешавад. Боре ҳазрати Мӯсо дар роҳ бо ғуломи сиёҳе вомехӯрад, ки роҳравон зикри Худованд мекард. Дар хоку гил оғушта буд. Бар пешониаш асари гил боқӣ монда буд, ки гувоҳӣ аз саҷдаи пайвастаи ӯ ба Худои бузург медод. Ҳазрати Мӯсо (а) аз он нуре, ки аз рӯи он ғуломи сиёҳ таҷалло медод, ӯро шинохт, вале боз ҳам аз ӯ пурсид:

-Номи ту чист?

Ғуломи сиёҳ гуфт:

-Бурх.

Мӯсо алайҳиссалом аз Бурх хоҳиш намуд, ки пеши Худованд дуо кунад, ки барои бани Исроил борон фиристад

Бурхи сиёҳ даст ба дуо кушуд ва гуфт:

-Ай Худои бузург, ин чӣ рафторе буд, ки Ту кардӣ? Ва ин чӣ ҳукме буд, ки Ту баровардӣ? Магар дигар обҳову бодҳо дар итоати Ту нестанд? Чӣ боис шуд, ки ғазаби худро болои махлуқонат шадид кардӣ? Магар баҳри гирифтории ғазаби хеш онҳоро халқ кардӣ? Магар Ту бахшандаи гуноҳҳо нестӣ? Магар раҳмату меҳрубонӣ аз Ту нест? Ва ё Ту аз марг метарсӣ? Чаро

мегузорӣ, ки халқ азобу уқубат кашад?

Нолаҳои зори  Бурхи сиёҳ пеши Худованд иҷобат шуд.

Ҳанӯз ними рӯз нагузашта буд, ки дар биёбон буттаҳо сар кашиданд, алафзори биёбон то ба зону қад афрохт. Худованд боз раҳмати худро болои мардуми бани Исроил  арзонӣ дошт.

Баъди ин муноҷот Бурхи Сармаст ба ҳазрати Мӯсо гуфт:

-Дидӣ, ки чӣ гуна бо Худоям бо тундӣ суҳбат кардам. Ин гуфтори маро чӣ гуна баҳо медиҳӣ?

Аз ин суоли Бурх Мӯсо (а) ба ғам уфтод. Вале дарҳол аз Худованд ба Мӯсо (а) вайҳ омад:

-Ё Калимуллоҳ, ғамгин мабош, ки ҳазрати Бурх амри Худо дорад, ки дар рӯз се дафъа маро бихандонад".

## ҶОМӢ НИЗ ЗИКРИ БУРХРО КАРДААСТ

Шоир ва мутафаккири бузурги асри XV Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар асари бисёр ҳам машҳураш "Нафаҳот-ул-унс" дар боби зикри Хоҷа Муҳаммади Порсо ӯро тавсиф намуда аз ҷумла мегӯяд: "Ва дар маҳали дигар санъати Бурх ба назари мавҳабат ӯро каромат карданд ва қиссаи Бурх разияллоҳу анҳу дар китоби "Қут-ул-қулуб" мазкур аст". ("Нафаҳот-ул-унс", чопи Теҳрон, 1337 ҳ.ш. саҳ.392)

Яъне, Мавлоно мегӯяд, ки Худованд дар ниҳоди Хоҷа Муҳаммади Порсо хулқ, кору пеша ва маҳорату

салиқаи Бурхро мавҳабат, яъне арзонӣ дошта буд. Қиссаи Бурх бошад дар китоби "Қут-ул-қулуб" зикр шудааст. Мавлоно Ҷомӣ дар идомаи зикри Хоҷа Муҳаммади Порсо аз он ёдовар мешавад, ки дар замоне ки тақрибан ӯ 5- сола будааст, ба зиёрати Хоҷа Муҳаммади Порсо мушарраф мегардад. Ин замоне буд, ки Хоҷа Муҳаммади Порсо аз Бухоро тавассути Тирмиз, Балху Ҳирот мехост як сафари ҳаҷ анҷом бидиҳад. Вақте ки ӯ бо асҳобаш ба Ҳирот наздик мешаванд, мардуми Ҳирот бахусус, уламо ва аҳли илму адаб сари роҳи ӯ баромада мехоҳанд ба дидорбинии ӯ мушарраф гарданд. Падари Ҷомӣ фарзанди 5- солаи худро болои китфони яке аз наздиконаш гузошта ба зиёрати Хоҷа Муҳаммади Порсо меравад. Аз рӯи нақли Абдураҳмони Ҷомӣ Хоҷа Муҳаммади Порсо ӯро навозиш карда, ҳатто барояш як сер набот медиҳад. Абдураҳмони Ҷомӣ менависад, аз он вақт то ин лаҳзае, ки ин сатрҳоро менависам, беш аз 60 сол гузаштааст, вале то ҳол нури чеҳраи Хоҷа Муҳаммади Порсо пеши назарам таҷалло медиҳад ва лаззати он наботи ҳадя намудааш аз даҳонам нарафтааст.

## БУРХ ВА УВАЙСИ ҚАРАНӢ

Мавлоно Фахриддин Алӣ ибни Ҳусайн Воъизи Кошифӣ дар асари худ "Рашаҳот айн-ал ҳаёт" дар бораи Хоҷа Муҳаммади Порсо маълумот дода, ҳангоми ибрози хислату сифати ӯ аз ҷумла менависад: "... дар

маҳалли дигар он мухлисро (Хоҷа Муҳаммади Порсо-ро С.Ҳ.) сифати Бурх ба назари муҳаббат каромат карданд. Ва Бурхи Асвад бандаи дирамхаридаи сиёҳчурдае будааст дар замони Мӯсо (а), ки ба даргоҳи Ҳақ субҳонаҳу дараҷаи маҳбубӣ доштааст. Гуфтаанд, ки Бурх дар банӣ Исроил қаринаи Увайси Қаранӣ будааст. Дар миёни ин уммат ва ҳазрати эшон мефармудаанд, ки ҷамоате аз кубарои мутақаддимин, ки бевосита забони умури ҳақиқате аз якдигар ба муҷолисат маълум мекардаанд, эшонро бурхиён мегуфтаанд ва ҷамъе, ки баъд аз зуҳури дини Муҳаммадӣ салаллоҳу алайҳи вассалам бар ин васфанд, эшонро увайсиён мегӯянд.

(**Мавлоно Фахриддин Алӣ ибни Ҳусайн Воъизи Кошифӣ** "Рашаҳот айн-ал ҳаёт" Чопи сангӣ - Лакҳнав (Ҳиндустон), соли 1350 ҳиҷрӣ, саҳ. 59.)

## ЗИКРИ БУРХ ДАР "ИРШОДУТТОЛИБИН"

Дар китоби Охунд Дарвези Нангҳорӣ "Иршодуттолибин", ки соли 1304 ҳиҷрӣ дар Ҳиндустон ба нашр расидааст, дар саҳифаи 94-95 омадааст:

"... Чунон ки дар банӣ Исроил панҷ сол борон наборид, ҳатто, ки барги дарахтону бехи гиёҳро ба мавошӣ (ҳайвоноти хонагӣ) медоданд ва ҳар рӯз меҳтар Мӯсоро ба истисқо берун мебурданд. Рӯзе ба Худои худ муноҷот кард, ки Худовандо, маро фазеҳат (шарманда) кардӣ, зеро ки муддати панҷ сол аст, ки дуо мекунам

ба даргоҳи Ту мустаҷоб намешавад. Бевосита нидо шунид, ки ту дар миёни халқ мебошӣ, ки хӯрдан ва пӯшидани эшон ҳама муваҷҷиҳот (писандида) аст. Дар биёбоне бирав ва марде сиёҳ, сару рӯи бараҳна ва жандапӯше ва мӯи сари ӯ тофта- тофта, ликон бошад ва номи ӯ Бурқ аст. Ӯро бигӯ, ки дуо кунад, мустаҷоб шавад. Ва чун меҳтар Мӯсо алайҳиссалом дар биёбон рафт, одами мавсуфро ёфт ва номаш пурсид.

Гуфт:

-Номи ман Бурқ.

Гуфт:

-Талаби борон кун, ки ҳукм аст.

Ҳам дар он ҷо истода шуд ва тариқи ноз гуфт:

-Бод аз ҳукми Ту берун рафт, ки абрро пароканда намекунад ва ё хазинаи раҳматат холӣ шуд ва ё гунаҳкоронро дар он ҷаҳон азоб натавонӣ кард, ки дар ин ҷаҳон мекунӣ? Чун ҳама бар ҷост, зуд бош борон бикун!

Ҳам дар он соат чунон борон боридан гирифт, ки баландӣ ва пастӣ ҳамаро ҳамвор кард ва ба фармони Худой дар як рӯз гиёҳҳо то соқ омаданд. Меҳтар Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

-Худовандо, Туро чӣ хоса бандагонанд!

Фармон шуд, ки хос нестанд. Агарчи дар биёбон рафта ва аз халқ бурида ва ба ман пайваста…".

## БУРХ ДАР ҒАЗАЛИ РАНҶА

Дар бораи Бурхи Валӣ аз шоирони маҳаллӣ, ки пеш аз замони шӯравӣ, яъне дар асрҳои 16-20 зиндагонӣ кардаанд, киҳо ашъор гуфтаанд, чандон маълумоти зиёде дар даст надорем. Албатта дар водии Вахё ва манотиқи атрофи он, яъне Қаротегину Дарвоз ҳавзаҳои адабӣ ва шоирон буданд, осоре низ аз онҳо боқӣ мондааст. Ҳарчанд дар замони шӯравӣ аз тарси мавриди таъқибу озор қарор гирифтан қисмате аз онҳоро худи мардум ва як қисми дигари онҳоро ҳукуматдорон адабиёти парароварр гуфта аз байн бурда бошанд ҳам, вале боз ҳам асарҳои пурқимате аз адибони он давр боқӣ мондааст. Масалан, осори шоир Сафо Ошӯрзода, ки бо тахаллуси "Ранҷа" шеър мегуфт, ба ҳамин қатор дохил мешавад. Тибқи маълумоти муҳаққиқи шодравон Амирбек Ҳабибов дар китоби "Ганҷи парешон", ки соли 1984 дар Душанбе дар нашриёти "Ирфон" ба нашр расидааст, Ранҷа соли 1746 дар деҳаи Нӯшори ноҳияи Тоҷикобод таваллуд шуда соли 1824 дар синни 78-солагӣ дар ҳамон ҷо вафот мекунад. Амирбек Ҳабибов дар бораи Ранҷа аз ҷумла чунин навиштааст: "Нависандаи ин сатрҳо барои ташхиси аҳволи шоир ба зодгоҳи ӯ, ки ҳоло ҳам деҳаи мазкур Нӯшор ном бурда мешавад, рафта буд. Калонсолони

он деҳа доир ба ҳаёти вазнини ин шоир нақлҳои зиёде мекунанд. Аз ҷумла мегӯянд, ки шоир Сафо ба духтаре ошиқ мешавад, вале хешовандони духтар барои ба шавҳар баромадани духтар ба Ранҷа розӣ нашудаанд. Бинобар ин онҳо доруи ифлосе сохта ба шоир пинҳонӣ мехӯронанд. Пас аз ин шоир ба касалии пӯст (дарди барас) гирифтор шуда, рӯҳониён ва иғвогарони деҳа барои аз деҳа берун бароварда бадарға кардани он ҳукм мекунанд. Хешони Ранҷа аз ин ҳол бохабар шуда берун аз деҳа дар баландии назди сойи ҳамон деҳа хоначаи хаскаппамонанде ба ӯ месозанд ва ӯро ба ҳамон ҷо мегузаронанд. Сафо умри пурдарду алами худро дар ҳамон хонача танҳо гузаронида ва тахаллуси Ранҷаро низ аз ҳамин ҷо интихоб карда будааст". ( Амирбек Ҳабибов "Ганҷи парешон", Душанбе, "Ирфон", 1984, саҳ. 191). Таърихшинос Э. Муҳиддинов низ дар баробари овардани ин қисса инчунин илова мекунад, ки Ранҷа аз худ "девоне ба мерос гузоштааст, ки он иборат аз 3688 байт мебошад". (Э. Муҳиддинов "Қисмате аз таърихи Рашти куҳан" (Очерки таърихӣ), Душанбе, 1991, саҳ. 19).

Соли 2008-ум дар суҳбат бо мо яке аз олимони шинохтаи дини мубини ислом дар ноҳияи Ҷиликӯл домулло Ҳурматуллоҳ аз Бурса, ки 83 сол дошт ва аз китоби "Ганҷи парешон" бохабар буд, гуфт, ки аз рӯйи нақли бузургсолони Вахё Ранҷа аслан аз Вахё буда бар асари мушкилоти зиндагӣ ба водии Ғарм ҳиҷрат ме-

кунад. Дар он ҷо ба касалие гирифтор мешавад, ки аз мардум ӯро ҷудо мекунанд. Дар гӯшаи узлат ӯ ашъори орифона мегӯяд. Ҳатто дар бораи ҳазрати Бурх достоне менависад. Худованд барои ин кораш ба ӯ шифо мебахшад.

Рости гап, дар он дастхате, ки дар Шуъбаи дастхатҳои Институти шарқшиносии АФ Тоҷикистон мавҷуд ҳаст, мо ин достонро пайдо накардем. Вале дар осори ҳамин шоир ғазале мавҷуд аст, ки дар он Ранҷа аз Бурхи Валӣ ёдовар мешавад. Мо шакли пурраи ин ғазалро пешкаши шумо, хонандагони гиромӣ мекунем:

**Ҳар кас, ки сӯхт дилу ҷонаш марди ошиқ аст,**
**Ҳар кас, ки хӯрд тири ғамаш, марди ошиқ аст.**
**Лоиқ ба ишқ нест касе булҳавас бувад,**
**Дар баҳри ишқ ғута хӯрад, марди лоиқ аст.**
**Парвонавор чарх занад гирди шамъи худ,**
**Болу параш чу сӯхт, бидон, марди ошиқ аст.**
**Сармояи ҳаёт бувад ишқи Дӯст, бас,**
**Бо ҳар кӣ ишқ нест, яқин марди фосиқ аст.**
**Тарки сивош ҳар ки бикард, мард мебувад,**
**Чун эътибори Дӯст шавад, марди ошиқ аст.**
**Ошиқ набошад он, ки ба ӯ дарди ишқ нест,**
**Дар доғи дард сӯхт ҳамон, марди ошиқ аст.**
**Сармасти ишқи Дӯст шудан номи Бурх буд,**
**Дар ҷои Бурх, ҳар кӣ расад, марди ошиқ аст.**
**То луқма хуни дил нахӯрӣ, кай расӣ ба ҷо,**

**Ин ки хӯрад хуни дилаш, марди ошиқ аст.**
**Чандин балост бар сари ошиқ ҳамерасад,**
**Ҳар кас диловар аст дар ин марди ошиқ аст,**
**Собир ту бош Ранҷа, ба ҳар чӣ ризои Ӯст,**
**Таълим кард ҳар кӣ сараш, марди ошиқ аст.**

## МАВЛАВӢ ҶУНУНӢ ВА БУРХИ САРМАСТ

Мавлавӣ Ҷунунӣ аз ҷумлаи он шоирони классик ҳаст, ки ҳикояти дуои борон кардани Бурхи Валиро ба риштаи назм кашидааст. Мавлавӣ Ҷунунӣ, ки номи пуррааш Саидқаландар ибни Шоҳсоиб аст, соли 1800 дар шаҳри Қандаҳори давлати Исломии Афғонистон таваллуд шуда таҳсили ибтидоиро дар ҳамон ҷо дар назди падараш мегирад. Баъдан дар Бухоро таҳсили илм карда ба сафари ҳаҷ мебарояд. Баъди баргаштан аз зиёрати хонаи Худо деҳаи Роҳатии водии Ҳисорро макони зисти доимӣ қарор медиҳад. Чун ӯ олими забардасти замони худ дар адабу ирфон шуда буд, шогирдони зиёдеро аз ин фанҳо таълиму тадрис додааст. Ӯ ва аксари шогирдонаш ихлосмандон ва аҳли тариқати қодирияи тасаввуф буданд.Мавлавӣ Ҷунунӣ аз худ мероси бойи хаттӣ боқӣ гузоштааст. Осори ӯ ҳама дар шариъат ва ирфонанд ва дар васфи Худо, Расул ва дӯстони Худо гуфта шудаанд. Аз ҷумла "Маъданулҳол" маснавиест пур аз қиссаҳои ирфонӣ. Мавлавӣ Ҷунунӣ дар ҳамин "Маъданулҳол" ҳикоятеро таҳти ун-

вони "Воқеаи дуо намудани Мӯсо (а) аз барои борон" ҷойгир кардааст. Ин қиссаи манзум иборат аз 32 байт буда дар тафовут аз манзумаҳои дигар шоироне, ки ҳамин қиссаро дар вазни баҳри рамали мусаддаси маҳзуф ба назм овардаанд, Мавлави Ҷунунӣ онро дар вазни баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф эҷод кардааст.

Аз шоирони классик, ки дар васфи ҳазрати Бурх ашъор гуфтанд, танҳо дар бораи Мавлавӣ Ҷунунӣ маълумот ҳаст, ки ба зиёрати мақбараи ӯ ба кӯҳистони Вахё рафтааст. Домулло Ҳурматуллоҳи бурсагӣ, ки дар ноҳияи Ҷиликӯли вилояти Хатлон зиндагӣ мекунад ва худ солҳои панҷоҳум ба водии Вахш аз Вахё муҳоҷир шуда кунун 85 сол дорад, соли 2008-ум дар суҳбат бо муаллифи ин сатрҳо гуфт, ки дар ҳини наврасиаш аз калонсолони ҳамондавраи Вахё дар бораи мақбараи Бурхи Валиро дар деҳаи Шайхо зиёрат кардани шоир ва олими дини мубини ислом Мавлавӣ Ҷунунӣ шунида будааст. Аз сабаби он ки бо шогирдони зиёд меомадаасту шабҳо дар масоҷиди масири раҳ дастҷамъона ба шеърхониву зикри Худо машғул мешудаанд, 50-60 сол баъди вафоташ низ дар ёди мардуми оддӣ боқӣ мондааст.

Ин қиссаи манзум чун дигар ҳикоятҳои "Маъданулҳол" бо забони соддаву шево навишта шудааст. Аз ин рӯ бешарҳ онро пурра пешкаши шумо, хонандагони азиз, менамоем.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

**Каломи шир аз пистони ҷон аст,**
**Ба коми тифли ҷӯянда равон аст.**
**Чунин нақл аст андар асри Мӯсо,**
**Наборид абр, шуд қаҳтӣ саропо.**
**Зироатҳо ҳама хушку хазон шуд,**
**Ба олам нархи тӯъма пургарон шуд.**
**Бишуд қавми бани Исроилӣ танг,**
**Намонд аз бетаъомӣ қуввату ҳанг.**
**Ҳама дар назди Мӯсо ҷамъ омад,**
**Чу парвона ба назди шамъ омад.**
**Ба қавмаш рафт Мӯсо сӯи саҳро,**
**Ба борон хостан аз Ҳақ таъоло.**
**Дуъоҳо кард Мӯсо баҳри борон,**
**Нашуд мақбул бар даргоҳи Субҳон.**
**Бигуфт Мӯсо, ай Халлоқи олам,**
**Чи сирраст ноқабулӣ дар дуоям?**
**Бигуфт Эзид, ки эй Мӯсои Имрон,**
**Дили қавмат сиёҳ аз фисқу исён.**
**Намесозанд тавба аз гуноҳон,**
**Надоранд сидқи дил ин рӯсиёҳон.**
**Аз ин соат дуоҳо ноқабул аст,**
**Куҷо мақбули мо ҳар булфузул аст?**
**Валекин дар фалонҷо бандае ҳаст,**
**Қабули мост номаш Бурхи Сармаст.**
**Бирав бо ӯ бигӯ созад дуоро,**
**Ба ҳукми ӯ кунам абри саморо.**
**Фиристонам бари ӯ зуд борон,**

**Магӯ ин сирри ҳикматро ба ёрон.**
**Барои ҷустуҷӯи Бурхи Сармаст,**
**Бигашт Мӯсо баландиҳову ҳам паст.**
**Бипурсидӣ суроғи ӯ зи ҳар кас,**
**Набудӣ воқиф аз он шоҳу ҳар кас.**
**Куҷо ҳар кас шиносад марди Ҳақро,**
**Зи илми ишқ нохонда сабақро.**
**Ба зери пардаи Эзид ниҳон аст,**
**Ба ӯ з-ин ваҷҳ мардум бадгумон аст.**
**Ҳама гуфтанд мо ӯро надонем,**
**Валӣ мо ҳар гадоеро нахонем.**
**Ба ногаҳ масти Ҳақро ёфт Мӯсо,**
**Ба шӯриш буд ҳамчун мавҷи дарё.**
**Ба симои вуҷуҳаш нури саҷда,**
**Ба мавлояш ба хидмат нек банда.**
**Варо бишнохт Мӯсо бини Имрон,**
**Саломаш кард гуфт, ай Бурхи Мастон.**
**Алайкум гуфт, ай Мӯсо, биё зуд,**
**Туӣ ҳамроз бо Донои Маъбуд.**
**Бигуфт Мӯсо: "Чӣ донистӣ маро ту,**
**Ки ҳастам Мӯсии ҳамроз бо Ӯ".**
**Бигуфт: "Он ки туро бо ман фиристод,**
**Зи аҳволи ту Ӯ бо ман хабар дод.**
**Магар меҳоҳӣ аз ман оби борон,**
**Ба борон аст қавмат интизорон".**
**Бигуфт Мӯсо, ки оре, чунин ҳаст,**
**Чу авқоти халоиқ аз замин аст.**

**Ба даргоҳи карам аз баҳри ҳоҷот,**
**Бигардон ошиқи содиқ муноҷот.**
**Ки ай Саттори айби ин маъибон?**
**Бисозӣ мушкили ҳар банда осон.**
**Тараҳҳум кун ба ҳоли ин ғарибон,**
**Насибе бахш ту бар камнасибон.**
**Ба Мӯсо гуфт сӯи хона рав зуд,**
**Ки борон мерасад бо амри Маъбуд.**
**Ба хона кард то Мӯсо қадам тез,**
**Бишуд борон ба фармони Худо рез.**

## БУРХ БОНИИ ТАВРОТЕ, КИ АЗ ЗУҲУРИ МУҲАММАД (С) БАШОРАТ ДОДААСТ?

Олими маъруфи дини мубини ислом Ҳоҷӣ Исмоили Пирмуҳаммадзода, фарзанди яке аз уламои машҳури Тоҷикистон Хоҷа Махдуми Санги Кулула дар суҳбат бо мо оиди шахсияти ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ қиссаҳои хеле ҷолибе карданд. Шояд муҳимтарин нуктаро дар бораи сабабҳои маҳбубият касб кардани як шахсияти қабл аз даврони исломӣ дар байни мусулмонҳои олам он кас гуфта бошанд. Ҳоҷӣ Исмоил бо истинод ба қиссаҳои аҷдодони худ сабаби маҳбубият доштани ҳазрати Бурхро дар байни мусулмонҳои ҷаҳон ин тавр шарҳ доданд: "Бурхи Валӣ уммати пайғамбар Мӯсо (а) донишманди хубе будааст. Ӯ мактабхонае доштааст ва дар он бо таълими Таврот машғул будааст. Тавроте, ки зери нидои "Қул ҳуваллоҳу

аҳад…" ба Калимуллоҳ нозил шуда будааст ва дар он зикр шуда будааст, ки баъди ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом ва ҳазрати Исо алайҳиссалом пайғамбаре ба дунё меояд, ки номи ӯ Аҳмад салаллоҳу алайҳи вассалам аст. Аммо иддаъе аз банӣ Исроил аз ғояти ҳасад ва рашке, ки чаро пайғамбари охирзамон аз қавми Яҳуд нест, мехоҳанд тавротҳоеро, ки дар он исми хотамуланбиё сабт шуда будааст, аз байн бубаранд ва ё ҳадиақал номи Расули акрамро аз он битарошанд. Бурхи Валӣ ва тарафдоронаш то метавонанд алайҳи ин иқдом муқовимат мекунанд. Вале ба онҳо муяссар намешавад, ки истодагарӣ намоянд. Билохира Бурхи Валӣ чанд нусха аз чунин тавротҳоро гирифта ҳамроҳ бо модару бародаронаш маҷбур ба ҷилои ватан мешаванд. Аснои сафар чандин маконро ҷои зисти муваққатии худ қарор медиҳанд ва оқибат Бурхи Сармасти Валӣ ҳамин гӯшаи зебоманзари Тоҷикистони азиз, Вахёро макони доимии истиқомати худ мегузинад". Бино ба қавли Ҳоҷӣ Исмоил дар байни мардуми араб Бурхи Сармасти Валӣ инчунин бо номи Арраҷулу Асвад низ машҳур будааст. Асвад дар забони арабӣ сиёҳро гӯянд. Яъне Бурхи Валӣ сиёҳпӯст будааст. Шайх Фаридуддини Аттор дар қиссае, ки ба ҳазрати Бурх бахшидааст, ба ин нукта чунин ишора кардааст:

**Буд андар аҳди Мӯсои Калим,**
**Бурхи асвад бедиле бо дил ду ним.**

Аз ин байт ба мо аён мегардад, ки Бурх сиёҳпӯст

будааст. То ба имрӯз дар манотиқи наздик ба мақбараи ҳазрати Бурх баъзе аз мардум ба фарзандони худ номи Сиёҳак ва Сиёҳмардро мегузоранд, ки ба гуфтаи Ҳоҷӣ Исмоил ин ба хотири ҳурмати ҳазрати Бурх аст. Ба гуфтаи ин олими муҳтарам номҳои Қарахон, Қаработури туркӣ, Черномардини славянӣ, Швартснегери аврупоӣ (марди сиёҳ) асосҳои динӣ дошта аз ҳамин дӯсти Худо, Бурхи асвад сарчашма мегиранд.

## ДАР БОРАИ КИТОБИ ТАВРОТ

Дар суҳбат бо муаллифи ин сатрҳо мулло Саидҷаъфар, ки қаблан аз он кас ёдовар шудаем, ба истинод ба нақли падарашон мулло Саидумар, писари домулло Қиёмиддин гуфтанд, ки то солҳои сиюм дар мақбараи Бурхи Валӣ дар баробари шамъдон, дастгоҳи бофандагӣ, маҷмар боз як китоби Таврот низ мавҷуд будааст.

То ба имрӯз дар байни мардуме, ки аз Вахё муҳоҷир шуда ба маркази ҷумҳурӣ ва водии Вахш омадаанд, ҳастанд касоне, ки дар бораи ба ғайр аз таърихчаи Бурхи Валӣ ва шаҷараномаи мутаваллиҳо дар мақбараи Бурхи Валӣ то солҳои сиюму чилум мавҷуд будани китоберо шаҳодат медиҳанд, ки касе онро хонда наметавонистааст. Он китоб ҳаҷман хеле калон будааст ва бо алифбои барои мардум ноошно навишта шуда будааст. Масалан, шоир ва файласуф Назри Яздонӣ дар як мусоҳибаи телевизонии хеш, ки моҳи ра-

мазони соли 2005 аз шабакаи аввали Телевизиони Тоҷик пахш гардид, дар ин бора чунин мегӯяд:

"Шахсе, ки он китобро дидааст, аз куҳансолони деҳаи Боршиди ҳазрати Бурх будааст. Бино ба гуфтаи ӯ китоб бо ҳуруфи ба ӯ ношинос навишта шуда будааст. Он шахс ҳуруфи арабӣ, русӣ, лотиниро медонистааст. Вале китоб бо ин ҳуруфҳо навишта нашуда будааст. Ва ҳаҷман баробари чор китоби "Фарҳанги забони тоҷикӣ" будааст". Баъдан дар суҳбат бо мо шоир Назри Яздонӣ чунин илова намуд, ки мулоқоташ бо он марди боршидӣ тахминан солҳои 1999-2000-ум дар хонаи Пирмуҳаммад ном марде дар ноҳияи Рӯдакӣ сурат гирифта будааст. Он мард, ки номашро Назри Яздонӣ, мутаассифона, фаромӯш кардааст, шояд аз фарзандони яке аз охирин мутавваллиҳои мақбараи ҳазрати Бурх будааст ва он китобро баъди муҳоҷирати иҷборӣ ҳамроҳ ба водии Вахш оварда будаанд. Он мард аниқ медонистааст, ки китоберо, ки аз мазори ҳазрати Бурх оварда буданду онро касе хонда наметавонистааст, то оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар дасти як шахсе дар шаҳри Қӯрғонтеппа маҳфуз будааст.

Дар навбати худ мо моҳи августи соли 2007 дар сӯҳбате бо Талбак Назиров ном сокини ноҳияи Ҷиликӯл, ки тахминан наздики 70 сол умр дошт, фаҳмидем, ки падари ӯ бобои мулло Назир охири солҳои сиюм бо чашми сар дидааст, ки олими муҳаққиқи рус Н.Кисляков аз мақбараи ҳазрати Бурх як китоби

ҳаҷман калонеро, ки касе онро хонда наметавониста-аст, гирифтааст. Вақте ки аз Кисляков суол мекунанд, ки барои чӣ ин китобро мегирад ва куҷо онро мебарад, ӯ гӯё гуфта бошад, ки аз сабабе, ки касе ин китобро дар ин ҷо хонда наметавонанд ва намедонанд, ки ин чӣ китоб аст, мехоҳад ин китобро ба марказ бубарад ва ин муамморо дар Маскав ё Ленинград олимон ва муҳаққиқон кушода диҳанд. Он вақт касе натавонист пеши роҳи ин амали Н.Кисляковро бигирад. Чанд муддат баъди бурдани ин китоб муҳоҷиркунонии мардуми кӯҳистон, ба хусус водии Вахё, шурӯъ мешавад. Дигар тақдири китоби мазкур ба касе маълум нест.

Мулло Ҳурматуллоҳ Неъматуллоев, зодаи деҳаи Бурсаи Вахё, ки тобистони соли 2008 вақти мусоҳиба 83- сола буд, иттилои дар мазори ҳазрати Бурх мавҷуд будани китоби Тавротро таъйид намуд. Ба гуфтаи ӯ китоби Тавротро соли 1936 ё 1937 махсуми Низом ном шахсе аз деҳаи Скади Вахё бо ҳамроҳии сардори НКВД-и ноҳия Шотемуров, ном марди бадахшӣ ва Мубор ном сокини деҳаи Роға рафта аз мазори ҳазрати Бурх мегиранд. Ин иттилоъро мулло Ҳурматуллоҳ аз худи махсуми Низом, ки соли 1990 дар синни 89-солагӣ вафот кардааст, борҳо шунидааст. Баъдан аз дасти ин ашхос китобро Розихӯҷа Қодирхӯҷаев ном корманди ҳукумати ноҳия гирифта чанд муддат бо худ нигоҳ медорад. Онро касе хонда наметавонистааст. Бо ҳуруфи барояшон ношинос китобат шуда будааст.

Ҳолати хароб доштааст. Баъзе авроқаш дарида будааст. Аз мулло Нусратулло ном шахсе хоҳиш мекунанд, ки онро тармим кунад. Сипас китобро аз дасти Розихӯҷа Қодирхӯҷаев корманди дигари ҳукумати ноҳия бо исми Назрихӯҷа Хоҷаев мегирад. Назрихӯҷа ҳам мисли Розихӯҷа аслан аз деҳаи Миёнаду будааст. Назрихӯҷа солҳои пеш аз ҷанги шаҳрвандӣ дар Колхозобод зиндагӣ мекардааст. Феълан мулло Ҳурматуллоҳ аз тақдири китоби Таврот ва Назрихӯҷа иттилое дар даст надорад. Вале як мӯйсафеди куҳансоле, ки худ аз деҳаи Шайхои ҳазрати Бурх будааст ва дар қарияи Ворошилови ноҳияи Бохтар мезистааст, дар суҳбат ба мулло Ҳурматуллоҳ гуфтааст, ки китоби Тавротро ҳамон солҳо ба ноҳияи Комсомолобод бурданашро медонад. Мулло Ҳурматуллоҳ дар бораи Н.Кисляков гуфт, ки ӯро ҳангоми дар Вахё буданаш охирҳои солҳои сиюм ва солҳои чилуми асри гузашта дидааст. Ӯ бо занаш хонум Розенфелд дар мактаби Сангвор муаллимӣ мекардаанд. Инчунин онҳо аз даҳони халқи маҳаллӣ қиссаву ривоятҳои мардумиро гирд меоварданд. Ба гуфтаи мулло Ҳурматуллоҳ падари ӯ мулло Неъматуллоҳ ҳамон солҳо мудири маорифи ноҳия будааст. Бо Н.Кисляков, ки муаллими забони русӣ будааст, муносибати хуб доштааст. Н.Кисляков одати китобҷамъкунӣ низ доштааст. Вале дар хусуси он ки китоби Тавротро аз мазори ҳазрати Бурх ӯ бурда бошад, чизе нагуфт.

## КИСЛЯКОВ ЧӢ МЕГӮЯД?

Ва аммо оё Н. Кисляков дар мақолаи ёдшуда дар бораи дар мазори ҳазрати Бурх мавҷуд будани чунин китоб чизе гуфтааст ё не? Бояд рӯирост гуфт, ки дар мақолаи Н. Кисляков дар ин бора ишорае ҳам нест. Чӣ навъе ки дар боло қайд намудем, Н. Кисляков дар бораи маҳаллаҳои атрофи мазор, худи мавқеъи он, сохти он, зисту зиндагонии мардуми деҳоти атрофи он, маълумоти муфид додааст. Масалан, ба гуфтаи ӯ шаҷараи мутаваллиҳои мазори ҳазрати Бурх аз ҳамон шахсе, ки Бурхи Валиро аз зери тахтасанге дар қишлоқи Боршид ошкор кардааст, яъне аз Бобо Ҳоҷӣ, шурӯъ мешавад. То он замоне, ки Н.Кисляков ба зиёрати мақбара расидааст, бино ба гуфтаи шайх Амон ном шахсе шаҷараи мутаваллиҳо ба 14 насл мерасидааст. Номҳои мутаваллиҳоро одамон дар хотир нигоҳ медоштаанд. Дар ҳамон шабу рӯзҳо мутаваллии мазори ҳазрати Бурх Ҳоҷӣ Қаландар ном шахсе будааст. Мутаваллигиро ӯ аз бародари бузургаш шайх Одина қабул карда будааст. Шайх Одина бошад қаблан мутаваллигиро аз падараш шайх Сафар гирифтааст. Н. Кисляков дар бораи Ҳоҷӣ Қаландар менависад: "Мутаваллӣ Ҳоҷӣ Қаландар ба куҳансолии худ нигоҳ накарда як марди чусту чолок ба назар мерасид. Чашмо-

ни хурди айёре дошт. Биниаш бинии рӯбоҳро ба ёд меовард. Ӯ бо кӯмаки асое роҳ мерафт, ки аз оҳан гулкорӣ шуда буд ва бо эҳтимоли зиёд он сохти маҳаллӣ набуд. Ӯ шахси хушгап буд, вале суханҳои ӯро ду- се нафаре, ки ҳамеша ҳамроҳаш буданд, тез-тез мебуриданд. Шояд ба он маънӣ, ки "гапи зиёдатӣ" назанад. Ҳоҷӣ Қаландар дар наздикиҳои мақбара меҳмонхонае дошт, ки меҳмонҳоро он ҷо қабул мекард. Калидҳои дари мазор дар дасти ӯ буданд".

Дар идома Н. Кисляков менависад, ки ба гуфтаи шайх Амон дар замони то инқилоб ба зиёрати ҳазрати Бурх моҳе то 300 нафар зоирин аз гӯшаву канорҳои мухталифи ҷаҳони ислом меомадаанд. Дар байни онҳо нафарҳое буданд, ки "пӯсти баданашон чун ангишт сиёҳ" будааст ва мегуфтаанд, ки аз Ҳиндустонанд".

Кисляков вақте ки дар мазори ҳазрати Бурх бо мутаваллии он Ҳоҷӣ Қаландар суҳбат мекунад, ба ҳар як ҳаракат, имову ишора, тарзи либоспӯшӣ ва ҳатто ба оҳани нӯги асои ӯ, ки ба хотири ҳифзи асочӯб аз сангҳо будааст, диққат медиҳад! Кисляков дар истеҳсоли маҳаллӣ будани ҳамин оҳан изҳори шубҳа мекунад. Онро моли хориҷӣ меномад. Ба гуфтаи Кисляков Ҳоҷӣ Қаландар "мисли рӯбоҳ ҳилагар аст". На ҳамаи гапҳоро сидқан мегуфтааст. Дар дасти ӯ будани калиди хазинаи мазорро низ махсус таъкид кардааст.

Бояд гуфт, ки Ҳоҷӣ Қаландар чанд сол баъди мулоқоташ бо Кисляков соли сиву ҳафтум яке аз аввалинҳо

шуда "тройка" мешавад. Ӯро ба Сибир бадарға мекунанд ва дар ҳамон ҷо ба шаҳодат мерасад.

Н. Кисляков бошад дар мақолаи худ "Бурх горный козел" дар бораи тақдири ояндаи мазор ҷуръат мекунад, ки чунин пешгӯйӣ кунад: "Шумораи зоирин ба мазори Бурх солҳои охир хеле кам шуда қариб, ки ба нестӣ расидааст. Бунёди давлати шӯравӣ ва фаъолияти мактабҳои ибтидоӣ, ба хусус мактабе, ки соли 1932 дар деҳаи Шайхо кушода шуд ва дар он феълан 35 кас таълим мегирад, ба мо имкон медиҳад бигӯем, ки ба хотима ёфтани раванди таъсиргузории мазори Бурхи мӯсафед (седой Бурх) ба шуури мардуми таҳҷо рӯзҳои ба шумор мондааст".

Ҳарчанд Н. Кисляков ана ҳамин гуна ҷузъиётро хеле зиёд дар бораи мазор ва атрофиёни он ба қалам меорад, аммо тааҷҷубовар он аст, ки дар бораи чизи асосӣ, мавҷудияти ашёи мазор, аз ҷумла шамъдон, миҷмар, китоби таърихчаи зиндагиномаи ҳазрати Бурх, шаҷараномаи мутаваллиҳои он ва ба хусус, китоби Таврот, чизе нагуфтааст. Танҳо дар як ҷои мақолааш вақте ривояти замоне бо бофандагӣ машғул будани ҳазрати Бурхро кӯтоҳ нақл мекунад, менависад, ки дар мақбараи ӯ дӯки бофандагиаш нигоҳ дошта мешавад, ки ҳангоми зиёрат зоирин онро ба рӯяшон мемоланд. Албатта, ин нуктаи хеле ҷолиб аст. Чизи дигаре, ки баъди хондани мақолаи Н. Кисляков моро водор месозад сар ба зонуи андеша гузорем, ин аст, ки

чаро қиссаи ҳазрати Бурхро ӯ аз оғозаш нанавиштааст? Чаро чуноне ки дар таърихчаи зиндагиномаи ҳазрати Бурх омадааст, яъне аз умматони ҳазрати Мӯсо будани Бурхи Валӣ ёдовар намешавад? Оё магар Н. Кисляков ин қиссаро нашунида буд? Бо эҳтимоли зиёд Н. Кисляков ин қиссаро борҳо шунида будааст. Охир Н. Кисляков бо ҳамроҳии занаш Анна Зиновьева Розенфельд, ки мисли модари Н. Кисляков аз аҳли калимиҳо (яъне яҳудӣ) будааст, на як солу ду сол дар Вахё кору зиндагӣ кардаанд. Онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонистанд, ки аз қиссаи уммати ҳазрати Мӯсо (а) будани ҳазрати Бурх беиттилоъ бошанд. Чаро тамоми муҳаққиқине, ки баъди онҳо ба ин мавзӯъ дахолат кардаанд, тибқи ривоят аз уммати Калимуллоҳ будани ҳазрати Бурх ёдовар шудаанду вале ин олимони маъруф дар ин бора чизе нагуфтаанд? Ҳатто А. З. Розенфельд дар китоби соли 1990 дар нашриёти "Наука"-и Маскав таҳти унвони "Сказки и легенды горных таджиков" чоп кардааш ҳам бе ягон тағйирот ҳамон қиссаи номукаммали дар соли 1930 навиштаи Н. Кисляковро рӯи чоп меорад.

Чаро аз умматони ҳазрати Мӯсо (а) будани ҳазрати Бурхро Н. Кисляков нодида гирифт? Чаро дар бораи ӯ аз пеши худ ривояти гузаштаи тотемӣ ихтироъ кард ва мақолаашро сарлавҳаи тавҳиномез ва таҳқиркунандаи "Бурх- горный козел" ("Бурх- бузи кӯҳӣ") ном гузошт? Вожаи "буз" дар забони русӣ дар муоширати

миёни мардуми оддӣ ба ғайри маънои асосиаш боз ба маънои "хабаркаш", "ҷосус", "хоин" низ истифода бурда мешавад. Ҳамин маънӣ чун "калка" ба забони тоҷикӣ низ гузаштааст ва имрӯз ҳам дар ҳамин маънӣ, ба хусус миёни ҷавонон, серистеъмол аст. Оё Бурхро буз гуфтани Н. Кисляқови калимӣ ишора ба ҳамон амали барои худонописандӣ ва худоношиносӣ аз қавми худ ранҷидани ин дӯсти Худо ва ҷилои Ватан кардани ӯ нест?

Бо дарназардошти онҷи болотар гуфтем ҳамаи ин саволҳо моро ба як хулосаи, ба фикрамон дурусти мантиқӣ меоранд. Хулосаи, дар ҳақиқат, вуҷуд доштани чанд нусхаи китоби Тавроте, ки онро ҳанӯз беш аз се ҳазор сол муқаддам ҳазрати Бурх бо худ ба ин минтақа оварда будаасту дар он нусхаҳо аз зуҳури Паёмбари охири замон, Расули акрам Муҳаммад (с) хабар дода шуда будааст. Мавҷудият ва баъдан дастраси аҳли илм шудани чунин як китоби қадима метавонист як инқилоберо дар муносибатҳои байни адёни осмонӣ ба вуҷуд биёрад ва ба саволи ҳазорҳо сол матраҳшуда посухи равшан бидиҳад. Барои ҳамин ҳам Николай Кисляков аз уммати ҳазрати Мӯсо (а) будани ҳазрати Бурх ва аз дар мазораш вуҷуд доштани Тавроти таҳрифношуда лаб фурӯ мебандад.

## ҚУРЪОНИ МАҶИД ВА БУЗУРГОНИ ИСЛОМ ДАР БОРАИ ДАР ТАВРОТУ ИНҶИЛ ЗИКР ГАРДИДАНИ НОМИ МУҲАММАД (С)

Дар бораи башорат додани Худованди якто аз зуҳури Паёмбари Ислом (с) дар китобҳои муқаддаси яҳудиён ва насрониҳо ҳанӯз беш аз ҳазору чаҳорсад сол ҳаст, ки баҳсу мунозираҳо миёни тарафдорон ва мухолифони ин назарҳо ҷараён доранд. Мусалмонон бо такя ба якчанд ояи каримаи Қуръони маҷид мӯътақиданд, ки Аллоҳ таъоло дар китобҳои ба пайғамбаронаш Мӯсо (а) ва Исо (а) фиристода, яъне Таврот ва Инҷил, дар бораи дар ояндаи қарибулвуқӯъ зуҳур кардани пайғамбари охирзамон башорат дода будааст. Масалан, дар ояи 146-уми сураи «Бақара» чунин омадааст: "Касоне, ки эшонро китоб додаем, вай (Муҳаммад (с)-ро мешиносанд, чуноне ки фарзандони худро мешиносанд. Албатта, гурӯҳе аз эшон ҳақро дониста мепӯшанд".

Дар ояи 6-уми сураи «Саф» Худованд сареҳатан ба бандаҳои худ мегӯяд, ки дар китоби қаблан фиристодааш Таврот аз зуҳури паёмбаре, ки номи ӯ Аҳмад аст, башорат додааст:

"Ва ёд кун чун Исо писари Марям гуфт, "ай банӣ Исроил, ҳар ойина ман пайёмбари Худо ба сӯи шумо

ҳастам, бовардорандаи он чи аз Таврот пешорӯи ман аст ва башоратдиҳанда ба паёмбаре, ки баъд аз ман биёяд номи ӯ Аҳмад бошад".

Сухани ҳазрати Алӣ дар "Наҳҷ-ул- балоға" ҳаст, ки мегӯяд: "Ҳар як пайғамбаре, ки аз сӯи Худованд фиристода мешавад, дар бораи пайғамбаре, ки баъди ӯ меояд, хабар додааст. Инчунин ҳар як пайғамбари навбатӣ пайғамбарони қабл аз худро ёдовар шудааст".

Имом Ҷаъфари Содиқ низ дар китобҳои худ аз он ёдовар шудааст, ки дар китобҳои ба пайёмбарони қаблӣ фиристода Худованд аз зуҳури пайғамбари охирзамон Муҳаммад (с) башорат додааст.

Дар китоби "Таърихи Табарӣ" дар қисмате, ки саргузашти пайғамбар ҳазрати Сулаймон (а) қисса мешавад, дар бораи зуҳури Расули акрам (с) чунин сатрҳоро мехонем: "Ва Сулаймон алайҳиссалом ғазо кардан дӯст доштӣ ва ҳар куҷо хабари малики кофир будӣ, сӯи ӯ шудӣ, ё мусалмон шудӣ, ё бигирифтӣ, ё бикуштӣ. Пас ӯро хабар омад аз маликони бутпараст. Сулаймон дар бисот нишаст бо чандон мардумону париён ва девон ва бодро бифармуд, то бисотро баргирифт ва ҳамебурд то ба Макка. Бодро бифармуд, то бисот биниҳод. Ва Сулаймон ба Макка тавоф карду гуфт: "Аз ин араб пайғамбаре бошад ва зодани ӯ ба Макка бувад ва нишасту қабраш ба Мадина бувад". (Таърихи Табарӣ, ҷилди 1, саҳ. 343).

Дар "Тафсири Табарӣ" ҳамин нуктаро муаллифи он

ба ин тарз васеътар пешкаши хонандагон кардааст: " Ва Сулаймон, алайҳиссалом ғазо кардан дӯст доштӣ ва ӯро хабар омад, ки дар замини Яман андар бутпарастонанд аз араб. Ва Сулаймон, алайҳиссалом, бисот рост кард ва сипоҳро бар бисот барнишон ва бод вайро бардошт аз Шом бад-он, ки ба Яман бурд ва роҳ ба замини Ҳиҷоз буд. Ва Сулаймон, алайҳиссалом, чун ба Макка расид, бодро бифармуд, то бисот он ҷо бинихад ва хонаи Маккаро тавоф кард ва гуфт: "Аз ин замин пайғомбаре берун ояд ва нишасти вай андар Мадина бошад ва он пайғамбари арабӣ бошад ва бар пушти замин Худои азза ва ҷалларо ҳеҷ пайғомбаре азизтар ва гиромитар аз вай набошад".

Дар адабиёти классикии мо дар бораи дар "Таврот"-у "Инҷил" зикр шудани номи пайғамбари ислом қиссаҳои зиёдеро пайдо карда метавонем. Дар ин ҷо ба хотири исботи ин фикр як мисол меорем. Шайх Фаридуддин Аттор дар китоби "Илоҳинома"-и худ қиссае дорад бо номи "Ҳикояти мусалмон шудани яҳудӣ". Аз ин ҳикоят бармеояд, ки ҳанӯз дар замони расулуллоҳ нусхаҳое аз "Таврот" будаанд, ки дар онҳо номи муборакӣ пайғамбар зикр шуда будааст ва бархе аз пайравони дини яҳудӣ мекӯшидаанд, ки ин номи мубораро аз "Таврот" бурида партоянд. Мо ин қиссаро бо дарназардошти моҳияти он дар зер муфассалтар нақл мекунем.

## ҲИКОЯТИ МУСАЛМОН ШУДАНИ ЯҲУДӢ

**Яке пири муъаммар буд дар Шом,**
**Ки ӯ "Таврит" мехондӣ ба ҳангом.**
**Чу пеши номи пайғамбар расидӣ,**
**Аз он ҷо маҳв кардӣ, ё буридӣ.**
**Чу Мусҳаф боз кардӣ рӯзи дигар,**
**Навишта ёфтӣ номи паямбар,**
**Дигар раҳ маҳви номаш кардӣ оғоз,**
**Дигар рӯз он навишта ёфтӣ боз.**
**Дилаш бигрифт як рӯзу ба дил гуфт,**
**Ки натвонам ба гил Хуршед бинҳуфт.**
**Магар Ҳақ ҳаст ин раҳбар, ки бархост,**
**Бибояд то Мадина рафтан орост.**
**Чу дарёе дил аз шавқаш биҷӯшид,**
**Вале чун кӯҳ он гавҳар бипӯшид.**
**Яке уштур ба даст оварду бархост,**
**Биёмад то Мадина бар раҳи рост.**
**Расид он ҷо ба вақти гармгоҳе,**
**Намедонист худ рӯеву роҳе.**

Пири муъаммар (куҳансол) ба дари масҷиди пайғ-амбар мерасад ва ҷавонеро мебинаду аз ӯ хоҳиш меку-

над, ки "маро ба назди Пайғамбар бубар". Ҷавон бо дидаи гирён ӯро ба дохили масҷид мебарад. Пири муъаммар Абӯбакри Сиддиқро мебинад, ки дар меҳроб бо сари хам нишастааст у асҳоб низ ӯро бо чеҳраи ошуфтаву гирён иҳота кардаанд. Он пир Абӯбакрро паёмбар пиндошта:

**Бад -ӯ гуфт:- Эй расули хоси даргоҳ,**
**Саломат мекунад ин пири гумроҳ.**
**Ҳама чун номи пайғамбар шуниданд,**
**Чу мурғи нимбисмил метапиданд.**
**Зи дида ашк чун борон фишонданд,**
**Зиҳӣ тӯфон, ки он ёрон фишонданд!**
**Хурӯше аз миёни ҷамъ бархост,**
**Зи ҳар дил гӯиё сад шамъ бархост.**
**Ҳаме шуд он ғариби пойваста**
**Аз он зории эшон дилшикаста.**
**Бад-эшон гуфт: ман марди ғарибам,**
**Ҷуҳудам в-аз шариъат бенасибам.**
**Магар ногуфтанӣ чизе бигуфтам.**
**Ки мебоист он андар нуҳуфтам.**
**В-агар на аз чӣ мегирйед чандин,**
**Ки ман огаҳ наям з-ин шеваи дин.**

Ҳазрати Умар бо дидаи гирён ба ӯ мегӯяд, ки ин ҳолати онҳо ба рафтори меҳмон ҳеҷ иртиботе надорад. Гап ин ҷост, ки имрӯз рӯзи ҳафтуми аз дунё реҳлат кардани

Пайғамбари гиромӣ мебошад. Чун номи муборакашро аз забони шумо шунидем, гӯё оташеро ба ҷони сӯхтаи хеш зи нав эҳсос кардем. Мо бе он офтоби оламафрӯз аз зарра камтар шудем,- ба ӯ фаҳмонд Форуқ.

Чун пир ин хабарро шунид, чоки гиребон дариду нола ба сар кард. Чун абр дар баҳорон гиря сар дод, ки аз гиряи ӯ ҳама асҳоб обу адо шуданд. Сипас он пир гуфт:

Чун ман он ҳазратро дар зиндагониаш натавонистам бубинам, ба ман ҷомаи ӯро биёваред то аз ҷомаи ӯ бӯи ӯро бубинаму бишунавам. Ҳазрати Умар гуфто инро аз Бибӣ Фотимаи Заҳро хоҳиш кардан даркор аст. Ҳазрати Алӣ гуфто агарчи Бибӣ Фотимаи Заҳро ҳамчун фарзанди Пайёмбари гиромӣ дарду алами бештар дорад, вале меравем ба наздаш. Он бонуи ҷаннатӣ чун ин хабар бишнид, гуфт, ки ҳазрати Пайғамбар ҳини ҷонкадан аз ин ҳолат маро хабар дода буд:

**Ки он соат, ки ҷон бо Додгар дод,**
**Ба зери лаб аз ин ҳолат хабар дод.**
**Ки моро ошиқе меояд аз роҳ,**
**Вале рӯям набинад он накӯхоҳ.**
**Бад-ӯ деҳ ин муроққаъ, к-ин тамомаш,**
**Ба некӯӣ зи мо бирсон саломаш.**

Ҳамин ки ҷомаи Расулуллоҳро пири яҳудӣ пӯшид маст аз бӯи Пайғамбари охирзамон калимаи шаҳодат ба забон оварду мусалмон шуд ва талаб кард, ки ӯро

ба зиёрати хоки Мустафо (с) бубаранд.

**Бибурдандаш аз он ҷо то бад он хок,**
**Диле бар хоста биншаст он пок.**
**Вале аз бӯи шӯрангези хокаш,**
**Фурӯ рафту баромад ҷони покаш.**
**Ба зорӣ ҷон бидод он пири ғамх(в)ар,**
**Ниҳода рӯй бар хоки Паямбар.**
**Агар ту ошиқӣ, мазҳаб чунин гир,**
**Чу шамъ аз шавқи маъшуқат чунин мир!**

# ЗАМИМАИ КИТОБИ "БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО"

## СУҲБАТ БО УЗВИ ВОБАСТАИ АИ ҶТ ЮСУФШОҲ ЯҚУБОВ,
### мудири шуъбаи бостоншиносии Институти таърихи АИ ҶТ

**Дар оғози сӯҳбат ман аз олими муҳтарам хоҳиш кардам, ки аз таассуроти хеш баъди нахустин бори зиёрат кардани оромгоҳи ҳазрати Бурхи Валӣ қисса кунад. Ӯ аз ҷумла чунин гуфт:**

-Бори аввал ба зиёрати мазори ҳазрати Бурх, ба фикрам, соли 1981 рафтам. Вазъияташ хеле ногувор буд. Болои гунбазро бо тунукаҳо пӯшонда буданд. Тунукаҳоро дар худи гунбаз баста буданд. Ман гуфта будам, ки ин як навъи хизмати хирсона ҳаст. Зеро аз вазиши шамол тунукаҳо метавонистанд гунбазро ҷунбонда хароб кунанд. Ва ахиран ҳамин хел ҳам шуд. Хулоса, ман омадам ба Вазорати фарҳанг муроҷиат кардам. Дар он вақт Тоъатов гуфтанӣ як марди дарвозӣ буд доир ба ҳамин корҳо. Бисёр фарди бофарҳанг ва ватандӯст буд. Мутаассифона, дар ҳамин ҷангҳои ахири шаҳрвандӣ ӯ ва як писарашро ба ҳалокат расонданд. Худо ҷояшро ҷаннат гардонад! Ба ҳамин одам гуфтам, ки дар қисмати шарқи Тоҷикистон ёдгориҳое, ки бо хишт сохта буданд, хеле кам ба назар мерасанд. Мақбараи ҳазрати Бурх бошад қариб ки яго-

на чунин ёдгорӣ дар минтақаи Вахё ҳаст. Аз ин рӯ ҳифзи он хеле зарур аст. Аниқтараш, ман пешниҳод кардам, ки лоиҳаи тармими ин ёдгории таърихиро таҳия карда онро амалан ҳарчӣ тезтар оғоз кардан лозим. Ба шумо маълум аст, ки дар замони шӯравӣ сиёсати хароб кардани мазорҳо пеш гирифта шуда буд. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин лоиҳаи тармими ин мақбараро тартиб доданд. Як гурӯҳе барои шурӯъи кор рафт, вале афсӯс, ки ҷанги шаҳрвандӣ оғоз шуд. Замоне, ки ман аз мақбара дидан кардам, дар мақбара як дӯк буд, як чароғ буд, ки аз чорпилтаҳаи дуқабата иборат буд. Дар сари чароғ расми бузи кӯҳӣ кашида шуда буд, ки ин моли тамаддуни исломӣ нест. Худи мазор мудаввар аст. Пеш он аз санг сохта шуда буд. Азбаски он дар наздикиҳои қуллаи баландтарини кӯҳҳои Осиёи Миёна, қуллаи ба номи Исмоили Сомонӣ, ки пеш онро қуллаи Коммунизм ва аз он пештар қуллаи ба номи Сталин мегуфтанд ҷойгир шудааст, метавон ҳадс зад, ки он ба маъбади динҳои пеш аз исломӣ иртибот дорад. Ба хусус бо дини офтобпарастӣ ё худ меҳрпарастӣ. Дар асоси ҳамин дини меҳрпарастӣ оини зардуштӣ пайдо мешавад. Оташ ҳамчун як рамзи офтоб дар замин аст. Офтоб ҳамчун нури илоҳӣ, ҳамчун Худо парастиш карда мешуд. Оташпараст гуфтан хато аст. Офтобпараст гуфтан дурусттар аст. Зеро офтоб рамзи гармӣ ҳаст ва гармӣ ҳаёт аст. Одам дар бадани худ гармӣ, оташ дорад. Вақте ки ин оташ аз бадан дур ме-

шавад, одам низ мемурад. Аҷдодони мо ориёиҳо фалсафаи оташро ба дараҷае жарф фаҳмида буданд, ки ягон халқи дунё чунин нафаҳмидааст. Дар баландӣ ҷойгир шудани ин мазор, шакли мудаввари он ва дар он мавҷуд будани маҷмар, яъне ҳамон шамъдон, аз меҳрпараст будани аҷдоди хеле қадимии мо гувоҳӣ медиҳанд. Дар замони гаравидан ба дини ислом мардум ба хотири вайрон накардани ин ҷойҳо, аниқтараш ба хотири обод нигоҳ доштани ин макону ин манзил ба он либоси ривояти дини мусулмониро пӯшонданд. Бурхи Валӣ, ки яке аз дӯстони Худованд ба шумор меравад, ба номаш ин ҷоро вобаста донистанд. Мазорҳое, ки бо номи Бурхи Валӣ иртибот доранд дар Осиёи Миёна зиёд вомехӯранд. Масалан, дар Хоразм чунин мазор ҳаст.

Тибқи ривоятҳои дигар ҳазрати Бурх ҳамзамони Мӯсо (а) буд ва бо ӯ вомехӯрд ва мудом дар муколима ва суҳбатҳое будааст. Ӯ сарсупурдаи роҳи Илоҳӣ буд. Ӯ девонаи ишқи Худо буд. Ӯро девонаи Бурх мегуфтанд. Ба ҳеҷ кас, ҳатто ба ҳазрати Мӯсо ҳам итоат намекард. Увайси Қаранӣ бошад дар замони Расули акрам (а) зиндагӣ мекард, вале ӯро надида буд. Вақте ӯ хабар меёбад, ки як дандони Расули акрам (а) дар ҷанг шаҳид мешавад, 32 дандони худро аз даҳон меканад. Ин ҳам як дӯсти Худованд, як ошиқи Худованд буд. Аз лиҳози образҳо наздиканд. Вале Увайси Қаранӣ бо Худо дар мубоҳиса набудааст. Ошиқи дӯсти Худо бу-

дааст. Бурхи Валӣ бевосита бо Худо дар баҳсу мунозира будааст. Масалан, баҳси аз байн бурдани дӯзах ва ғайра.

Мақсади асосии ман нигоҳ доштани мақбараи ҳазрати Бурх ҳамчун як ёдгории қадима буд. Ёдгорие, ки хеле нодир аст. Вақте мо рафтем бо худ хӯрока набурдем. Ба мо гуфтанд, ки дар он ҷо як хона нони қоқ ҳаст, мешавад онҳоро истеъмол кунед. Охири тирамоҳ буд. Рафтем, ки нонҳоро як гурӯҳи зоирин ба харҳояшон додаанд. Шаб барф борид. Ҳаво хунук шуд. Рости гап мо корро пурра ба анҷом нарасонда баргаштем.

**-Баъди обод шудани мақбара оё Шумо аз он дидан кардаед? Оё ин ёдгории таърихӣ дар шакли қадимаи хеш барқарор шудааст ё не?**

- Росташро гӯям, баъди барқарор шуданаш ман ба он ҷо дигар нарафтам. Вале дар ёдам ҳаст, ки турбат нуҳ метр дарозӣ дошт. Ва аз ин тарафи девор ба он тарафи девор комилан пурра расида буд. Як ҳуҷрааш обод буд. Ҳамон чиллахона. Хишташро дар ҳамон ҷо рехта ва пухтаанд. Дар он ҷо ҷангалҳои калони буруҷ ҳаст. Ривояте, ки хишти он аз Самарқанд ва ё Фарғона даст ба даст омада бошад, асоси илмӣ надорад.

**- Устод, Шумо дар мақолаатон дар бораи мавҷудияти як "Бурхнома"- е ҳарф мезанед, ки ба гуфтаи мардум он моли Ҷалолиддини Румӣ будааст. Вале Шумо асари Мавлавӣ будани онро рад мекунед. Дар ин бора**

**чизе мегуфтед?**

Бале, ба ман як дафтарчаи оддиеро доданд, кӣ дод, фаромӯш кардам. "Бурхнома" ба ҳуруфи форсӣ навишта шуда буд. Фикр мекунам онро кадом як шоири дарвозие навиштааст. Рости гап, ман мақсади тадқиқоти чуқур карданро надоштам. Бинобар ин тахмин кардем, ки ин моли Ҷалолиддини Румӣ нест. Мақсади асосии мо нигоҳ доштани ёдгории таърихӣ буд. Бояд гуфт, ки мақбараи ҳазрати Бурх бо сабки махсус сохта шудааст. Масалан, ба монанди мақбараҳои дигар бағал надорад. Масалан, устувона надорад.

**-Бағал чӣ ҳаст ва устувона чӣ ҳаст?**

-Вақте мақбараро месозанд, биноро чоркунҷа мекунанд. Дар қисмати болои он барои гунбазро сохтан бағал мекунанду устувона. Яъне дар байни девор ва гунбаз як элементи пайвасткунандаи ин ду мешавад, ки онро бағалу устувона меноманд. Дар мақбараи ҳазрати Бурх ин чизҳоро мо намебинем. Аввалан, ки он шакли мудавварро дошт. Дуввум ин ки дар идомаи девори мақбара гунбаз бе ҳамон бағалу устувона сохта мешавад. Аз рӯйи услуб ва таркиби хиштҳо тахмин кардан мумкин аст, ки ин мақбараро дар асрҳои 17-18 сохтаанд.

**- Баъзе фикрҳо ҳаст, ки мардуми Вахё дар замони Мӯсо (а) ва давраи Куруш ба ин ҷо барои муқимӣ шудан омадаанд. Фикри Шумо чист?**

-Ман чунин фикр надорам. Балки онро рад мекунам. Маълум аст, ки Мӯсо (а) дар асри 14 пеш аз милод зиндагӣ кардааст. Яъне аз он давра севу ним ҳазор сол гузаштааст. Дар он замон дар Вахё шояд якто -нимто шикорчӣ зиндагӣ мекард ё не.

Дуввум ривояте ҳаст, ки банӣ Исроил аз Ҳабашистон дар асрҳои 16-15 пеш аз милод ба Миср меоянд ва баъдан фиръавнҳо онҳоро бадарға мекунанд. Ҳамин Бурхиё ҳам будааст ва онҳо ба Африқои шимолӣ муҳоҷират мекунанд. Баъдан дар замони ҳазрати Иброҳим (а) бозгашти яҳудон ба Фаластин сурат мегирад. Дар замони Куруш тағйироте дар ҳаёти яҳудиҳо мешавад, вале ман фикр намекунам, ки онҳо ба ин ҷо омада бошанд. Асоси илмӣ надорад. Чи тавре ки мавҷудияти мазори Увайси Қаранӣ дар Ховалинг асоси илмӣ надорад, ин ҳам чунин аст. Дар бисёр ҷойҳои олам мақбараҳои домоди Пайғамбар (с) ҳазрати Алӣ мавҷуд аст. Вале ӯ дар Наҷафи Ироқ ба хок супурда шудааст. Мардуми мо, ки оташпараст буданд, яҳудиҳоро бад медиданд ва омадани яҳудиҳо ба ин водӣ аз имкон берун аст. Тибқи баъзе тадқиқотҳои археологӣ аввалин инсонҳо дар водии Вахё дар асрҳои 3 ва 2 пеш аз мелод пайдо шуданд ва ба чорводорӣ машғул буданд. Мутаассифона, топонимикаи Вахё омӯхта нашудааст.

**-Мегӯянд, ки маҳз ҳамин топонимика далели он аст, ки мардум аз Фаластин ин ҷо омадаанд. Масалан,**

**деҳаҳои Ёфуч ва Аскалонро мегӯянд, ки ба хотири ҳамон Ёфас ва Аскалони Фаластин муҳоҷирин номгузорӣ кардаанд?**

- На, ин хаёле беш нест. Ин тахаюлоти мост. Масалан, қишлоқи Хур дар Вахё ин маънояш офтоб аст. Аз калима хур-офтоб. Яъне офтобӣ гуфтан аст. Худи калимаи Вахё. Ин аз кадом калима гирифта шудааст? Шояд аз Хек гирифта шуда бошад, маънояш обдор. Дарғаз маънияш назди кӯҳ гуфтан аст. "Дар" -"назд" ва "ғаз" ба маънои "кӯҳ".

**-Устод, Шумо бо нуқтаи назаре, ки дар мақбараи ҳазрати Бурх дар қатори шамъдон, маҷмар, дӯки бофандагӣ ва китоби таърихчаи ин мазор боз вуҷуд доштани як китобе, ки онро касе хонда наметавонистааст ва Н.Кисляков гӯё онро барои хондан ба Ленинград бурда бошад, чӣ гуфта метавонед?**

-Ин фикрро ман тасдиқ карда наметавонам, зеро агар чунин мебуд, Н.Кисляков дар ин бора ҳатман чизе мегуфт. Н.Кисляков дар он ҷо чандин муддат ба ҳайси муаллим кору зиндагӣ кардааст. Чизҳое, ки Н.Кисляков мегӯяд ба он чизҳои ман гуфтагӣ рост намеоянд. Н.Кисляков ҳам акси мақбараро гирифта буд, ман ҳам гирифтам. Мутаассифона, аксҳои ман нашуданд. Вақте расидем абрҳо фаромада буданд ва аксбардори ман заиф буд. Субҳ барф меборид. Бо роҳи Сангвор рафтем. Мо ягон обро нагузаштем. Аз тарафи Сангвор рафтем. Шаб дар хонаи Назрӣ гуфтани як шахс будем.

Субҳ ӯро надида сафарамонро идома додем. Шояд чунин китоб будааст.

**-Мегӯянд, ки он китобе будааст, ки хаташ на арабӣ будааст, на русӣ ва на лотинӣ.**

-Шояд хати мехӣ ва ё хати қадимитар будааст. Шояд. Чунин ривоят ҳаст. Вале мутаассифона, ман нашунидаам. Агар бошад ҳам. Шумо медонед, ки дар он замонҳо, махсусан дар солҳои сиюм, аз тарси мулло эълон шудан ҳамаи китобҳоро месӯхтанд.

Мо аз ҳисоби Роғун ба экспедитсия рафтем. Роғунро муҳоҷир карданӣ буданд. Мо бояд урфу одати мардумро сабт мекардем. Мо аз ҳисоби пуле, ки барои омӯхтани этнографияи ҳамон Роғун ҷудо шуда буд, ба Вахё сафар кардем. Дар даврони шӯравӣ ҳар сол барои корҳои бостоншиносии ин ва ё он ноҳия пул ҷудо мекарданд. Мо бо ин маблағҳо ҳар сол экспедитсия ташкил карда ба омӯзишу кофтуковҳои археологӣ машғул мешудем. Мутаассифона, чунин корҳоро чандест, ки қатъ кардаем. Ба иллати набудани маблағ. Махсусан ба он минтақаҳое мерафтем, ки таърихаш суст омӯхта шуда буд. Масалан, ман ба Миёнадеҳ рафта дида будам, ки дар он ҷо як қалъаи таърихӣ ҳаст, ки об як қисмашро вайрон карда истода буд. Дар болои сангҳои ин диёр мо манзараҳои аҷиберо мушоҳида кардем. Нақши нахчир ва одамони монанд ба шикорчиро қадқади об то Арзунк дидан мумкин буд.

**-Воқеан, Н.Кисляков мақолае дорад бо номи "Бурх**

**-горный козел", яъне "Бурх- бузи кӯҳӣ" ва дар ҳамин мақолааш ӯ навиштааст, ки маънии калимаи Бурх шояд буз бошад. Зеро мардуми ин диёр дар замони хеле қадим бузи кӯҳиро парастиш мекарданд-, навиштааст ӯ. То чӣ андоза ба ин нуқтаи назар мувофиқ ҳастед?**

-Н.Кисляков аз рӯйи ривояте, ки тибқи он бузи кӯҳӣ дар вақти сохтмони мақбараи Бурхи Валӣ омада худашро ба куштан медиҳад андешаронӣ мекунад, ки ин билкул нодуруст аст. Маънии Бурх ҳаргиз бузи кӯҳӣ нест, вале бузи кӯҳӣ дар оини зардуштӣ оҳу, ҳам мешаш ва ҳам гӯсфандаш-нарғум ва ҳам таккаи нахчир аз ҷумлаи ҷонвароне буданд, ки мавриди парастиш қарор доштанд. Дар мардуми мо ориёнажодҳо нишонаҳои тотемиз (ҳайвонпарастӣ) бисёр вомехӯрад. Масалан, дар ҳамон замон боз гов, асп шутур мавриди парастиш қарор мегирифтанд. Дар олам се намуди гов ҳаст. Бизон, Зубр ва Тӯр. Аз ҳамин се намуд фақат намуди Тӯр хонагӣ шуд ва ин ҳам дар замони Ҷамшед. Ба ақидаи зардуштиҳо Худованд вақте, ки одам-Каюмарсро офарид, аз қафояш аз олами ҳайвонот Говмард, яъне говро офарид. Азбаски онҳоро Худованд барои рушду нумӯйи инсон офарид, онро инсон парастиш мекард. Онҳо муқаддас ҳисоб мешуданд. Аз он ҷумла оҳу, ки намуди зиёд дорад. Дар миҷмари оташгири мақбараи ҳазрати Бурх нақш ёфтани акси бузи кӯҳӣ низ нишонаи муқаддас будани ин ҷонвар дар дини зардуштӣ ба ҳисоб меравад.

**-Пас, ин ки маънии Бурх буз бошад, ин ғалат аст?**

-Билкул ғалат аст.

**-Устод, дар тасаввуф низ оҳу ё худ навъҳои гуногуни ин ҳайвон ҳамчун ҷонварони хуб тасвир шудаанд.**

Бале. Охир як решаи дарахти тасаввуф аз дини зардӯштӣ низ об мехӯрад. Бисёр чизҳоро дар тасаввуф аз дини зардуштӣ гирифтаанд. Ман бисёр вақт ба ҳамин муллоҳои худамон ҳайрон мешавам. Ҳайрон мешавам, ки Зардуштро дашном медиҳанд. Охир Зардушт аввалин пайғамбари фиристодаи Худо ҳаст. Соҳиби китоб ҳаст. Чаҳорчӯбаи динҳои имрӯза аз ҳамин дини зардуштӣ маншаъ гирифтааст. Зардушт тоҷик буд. Мо бояд аз ин чиз фахр кунем. Зардушт аввалин касест, ки ба яккахудовандӣ даъват кардааст. Дини зардуштӣ дини тавҳидӣ аст. Ман ҳамин хел гумон мекунам, ки касе Зардуштро дашном медиҳад, гунаҳкор аст. Имрӯз, алҳамдулиллоҳ, мо мусулмон ҳастем. Таълимоти зардуштӣ таърихи халқи мо ҳаст. Аз ин рӯ комилан бо эҳтиром дар бораи Зардушт ҳарф задан даркор. Хосатан, ки ӯ аз ҳамин минтакаи кӯҳистони Тоҷикистон ҳаст. Дар Авесто калимаҳое, ки дар лаҳҷаи дарвозии имрӯза вомехӯранд хеле зиёданд. Мутаассифона, мо як олими таърихчии забондон надорем. Шояд дар оянда ин гуна олимҳо пайдо шаванду коре бикунанд.

**-Имрӯз ҳам бояд коре кард, киояндагон дар асоси он боз ҳам пештар бираванд.**

-Ман аз қишлоқи Рагнови Дарвоз ҳастам. Деҳаест дар байни Кӯлобу Дарвоз, ки феълан матрук аст. Ҳамин қадар тавонистам кардам. Тарафи ман санг назанед.

**-На, Худо нигоҳ дорад устод, ман дар ҷустуҷӯи ҳақиқатам. Устоди азиз, Шумо дар бораи дар "Таврот" набудани номи Бурх дар як мақолаатон таъкид кардаед.**

-Бале, дар панҷ китоби Мӯсо (а) ман чизе дар бораи Бурх наёфтам.

**-Бале, дар он панҷ китоби Мӯсо(а) дар бораи Бурх чизе нест, вале дар китоби Ирмиё набӣ (а) омадааст, ки Ирмиё набӣ бо номи Борух котибе дошт, ки шариати Мӯсо (а)-ро пеш мебурд. Оё наметавонад, ки Борух ҳамин Бурх бошад. Зеро тарзи талаффузи калимаҳо ва боз бисёр чизҳои дигар ҳамин фарзияро тақвият медиҳанд?**

-Ман акнун фаҳмидам, ки ҳамон Борухро ба Бурх оварда расонданӣ ҳастед. Ин гапи шумо комилан асос надорад.

**-Устод, охир ҳар як фарзияи пешомадаро санҷидан лозим, фикри Шумо ин аст, вале...**

-Оре, ин фикри ман ҳасту, вале бояд бигӯям, ки дар он замонҳои хеле қадим аз он мамлакати дур ба ин ҷо омадани одамон аз имкон берун аст.

**- Роҳи Абрешим аз кай боз вуҷуд дорад, устод?**

- Аз замони Ҳахоманишинҳо, аз замони хеле қадим

роҳҳои тиҷоратӣ буданд. Асрҳои чор панҷи пеш аз милод. Дар давраи Доро ин роҳро месозанд. Роҳи барид, яъне почта. Кори хуб мекунед, ки кофтуков мекунед. Вале аз ҳақиқати таърихӣ дур шудан даркор нест. Барои ман мазори Бурхи Валӣ пеш аз ҳама ин як ёдгории таърихиест, ки аҷдоди мо онро макони муқаддас меҳисобид.

**-Ташаккури зиёд, устоди азиз, барои суҳбати самимӣ ва муфидатон.**

***Суҳбат дар кабинети кории узви вобастаи АИ ҶТ муҳтарам Юсуфшоҳ Яқубов дар Институти Таърихи Академияи Илмҳои ҶТ рӯзи панҷуми феврали соли 2008 соати 11-и рӯз барпо гардид.***

## СӮҲБАТ БО ЭШОНИ ҲОҶӢ ҲУРМАТУЛЛОҲ МӮҲТОҶОВ ВА ЭШОНИ ҲУҶҶАТУЛЛОҲ РАҲМАТУЛЛОЕВ
### дар бораи тармими мазори ҳазрати Бурхи Валӣ

**Ҳоҷӣ Ҳурматуллоҳ:** Охирҳои солҳои ҳаштодум ва аввалҳои солҳои навадуми асри гузашта буд. Бародари Назруллоҳи Яздонӣ Ҳуҷҷатуллоҳ, ки Институти политехникии Тоҷикистонро бо ихтисоси архитектор хатм карда буд, ҳамон шабу рӯзҳо дар таъмири ёдгориҳои таърихии Қалъаи Ҳисор, Истаравшан, Панҷакент ва бисёр ҷойҳои дигар саҳм мегузошт. Мо дар пешаш масъалаи тармим кардани мазори ҳазрати Бурхи Валиро гузоштем.

**Ҳуҷҷатуллоҳ:** Қиссаи шурӯъи обод кардани мазории ҳазрати Бурх аз соли 1985 ё 1986 сар мешавад. Ман он солҳо дар Вазорати фарҳанг архитектор ё худ меъмор шуда кор мекардам. Аслан соли 1975 ман Институти политехникиро бо ихтисоси меъмор хатм кардам. Дар тармими маҷмӯаи ёдгориҳои меъмории Ҳисор, ки иборат аз мадраса, корвонсарой, қалъа ва ғайра мебошанд, иштирок кардам. Дар тармими масҷиди сангини Ҳисор низ ширкати фаъол доштам. Дар Шаҳритус дар тармими мазори Хоҷа Дурбод ширкат кардам ба ҳайси

роҳбари гурӯҳи эҳёгарӣ. Сармеъмори ин барнома будам. Дар Мӯминобод мазори шоҳи Хомӯшро тармим кардем. Дар Данғара мазори Мавлоно Тоҷиддинро тармим кардем. Ин то соли 1986 буд. Ман хостам ба дигар кор гузарам. Худораҳматии падарам эшони Раҳматуллоҳ ҳамон замон аз ман хоҳиш карданд, ки дар тармиму обод кардани мазори ҳазрати Бурхи Валӣ, ки дар Ватани бобоиямон ҷойгир ҳаст, саҳмгузор бошам. Ба падарам ҳарчанд фаҳмондам, ки мазори ҳазрати Бурх дар як макони дурдаст маъво гирифтааст ва ҳукумат ҳеҷ майли обод карданашро надорад, вале маро фаҳмидан намехост. Мазори ҳазрати Бурх ҳарчанд дар рӯйхати ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон вуҷуд дошт, вале аз сабаби он ки моҳияти байналмилалӣ надошт, натанҳо моҳияти байналмилалӣ, балки на моҳияти ҷумҳуриявӣ ва ҳатто моҳияти минтақавӣ ҳам надошт, барои ҳамин ҳам ба рӯйхати ёдгориҳои дар оянда тармимшаванда ворид нашуда буд. Яке аз сабабҳои асосии мазори дорои аҳамияти минтақавӣ эълон нашуданаш ин набудани роҳ ба наздики ҳамин мазор буд. Аз наздиктарин деҳае, ки дар он ҷо одамон зиндагӣ мекарданд, то мазор масофа беш аз 25 километр роҳ буд. Ҳамин масофаро одамон маъмулан пиёда тай мекарданд. Ба сабаби набудани роҳ аз ягон нақлиёт истифода бурда намешуд. Мазорро асосан барои он обод мекунанд, ки онро зиёрат кунанд. Одамони зиёд зиёрат кунанд.

Хулоса, бо исрори падари худораҳматиам мо дар пайи ҳалли ин масъала шудем. Нахуст аз мардуми ҳамон минтақа, ки бархеашон дар Вахё ва қисмати дигарашон дар водии Вахш зиндагӣ мекарданд, ба унвонии вазири фарҳанг номаи дархостӣ дар бораи тармим кардани ин мазор навиштем. Мактубро ба Вазорати фарҳанг акаи Суннат Абдуллоев гуфтани як шахс овард. Дар он вакт муовини вазири фарҳанг Сангин Ҳафизов буд. Ман ба назди мудири шӯъбаи ҳифзи ёдгориҳои таърихии вазорат Анвар Тоъатов рафтам. Масъаларо ба ӯ фаҳмондам. Якҷо ба назди Сангин Ҳафизов даромадем ва ба он кас зарурати тартиб додани лоиҳаи ҳифзи ин ёдгории таърихиро гуфтем. Хулоса, пешниҳоди моро на дар шакли тармим, балки бо номи нигоҳ доштани ёдгорӣ дар накшаи кории вазорат гузоштанд ва барои иҷрои ин мақсад тақрибан 6-7 ҳазор рубл ҷудо ҳам карданд, ки ин маблағ танҳо барои ба он ҷо рафтану накшаи корӣ кашидани як гурӯҳе кифоя мекарду халос. Ин соли 1989 буд ва мо корро соли 1990 шурӯъ кардем. Аввалин кореро бояд мо иҷро мекардем, ин гузоштани роҳи мошингард то наздикиҳои мазор буд. Худи кашидани тарҳи лоиҳаи сохтмони роҳ маблағеро талаб мекард, ки бо он мешуд се маротиба мазорро тармим кард. Тавағҷуҳ кунед, барои кашидани тарҳи бунёди роҳ, на худи бунёди роҳ, маблағи ҳангуфт даркор буд. Хулоса, мо ба гардан гирифтем, ки роҳро то мазор бо усули ҳашар бо кӯмаки

мардум бунёд мекунем. Ҳамон вақт котиби райкоми Комсомолобод, ки водии Вахё дар қаламрави он буд, як марди рус бо номи Говорков буд. Ӯ ба сардори Иттиҳодияи "Селхозтехника"-и район марде бо номи Зайниддинов Хайриддин амр кард, ки барои сохтмони роҳи мазори ҳазрати Бурх як булдозер ҷудо кунад. Ӯ ин корро кард. Ҳоло ҳамин шабу рӯзҳое, ки мо суҳбат дорем, ҳамон булдозер, ки тамғааш С-130 ҳаст, дар назди пули Нисай вайрон хобидааст. Кадом як қисмаш аз кор баромадааст. Ин булдозер хизматҳои хеле калоне кардааст ва бо гузашти қариб 20 сол боз ҳам хизмати зиёд хоҳад кард. Ин булдозерро ҳамон вақт аз роҳсозони деҳаи Яхч гирифтанду ба мо доданд бо ҳамроҳии булдозерчияш, ки як ҷавонмарди яхчӣ буд бо номи Карим. Трактор трактори нав буд. Ҳамагӣ як сол кор кардагӣ буд. Ба мо як траулер, яъне як мошини боркаши дароз доданд, ки булдозерро бор карда барем. Хулоса, то деҳаи Хипшон мо ҳамон булдозерро дар траулер овардем. Аз Хипшон он тараф роҳҳо на он қадар хуб ва на он қадар бад буданд. Барои ба Сангвор рафтани булдозер сӯзишворӣ лозим буд. Рости гап, ба назди ҷонишини вазир Сангин Ҳафизов омада масъалаи сӯзишвориро гузоштам. Ҳарчанд зӯраш омад, вале аз куҷое пул ёфт ва амр кард, ки ба ман диҳанд. Ман рафта дар он пул як мошини ЗИЛ-и сӯзишворибар гирифта ба он беш аз панҷ тонна сӯзишворӣ, яъне солярка, рехта онро ба Вахё бурдам. Дар ин кор ба ман худо-

раҳматии Пирҷон кӯмак кард. Яъне мошинро худораҳматии Пирҷон Тайибов ба ман дод. Худораҳматии Пирҷон Тайибов дар кори обод кадани мазори ҳазрати Бурх хизмати хуб кардааст. Вай ҳамон вақт сардори шуъбаи истифодабарии техникаи базаи автомобилии рақами 3 буд. Директори автобаза ҳамон вақт Абдураҳим Ашӯров ҳамин вазири имрӯзаи нақлиёти ҷумҳурӣ буд. Пирҷон ба мо як КАМАЗ дод, ва боз ду бушкаи калон барои дар онҳо сӯзишворӣ нигоҳ доштан дод. Дар ҳақиқат, Пирҷон ва Ашӯров дар ин кор хизмати калон карданд. Масалан, барои ҳамон булдозер як бели дигар лозим шуд. Беле, ки аз паҳлӯ ҳам хок ва сангро гирифта тавонад. Мо ҳамин гуна белро дар Душанбе ёфтем. Барои бурдани он техника даркор шуд. Ин техникаро мо аз ҳамин автобаза гирифтем. Трактори МТЗ ва мошини автоклубро бошад аз ҳисоби Вазорати фарҳанг гирифтем.

Хулоса, рӯзе, ки кори тармим кардани роҳро сар кардем, акаи Дона хун кард. Як барзагов кушт. Ман аз булдозерчӣ Абдукарим хоҳиш кардам Ҳайратро бо худ ҳамкор гирад. Аз Сангвор боло дигар умуман роҳ набуд. Ҳамин тариқ обод кардани роҳ шуруъ шуд. Дар ин ҷо бояд бигӯям, ки бисёр вақт тракторро аз кори роҳсозӣ гирифта ба дигар корҳои деҳа машғул месохтанд. Аксаран ин корҳое буданд, ки яке аз нанги дигаре ин корро мекард. Масалан, байни Мирзошариф ва Назрӣ чи мунокишае мешавад. Дар натиҷа ё аз баръакскорӣ

ва ё аз беэҳтиётии яке аз тарафҳо оби дохили Сангвор ба ҷарие рафта як тарафи деҳаро вайрон мекунад. Ба булдозерчӣ лозим омад, ки 20 рӯз вақти худро сарф кунад то онҷоро обод кунад. Дар ин миён булдозер борҳо вайрон мешуд ва мо қисмҳои эҳтиётӣ оварда ӯро боз ба кор медаровардем. Ҳамин хел дар зарфи қариб якуним сол рафтем то ҷангалҳои Нусай. Мушкилот хеле зиёд пеш омад. Рӯзе муовини вазир Сангин Ҳафизов ба ман маслиҳат дод, ки ба қозиёт рафта бо қозии он вақт Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода дар масъалаи мазори ҳазрати Бурх суҳбат карда пешниҳод кунам, ки азбаски ба мазор зоирини зиёд мераванд, онро ба ихтиёри худ гиранд. Вазорати фарҳанг дар ин кор ба онҳо кӯмак хоҳад кард. Қозиёт обод кардани мазорро ба ӯҳда бигирад, баъдан метавонад аз ҳисоби зоирин хараоҷотҳои кардаашро барорад. Мазмуни гапи мо дар умум ҳамин буд. Қозӣ Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода гуфтанд, ки мазорро як дидан даркор. Дар вазорат розӣ шуданд, ки як чархбол таҳия карда барои дидани ҳолати мазор ба он ҷо биравем. Он вақт вазири фарҳанг Нурмуҳаммад Табаров буд. Чархболро вазорат омода кард. Тавассути чархбол Нурмуҳаммад Табаров, Ҳоҷӣ Акбари Тӯраҷонзода, муовини вазир Сангин Ҳафизов, мудири шуъба Анвар Тоатов ҷонишини ӯ Саидҷаъфар Раҳматов (писари Раҳматови собиқ сафири СССР дар Мавритания) ва ман рафтем ба зиёрати мазори ҳазрати Бурхи Валӣ. Ҳамон вақт дар Душанбе як ширкати



***Аз санг ба харсанг паридан рама дорад***



***Акаи Акбар аз деҳаи Сангвор***



*Аҷаб зебоянд буруҷзорҳои Вахё*



*Баъди зиёрати Бурхи Валӣ, августи соли 2008*



*Бинои мақбараи Эшони домулло Қурбони Валӣ дар деҳаи Арзунк, апрели 1997*



***Булдозере, ки дар гузоштани роҳ ба мазори ҳазрати Бурх хизмат кардааст. Деҳаи Алисурхун, апрели 1997***



***Боз як лаҳзаи фаромушношуданӣ...***



(الجزء الثاني)

من كتاب قوت القلوب في معاملة المحبوب ووصف طريق
المريد إلى مقام التوحيد لسيدنا ومولانا الشيخ الإمام
العالم المحقق أبي طالب محمد بن أبي الحسن علي
ابن [illegible] المكي تغمده الله برحمته
وأسكنه فسيح جنته
آمين

***Вараҳи аввали китоби Қутулқулуб-и Абутолиби Маккӣ***




*Дар пеши раҳат об буду санг буду кӯҳ*



*Гандумо дарав шуд...*



***Дар суҳбати домулло Ҳурматуллоҳ аз Бурса***



***Дар ҳалқаи усто Абдурашиди Истаравшани ва шогирдонаш***



***Деҳқоне аз деҳаи Скад***



***Дуои пирони куҳистон***



***Дӯкончае дар Даргаз. Августи 2008***



***Зоирон низ дар обод кардани мазори ҳазрати Бурх саҳм мегиранд***



***Қадамгоҳи Ҷунайдуллоҳи Бағдодӣ дар наздикии деҳаи Сангвор***



***Қиблагоҳам Ҳамади Пирак, июли соли 1970***



*Инҳоянд, ки коршоямии роҳи мазорро таъмин мекунанд*



*Мақбараи Бурхи Валӣ аз паҳлу. Августи соли 2008*



*Манзараи кӯҳи Тамара. Акси солҳои 60-уми асри гузашта*



*Қироати оёти Каломуллоҳ*



*Хурду калони деҳаи Арзунк. Апрели 1997*



*Лоҷирк. Санги Кампирак, апрели соли 1997*



*Мазори Бурхи Валӣ солҳои 80-уми асри гузашта*



*Манзараи кӯҳи Тамара аз болои пули Тавилдара, июли соли 1972*



*Даромадгоҳи мақбараи Бурхи Валӣ. Соли 2008*



*Манзараи кӯҳи Тамара аз соҳили Хингоб*



*Манзараи мазори Бурхи Валӣ аз дур*



*Манзараи мазори Бурхи Валӣ аз поён*



*Манзараи деҳаи Сангвор*



*Манзараи мазори Бурхи Валӣ аз пушт*



***Манзараи мазори ҳазрати Бурх аз поён, июли соли 1982***



***Мутаваллӣ зоиринро бо ашёи ҳазрати Бурх шинос мекунад***



*Мулло Раҳмон аз деҳаи Дарахтаки Вахё*



*Муҳиддини Султон ва Муҳиддини Саид бори аввал якҷо ба зиёрат мераванд*



***Неъматуллоҳ Сафаров аз чашмаи Хоҷа Алоуддин об менӯшад. Июли соли 1972***



***Неъматуллоҳи Абдуллоҳ, сокини деҳаи Найгуфт, собиқ мутаввалии мазори Бурхи Валӣ***

сайёҳие бо номи "Шарқ" амал мекард, ки кораш тавассути чархбол бурдани зоирин ба зиёрати се мазор буд. Якум мазори Хоҷа Алоуддин дар деҳаи Лангари Вахё, аз он ҷо парида ба мазори ҳазрати Бурх омада ва аз мазори ҳазрати Бурх парвоз карда зоиринро ба зиёрати мазори ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ мебурд. Ин ҳама корро дар зарфи ду рӯз анҷом медоданд. Як рӯз зоиринро меоварданд, дар мазорҳо мемонданд, рӯзи дигар зоирини дигарро оварда зиёратакиҳои қаблиро мегирифтанд. Ҳамон рӯз дар мазори ҳазрати Бурх қариб аз 300 одам зиёд зиёратакӣ буд. Мазор як ҳолати риққатовар дошт. Як қисмати он, аниқтараш аз ду манора яктои он ба ҷарӣ рафта буд. Гунбази он низ дар ҳолати фурӯравӣ буд. Хулоса баъди баргаштан қозиёт низ далел пеш овард, ки наметавонад дар кори обод кардани ин мазор ширкат кунад. Аниқтараш, масъулияти обод кардани онро ба ӯҳда бигирад. Надоштани маблағро барои ин кор сабаби асосӣ пеш оварданд. Хулоса, боз пеши худораҳматии Пирҷон рафтам. Қисмҳои эҳтиёти булдозерро кофта ёфтем. Боз Пирҷон ба мо як КАМАЗ дод. Қисмҳои эҳтиётиро гирифта ба сад мушкилот ба назди булдозер омадем. Албатта, КАМАЗ то он ҷое омад, ки роҳи мошингард буд. Боқимонда роҳро пиёда тай кардем. Қисмҳои эҳтиётиро дар харҳо бор кардем. Хулоса, булдозерро боз ба кор даровардем ва бунёди роҳ то мазор идома ёфт. Моҳи ноябри соли 1990 мо роҳро то ҳазрати Бурх сох-

тем. Якумин мошине, ки ба назди мазори ҳазрати Бурх омадааст, ин мошини УРАЛ буд, ки шофёраш Александр ном як русбача буд. Ҳамон вақт дар Душанбе як ширкати "Согдиана" хеле машҳур буд. Ҳамин ширкат аслан ширкати Абдумалик Абдуллоҷонов буд. Дар асл роҳбари асосиаш Абдуллоҷонов буд, вале дар номи дигар кас сабт шуда буд. Мақсади ширкат ба роҳ мондани туризм дар манотиқи кӯҳистон буд.

Бояд гуфт, ки ҳам булдозерист Карим ва ҳам Ҳайрат аз корхонаи мо моҳона мегирифтанд. Корхонаи мо "устохонаи махсуси илмӣ-тадқиқотии тармими ёдгориҳои таърихӣ дар назди Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон" ном дошт. (Специальная научная реставрационная производственная мастерская при Миниристерство культуры Таджикской ССР).

Трактор дар балансi ҳамин корхона буд. Ман ҳамчун сардори минтақаи ҳазрати Бурхи Комсомолобод дар назди вазорат корманд ба ҳисоб мерафтам. Дигар коргар набуд. Дар ин марҳила мо фақат роҳ месохтем. Мо акаи Донаро мутавалӣ мондем. Ба ӯ гуфтем, ки як сандуқи хайрия монад. Сандуқи  хайрияро кафшер карда бурда дар мазор мондем. Баъди чанд муддат ба мо хабар расид, ки сандуқро аз мазор бурдаанд. Хулоса, баъди кофтуковҳои зиёде он ёфт шуд. Пулҳоро гирифтем. Чи қадар пул буд дар ёдам нест. Ҳамон пулҳоро мо барои кафондани харсангҳои сари роҳ панҷ тонна моддаҳои тарканда харидорӣ кардем.  Як қисмаш-

ро аз Душанбе, аз ташкилоти "Взрывпром", қисмати дигарашро аз идораи дар Ғарм будаи ҳамин ташкилот харидем. Барои бурдани ин борҳо то Сангвор боз аз автобазаи Пирҷон мошин гирифтем. Як мутахассиси соҳаи таркишро низ ба кор гирифтам. Ӯ дар навбати худ лавозимоти заруриаш аз қабили сим, детонатор ва ғайраро гирифт. Хулоса, барои ба маҳалли кор бурдани маводи тарканда ва мутахассисон иҷораи як чархбол зарур шуд. Ҳамаи ин кор бо маблағи муайяне иҷро мешуд. Ҳамин тариқ корҳои кафондани харсангҳоро низ ба анҷом расондем. Акнун роҳ то ҳазрати Бурх омода шуда буд. Масолеҳи бинокорӣ бурдан лозим буд. То худи ҳазрати Бурх дар дувоздаҳ КАМАЗ танҳо рег бурдем. Регро аз Душанбе бурдем. Акнун сементу оҳан бурдан даркор буд. Пул надоштем, ки ин корро кунем. Муҳтарам Ҳотам як корхонаи табъу нашр дошт. Аз ҳисоби нашри китобҳои динӣ пул пайдо мешуд ва мо то хеле кори худро пеш бурдем. Ширкати Муҳтарам Ҳотам "Малое государственное предприятие "Ариана" ном дошт. Махсусан, китоби "Қиссасуланбиё"-ро аввал 30 ҳазор баровардем. Дар ду моҳ савдо шуд. Боз 30 ҳазор чоп кардем. Умуман, китобҳои диниро он вақт зиёд мехариданд. Масалан, китоби "Амир Ҳамза"-ро. Аз ҳисоби пули ба дастомада корҳои муайяне иҷро шуданд. Қарор шуд, ки корхонаи моро Муҳтарам Ҳотам бихарад. Вале ҷанги хонумонсӯз ин нақшаҳоро низ сӯхт…

Ҳоло трактори МТЗ дар хонаи Ҳайрат вайрон, булдозер дар сари пули Нусай вайрон, як хона -вагон барои истиқомати коргарони роҳ буд, он ҳам вайрон шудааст. Булдозерро моҳи майи соли 1991 хунук зад. Блокаш аз хунукиҳои новақт кафида буд. Хабарро ба ман расонданд. Ман аз хона пул гирифта рафта аз сохтмони Роғун тамоми қисмҳои эҳтиётии заруриро гирифта бурда тракторро обод кардам.

**Ҳоҷӣ Ҳурматуллоҳ:** Агар якмоҳа даромади пулии мазори ҳазрати Бурхро барои таъмири тракторҳо сарф кунанд, ҳамаи онҳо фаъол мешаванд. Куҷост одами баинсоф? Касе, ки аз ҳазрати Бурх хӯрд зиёни калон дид.

**Султони Ҳамад: Баъди нисбатан обод шудани мазор Шумо аз он дидан кардаед? Манзурам ин аст, ки оё мазорро дар асоси ҳамон лоиҳаи тартибдодаи Шумо тармим кардаанд ё не?**

**Ҳуҷҷатуллоҳ:** Мутаассифона, ман баъди ҳамон солҳо, яъне баъди оғоз шудани ҷангҳои бемаънӣ дигар бо он тарафҳо нарафтам. Баъди обод шудани мазор низ дигар ба он ҷо нарафтам ва гуфта наметавонам, ки тармими мазор аз рӯи лоиҳа сурат гирифтааст ё не. Вале бояд кори тармими мақбара аз рӯйи лоиҳаи мазкур сурат мегирифт. Пеш аз он ки ба кори тармим оғоз мекарданд, бояд мутахассисини ҳамин соҳаи Вазорати фарҳанг рафта тибқи лоиҳа амал мекарданд. Ҳамон корхонае, ки ман як вақтҳо роҳбараш будам, дар на-

зди Вазорати фарҳанг то имрӯз фаъолият мекунад ва вазифааш низ аз ҳамин иборат аст, ки ёдгориҳои қадимӣ тибқи шакли аввалаашон барқарор карда шаванд. Мазори ҳазрати Бурх ҳамчун ёдгории қадима дар байни ёдгориҳои таърихии ҷумҳурӣ нодир ба шумор мерафт, зеро сохтмони онро ба замони ҳазрати Мӯсо (а), яъне камаш севуним ҳазор сол пеш марбут медиҳанд. Яъне асоси ин мақбара дар ҳамон замон поягузорӣ шудааст. Агарчи баъдҳо борҳо тармим дидааст.Барои ҳамин ҳам ман фикр мекунам, ки барқарор кардани ин ёдгории таърихӣ бояд бо иштироки мутахассисини Вазорати фарҳанг сурат мегирифт.

**Ҳурматуллоҳ:** Ман устои таъмиргари мазори ҳазрати Бурх, усто Абдурашиди истаравшаниро хуб мешиносам. Марди хеле донишманду фозил аст. Мақбараи ҳазрати Бурх ба гуфтаи худаш панҷоҳумин объекти таърихӣ ҳаст, ки ӯ ба тармими он машғул мешавад.

**Ҳуҷҷатуллоҳ:** Мо вақте ки сметаи лоиҳаи тармими ин мақбараро он замон тайёр мекардем, он вақт бо нархи шӯравӣ аз сад ҳазор рубли шӯравӣ зиёдтар мешуд.

**Ҳурматуллоҳ:** Ман фикр мекунам, ки корро бе смета кардаанд. Мирзо Зиё ҳаққи заҳмати усторо хуб пардохт мекунад ва усто низ кори ҳалол мекунад.

**Султон Ҳамад:** Рости гап, то ҳамин лаҳза ман дар бораи аз рӯйи лоиҳа сурат гирифтан ва ё нагирифтани тармими мақбараи ҳазрати Бурх фикр ҳам накардам. Барои ҳамин ҳам ман намедонам, ки кор аз рӯйи лоиҳаи

пеш тартиб дода сурат гирифтааст ё не. Вале дар суҳбат бо ман усто Абдурашид гуфт, ки барои сохтани танҳо гунбади мақбара ҳафт ҳазор хишти пухта сарф шудааст. Ҳатто гунбадро бо як каме тафовут аз сохти гумбази пештара бино кардааст. Масалан, онро тарзе сохтааст, ки он ҳавогузар шудааст. Ба гуфтаи усто ин корро бо истифода аз таҷрибаи пешқадам дар соҳаи мақбарасозӣ ба анҷом расонидааст. Болои гунбадро тақрибан 25 сантиметр нопӯшида мондааст. Девор як метр паҳнӣ дошт ҳамон хел мондааст. Вале тарзи чиндани хиштҳо аз мақбараи пештара фарқ мекунад.

**Ҳуҷҷатуллоҳ:** Ин ягон навоварӣ нест ва кардани чунин навоварӣ дар тармими мақбараи ҳазрати Бурх ҷоиз нест. Чунин кор набояд сурат гирад. Мақбара бояд дар шакли аввалааш барқарор карда мешуд. Ягон навигарӣ дар он ворид карданро мо ҳақ надорем. Лоиҳаи тармим вуҷуд дошт ва корҳои барқароркунӣ бояд аз рӯйи он сурат мегирифтанд.

**Ҳурматуллоҳ:** Усто дар вақти сӯҳбат бо ман гуфт, ки тармимро ман дар асоси проекти қаблӣ кардаам. Фарқ танҳо се сантиметрр шуданаш мумкин аст.

**Ҳуҷҷатуллоҳ:** Агар ин хел гуфта бошад пас дар асоси проект, яъне лоиҳа кор иҷро шудааст.

**Султони Ҳамад:** Дар атрофи мақбара тармимгарон эҷодкориҳои зиёде аз худ нишон додаанд. Масалан, дар болои санге мехоҳанд муҷассаммаи оҳуеро гузоранд. Рамзи ҳамон оҳуе, ки худашро ба ҳашарчиёни

мақбара барои қурбонӣ кардан пешкаш карда буд. Ман дар навбати худ пешниҳод кардам, ки тибқи ривоят як осиёбаки хурдӣ рамзӣ низ бисозанд, ки ин пешниҳод ба усто Абдурашид писанд омад. Ваъда дод, ки чунин як осиёбро дар наздикии мақбара хоҳад сохт.

**Ҳуҷҷатуллоҳ:** Дар оянда ба ин масъала насли дигар бармегардад. Онҳо шояд ба тарзи худ кунанд ин корро.

**Ҳурматуллоҳ:** Ҷое, ки мақбара ҳаст Боршид ном надорад. Дар китоби Шехов Абдумалик саҳван он ҷоро Боршид номидааст. Ин ҷо Шайхо ном дорад. Бузургвор дар Шайхо ҷойгир аст. Аз Шайхо боло деҳаи Шорог ҳаст, баъд деҳаи Вашог ҳаст, баъд деҳаи Боршид аст. Боршид аз Шайхо тахминан 2-3 километр дуртар аст. Охирин қишлоқ Ҷингак ном дорад. Тибқи кундораҳое (боқимондаҳои хонаҳои вайрона), ки дар Шайхо боқӣ мондаанд, дар ин ҷо пеш аз муҳоҷиршавӣ тахминан 90 хоҷагӣ будааст. Фарз кардем, ки 90 хоҷагӣ ҳам набошанд, аз 30-40 хоҷагӣ кам нестанд. Ҳамаи ҳамин одамон аз ҳисоби назру ниёзи мардуми зиёратакӣ зиндагии худро пеш мебурданд. Масалан, ҳамин сол як ҳинду, мутахассисе, ки дар кони ангишти Миёнаду кор мекунад, мазори ҳазрати Бурхро зиёрат омад. Як гӯсфанд кушт ва 100 доллар назр дод. Навасаи Амир Олимхон омада буд, меҳмонҳо аз Аморати Муттаҳидаи Араб омада буданд. Албатта онҳо дасти холӣ намеоянд.

***Суҳбат дар хонаи Ҳоҷӣ Ҳурматуллоҳ, дар ноҳияи Рӯдакӣ рӯзи 25 августи соли 2008 барпо гардид.***

## СУҲБАТ БО УСТО АБДУРАШИД, КИ МАЗОРИ БУРХИ ВАЛИРО ТАРМИМ КАРДААСТ

Ҳини зиёрати мазори ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ дар санаи 14-15-уми августи соли2008-ум ман аз роҳбари сохтмончиёни мазор усто Абдурашиди истаравшанӣ, ки имсол ба синни муборaки шаст даромад, дар бораи сохтмони мазор пурсон шудам. Нахуст аз ӯ суол кардам, ки оби фаввораеро, ки дар саҳни бинои мазор ӯ ва шогирдонаш сохтаанд, аз куҷо ва чӣ гуна овардаанд.

Ӯ ҷавоб гуфт, ки ин об аз оби чашмаест, ки тахминан 50-100 метр дар қисмати шимолии мазор арзи вуҷуд кардааст. Аввалҳо ин об бо як шиддати баланд аз пеши мазор гузашта ба ҷарӣ мерехтааст, ки дар натиҷа ба тадриҷ боиси харобии мазор низ гаштааст. Барои ҳамин ҳам оби ин чашмаро ба ду қисм тақсим намуда якеро барои бунёди фаввораи мазкур истифода намудем. Қисмати дигари обро барои истеъмоли одамон ва обёрӣ кардани гулҳои ороишӣ, ки дар саҳни мазор шинонда мешаванд, истифода мебарем. Оби фаввора низ ба ин об ҳамроҳ мешавад. Оби чашма аз наздикиҳои он тавассути лӯлаҳо (трубаҳо) оварда шудааст.

Соли 2004 моҳи май вақте ки бо мақсади эҳёи мазор моро ба ин ҷо оварданд, аҳволи мазор хеле ҳузнангез

ва риққатовар буд. Мазор дар ҳолати харобӣ қарор дошт. Як манораи мазор ба ҷарӣ фурӯ рафта буд. Ҳатто аз паҳлӯи манораи фурӯрафта имкони ба пушти мазор гузаштан вуҷуд надошт. Мардуми бисёре ҷамъ шуда буд. Бо усули ҳашар ба кор шуруъ кардем. Воқеан, дар рӯзи оғози кор, ки 19-уми май буд, дидем, ки як -ду оҳуи хеле калон дар ҳамон ҷое, ки дар вақти шуруъи сохтмони ин мақбара дар давраи аввалин бор ошкор шудани худи ҳазрати Бурх пайдо мешавад, ҳозир мешаванд. Мардуми ҳашарчӣ ин манзарароро дида ҳайёҳӯй мекунанд. Яке аз оҳувон гурехта меравад. Вале оҳуи дигар он ҷо мемонад. Сипас яке аз ҳашарчиён, ки бо худ камони шикорӣ доштааст, наздик рафта онро ба нишон гирифта мепарронад. Оҳу рост ба назди ҳамон чашмае, ки дар ибтидои сохтмони мақбара оҳуи аввалро бо амри худи ҳазрати Бурх забҳ мекунанд, ба ҳамон ҷо меафтад. Одамон онро ҳалол карда аз гӯшташ барои ҳашарчиён хӯрок мепазанд.

Дар чор тарафи мазор хоку санги зиёде ҷамъ шуда буд. Ҳамаи онҳоро бо эҳтиёт гирифта ба ҷарӣ партофтем. Дар қафои мақбара ду-се қабат гӯри куҳна будааст. Вақти кандани онҳо устухонҳои одамизод баромад. Мо ҳамаи онҳоро ҷамъ карда гирифта бурда дар болотари мақбара дар як замини кушод гӯр кардем. Сипас ба гирифтани сангу хоки дохили мақбара машғул шудем. Худи мақбараи бузургвор низ дар ҳолати

фурӯравӣ қарор дошт. Аён буд, ки онро дар вақту замонҳои гуногун бо лою гаҷ ва ҳатто семент тармим кардаанд. Мо тамоми он маводи зиёдатиеро, ки болои қабр буд, бо эҳтиёт гирифтем ва ба қабати охирин расидем. Як санги на чандон калоне дар поёни пойи бузургвор дар қабати охирини гӯр пеш омад. Хостем онро бигирем, ки ба кори андова халал эҷод накунад. Мутаассифона, санг ба дохили гӯр фурӯ рафт. Аз ин кор танҳо ману мутаваллӣ Неъматуллоҳ хабар доштему халос. Дукаса ҳарчанд кӯшидем он сангро аз поёни пойи бузургвор аз дохили қабр гирифта натавонистем. Мо хеле хафа ва нигарон шудем. Дастамон ба кор пеш намерафт. Ҳатто гуфтан мумкин, ки дар мо як навъ ҳарос низ пайдо шуда буд. Эшони Орифҷон, ки яке аз рӯҳониёни маъруфи ин дара буда фарзанди ҳазрати эшони Халифа мебошанд ва бо ҳидояти он кас мо кори тармими мақбараро шурӯъ карда будем, одатан ҳар як даҳ-понздаҳ рӯз аз рафти сохтмони мақбара хабар мегирифтанд. Ҳамагӣ як ё ду рӯз шуда буд, ки аз пеши мо рафта буданд. Рӯзи дигари афтидани санг ба дохили қабр дидем, ки Эшони Орифҷон боз ба назди мо омаданд ва суол доданд, ки тинҷӣ-мӣ? Поёни пои бузургворро чӣ кор кардед?- гуфта пурсиданд. Мо ҳайрон шудем, ки ин хабарро эшони Орифҷон чӣ гуна фаҳмиданд. Охир аз ин ҷо касе ба поён, деҳаҳо нарафта буд. Воситаи алоқаи дигар, яъне мухобира ва ё телефон ҳам надорем. Дар ин ҷо низ ин воқеаро ба ғайр

аз ду каси мо дигар касе намедонист. Чӣ гуна он кас аз ин воқеа хабар ёфта бошанд гуфта дар фикр будем, ки худи он кас кори моро осон карданд. Гуфтанд, ки ин воқеъаро шаб дар хоб диданд ва аз қазия бохабаранд ва мо бояд бе ягон тарсу ҳарос корамонро идома диҳем. Сипас мо ба корамон бо шавқ идома додем.

Бинои мақбара дар ҷои пештарааш сохта шудааст. Қабр низ дар ҷои пештарааш истодааст. Мо танҳо аз ҳисоби девор, ки як метр паҳнӣ дошт, дар болои сари бузургвор ва поёни пояш ду меҳроб сохтем. Қабри бузургвор дар байни ин ду меҳроб гаҳвораеро ба хотир меорад, ки дар он маъмулан тифлони маъсум мехобанд. Мо ба ишора ба ҳамин ибораи машҳур, ки "авлиёҳо дар оғӯши Худованд хобанд, чуноне, ки атфол дар оғӯши модар", ҳамин чизро сохтем.

Танҳо барои сохтмони гунбази ин мақбара ҳафтуним ҳазор хишти пухтаи давраи николаӣ истифода шудааст. Ин хиштҳоро аз як бинои қадима гирифта тоза карда ба ин ҷо оварда истифода кардем. Вазни гунбад тахминан дар ҳудуди сиву панҷ чил - тонна мебошад. Баландии гунбазро агар аз саллаи мақбара ҳисоб кунем се метр мебошад. Дар қисмати саллаи мақбара гунбаз аз шимол ба ҷануб шаш метр ва аз шарқ ба ғарб низ шаш метрро ташкил медиҳад. Аз фарш то саллаи мақбара чор метр. Ҳамагӣ аз фарш то нӯги гунбад ҳафт метрро ташкил медиҳад. Девори мақбараро асосан бо истифода аз хишти худи мақбараи қаблӣ сох-

тем. Дари мақбараро нисбат ба дари пештарааш калонтар кардем. Ҳам баландтар ва ҳам кушодтар. Худ кори дасти як устои чирадаст аз Исфара мебошад, ки мутаассифона, ин дам номашонро ба хотир оварда наметавонам. Он кас ҳоҷӣ буда аз ҷумлаи кандакорҳои машҳури Исфара ба ҳисоб меравандд. Ин дар аз чӯби дарахти чинор кандакорӣ шудааст. Чӯбашро Ҳокимшоҳ Давлатов гуфтани як марди ғармӣ аз ҳисоби чанори дари хонааш додааст.

Ғафсии девори мақбара як метрро ташкил медиҳад. Бинои мақбараи қаблӣ дар шакли мудаввар сохта шуда буд. Вале мо онро дар шакли ҳашткунҷа сохтем. Чунин шакл гирифтани мақбара бо ишора ба ҳашт равзаи ҷаннат мебошад:

**Ҳашт ҷаннат ҳасту дӯзах нест ҳашт,**
**Ҳақтаъло аз яке дӯзах гузашт.**
**Кард барҳам дӯзахи ҳаштум тамом,**
**Баҳри Бурхи ошиқи некӯмаром.**

Мо чун пештара ду манора сохтем. Манораҳои қаблии мақбара салла доштанду халос. Мо иловатан ба он манораҳои салладор инчунин дар болои манораҳо фонус сохтем. Худо хоҳад бо фаровон шудани нирӯи барқ мо инчунин дар дохили ин фонусҳо чароғҳои баркро хоҳем гузошт. Як чизи дигарро бояд бигӯям, ки болои гунбаз тақрибан ҳудуди 25 сантиметр кушода

монда шудааст. Вале болои онро дар шакли чатр бо масолеҳи тунука пӯшондаем. Ин ба он хотир аст, ки ҳаво дар дохили мақбара гирдгардон бошад, то ҳавои дохили мақбара вайрон нашавад ва бинои мақбара зарар набинад. Дар бораи хишти мақбара ҳамин чизро гуфтан мумкин аст, ки он тахминан аз сад сол пештар дар ҳамин наздикиҳо сохта ва ё пухта шудагӣ. Зеро дар таркиби хиштҳои девори мазори ҳазрати Бурх мо алафу хоку санги ҳамин минтақаро бисёр мебинем. Ба ёди усто Абдуррашид овардам, ки дар қиссаи ҳазрати Бурх омадааст, ки хишти ин мазорро дар деҳаи Сангвор пухтаанд. Ва мардум то ба ҳол ҷоеро дар Сангвор гилхонаи хишти мазори ҳазрати Бурх гуфта муҳтарам медонад. Боре ба ин гилхона об сар дода кӯдакон оббозӣ кардаанд, ки аз куҷое дар он мори обие пайдо мешавад. Баъд аз ин ҳодиса калонсолон дигар ба кӯдакон дар ин ҳавз оббозӣ карданро манъ карданд. Усто Абдуррашид гуфт, ки таркиби хоки он мавзеъро бо таркиби хоки хишти мазори ҳазрати Бурх боре муқоиса кардааст ва он қариб, ки як хел ҳаст. Бо эҳтимоли қавӣ гуфтан мумкин аст, ки хишти мазор дар ҳамин Сангвор пухта шудааст.

***Суҳбат 14-уми августи соли 2008 дар назди мақбараи Бурхи Сармасти Валӣ ба вуқуъ пайваст.***

# СУҲБАТ БО ЭШОНИ ОРИФИ АРЗУНКЧӢ

## Насабномаи эшонҳои Арзунк

Эшони домулло Нурмуҳаммад се бача доштааст. Эшони домулло Салоҳ, эшони домулло Қосим, эшони домулло Қурбони Валӣ. Аз бозмондагони эшони домулло Салоҳ Ҳаннон мондааст, ки дар ҳамин Арзунк зиндагонӣ мекунад. Субҳон дар Ҷиликӯл мебошад. Аз ин авлод ҳам олимони хуб гузаштаанд. Аҷдоди мо аз эшони домулло Қосим маншаъ мегирад. Аз эшони домулло Қосим эшони домулло Раҳматуллоҳ ба дунё меояд, ки 18 писар ва 18 духтар доштааст. Ҳамаашон дар мадрасаҳои шаҳрҳои калон хонда олиму доно шудаанд. Аз эшони домулло Раҳматуллоҳ эшони домулло Суннатуллоҳ ва аз эшони домулло Суннатуллоҳ эшони домулло Халифа ба дунё меояд, ки дар маҷмуъ панҷ пуштро ташкил медиҳад. Ҳар як пушт агар ба ҳисоби миёна 50 сол бошад, таърихи моро 250 сол мешавад. Агар 70 сол бошад, 350 сол. Боре эшони Расо падари эшони домулло Мӯсо гуфтааст, ки вақте гӯри эшони домулло Раҳматуллоҳро канданд, аз мурданаш чил сол гузашта будааст. Эшони Расо соли 1900 таваллуд шуда будааст. Ҳамон сол гӯри эшони Раҳматуллоҳро кандаанд. Агар аз мурданаш 40 сол гузашта бошад, пас вафоти ҳазрати эшони домулло Раҳматуллоҳ соли

1860 будааст. Тибқи маълумоти дақиқ эшони домулло Раҳматуллоҳ 106 сол умр хӯрдааст. Пас соли таваллудаш соли 1754 мешавад. Эшони домулло Раҳматуллоҳ хатмкардаи мадрасаҳои Бухоро будааст. Тибқи баъзе маълумотҳо яке аз ҳамсабақон ва муридонаш яке аз амирони ояндаи Бухоро будааст. Эшони домулло Раҳматуллоҳ дар Вахё, Ванҷ, Дарвоз, Афғонистону Ҳиндустон муридони зиёде доштааст. Рутбаи Қутбулорифинро соҳиб шудааст, ки маънояш ситораи Худошиносони замон будааст. Эшони ҳоҷӣ Муҳтоҷ, домулло Файзуллоҳ, Мулло Мурватуллоҳ аз духтари эшони домулло Раҳматуллоҳ мебошанд. Очаи инҳо кампири Румия (ё Умия) ном дорад. Аз ҳисоби ҳамон 18 духтаре, ки гуфтем дорад. Румияро кашфулқубур мегуфтанд, ки маънои кашфулқубур ин шахсест, ки баробари дар гӯр мондани шахси мурда аҳволи ӯро мебинад.

Ҳамин китоберо, ки мебинед, насабномаи эшонҳои Арзунк ҳаст, ки қиблагоҳ аз кучое рӯнавис кардааст:

**"Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим.**

**Асноди насабномаи эшони домулло Халифа.**

**Эшони домулло Халифа ибни эшони домулло Сунатулоҳ.**

**Эшони домулло Суннатуллоҳ ибни эшони домулло Раҳматуллоҳ**

**Эшони домулло Раҳматуллоҳ ибни эшони домулло Қосим (акои эшони домулло Қурбони Валӣ)**

**Эшони домулло Қосим ибни эшони домулло Нурмуҳаммад**

**Эшони домулло Нурмуҳаммад ибни эшони домулло Шомуҳаммад**
**Эшони домулло Шомуҳаммад ибни эшони домулло Назармуҳаммад**
**Эшони домулло Назармуҳаммад ибни эшони домулло Сайидамири Шодӣ**
**Эшони домулло Сайидамири Шодӣ ибни эшони Сайидамири Шарқ**
**Эшони домулло Сайидамири Шарқ ибни Сайидамири Султон**
**Сайидамири Султон ибни Сайидамири Дӯстшаҳ**
**Сайидамири Дӯстшаҳ ибни Сайидамири Довудалӣ**
**Сайидамири Довудалӣ ибни Сайидамири Қалхасбегӣ**
**Сайидамири Қалхасбегӣ ибни Сайидамири Абдол**
**Сайидамири Абдол ибни Сайидамири Хӯҷа**
**Сайидамири Хӯҷа ибни Сайидамири Ғариб**
**Сайидамири Ғариб ибни Сайидамири Абдураҳмон**
**Сайидамири Абдураҳмон ибни Сайидамири Маликӣ**
**Сайидамири Маликӣ ибни Сайидамири Умар**
**Сайидамири Умар ибни Сайидамири Абӯюсуф**
**Сайидамири Абӯюсуф ибни Сайидамири Олиддин**
**Сайидамири Олиддин ибни Сайидамири Иброҳим**
**Сайидамири Иброҳим ибни Сайидамири Раҳм**
**Сайидамири Раҳм ибни Сайидамири Амирҷон**
**Сайидамири Амирҷон ибни Сайидамири Араб,**
**Сайидамири Араб ибни Сайидамири Сакина**
**Сайидамири Сакина ибни Сайидамири Хатиб**

**Сайидамири Хатиб ибни Сайидамири Бибифайз**
**Сайидамири Бибифайз ибни имом Абӯ Ҷаъфари Содиқ**
**Имом Абӯ Ҷаъфари Содиқ ибни Ҷофр**
**Ҷофр ибни ҳазрати Имом Зайналобиддин**
**Ҳазрати имом Зайналобиддин ибни ҳазрати Имом Ҳусайн**
**Ҳазрати Имом Ҳусайн ибни ҳазрати Имом Алӣ**
**Ҳазрати Имом Алӣ шавҳари Бибифотимаи Заҳро**
**Бибифотимаи Заҳро духтари Муҳаммад Пайғамбар (с)"**

Ҳамин тариқ насабномаи эшонҳои Арзунк то қиблагоҳи ман, яъне эшони домулло Халифа 34 пушт ё худ наслро дар бар мегирад. Ман сиву панҷум писари ман эшони Масъуд сивушашум ва набераам сивуҳафтумин пушти эшонҳо аз Расули акрам (с) мебошад.

### Иртибот бо эшонҳои Ёзғанд

Эшонҳо дар куҷое, ки набошанд, қариб ҳама бо якдигар хешанд. Чунки ҳама вақт охири шаҷара ба ҳазрати Муҳаммад Пайғамбар (с) меравад. Дар бораи иртиботи хешу таборӣ доштан бо эшонҳои Ёзғанд ҳаминро мегӯям, ки кампири Қалъавӣ гуфтани аз авлодони эшонҳои Ёзғанд дар Найгуфт хешӣ кардагӣ ҳаст. Солҳои 70-уми асри гузашта вақте падарам дар Ҷиликӯл мезистанд, боре ба ноҳияи Панҷ сафар мекунанд ва дар гузаре, ки мардуми Ёзғанд он ҷо мезистанд, ӯро кампири 95- солае аз роҳ медорад ва мепурсад, ки кӣ ҳастӣ

ки ин қадар ба Эшони Султони худораҳматӣ монанд ҳастӣ? Аз куҷоӣ ту? Падарам ҷавоб медиҳад, ки аз эшонҳои Арзунки дараи Вахё мебошад. Боз мепурсад, ки модарат аз куҷо ҳаст? Мегӯяд, ки аз Найгуфт. Он гаҳ он кампир мегӯяд, ки шояд аз гузаштагони шумо касе бо гузаштагони эшони Султон хешутаборӣ дошта бошад, ки ки шумо ин қадар монанд ҳастед ба ҳазрати эшони Султон. Эшонҳои Ёзғанд эшонҳои ҳақиқӣ ҳастанд. Онҳоро эшонҳои муҳрдор мегуфтанд. Қиблагоҳам онҳоро хеле зиёд ҳурмат мекард.

## Морҳои гурезон

Яке аз каромоти эшонҳои Арзунк ин будааст, ки боре аз мавзеи Ҷелондии Ҷиргатол ба назди эшони Раҳматуллоҳ қирғизе меояд ва арз мекунад, ки минтақае, ки онҳо он ҷо зиндагӣ мекунанд, ҷои хушобу ҳавоест. Заминаш ҳосилхез аст. Дарахтони мевадор низ дорад. Мардум аз ҳезум танқисӣ намекашанд. Вале баъди дусе соли зиндагонӣ дар он ҷо морҳо зиёд шуда ба мардум ва молу чорвои онҳо зарар мерасонанд. Эшони Раҳматуллоҳ ба ӯ тӯморе дода хоҳиш мекунад, ки бурда дар сӯрохии фалон харсанге, ки дар болои деҳа ҷойгир аст, гузорад ва худ тамошо кунад, ки чи гап мешавад. Он қирғиз ҳамин хел мекунад, ки як мори хеле калони ёлдор пайдо шуда садои ваҳмангезе аз худ бурун месозад. Ин садоро шунида морҳои зиёде пайдо мешаванд. Ва аз паси он мори калони ёлдор аз ин деҳа хориҷ шуда ба

самти лозарҳо (пиряхҳо) ҳаракат мекунанд. Баъди ин дар он деҳа дигар мор боқӣ намемонад. Агар каме боқӣ монда бошанд ҳам ба одамон зарар намерасондагӣ шуданд. Сипас он қирғиз ба назди эшон омада ҳодисаро нақл мекунад. Эшон шарҳ медиҳад, ки он мор ба морҳои дигар гуфтааст, ки Худованд ризқи моро дар ин ҷо баста кард. Аз ин ҷо бароед.

## Дар бораи ҳазрати Бурх

Ҳазрати Бурх аз Мадинаи мунаввара мебошад. Ман ин қиссаро аз як китобе, ки дар дасти махсуми Музаффари скадчӣ буд, хондам. Онҳо чор нафар буданд. Бурхи Абдол, модараш, бародаронаш Барқи Абдол ва Турки Абдол. Дар қавми онҳо чӣ ҳодисае рух медиҳад, ки онҳо маҷбур ба ҷилои ватан мешаванд. Бурхи Абдол модарашро рӯи шонаҳояш мешинонад, ки Худованд ба фариштаҳояш амр медиҳад, ки раги заминро кашанд. Ҳазрати Бурх пас аз ин дар як чашм задан ба ҷазираи Сарандев мерасад. Дар ин ҷазира ӯ бо Абӯсаиди Сарандевӣ ном авлиё дучор мешавад. Авлиё беқаророна аз як тараф ба тарафи дигар беист рафтуо мекард. Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ аз ӯ сабаби беқарориашро мепурсад. Ӯ мегӯяд, ки як дона дурр доштам, ки аз худ дар як замон сад ҳазор нури илоҳиро мебаровард. Ҳар касе дуо кунад ва ин дурр пайдо шавад ҳуқуқи дар ин ҷазира монданро пайдо мекунад.

Варна ӯ бояд ин ҷоро тарк кунад. Баробари даст ба дуо бардоштани ҳазрати Бурх дурр дар кафи дасти Абӯсаид пайдо мешавад. Ҳазрати Бурх чанд муддат он ҷо бо модар ва бародаронаш зиндагӣ мекунад. Сипас ба шаҳри Кобули Афғонистон меоянд. Яке аз бародаронаш дар минтақаи Банди Кобул вафот мекунад. Ҳоло ҳам дар мавзеи Банди Кобул ҳар сол дар Наврӯз гов кушта як маъракаи пурдабдаба мегузаронанд. Ин маърака, яъне гузаронидани ҷашни Наврӯз дар Банди Кобул ба он хотир аст, ки дар ин ҷо бародари ҳазрати Бурх Бурқи Абдол ба хок супурда шудааст. Бародари дигараш ва модараш дар қисмати Бадахшони Афғонистон ба хок супурда шудаанд. Баъди гӯру чӯб кардани бародар ва модараш ҳазрати Бурх ба кӯҳистони Вахё омада дар деҳаи Боршид дар таги буттаи чиварғе маъво гирифта ба зикри Худованди бузург машғул мешавад. Замоне марде аз бошандагони ҳамин деҳа бо дархости занаш барои таҳияи ҳезум ба ҷангал меравад. Ҳамон чиварғи зебоеро, ки муддатҳо касе даст нарасонда буд, мебинад ва аз пайи канданаш мешавад. Ҳамин ки ба канданаш шурӯъ мекунад, садое баланд мешавад: "Ай марди Худо, як бор шид". Вале он мард, ки Ҳоҷӣ ном доштааст, ба кори худ идома медиҳад ва ба кандани чиварғ машғул мешавад. Боз ҳам садои "Ай марди Худо, як бор шид" баланд мешавад. Аммо Ҳоҷӣ ба кори хеш идома медиҳад. Чун чиварғро пурра аз решааш меканад, тахтасангеро мебинад, ки

дар паҳлӯяш каме сурохӣ намоён мешавад. Ҳоҷӣ ҳамин ки тахтасангро як сӯ мекунад ҷамоли зебои ҳазрати Бурхро дида аз ҳуш меравад. Вақте ба ҳуш меояд, Бурх ба ӯ мегӯяд, ки чаро ба гапам гӯш надодӣ, чаро маро ошкор сохтӣ. Акнун ки ин корро кардӣ бирав, бароям як оромгоҳ бисоз! Ҳоҷӣ мегӯяд, ки ман дар бисотам чизе надорам, ки битавонам маъракае биорояму мардуми ҳашарчиро бихӯронам. Ман ин қиссаро аз бибиам шунидаам, ки дар вақти гуфтани он аз порчаҳои шеърӣ васеъ истифода мебурд. Дар ёди ман аз ин қисса танҳо як байте боқӣ мондааст:

**Зад пораи Аршаш шикаст,**
**Ё Бурхи Сармасти Валӣ.**

Гуфтугӯи байни Худованду ҳазрати Бурх дар рӯҳул арвоҳ мегузарад. Вақте, ки Худованд ҳашт ҷаннату ҳашт дӯзах меофарад, Бурх ба Худованд мегӯяд, ки ай Худованд, ману худат аҳд бастаем, ки ман ҳар дуъое кунам Ту мустаҷобаш мегардонӣ. Худованд дӯзахҳоятро ҳамаашро аз байн бигир. Худованд қабул намекунад. Бурх қаҳр мекунад. Худованд ду малоикаро ба сурати одамӣ амр мекунад, ки лату кӯбаш кунанд. Баъди ин ҳодиса Бурх мегӯяд, ки Худованд ин дӯзахҳояшро барои ҳамин ҷавонмардони нофармонбардор халқ карда будааст. Баъдан ҳангоми муноҷоти пайғамбар Мӯсо (а) дар кӯҳи Тур Худованд ба ӯ мегӯяд, ки

як авлиё ҳаст, ки аз умматони ту ҳасту аз хосони ман. Бирав моро ба ҳам оштӣ бидеҳ! Ман як дуъои ӯро қабул накардам, ӯ бо мо қаҳр кардааст. Баъдан ҳазрати Мӯсо (а) ба Бурх мегӯяд, ки чаро чунин кардӣ? Бе розигии Худо дар ҷаҳон коре сурат намегирад. Ҳатто луқма аз даҳон ба шикам бе розигии Худованд нахоҳад дохил шуд. Бурх дар ҳамон ҷо баъди ин суханони ҳазрати Мӯсо ҷон ба Ҳақ месупорад.

Бармегардем ба қиссаи Ҳоҷӣ ва Бурх. Бурх аз Ҳоҷӣ талаб мекунад, ки барои сохтани оромгоҳ одамонро аз Сафедсанги Хуллоз даъват кунад. Ҳоҷӣ мегӯяд, ки ба ғайр аз як кӯза гандум дар бисотам чизе надорам. Бурх ба ӯ мегӯяд, ки ҳамон кӯзаи гандумро ба дӯли осиёб бирезаду болои дӯлро бо латтае бипӯшонад. Боқӣ дигар фақат орд бигирад. Ҳоҷӣ дар як лаҳзае мардумро аз Сафедсанги Хуллоз то деҳаи Боршид барои сохтмони мақбараи ҳазрати Бурх даъват мекунад. Хуллас, мардум ҷамъ мешаванд. Дар як рӯз мақбараро месозанд. Дарсозон ният мекунанд, ки дару тирезаро рӯзи дигар соз кунанд, ки сарашон ба паси пушт метобад. Баъди ин ба гиряву нола медароянду тавба мекунанд. Боз ба асли қадим бармегарданд. Сохтмони мақбара ба охир мерасад. Вале осиёб беист орд медод. Ҳисси кунҷковии Ҳоҷӣ баланд мешавад ва аз болои дӯл рӯмолро мегирад. Дар ҳамин вақт ду кабӯтар, ки аз даҳонашон гандум ба дӯли осиёб мерехтааст, аз дохили он парвоз карда ба берун мераванд. Шаб ба хоби

Ҳоҷӣ ҳазрати Бурх медарояд ва ба ӯ мегӯяд, ки агар рӯмолро аз болои дӯл намебардоштӣ, як умр аз он орд мегирифтӣ.

Хулоса, баъд аз ин зиндагонии як саду даҳ хонаводаи деҳаи Шайхо, ки феълан мазори ҳазрати Бурх он ҷо ҳаст, асосан аз ҳисоби назри ҳамин мазор будааст. Зоирини мазор ҳар он чи ки назр ва хайр мекарданд, бо амри мутаваллӣ онҳоро дар анборе захира карда сипас сари ҳар ҷон дар байни ин хонавода баробар тақсим мекардаанд. Охирин маротиба соли 1903 мазори ҳазрати Бурхро тармим кардаанд. Ду усто аз Бухоро бо супориши амир омада будаанд. Мутаассифона, номҳояшонро фаромӯш кардам. Бобиям эшони домулло Суннатуллоҳ дар вақти тармими мазор шахсан ширкат карда будааст.

**Султони Ҳамад:** Ҳазрати эшон, мегӯянд, ки дар мазори ҳазрати Бурх чанд муддатҳо пеш китобе будааст, ки бо кадом ҳарфу забон навиштанашро касе намедонистааст. Баъзеҳо тасдиқ мекунанд, ки ин китоб Таврот будааст?

**Эшони Ориф:** Бале, ман шунидаам. Аз қавми худаш ранҷидани ҳазрати Бурх дар масъалаи шаръ мешавад. Дар китоби "Тафсири Ҳусайнӣ" омадааст, ки дар замони Расули акрам (с) дар дасти намояндагони банӣ Исроил китобе будааст, ки дар он аз зуҳури Пайғамбари охирзамон Муҳаммад (с) бо зикри номаш хабар дода шуда будааст. Намояндаи банӣ Исроил ҳар доим

вақте ин хабарро мехондааст, номи Муҳаммад (с)-ро аз Таврот бо корд метарошидааст. Вале рӯзи дигар вақте китобро мехондааст, боз дар ҳамон ҷо номи Расули акрам (с)-ро медидааст. Сипас боз корд гирифта ин амалро такрор мекардааст. Дар рӯзи дигар номи Муҳаммад (с) боз дар китоб пайдо мешудааст. Билохира, аз ғайб садое мешунавад, ки мегӯяд, ки ин номро агар ҳазор маротиба битарошӣ боз ҳам барқарораш хоҳем кард. Он яҳудӣ аз ин муъҷиза мутаассир шуда имон оварда мусалмон шудааст. Шояд китобе, ки дар мақбараи ҳазрати Бурх буд, ки нусхае аз ҳамон китоби Тавроти асл аст. Китобро кӣ гирифт? Дар ин бора фикру андешаҳои гуногунанд. Баъзеҳо мегӯянд, онро як олими этнограф буд бо номи Кисляков, шояд ӯ гирифта бошад. Баъзеҳо мегӯянд, ки касе аз мардуми таҳҷоӣ гирифта онро пинҳон кардааст. Хулоса, дар ин масъала норӯшаниҳо хеле зиёд аст.

## Таъмири мазори ҳазрати Бурх

Мазори ҳазрати Бурхро борҳо кӯшиш ба харҷ додаанд, ки таъмир кунанд, вале розигии Худованд ва ин бузургвор, ки набуд, ҳатто бо миллион рубли шӯравӣ, ки аз як миллион доллар ҳам беш буд, коре карда нашуд. Дар байни дӯстони Худо Бурхи Валӣ қурбу манзалатеро дорад, ки дар байни афсарони низомӣ генералсимус дошта бошад. Яъне аз ҳама мақоми баландро соҳиб аст. Ӯро Қутби ҷомеъ мегӯянд. Сетан ҳасту

ҳафтан ҳасту чилтан ҳасту баъдан Ғавс, Қутб ва Қутби ҷомеъ. Қутби ҷомеъ ин моли дунё нест. Одами дунё нест. Дар ҳаёти дунё зиндагӣ намекунад. Ӯ шавқи ин дунёро надорад, фикри чиз надорад. Тарси Худоро дар дил дорад. Чашмаш ҳасту осмон. Ба ғайр аз Худо чизеро намебинад. Ҳазрати Бурх аз ҷумлаи чунин одамҳост. Дар мазори ҳазрати Бурх чандин корҳои аҷоиб рух додаанд. Вақте моҳи майии соли 2004 нияти оғози тармими мазорро кардем, аз сӯфиҳои Вахё касе барои обод кардани мазор наомад. Он нафарҳое, ки омаданд, онҳо ҳам намедонам аз чи сабаб намехостанд, ки пеш гузаранд ва корро сар кунанд. Баъдтар фаҳмидам касе корро сар мекардааст, дар худ зарби ноайёнеро эҳсос мекардааст. Хулоса, ман болои мақбара баромада як -ду тунукае, ки болои гунбади мазор гузошта буданд, онҳоро ҳамроҳи якчанд тахта гирифтам. Сипас дигарон корро идома доданд. Дар вақти дар таги девори мақбара буданам як қисмати девори он гашт. Вале ба қудрати Худовандӣ хиштҳо аз ду паҳлӯям гузашта ба замин афтиданд. Шукри Худо, ки заррае осеб надидам. Баъд аз ин кори тармим суръат гирифт. Кадом кореро шурӯъ мекардем ба осонӣ пеш мерафт. Воқеан, пеш аз оғози кор ду оҳуе аз дур болои санге намудор шуданд. Яке аз ҳашарчиён яке аз он оҳувонро бо милтиқи шикориаш зад. Бовар кунед, чандрӯза хӯроки ҳашарчиён асосан аз ҳисоби ҳамон гӯшти оҳу буд. Ҳашарчиён аз тамоми деҳаҳои водии Вахё ва ҳатто берун аз он низ

омада буданд…

Ҳамон шабу рӯзҳо боре ба хоб мебинам, ки касе дохили қабр поини пойи ҳазрати Бурх чизеро мондааст. Ман навакак аз мазор баргашта будам ва дар Арзунк дар хона будам. Рӯзи дигар фавран ба мазор баргаштам ва аз усто Абдурашид, ки марди хеле фозилу доно ҳаст, пурсидам, ки оё бо гӯр онҳо чи коре кардаанд? Ӯ ҳайрон шуда гуфт коре нашудааст, танҳо дар вақти андова кардани болои қабр сӯрохие пайдо шудааст, ки ба он сурохӣ кулӯхе меуфтад., ки чандон калон набудааст ва кирои ташвишро надоштааст. Хулоса, ҳарчанд кӯшидам он кулӯхро бигирам, вале усто нагузошт, ки он безарар аст. Ман ба ӯ бовар кардам.

## Дар бораи Нуъмонбӣ

Замоне байни мардуми қирғиз ва мардуми Вахё зиддият будааст. Ин кадом солҳоро дар бар мегирад, ба ман аниқ маълум нест. Шояд солҳои баъди 1810 ва ё пештар бошад. Қирғизҳо аз дараи Қирғиз, аз самти Ҷиргатол хеста ба ҳамин Арзунк меомадаанд. Як роҳи дигар низ доштанд. Аз роҳи болои деҳаи Лангар тавассути ағба гузашта ба нохост ҳамла карда чизу чора, гову мол ва ҳатто занону духтаронро ба яғмо мебурданд. Кор ба ҷое расидааст, ки мардум дигар дар наздикиҳои ағбаҳо дидбонҳо гузошта ҳамин ки аз ағба гузаштани қирғизҳоро медиданд, гулхан даргиронда мардуми деҳаҳоро аз омадани онҳо огоҳ мекардаанд,

то гурехта дар кӯҳу камар пинҳон шаванд. Ҳатто ба он тарафи оби Хингов гузашта пулҳоро хароб мекардаанд, ки қирғизҳо ба он тараф нагузаранд.

Мардуми кӯҳистон ҳамон солҳо дар ана ҳамин гуна шароити тарсу ваҳм зиндагонӣ мекарданд. Аз болои ин зулми қирғизҳо мардум пеши амири Бухоро низ шикоят бурдаанд. Амир гуфтааст, ки ӯ чандон нирӯи зиёде надорад, ки барои ҳифзи амнияти мардуми як дараи кӯҳистони дурдаст қисмате аз онро сафарбар намояд. Мардум бояд худаш амнияти худашро таъмин намояд. Ва касе агар аз ҳисоби мардуми таҳҷо қувва ҷамъ карда амнияти мардумро таъмин намояд, ӯро дар ҳамон минтақа ҳоким таъин мекунад. Боре Нуъмон ном марде аз қишлоқи Найгуфт аз ин бедодгариҳо ба танг омада мардумро ба дифои сарзамину зану кӯдакони хеш даъват мекунад. Баъд аз ин қирғизҳо дар шабехуни навбатии худ ба муқобилияти сахти мардуми Вахё дучор мешаванд. Нуъмон ба гурӯҳҳои худ онҳоро дунболагир карда ба он тарафи ағба, ба маҳали Ҷелондӣ пеш мекунад. Дар ҳамон ҷо як мавзеъро аз сабаби дар тирамоҳ хушк шудани обаш Хушккӯл мегуфтанд. Ана дар ҳамин Хушккӯл қирғизҳо ба ӯ пешниҳод мекунанд, ки фармондеҳи нирӯҳои Вахё бо фармондеҳи нирӯҳои қирғиз аз рӯйи чанд намуди варзиш, яъне гуштингирӣ, найзапартоӣ ва ба саққаи овезони дар ҳаракат санг задан бо ҳам қувваозмоӣ намоянд. Агар тоҷикҳо ғолиб бароянд, қирғизҳо на танҳо дигар ба минтақаи онҳо

ҳамла намекунанд, балки аз ҳисоби зану духтарҳои қирғиз ва молу маноли онҳо чи қадаре, ки мехоҳанд, бигиранд. Ва агар фармондеҳи қирғиз ғалаба кунад, тоҷикҳо аз ҳамлаи ҳарсола эмин нахоҳанд буд. Дар ҳар се намуди мусобиқа Нуъмон ғалаба мекунад. Қирғизҳо ба ӯ зану духтарҳои хеш ва молу мулки зиёдеро пешниҳод мекунанд. Нуъмон ба онҳо мефаҳмонад, ки дар шариат бе никоҳ ба хона бурдани зани бегона мамнӯъ эълон шудааст. Ин корҳоро бо роҳҳои дигар, бо бастани аҳди хешу таборӣ кардан мумкин аст. Хулоса Нуъмон аз гирифтани зану духтар ва моли қирғизҳо даст мекашад. Қирғизҳо низ дар ҷавоб ба ин ҷавонмардии Нуъмон дигар аз ҳамлаҳои ҳарсолаи худ ба Вахё даст кашиданд. Овозаи ба ин тарз ғалаба кардани Нуъмон ба амири Бухоро Абдулаҳадхон мерасад ва бо як фармонаш ӯро дар Вахё, ки ба қаламрави бекигарии Дарвоз дохил мешудааст, Бӣ таъин мекунад. Бӣ як навъ ҳокими маҳаллӣ ба ҳисоб мерафтааст. Писарҳои Нуъмонбӣ якеаш Саидбурҳон ном доштааст, дигараш Саидҷалол. Саидбурҳон аз дарбори амир унвони қаравулбегиро гирифта будааст. Саидҷалол дар ҷангҳои зидди шӯравиҳо ба шаҳодат мерасад.

**-Мегӯянд, ки яке аз духтарҳояш бо номи Моҳпочо бибии шумо будааст?**

-Набераашш. Духтари Саидбурҳон Моҳпочо ном доштааст ва завҷаи бобиям ҳазрати домулло эшони Суннатуллоҳ будааст. Саидбурҳон панҷ духтар дош-

тааст. Яке аз духтарҳояш модари ҳоҷӣ Раҳматуллоҳи ҳоҷӣ Мӯҳтоҷ мебошад. Эшони домулло Суннатуллоҳ дар Бухоро таҳсил карда будааст. Баъди аз таҳсил баргашта омадан як писарашро бо номи эшони Сайфиддин барои таҳсил ба Бухоро мефиристад. Бисёр донишманд будааст. Пеш аз баргаштан ба ватан дар шаҳри Бухоро дар ҳодисае кушта мешавад. Ҳазрати эшони домулло Суннатуллоҳ, ки ҳамон вақт 75 сол доштааст, аз воқеа бохабар шуда доимо дар ёди писараш гиряву нола мекардааст. Боре Саидбурҳони писари Нӯъмонбӣ ӯро дар ҳоли гиря кардан дида ба ӯ мегӯяд, ки зан бигирад аз ӯ боз фарзанд хоҳад шуд. Ҳазрати домулло Суннатуллоҳ аввал инро як навъ таҳқир меҳисобад. Вале чун Саидбурҳон духтарони худашро ба ӯ пешниҳод мекунад, хеле хурсанд мешавад ва аз миёни духтарҳои Саидбурҳон қадбаландтаринашро, ки Моҳпочо ном дошта 14 сол доштааст, интихоб мекунад. Сипас аз Моҳпочо падари ман эшони Халифа таваллуд мешавад. Ҳангоми вафоти бобиямон эшони Суннатуллоҳ падарамон эшони Халифа ҳамагӣ якуним сол доштааст. Аз эшони домулло Суннатуллоҳ аз дигар занаш 12 фарзанд будааст. Ҳини ҷонсупорӣ ӯ аз фарзандонаш хоҳиш мекунад, ки бародари хурдиашонро ба назди ӯ биёранд ва эшон дар ҳузури онҳо падари моро ҷойгузини худ эълон мекунад. Ҳама ҳайрон мешаванд. Ба ҳазрати эшони Сунатуллоҳ мегӯянд:

-Ҳазрат, чанд вақт пас ба ин мулк кофир меояд. Ода-

монро маҷбур мекунанд, ки мисли худашон рафтор кунанд. Ин ҳам дар қатори ҳамонҳо шапка мепӯшад. Боз чӣ хел инро шумо ҷойгузини худ эълон мекунед?

Ҳазрати эшон ҷавоб додааст:

-Бале, ин рафта ҳамроҳи онҳо кору зиндагӣ мекунад. Ҳатто шапка мепӯшад, вале кори худашро пеш мебарад.

Баъдан падарам эшони Халифа андаке калонтар мешавад, ба бародарони калониаш бо шӯхӣ мегуфтааст, ки азбаски модари ман ҷавонтар будааст, тамоми дуоҳои ҳазрати қиблагоҳиро гирифта ба ман додааст.

Аз ҳамон панҷ духтари Саидбурҳониддини писари Нӯъмон Бӣ яктои дигарашро ҳоҷӣ Муҳтоҷи падари ҳоҷӣ Раҳматуллоҳ, яктои дигарашро Қозӣ домулло Валӣ ба занӣ гирифтааст.

Ҳамин тавр Нуъмонбӣ ҳамчун қаҳрамони мардумӣ дар дараи Вахё маъруф будааст.

***Суҳбат моҳи августи соли 2008 дар деҳаи Арзунки ноҳияи Тавилдара сурат гирифта буд.***

## ҚИССАҲОИ ЭШОНИ МАХСУМЧА
**(эшони Ҷуръатдор Махсум) фарзанди эшони Насруллоҳ**

Шаҷараи мо эшонҳои Вахё ба Имом Зайналобиддин мерасад. Саид Амири Кулол дар Бухоро ба ин шаҷара дохил мешавад. Падари мо эшони домулло Насруллоҳ, бобоямон эшони домулло Суннатуллоҳ, бобокалонамон эшони домулло Раҳматуллоҳ мебошанд. Эшони домулло Қосим ва эшони домулло Қурбон акаву додар. Аз эшони домулло Қурбони Валӣ фарзанд намондааст. Умуман таваллуд нашудааст. Падари эшони домулло Қосим эшони домулло Нурмуҳаммад мебошад. Падари эшони домулло Нурмуҳаммад эшони домулло Пирмуҳаммад. Падари эшони Пирмуҳаммад эшони домулло Қуруммуҳаммад мебошад. Падари эшони домулло Қуруммуҳаммад эшони домулло Давлати сияҳ мебошад. Падари эшони домулло Давлати сияҳ эшони домулло Саид Амир мебошад. Падари эшони домулло Саид Амир эшони домулло Саид Кӯлол мебошад. То ҳамин ҷоро мо аниқ медонем. Вале дар асл шаҷараи мо то ба имом Зайналобиддин мерасад. Имом Зайналобиддин писари Имом Ҳусайн, набераи Расули акрам () писари ҳазрати Алӣ домоди Пайғамбар мебошад.

Фарзандони эшони домулло Раҳматуллоҳ, ки онҳо-

ро бо чашми худам дидаам:

Эшони Оқил,
Эшони домулло Раҷаб
Эшони Қисматуллоҳ
Эшони Ҳикматуллоҳ
Эшони Сироҷ
Эшони Шомуҳаммад
Эшони Иноят
Эшони домулло Пир

Эшони Мастӣ, Эшони Шайхро надидаам. Бобоям эшони Суннатуллоҳро низ надидаам. Понздаҳ рӯз баъди вафоти он бузургвор ман таваллуд шудаам..

Дар як китобе, ки феълан номашро фаромӯш кардаам, чанд порчаи шеъриеро, ки ба Мирзо Хумор ном шоири маҳаллӣ мансуб медонанд, дар бораи фарзандони эшони домулло Раҳматуллоҳ хондам. Ин чор мисрааш дар ёдам мондааст:

**Ҷонишини хонақаҳ эшони Сайбурҳониддин**
**Хатмкарда домулло Суннатуллоҳи покдин.**
**Дар риёзат Ҳикматуллаҳро бигӯям некбин,**
**Дар саховат Қисматуллаҳро бигӯям инчунин…**

Мирзо Хумор шоири соҳибдевон будааст. Қобилияти хуби бадоҳатан шеъргӯйиро доштааст.

Эшони домулло Раҳматуллоҳро Қутбулорифин мегуфтанд. Мардуми атрофи Вахё, аз ҷумла як қисмати Бадахшон, ба хусус Язғуломи Ванҷ бо ҳидояти ҳазрати эшони домулло Раҳматуллоҳ ислом овардаанд.

Дар тарафҳои қирғизнишин низ як марде будааст, ки дар атрофи худ дуздону ғоратгаронро гирд оварда ба торочу ғорати мардум, аз он ҷумла мардуми Вахё, машғул мешудааст. Дар чанд суҳбате ӯро ба адлу инсоф даъват намуда ба роҳи рост ҳидоят кардааст.

## Эшонҳои Арзунк дар солҳои 30 ва баъд

Соли 1936 падарам эшони домулло Насруллоҳро дар Вахё  аристон (ҳабс) карданд. Чанд моҳ дар Тавилдара манъаш карданд. Баъдан ҷавобаш доданд ва ба Вахё баргашта зимистонро дар Арзунк гузаронд. Як занаш дар Ванҷ буд, мо рафта ӯро овардем. Бобоям эшони домулло Суннатуллоҳро, ки аъзои колхоз буд, бой ва эшон гуфта аз колхоз пеш карданд. Вазъият вайрон шуд. Тамлихо гуфтани одам аз Сарха буд. Ба падарам як асп ёфта дод, то ки аз Вахё битавонад берун шавад. Баъди як сол ба Ӯзбакистон рафт. Аз Ӯзбакистон баргашта соли 1938 моро гирифта ба Қаротегин рафт. Дар Қаротегин то соли 1954 зиндагӣ кардем. Соли 1954 боз тӯпаланг шуд ва бо роҳи ағбаҳо аз тарафи Ҷиргатолу Олой гузашта ба Фарғона рафтем. Падарам дар Фарғона соли 1960 вафот кард ва баъди он мо 12 соли дигар дар он ҷо зиндагонӣ кардем ва соли 1972 ба ин ҷо омадем. Писари хурдиам эшони Тоҳирҷон синфи якум буд. Писаронам эшони Абдураҳмон ва эшони Мирзоҷон. Писари калонӣ эшони Ҳасанҷон ном дошт, ва-

фот кард. Таваллуди худам соли 1923 мебошад. Кампирам 82- сола аст. Панҷ сол пеш талхаашро ҷарроҳӣ кардем. Чашмонаш ҳам заиф шуданд Чашмонашро ҳам ҷарроҳӣ кардем. Аслан аз деҳаи ҳазрати Бурх мебошад. Падараш шайхи Мазорӣ аз мутаваллиҳои мазори Ҳазрати Бурх буд.

Фарзанди калонии эшони домулло Сунатуллоҳ эшони Насруллоҳ падари мо мебошад. Баъдан эшони домулло Насриддин, эшони Садриддин ва эшони Аҳмад аз як модар таваллуд мешаванд. Модарашон Бибӣ Зайнаб ном дошт. Эшони Расо, эшони Ихтиёр, эшони Асомуддин се кас аз зани дигараш буданд. Модари онҳо Бибӣ Лоҷвард ном дошт. Як зани дигараш духтари мири Нуъмон модари эшони Халифа Моҳпочо ном дошт. Як зани дигараш Барфак ном дошт ва аз Ванҷ буд. Аз Барфак эшони Асомуддин мавлавӣ, эшони Мурассаъ, эшони Аловхӯҷа таваллуд шудаанд.

Аз эшони Насруллоҳ мо тоқа мондем. Аз эшони Расо эшони Мӯсо мондааст. Аз эшони Ихтиёр ҳеҷ кас намондааст. Бачаи эшони Аловхӯҷа мондааст. Аз эшони Аҳмад эшони Саид Аҳрор мондааст. Эшони Адҳам вафот кард. Эшони Муфарраҳ писари эшони мулло Насриддин мебошад. Аз эшони Муфарраҳ эшони Ҷалолиддин мондаасту эшони Илҳомиддин, ду кас. Аз духтар касе надорем. Худам чор бачаву чор духтар дорам. Як рӯз ҳисоб кардам аз панҷоҳ набера, шукри Худо, зиёдтар дорам. Духтари калониамро ба писари

акам додам. Ба эшони Муҳибуллоҳ. Панҷ -шаш писараш хондагӣ олиманд.

Падари мо аз мавлавӣ Шояхсии бухороӣ хати Иршод доранд.

Фарзандони бобоям эшони Суннатуллоҳро ба ғайр аз эшони Асомуддин, ки ба Афғонистон рафтааст, дигар ҳамаашонро дидаам.

Марқади эшони шайх Бурҳониддин дар ҳамон Арзунк ҳаст. Эшони Ҳикмату эшони Қисмат инҳо ба Афғонистон рафтанд. Аз Эшони Ҳикмат писараш мондааст, эшони Асвад мегӯянд. Эшони домулло Пирро соли 1936 бурданд ва бедарак карданд. Мулло Раҷабро низ аристон карданд, пир шуд, омад дар ҳамин ҷо вафот кард. Эшони домулло Насриддинро аристон карданду бурданд. Эшони Аҳмад низ қиссаҳои ҷолиб дорад. Солҳои 37-38 ӯро «тройка» карда ба Сибир бадарға намуданд. Вақти дар бадарға буданаш занаш ба шавҳар мебарояд. Баъд аз бадарға баргаштан ба Ванҷ рафта занашро, ки аз шавҳари наваш як фарзанд ёфта буд, гашта мегирад. Эшони Аҳмад тахминан дар синни 78-79 солагӣ дар Колхозобод солҳои 70-ум вафот кардааст.

Падари ман эшони Насруллоҳ соли 1960 дар синни 87-солагӣ вафот кардааст.

## Эшони домулло Қурбони Валӣ

Эшони домулло Қурбони Валӣ валии модарзод буд. Он солҳо қирғизҳо ба деҳаҳои Вахё дар минтақаи Арзунк бисёр ҳамла мекардаанд. Дар ин ҳамлаҳои худ молу мулк ва зану кӯдакони мардумро ба ғорат мебурданд. Боре ҳине, ки эшони домулло Қурбони Валӣ тифли ширмак будааст, қирғизҳо ӯро бо модараш медузданд. Падари духтар, ки мерган будааст, аз қафои одамрабоён тир мепаронад. Қирғизҳо аз тарс кӯдакро ба ҳечаи сағире гузошта худашон модари он кӯдакро гирифта мегурезанд. Вақте ки одамон ба пеши кӯдак меоянд аз даҳони кӯдак садои "Аллоҳ, Аллоҳ" мешунаванд ва ӯро гирифта мебаранд. Эшони домулло Қурбони Валӣ вақте калон мешавад аввал барои хондан ба тарафи Қошғар меравад. Дар хонаи устодаш ба корҳои хоҷагӣ низ машғул будааст. Боре дар вақти дарави ғалла дасташро бо дос мебурад. Ҳамин вақт аз даҳонаш мебарояд, ки оё дониши гирифтаам кирои ҳамин захми гирифтаамро дошта бошад ё не? Ин суханонро устодаш мешунавад ва мегӯяд, ки "рост мегӯйӣ, он донишҳоеро ту гирифтаӣ дар баробари ин захми дастат чизе нестанд. Ту бояд ки дар дигар ҷой таҳсил кунӣ". Баъди ин суҳбат Шайх ба эшони домулло Қурбони Валӣ дуо дода ӯро барои идома додани

таҳсилаш дар дигар ҷо ҳидоят медиҳад.

Ва эшони домулло Қурбони Валӣ аз онҷо омада ба тарафи Ҳиндустон меравад. Дар ҳамон давраи шогирдиаш пираш пешгӯӣ мекунад, ки "туро оқибат заҳр дода мекушанд ва ту дониста заҳрро мехӯрӣ". Дар Ҳиндустон тамоми илмҳои диниро аз худ карда ба дараҷаи авлиёгӣ мерасад. Дониш он қадар ӯро боло мебардорад, ки дигар сар ба кӯҳу биёбон медиҳад. Муддати шаш моҳ аз ҳамсабақон ҷудо бо вуҳуш унс мегирад. Ин хабар ба Арзунк мерасад. Бародараш эшони домулло Қосим барои бурдани бародараш ба Ҳиндустон меравад. Дар Ҳиндустон ӯро дар байни вуҳуш пайдо карда гирифта ба ҳаммом мебарад ва сару либосашро ба тартиб дароварда ба хона меорад. Дар роҳ дар қаряе ӯро бо як олиме дар масъалаи дин баҳсу мунозира мешавад ва эшон дар он баҳс ғолиб меояд. Аҳли он қаря аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки дар ҳамон қаря биистад. Вале эшони домулло Қурбони Валӣ ба Ватан баргашта чанд муддат дар ин ҷо ба таблиғу тадриси ислом машғул мешавад. Овозаи авлиёгии ҳазрати эшон ба гӯши мири Дарвоз мерасад. Мири Дарвоз навкаронашро мефиристад, ки рафта эшонро ба маркази Дарвоз биёранд. Дар Дарвоз мир аз ӯ хоҳиши бо каромот ба яке аз даштҳо баровардани обро мекунад. Ҳазрати эшон шарт мегузорад, ки агар аз гирифтани ушр аз ҳосили мардуми Вахё даст бикашад, ӯ ин корро мекунад. Мир розӣ мешавад. Эшон даст ба дуо бароварда

дуо мекунад, ки об шурӯъ мекунад ба баромадан. Дар ҳамин вақт вазир ба мир мегӯяд, ки зиндагонии мо ҳама аз мардуми Вахё ҳаст аз қавлат гард. Мир мегӯяд, ки ман аз қавлам гаштам. Сипас эшон ҳамон ҷо мегӯяд, ки лаънати Худо бар касе, ки қавл медиҳаду аз қавлаш мегардад. Аз он ҷо омада сипас барои таблиғи ислом ба Ҷиргатол меравад. Шогирдони зиёде пайдо мекунад. Аз хурд то калон эътирофаш мекунанд. Дар яке аз суҳбатҳояш эшони домулло Қурбони Валӣ мегӯяд, ки ман аз Худои худ хостаам, ки баъди маргам дар ҳар куҷое, ки маро гӯр кунанд, аз поёни пои ман ҷӯйи об меравад. Ин суханро шунида қирғизҳо барои он ки эшон дар макони онҳо ба хок супурда шавад, оқибат ба ӯ заҳр медиҳанд. Барои ҷои марқади ӯ байни қирғизҳо хунрезӣ мешавад. Як гурӯҳ мехоҳад, ки ӯро дар Тошқӯрғон ном мавзее ба хок супоранд, гурӯҳи дигар мехоҳанд, ки дар даштҳои Лахш марқади ҳазрати эшон бошад. Хулоса, ин ҳолатро дида ҳазрати эшон аз Худо дуо мекунад, ки ӯро бо ҳар роҳ ба зодгоҳаш бибаранд. Рӯзи ҷаноза тобут аз Ҷиргатол хеста як бор аввал дар ағбаи Кафтар мешинад. Сипас дар сари пули Сангвор ба замин мефарояд. Бародари эшони домулло Қурбони Валӣ эшони домулло Қосим ба пешвозаш меояд. Сабаби дар ин ҷо фурӯд омадани тобутро уламо инчунин гӯё як навъ баргузории мулоқоти ҳазрати эшон бо ҳазрати Бурх маънидод мекунанд.

Дар Ӯзбакистон хешу таборҳои зиёд дорем. Махсу-

сан амакҳоямон дар ҳамон ҷоанд. Мақбараи падарамон дар ҳамон ҷо ҳаст. Дар қишлоқи Оқариқи Фарғона, даруни Фарғона, чор километр аз аэропорти Фарғона дуртар. Соле ки мо ба ҳамон қишлоқ рафтем аксарияти мардуми қишлоқ рӯза намегирифт, намоз намехонд. Соли 1953-54 буд. Як масҷид доштанд. Мо ба таълими мардум машғул шудем. Масҷиди панҷвақтаро ба масҷиди ҷомеъ табдил додем. Дар назди масҷид мадраса ташкил шуд. Эътиқоди мардум ба мо вақте зиёд шуд, ки болои деҳа сел меоянд ва он сел то марқади қиблагоҳи мо омада меистад. Мардум баъди ин моро бештар иззату икром мекардагӣ шуданд. Ба наздикӣ ба ҳамон деҳа рафтем. Моро падари имоми масҷид меҳмондорӣ кард. Дар вақти суҳбат гуфт, ки ман ҳамеша аз падари шумо кӯшиш мекардам дуо гирам. Он вақт намозхон ҳам набудам. Боре гуфтам, ки ба ман дуо диҳад. Рӯзи ҷумъа буд. Гуфт якҷо намози ҷумъа меравем ва баъд дуо медиҳам. Баъди аввалин бор намози ҷумъа хонданам эшонбобо ба ман дуъо доданд, ки аз насли ман олиме шавад, ки дар ҳамин масҷид имом шавад. Магар фариштаҳо омин гуфта будаанд, ки писарам на танҳо дар Бухоро, балки дар Миср низ хонда олими баркамол шуд. Ҳоли имом -хатиби масҷиди мост. Инҳо ҳама бо хости Худованди бузург аз даму нафаси худораҳматии падари шумо муяссар шудааст.

**-Аз эшонҳо буданд шахсиятҳое, ки худашон китоб навишта бошанд?**

-Буданд эшонҳое, ки китоб менавиштанд, китоби бисёр доштанд. Он солҳо ҳамаи китобҳоро қариб ки аз байн бурдем. Бисёртар дар об сар медодем. Ёдам меояд, ки падарам ҳамагӣ як китобро бо худ монданд Ин ҳам бошад Қуръони маҷид буд. Ҳаракат мекарданд, ки онро шабона вақте ҳама хоб мерафтанд, гирифта шамъ ё чароғро даргиронда тарсида-тарсида мехонданд. Агар садое шунида шавад дарров шамъ ва ё чароғро кушта китобро пинҳон мекарданд.

Эшони домулло Насриддинро вақте боздошт карданду дар маҳбас нигоҳ медоштанд ду ё се бор дари маҳбас худ ба худ кушода шуда ӯ ба берун мебаромадааст. Падари мо эшони Насруллоҳро низ ба маҳбаси Тавилдара мебаранд. Дар маҳбас чанд муддат нигоҳ медоранд. Як котиби райком низ дар маҳбас ҳамроҳаш будааст. Барои ӯ ҳар рӯз як кулча медодааст. Як милисаи дигар бо номи Фахриддин эшонро кӯмак мекардааст. Қадаш паст будааст. Бачаи ҳамин Фахриддин баъдан хабарнигори рӯзномаи "Пахтакор"-и ноҳияи Қумсангир будааст бо номи Салоҳиддин. Падарам дар маҳбас хоб мебинад, ки бобиям як таёқ додаст ба ӯ. Рӯзи дигар ӯро аз маҳбас озод мекунанд. Як пояшро сармо зада будааст, ки роҳ гашта наметавониста будааст. Хулоса, ба падарам як таёқ дода ба аспе савораш мекунанду то деҳаи Хур меорандаш. Дар деҳаи Хури Тавилдара муридонаш ӯро гирифта табобат мекунанд.

Падари манро ба он хотир озод карданд, ки дар баъзе ҳуҷҷатҳои русҳо номаш ба некӣ ёд шуда будааст. Масалан, солҳои бистуму сиюм як гурӯҳ русҳо барои кофтани як қишлоқе, ки дар чашми инсон гӯё ноаён, вале дар асл вуҷуд доштааст, ба Арзунк омада будаанд. Падарамро ҳамон вақт ҳамчун роҳбалад бо худ барои кофтукову ҳамон қишлоқ ба доманакӯҳҳо мебурданд. Ба гуфтае ҳамон вақт ҳамон қишлоқро аз тариқи дурбин медиданд, вале ҳамин ки ба ҳамон мавзеъ мерасиданд, аз он деҳа нишонеро намеёфтанд. Ҳамин ҷӯяндагон дар ҳуҷҷатҳо номи падари маро навишта будаанд. Хулоса, ҳамин баҳона мешаваду падарамро аз маҳбас ҷавоб медиҳанд. Падарам занашро гирифта ба Ванҷ ба хонаи хусураш меравад, то ки занашро он ҷо монаду худаш ба Афғонистон равад. Дар он ҷо мебинад, ки роҳҳо ба Афғонистон бастаанд. Сипас тавассути ағбаи Сарғӣ аз Ванҷ ба Пашмғар ва Вахё меояд. Ин моҳи декабр будааст. Падарам ба Арзунк шаб меояд, ки милисаҳо нафаҳманд, вале касе аз хешҳо хабарро ба онҳо мебарад. Рӯзи дигар омада падарамро боз мебаранд.

## Эшонҳои Ванҷ

Эшонҳои Ванҷ силсилаашон ба Шоҳи Хомӯше, ки марқадаш дар Мӯминобод ҳаст, рафта мерасанд. Ҳамон мавзеъро Дараи Қирғиз ва Лангар низ мегӯянд. Абдулқодири Гелонӣ ва Шоҳи Хомӯш ҳардуяшон холабача

ҳастанд. Шоҳи Хомӯш аз Исфаҳон ҳасту Абдулқодири Гелонӣ аз Гелони Эрон. Шоҳи Хомӯш ҳидоят мешавад, ки омада дар сарзамини мо таблиғи ислом кунад. Ҳамин хел аз Эрон бо ҳамин мақсад меояд ва дар ҳамон ҷое, ки мақбара дорад, вафот мекунад.

## Дар бораи Ҳазрати Бурх

Шайхе дар деҳаи Шайхо досу расане гирифта субҳ барои ҳезум ба деҳаи Боршид меравад. Буттаеро дид, сӯяш шитофт. Чун буттаро канд овозе шунид, ки "Ай марди Худо як бор шид. Вале Шайх ба он эътибор надода корашро давом медиҳад. Боз ҳамон овоз баланд мешавад. Шайх ин дафъа вақте буттаро меканад ҳазрати Бурхро мебинад, ки рӯяш равшан чун моҳи тобон ва мӯяш сиёҳ чун шаби торик. Ҳазрати Бурх ба ӯ мегӯяд, ки акнун, ки маро аз ҷоям беҷо кардӣ, бароям мақбарае бисоз. Он шайх мегӯяд, ки ман як шахси нодор ҳастам, дастам намерасад.Ҳазрати Бурх мегӯяд, ки ҳамон як кӯза гандуматро ба осиёб бибар ва ба дӯли он бирез. Болои дӯлро бо латтае пӯшон ва дигар ҳар чи қадар орд мехоҳӣ бигир. Фақат ба даруни дӯл нигоҳ накун. Ҳамин тавр мардумро аз роҳҳои дур даъват карда мақбараро месозанд. Осиёб бошад ҳанӯз ҳам орд медод. Ҳисси кунҷковии шайх боло мегираду ба даруни дӯл нигоҳ мекунад. Ҳамин вақт аз даруни он кабӯтаре парвоз мекунад ва осиёб аз кор мемонад.

## Қиссаи талаби
## барҳам додани дӯзах

Ҳазрати Бурх аз Худо талаб мекунад, ки як дӯзахро барҳам бидиҳад.

**Рӯзе андар Тур Мӯсои Калим,**
**Роз мегуфт ӯ ба Султони наъим**
**Бандагонатро ба ҷаннат шод кун,**
**Аз азоби дӯзахат озод кун**

Вақте, ки Худованд дуояшро мустаҷоб намекунад, Бурхи Валӣ гӯё хафа мешавад. Ӯ дар роҳ мерафтааст, ки борони шадид меборад. Мехоҳад аз борон дар зери харсанге паноҳ ёбад. Вале мардоне, ки он ҷо буданд, намегузоранд, ки Бурх аз борон паноҳ барад. Баъди ин кор Бурхи Валӣ мегӯяд, ки Худовандо, ман хато кардам, он чиро ки ту медонӣ, ман намедонам. Сипас Худои таъоло ҳазрати Мӯсоро мегӯяд, ки рафта Маро бо бандаам Бурхи Валӣ оштӣ бидеҳ. Ҳазрати Мӯсо ба назди ҳазрати Бурх омада мегӯяд, ки чаро чунин кори нораво кардааст. Бурх қиссаро мегӯяд ва изҳори надомат мекунад ва боз ба зикри Худованд машғул мешавад. Худованд ба хотири дӯсташ Бурхи Валӣ гӯё як дӯзахро баъд аз ин мебандад. Ҳоло ҳашт ҷаннат ҳасту ҳафт дӯзах.

## Қиссаи хоб дидани Мири Ҳисор

Мири Ҳисор хоб мебинад, ки нафарҳое дасту пояшро занҷирбанд карда мехоҳанд ба оташ партояндаш. Дар ҳамин вақт як марди сафедпӯсти қадбаланди дар бари рухсораш як холи сияҳ дошта ба он нафарҳо амр мекунад, ки ин шахсро сар диҳед, ин одами мо ҳаст. Баъди аз хоб бедор шудан мири Ҳисор таъбирашро аз муаббирон мепурсад. Ба ӯ маслиҳат медиҳанд, ки шахси монандеро, ки дар хоб дида буд, пайдо карда аз суҳбаташ бархурдор шавад. Мири Ҳисор дар ҷустуҷӯйи шахсе мешавад, ки дар хоб дида буд. Навкаронаш аз одамони зиёд шахсеро бо доштани чунин нишонаҳо пурсон мешаванд. Дар мадрасаи Ҳисор қорибачае, ки аз кӯҳистони Вахё будааст, мегӯяд ки ин шахсро эшони Раҳматуллоҳ мегӯянд ва ӯ дар деҳаи Арзунки Вахё зиндагӣ мекунад. Билохира боз як даҳмардае низ мегӯяд, ки чунин шахсро ӯ дар кӯҳистони Вахё дидааст. Мир ба ҳамин даҳмарда ду асп медиҳад, ки рафта ҳамон шахсро бо дасти худат гирифта биё. Эшони домулло Раҳматуллоҳ чун аз хоҳиши мири Ҳисор воқиф мешавад, чанд нафар муридашро гирифта саворан аспҳои худ шуда ба Ҳисори шодмон меоянд. Дар Ҳисор мир эшонро имтиҳон гирифтанӣ мешавад. То ин лаҳза ба эшон касе нагуфта будааст, ки мир ӯро дар хоб

дидааст ва барои ҳамин ҳам иштиёқи сӯҳбати ӯро дорад. Эшони домулло Раҳматуллоҳ ин ҳолро дида ба мир мегӯяд: "Ҳамон ҳодисаи дар хоб дидаатон кифоя набуд, ки боз маро имтиҳон мегиред?". Чун ин суханонро мир мешунавад ба маъзаратхоҳӣ мегузарад ва эшони домулло Раҳматуллоҳро чанд муддат дар қаламрави худ иззату икроми зиёд карда, аз файзи сӯҳбаташ бархурдор мешавад. Сипас бо тӯҳфаву ҳадяҳои зиёде ба манзилаш мегуселонад. Баъд аз ин мири Ҳисор ҳар сол барои эшон ва аҳли хонаводаи ӯ миқдори муайяне тӯҳфа мефиристад.

***Суҳбат рӯзи 19 марти соли 2008 дар деҳаи Гардӣ Гулмуродови ноҳияи Ҷиликӯл баргузор гардидааст.***

## СУҲБАТ БО МУЛЛО ҲУРМАТУЛЛОҲИ НЕЪМАТУЛЛОҲ

**- Лутфан худатонро шинос кунед?**

- Ман Ҳурматуллоҳ фарзанди Неъматуллоҳ аз деҳаи Бурсаи Вахё ҳастам. Ҳаштоду сесола ҳастам. Падарам дар назди домулло Сиддиқ ном шахсе хондааст. Худам дар Ҷиликӯл дар назди домулло Сафархӯҷа гуфтанӣ шахсе хондаам. Аз Кӯли Миндагии Ғарм буд. Набераash домулло Мавсуфиддин аст. Писари домулло Шарҳиддин.

**- Нахуст мехостам дар бораи мазори ҳазрати Бурх қиссаеро, ки шумо медонед, ҳамонро нақл кунед?**

- Ман қиссаи Бурхи Валиро аз падару бобоёни худ шунидаам. Ва аз китобчае, ки бо ҳуруфи арабӣ дастнавис буда чанд нусха дар дасти одамон мавҷуд буд, худам хондам. Ман онро аз Махсуми Музаффар гуфтани мулло буд, аз дасти ҳамон кас гирифта хондам. Тибқи гуфтаи ҳамон китоб падари ҳазрати Бурх Ҳошими ҷабалӣ гуфтани шахс будааст. Модараш Бибӣ Ҷамила ном доштааст. Онҳо се бародар будаанд: Бурхи Абдол, Барқи Абдол, Турки Абдол. Дар ватанашон чи мушкиле пеш меояд, ки Бурхи Абдол бародарон ва модарашро дар шонаи худ гирифта ҷилои ватан мекунад. Ба як даште мерасад. Дар он ҷо Абӯсаид ном шах-

серо мебинад, ки ҳаросон ба ин тарафу он тараф медавад. Аз вай мепурсад, ки чаро чунин парешон аст? Абӯсаид мегӯяд, ки дурреро гум кардааст. Онро меҷӯяд. Бурх пеши Худо дуъо мекунад, ки дурри Абӯсаидро баргардонад. Худованд дуъои ӯро мустаҷоб мегардонад. Дурр ҳамон лаҳза дар дасти Бурх пайдо мешавад ва ӯ онро ба Абӯсаид медиҳад. Як бародари Бурх дар ҳамон ҷо вафот мекунад. Ӯро дар ҳамон ҷо гру чӯб мекунад. Бародари дигари Бурх дар банди Кобул вафот мекунад. Модараш дар Толиқони вилояти Тахор вафот мекунад. Дар сари қабри модараш шабонарӯз дуо мекунад. Шабе модараш дар хобаш медарояду ба ӯ мегӯяд, ки ин ҷоро тарк карда ба кӯҳистон биравад. Бурх пас аз он аз он ҷо ба кӯҳистони Вахё меояд. Чанд сари сол дар зери як тахтасанге ба зикри Худованд машғул будааст.

Боре мулло Қаландар ном шахсе аз ҳамон деҳа барои ҷамъоварии ҳезум меравад. Дар вақти табар задан ба танаи дарахти чиварғ овозе баланд мешавад, ки эй марди Худо, як дарза ҳезумат буд шид, дигар ба роҳи худ рафтан гир. Мулло Қаландар ба ин тарафу он тараф нигоҳ мекунад, вале касеро намебинад. Боз ба кори худ идома медиҳад. Дар вақти кандани бутта санге ба як тараф кушода мешавад ва мулло Қаландар ғореро мебинад, ки дар онҷо Бурх нишастааст. Дар китоби "Фасл-ул хитоб" омадааст, ки Бурх як марди сиёҳпӯст будааст. Мӯи сараш сиёҳ будааст. Бурх ба

мулло Қаландар мегӯяд, ки чун ман дигар ошкор шудам, дар ин ҷо барои турбати ман биное бояд бисозӣ. Мулло мегӯяд, ки ман марди нодорам чӣ бояд кунам? Бурх мегӯяд, ки аз Сафедсанги Хуллоз мардумро ба ҳашар ҷамъ кунад. Хишти мақбараро дар Сангвор пухта онро то деҳаи ҳазрати Бурх дасти ба даст овардаанд. Дар он тарафи Оби Мазор оҳуе пайдо мешавад ва омодаи қурбонӣ мекунад худро. Оҳуро кушта барои ҳашарчиён хӯрок мепазанд. Дар ҷое, ки оҳуро куштаанд, хокаш ранги сурх дорад. Оби ҳамон мавзеъ бӯи шӯрборо медиҳад. Ман шахсан худам боре аз ҳамон ҷо об гирифтам. Об бӯи шӯрбо мекунад. Хокаш ранги сурх дорад.

Ҳамин тариқ аз мулло Қаландар мутавалиҳои мазори Бурх сар мешаванд. Охирин мутаввалие, ки номаш дар ҳамон китоб навишта шудааст, ҳамин мулло Назрӣ бачаи мулло Олим мебошад. Аз ҳамон китобчаҳо бисёр буд. Ҳоло ҳам ёфтанаш аз имкон берун нест. Мумкин ёфт шавад.

**-Шеърҳое, ки дар он навишта шуда буданд дар ёди Шумо мондаанд?**

-Шеърҳои он китобчаҳоро одамони зиёд аз ёд медонистанд. Дар Ромит як шайхе гузаштааст, шайхи қаландар бо номи Мавлавӣ Ҷунунӣ. Ба Вахё чанд маротиба омада рафта будааст. Баъдҳо одамон омадани шогирди ӯро дар ёд доштаанд. Масалан, Махсуми Музаффар мегуфт, ки солҳои сиюм ба Вахё шайхе мео-

мад, ки ӯро мардум "шайхи зӯрвадр" (яъне ба зӯрӣ гирифтани чизе) мегуфтанд. Одамон мегӯянд, ки у шогирди ҳамон шайх Ҷунунӣ будааст. Мавлавӣ дар китобаш "Маъдани ҳол" дар бораи ҳазрати Бурх достон дорад. Достони талаби борон. Дар бисёр китобҳо ҳамин достони талаби боронро мисол меоранд. Масалан дар "Фаслулхитоб". Муаллифи ин китоб Хоҷа Ҳофизиддин Бухорӣ мебошад, ки бештар бо номи Муҳаммади Порсо машҳур аст. Муриди ҳазрати Баҳоваддин мебошад. Дар понздаҳсолагиаш шогирди он кас мешавад. Ин китоб дар бораи шайхият мебошад. Дар саҳифаи 199 дар бораи Бурхи Валӣ навиштааст. Масалан, дар бораи Абӯалӣ ини Сино низ қиссаҳои ҷолиб дорад. Ба гуфтаи Муҳаммади Порсо Сино дар ҷавониаш фикраш ҳамин будааст, ки фардо рӯзи қиёмат бо ҷасад ҳашр намешудааст. Баъдан дар китобе бо истинод ба ҳадиси Расули акрам аз ин фикраш мегардад. Ва мегӯяд, ки бо ҷасад ҳашр мешавад. Барои ҳамин ҳам Имом Ғаззолӣ ӯро ба куфр гаравидан ҳукм кардааст. Вале Порсо мегӯяд, ки Сино дар охири умр бо тавба мусалмони ҳақиқӣ будани худро нишон додааст. Дар таърихи "Равзатуссафо" дар қисми 8-уми он ҳамин гап дар бораи Абӯалӣ Сино навишта шудааст. Муҳаммад Порсо дар китобаш дар бораи Бурхи Валӣ менависад, ки сияҳтоб буд, мӯи сари сияҳ дошт. Дар аҳди пайғамбар Мӯсо (а), ки пешвои 12 қавми Банӣ Исроил буд, хушксолӣ мешавад. Дуо мекунанд,

вале борон намешавад. Баъд илҳоми Худованди таъоло мерасад, ки ай Мӯсо, дар фалон мавзеъ бандаи Ман, уммати ту бо сари луч ва пои луч зиндагӣ мекунад, ки мустаҷобуддуъо ҳаст. Бирав ӯро бигӯ дуъо кунад, дуъояшро мустаҷоб хоҳам кард. Мусо (а) дар ҷустуҷӯи Бурх мешавад. Бурхро пайдо мекунад. Бурх Мӯсоро мешиносад. Мӯсо (а) аз Бурх хоҳиш мекунад, ки дуъои талаби борон кунад. Муҳаммад Порсо мегӯяд, ки Бурх сипас ба тариқи ноз дуъо мекунад. Бурх дар назди Худованди Таъоло ба мисли касе, ки дар назди падараш ноз мекунад, ба таври ноз дуъо мекунад ва дуъояш мустаҷоб мегардад. Ин қисса дар "Фаслулхитоб" бо забони арабӣ омадааст. Дар "Иршод толибин" ин қисса бо забони форсӣ омадааст. Мусаннифи китоб Шайх Пони Пати як олими Ҳиндустон мебошад. Эшони Махсум аз ҳамин китоб дорад. Китоб бо наср навишта шудааст. Дар ин китоб Бурхи Валиро Барқ мегӯяд.

**- Дар як суҳбат бо мо олими машҳур Ҳоҷӣ Исмоили Пирмуҳаммадзода дар бораи ҳазрати Бурх гуфт, ки дорандаи китоби Тавроте будааст, ки дар он Худованд ба Мӯсо (а) дар бораи зуҳури пайғамбари охирзамон башорат дода будааст.**

- Ҳоло аз он Тавроту Инҷиле, ки дар бораи зӯҳури ҳазрати Муҳаммад башорат дода будааст, дигар намондааст. Онҳоро аз байн бурдаанд.

**- Ба қавле ҳазрати Бурхи Валӣ вақте ки дар қавмаш**

**нисбати ҳамон гуфтаҳои Худо оиди зуҳури Муҳаммад (с) беэътиноӣ мекунанд ва ба гапҳои ӯ гӯш намедиҳанд, аз китобҳо номи Муҳаммадро хат мезананд, ӯ аз қавмаш ранҷида аз он китобҳо якчанд донаашро гирифта ба кӯҳистони Вахё меояд. Оё рост аст, ки дар мазори ҳазрати Бурх то солҳои сиюму чилум китобе будааст, ки онро касе хонда наметавонистааст ва баъзеҳо онро китоби Таврот мегуфтаанд?**

- Китоби Тавротро акаи Низом аз Скад, акаи Мубор аз Роға, началники КГБ як помирӣ буд, Шотемуров, ҳаминҳо меравaнд мазори ҳазрати Бурх ва китобро мегиранд. Он вақт Розихӯҷа гуфтани як шахс аз Миёнаду буд. Кадирхӯҷаев. Ана ҳамин Розихӯҷа, ки он вақтҳо дар ҳукумати район кор мекард, китобро мегираду нигоҳ медорад. Баъдан он китоб, ки ё Таврот буд ё дигар китоб ба дасти Хоҷаев Назрихӯҷа аз Миёнаду ва ин ҳам коркуни райисполком буд мерасад. Хоҷаев Назрихӯҷа вақтҳои охир дар Колхозобод зиндагӣ мекард. Як мӯйсафеди дигари куҳансол, ки аслаш аз кишлоқи Шайхо буд ва дар участкаи Ворошилови Бохтар зиндагӣ мекард, дар қишлоқи махсуми Абдурашид гуфт, ки аз бурдани ҳамон китоб ба Комсомолобод хабар доштааст.

**- Гирифтани китоб аз мазор кадом солҳо ба вуқуъ пайваста буд?**

- Тахминан солҳои сиву шаш сивуҳафт.

**- Дар ин кор Кисляков чӣ нақш дошт?**

- Ин Кисляков бо ҳамроҳии занаш Розенфелд дар Сангвор муаллим буд . Падари ман, Худо раҳматаш кунад, он вақтҳо мудири шуъбаи маориф буд дар Сангвор. Маҷидов гуфтанӣ як методисти маориф буд. Мактаби Сангворро падари ман усто Абдулло гуфтани як устои қӯқандиро, ки дар Найгуфт зиндагӣ мекард, оварда ин мактабро рост кард. Мактабро ба усули иморатҳои Бухоро сохта буданд. Кисляков дар ҳамин мактаб кор мекард. Занаш як аврати хеле зебо буд. Рус набуд. Ё немис буд ва ё арманӣ, ки хеле зебо буд. Ҷавон буд. Аз забони мардум қиссаву достон ва афсона менавишт.

Махсуми Низом (соли таваллудаш 1901) дар синни 89 солагӣ вафот кард. Ман нақли гирифтани китобро аз мазори ҳазрати Бурх аз он кас шунидам. Ба гуфтаи ӯ китобро касе хонда наметавонистааст. Баъзе ҷойҳояш даридагӣ будааст. Аз домулло Нусратулло гуфтани шахсе аз хешовандони акаи Низом хоҳиш кардаанд, ки онро тармим кунад. Баъди Розихӯҷа китоб ба бародараш Назрихӯҷа мерасад. Назрихӯҷа вақтҳои охир дар Колхозобод зиндагӣ мекард. Дар бораи дар қайди ҳаёт будан ва набудани Назрихӯҷа маълумот надорам.

**-Ба фикри Шумо оё имкон дорад, ки ин китоб ҳамон Тавроте бошад, ки дар он аз зуҳури Расули акрам башорат дода шудааст?**

-Имкон дорад.

**-Дар китобҳои ҳозираи Таврот шумо номи Муҳаммад (с)-ро намеёбед.**

Бале, ин китобҳои ҳозира китобҳои таҳрифшуда мебошанд. Дар ин китобҳо бо номи юнонии Фарқалит омадааст. Ҳоло таърихро ҳар хел менависанд. Масалан, Искандарро писари Файлақус менависанд, ки ин дуруст нест.Ӯ набераи Файлақус аст. Падари Искандар Дороб аст. Искандаре, ки дар Қуръони маҷид омадааст, ин ҳамон Куруши Кабир аст. Чор подшоҳе гузаштааст, ки тамоми дунёро гирифтаанд. Аз инҳо ду нафарашон мусулмон гузаштаанд. Мусулмонҳояш ҳазрати Сулаймон ва Искандари Зулқарнайн, ки ҳамон Куруши Кабир аст. Аз кофирҳо бошад, Намруд ва Шаддод. Куруши Кабир яке аз пайравони Дониёл пайғамбар буд ва Куруши Кабир дар замони Дониёл пайғамбар гузаштааст.

Дар Қуръони маҷид Мӯсо худаш дуои истисқо мекунад. Ва изид сақо Мӯсо бил қавмиҳи (дар сураи «Бақара»). Мӯсо (а) худаш дуои талаби борон мекунад. Бурхро дорандаи калиди борон менависанд, ки ин дуруст нест.

**-Аз шоирони Вахё киҳоро медонед?**

-Падари қозӣ домулло Хӯҷа қозӣ домулло Валӣ ба тариқи баёз маҷмӯае доштааст, ҳамон ҳам дар дасти акаи Низом буд. Китобро Ҳабибов гирифта буд. Аз дасти ӯ акаи Эшонҷон гирифт. Акаи Эшонҷон китобро хуб мехонд. Бисёр одамон китоби қозӣ домулло

Валиро хонда наметавонистанд. Домулло Алимуҳаммад аз Руботи Хух муфтӣ, ки дар Бухоро таҳсил карда буд, дар илми ҳисоб китобе дошт. Дигар шахси китобнависро ман намедонам.

Домуллоҳоеро, ки солҳои сивуҳафтум "тройка" карданд. Масалан, домулло Идрис аз Пашмғар, эшони домулло Пир, эшони Шоҳрух аз Лангар, ки аслаш аз Арзунк аст, падараш эшони Хидматулло буд, Ҳикматуллоҳ, Қисматуллоҳ - хамаашон бачаҳои эшони Раҳматуллоҳ ҳастанд. Ҳамаи инҳоро соли сиву ҳафтум "тройка" карда буданд. Фақат тағои Ғайюр гашта омад. Аз Скад буд. Ӯро Мурманск бурда буданд, соли 1939 гашта омад. Аз Мурманск. Ҳамон соли сиву ҳафтум Мирзобоев Давлатро низ аз Душанбе қапида "тройка" карданд. Даҳ сол шишт. Соли 1947 гашта омад. Мирзобоев дар вақташ командир буд. Командири артиши Сурх. Эшони домулло Пир писари эшони домулло Раҳматуллоҳ ҳаст, акаи эшони домулло Суннатуллоҳ. Эшони домулло Суннатуллоҳ падари эшони домулло Халифа мебошад. Эшони домулло Насруллоҳ ҳам писари эшони домулло Суннатуллоҳ аст.

## Эшони Раҳматуллоҳ ва Мири Ҳисор

Дар бораи эшонҳои Арзунк чунин қисса ҳаст. Мири Ҳисорро Мири Зард мегуфтанд. Боре хоб мебинад, ки

ӯро дар дӯзах мепартоянд. Ҳамон лаҳза як эшони дар параи рӯяш холдоре омада аз дасташ мегирад ва аз дӯзах ӯро наҷот медиҳад. Аз хоб бедор шуда дар ҷустуҷӯи ҳамин хел эшони холдор мешавад. Дар қорихонаи Ҳисор ба ӯ мегӯянд, ки чунин эшон дар деҳаи Арзунки Вахё зиндагӣ мекунад. Мири Зард амр мекунад, ки рафта ҳамон эшонро аз Вахё биёред. Сипас сарбозони ӯ бо худ ду асп гирифта ба Вахё омада дар Арзунк эшони Раҳматуллоҳро, ки дар бари рӯяш холи сиёҳ доштааст, бо ҳамроҳии домодаш, домулло Нусратуллоҳ аз Скад ва эшони Сафар аз Арзунк гирифта ба Ҳисор мебаранд. Дар даромадгоҳи Ҳисор Мири Зард шахсан худаш эшонро пешвоз мегирад. Мири Зард аз дур эшонро мешиносад. Мир ба ифтихори эшон як маъракаи зиёфат барпо мекунад. Пеш аз нонхӯрӣ эшони Раҳматуллоҳ аз Мир хоҳиш мекунад, ки аввал зиндониёнро озод кунад. Мири Зард бо хоҳиши эшони Раҳматуллоҳ зиндониёнро озод карда барояшон сару либос медиҳад. Баъди ин эшон нони Мирро мехӯрад. Чанд муддат эшон меҳмони Мир мешавад. Мир аз эшон чӣ қадар фарзанд доштанашро мепурсад. Маълум мешавад, ки 16 писар ва 16 духтар доштааст. Мир ба онҳо туҳфаҳо дода ба Ватанашон гусел мекунад. То шуруъи ҷангҳои ахир дар Тоҷикистон як табақи туҳфа додаи Мири Ҳисор дар дасти домулло Нусратулло буд ва мо бо он хӯрок мехӯрдем.

## Эшони Шояхсӣ

Эшони Шояхсӣ Халифа Худойбердӣ ном дорад. Шайхе будааст, ки мадраса, масҷид доштааст. Мардуми Вахё вақте хондан мерафтанд, бисёр вақт аз ӯ фотиҳа мегирифтанд. Эшони домулло Муҳтоҷ, падари эшони Раҳматуллоҳи падари Назри Яздонӣ аз ҳамин шайх хати иршод гирифтааст. Домулло Хӯҷаи Лавоваи Кӯлоб, ки падараш домулло Ислом аз дараи Ҳайрун будааст, низ аз шогирдони ҳамин шайхи Шояхсӣ мебошад. Домулло Хӯҷаи Лавовагӣ қаблан дар участкаи 1 Майи совхози Туркманистони райони Вахш зиндагонӣ мекардааст. Баъд хеста ба ҳамон Лавоваи Кӯлоб меравад. Дар ҳамон ҷо вафот мекунад.

## Бузургвори Хурӣ

Вақте ки аз Тавилдара мегузарӣ баъди чанд километр деҳае пеш меояд, ки Хур номида мешавад. Дар он ҷо марқаде ҳаст, ки онро марқади бузургони Хур меноманд. Инҳо аҳли авлоди шоирони Хурӣ Вола ва бозмондагони он мебошанд. Ин авлод шоироне буданд, ки бо амир Абдулаҳад катбӣ мушоира доштанд. Дар ин бора дар китоби "Ганҷи парешон"-и олим Ҳабибов омадааст. Боз як шоири дигар дар Нушор гузаштагӣ ҳаст. Агар хато накунам бо тахаллуси Ран-

ча. Ҳамин Ранҷа вахёчӣ ҳаст. Дар Нушори Тоҷикобод зиндагӣ мекардааст, мардуми он ҷо ӯро ба сабаби касали пӯст доштанаш дар Нушор раҳ намедиҳанд. Аз ин рӯ ҷои зисти худ лаби дарёро интихоб мекунад. Дар ҳамон ҷо достонро дар бораи Бурхи Валӣ менависад, ки Худованд шифояш медиҳад. Китоби ашъори Ранҷаро соли 1937 ё 1938 аз Шарифи Шогадоӣ меёбанд. Шарифи Шогадоӣ дар Лангар зиндагонӣ мекард. Домоди Олими падари Назрӣ буд. Назрӣ падари Миралии собиқ раиси ноҳияи Тавилдара (тахминан дар солҳои 1998-2005).

**-Дар бораи ҳазрати Бурхи Валӣ боз киҳо метавонанд маълумот дошта бошанд?**

-Шояд эшони Махсумча. Зеро ки он кас китоби "Иршодуттолибин"-ро дорад. Муаллифаш аз Ҳиндустон аст.

**-Буданд дар Вахё сӯфиҳову дарвешону қаландарон?**

-Бале, падари эшони Раҳматуллоҳ, бобои Назри Яздонӣ, яъне эшони домулло Муҳтоҷ муршиди калон будааст. Эшони домулло Раҳматуллоҳ, яъне бобои эшони домулло Халифа ҳамин гуна муршиди калон будааст. Ба дараҷаи қутбӣ расида будааст. Акаи Латифро мешиносам. Суфӣ буд.

Эшони домулло Қурбони Валӣ муриди Аҳмади Сарҳиндӣ муаллифи китоби "Соҳиби мактуботи Имом Раббонӣ" мебошад. Пираш аз Деҳлии Ҳиндустон будааст, дар ҳамон ҷо зиндагонӣ мекардааст. Эшони до-

мулло Қурбони Валӣ ҳангоми хонданаш дар назди Аҳмади Сарҳиндӣ дар ишқи Худо чунон ғарқ мешавад, ки дигар сар ба кӯҳу биёбон мезанад ва бо олами вуҳуш якҷо мешавад. Кор ба дараҷае мерасад, ки барои ӯро аз ин ҳолат баровардан ба наздаш биёраш эшони домулло Қосим, падари эшони домулло Раҳматуллоҳ ба Ҳиндустон меравад. Пири эшони домулло Қурбони Валӣ ба ӯ офтобаеро медиҳаду мегӯяд, ки ба фалон мавзеъ биравад ва зери офтоба алов даргиронда интизор бишавад. Ҳаргиз кӯшиши дастгир кардани бародарашро накунад, ки наметавонад. Беҳтараш дар назди ҳамон офтоба бо зикр машғул шавад, бародараш худаш ӯро меёбад ва ба наздаш мерасад. Эшони домулло Қосим ҳамин корро мекунад ва бародараш ба наздаш меояд. Вақте, ки эшони домулло Қосим аҳволи зоҳирии ӯро дида гиря мекунад ва бо гиря худро шинос мекунад, эшони домулло Қурбони Валӣ ба наздаш меояд ва худро ба оғӯши бародараш ҳаво медиҳад. Сипас пираш ба ӯ дуо медиҳаду эшони домулло Қурбони Валӣ бо ҳамроҳии бародараш эшони домулло Қосим ба Вахё бармегардад. Эшони домулло Қурбони Валӣ баъди чанд муддат дар Арзунк зистан ба суроғи модараш ба он тарафи ағба, ба минтақаи қирғизнишини Ҷиргатол меравад. Гап ин ҷост, ки он солҳо қирғизҳо аз ағбаҳо гузашта ба деҳаҳои тоҷикнишини Вахё ҳамла бурда, молу мулк ва ҳатто занону духтаронро ба яғмо мебурданд. Азҷумла, нақл меку-

нанд, ки дар ҳангоми яке аз чунин ҳамлаҳо модари эшони домулло Қурбони Валиро бо ҳамроҳии тифли навзодаш дуздида мехоҳанд ба мулки худ баранд. Мардуми зиёде аз ин огоҳ шуда аз пайи одамрабоён мешаванд. Дуздон аз тарси дастгир шудан дар деҳаи Пашмғар тифли навзодро, яъне эшонро, дар ҳеча (хона)-и сағур гузошта модарашро бо худ мебаранд. Мардуме, ки дуздонро дунболагирӣ мекарданд, омада кӯдакро аз даҳани ҳечаи сағур мегиранд. Кӯдакро ҳамин қадар мекунанд, синаи ягон касро намегирад. Дар Арзунк бо номи Мирзонабот як марди худотарси пир будааст. Бо ҳамроҳии зани кампираш дар як гӯшаи деҳа фақирона мезистанд. Фарзанд надоштаанд. Ҳамин ки Мирзонабот ӯро ба дасташ мегирифтааст, кӯдак ором мешудааст. Кӯдакро ба дасти ӯ месупоранд. Мирзонабот ӯро ба хонааш мебарад. Дар хонааш завҷааш ҳамин, ки ӯро ба даст мегирад, ҳиссиёти гуворое вуҷуди ӯро пахш мекунад. Ҳиссиёте, ки аз ин пеш онро ӯ боре ҳам дарк накарда будааст. Ҳиссиёти модарӣ. Мехоҳад, ки аз синааш ба ин тифли навзод шир диҳад. Синаашро вақте ба даҳони тифл мегузорад, тифл бархилофи корҳои қаблии худ, яъне рӯ гардонидан аз синаи занҳои ҷавони дигар, синаи ин кампирро, ки бо қудрати Худо шир пайдо карда буд, ба даҳон гирифта макидан мегирад. Ҳамин тариқ эшони домулло Қурбони Валӣ ба воя расида дар назди махсумҳои Дашти боло сабақ мегирад. Ҳини сабақ гирифтан лаёқату

қобилияти фавқулоддаи ӯ ба тезӣ ошкор мешавад. Баъзан каромотҳоеро низ аз ҷониби ӯ ба мушоҳида мегиранд. Масалан, агар ҳамсабақонаш барои дарёро гузаштан ҳамеша аз пул истифода мебурданд, вале аз болои кӯпрук гузаштани ӯро кам касон дидаанд. Умуман аз дарё чи тавр гузаштани ӯро қариб, ки намедидаанд. Барои ҳамин ҳам устодонаш тавсия медиҳанд, ки аз ин пас эшон таҳсилашро дар хориҷ идома диҳад. Баъд аз ин барои хондан ба Ҳиндустон меравад. Баъди аз Ҳиндустон омадан ба ҷустуҷӯи модараш ба Ҷиргатол меравад. Баъди чанд муддат дар Ҷиргатол будан мехоҳад ба Вахё баргардад. Вале қирғизҳо одате доштаанд, ки чунин шахсиятҳои бузургро намехостаанд, ки аз даст диҳанд. Ба хотире, ки баъди вафоташ аз шафоаташ бархурдор шаванд, ба ӯ заҳр дода эшони домулло Қурбони Валиро мекушанд. Эшони домулло Қурбони Валӣ бо каромоташ аз нияти қирғизҳо огоҳ мешавад ва ба шогирдонаш васият мекунад, ки "баъди адои ҷаноза пояҳои тобутамро биқапед. Дар сари кӯпруки Сангвор ба хотири ҳурмати ҳазрати Бурх ва бародари гиромиям домулло Қосим ба замин мешинам. Агар эшон барои ман гиря накард, бидонед, ки валӣ ҳаст. Вагарна не". Шогирдонаш ҳамин корро мекунанд. Тобут парвоз карда дар сари кӯпруки Сангвор мешинад. Эшони домулло Қосим тобути бародарашро он ҷо қабул карда сипас оромона бе гиряву мотам ба Арзунк мебаранд. Ҳоло дар сари пули Сангвор

ҷоеро, ки он ҷо тобут фуруд омадааст, мардум макони муқаддас медонанд ва ҳар зиёратакие, ки ба мақсади зиёрати мазори ҳазрати Бурх ба ин ҷо меояд, дар он ҷо ба ҳаққи арвоҳи ҳазрати эшони домулло Қурбони Валӣ дуо мекунад.

**-Дар ривоятҳо дар бораи як мулоқоти ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ бо пайғамбари гиромӣ Муҳаммад (с) дар яке аз қабристонҳои Мадинаи мунаввара сухан меравад. Аз нигоҳи дини Ислом баргузории чунин мулоқот оё мумкин аст?**

-Таърихан агар гирем далелҳо баргузории чунин мулоқотро тасдиқ карда наметавонанд. Зеро аз замони ҳазрати Мӯсо то замони Расули акрам чандин ҳазор сол гузаштааст. Каромот дар зиндагии ин ва ё он авлиё рух медиҳад. Дар бораи зинда будани ҳазрати Бурх низ дар ягон рисолаи илмӣ чизе нест. Имрӯзҳо ҳатто дар баъзе навиштаҳо нуқтаи назари дар қайди ҳаёт будани Хӯҷаи Хизр мавриди инкор қарор гирифтааст. Тафсире ҳаст бо номи "Асрори фотиҳа". Дар он омадааст, ки Хӯҷаи Хизр ва ҳазрати Илёс вақте аз мавҷудияти сураи "Фотиҳа" хабардор мешаванд, ба Худованд руҷӯъ карда мегӯянд, ки Худовандо, хондани сураи "Фотиҳа"-ро барои мо иҷозат бидеҳ! Худованд дар ҷавоб мегӯяд, ки хондани ин сура барои умматони пайғамбари охирзамон иҷозат аст. Барои шумо иҷозат нест. Хӯҷаи Хизр ва Илёс аз Худованд дуо мекунанд, ки Илоҳо умри моро дароз кун, ки ба дидори пайғам-

бари охирзамон мушарраф шавем. Баъдан вақте ки ҳазрати Муҳаммад пайғамбар маъбус мешаванд ба пайғамбарӣ ва сураи "Фотиҳа" нозил мешавад, Хӯҷаи Хизр ва Илёс омада аз Пайғамбар (с) сураи "Фотиҳа"-ро таълим мегиранд. Баъди гирифтани таълим аз Худо дуъо мекунанд, ки ҷонашонро бигирад. Муҳаммад (с) аз Худо дуъо мекунад, ки ҷони Хӯҷаи Хизрро барои ҳимояи бандагонаш дар хушкӣ ва ҷони ҳазрати Илёсро барои ҳимояи ҷони бандагонаш дар баҳр ҳифз намояд. Дар "Фаслулхитоб"-и Муҳаммади Порсо омадаст, ки касе зинда будани Хӯҷаи Хизр ва Илёс алайҳиссаломро инкор мекунад, дар ҳолати ҷоҳилӣ қарор дорад. Дар китоби "Асрори фотиҳа" омадааст, ки то замони зуҳури Расули акрам (с) дар ҳар панҷсад сол дандонҳои Хӯҷаи Хизр ва Илёс аз сари нав мебаромаданд. Баъди маъбус шудани Муҳаммад (с) ба пайғамбарӣ дандонҳо ҳар 126 сол баъд аз сар мебароянд. Дар ҳамон китоб навишта шудааст, ки "ана ҳамин сол бори ҳафтум аст, ки дандонҳои Хӯҷаи Хизр ва Илёс (а) аз сари нав мебароянд.

**-Дар масъалаи дурустӣ ва ё нодурустии ин шеър шумо чӣ гуфта метавонед?**

**Ҳашт ҷаннат ҳаст дӯзах нест ҳашт,**
**Ҳақ таъоло аз яке дӯзах гузашт.**
**Кард барҳам дӯзахи ҳаштум тамом,**
**Баҳри Бурхи ошиқи некӯмаром.**

- Ин мазмун ҳақиқат надорад. Яъне Худованд аз

азал ҳафт дӯзах ва ҳафт биҳишт офаридааст. Биҳишти ҳаштум "Доруссалом" ном дорад ва онро инчунин боз меҳмонхонаи Худои таъоло мегӯянд. Худованд онро барои қабули меҳмонҳои худ сохтааст, яъне онҳое, ки мушарраф ба дидори Худованд мешаванд. Доруссалом ҷоест, ки Худованд чеҳраи худро ба биҳиштиён нишон медиҳад. Охирин уммати Пайғамбар (с), ки дар дӯзах ҳасту баъд аз он ӯро аз он ҷо мебароранд, Ҷаҳина ном дорад. То баромадани Ҷаҳина аз дӯзах ва ба биҳишт ворид шудани он Худованд дидори муборaки хешро ба касе аз биҳиштиён нишон намедиҳад.

**-Боз кадом бузургони дараи Вахёро медонед?**

-Дар тарафҳои дараи Ҳайрун ва ё Қалъаи Ҳусейн мазори Ҷуръатдорхӯҷа мавҷуд аст, Дар Лангар мазори Хоҷа Алоуддин. Дар бораи Хоҷа Алоуддин манзумаеро низ ҳамон вақт мехонданд. Дар Лангар Рӯзӣ ном шахсе зиндагӣ мекунад, ки худро аз бозмондагони Хоҷа Алоуддин медонад.

Вахё мулки хеле қадима аст. Дар як китоб ман хондам, ки кампире назди ҳазрати Нӯҳ омада аз ӯ мепурсад:

-Ё ҳазрати Нӯҳ, чӣ кор мекунӣ?

Ӯ ҷавоб медиҳад:

-Киштӣ метарошам. Замоне мерасад, ки тӯфоне барпо мешавад ва дунёро об мегирад. Ҳама ғарқ мешаванд, ба ҷуз киштинишастагон.

Кампир мегӯяд, ки агар бунёди киштиро тамом

кардӣ маро ҳам бо худ бигир. Ҳазрати Нӯҳ киштиро месозад, вале аз кампир фаромӯш мекунад. Зеро кампир аз макони зисти ҳазрати Нӯҳ хеле дуртар зиндагонӣ мекардааст. Қисса кӯтоҳ туфон мешавад ва замин зери об мемонад, ҳама ғарқ мешавад ба ҷуз киштинишастагони киштии Нӯҳ. Киштӣ билохира дар кӯҳҳои Арарат қарор мегирад. Киштибудагон дар Мосули Ироқ мефароянд. Чанд муддат пас кампир ҳам ба он ҷо меояд ва ба ҳазрати Нӯҳ мегӯяд, ки гуфта будӣ, ки тӯфон мешаваду замин зери об мемонад ва танҳо киштинишастагон наҷот меёбанд. Куҷо шуд туфону киштии шумо. Дар ҳамон тафсири "Рӯҳулбаён" навишта шудааст, ки кампир дар қаряи Бурса зиндагӣ мекардааст. Дар Вахё қишлоқи моро Бурса мегӯянд. Ман гуфтам, ки ҳамин кампир аз қишлоқи мо будааст. Зеро дар қуллаи баландтарини Бурса санге ҳаст, ки калониаш аз 20 метр зиёд аст. Дар қисмати поёнии ин харсанг аз санг хона сохтаанд. ва мардум онро хонаи кампир мегӯянд.

Поёни суҳбат бо домулло Ҳурматуллоҳи Неъматуллоҳи Бурсагӣ, 83 -сола, аз участкаи ба номи Гардӣ Гулмуродови ноҳияи Ҷиликӯли вилояти Хатлон

***Суҳбат 18-уми марти соли 2008 соати 15, дар хонаи домулло Ҳурматуллоҳ дар ноҳияи Ҷиликӯли вилояти Хатлон баргузор шудааст.***

## ДОМУЛЛО ҚИЁМИДДИН ВА ШАҶАРАНОМАИ Ӯ

Домулло Қиёмиддин яке аз сӯфиёни тариқати нақшбандия буда солҳои зиёд дар Бухорои шариф ва Самарқанд дар назди олимони замони хеш таҳсили илм намудааст. Ӯ дар синни 99- солагӣ дар деҳаи Сари Кӯтали Лоҷирки Вахёи Боло аз дунё чашм мепӯшад. Набераи ӯ Саидҷаъфар, писари домулло Саидумар, ки дар замони баргузории суҳбат бо ӯ соли 2006 тақрибан 65 сол дошт, қиссаҳои зеринро дар бораи ин шахсияти бузург, олими дин ва пайвандони ӯ ҳикоят кард.

### Асли баромад

Мардуми мо асли баромадашон аз Хоразми Бухоро мебошад. Омадани мардуми моро аз Хоразми он сӯи Бухоро ба Вахёи Боло тақрибан 700-800 сол шудааст. 700-800 сол муқаддам истилогарон ба Хоразм ҳуҷум карда, онҷоро ишғол мекунанд ва ба мардум ҷабру ҷафо менамоянд. Мардуми муқими Хоразм, ки ҳамагӣ форсзабонон буданд, аз дасти ин бедодгариҳо фирор карда ба кӯҳистони Вахё меоянд. Аз ҷумла Шайдо ном марде бо ҳамроҳии модар ва як бародараш ба Вахё омада дар як ҷангал макони зисти худро муайян мекунанд, ки аз роҳи мардумгузар хеле дур будааст. Бино-

бар ин ба хонаи онҳо касе намеомадааст. Аз ин кор чанд сол мегузарад. Боре модарашон аз онҳо хоҳиш мекунад, ки дар як ҷое хона созанд, ки рафтуомади одамон бисёртар бошад, ки то хайру садақа кунанд, ки савоб ҳосил шавад. Баъди ин суханони модар яке аз бародарон дар Сари Кӯтали наздики Лоҷирк хона месозад. Ҳатто бобии домулло Қиёмиддин, ки дар вақти вафоташ 99 сол умр дошт, намедонист ин хонаро кӣ ва дар кадом вақт сохтааст.

Бародари дигарӣ, ки хонаводаи имрӯзаи шафиъҳо, аз ҳамон кас маншаъ мегирад, поёнтари ӯ хона месозад. Аз он дам то имрӯз 15 пушт гузашта будааст. Бобиям як шаҷаронома дошт, ки дар он номҳои аҷдоди мо навишта шуда буданд. Бобиям солҳои сиюми асри гузашта ин шаҷараномаро аз байн мебарад ва мазмуни онро пурра дар хотир нигоҳ медорад. Ӯ аз фарзандонаш талаб мекард, ки шаҷараномаро аз ёд донанд. Падарам мулло Саидумар онро пурра аз ёд медонист ва аз ман талаб карда буд, ки ман ҳам онро азёд кунам. Ман ҳам баъдан онро азёд кардам. Дар хотирам он шаҷаранома ба ин шакл боқӣ мондааст:

**1.Шайдо аз Хоразм ба кӯҳистони Вахё муҳоҷират мекунад.**

**2.Аз Шайдо писараш Сурхӣ ба дунё меояд.**

**3.Аз Сурхӣ писараш Пирак ба дунё меояд.**

**4.Аз Пирак писараш Пирмуҳаммад ба дунё меояд.**

**5.Аз Пирмуҳаммад писараш Сангинмуҳаммад ба**

**дунё меояд.**

**6.Аз Сангинмуҳаммад писараш Қуруммуҳаммад ба дунё меояд.**

**7.Аз Қуруммуҳаммад писараш Абдол ба дунё меояд.**

**8.Аз Абдол писараш Маликӣ ба дунё меояд.**

**9.Аз Маликӣ писараш Оқсақол ба дунё меояд.**

**10.Аз Оқсақол писараш мулло Муҳаммадшариф ба дунё меояд.**

**11.Аз мулло Муҳаммадшариф писараш мулло Қиёмиддин ба дунё меояд.**

**12.Аз мулло Қиёмиддин писараш мулло Саидумар ба дунё меояд.**

**13.Аз мулло Саидумар писараш ҳоҷӣ Саидҷаъфар ба дунё меояд.**

**14.Аз ҳоҷӣ Саидҷаъфар писараш мулло Алиакбар ба дунё меояд.**

**15.Аз мулло Алиакбар писараш мулло Муҳаммадюнус ба дунё меояд.**

**Ҳамин тариқ дар шаҷараномаи ба дасти бобоям навишташуда 12 насл қайд шуда буд. Баъди вафоти бобоям дар ин шаҷаранома боз се насли дигар дохил шуд. Ман ҳоҷӣ Саидҷаъфар, бачаи ман мулло Алиакбар ва набераам Муҳаммадюнус.**

Дар ҳамин маҳфили мо фарзанди хурдтарини бобоям домулло Қиём акаи Эшон ҳастанд, ки 73 сол доранд. Дар вақти 6-сола будани акаи Эшон падарашон, яъне бобоям домулло Қиёмиддин, дар синни 99-солагӣ ва-

фот мекунанд. Ин соли 1939 будааст. Бобоям то 98-солагиашон китоби Қуръони маҷидро бе айнак мехондаанд. Як сол пеш аз марг аз биноӣ маҳрум мешавад ва дуо мекунад, ки Худоё, маро аз хондани Қуръон маҳрум сохтӣ, ҷонамро низ биситон. Дуояшон пеши Худо мустаҷоб мешавад ва дар 99-солагӣ вафот мекунанд.

Падари бобоям Мулло Муҳаммадшариф ном дошт. Мулло Муҳаммадшариф вақте вафот мекунад, бобоямро амакаш ё тағояш барои таҳсили илм ба Бухорои Шариф мефиристад. Занаш Азизмоҳро, яъне модари Қиёмиддини хурдсолро, ки аврати хеле зебо ва ҳунарманд будааст, намояндаи мири Дарвоз дар Вахё Нуъмонбӣ ба никоҳи худ медарорад. Муҳаммадшариф аз Азизмоҳ як духтар доштааст бо номи Гармрӯ. Азизмоҳ аз Нуъмонбӣ низ як духтари дигар таваллуд мекунад, ки номашро Шаҳрбону мегузоранд. Яъне бобои домулло Қиёмиддин ду хоҳар дошт. Гармрӯ аз як модару падар ва Шаҳрбону аз модару аз падар ҷудо, яъне аз Нуъмонбӣ. Гармрӯро Библоншоҳ, бобии Талбаки Садриддин, собиқ раиси колхози ба номи Ломоносови ноҳияи Шаҳритус, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ ба занӣ гирифтааст. Яъне Гармрӯ модари Садриддини падари Талбак мебошад. Шаҳрбонуро ба Сайвалӣ ном додари Раҳими Бӣ, амалдори амир, ба занӣ медиҳанд, ки аз ин никоҳ Эронвӣ таваллуд мешавад. Эронвиро ба Муҳаммадамини Раис ба занӣ медиҳанд. Аз ин никоҳ Сулаймон, Амон, Қадам,Хосият, Сифат ва ғайра таваллуд мешаванд. Муҳаммадамин

раиси дин дар замони амирӣ дар Лоҷирк буд.

Эронвӣ модари Хосият ҳаст. Хосият модари устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ.

Бобоям домулло Қиёмиддин дар Бухорои Шариф хондааст. Чанд сол хондааст,ба ман маълум нест. Лекин дар Самарқанд боз 7соли дигар таҳсил кардааст. Баъди 7 сол умед кардааст, ки дар ҳамин Самарқанд муқимӣ мешавад. Ҳамин ҷо оиладор шавад, зиндагӣ кунад. Вале як рӯз касал шудааст ва пеши табиб рафтааст. Табиб баъди муоина ба ӯ гуфтааст, ки "дар шишат мисоли донаи нахӯд сиёҳак афтидааст. Барои давои ин беморӣ оби сарду ҳавои тоза даркор" ва аз бобоям пурсидааст:

- Аз кадом мамлакатӣ?

Гуфтааст:

-Аз кӯҳистон.

-Ҳамон кӯҳистон ба шумо ҷои мувофиқ аст.

Баъд бобоям гашта ба инҷо омадааст.

## Соҳиби каромот

Худораҳматии падарам нақл мекарданд, ки чанд сол баъд як гурӯҳи олимони кӯҳистон ба Бухоро мераванд ва дар суҳбати эшони Шояхсӣ ширкат мекунанд. Эшони Шояхсӣ пири ҳамаи сӯфиҳои ҳамон даври Бухоро будаанд, ки каромот доштаанд. Эшони Шояхсӣ аз олимони кӯҳистон мепурсанд:

-Аз кӯҳистони шумо ду шахс дар маҷлисҳои мо му-

довимат доранд. Шумо мешиносед онҳоро?

Яке аз олимон гуфтааст:

-Шояд яке аз онҳо мулло Қиёмуддин бошад.

Эшони Шояхсӣ гуфтааст:

-Мулло Қавомиддин бигӯй.

Нафари дигарро ҳарчанд номҳои зиёдеро аз ҳисоби сӯфиҳо ва эшонҳо аз садаи Арзунк ва садаи Мазор номбар кардааст, ҳеҷ касро тасдиқ накардааст. Баъд боз гуфтааст, ки касби бофандагӣ дорад. Баъд аз он аз олимони кӯҳистон шахсе гуфтааст:

-Шояд халифа Рабеъ бошад?

Эшони Шояхсӣ гуфтааст:

-Бале.

Баъд дар ҳамон ҷо "хатти Иршод" менависад ва бар зери ҳар кадомаш ду-се муҳрӣ гузошта барои ин ду нафар ба кӯҳистон мефиристад. Хатти Иршод аз ҳазрати Одам Сафиюллоҳ омада то ин одамҳоро расидааст. Хатти Иршод, яъне диплом аст. Соҳиби хатти Иршод ҳақ дорад, ки дарс диҳад, таълим диҳад. Бубин, ки бобоям худаш дар кӯҳистону эшони Шояхсӣ дар Бухоро ӯро шахсан нодида мешиносад. Яъне бо каромоташ дар маҷлисҳои ӯ иштирок мекардааст, ба маҷлисҳои ӯ мерафтааст.

## Дидани ҳазрати Бурхи Валӣ дар хоб

Боз як қиссаи дигар. Он замон бобоям дар Самарқанд мехондааст. Саҳарӣ аз хоб хестааст, ки талабаҳои

ҳамдеҳааш ба мадраса рафтанд. Дар ҳамин вақт тӯраҳо (бачаҳои бойҳои шаҳр) вориди хобгоҳ мешаванд. Бобоям аз тӯраҳо чизеро пурсидааст. Он тӯра ба ҷои ҷавоб дашном додааст. Бобоям, ки як шахси бӯзбалаи бақувват будааст, дигар гир накарда он тӯраро бардошта ба замин мезанад ва баъдан ба кафшу маҳсӣ дар даҳонаш задан мегирад. Ҳамроҳонаш давида омада тӯраро аз дасти мулло халос мекунанд ва мегӯянд, барои мулло шуда моро "авоқ", яъне бадарға ва зиндонӣ мекунанд. Дӯстонаш муллоро хеле сарзаниш мекунанд. Ҳама дар тарс буданд, ки воқеаи нохуше ба дунболи ин латукӯб хоҳад сар зад. Бегоҳӣ Мулло Қиёмиддин омада баъди хондани намоз бо зора аз Худо талаб мекунад, ки ӯро аз балоҳо нигаҳ дорад. Дар вақти дуо ҳазрати Бурхи Сармасти Абдоли Валиро шафеъ меорад ва гирякунон хобаш мебарад. Дар хоб ҳазрати Бурхро афғонсурат мебинад, ки ба ӯ мегӯяд: "Хез, ҳеҷ коре набудааст, маро сад фарсанг роҳ овора кардӣ". Аз мақбараи ҳазрати Бурх, ки дар Вахёи Боло ҳаст, то Самарқанд 100 фарсанг роҳ ҳаст, яъне 1000 километр. "Хез, гуфтааст, ҳозир рафта адабашонро медиҳам". Баъд рафта калонтари онҳоро то рӯз намондааст, ки хоб кунад. Ҳазрати Бурх ба онҳо гуфтааст, ки "айбро шумо содир кардед ва боз он бечораҳои ғарибро қарор намемонед. Бас аст, онҳоро дигар озор надиҳед". Субҳдам мулло Қиёмиддин аз хоб бедор мешавад ва ба шарикдарсонаш мегӯяд, ки дигар ғам нахӯред, Иншо-

аллоҳ, ҳеҷ гап намешавад. Ҳазрати Бурх имшаб дар хобам даромад ва ваъдаи кӯмак кард. Иншоаллоҳ, касе моро чизе гуфта наметавонад. Шарикдарсонаш, ӯро сарзанишкунон мегӯянд, ки чанд лаҳза пас моро зиндонӣ мекунанд, вале ӯ каромат нишон доданӣ ҳаст.

Чанд лаҳза пас буд, ки Тӯраи калонӣ лингӣ дар гардан ба ҷои хоби мулло Қиёмиддин ва шарикдарсонаш меояду бахшиш мепурсад. Ӯ мегӯяд, ки Пири шумо одами зӯр будааст, айбро одами мо кардааст, гӯён бахшиш мепурсад. Баъд аз ин ҳодиса эҳтироми шарикдарсон ба мулло Қиёмиддин дучанд боло мешавад.

## Раҳоӣ аз дасти сардори ГПУ

Солҳои 37-ум бобоямро низ мисли дигар муллоҳои Вахё ба ГПУ-и ноҳияи Тавилдара мебаранд. Сардори ГПУ-и Тавилдара вақте бобоямро мебинад, мепурсад, ки чандсолаӣ?

-Бобоям мегӯяд:

- 97 -сола.

-Дар куҷо хондаӣ? - боз мепурсад сардори ГПУ.

-Дар Бухорову Самарқанд-, ҷавоб медиҳад бобоям.

Баъд сардори ГПУ коғазеро нишон дода гуфтааст:

-Дар ин ҷо навишта шудааст, ки мадраса дорӣ, дарс медиҳӣ. Бобоям дастони аз меҳнат пуробилаву шахшулашро нишон дода гуфтааст:

-Оё ҳамин дастон ба дастоне, ки касби муддарисӣ мекунанд, монанд ҳастанд? Ман фарзандони зиёде до-

рам, кор мекунем ва рӯзгорамонро пеш мебарем.

Сардори ГПУ чун дастони меҳнативу пуробилаи бобоямро мебинад ва инчунин бо дарназардошти синну солаш ба ӯ як санаде медиҳад ва мегӯяд, ки агар касе ӯро боз азият доданӣ бошад, ҳамин хатро нишон диҳад.

Ҳамон солҳо аз Вахёи Боло беш аз 40 нафар муллоро ба айби мадраса доштану дарс гуфтан "тройка" карданд. Танҳо ду нафар аз ин таъқибу озор ҷон ба саломат бурданд ва яке аз онҳо бобои ман буд. Ман ин қиссаҳоро аз падарам мулло Саидумар, ки фарзанди домулло Қиёмиддин мебошад, шунидаам. Таваллуди ман 1942, бобои ман домулло Қиёмиддин соли 1939 вафот кардааст. Падарам вақте ки ин қиссаҳоро мекард, ман онҳоро дар компютери худ, яъне майнаи сарам сабт мекардам.

### Гурбаи одамхӯр

Инак боз як қиссаи дигар. Солҳои илмомӯзии бобиям дар Самарқанд як пишаки калон (гурба) пайдо шуда будааст, ки донишҷӯёнро аз байн мебурдааст. Дар ин вақт толибилмон дар мадрасаҳо ҳар кадом утоқҳои алоҳида доштанд. Шабҳо ҳамин пишак ба роҳҳои гуногун вориди утоқҳои толибилмон шуда, онҳоро аз байн мебурдааст. Кор ба ҷое расидааст, ки тарсу ваҳм толибилмонро маҷбур ба шабзиндадорӣ кардааст. Шабе бобиям бедор будааст, ки садои нимроғ шудани

дар шунида мешавад. Баробари ба сӯи дар нигоҳ кардан мебинад, ки ҳайвони пишакмонанди аз пишак бузургтар ба болояш худро мепартояд. Панҷаҳои пишак, ки нохунҳои дароз-дароз доштааст, ба синаи бобиам зада мешавад. Нохунҳои сахти пишак синаи бобиямро шикоф мекунад. Бобоям ба ҳар ду дастонаш аз банди дастони пишак гирифта, онро аз худ дур нигоҳ медораду ба ҳамдарсонаш муроҷиат мекунад, ки "Хезед, пишак маро аз байн мебарад". Вақте ки шарикдарсонаш аз хоб мехезанд, пишак бо пойҳояш тамоми либосҳои бобоямро дар танаш даронда, ҳатто шикамашро ба нохунҳояш хуншор карда будааст. Ба ҳар ҳол бо кӯмаки шарикдарсон он пишаки одамхӯрро аз байн мебаранд. Онро пишаки одамхӯр ба он хотир ном гузоштаанд, ки шабона ҳини дар хоб будани донишҷӯён вориди утоқҳои хоби онҳо шуда, дар як ҳамлаи ғофилгир онҳоро талхакаф намуда, сипас танҳо биннӣ ва лабони онҳоро хӯрда, баромада мерафтааст. Дар натиҷаи ҳушёрии баланд нишон додани бобоям ин пишаки одамхӯр, ки онро он замон ҳамчун балое мегуфтанд, аз байн бурда мешавад. Вақте ки ҷасади ин пишакро ба берун мебароранд, одамҳои дидагӣ мегӯянд, ки аз пишак дида онро паланг гӯянд, ба ҳақиқат наздиктар мебуд.

Ман ҳоло чанд теъдод муаммоҳои бобоямро, ки дар вақти дар Бухоро таҳсил карданаш аз олимони дигар фаҳмидааст, азёд медонам, ки феълан бароят мегӯям.

**Муаммоҳои**
**домулло Қиёмиддин**

**Шариат қалъаи заррин ду дари оҳанин дорад,**
**Калидашро ду гавҳар дон, ки дорад бисту як дандон.**

Шариат қалъаи заррин аст, ки ду дари оҳанини он Расули акрам Мухаммад пайғамбар ва ҳазрати Алӣ аст. Калиди он ду гавҳар, яъне гуфтани "Аъузу биллоҳи минашшайтони раҷим" ва "Бисмиллоҳи Раҳмонирраҳим" мебошад, ки дар навишти форсӣ 21 ҳарф дорад.

**Ҳуш дар дам,**
**Назар дар қадам,**
**Сафар дар Ватан,**
**Хилват дар анҷуман.**

**Ҳуш дар дам** - яъне ҳушёр бошу вақти нафас гирифтани он дамро ба ёди Худо барор.

**Назар ба қадам** - вақте қадам мезанӣ, нигоҳ кун дар роҳи Худо бардошта шавад, на дар роҳи дунё.

**Сафар дар Ватан** - ватани аслии мо ҳамон қабр аст. Ҳар гоҳ, ки бошад, мо ба ҳамон қабр сафар мекунем.

**Хилват дар анҷуман** - дар рӯзи ҳашр фикри Худоро дидан. Дар миёни анҷуман, дар ҷамъи одамон аз Худо ёд кардан.

**Зи ангушти шаҳодат гар наҳанге ло барорад сар,**
**Таяммум фарз гардад, Нӯҳро дар вақти тӯфонаш.**

Дар вақти кандани ҷон мегӯяд, ки калимаи шаҳодатро талқин кун, калимаи тайибаро талқин накун, ки дар вақти гуфтани "Ло иллоҳа" агар ҷон аз қолаби одам ҷудо шавад, аз эмон хориҷ мешавад.

Барои чӣ таяммум ҳазрати Нӯҳ (а)-ро фарз гардид дар вақти тӯфон? Ба он хотир, ки оби баҳр оби азоб, ки буд, барои ҷазо додани умматони саркаш дар он таҳорат манъ карда шуда буд. Ҳазрати Нӯҳ барои худ ба дохили киштӣ каме хок гирифта буд, ки ба он таяммум мекард.

Бубин булаҷоибҳои Худои таъолоро, ки коса сарка-лапову дар коса назар кардааст чор дарё аралаш ҷӯшида истодаанд. Коса ин сари одам аст. Булаҷоибҳои Худоро бин, ки дар як коса чор дарё меҷӯшаду оби даҳон ширину оби бинӣ тумч, оби чашм шӯр, оби гӯш талх. Ҳамин чор дарё аз он як косаи сар мебароянд. Ин аст санъати ҳазрати Худовандӣ. Кӣ метавонад онҳоро ҷудо созад? Ҳама дар як косаанд, яке ширину дигаре тумчу сеюм талху чорум шӯр.

Боз ду байт:

**Ҳар кӣ бо дунҳо нишинад, ҳамчу дунҳо дун шавад,**
**Ҳар кӣ бо доно нишинад, ақлу дин афзун шавад.**
**Аспро бо хар агар банданд дар як охуре,**
**Ранг агар дигар нагардад, табъ дигаргун шавад.**

## Қиссаи қозӣ домулло Валии Вахёчӣ

Қозӣ домулло Валии Вахёчӣ тағоии бобиям будааст, яъне акаи модари бобиям. Валии модарзод, мадрасаҳои Бухороро хатм кардааст. Қозӣ домулло Валӣ бисёр марди донишманд буд. Нақл мекунанд, ки намояндаҳои амири Бухоро ба кӯҳистон омада талаби доданибоҷу хироҷ, ушру закот мекунанд. Қозӣ домулло ба номи амир мактубе менависад ва дар он баъди тавсифи ӯ бо назм мегӯяд, ки агар подшоҳи одил бошед ва ба гуфтаи китобҳои шариат кор кунед, бояд дар масъалаи ушру закоти мардуми кӯҳистон таҷдиди назар кунед. Мактубро худаш ба Бухоро мебарад.

**Зи ақраб то ба ҷавзо зери барфем,**
**Баҳору тирамоҳе нест моро.**

Чӣ хел мешавад, ки мо ҳашт моҳ дар як сол каҳи кашида (яъне каҳи ҷамъовардашуда) медиҳем, вале шумо аз мо закоти мол меситонед? Тибқи шариат закот дар сурате фарз мешавад, ки агар мол дар давоми як сол, 6 моҳ бо даҳони худаш аз замин каҳ бихӯрад. Мо бошем муддати ҳашт моҳ каҳи кашида медиҳем. Дар асоси чӣ шумо аз мо закот мегиред? Дар аввал баъди хондани мактуб ӯро балвогар гуфта 6 моҳ зиндонӣ

мекунанд. Вале ӯ бо вуҷуди дар зиндон будан исбот мекунад, ки ин ҳама талаби ӯ аз рӯи шариат аст ва ӯ танҳо ба хотири риояи адлу инсоф ба ин иқдом даст задааст. Чун исбот мешавад, ки ӯ ҳақ аст, амир ба амалдоронаш амр мекунад, ки закоти мол аз мардуми дараи Вахё аз ин ба баъд гирифта нашавад.

Қозӣ домулло Валӣ баъд қозии Вахё таъин мешавад. Ӯ ҳангоми қозигӣ писари 6-солааш қозӣ Муллохӯҷаро ҳамеша пуштора карда мегаштааст. Мӯйсафедон ба ӯ мегуфтанд, ки тақсир, чаро ту як лавунди 6-соларо пушт карда, мегардонӣ? Қозӣ домулло Валӣ дар ҷавоб мегуфтааст, ки ин бача калон шуда, ба Бухоро рафта, хонда омада қозигиро аз ман базӯр кашида мегирад. Дар ҳақиқат, қозӣ домулло Муллохӯҷа баъди хатми Бухоро омада аз падараш муҳри қозигиро талаб мекунад. Қозӣ домулло Валӣ мегӯяд, ки дар муҳр номи ӯ навишта шудааст ва ӯ наметавонад ин корро кунад. Зеро ин кор масъулият ва ҷавобгарӣ дорад. Агар қозӣ Муллохӯҷа мехоҳад муҳр дошта бошад, бояд худаш ба Дарвоз рафта аз мири Дарвоз барои худаш муҳр бигирад. Чун писараш исрор меварзад, ки муҳрро бигирад, қозӣ домулло Валӣ боре тешаеро гирифта муҳрро майда-майда мекунад ва дар ҳамин ҳолат ин мисраъҳоро мегӯяд:

**Оби чашмам қатра-қатра дар гулӯ занҷир шуд,**
**Тифли домангири ман охир гиребонгир шуд.**

Мегӯянд, ки ин байти машҳурро ҳамин Қозӣ домулло Валии Вахёҷӣ гуфтааст.

## Дар бораи Ҳазрати Бурх

Ҳазрати Бурхи Абдоли Валӣ аз умматони ҳазрати Мӯсо (а) мебошад. Се бародар буданд. Бурхи Абдол, Турки Абдол ва Барқи Абдол ва модарашон. Барқи Абдол, Турки Абдол ва модарашон дар Афғонистон вафот кардаанд. Боре модарашро дар хоб мебинад, ки ба ӯ мегӯяд: "Дар он ҷое, ки мусибат рух додааст, аз он ҷо рахти сафар банд. Ба кӯҳистон рав". Ҳамин тариқ Худованд ӯро ҳидоят кардааст, ки ба кӯҳистон биёяд. Рӯзе марде аз кӯҳистони Боршид барои ҳезум меравад ва чабарғ медаравад. Як дарза медаравад ва мехоҳад дарзаи дигар даравад, ки садое баланд мешавад: "Ай марди Худо, як бор шид". Ба атрофаш менигарад касеро намебинад ва боз ба кораш идома медиҳад. Боз ҳам садои "Ай марди Худо, як боршид" пайдо мешавад. Чабарғи зери дасташро мекашад, ки тахтасангеро мебинад. Ҳамин ки тахтасангро мебардорад, дар зери он, дар як оводие ҳазрати Бурхи Сармасти Валиро мебинад, ки дар ёди Худо бо зикр машғул аст. Ҳазрати Бурх ба марди ҳезумкаш мегӯяд, ки акнун ки маро ошкор кардӣ, бароям мақбарае бисоз. Он марди ҳезумкаш мегӯяд, ки ман марди камбағалам, чизе надорам, ки ин корро кунам. Ҳазрати Бурх ба ӯ мегӯяд, ки парво накун. Бирав аз нишонсанги Хуллоз ҳамаро ҷамъ кар-

да биёр. Гуфт: "Охир, чӣ гуна ман он ҷо меравам". Гуфт: "Равон шав". Марди ҳезумкаш равон шуд ва дар як чашмак задан худро дар нишонсанги Хуллоз дид ва онҳоро барои сохтани мақбара даъват кард. Вақте ки баргашт ҳазрати Бурх ҳанӯз дар ҷояш ҳаст. Ӯ ба марди ҳезумкаш гуфт: "Дар хона чӣ чиз аз хӯрданӣ дорӣ? Гуфт: "Ба ғайр аз як кӯзачаи гандум дигар чизе надорам". Ҳазрати Бурх гуфт: "Бирав ҳамон кӯзачаи гандумро бигиру дар дӯли осиёб бирез. Болои дӯлро бо халтае бор кун ва онро ҳеҷ гоҳ набардор. Чи қадар орд зарур бошад бигиру хамир кунеду нон пазед". Ҳезумкаш ин корро низ иҷро кард. Орди зиёде гирифт ва хамир карданду нон пухтанд. Сипас ҳазрати Бурх ба ҳезумкаш гуфт, ки дар он тарафи дарёча як оҳуе омадааст, бирав онро сар бизан ва барои онҳое, ки ба хотири сохтумони мақбара омадаанд, хӯрок паз. Ҳезумкаш ин корро низ анҷом медиҳад. Ҳоло дар он тарафи дарё, дар ҷое, ки ҳамон оҳу кушта шудааст, хокаш аз хуни оҳу сурх шудааст. Оби чашма бошад, бӯи шурбо мекунад. Дар Сангвор хишти мақбараро мепазанд ва худи ҳамон рӯз мардуми зиёд даст ба даст онро то ба деҳаи ҳазрати Бурх мерасонанд. Ҳамин қадар одами зиёде омадааст, ки ба гуфтае малоикаҳо буданд ё каромот будааст. Умуман, кори сохтмони мақбараро то намози аср ба анҷом мерасонанд. Устоҳои дару тиреза мехоҳанд, ки кори часпондани дару тирезаҳоро ба фардо гузоранд. Баробари кардани ҳамин

ният гардани ҳар яке аз онҳо ба паси пушт метобад,. Онҳо даррав ба тавбаву тазарруъ медароянд ва Худованд онҳоро ба асли қадимаашон бармегардонад. Устоҳо то намози шом кори худро ба анҷом мерасонанд ва бо ҳамин мақбара дар як рӯз сохта мешавад. Ин қиссаро ман аз падарам мулло Саидумар писари домулло Қиёмиддин шунидаам. Падарам инчунин мегуфт, ки вақтҳои аввал, аниқтараш то солҳои сиюм, дар мақбара дар баробари чизҳои хусусии ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ, аз қабили шамъдон, дастгоҳи бофандагӣ, мизмар, боз як китоби Таврот низ будааст.

***Суҳбати мазкур рӯзи 28 майи соли 2006 дар деҳаи Қизил Аскари ноҳияи Шаҳритус дар ҷамъе аз наздикони Ҳоҷӣ Саидҷаъфар баргузор гардидаст ва он дар навори аудиоӣ сабт аст.***

# ҚИССАҲОИ МАХСУМИ МУЛЛО АБДУРАШИД

Вақте ки мо тифл будем ва дар Вахё зиндагӣ мекардем, медидем, ки аз тамоми ҷаҳон ба Мазори ҳазрати Бурх одамон барои зиёрат меомаданд. Хонаи мо, ки дар сари роҳ буд, омада дар онҷо дам гирифта, баъд ба роҳи худ идома медоданд. Дар Мазори ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ аз аввал то ин дам чил мутаваллӣ гузаштааст, ки 20 нафари онҳо бо номи Шайх ва қариб 20 нафари дигар бо номи Мулло гузаштаанд. Муллоҳо маъмулан баъдтар мутаваллӣ шуданд. Мумкин аст, ки баъд аз он ки дар мадрасаҳо хонда унвони муллогиро гирифтаанд. Охирин муллое, ки номаш дар ҳамон рисолае, ки ман хондам дар онҷо ҳаст, мулло Тӯра ном дорад, ки тахминан солҳои 1930-1937 дар мазори ҳазрати Бурх мутаваллигӣ кардааст.

Дар бораи таърихи Мазор ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки ба гуфтаи мӯйсафедоне, ки дар вақти 7-8- сола будани мо 70-80- сола буданд ва онҳо ин нақлро аз бобоёни худ шунида будаанд, дар инҷо аввал ягон мақбарае набудааст. Танҳо ҳамин хел гап будааст, ки дар ҳамин наздикиҳо агар касе кори гуноҳ ё бад мекардааст, садои пурдаҳшате ҳамчун садои тир баланд мешудаасту ҳамон гунаҳкор ҷонашро аз даст медодааст.

Одамон касеро намедидаанд. Ин гуна ҳодисаҳо дар мавзеъе рух медоданд, ки ҳоло мақбара ҳаст. Мақбара баъд пайдо мешавад.

Таърихи пайдо шудани мақбара дар назме, ки аз забони куҳансолони деҳаи ҳазрати Бурх шунида каму беш азёд кардаем, чунин аст:

**Ман надорам қуввату қути сафар,**
**Ё Илоҳо сӯи Бурхам деҳ зафар.**
**Шайх чун аз хоби хуш бедор шуд,**
**Ҳамчу масте буд, ӯ ҳушёр шуд.**
**Дар бараш бигрифт як досу расан,**
**Рафт то бар ҷангали ҳезум расанд.**
**Ногаҳон як буттае аз дур дид,**
**Хештанро дар миёни нур дид…**
**Гашта омад хушмасти бехабар,**
**Мезад ӯ дар бехи он бутта табар**
**Ногаҳон аз ғайб овозе шунид,**
**Гуфт, ё марди Худо, як бор шид,**
**Ҳар тараф мегашт касро менадид,**
**Ногаҳон дар пеш ғор омад падид.**
**Дид рӯи Бурхро монанди моҳ,**
**Дар бараш афтода гесӯи сиёҳ,**
**Торикии шаб сиёҳ аз мӯи ӯст,**
**Равшании офтоб аз рӯи ӯст.**
**Шайхро фармуд: ай шайхи бузург!**
**Ҳар чӣ мегӯям ба ту онро бикун.**

**Оҳуе омад ба фармони Худо,**
**Дар вафоти Бурх ҷони ман фидо.**
**Оҳуро ҳам сар зад он шайхи нахуст,**
**Ҳарчӣ ояд аз киромаш зоти Ӯст,**
**Дар ниёзаш ҳар кӣ як чизе ниҳад,**
**Раҳмати Ҳақ ҳам варо зудаш диҳад.**
**Дар бараш ҳар кӣ ниҳад рӯро ба хок,**
**Аз гуноҳу маъсият гардад ӯ пок.**

Шайх чун ӯро мебинад аз ҳуш меравад. Вақте ба ҳуш меояд, ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ мегӯяд, ки ман дар ин ҷо 40 сол будам. Акнун, ки маро ошкор кардӣ, бароям як мақбара бисоз.

Чӣ гуна мақбара созам ман? - мегӯяд шайх. Ман як шахси нодору камбағал ҳастам.

Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ ба ӯ як дурр медиҳад, чи тавре ки ҳазрати Сулаймон пайғамбар ба як Сулаймони хаскаш дурр дода буд. Дурро дода мепурсад, ки дар хона орд дорӣ. Ин шайх мегӯяд, ки як кӯза гандум дорам халос. Ҳазрати Бурх мегӯяд, ки гандумро ба дӯли осиёб бирез ва болояшро бо матое бипӯшон ва онро накушо ва нигоҳ накун. Чи миқдоре, ки орд зарур донӣ бигир. Ва дигар ин ки бирав аз Сафедхоки Хуллоз то Водхуд мардумро хабар кун.

Хиштҳои мақбараро дар Сангвор сохтанд. Ҳоло ҳам дар қишлоқи Сангвор аз ҷойҳои хиштпазӣ нишона боқӣ мондааст. Тамоми хиштҳои мақбара дар як рӯз пухта шуда онро аз Сангвор, ки масофаи беш аз 20-

километр аз мавзеи Ҳазрати Бурхро дорад, даст ба даст ба он ҷо бурда мешавад.

Агар касе фикр кунад, ки чунин корро дар як рӯз анҷом додан мумкин нест, нодуруст фикр мекунад. Агар ба қувваи ҷисмонӣ бовар надошта бошад, бояд ба каромоти авлиёҳо шак наёрад. Ҳамин тариқ аз субҳ то шом дар як рӯз мақбараро месозанд ва танҳо кори часпондани дар мемонад. Дарсозон каме шак меоранд. Мегӯянд, ки фардо дарҳоро мечаспонанд. Дар ҳамин фикр буданд, ки каллаҳои онҳо ба пушт метобад ва онҳо ба тавбаву надомат медароянд. Худо ба онҳо шифо медиҳад. Баъдан онҳо кори мақбараро то шом тамом мекунанд. То солҳои пеш аз инқилоб вақте, ки зоирин ба он ҷо барои зиёрат мерафтанд, дарҳои мақбара на ба рӯи ҳамаи зиёратчиҳо кушода мешуд. Аслан ба рӯи ашхоси мутакаббир, худписанд дарҳо боз намешуданд. Маъмулан вақте худи ҳазрат онҷо мебуданд, ин дарҳо боз намешуданд. Масалан, ҳокими ҳамон вақтаи Сангвор дар замони амири Бухоро Нуъмонбӣ се маротиба то Саломгаҳ (он ҷое, ки аввалин бор Мазор ба назар метобад) омада дигар ба сафари худ ба сӯи мақбараи ҳазрати Бурх наметавонад идома бидиҳад. Се бор ҳам шикамдарди сахт мешавад ва наметавонад зиёрат бикунад.

Домулло Ғиёс рисоларо аз Мулло Тӯла гирифта будааст. Домулло Ғиёс падари Мулло Умар рисолаи охирин дар дасти ӯ будааст. Ҳаҷмаш тақрибан 16-17 саҳифаи дастнавис бо форсӣ.

***

***Ин буд қиссаи махсуми домулло Абдуррашид, ки дар вақти ин суҳбат, соли 2008 тақрибан 70- сол дошт ва дар деҳаи Ворошили ноҳияи Бохтар зиндагонӣ мекард. Махсуми домулло Абдуррашид тахминан аввали солҳои панҷоҳум аз аз деҳаи Нусайи ҷамоати Сангвори Вахё ба водии Вахш муҳоҷир мешавад. Деҳаи Нусай аз ҳазрати Бурх тахминан дар масофаи даҳ километр ҷойгир аст. Ӯ шахси босавод буда аз илмҳои исломиву дунявӣ огаҳӣ дорад. Баъди муҳоҷират борҳо ӯ ба зиёрати мазори ҳазрати Бурх рафтааст.***

***Дар ҳамсоягӣ бо махсуми Абдуррашид бобои Ислом ном марди тақводоре мезист, ки ӯ ҳам тахминан ҳафтод сол дошт. Бобои Ислом ҳам аз қишлоқи Нусай буд. Ба гуфтаи ӯ дар арчазори ҷангали Нусай хоҳари ҳазрати Бурх мезистааст ва ҳар шаб чарогеро ба шохи арча даргиронда овезон мекардааст. Ин қиссаро ӯ аз падару бобояш шунида будааст.***

# ҚИССАҲОИ ҲОҶӢ ҲУРМАТУЛЛОҲИ САНГВОРӢ ДАР БОРАИ ХУД, ҲАЗРАТИ БУРХИ ВАЛӢ ВА МАРДУМИ ВАХЁ

Ман бистрӯза будаам, ки эшони падарамон гуреза шуд. Соли 1932 буд. Акаи калонии мо домулло Малик дар давраи ҳукумат қозӣ буд. Аз сиёсат огоҳ буд. Ба падарам мегуфт, ки оқибати ин ҳукумат барои муллову эшонҳо хуб нест, биёед аз ин ҷо биравем, ки эшону муллоҳоро қапида истодаанд. Вале падарам мегуфтааст, ки ҳоло боз як соли дигар сабр кунем. Чун бисёр такрор кардааст, падарам Ҳоҷӣ Муҳтоҷ соли 1932 ба ӯ амр кардааст, ки ба Афғонистон рафта хонаву дар гирифта омада инҳоро барад.

Бародарам эшони домулло Малик соли 1932 ба Афғонистон рафта дар деҳаи Мойи Майи Дарвози вилояти Бадахшони Афғонистон хона гирифта мехоҳад омада падарам ва дигар аҳли оиларо ба он ҷо барад, ки сарҳад маҳкам мешавад. Вале баъдтар тирамоҳи ҳамон сол падарамро таҳти пӯшиши тиллокоркунҳо ва усто аввал ба Дарвоз ва аз онҷо сипас ба Афғонистон мегузаронанд. Чун дар Сангвор овоза мешавад, ки падарам ба Афғонистон рафтааст, молу мулки моро мусодира мекунанд. Хонаи моро гирифта нонпазхона

карданд. Аз падарам аз чор занаш 16 фарзанд монда буд, Ҳамаи онҳоро ба хонаҳои тағоиҳояшон бурда мемонанд. То ҳамин давраи истиқлолияти Тоҷикистон мо зери таъқибу фишор қарор доштем. Моро хоинбача, решаталх, писари душмани халқ мегуфтанд. Як мисол меорам. Ҳаштсола будам. Бисёр хоҳиши хондан доштам. Боре аз назди идораи ҷамоат мегузаштам, ки раиси ҷамоати деҳот (аз гирифтани номҳо худдорӣ мекунем. С.Ҳ) ва котиби он маро дида "душманбача, хоинбачаро бинед, ки аз чашмонаш алов мерезад", - гуфт. Хестанду маро пеш карданд. Гурехтам. Дастгирам карданд, ки эзорамро тар кардам. Хандиданду сарам доданд. Як лаҳзаи дигар низ дар ёдам нақш бастааст. Дар ҳамсоягиямон мансабдоре буд . Бо писараш бозӣ мекардам, ки аз кучое пайдо шуд. "Дар фалони модарат хар фалон кунад" гӯён маро пеш карда гуфт, ки дигар бо писараш бозӣ накунам. Ҳангоми дар Омӯзишгоҳи педагогии Ғарм таҳсил карданам маро ба сафи комсомол "унсури бегона", "хоинбача" гуфта қабул накарданд. Дар аввал дар колхоз ҳам як ака доштам мулло Баракат ном дошт. Тахминан 16 -сола буд. Як котиби райком рус буд. Касе ҳамин акама гуфтааст, ки ба ҳамин котиби райком муроҷиат кунад. Акаи Баракат ариза навишта пеши ҳамин котиби райком меравад. Котиби райком фармон медиҳад, ки хонаи моро соз карда мо сағераҳоро дар ҳамон ҷо боз ҷой кунанд. Акаи дигариам мулло Абдурасул буд. Хостанд, ки мулло гуф-

та гирифта ҳабсаш кунад, ки гурехта Фарғона рафт. Баъди як сол баргашта омад, ки дастгираш карда ҳабсаш намуданд. Се сол дар маҳбас буд. Баъди аз маҳбас баргаштан як сол бо мо буд. Як рӯз нимрӯзӣ буд, ки аз касалии апендисит вафот кард. Сиву се сола буд. Акаи Баракат низ баъди як соли вафоти акаи Абдурасул вафот кард. Соли 1949 ба Омӯзишгоҳи педагогии Ғарм дохил шуда онро соли 1953 тамом кардам. Як сол муаллимӣ кардам дар Душанбе ва баъд соли 1955 ба Инстититут омӯзгорӣ дохил шудам. 39 сол дар мактаби миёнаи рақами 43-и ноҳияи Ленин ҳоло Рӯдакӣ муаллимӣ кардам. Соли 1990 кӯчида ба Сангвор рафтам. Ду сол муаллим кор кардам, ҷангҳо сар шуданд.

## Хабари падарамро чӣ гуна пайдо кардам?

Соли 1978 Мавлавӣ Музаффари сангворӣ аз Афғонистон барои дидани хоҳараш холаи Лола ба ноҳияи Ҷиликӯл меояд. Бо ҳамроҳии ӯ Шабираҳмад ном хусурбачааш, ки муаллими фанни математика будааст, меояд. Модари Шабираҳмад аз ҳамин Кӯлоб будааст. Боре Шабираҳмад ба Душанбе меояд. Ман ӯро ба ресторан бурда меҳмондорӣ кардам. Хулоса, ба ҳамин Шабираҳмад қиссаи падарамро гуфтам. Шабираҳмад баъди баргаштан хешу таборҳои моро кофта -кофта ба улусволии Роғ, алоқадории Калот меравад. Ба вилояти Бадахшон. Ҳамон вақт акаи Нурулҳақ зинда буда-

аст. Баъд мо аз Афғонистон чор хат гирифтем. Хати охиринро пеш аз саршавии ҳамин ҷангҳо гирифтем.

18 уми сентябри соли 2007 ба мо муяссар шуд, ки бо ҳамроҳии бародарам Ҳайратулло, ҷиянҳоям Ҳандулло, Маҳмадӣ ба зиёрати қабри падар ба деҳаи Калоти Файзободи Афғонистон биравем. Аз ҳамин Душанбе то ҳамон ҷо 550 километр будааст. Шаб дар Кишм будем. Рӯзи дигар соати чор расидем. Агар мо раҳро медонистем ба Файзобод норафта ба қишлоқ мерафтем. Мошини худамон қатӣ рафтем. Ҷипи писарони акаи Ҳайратуллоҳ қатӣ. Вақте ки расидем як шӯре барпо шуд. Худораҳматии падарам номи ҳамаи моро ба фарзандҳояш гуфта будааст. Аз мо мепурсанд, ки Ҳалима канӣ? Раҳима канӣ? Робиъа канӣ? Хосият канӣ? Раҳматуллоҳ канӣ?.. Гуфтам, ки дигар аз мо касеро напурсед. Мо ҳамагӣ ҳамин ду нафар аз падар мондем. Ман ва акаи Ҳайратуллоҳ.Феълан аз 16 фарзанди Ҳоҷӣ Мӯҳтоҷ фақат мо ду нафар мондем. Баъди 75 сол ба мо муяссар шуд, ки мазори падарро зиёрат кунем. Аз акаи Нурулҳақ чор писару се духтар, аз акаи калониамон мулло Малик ду писар мондаасту ду духтар. Аз авлоди мо дар он ҷо 36 хоҷагӣ будааст. Падарамон дар Афғонистон низ боз ду зан гирифтааст. Аз як занаш як духтар, ки сари фарзанд рафтааст, аз зани дигариаш 2 духтар доштааст, ки онҳо ҳам вафот кардаанд. Таваллуди падарам, яъне эшони домулло Ҳоҷӣ Муҳтоҷ соли 1872 буда соли 1954 дар синни 82 солагӣ вафот карда-

аст. Дар кӯҳ зиндагӣ мекунанд. Даромадашон асосан аз кишти гандум аст. Агар соли сербориш бошад гандум ҳам фаровон мешавад. Аз маркази Файзобод 150 километр дур аст. Ду ағбаро мегузарӣ. Деҳаи ба онҳо наздик Ёбон ном доштааст. Раҳи мошингард нест Мо сар- сари кӯҳ ба деҳа рафтем. Мошини мо аввалин мошине будааст, ки ба ҳамин деҳа омадааст. Одамон аз мо дида мошинро бисёр тамошо мекарданд. Нонҳои моро бисёр бо ҳавас нигоҳ мекарданд. Мева бурда будем. Дарахти мевадор дар онҷо нест. Бачаҳои мо як меҳмонхонаи хуб доштанд. Як вақтҳо Аҳмадшоҳи Масъуд меҳмони онҳо шуда будааст. Меҳмонхонаро бо ташаббуси ӯ сохта будаанд. Як ҷиянамон Ҳазратҷон ном доштааст. Баъди вафоти падарамон номи ӯро ба хотири падарамон Мӯҳтоҷиддин ном мемонанд. Дар амнияти ҳамон ҷо кор мекунад. Аз авлоди мо се мавлавӣ будааст. Ҳамаашон Покистонро хонда будаанд. Ягон чиз аз давлат намегиранд, ягон чиз ба давлат намедиҳанд. Мӯйсафедонашон намедонанд, ки нафақа чист? Як гов гирифтем дар 360 доллар. 300 кило гӯшт кард. Хумталош кардем. Шасту ҳафт хоҷагӣ будааст дар он ҷо. Писари мулло Малик махсуми Садод ном дорад. Рӯзи бозгашт бисёр гиристанд. Вақте ки дар сари қабри падарамон сураи «Таборак»-ро хондам, ҷиянҳоям гиристанд. Гуфтам: чаро гиря мекунед? Гуфтанд: мо ҳеҷ боварӣ надоштем, ки одамони шӯравӣ сураи «Таборак»-ро азёд медонанд. Мо ба болои мазори

падарамон хоки Арзунк ва Сангворро бурда будем. Санги мазорро вақте рост кардем хокро болои қабри бузургвор пошидему ин мисраъҳоро гуфтем:

**Атри кафан зи хоки Ватан кардам орзу,**
**Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок.**

Чанд касе, ки дар гирди мақбара буд ҳамаашон гиря карданд.

Дар бораи падарамон қисса карданд, ки баъди гузаштани дарё ба деҳаи Моҳи Майи Дарвоз меоянд. Чанд вақт дар он ҷо мемонад. Мулло имоми деҳа вафот мекунад. Овозаи гузаштани эшонро мешунаванд ва омада ӯро ҳамроҳи бачаҳо мебаранд. Дар баробари муллоимомӣ кардан боз ба бачаҳои мардуми таҳҷоӣ дарси динӣ медодааст.

Падари мо фориғуттаҳсили мадрасаи Бухоро буданд. Ба Сангвор омада дар хонааш мадраса созмон медиҳад. Дар ҳамон ҷо дарс мегӯяд. Баъдан соли 1916 ба ҳаҷ меравад ва дар бозгашт се соли дигар дар мадрасаи Низомияи Бағдод таҳсил мекунад. Соли 1919 ба Ватан бармегардад. Аз Вахёи Боло боз як ҳоҷии дигар низ будааст. Мулло Ҳоҷӣ аз Боршид.  Падари мо чор зан доштааст. Зани калониаш аз Арзунк будааст. Мулло Малик аз ҳамон зан аст. Раҳматуллоҳу Ҳайратуллоҳ аз дигар модаранд. Ману кампири Раҳимаи зани Меъроҷ, Робияи зани Доди падари Қувват ё худ очаи Қувват, кампири Ҳалимаи очаи Абдулҳай қатӣ мулло Нурулҳақ аз як модарем. Падари мо ду бародар

дошт. Яктоашро Мулло Файзуллоҳ мегуфтанд, ки дар Кӯлоб зиндагӣ мекард, бачааш Пирҷон ном дорад. Дигарашро мулло Мурватуллоҳ мегуфтаанд, ки солҳои гушнагӣ дар тарафҳои Ҷелондӣ вафот мекунад. Аз ӯ фақат як набера мондааст. Исҳоқ дар Ҷиликӯл. Бародари ӯ Мисбоҳиддин вафот кард. Зани ҳамон мулло Мурватуллоҳ кампири эшонзанак, яъне бибии Исҳоқу Мисбоҳиддин, то ҳамин солҳои наздик зинда буд. Бобои Меърочро танҳо ба хотири он, ки домоди эшони Ҳоҷӣ будааст, ба гарданаш айб бор кардаанд, ки гӯё бо эшон ба Афғонистон рафтуомад доштааст, 10 сол зиндонӣ кардаанд. Бобои Меъроҷ, Худо раҳматаш кунад, ба ман нақл карда буд, ки вақте дастгираш мекунанд, як руси коркуни комиссиариати ҳарбӣ ба ӯ мегӯяд, ки ба айбномаат ба ҳеҷ ваҷҳ имзо накун, ки ба қатл ҳукм мешавӣ. Ман ҳам дигар ба айбномаам имзо накардам. Маро ба ҷурми гӯё бо эшони Ҳоҷӣ бо Афғонистон алоқа доштанам ба 10 соли маҳбусӣ ва бадарға ба Сибир ҳукм карданд, гуфта буд дар сӯҳбат ба ман бобои Меъроҷ.

Падари мо табъи баланди шоирӣ дошт. Ба фикри мо Назри Яздонӣ дар пайи бобояш рафтааст. Шеърҳои Ҳоҷиро дар деворҳои хонақоҳҳо менавиштанд.

Як рубоӣ - муаммояшро дар ёд дорам:

**Номи бути ман ду мими як ҷиму ду лом,**
**Ин панҷ хуруфи мухталиф гашт тамом.**

**Аз сарҳади Рум то ба дарвозаи Шом,**
**Кас воқифи он нашуд, ки ин ном чӣ ном?**

Ҷавоби муаммо чист,
Намедонам.

Дар хонаи мо китоби бисёр буд. Дар ёдам ҳаст, ки як хона китоб доштем. Боми хонаи мо мечакид. Тобистон, ки мешуд модарам китобҳоро баҷоӣ болои бом бароварда афтов мекард. Пӯсидагиҳояшро ба ман дода мегуфт, ки бурда ба дарё партоям.Баъд ман аз қафои хондан шудам. Дигар намедонам, ки китобҳо чӣ шуданд. Дар Афғонистон гуфтанд, ки пеш аз ба Афғонистон рафтан китобҳоро дар намад печонда дар таги даҳлез гӯр кардаанд. Акоям Раҳматуллоҳ муаллим буд. Метавонист, ки ҳамон китобҳоро оварда ба китобхонаи ба номи Фирдавсӣ супорад. Вале, мутаассифона, ин кор сурат нагирифт, зеро дар вуҷуди мардум як тарс ҳукмрон буд.

## Муҳоҷиркунии мардум

Мардуми оддии Вахё ниҳоят қашшоқ буданд. Барои муҳоҷир кардани мардум то деҳаи Скад роҳи мошингард сохтанд. Мардум ба ҷуз як кӯрпаву як намад, сару либоси худ дигар қариб чизе надошт. Дар як мошини "Полуторка" қариб кӯчи чанд оиларо бор карда ба водиҳо меоварданд. Бобоҷон Ғафуров, собиқ роҳбари ҷумҳурӣ дар назди чанд нафар аз муқаррабонаш борҳо мегуфтааст, ки "ман гоҳҳо барои муҳо-

ҷир кардани мардуми кӯҳистон худамро сарзаниш мекунам. Вале ҳамин ки ба водии Вахш рафта зиндагонии беҳтари ҳамин мардумро мебинам ва ободии ин ҷойҳоро мебинам боз аз фикри пештараи худам бармегардам. Яъне аз кори шуда ибрози қаноатмандӣ мекунам. Хуб шуд, ки мардуми кӯҳистонро ба водиҳо муҳоҷир кардем".

Мардум маҳсулоти чорвои худро фурӯхта либосворӣ мехариданд. Либоси он вақт карбос буд. Аз карбос поҷома мекарданд. Як ҷомаи шаҳиро чанд кас дар тӯйи хеш мепӯшид. Бо як куртаи арӯсӣ чанд духтарро ба хонаҳои шавҳаронашон мебурданд.

## Дар бораи ҳазрати Бурх

Тибқи ривояти мардум баъзеҳо асли баромадашро аз Индонезия медонанду баъзеҳо аз Арабистони Саъудӣ. Ҳамон шайх ҳазрати Бурхро дар қишлоқи Боршид меёбад, на дар қишлоқи Шайхо, он ҷое, ки ҳоло мақбара пойбарҷост. Ин шайх барои ҷамъ кардани ҳезум он ҷо меравад. Дар вақти ҷамъ кардани ҳезум овозе мешунавад: "Ай марди Худо, бор шид". Шайх баргашта нигоҳ мекунад, ки дар ғоре мардеро мебинад, ки чеҳрааш чун маҳтоб равшанӣ медиҳад. Ин мард ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ буд, ба ӯ мегӯяд, ки чун маро ошкор сохтӣ акнун барои ман мақбарае бисоз. Шайх мегӯяд, ки ман бебизоатам. Коре карда наметавонам. Бурх мепурсад, ки дар хонаат чӣ дорӣ?

Мегӯяд, ки як каме гандум. Пас ҳамон гандумро бурда ба осиёб рез ва болои дӯлро бо латта пӯшон. Чи қадаре лозим шавад, орд бигир. Танҳо болои дӯлро накушо, мегӯяд Бурх. Шайх ҳамин корро мекунад. Соҳиби орди бисёре мешавад ва ҳамаи корҳоро ба ҷо меорад. Шайх як зани "шаттоҳ" доштааст. Ҳайрон мешавад, ки ин қадар ордро шавҳараш аз куҷо меёфта бошад. Рафта рӯмолро аз болои дӯли осиёб мегирад, ки ду кафтар аз дохили он парвозкунон ғайб мезананд. Баъди ин кор осиёб аз кор мемонад. Бурх ба шайх мегӯяд, ки барои сохтмони мақбара мардумро аз Нишонсанги Хуллоз даъват кун. Хишти мақбараро дар Сангвор пухта даст ба даст ба деҳаи Шайхо овардаанд. Ақидаи дигар низ ҳаст, ки тибқи он хиштҳоро дар танаи гӯсфандҳо баста ба Шайхо овардаанд. Барои зиёфати мардуми ҳашаракӣ як оҳуеро, ки худаш барои қурбонӣ шудан ба назди мардуми ҳашаракӣ меояд, забҳ мекунанд. Ин оҳу дар он тарафи дарёчаи Оби Мазор худро ба куштан медиҳад. Дар ҷои забҳи оҳу замин сурх аст. Мегӯянд аз хуни оҳу ин замин сурх гаштааст. Ин хоки сурхро мардуми зиёратакӣ бо худ гирифта ба мақсадҳои табобатӣ истифода мебаранд. Мақбараро мегӯянд дар як рӯз сохта ба итмом расондаанд. Фақат дуредгарон мехоҳанд, ки кори часпондани дару тирезаро ба фардо бигузоранд, ки сарҳояшон баъди гуфтани ин гап ба қафо метобад. Чун мефаҳманд, ки нияташон хайр нест, пеши Худо зора мекунанд, ки шифояшон биди-



***Неъматуллоҳи Абдуллоҳ, Хикматуллоҳи Абдуллоҳ, мулло Салими Абдурашид ва Султони Ҳамад***



***Пули Тавилдара, июли 2005***




***Овезаи масҷиди ҷомеи ба номи эшони Султон дар Ёзганд***



***Оромгаҳи бузургворе дар деҳаи Хур***



*Оромгаҳи мири Нуъмонбӣ дар Найгуфт*



*Пули деҳаи Сангвор. Акси солҳои 60-уми асри гузашта*



***Пули Тавилдара, июли соли 1972***



***Рӯи Деҳ сабзу мардумаш хуррамanд***



***Сохтмони масҷиди нав. Июли соли 2005***



***Сохтмони масҷиди Бурхи Валӣ идома дорад. Августи 2008***



***Султони Ҳамад ва усто Абдурашиди Иставравшанӣ***



***Султони Ҳамад, Тоҷмони Сулаймон ва Девлохи Бердӣ, Лоҷирк, июли соли 1972***



*Сунатуллоҳи Абдуллоҳ, яке аз ободкунандагони мақбараи ҳазрати Бурх бо писараш муаррихи шинохтаи тоҷик Раҳматуллоҳ Абдуллоев*



*Суҳбат бо бобои Ҳисорӣ Шарифов*




***Торуга хонаи бобои Ҳисорӣ***



***Турбати Хоҷа Алоуддин дар деҳаи Лангар***



*Фаввораи мазори Бурхи Валӣ*



*Ҳоҷи Маҷиди Сангворӣ бо писараш мулло Салим*



***Ҷамол Бузруков, Неъматуллоҳ Сафаров-олимони маъруфи кишвар ва бобои Олими 75-сола. Деҳаи Сангвор, августи 1972***



***Хӯроки чорвои Вахё гулу гиёҳи шифобахш аст***



***Эшони Мӯсо, эшони Нурмуҳаммад бо писаронаш эшони Абдурозиқ ва Бурхвалӣ. Сентябри соли 2005***



***Як гуруҳи бошандагони деҳаи Найгуфт, апрели 1997***



*Дарёчаи Оби Мазор ва аз дур манзараи қаторкуҳи Пётри як*



*Мазори Бурхи Валӣ. Июли 2005*




*Лавҳаи ёдгории шаҳидони ҷанги шаҳрвандӣ*



*Зиёрати Бурхи Валӣ аз тарики чарҳои Двадг*



***Гилхонаи хишти мазори Бурхи Валӣ дар деҳаи Сангвор***



***Акаи Саиди Сулаймон аз Найгуфт***



***Шайхи Муҳаммадшариф аз деҳаи Шайхо, июни соли 2006***

***Муҳри эшони Султон***




یامعشر الطالبین باجمال الباب
فاعتبروا فهرس هذا الکتاب
فصل الخطاب لوصل الاحباب
من عمدة الابدال و قدوة الاقطاب
یعنی از خواجه محمد پارسا علیه سحائب الرحمة صباحا و مسا
Литографія Гуламъ Хасанъ Арифджанова
Стар. Ташкентъ

***Саҳифаи аввали китоби Фаслулхитоб-и Муҳаммади Порсо***

***Султони Ҳамад ва усто Абдурашиди Истаравшанӣ***



ҳад, онҳо корро ба анҷом мерасонанд. Худованд дуъояшонро иҷобат намуд. Онҳо дарҳол кори худро ба поён расонданд ва мақбара дар як рӯз бино шуд.

Дар бораи ҳазрати Бурх ривоятҳои зиёде дар байни мардум вуҷуд доранд. Тибқи яке аз онҳо дар замони ҳазрати Мӯсо (а) чанд сол хушксолӣ ба вуҷуд меояд. Мардум ва худи Мӯсо(а) ҳар қадар пеши Худо дуъо мекунад, ки барояшон борон фиристад, вале дуъояшон иҷобат намешавад. Ҳазрати Мӯсо (а) сабаби инро аз Худо пурсон мешавад. Худованд мегӯяд, ки дар фалон ғор як девонае ҳаст. Бирав пеши ӯ бигӯ дуо кунад. Дуъояшро мустаҷоб хоҳам кард. Мӯсо (а) ба ҳамон ғор рафта ҳазрати Бурхро пайдо мекунад ва баъди дуъои ҳазрати Бурх борон мешавад.

- Дар Вахё як анъана ҳаст. Борони зиёд ҳам ки борид, гов мекушанд, борон меистад. Муддати дароз борон наборад ҳам гов мекушанд, борон меборад. Чунин говро гови ҳазрати Бурх мегӯянд. Онро аз таваллудаш назри ҳазрати Бурх гуфта парвариш мекунанд.Масалан, зани қорӣи машҳури Вахё қорӣ Зубайд як гӯсоларо бо ҳамин ният ба писаронаш фармудааст, ки парвариш намоянд. Дар панҷ сол як барзагови бузургҷуссае шуда буд. Онро гирифта бурда дар ҳамон мазори ҳазрати Бурх забҳ карда як миқдорашро хӯрок карда ба мардуми зиёратакӣ доданд, қисми дигарашро хомгӯшт карда тақсим карда ба хонаҳояшон оварданд. Қариб ҳар як сокини Вахёи Боло дар хонааш чорвое-

ро, асосан говеро, назри Бурх гуфта парвариш карда меоянд. Ин анъана солҳо давом дорад. Шояд Акбарро шиносӣ, аз Ҷиликӯл аст. Говаш ду гӯсола зоид. Эълон кард, ки гӯсолаи нарашро назри Бурх мекунад. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ мардум сарсону саргардон буданд. Баъзеҳо аз водӣ ба кӯҳистон омада дар ҳамин ҷо зиндагӣ мекарданд. Маълум буд, ки чизеро бо худ аз он ҷо оварда натавонистанд. Хонаводаи Абӯсаид аз ҳамон ҷумла буд. Як писарашро бояд зан медод. Чизе надошт. Мардум кӯмакаш карданд. Акбар гуфт, ки говашро, ки назри Бурх эълон кардааст ва хеле калон шуда будааст, ба Абӯсаид медиҳад. Ҳама розӣ шуданд. Абӯсаид говро дар тӯяш кушт.

Забҳи мол дар мазори Бурх қариб ҳар рӯз карда мешавад. Аввалҳо мардум гӯсфанд мекуштанд. Вақтҳои охир бузкушӣ расм шудааст. Аз ҳамин сабаб буз дар Вахё имрӯзҳо хеле камчин шудааст. Дар мазор усто Абдурашиди Истаравшанӣ бо шогирдҳояш бо корҳои тармим машғуланд. Онҳо як шолае доранд, ки даруни он қариб 20-30 бузу гӯсфанд ҳаст. Дар замоне, ки Мирзо Зиё вазири Вазорати ҳолатҳои фавқулодда буд, қариб 10 хизматчии низомии ин вазорат дар он ҷо ба усто Абдурашид дар корҳояш кӯмак мекарданд.

## Санги Мазор

**Зикри ту бар ҷон чу шаҳду шаккар аст,**
**Он тавофат ҳамчу ҳаҷҷи Акбар аст.**
**Кас туро ҳаҷ кард ҳаҷҷи он қабул,**
**Ҳаҷҷи бе ту несташ осон қабул.**

Ин мисраъҳо моли кӣ ҳастанд ба ман маълум нест. Вале медонам, ки дар китобҳое, ки дар бораи ҳазрати Бурх маълумот медиҳанд, ин мисраъҳо ҳастанд. Чанд сол пеш касе аз ихлосмандони ҳазрати Бурх онҳоро дар танаи санги мармаре ҳаккокӣ карда дар назди мақбараи ҳазрати Бурх он сангро мегузорад. "Малиш" ном зиёратакие ин мисраъҳоро аз ҳамон санг метарошад.

Ба фикри ман то имрӯз мутаваллиҳои мазори ҳазрати Бурх шахсони тасодуфӣ ҳастанд. Дар он ҷо киҳое мутаваллӣ набуданд. Дар он ҷо як олим, як донишманд, як тақводор, як орифу зоҳид, як мӯсафеде, ки аз дунё безор ҳаст, як одаме, ки илми қилу қолро медонад, агар он ҷо мутаваллӣ бошад, ман боварӣ дорам, ки яксола даромади Бурхи Сармасти Абдоли Валӣ ҳам бунёди мақбарааш мешавад ва ҳам роҳро то Тавилдара асфалт кардан мумкин.

Дости Бурут аз Файзобод, набераи амир Олимхон будааст. Маротибаи аввал вақте зиёрати мақбараи

ҳазрати Бурх меравад, марқадро чен карда рафта дар Қайроқум барои болои он ҳазрат як гилем фармоиш медиҳад. Маротибаи дуввум ҳамон гилемро оварда дар болои марқади бузургвор мегузорад. Дар як журнал хонда будам, ки Амир Олимхон дар Афғонистон 13 писар ва 14 духтар дошта будааст. Ба гуфтаи Дости Бурут аз ҳамонҳо феълан ҳашт касаш дар қайди ҳаёт будааст. Ӯ рафта дар Афғонистон аксарияташонро дида будааст.

Моҳи августи соли 2007 буд. Гуфтанд, ки набераи Амир Олимхон, ки дар яке аз масоҷиди Дубай имом хатиб будааст, барои зиёрати ҳазрати Бурх омадааст. Маро гуфтанд, ки роҳбаладиаш кунам. Мошини мо дар он тарафи об буд. Бо мошин онҳоро бурдам ва овардам. Ба ман як ҷойнамоз тӯҳфа кард. Зани мири шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев ҳам боре порсол барои зиёрат рафта буд. Барои тамоми мардуми Сангвор ҷома, ҷойнамоз, тоқӣ туҳфа кард. Барои мазор ҳам гилем ва матоъҳои ҳар хела партофта рафт. Баъдан як бачаро фиристодааст, ки рафта бин чизҳои ман дар мазор ҳастанд ё не? Оё дар мазор чиз мемонад? Ҳамаашонро обу лой карданд. Лекин касе, ки аз мазор хӯрд баракат надид. Як одами боинсофе бошад, ки ними даромадашро дар ҳамон ҷо сарф кунад, бас аст.

***Ин суҳбат рӯзи якуми феврали соли 2008 дар хонаи Ҳоҷӣ Ҳурматуллоҳ дар Душанбе баргузор гардид.***

## СУҲБАТ БО НАЗРИ ЯЗДОНӢ ШОИР ВА ФАЙЛАСУФИ МАЪРУФ

**-Шумо дар бораи бобоятон эшони домулло Мӯҳточ, ки яке аз донишмандони маъруфи замони худ буд, чи гуфта метавонед?**

Бобоҳои мо, яъне эшонҳо, дар даврони амирӣ қурбу манзалати академикҳои имрӯзаро доштаанд. Пештар академикҳои мо кор мекарданд ва ё намекарданд, 300 сӯми шӯравиро мегирифтанд. Ин пули калон буд. Ҳоло бошад академикҳо тақрибан 70 ё 100 доллари амрикоӣ мегиранд. Заминҳои зиёдеро дар Вахё ба бобоҳои мо амири Бухоро туҳфа кардааст. Даҳяки ҳамин заминҳоро бо амри амир ба онҳо медодаанд. Дар баъзе ҷойҳо ин ҳисса шояд бештар бошад.

Дар масъалаи бобоям ҳаминро мегӯям, ки боқимондаҳои бинои китобхонаашро соли 1971 ман рафта дар Сангвор дидам. Тахминан 4 дар 7 метр будааст. Мегӯянд дарунаш пури китоб будааст. Фонди дастхатҳои Академия имрӯз тахминан ҳамин қадар ҷойро ишғол мекунад ва 2700 китоб дорад. Ҳамон вақтҳо як қисми китобҳои бобиоямро Н.Кисляков дар харҳо бор карда аз Сангвор то Лайрон оварда аз онҷо тавассути ҳавопаймо ба Ленинград бурдааст. Қисми дигарашро дар пӯсти гӯсолаҳо печонда дар ҷойҳои амн пинҳон карда

будаанд. Дар таги сангу калпҳо. Бибиям мегуфт, ки аз тарси он ки омада моро азоб надиҳанд, китобҳоро шабона гирифта бурда ба дарё мепартофтанд. Фишору таъқиби ашхоси соҳибилм чунон зиёд шуд, ки бархе дигар барои халосии ҷони худ ва фарзандонашон ба Афғонистон фирор мекарданд. Аз он ҷумла бобои ман ҳам, эшони домулло Муҳтоҷ, ба Афғонистон фирор кард. Бо ҳамроҳии бобоям эшони Муҳтоҷ вои каттаам (амакам) эшони Адумалик ва вои катааи дигариам Нурулҳақ, яъне писарҳояшон, рафта буданд. Онҳо ҳамон вақт дар Афғонистон қисса кардаанд, ки китобҳоро печондем дар намад ва намадро печондем дар қолин ҳамроҳи ду туфанг дар даҳлези хонақоҳ, яъне масҷиди бобоямон, дар чуқурии баробари қади одами миёнақад онҳоро онҷо гӯр кардем. Махсуми Абдушукур, ки то ҳамин наздикиҳо зинда буд, нақл кардааст, ки эшони бобои мо марди қадбаланди чашмони калон ва китфҳои паҳн доштааст. Муридонаш ӯро бисёр дӯст медоштаанд. Ӯ ҳамаи корҳои кишоварзиро аз шинондан то хишова кардан ва об додану даравидан худаш мекардааст. Ҳатто дар вақти кӯфтани ғалла, дар вақти бод додан, худаш бод медодаст. Дар ҳамин вақт ҳам шогирдонаш дар паҳлӯяш ӯро наззора мекардаанд ва вақте медиданд, ки гарду чанг ба риши дарозаш менишастааст, гирякунон пешниҳоди кӯмак мекардаанд, вале эшони домулло Муҳтоҷ ба ин кор иҷоза намедодааст. То ин дараҷа ӯ ба талаботи

тариқаташ пойбанд будааст.

Мусайяб ном як хешамон, ки шахси дар гузашта нашъаманд будааст, боре ба ман қиссаи зеринро кард: Баъди ба Афғонистон рафтани эшони домулло Мӯҳтоҷ як шаб калонҳои Сангвор аз ҳисоби роҳбарияти ноҳия мехоҳанд арақнӯшиву базму бозӣ кунанд. Каҷак ном ҳофизи дуторнавозе будааст. Дар ҳамон базм мехоҳад, ки дуторашро ҷӯр карда ҳофизӣ намояд. Ӯ ҳанӯз ҷӯркуниро шуруъ накарда, ки яке аз ҳозирин мегӯяд, ки ку эшони Муҳтоҷ, ки ҳофизиву кайфу сафои моро бинад? Ин гапро барои он мегӯяд, ки дар вақти будани эшон касе ҷуръат намекард, ки ҳофизӣ ва рақсу бозӣ кунад. Он шахс суханашро тамом накардааст, ки дутори Каҷак аз сар то ба поён ду ними рост мешавад. Мусайяб ин қиссаро мегуфтаасту гиря мекардааст.

Эшони Муҳтоҷ одами мулоим ва хоксор будааст. Вале устоди сахтгир. Чунончи шогирде доштааст. ки бо тахаллуси Ҷонона шеър мегуфтааст. Ахлоқи хуб надоштааст. Ба ҳамаи шогирдонаш хати Иршод додаст, вале ба ӯ надодааст. Хешу таборaш изҳори норозигӣ кардаанд. Вале, дар ҳақиқат, баъд дидаанд, ки рафтори хуб надоштааст. Дар китобҳои Ҳабибов намунаи ашъори Ҷонона оварда шудааст.

Эшони домулло Муҳтоҷ як бародар дошт бо номи домулло Файзуллоҳ, ки дар Кӯлоб зиндагонӣ мекард. Домулло Файзуллоҳ аз эшони Муҳтоҷ тахминан даҳ сол хурд будааст. Ин қиссаро акаи Ҳайдар, додари

Усмон Ҳасанов ба ман нақл кард. Дар институти омӯзгории Кӯлоб хондааст. Домулло Файзуллоҳ ба ӯ гуфта будааст, ки ӯ дар як замон бо Садриддин Айнӣ дар мадрасаи Бухоро хондааст. Дар мадраса ҳам Айнӣ пешқадамтар аз дигарон будааст ва баъд дар давраи инқилоб низ яке аз лидерон шудааст. Баъдтар бошад дар сохтмони Тоҷикистони навин низ пешқадам аз дигарон будааст. Хулоса ҳамин аст, ки касе ки дониш дорад, ҳеҷ гоҳ хор намешавад. Яъне хондан даркор мегуфтааст, домулло Файзуллоҳ ба акаи Ҳайдар.

Домулло Файзуллоҳ аз Бухоро ба Вахё тахминан солҳои сӣ меояд ва ба акааш эшони Муҳтоҷ мегӯяд, ки "ака, ман дар Бухоро инқилобро ҳам дидам, ревкомро ҳам дидам, болшевиконро ҳам дидам. Онҳо ба ин ҷо низ меоянд ва молу мулкро аз сармоядорон гирифта ба камбағалон медиҳанд. Мо агар ин корро худамон кунем, касе ба мо кордор ҳам намешавад".

Эшони Муҳтоҷ гуфтааст, ки "ман медонам, ки ин чиз дар тақдири мо будааст. Ин минтақаро куффор гирифтанашро низ медонам. Медонам, ки баъдан ин ҷо тинҷ мешавад. Вале ман намехоҳам, ки рӯи куффорро бубинам".

Инро бояд бигӯям, ки дар Вахё ҷанг нашудааст. Махсуми Фузайл аз муридони бобоҳомон ҳаст, аз муридони эшони Султон. Эшони Султон дар Ёзғанд мешишт. Эшони Султон тағоимон мешавад ба мо. Аз авлоди бибиямон ҳаст. Аз хоразмиҳо ҳастанд аз авлодони қозӣ

домулло Валӣ, аз Бадриддин. Вақте ки Махсуми Фузайл меояд, эшони Султон мегӯяд, ки ҷанг набояд кард. Хуни ноҳақ бисёр мерезад. Барои ҳамин гап Махсуми Фузайл эшони  Султонро ба дор мекашад.

Нақл мекунанд, ки бобиям эшони Муҳтоҷ ҳанӯз русҳо наомада рӯяшро аз одамоне, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекардаанд, бо лунгӣ мепӯшидааст. Масалан, аз милисаҳо, аз мубаллиғони сохти нав ва ғайра. Ҳатто аз масофаи садҳо метр рӯяшро аз онҳо пинҳон мекардааст. Яъне рӯи куффорро набинам.

Мадрасаи аз ҳама машҳур дар ҳамон вақтҳо аз Файзободи мо боло мадрасаи Шаҳобиддини Ёзғандӣ будааст. Мадрасааш дар Ёзғанд будааст ва як шогирдаш ҳамин Абдулҳайи Муҷахарфӣ будааст, ки бо ду забон арабӣ ва форсӣ шеър мегуфтааст.

Мадрасаи дигари машҳур ин мадрасаи бобии мо мадрасаи эшони Муҳтоҷ будааст. Яке аз шогирдонаш Сӯфӣ Салоҳ будааст. Иҷтиҳод, муроқиба ва мушоҳида мекардааст.

Соли 1932 бобоям ҳамроҳи ду писараш Абдумалик ва Нурулҳақ ба Афғонистон меравад. Падариман Раҳматуллоҳ он вақт даҳсола будааст. Падарам нақл мекарданд, ки аз бозе ки худро мешинохтам дар Вахё ба мо "решаталх", "писари душмани халқ" гуфта мурочиат мекарданд. Синфи ҳафтро худораҳматии падарам дар Лоҷирк бо ҳамроҳии Ҳомидҷони Бадриддин, Талбак Садриддин, Назрак Зиёвуддин, эшони Халифа ва

боз се нафари дигар хондааст.

Дар Афғонистон Калоти Роғ гуфтани ҷой будааст дар минтақаи Бадахшон ба ҳамон ҷо меравад. Дар Афғонистон мехоҳад боз аз сари нав хонадор шавад. Ба хонаи як марде барои хостгории духтараш меравbooнд. Духтар розӣ намешавад. Шояд сабабаш ҳамин бошад, ки мардуми муҳоҷир то дер боз мавриди шубҳа қарор мегирифтанд. Вале ҳамон шаб кӯрпаи духтар дар мегирад. Баъдан розӣ мешаванд. Ӯро даъват карда духтарашонро медиҳанд. Соли 2006 амакҳоям эшони Ҳайратуллоҳ ва эшони Ҳурматуллоҳ, бо ҳамроҳии бачаҳояшон ба Афғонистон ба макони зисти бобиям сафар карданд.Дар ҳамин сафар бо як мӯйсафеди 94- сола, ки мегуфтааст шогирди бобоям будааст, вохӯрда сӯҳбат кардаанд. Феълан аз бобоям 38 хонавода боқӣ мондааст. Аз писарҳояш, яъне Абдумалик ва Нурулҳақ ҳамин қадар хоҷагӣ боқӣ мондааст. Ҳоло абераву чабераҳояш хонадор шудаанд. Дар ихтиёр заминҳои зиёди лалмӣ доранд. Зиндагиашон миёнаҳолона аст. Ҳамаи авлодонаш дар ҳамон тариқати бобиям ҳастанд. Аксарияташон дар Покистон таълим гирифтанд. Баъзеашон барои таҳсил ба Эрон рафтаанд. Мақбараи бобиям аз мазори умумӣ ҷудо аст. Ӯ дар як мавзеъ бо ҳамроҳи ду фарзандаш гӯр карда шудааст.

**- Оё ӯ ягон китобе навиштааст?**

Барои ман ҳам ҳамин чиз бисёр ҷолиб аст. Зеро аз

он муносибате, ки ӯ бо китоб дошт, ҳаргиз намешуд, ки худаш китоб нанависад. Ақаллан ягон дафтари ёддошт надошта бошад. Ақаллан мактубе барои бозмондагонаш дар ин тараф нанавишта бошад. Бо доштани мадрасаву масҷиду хонақоҳ ӯ наметавонист китоберо дар бораи сафараш нанависад. Доғи зиндаҷудоӣ хеле бузург аст. Падарам худораҳматӣ ҳамеша падарашонро ёд карда "эшон, эшон" гуфта афсӯс мехӯранд. Боре ба ӯ гуфтам, ки "падарҷон, чӣ ин қадар аз он касе ёд мекунед, ки ба шумо на нон додааст, на курта кардааст, на ғами шуморо хӯрдааст". Ӯ бо тундӣ ба ман гуфт, ки "ту қадри падарро чӣ медонӣ?" Падарам феврали соли 1990 вафот карданд.

**- Ба ҳар ҳол китоб доштааст ё не?**

Дар тариқати нақшбандия аслан дар Қуръон аст ин гап, ки кам гӯйю бисёр амал кун. Як оят аст дар сураи "Нур" Бисмиллоҳир раҳмонирраҳим. Ин оят мегӯяд, ки мардоне ҳастанд, тиҷорат харидан ва фурӯхтан, яъне шуғли дунявӣ кардан онҳоро аз ёд кардани Худо, барпо доштани намоз ва додани закот ва тарси рӯзи охират боз намедорад. Яъне кори дунёро мекунанд, ҷаҳр намекунанд. Дар тариқати мо, дар тариқати нақшбандия ҷаҳрро дӯст намедоранд. Зоҳирпарастӣ нест дар ин тариқат. Барои чӣ? Барои он ки дар ахлоқи пайғамбари мо будааст, ки як кас мехестааст ва мегуфтааст,ки ман таҳорат кунам. Ё ман рафта намозамро хонам. Аз ин суханҳо ҷаноби Расули акрам (с)-ро хуш намеома-

дааст. Мегуфтааст, ки ин хел нагӯед, ки ин як навъ миннат кардан аст Худоро. Дар ҳамин ҷо савол ба миён меафтад, ки ҳамин бобои мо ва шахсони ба ӯ монанд оё намедонистаанд, ки дар дунё лаззатҳое ҳаст? Хушиҳое ҳаст? Фарз кардем, мошин ҳаст, ҷаҳонгардӣ ҳаст, хонаҳои хуб сохтан ҳаст. Бобои мо ҳаргиз қашшоқ набуданд. Лекин як калима ҳаст, калимаи қуръонӣ "кифоят" мегӯянд. Доройӣ бояд дар ҳамин ҳад бошад. Ин ҳад миёнаҳолӣ нест. Аз миёнаҳолӣ болотар аст. Чунки мусулмон ҳуқуқ надорад дар қашшоқӣ ба сар барад.

Он сухан, ки Худованд фақрро дӯст медорад, ин дурӯғтарошӣ аст. Мусулмон бояд ҷаҳд кунад, ки қашшоқ набошад. Сухани ҳазрати Алӣ ҳаст, ки қашшоқӣ аз дар даромад, куфр аз дарича медарояд. Вале мӯъмин дилбастагӣ ва муҳаббат ба доройӣ надошта бошад. Дунё дар Қуръон мазаммат намешавад. Парвардигор дар китобаш мегӯяд, ки ҳар он чизеро ки Ман офаридам, Ман барои хотири одам офаридам. Худованд манъ накардаст зиндагии хубро. Худованд дӯст намедорад масрафкунандагонро. Агар ҷомеъаи мо 30 дар сади гуфтаҳои Худовандро бикунад замин ба биҳишт табдил меёбад. Зиндагӣ хуб мешавад. Вале афсӯс ки ин тавр нест. Вале бобои мо ҳамин чизҳоро риоя мекарданд. Ба ҳамин шакл зиндагӣ мекарданд. Муҳим чӣ ҳаст? Бародарамон Аҳмад Зоҳир таронае дорад "Мард намирад ба марг марг аз ӯ ном ҷуст" Дар қуръ-

они маҷид ояте ҳаст: **«нагӯ дар бораи онҳое, ки мурдаанд, дар роҳи Худо (яъне дар роҳи рост, дар роҳи ободӣ, яъне на дуздидан, на куштан, дурӯғ нагуфтан, ҳаромӣ накардан, покиза зиндагӣ кардан аст), ки онҳо мурдаанд".** Бобои мо дар ҳамин масир зиндагӣ карданд. Машрабашон ҳамин будааст.Мутаасифона, ин чизро дар бораи бархе аз муллоҳои ин замона гуфтан наметавонем. Шариати Парвардигор, шариати Муҳаммадӣ шариати намоиш нест. Бобои мо фикр мекунам, ки оқибаташон саъид аст.

Вақте ки Увайси Қаранӣ аз дунё гузашт як бузурге гуфт:

"Оша ҳамидан мота саъидан" -Зиндагӣ кард ҳамидона,яъне покиза ва мурд босаъодат, хушбахт".

Аз садақа додана як сухани хуб гуфтан беҳтар аст. Зеро барои садақа рӯзе миннат мешунавад, вале барои сухани нек гуфтан не.

Барои ман як чиз хеле муҳим аст. Таърихи ҳамин миллатро баъзеҳо аз Авасто гирифта севуним ҳазор сол мегӯянд, баъзеҳо онро беш аз панҷ-шаш ҳазор сол медонанд. Фарз кардем ҳамин севуним ҳазор сол ҳам бошад. Дар ҳамин муддат ба ҳамин миллат фурсат надоданд, ки қоматашро рост кунад. Дар урфият мегӯянд, ки агар ба касе ҷазо доданӣ бошӣ маҷбураш кун, ки се бор бикӯчад. Инро бинед, ки ҳамин миллат дар ҳамин таърихи дуру дароз имконияти дар як ҷо истода обод кардани шаҳреро надоштааст. Мо мегӯем Самарқанд

сохтем, Бухоро сохтем. Вале, воқеан, моро намонданд, ки ҳамин шаҳрҳоро ба он дараҷае ки лозим ҳаст, бисоземаш. Шумо китоби "Шоирони ҳамасрони устод Рӯдакӣ"-ро доред. Бубинед, ки аксарияти шоирон аз куҷоанд? Аксарият марвазӣ ҳастанд, сарахсӣ ҳастанд, марвӣ ҳастанд, ё омулӣ ҳастанд. Яъне дар асри 9-10 маркази тамаддун, чи хеле ки мегӯянд, Марву Самарқанд буд. Қаблан Хоразм буд. Ин гапҳо ба бобои ман чӣ дахл доранд? Ин гапҳоро барои он мегӯям, ки охир ин миллат як дами осоиш надоштааст, ки қоматашро рост кунад, хотирашро ҷамъ кунад ва коре кунад барои ояндаи худ. Барои мисол, зиндагонии ман намуна шуда метавонад. Ман соли 1987 корро дар Иттифоқи нависандагон бас карданӣ будам.

Раҳматии падарам мегуфт, ки "Тадбир кунад бандаву тақдир надонад". Мо тадбир мекунем, вале тақдир дигар чиз мекунад. "Тақдири Худованд ба тадбир намонад".

Соли 1987 дар нақша чопи панҷ китоби ман дар назар дошта шуда буд Дар Молдавия ,Украина, дар Москва, дар Ӯзбакистон ва се китоб дар Тоҷикистон. Яъне ҳафт китоб будааст. Ҳаққи қалами ин китобҳо барои даҳ соли зиндагии ман мерасид. Он замонро худатон нағз медонед. Мо ба таври худ барои худ тадбир кар дем.Вале тақдир дигар корро кард. Ман ин гапро барои он гуфтам, ки шояд тақдири бобоям низ ҳамин гуна будааст. Ҳеҷ мумкин нест, ки китобе надошта бошад. Сар-

гузашти бобову падару ман шояд як филми доманадор шавад. Дар саргузашти бобои ман тақдири як миллат, таърихи як миллат нуҳуфтааст.

Абдураҳмон писари домулло Ато (домулло Ато аз авлоди қозӣ Бадриддин аст) қатӣ бобом рафтаанд. Вои катам (амакиам) инҳоро гузаронида худаш нагузаштааст. Ҳамроҳаш шогирдони наздикаш гузаштаанд. Яке аз онҳо мавлавӣ Музаффар, ки хоҳараш холаи Лола дар Ҷиликӯл буд. Мавлавӣ Музаффар дар Қундуз зиндагӣ мекард.

Бобии Меъроҷи ҷиликӯлӣ домоди эшони домулло Муҳтоҷ аст. Бобоям 9 зан гирифта будааст. Чор зани шаръиву дигарҳояш халифа. Аз дигар занҳояш фарзандонаш домулло Баракат, домулло Абдурасул ва ғайра, ки мутаассифона, ҳамаашонро мо намедонем. Аз домулло Баракат фарзанд намондааст, чунки ҷавонмарг шудааст. Аз Абдурасул холаи Сайфура дар Кӯлоб. Баъд Асаҳҷон дар Панҷ мондааст. Акаи Ҳурматулло ва акаи Ҳайратулло дар замоне, ки бобиям ба Афғонистон меравад, кӯдакони ширмак будаанд. Ҳурматуллоҳ шашмоҳа, Ҳайратуллоҳ яксола будааст. Модарҳои инҳо алоҳида будааст.

Таҳқиру азобу шиканҷа аз сӯи ҳукуматдорон болои хонаводаи бобиям хеле зиёд будааст. Масалан, боре пойи акаи Ҳурматуллоҳ сангкӯб мешавад ба кори колхоз намебароянд. Раиси колхоз, ки номашро медонам, вале шарт нест ифшо кардани он, омада мегӯяд, ки "ку-

ҷост ин решаталх, морбача?". Акаи Ҳурматуллоҳро, ки пояш аз варама чун як шалғам сиёҳ шуда будааст, бибиям дар даруни танӯр пинҳон карда будааст. Раис ки дар пой мӯзаи хироми сахт доштааст, аз асп фаромада даруни дегдонро кофта акаи Ҳурматуллоҳро аз он ҷо бароварда ба ҳамон пои варам кардааш бо шатта мезанад, ки чирку зардов ба ҳама ҷо пош мехӯрад.

Дар ҳамон вақт дар Вахё Погорелов ном русе Комиссари ҳарбии ноҳия будааст. Падарам чанд бор ариза навиштааст, ки ба ҷанг меравам. Вале азбаски муаллим будааст, Погорелов мегуфтааст, ки шумо муаллим ҳастед, барои ҳамин "брон" доред, яъне дар ҳифзи давлат ҳастед, шуморо мумкин нест ба ҷанг бурдан". Ана ҳамин Погорелов азобҳои падарамро медидааст ва маслиҳат медодааст, ки аз ин ҷо ба шаҳрҳои калон бираванд. Вале падарам мегуфт, ки дар аввал гумон мекардам, ки ин ҳам намехоҳад ман дар Ватанам зиндагонӣ кунам. Вале баъдан вақте ки ба шаҳр омада дидам, ки дар ин ҷо касе бо касе кор надорад, баъд фаҳмидам, ки Погорелов барои беҳбудии ман мегуфтааст. Бобоям низ мегуфтааст: "Ё кӯҳи баланд ё шаҳри азим". Барои чӣ? Барои он ки фақат дар ҳамин ду шароит имконияти фикрро ҷамъ кардан ҳаст. Маърифатро васеъ кардан имконият бештар ҳаст.

Эшон асосан бо лаҳҷаи бухорой ҳарф мезад. Вале гоҳ-гоҳ бо шеваи Вахё суханҳояшро мегуфт, ки боиси хушҳолии шогирдони вахёгиаш мегардид. Масалан,

скирти алафро ё худ хави каҳро "амна" мегуфт.

**Маънои калимаи Бурхро Н.Кисляков «горный козел» гуфтааст. Дигар олимони русзабон низ ба ӯ тақлид карда ҳамин гапро гуфтаанд. Оё ин дуруст аст?**

Не, ин дуруст нест. Маънои калимаи Бурх донишманд аст. Дар замони ҳазрати Сулаймон котиб будааст. Ҳамон Бархиё. Дар замони Рӯдакӣ калимаи Вахшур будааст. Яъне донишманд, хирадманд. Дарёи Вахшро маънояш ҳамин донишманд ҳаст. Дар як шеъри ман ҳаст-ку? Дар "Чингизхӯраҳо" ҳаст. Дар ҳамон саргузашт навишта будам, ки

**Девони Мавло дар бағал дарёи донои дарӣ,**
**Ин дафтари нохондаро охир куҷоҳо мебарӣ?**

Дар ҳамон давр ду калима машҳур буданд. Калимаи Вахшур ва калимаи фарраманд, яъне инсоне, ки дар ҷабинаш нури илоҳӣ дорад, яъне фаррух. Ин ду калима машҳур будааст дар замони Рӯдакӣ. Аша, яъне солеҳ, Ашаманд, одами хушахлоқ, манфиатрасон.

Дар яке аз тафсирҳо гапи аҷоибе ҳаст. Омадааст, ки сабабҳои фазилати банӣ Исроилро мансух кардани Парвардигор баъзеҳо ҳашт мегӯянд, баъзеҳо се сабаб, ки маънияшон тақрибан як аст. Як сабабаш ин аст, ки (дар чанд ҷои Қуръон низ омадааст) онҳо каломи Парвардигорро таҳриф карданд. Таҳриф яъне чӣ? Ин таҳрифҳо ба Қуръону Инҷил дахл надоранд. Як мисол. Вақте ки Пайғамбари мо (с) "Ассалому алайкум" гуфтанро роиҷ карданд, яъне "саломатӣ мехоҳам ба шумо",

яҳудиҳо, ки дар як маҳдуда зиндагӣ мекарданд, дар ҷавоб мегуфтад "Асомакум", яъне "марги шуморо мехоҳам". Мо исломро бештар аз китобҳои яҳудиҳо омӯхтем. Аз Климович, Бертельс, Массе, ва ғайраҳо, ки албатта, китобҳояшон бо дарназардошти манофеи онҳо навишта мешуданд.

Дар як ҷои дигар омадааст: Аллоҳ таъоло таахузу, яъне баргирифт фазилатро (ба забони имрӯза бигӯем имтиёзҳоро) аз бани Исроил ва дод ба банӣ Исмоил. Исмоил (а) пайғамбарест, ки Расули акрам (с) аз ҳамон реша ҳаст.

**-Дар масъалаи будани номи ҳазрати Муҳаммад (с) дар Таврот оё шумо чизе гуфта метавонед?**

-Замони баъсати ҳазрати Муҳаммад (с) аз дини ҳазрати Мӯсо (а) дида дини масеҳият густурдатар буд. Маркази дин дар Наҷрон буд. Барои ҳамин ҳам насронӣ мегӯянд. Наҷрон як деҳа аст ҷои таваллуди Исои Масеҳ. Исои наҷронӣ низ мегӯянд. Дар Инҷили русӣ "Иисус из Назарета" мегӯянд. Дар ҳамин ҷо олимон маслиҳат мекунанд, ки чанд оятро иваз намоянд. Аз ҷумла дар яке аз ояҳои Инҷил гуфта шудааст, ки "меояд аз қавми худатон (арабу яҳуд қавми сомӣ ҳастанд) шахсе бо номи Аҳмад ва ӯ дини илоҳиро, яъне дини Мӯсо ва Исоро такмил, яъне хатм мекунад. Сухани ӯро гӯш бидиҳед ва ба ӯ бигаравед". Дар ин бора баҳсҳои зиёде ҳаст аз ҷумла дар китоби Аҳмад Дидот. Дар он замон одаме буд бисёр мӯътақид бо номи Барнаба аз

уламои бисёр муҳтарами насронӣ. Ин одам ин китобро ё якчанд нусхаи онро бо қимати ҷони худ пинҳон кард ва пас аз гузашти шиддати муқовимат онро ба мардум нишон дод. Ин китоб дар байни мардум ҳаст. Ояти қуръонӣ ҳаст, ки гуфта мешавад дар банӣ Исроил қисмати қалиле ҳаст, ки эмон доранд. Ба фикрам дар сураи «Бақара» ҳаст. Дар ҳамин оят гуфта мешавад, ки эмондории онҳо аз чеҳраашон ҳувайдо ҳаст. Онҳо дар пинҳонӣ ба ибодат машғул мешаванд. Аз иттилое, ки ман дорам, солҳои ҳафтод ин китоб дар хазинаи Ватикан пайдо шуд. Маълумот пахш шуд дар ахбори ҷаҳон, ки ин китоб пайдо шуд. Аммо дар бораи нашри ин китоб чизе чоп нашуд. То он ҷое ки ман медонам ин китоб вуҷуд дорад. Ва бо номи Инҷили Барнабо чоп ҳам шудааст. Ин ҳамон Инҷиле ҳаст, ки таҳриф нашудааст. Дар бораи китобе, ки шумо мегӯед, ман соли 1999 ё 2000 буд, дар кишлоқи худамон, дар хонаи Пирмуҳаммад бо як марди боршидӣ суҳбат кардам. Мутаассифона, номаш дар ёдам намондааст, гуфтанд, ки дар болои марқади ҳазрати Бурх дар Вахё китоберо дида будааст, ки ҳаҷмаш ба дарозӣ, бар ва ғафсӣ ду китоби "Фарҳанги забони тоҷикӣ" барин будааст. Тасаввур кунед, чор китоби "Фарҳанги забони тоҷикӣ"-ро паҳлӯи ҳам монем ва боз чор китоби ҳаминхеларо дар болои онҳо гузорем. Тахминан ҳамин гуна китобро он шахс дидааст. Шояд падараш мутаваллии ҳамон мақбара будааст, ки гуфт китобро баъди муҳо-

ҷират ба водӣ ҳамроҳашон оварда будаанд ва он китоб дар хонаашон, дар Қӯрғонтеппа, то давраҳои ҷанг будааст. Номи як касро гуфт, ки дар дасти ҳамон ҳаст.

Баъд ман аз ӯ пурсидам, ки ҳарфҳои ин китоб чӣ хелӣ буданд? Гуфт, ки ҳарфҳои ин китоб арабӣ набуданд. Агар ин китоб пайдо шавад ба бисёр саволҳо ҷавоб пайдо мешавад. Лекин далеле, ки ин китоб то солҳои духазорум буд, ҳаст.

**-Ман дар сӯҳбат бо як нафар марди солхӯрдае аз Ҷиликӯл чунин иттилоъ гирифтам, ки солҳои чилум ҳамин гуна китобро аз мақбараи ҳазрати Бурх гӯё Кисляков барои пажӯҳиш ба Ленинград бурдааст.**

Бале, бояд бигӯям, ки Кисляков хизмати бисёр хубе барои миллати тоҷик кардааст. Лаҳҷаи Ғарм вуҷуд дорад, лаҳҷаи мардуми Мастчоҳ вуҷуд дорад, лаҳҷаи Айнӣ вуҷуд дорад, аз Дарвоз вуҷуд дорад, аз Ванҷ вуҷуд дорад. Дар Вахё чанд лаҳҷа буд. Масалан, мардуми Сангвор калимаи рӯзро мисли хуҷандиҳову самарқандиҳо талаффуз мекарданд: "Рӯӯз" Азбаски мардуми Вахёро пароканда муҳоҷир карданд, мисли дигар навоҳӣ якҷо набурданд, лаҳҷаи онҳо гум шуд. Ин муҳоҷиратро  Бобоҷон Ғафуров ташкил карда буд. Албатта, ин кори хуб буд. Обод кардани водиҳо, ҷои кор пайдо кардан, сарҳадотро боэътимод кардан ин аз ҷиҳати давлатдорӣ кори дурандешона буд. Вале ман як чизро намефҳмам. Барои чи  Ғармро танҳо нимашро, Мастчоҳи Кӯҳиро танҳо нимашро муҳоҷир кардан-

ду водии Вахёро, ки аз ду ноҳия иборат буд, ба пурраги мухоҷир карданд? Барои мисол ҳоло мастчоҳиҳо ҳам Мастчоҳи нав доранд ва ҳам Мастчоҳи кӯҳнаашон обод аст. Нимаш Масчоҳи Кӯҳнаро нигоҳ доштанд, нимаш Масчоҳи Навро обод карданд. Хубиаш ин ки муҳоҷиршудагон ҳама дар як минтақа зиндагӣ карданд. Аз чӣ сабаб Вахёро ҳама мардумашро саросар муҳоҷир карданд ва ба болои ин пароканда ба ноҳияҳои гуногун. Як қисм ба Шаҳритӯс, як қисм ба Ҷиликӯл, як гурӯҳ ба ноҳияи Панҷ, қисми дигар ба Вахшу Қумсангиру Колхозобод ва ғайра? Мардумро пурра кӯчонданд. Ҳам аз Вахёи Боло ҳам аз Вахёи Поён. Дар он ҷо касе намонд ба ҷуз чанд нафаре, ки худро ба девонагӣ задаву аз онҷо набаромаданд. Аз солҳои панҷоҳум то солҳои ҳафтодум қариб ки касе дар онҷо зиндагӣ намекард. Ин ҷойҳо бесоҳиб монданд. Онҷоро ба чарогоҳ табдил дода буданд. Ва дуввумаш ин ки чаро ҳамаи мардумро ба як ҷо накӯчонданд?

**Шояд мардуми Вахё ба табъи роҳбарони он вақт бо кадом сабабҳое маъқул набуд?**

Рости гап, дар бораи ин чизе гуфта наметавонам, вале чизи дигарро мегӯям: пиру кампири ин мардум бофарҳангу шеърдӯст буданд. Масалан, кампири Хиромон, ки дар Ҳисор зиндагӣ мекард, боре бадеҳатан гуфт:

**Дунё тарозист,**
**Найрангу бозист.**

**Мавҳуми авҳом**
**Оини дунё.**

Ин шеърро бо ҳамон лаҳҷаи кампирии худаш гуфт ва дар мавридаш гуфт.

Мо ҳамон вақт маънии шеърро нафаҳмидем, вале дар ёдамон монд. Баъд фаҳмидам, ки ин аз Бедил будааст ва маънои чуқур доштааст. Авҳом ин чизест, ки шабаҳашро фақат мебинӣ. Кадом шабаҳашро мебинӣ? Шабаҳи шабаҳашро мебинӣ. Яъне ба маънои ин ки қонунҳои дунё устувор нест, гузаранда ҳаст, дунё дар як қонун устувор нест. Як рӯз як гап асту рӯзи дигар дигар гап. Маърифат ва эҳтироми китоб дар Вахё будааст, эҳтироми мардуми босавод будааст. Риояти шариат бисёр сахт аст. Масалан нисбати шаҳр.

Як рубоии зерин аз ҳазрати эшони бобоямон ҳаст:

**Ба дунё дил набандад ҳар кӣ мард аст.**
**Ки дунё сар ба сар андӯҳу дард даст.**
**Бирав рӯзе ба гӯристон назар кун.**
**Ки ин дунё ҳарифонро чӣ кардаст?**

Ин байтҳо бошад аз раҳматии падарам ҳастанд, ки доим мегуфтанд:

**Бар ман зи падар на боғ монда,**
**На саҳни чаман, на роғ монда.**
**На молу на хонаи зиёда,**
**Алқисса аз ӯ чизе намонда.**
**Бар ман зи падар ба ёдгорӣ,**
**Мондаст ягона росткорӣ.**

**Ман низ ба тифли хеш ҳаргиз,**
**Ҷуз ин надиҳам дигар ягон чиз.**

Дар ҳақиқат, аз падарам ба ман ҷуз ин росткорӣ дигар чизе ба мерос намондааст. Вақте ман аз хонаи падар ҷудо шудам, чизеро бо худ набурдам. Баъди чандин солҳо либосовезакеро дар хона ёфтем, ки бо он падарам либосҳояшро овезон мекард. Либосовезаки чӯбине, ки солҳои панҷоҳум истеҳсол шудааст. Дар хонаи падарам ҳоло чор бародарам бо аҳли хонаводаашон зиндагонӣ мекунанд.

***Ин суҳбат рӯзӣ 16 -уми октябри соли 2007 дар мақари кории устод Назри Яздонӣ кафедраи фалсафаи ДМТ баргузор шуд.***

## ҚИССАИ ҚОСИМБЕК ВА ПИСАРИ Ӯ МИРЗО АКРАМ

**Ман ин қиссаро аз Каримшои сокини деҳаи Қизил Аскари ноҳияи Шаҳритӯс моҳи март соли 2009 шунидем. Ҳамин вакт Карим тақрибан 60 сол дошт. Карим писари Салим аст. Салим бошад писари Акрамбек. Акрамбек бошад бачаи Қосимбек аст. Қосимбек баъди хатми мадрасаҳои Бухоро дар кӯҳистони Вахё ба ҳайси амалдори аморати Бухоро кор мекард. Инак ҳикояти Каримро пешкашатон мекунем.**

Ман аз бибиям кампири Самирон ин нақлро шунидам. Дар он солҳое, ки муллоҳоро дар Вахё таъқиб мекарданд ба тарзи зерин ҳамаи онҳоро дастгир намуданд. Дар маркази ноҳия як чойхона буд, ки чойхоначии он Муҳиддини сархачӣ буд. Мақомоти дахлдор ба ӯ амр мекунанд, ки ҳамаи муллоҳоро ба чойхона даъват кунад ба баҳонае, ки маҷлис карда мешавад. Муҳиддин шояд ягон хубие аз бобоям дида будааст, ки ба ӯ гуфтааст, ба чойхона наравад, ки шояд ягон нияти баде дар ҳаққи муллоҳо мавҷуд аст. Ба гуфтаи модаркалонам вақти об додани гандуми навакак нешзада будааст. Яъне фасли баҳор будааст. Муҳиддинро роӣ мекунанд, ки бобокалони ман Қосимро, ки ба сабаби як вақтҳо амалдори амир Олимхон буданаш Бии Қосим низ мегуфтан-

даш, яъне падари бобои Акрам ҳисоб мешуд, ба ҳамон чойхона даъват кунад. Вале Муҳиддин ба бобоям мегӯяд, ки ман аз ту хубиҳои бисёр дидам. Маро барои овардани худат роӣ карданд, вале ман шуморо хабардор мекунам, ки ҳамаи муллоҳоро ҳукумат гирифтанӣ, барои ҳамин ҷонатро халос кун. Бобои Қосимбек бели обдиҳиро дар ҷояш гузошта қад қади оби Юзман ба ҷониби кӯҳ равона шуда чанд муддат дар он ҷо пинҳон мешавад. Баъди он ки дигаронро гирифта ба Тавилдара мебаранд ба комсомолҳо амр мекунанд, ки аз паи ҷустуҷӯи бобои домулло Қосим шаванд. Бобои домулло Қосим дар баландиҳо, дар зери як дарахти бишол пинҳон мешавад. Боре Нидо ном яке аз мӯйсафедони Вахё накл карда буд, ки дар вақти ҳамин кофтуков аспи яке аз ҷӯяндаҳо пои бобоямро зер мекунад, вале бобоям аз тарс чизе намегӯяд. Ҳамин тариқ баъди рафтани одамон бобоям болотар, ба девлохи (айлоқи) Врешгаҳӣ мебарояд ва дар онҷо дар даруни як кыр ё худ калп (сурохие дар танаи кӯҳ) чанд муддат меистад. Баъдҳо шабона ба хона омада фарзандҳояшро дар хоб бӯсида, хӯроку ғизо гирифта боз ба ҳамон ҷояш мерафтааст. Тирамоҳ вақте, ки хунук мешавад дигар дар он ҷо истодан имконнопазир мегардад. Барои ҳамин ҳам ба хона омада занбела (борхалта) доштааст, занбелаашро гирифта ба тарафи Дарвоз ҳаракат мекунад. Дар Дарвоз дӯстони хуб дошт. Ба назди онҳо меравад то тавассути онҳо ба Афғонистон равад. Ва ҳамин тавр ҳам мекунад. Дар Вахё бошад ба

ҷои ӯ бачааш Акрамбекро, ки хаттоти хуб будааст, гирифта ба Тавилдара мебаранд. Ҳамон вақт Акрамбек ду бача дошт, ки якеро Аҳмад мегуфтанд (тахминан 10-15- сола) ва дигареро Мухтор мегуфтанд (тахминан 6-8- сола). Дар байни муллоҳои ба Тавилдара бурдагӣ домуллои машҳури водӣ, домулло Қиёми 97 сола низ будааст. Гӯшҳои бобои домулло Қиём мегӯянд вазнин будааст. Вақте ки ба ӯ савол медоданд, Акрамбек саволҳоро дар болои хок менавиштааст бо ҳуруфи форсӣ, бобои домулло Қиём онҳоро мехондааст ва сипас ҷавоб медодааст. Бобои Акрамбекро баъдан ҷавоб медиҳанд. Бобои Акрамбек баъдҳо барои кор дар заводи пахта ба Сарои Камар ё худ Кировобод, ҳоло ноҳияи Панҷ меравад. Дар он ҷо баъди чанд муддат ба занбелааш молу чиз, ҳатто кафанӣ гирифта ба хотири дидани падараш Қосимбек ба Афғонистон мегузарад. Аммо дар Афғонистон бар асари кадом як беморӣ дар рӯзҳои аввали ба он ҷо рафтанаш дар яке аз саройҳои шаҳри Кундуз вафот мекунад. Мардуми он ҷо баъди бо ҳамон кафании худаш ӯро гӯру ҷӯб кардан мефаҳманд, ки ӯ аз Тоҷикистон омада будааст. Овозаи марги як ҷавони муҳоҷири тоҷикистонӣ ба гӯши Қосимбек мерасад. Вақте ки домулло Қосимбек аз одамони Акрамбекро дидагӣ чеҳраашро пурсон мешавад, мефаҳмад, ки ин писараш ҳаст ва рафта қабрашро канда ҷасадашро мебинад. Қосимбек ҳамон вақт дар Кундуз дар мадрасае муддаррис будааст. Ман ин нақлҳоро аз мӯйсафеди Абдусаттор па-

дари Муҳаммадшоҳ шунидам.

Як қиссаи дигарро дар бораи ба Вахё омадани Махсуми Фузайл аз Афғонистон аз ҳамон кампири бибиям шунидаам. Махсуми Фузайл пеш аз он ки ба Вахё биёяд, қаблан мактуб фиристода аз бобикалонам домулло Қосимбек хоҳиш мекунад, ки тайёрӣ бинад. Қосимбек мефармояд, ки нони бисёре пазанд то ба сарбозони Махсуми Фузайл баъдан бидиҳанд. Махсуми Фузайл вақте ки ба Вахё меояд ба хонаи домулло Қосимбек меҳмон мешавад. Баъдан аспашро ва худашро гирифта ба тарафҳои Ғарм меравад. Баъди шикаст хӯрданаш дар бозгашт яке аз эшонҳои Вахё, эшони Султонро ба дор мекашад. Ҷасади эшон вақте дар дор ором мегирад рӯ ба сӯи қибла меистад. Махсуми Фузайл мефармояд, ки ҷасадро тоб диҳанд. Ҷасад боз тоб хӯрда рӯ ба қибла меистад. Баъди ин ҳолро мушоҳида кардан Махсуми Фузайл мегӯяд, ки мо шикаст хӯрдем ва ҷанговаронашро ҷавоб дода худаш ба Афғонистон фирор мекунад.

Дар бораи Вахё Раҳмат, додари тағоии Фаттоҳ, бачаи домулло Ҳодӣ ва кампири Нана қиссаҳои хеле зиёд медонад. Таърихи Вахёро падари домулло Ҳодӣ навиштааст. Занаш апаи Назри Яздонӣ аст. Тағои Ҳодӣ бачаи Қозӣ домулло Валӣ мебошад. Боре ба ман Раҳмат қисса кард, ки падарамро хоҳиш кардам, ки таърихи Вахёро нависад. Панҷ сол ӯ китоби таърихи Вахёро навишт ва инак он дар дасти ман аст. Раҳмат худаш

муаллим буд ва баъди ба нафақа баромадан чанд муддат дар мадрасаи исломии Тоҷикистон низ мударрисӣ кардааст. Феълан дар Лоҷирки Вахё як гӯшаи онро обод карда бо зану фарзандонаш зиндагонӣ мекунад. Дар он ҷо боғи хубе кардааст. Домулло Ҳодӣ китобҳои зиёде доштааст, ки бо истифода аз онҳо ин таърихро навиштааст.

Дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997-и Тоҷикистон писарони Акрамбек, Аҳмад ва Мухторро, ки мутаносибан 70 ва 65 -сола буданд, силоҳбадастон ба қатл мерасонанд. Аҳмадро бо ҳамроҳии занаш кампири Моҳистон ва писараш Исматуллоҳ мекушанд. Аз оилаи Мухтор низ ба ҷуз ӯ занаш кампири Наҳтутӣ, писару келин ва як навасааш кушта мешаванд. Аз Қосимбек Сайфуллоҳ ном як писари дигараш дар Ҷиликӯл зиндагӣ мекард, ки ба иллати пиронсолӣ қабл аз ҷангҳо дар онҷо вафот карда буд. Аз ӯ писаре бо номи Сайхӯҷа монда буд, ки дар оғози ҷанги шаҳрвандӣ тахминан 35-36 сол доштааст. Ӯро низ силоҳбадастон бо худ бурданд ва ӯ мафқудуласар шудааст.

Худованди бузург арвоҳи гузаштагонро аз мо шод бигардонад. Омин ё Раббалъоламин.

## СӮҲБАТ БО ЭШОНИ САИДКАБИР ПИСАРИ ЭШОНИ САИДАҲМАД ДАР БОРАИ ШАҶАРАНОМАИ АҶДОДИ ОНҲО

**-Мӯҳтарам эшони Саидкабир, шумо дар бораи шаҷараномаи аҷдоди хеш чӣ гуфта метавонед?**

Шаҷараи аҷдоди мо мо аз ҳазрати Имом Ҳусайн шурӯъ мешавад. Шаҷараномаи мо дар шакли як номаи бузурге буд, ки феҳристи дарози номҳоро дошт ва баъди ҳар чанд ном мӯҳр гузошта мешуд. Ин шаҷараномаро падари бузургворам эшони Аҳмадҷон дар дасти қиблагоҳашон эшони Саидҷалолиддин дида буданд. Солҳои 37-уми асри гузашта дар як кофтуков кормандони амниятӣ ҳамин шаҷараномаро аз хона гирифта бурдаанд. Баъдан бо роҳҳои гуногун кӯшиш кардем, ки онро бозгардонем, вале дар амнияти Тоҷикистон ба мо гуфтанд, ки он ҳамон вақт ба Тошканд фиристода шудааст.

Дар айни замон мо оғози шаҷараномаи аҷдоди худро аз эшони Рӯзимуҳаммад, ки дар деҳаи Сайидони Сағирдашт зиндагӣ мекард, то имрӯз аниқ медонем. Падари эшони Рӯзимуҳаммад кӣ буд? Кай ба деҳаи Сайидон омадааст, ба мо дақиқ маълум нест. Ҳаминро аниқ медонем, ки эшони Рӯзимуҳаммад падари эшони Авлиёи Мирзораҳим аст. Дар навбати худ бошад

эшони Авлиёи Мирзораҳим падари эшони Шайх Шаҳобиддини Валӣ мебошад. Чи тавре, ки қаблан гуфтам Шайх Шаҳобиддини Валӣ соҳиби ҳафт фарзанд буд, ки яке аз фарзандонаш бобои мо эшони Саидҷалолиддин аст. Эшони Саидҷалолиддин, падари эшони Аҳмадҷон, яъне падари бузургвори ман, яъне банда эшони Саидкабир мебошад. Фарзанди ман эшони Саидрӯҳуллоҳ ном дорад. Фарзанди Саидрӯҳуллоҳ Саидмавлавӣ ном дорад.

Ҳамин тариқ аз эшони Рӯзимуҳаммад шуруъ карда то Саидмавлавӣ ҳашт пушт мешавад.

**-Мехостам дар бораи қиблагоҳатон ҳазрати эшони Саидаҳмад каме бештар суҳбат мекардем.**

Падарам, эшони Саидаҳмадҷон, соли 1918 дар Янқӯрғон таваллуд шудааст. Аз падарашон эшони Саидҷалолиддин панҷ бародару як духтар буданд. Эшони Муҳаммадҷон, бародари калониашон, баъд падари мо эшони Аҳмадҷон, баъд эшони Саидакбар, баъд эшони Саиданвар ва эшони Саиднуриддин. Ва аммаамон Бибиҳусния. Эшони Саиднуриддинро модараш дигар мебошад.

Баъд аз он ки бобиям Саидҷалолиддинро дар соли 1941 кормандони амнияти давлатӣ гирифта бурданд, падарам бо бародарону хоҳари хурдсолаш дар деҳаи Дараи Болои Симиганҷи ноҳияи Ваҳдат мемонад. Дар вақташ эшони Саидҷалолиддинро муридонаш аз Янқӯрғон ба ҳамон ҷо бурда будаанд. Падарам ва мури-

дони эшони ҳоҷӣ (Саидҷалолиддинро эшони Ҳоҷӣ низ мегуфтанд) бисёр кӯшиш мекунанд, ки эшонро аз маҳбас озод кунанд.

Кормандони мақомоти амниятии Тоҷикистон мегӯянд, ки эшонро намояндагони мақомоти амниятии марказ, яъне Маскав гирифтаанд ва рост ба Тошканд бурдаанд. Аммо тавассути муридони эшон дар Ӯзбекистон ба падарам ва хешовандонамон маълумот расид, ки вагоне, ки ӯро ба Тошканд бояд мебурдааст, ба Тошканд холӣ омада будааст. Яъне ӯро дар Тошканд ҳам гӯё касе надида будааст.

Барои ҳамин ҳам падарам доим фикр мекардааст, ки бобоямро, яъне эшони Саидҷалолиддинро ба ҳеҷ куҷо набурда шояд дар ҳамин Тоҷикистон нигоҳ медоштанд. Ба хотири озод кардани падар тамоми боигарӣ, гову мол, аспҳоро фурӯхта ба мақомоти амният медиҳад. Вале натиҷаи мусбатеро ба даст намеорад.

Баъдан ба ӯ фишор меоранд, ки пурсуҷӯро кам кунад, ки худи ӯро ба бало гирифтор мекунанд. Аз ҳамон деҳаи Дараи Симиганҷ муридони падар ӯро ба деҳаи Клитош, болотари Чоряккорон, меоранд. Дар он ҷо яке аз муридони падараш бо номи Наъим Собир раиси колхоз будааст.

Ба фикрам колхози "Победа" ном дошт колхозе, ки ӯ раис буд. Замон замони гушнагӣ буд. Мардум аз гуруснагӣ мемурданд. Ҳамин раис барои аҳли илм хизматҳои шоёне кардааст. Дар он замон мардуми боса-

вод, махсусан онҳое, ки мадрасаҳои Бухорову Самарқандро хатм карда буданд, мавриди таъқибу озор қарор мегирифтанд.

Барои ба чунин балоҳо гирифтор нашудан онҳо ном ва фамилияи худро тағйир медоданд ва ба гӯшаҳои дур ва камодам рафта дар корҳои паст фаъолият мекарданд. Масалан, ҳамин Наъими Собир чандин муллоҳои маълумотдорро ба колхози худ оварда аъзои колхоз мекунад ва ба онҳо кӯмак мерасонад, онҳоро нигоҳубин мекунад.

Падарам эшони Аҳмадҷон ранҷу машаққати зиёдеро аз сар гузаронидааст. Дар баробари олими варзидаи дин будан деҳқонӣ кардааст, оҳангарӣ кардааст. Дар ҳамин минтақаи атрофи шаҳри Душанбе як армании оҳангар буд, ки юғу испор, ё бо ибораи дигар плуг тайёр мекард. Барои шудгор кардани замин плугро ҳама аз ӯ мехариданд. Барои аз ӯ харидани плуг мардум моҳҳо навбат мепоиданд.

Хулоса, падарам аз ҳамин одам сирри плугсозиро ёд мегираду ин корро худ ба роҳ мемонад ва мардуми атрофро аз як мушкилоти деҳқонӣ халос мекунад. Падарам ошпази хеле моҳир буданд. Гоҳ-гоҳ дар баъзе маъракаҳои хонаводагӣ оши палов низ мепухтанд. Баъде, ки мошинҳои сабукрав пайдо шуданд, падарам хонда шаҳодатномаи ронандагӣ низ мегиранд.

Падарам дар синни 88 солагӣ аз дунё гузаштанд.

**-Аз ҳамин падар Шумо чанд фарзанд ҳастед?**

-Бобии модарии мо суфӣ Абдураҳим ном дошт. Суфӣ Абдураҳим муриди ҳазрати эшони Ҳоҷӣ (эшони Саидҷалолиддин) мебошад. Худ низ муллои босавод буд. Модарамон Бибиҳалима, яъне зани падарам, духтари ҳамин сӯфӣ Абдураҳим мебошад. Аз ҳамин модарамон Бибиҳалима мо ҳашт писару ду духтар мебошем.

Эшони Саидамир, эшони Сайидкабир, эшони Саидбашир, эшони Саидраҳмон, эшони Саидбурҳон, эшони Саидмӯъмин, эшони Саидаслам, эшони Субҳониддин. Боз ду хоҳари дигар дорам. Духтарҳо Бибикалону Бибиамрӣ ном доранд. Аз як модар 10 нафар ҳастем. Аз зани дигари падарамон эшони Абдубасир, эшоне, ки дар Ёзғанд зиндагонӣ мекунад, таваллуд шудааст.

Падарам васият карда буд, ки ӯро дар ҳамон Ёзғанд дар назди падару бобиву амакҳояш ба хок супоранд. Вай медонист, ки ин кор сурат мегирад. Барои ҳамин ҳам ҳамин эшони Абдубасирро махсус барои дар ҳамон ҷо зистану нигоҳубин кардани мазори аҷдодон таълим медод, омода мекард. Бародари калонии эшони Абдубасир эшони Мирзораҳим аст, ки вай ҳам хондагиву мулло донишманд аст. Аз модари севвумамон ду писар, яъне ҳамин эшони Мирзораҳиму эшони Абдубасир ва се-чор духтари дигар мебошад.

Аз модари якумамон, яъне зани аввали падарамон се духтар ҳаст. Як духтарашон дар ҳамин хонаи мо,

дар хонаи зани дуввумашон тарбият гирифаанд. То ҳоло ҳамин духтар модари маро аз модари худ болотар медонад. Модари ман ва зани аввалашон вафот кардаанд. Зани саввумаш, яъне модари эшони Абдубасир дар қайди ҳаёт аст. Модари Абдубасир духтари сӯфӣ Нуруллоҳ мебошад. Муриди эшони Ҳоҷӣ Саидҷалолиддин мебошад. Дар замони суркунопешкунии НКВД хонаи сӯфӣ Нуруллоҳ ҷои амн буд ва дар ҳамон ҷо пинҳон мешуданд.

**- Шумо гуфтед, ки боре дар хоб амакии падаратон ҳазрати эшони Султонро дидаед?**

-Бале, боре хоб мебинам, ки ба Ёзғанд ба дидани ҳазрати эшони Султон рафтаам. Аввал ҳазратро дар хона пайдо намекунам. Ҳазрат ба дидани модарашон рафта будааст. Баъдан ба хона меояд, вале ман омаданашро намебинам. Мебинам, ки дар даруни хона ҳаст. Ба наздаш медароям. Рӯяш бо лунгие бор карда шудааст. Вақте лунгиро мегирад дунё рӯшанӣ мекунад, ки аз ин рӯшанӣ чашмҳо хира мешаванд. Ва рӯшанӣ аз гарданаш меояд.

Ба фикри ман аз ҳамон ҷои гарданаш, ки бандҳо вақти ба дор кашида шуданаш онҷоро бӯғӣ карда буданд. Ҳолати маро дида ҳазрати эшон ханда мекунанд. Ман бошам қариб гуфтанӣ мешавам, ки "Э ҳазрат, тамоман ба падарам монанд будааст- ку? Ҳазрат хандида аз ман мепурсад, ки "ҳазрат чӣ ҳол дорад?". Хулоса дар ҳамин ҳолат будам, ки аз хобам бедор шу-

дам. Баъди аз хоб бедор шудан дар вуҷудам як фараҳу шодӣ, хурсандиеро эҳсос кардам. Баъд назди худораҳматии падарам рафтаму гуфтам:

"Ҳазрати эшони Султон ба Шумо салом расонд". Қиблагоҳам танҳо бо як табассуме аз ман пурсид: Билохира дидиш?". Гуфтам "Бале". Бояд як барзагов кушта ба мардум садақа кунӣ, ки ҳазрат худашро ба ту нишон дод, гуфт падарам ва дигар дар ин мавзӯъ чизе нагуфт. Як бори дигар Шайх Шаҳобиддини Валиро дар хоб дидам. Ин дафъа дар Ёзғанд ин хобро дида будам. Ӯро низ бо либосҳои сафеди аз пари қу ҳам нозуктар, монад ба буғ буд, дида будам. Бо ӯ низ салом кардему аҳволпурсӣ намудам.

**-Эшони Султон фарзанд дошт?**

-Эшони Султон, яъне амакии падарам, як духтар дошт, ки дар хурдсолӣ вафот кардааст.

Эшони Сулаймон, яъне бародари эшони Султон, фарзанди писар надошт. Ё касе намондааст. Аз эшони Сулаймон як духтар монда буд. Авлоди ҳамон духтар то ба ҳол ҳастанд. Аз эшони Шораҳматуллоҳ, яъне амакии дигари падарам, низ як духтар боқӣ мондааст.

Аз эшони Алоуддин, амакии дигари падарам, ду фарзанд монда буд. Эшони Мискин ва эшони Талбӣ. Ин ду эшон баъди ба Афғонистон рафтани падарашон барои он ки мавриди таҳқиру таъқиб қарор нагиранд, ном ва фамилияҳои худро дигар карда ба қишлоқҳои ӯзбекнишин рафта, ҳамчун ӯзбек зиндагонӣ карданд.

Баъдҳо пас аз тинҷ шудани замона боз худро ифшо карданд. Дуъо мекарданд, ки омада дар байни хешу ақрабо бандагиро ба ҷо биёранд.

Дуъои ҳардуяшон ҳам мустаҷоб мешавад. Ҳарду дар пиронсолӣ ба назди хешу ақрабо баргашта дар байни онҳо ҷон ба Ҳақ месупоранд. Эшони Мискин дар ҳамин Душанбе ва эшони Талбӣ дар Яхакпаст рафта вафот мекунанд. Эшони Мискин бисёр тақводор буд. Ман домодаш мешавам, вале боре ҳам хобравии ӯро дар хонааш надида будам. Ҳамеша дар зикр медидам ӯро. Фарзандонаш ҳамин гуна одамони хубанд.

**-Сабаб чӣ буд, ки эшони Алоуддин ва эшони Шораҳматуллоҳ ба Афғонистон кӯчида рафтанд?**

-Баъди ба дор кашида шудани эшони Султон ва эшони Сулаймон аз тарафи Махсуми Фузайл ҳукумат эшони Алоуддин ва эшони Шораҳматуллоҳро ба тарафи худ ҷалб карданд. Дар ин асос, ки "бародари бузурги Шумо, эшони Султонро Махсуми Фузайл ба қатл расонд, шумо биёед, бо мо як шуда қасоси бародаратонро бигиред". Тибқи баъе маълумотҳо эшони Шораҳматуллоҳро ҳатто Раиси ревкоми (комитети инқилобӣ) Ғарм таъйин мекунанд.

Вале пас аз муддате нисбати худ як нобоварии ҳукуматдоронро эҳсос карда ба ҳамин тарафҳои Душанбе, ба ҳамин микрорайон 82-юм, ки он вақтҳо Ҷарқишлоқаш мегуфтанд, меоянд ва ба кори деҳқонӣ машғул мешаванд. Дар ин ҷо низ эҳсос мекунанд, ки ҳукумат

аз болояшон сахт назорат бурда истодааст.

Баъзе аз дӯстони дар ҳукумат будаашон онҳоро ҳушдор медиҳанд, ки ҳамчун бародарони душманони халқ, яъне эшони Султон ва эшони Сулаймон, тройка шуданашон аз эҳтимол дур нест. Бинобар ин нақшаи фирорро мекашанд. Гурехтан низ душвориҳое ба ҳамроҳ дошт. Онҳо наметавонистанд, ки зану фарзандонашонро бо худ бибаранд. Чунин як корро кардан хеле мушкил буд.

Барои ҳамин ҳам эшони Алоуддин фарзандонашро ба Регар бурда ба дасти як муридаш бо номи усто Баҳодур месупорад. Усто Баҳодур фарзандони пирашро гирифта ба фамилия худаш Аюбов мегузаронад. Эшони Мискин ва эшони Талбии хурдтарак дигар дар хонаи ӯзбекҳо калон шуданд. Бояд гуфт, ки ҳамин минтақа то Сурхондарё, Пахтаобод ва ғайра ҳама мардумаш муридони шайхи Шаҳобиддини Валӣ ва эшони Султон буданд.

Хулоса эшони Алоуддин ва эшони Шораҳматуллоҳ ният мекунад, ки ба Афғонистон фирор кунад. Эшони Ҳоҷӣ Саидҷамолиддинро низ бо худ мегиранд. Талош мекунад, ки аз ноҳияи Маскав (ҳоло ноҳияи Амир Саиди Ҳамадонӣ) марзро убур карда ба Афғонистон раванд, вале корашон барор намегирад. Ба Ховалинг, ба деҳаи Чаққон, ба назди Бибии Чаққон меравнд.

Бибии Чаққон духтари ҳазрати эшони Муҳаммадобид, фарзанди Авлиё Мирзораҳим мебошад. Бибии

Чаққон онҳоро шаш моҳ нигоҳ медорад. Дар ин муддат эшони Алоуддин хонадор мешавад. Ҳоло аз ҳамин издивоҷ ҳам насл боқӣ модааст. Хулоса, баъди шаш моҳ боз кӯшиши сарҳадро гузаштан мекунанд. Ин дафъа пеш аз гузаштан эшони Ҳоҷӣ Саидҷамолиддин гиряву нола мекунад ва мегӯяд, ки дилаш барои фарзандонаш месӯзад.

Ҳарчӣ бодо бод, вай аз гузаштан худдорӣ мекунад. Яъне ӯ бо ҳамроҳии эшони Алоуддин ва эшони Шораҳматуллоҳ ба Афғонистон намеравад. Баргашта ба Ҳисор меояд. Ба гуфтаи падарам бобоям эшони Саидҷалолиддин 12 сол пинҳон шуда мегашт.

Борҳо кормандони амниятӣ бо баҳонае, ки эшони Саидҷамолиддин силоҳ дорад ва ё омодагии ҷангро дида истодааст, ғофилгирона ба хона омада, ҳама ҷои хонаву дарро мекофтанд. Хулоса, соли 1941 якчанд моҳ пеш аз шуруъи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ӯро аз наздики собиқ бозор Баракат дастгир намуда ба куҷо бурдан дигар маълум нест.

**- Дигар аз эшони Алоуддин ва эшони Шораҳматуллоҳ чӣ хабар доред?**

- Даврони Иттиҳоди Шӯравӣ буд. Аз эшонҳои Авлиёи Чаққон бо номи эшони Нуруллоҳ аз Афғонистон омад. Ба хонаи мо омада буд. Падарам бо ӯ вохӯрда сӯҳбат кард. Бачааш ҳамон вақт 14 сола буд. Эшони Саидмуҳаммад ном дошт. Эшони Нуруллоҳ аз набераҳои Авлиёи Чаққон мебошад. Вақте ки шӯравиҳо ба

Афғонистон ҳамла мекунанд эшони Саидмуҳаммад ба Покистон меравад ва баъд аз Покистон ба Арабистони Саъудӣ, ба Маккатуллоҳ меравад. Ба мо хат навишт. Бо ҳамроҳии падарам ба Маккатуллоҳ рафтем. Моро хеле хуб пешвоз гирифт. Ба хонааш рафтем. Меҳмондорӣ кард.

Эшони Шораҳматуллоҳ дар Афғонистон боз хонадор мешавад ва соҳиби фарзанд мегардад. Ҳоло дар Тахори Афғонистон яке аз наберагонаш генерал будааст ва китобе ҳам гӯё дар бораи таърихи эшонҳои Ёзғанд доштааст. Инро эшони Абдусаид, аз гурезаҳои баъдӣ гуфт. Як нафари дигар гуфт, ки марқади эшони Алоуддин ва эшони Шораҳматуллоҳ дар Тахор мебошад.

***Суҳбат бо эшони Саидкабир писари эшони Саидаҳмад рӯзи 10-уми маи соли 2012, дар шаҳри Душанбе, дар хонаи эшон баргузор гардид.***

## "БУРХНОМА" БА ЗАБОНИ ӮЗБЕКӢ

"Бурхнома"-е, ки ба забони ӯзбекӣ навишта шуда ва он дар Институти шарқшиносии АУ маҳфуз аст, аз сӯи шоираи ӯзбек Ҷамила Ӯлмас мазмунаш чунин баён шуд:

"Як дӯсти Худо будааст бо номи Бурх. Худованд ба ӯ гуфтааст, ки агар чил рӯз дар тоату ибодати ман бошӣ ҳар хоҳише, ки бикунӣ ман онро иҷро мекунам. Бурхи Сармасти Валӣ чил рӯз ба даргоҳи Худо ибодат мекунад ва аз Худо талаби барҳам додани дӯзахро мекунад. Худованд мегӯяд, ки ман агар талаби туро иҷро кунаму дӯзахро барҳам диҳам, дар рӯи замин ҷиноят ва гуноҳ содир кардан зиёд мешавад. Барои ин ҳам ман хоҳиши туро иҷро намекунам. Бурх мегӯяд, ки ман қаҳрӣ кардам. Баъдан Худованд тавассути ҳазрати Ҷабраил ба пайғамбар Мӯсо (а) мегӯяд, ки бандаи ман аз ман ранҷидааст, моро ба ҳам оштӣ бидеҳ. Баъдан Мӯсо омада сабаби барҳам надодани дӯзахро ба Бурхи Валӣ мегӯяд ва оташи ишқи Бурхи валӣ боз аз нав шӯълавар мешавад".

Бояд гуфт, ки ин "Бурхнома" -и ӯзбекӣ бо назм навишта шуда муаллифаш маълум нест.

Ин китоб дар ИШ АУ ҶТ таҳти рақами 4912 маҳфуз аст.

## ҚИССАҲО ДАР БОРАИ БУРХИ ВАЛӢ

Қиссаҳо асосан аз дастхате, ки тибқи таҳлили олими маъруф, марҳум Амрияздон Алимардонов дар охири асри 19 аз рӯйи дастхати қадимитар рӯбардор шудааст, оварда мешаванд. Ин дастхат аз 63 саҳифа иборат аст. Ва ба гуфтаи муаллифи китоби "Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ" Абдумалик Шехов соли 1997 аз сокини деҳаи Найгуфи ноҳияи Тавилдара Неъмат Абдуллоев гирифта шудааст.

Неъмат Абдуллоев фарзанди Суннат Абдуллоев-шахсест, ки солҳои 70-80-уми асри гузашта ба хотири обод кардани мазори ҳазрати Бурх корҳои зиёдеро ба анҷом расондааст. Неъмат Абдуллоев чанд муддат мутаваллии мазори ҳазрати Бурхи Валӣ низ буд.

**«Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим**

**Алҳамдулиллоҳи раббил ъоламин вал оқибати лил муттақин ва саллоту вассалому ъало хайри халқиҳи Муҳаммадив ва олиҳи ва асҳобиҳи аҷмаъин.**

Ин рисола дар баёни баромадани ҳазрати Бурхи Абдоли Сармаст аст аз кӯҳи Тур ба ҷониби Кӯҳистон аз сабаби хотири ранҷиши қавмаш.

Назм:

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

**Ба се чиз омад мусаллам назди шоҳон,**
**Ҳунар ё мол, ё марди сухандон.**
**Ман аз молу ҳунар чизе надорам,**
**Яке фасли сухан дорам биёрам.**
**Биёрам бори дигар ман ба гуфтор,**
**Ки ман дар пеш дорам қисса бисёр.**
**Ба гӯши ҷон шунав, ай баргузида,**
**Ҳадиси пурдилони азмдида.**
**Ҳадиси қиссаи мардум кунам фош,**
**Агар марди замонӣ мустамеъ бош.**

**Мустамеъ бош соате биншин,**
**Дурри носуфта аз садаф барчин.**

**Фаҳми сухан гар накунад мустамеъ,**
**Қуввати табъ аз мутакаллим маҷӯй.**

**Вусъати майдони иродат варо,**
**То ки занад марди сухангӯй гувоҳ.**

**Куҷо будам, акнун фитодам куҷо,**
**Инони сухан шуд зи дастам раҳо.**

**Ба пеш овардам баҳри дигар чу Ҳут,**
**Ба фармони ҳайаллазӣ лоямут.**

**Сухандони ҳаким ҳикоят гузор,**
**Ки эшон кунанд қиссаи рӯзгор.**

**Ривоят кунад з-он яке арҷманд,**
**Ҳадисе, ки ширинтар ояд зи қанд.**
**На қанде, ки мардум ба сурат хӯранд,**
**Ки арбоби маънӣ ба коғаз баранд.**
**Ғараз аз суханҳои пурпечу тоб,**
**На осоиш аст, на хӯру хоб.**
**Дигар корашон бувад озори халқ,**
**Шуданд то қиёмат гирифтори халқ.**
**Валекин ҳаме панди мардон бувад,**
**Ба хели бадандеш нодон бувад.**

## Қиссаи кӯтали Арасот

Нақл аст, ки дар замони ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом Худои таъоло дар Фурқони Арасот кӯтале офарида буд, ки он кӯталро чиҳил шабонарӯз сарболо ва чиҳил шабонарӯз сарпоён мерафтанд, то фурӯд меомаданд. Рӯзе ҳазрати Воҷибулвуҷуд гуфт:

-Эй фариштагони Ман, дар миёни бандагони хокӣ бандае дорам, ки агар ҳукм кунам, ин кӯталро дар чаҳор шабонарӯз бигардад.

Фариштагон гуфтанд:

-Илоҳо, фармо то ҷаннати Туро мушоҳида намоем.

Ҳазрати Воҷибулвуҷуд гуфт:

-Ё Ҷабраил, бирав ба Мӯсо бигӯ, ки Худои таъоло туро салом мегӯяд ва баъд аз салом мегӯяд, ки Мӯсоро бигӯ, хизмате ба гардани эшон мефармоям. Бояд, ки хизмати Маро бикунад.

Ҷабраил алайҳиссалом ба назди Мӯсо алайҳиссалом омад ва гуфт, ки Худоят дуруд ва салом мефиристад ва мегӯяд хизмати маро бикунад.

Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

-Он чӣ хизмат аст?

Ҷабраил алайҳиссалом гуфт:

-Ё Мӯсо, Худои таборак ва таъоло мефармояд, ки дар Фурқони Арасот кӯтале офаридам ва он кӯтал чиҳил шабонарӯз сарболо ва чиҳил шабонарӯз сарпоён меравад, то фурӯд оянд. Акнун Мӯсо бояд, ки бо умматони худ он кӯталро бигардад ва биёяд. Ҳар муроде, ки аз даргоҳи мо талаб дорад, бихоҳад то муроди ӯро бидиҳем. Агар Ман муроди ӯро надиҳам, яқин бидон, ки Ман Худои ӯ набошам.

Мӯсо алайҳиссалом ба саҳобаҳои худ гуфт:

-Э асҳоби ман ва эй дӯстони ман, аз шумоён ҳеҷ кас метавонад, ки ин хизматро бикунад?

Саҳобаҳо гуфтанд:

-Пайғамбари Худо, биёед то ба сӯйи кӯтал равем, то чӣ ҳикмат бошад.

Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

-Хуш бошад.

Баъд аз он Мӯсо бо сиву се ҳазор саҳоба ба ҷониби он кӯтал равон шуданд, аммо он кӯтал аз Мадина як моҳ дур буд. Баъди як моҳ ба таги он кӯтал расиданд. Мӯсо алайҳиссалом рӯ ба ҷониби кӯтал карда дид, ки кӯтале ҳаст сар ба Каҳкашони фалак кашида. Мӯсо

алайҳиссалом ҳайрон бимонд. Дасту пойи ӯ аз ҳайрат намеҷунбид. Соате сари муборaки хешро дар пеш андохт ва баъд аз он сар боло карду гуфт:

-Эй дӯстони ман, кадоме аз шуморо қуввати он бошад, ки ин кӯталро дар чаҳор шабонарӯз бигардад ва боз биёяд?

Саҳобаҳо фарёд баровcovarданду гуфтанд:

-Ё Мӯсо, моро рухсат бидиҳед то аз ин саҳобаҳои сиву се ҳазор кадоми моро Худои таъоло тавфиқ бахшад.

Ҳама саҳобаҳо рӯ ба ҷониби кӯтал карданд то қариб чил шабонарӯз беист то ба сари он кӯтал расиданд ва гуфтанд:

-Эй ёрон, бидонеду огоҳ бошед, ки Худои таъоло тавфиқ намебахшад. Биёед то боз гардем. Саҳобаҳо ҳама бозгаштанд. Чиҳил шабонарӯзи дигар бигзашт то пеши Мӯсо алайҳиссалом расиданд ва гуфтанд:

-Ё пайғамбари Худо, моро тавфиқ нашуд.

Мӯсо алайҳиссалом сар дар пеш афканд ва хомӯш шуд. Ҳамон соат Ҷабраил алайҳиссалом даррасид ва гуфт:

-Ё Мӯсо, Худоят салом мегӯяду дуруд мефиристад ва мефармояд, ки Калими Маро бигӯед, ки ба кӯҳи Тур биравад. Он ҷо бандае ҳаст аз бандагони Ман ва умматест аз умматони ту, ки номи ӯ Бурх ва дар он ҷо бо зикри Ҳақ машғул ҳаст. Мӯсо ба пеши ӯ равад. Бурх ин хизматро мекунад.

Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

Алҳамдулиллоҳ, ки моро чунин умматони хосе бу-

даанд, ки аз эшон хабар надоштаем.

Баъди ин Мӯсо алайҳиссалом бо ҷамъи саҳобагон ба кӯҳи Тур равон шуданд. Ба як турфатулайн он ҷо расиданд. Мӯсо алайҳиссалом назар ба кӯҳи Тур кард. Дар миёни кӯҳи Тур дид, ки девонае нишастааст ва бо зикри Ҳақ машғул ҳаст ва мегӯяд:

-Ё Ҳу, Ё Манҳу

Ҳазрати Мӯсо гуфт:

-Эй бандаи хоси Худои таъоло ва уммати ман, сар бардор ва ба ҷониби ман нгоҳ кун, ки Худои таъоло хизмат фармудааст ва он хизмат аз дасти ту меояд.

Ҳазрати Бурх сар боло кард ва гуфт:

-Ассалому ъалайкум, ё Мӯсо.

Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

-Ваъалайкумуссалом.

Баъди он Бурхи Сармаст гуфт:

-Ё Мӯсо, хизмат чӣ бошад?

Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

-Ё Бурх, Худои таъоло дар Фурқони Арасот кӯтале офаридааст, ки он кӯталро чиҳил шабонарӯз боло ва чиҳил шабонарӯз поён мераванд то боз ба макони худ бирасанд. Худои таъоло амр кардааст, ки ин кӯталро дар чаҳор шабонарӯз баромада дар чаҳор шабонарӯзи дигар фароем. Ман бо сиву се ҳазор саҳоба бирафтам ва ҷамиъи саҳобаҳои худро ба сари он кӯтал фиристодам, ҳеҷ кадом натавонистанд. Қариб чиҳил шабонарӯз гузашт то ба сари кӯтал расиданд, чиҳил ша-

бонарӯзи дигар гузашт то ба пеши мо баргаштанд. Акнун ман пеши ту омадам, ки ин хизмати маро бикунӣ ва маро дар назди Аллоҳ таъоло шарманда насозӣ. Худои таъоло бо ман қавл кардааст, ки ҳар кӣ ин хизмати Маро бикунад, гар муроди ӯро надиҳам, яқин бидонад, ки Ман Худои ӯ нестам.

Бурх гуфт:

-Ё Мӯсо, ман ба зикри Ҳақ машғул будам ва акнун ту маро аз зикр гуфтан боздоштӣ. Чун ризои Воҷибулвуҷуд ин аст маро чора нест. Ё Калимуллоҳ, маро имшаб амон деҳ, то фардо ба хости Ҳақ таъоло ин хизматро бикунам.

Мӯсо бо ҷамиъии саҳобагон дар биёбон нишастанд ва бо зикри Ҳақ машғул буданд то замоне бигузашт. Илҳоми ғайбӣ аз олами лорайбӣ даррасид:

- Эй Бурх, чӣ эмин нишастаӣ? Намедонӣ, ки Калими Худо бо ту чӣ гуфт?

Бурх сар боло карду гуфт:

-Агар ризоияти Ту бошад ин хизматро бикунам.

Бори дигар аз ғайб садо омад:

-Эй Бурх, ҳар чӣ Калими Ман бигӯяд, қабул кун, то муроде, ки аз Ман талаб кунӣ бидиҳам.

Баъд аз он Бурх "Ё Ҳу, Ё Манҳу" гуфт ва аз миёни кӯҳи Тур бархост ва дар миёни саҳобаҳои Мӯсо нишаст. Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом Бурхро дар канор гирифт ва гуфт:

-Эй бандаи хоси Худои таъоло ва эй уммати ман, ин

кори муҳимро ба ӯҳдаи ту супоридем. Он шаб онҳо ҳамроҳ буданд. Субҳи содиқ дамид ва ҳазрати Бурх гуфт:

-Ё Калимуллоҳ, шуморо видоъ кардем.

Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом Бурхро дуо дода гуфт:

-Ман шуморо дар чаҳор шабонарӯз чашми омадан дорам, ки шарманда нашавам.

Бурх гуфт:

Агар Худои таъоло тавфиқ дод, хоҳам омад.

Ҳазрати Бурх рӯ ба ҷониби он кӯтал карду зикргӯён ба мисли барқу бод болои кӯтал мебаромад. Ба қудрати Аллоҳ таъоло он кӯталро дар чаҳор шабонарӯз бигашт ва "Ё Ҳу, Ё Манҳу" гуфт ва дар пеши Мӯсо алайҳиссалом ҳозир гашт ва Мӯсо алайҳиссалом Бурхро дар канор гирифт. Дасти худро ба рӯи вай мемолид ва мегуфт:

-Эй уммати хоси ман ва эй баргузидаи Парвардигори ман, Худоят аҷри азим диҳад, ки хизмати маро ба ҷо овардӣ ва назди Ҳақ таъоло маро шарманда накардӣ.

Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом бо ҳама асҳоби худ мегуфт, ки Худои таъолоро чӣ бандагони нек будааст.

Баъд аз он Аллоҳ таъоло гуфт:

-Эй бандаи Ман, хизмати маро ба ҷо овардӣ. Акнун ҳар талабу мууроде, ки дорӣ аз даргоҳи Ман бихоҳ.

Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

-Ё Бурх, аз Ҳақ таъоло ҳарчӣ мехоҳӣ бихоҳ!

Бурхи Сармаст гуфт:

-Ё Мӯсо, муроди мову шумо он аст, Худои таъоло

дидори бечуну бечигунагии худро ба мо дар ҳамин дунё намояд.

Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

Ё Бурх, мақсуди мо низ ҳамин буд. Ҳазрати Мӯсо гуфт:

-Илоҳо, дидори бечуну бечигунагии худро ба мо ва Бурхи девона бинамой то муроди мо ҳосил гардад. Аллоҳу таъоло ба Ҷабраил алайҳиссалом гуфт:

-Бирав ба Калими Ман бигӯ, ки эшон тоқати ин надоранд, ки дидори Маро бубинанд. Ҷабраил амин бо фармони ҳазрати Раббулъоламин ба назди ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом омада гуфт:

-Ё Мӯсо, Худоят салом мегӯяд ва мефармояд, ки Калими Маро ва Бурхи девонаро бигӯ, ки эшон тоқати ди дани Маро надоранд. Дар дунёи фааммо як партаве аз ҷамоли бо камоли худро ба кӯҳи Тур меандозам. Эшон ба кӯҳи Тур бубинанд, ки он чӣ ҳолат пайдо мекунад.

Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом ва ҳазрати Бурх ба ҷониби кӯҳи Тур назар афканданд. Аллоҳ таъоло назари қудрати Худро ба ҷониби кӯҳи Тур афканд. Он кӯҳ реза-реза гашту ба замин афтод, об шуд ва равон гардид. Ҳазрати Мӯсо ва ҳазрати Бурх ҳарду беҳуш ва ҳайрон бимонданд. Илҳом аз даргоҳи Воҷибулвуҷуд омад:

-Ё Мӯсо, дар қиёмат аввал мартабае, ки ба биҳиштиён додам зоти поки худро ба бандагони худ нишон хоҳам дод.

**Валлоҳу аълам биссавоб».**

## Дуъои борон

Нақл аст, ки дар замони ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом девонае буд дар кӯҳи Тур, ки номи ӯ Бурх буд. Чанд рӯз дунё хушкӣ карда буд. Мардум бетоқат гаштанд ва ба назди ҳазрати Мӯсо рафтанд, ки ё Мӯсо, дуъо кун, то Худои таъоло бар мо борон фиристад. Ҳазрати Мӯсо ҳарчанд дуъо мекард дуъои эшон ба иҷобат намерасид. Рӯзе илҳом аз даргоҳи Воҷибулвуҷуд омад, ки ё Мӯсо, бархез ва ба кӯҳи Тур рав, ки он ҷо девонае дорам, ки номи ӯ Бурх аст ва калиди барфу борон ба дасти ӯст. Пеши ӯ рав, ки ин уқда аз дасти ӯ мекушояд. Ҳазрати Мӯсо шукри беҳад бар Воҷибалвуҷуд гуфт ва бархост ва ба кӯҳи Тур равон шуд ва ба наздикии кӯҳи Тур расиданд, ки девонае жӯлида нишастааст ва бо зикри Ҳақ машғул асту мегӯяд: "Ё Ҳу, Ё Манҳу". Ҳазрати Мӯсо фарёд баровард, ки "эй девона, Худоят салом мегӯяд, ки девонаи маро бигӯед, ки дунё хушк шудааст ва калиди борон ба дасти ӯст. Бояд, ки калиди намро бикушояд, ки бандаҳо ба фарёд омаданд. Ногоҳ ҳазрати Бурх сар боло кард ва гуфт: "Ассалому алайкум, ё Мӯсо".

Мӯсо гуфт:

-Ваалайкум ассалом, Бурхи Абдол

Бурх гуфт:

-Ё Мӯсо, шумо дар миёни қавми худ равед. Агар тавфиқ шавад, ман бикушоям.

Ҳазрати Мӯсо ба ҷониби хона равон шуд ва ҳазрати Бурх муноҷот ба даргоҳи қозиюлҳоҷот кард:

-Эй бор Худоё, бандаҳои Ту ба фарёд омадаанд, ҳукм кун, то ба тавфиқи Ту калиди намро бикушоям.

Ҳазрати Воҷибулвуҷуд гуфт:

-Эй бандаи Ман, калиди намро бикушой.

Ва ҳазрати Бурх ба фармони Аллоҳ таъоло калиди намро кушод ва абрро ҳукм кард, ки боридан гирифт, ба каромоти ҳазрати Бурх.

Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

-Эй Парвардигори олам, чи бандаҳои нек дорӣ, аз мо беҳтар ва хубтар офаридаӣ.

Ҳақ субҳона ва таъоло гуфт:

-Чандон бандаҳои нек офаридаам, ки адади онро ба ҷуз ман каси дигар намедонад.

## Сабқати Бурхи Валӣ бо Худованди бузург дар сурахонӣ

Боре Ҳақ субҳона ва таъоло ба ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

-Ё Мӯсо, гӯш дор, то Мо ва Бурх аз Қуръони маҷиди худ, ки ба пайғамбари охирзамон мефиристам, ягон сура бихонем. Бурх гуфт:

Ё Илоҳо, маро чӣ мартабаи он бошад, ки ба соҳиби худ ҳамзабонӣ кунам?

Аллоҳ таъоло гуфт:

-Эй Бурх, чаро бефармонӣ мекунӣ ва намехонӣ?

Бурх гуфт:

-Ё Илоҳо, аввал Ту бихон, он замон ман бихонам.

Аллоҳ Таъоло бекому безабон ба қудрати комилаи худ сураи "Таббат"-ро бихонд ва ҳазрати Бурх сураи "Ихлос"-ро қироат кард. Ҳақ таъоло гуфт:

-Ё Бурх, ту беҳтар хондӣ ё Ман?

Бурхи Сармаст гуфт:

Илоҳӣ, Ту донотарӣ, ки ман беҳтар хондам. Чунки ман ҳама зоту сифоти Туро хондам, Ту қиссаи Аби Лаҳабро хондӣ.

Баъд аз он Ҳазрати Воҷибулвуҷуд гуфт:

-Ва лайса ка мислиҳи шайъун ва ҳува самиъул басир (Нест чизе монанди Худованд ва Ӯ шунавову биност. Қуръон. Сураи «Шӯро», ояти 11).

Аллоҳ таъоло гуфт:

-Эй Бурх, ту бандаи неки манӣ ва ман аз ту хушнудам.

## Сафари ҳафт табақаи осмону замин ва хоҳиши Бурхи Сармаст

Нақл аст, ки Ҳақ субҳона ва таъоло рӯзе Бурхи Абдоли Сармастро гуфт:

-Ё Бурх, чанд риёзат ба гардани ту меандозам. Бояд, ки риёзати Маро бикашӣ ва он замон ҳар муроде, ки мехоҳӣ аз Ман бихоҳ, то бидиҳам.

Бурх гуфт:

-Худовандо, ман бандаи Туам. Риёзате, ки ба гардани ман меандозӣ мебояд кашид.

Он гаҳ ҳазратиҲақ субҳона ва таъоло гуфт:

-Риёзати Ман он аст, ки зикри манро, ки "Ё Раззоқ, ё Фаттоҳ, ё Ъалим, ё Қобиз, ё Босит, ё Ҳофиз, ё Рофеъ" ҳаст, бихонӣ. Ин ҳафт номи Маро бихонӣ ва ҳафт табақаи осмонро бигардӣ.

Ҳазрати Бурх гуфт:

-Ман бандаи хокиам, пару бол надорам, чӣ гуна бар ҳаво равам?

Парвардигори олам гуфт:

-Эй Бурх, ба яди қудрати Ман исмҳоро бихон ва парвоз кун.

Ҳазрати Бурх

"Ё Раззоқ" гуфту табақаи осмони аввалро тай кард.

"Ё Фаттоҳ" гуфту табақаи осмони дуввумро тай кард.

"ЁЪалим" гуфту табақаи осмони сеюмро тай кард.

"Ё Босит гуфту табақаи осмони чаҳорумро тай кард.

"Ё Ҳофиз" гуфту табақаи осмони панҷумро тай кард.

"Ё Қобиз" гуфту табақаи осмони шашумро тай кард.

"Ё Рофеъ" гуфту табақаи осмони ҳафтумро тай кард.

Ба қудрати Аллоҳ таъоло "Ё Ҳу, Ё Манҳу" гуфту болои кӯҳи Тур фаромад. Он замон ҳазрати Бурх гуфт:

-Илоҳо, ин хизмати Ту кардам. Акнун чӣ хизмати дигар мефармоӣ?

Аллоҳ таъоло гуфт:

-Эй бандаи Ман, ту ин хизмати Маро кардӣ, акнун ин хизмати Маро мебояд бикунӣ. Бояд, ки ин номҳои Маро бихонӣ: "ё Азим, ё Омир, ё Фард, ё Мавлӣ, ё Мавло, ё Аҳад, ё Самад" ва ҳафт табақаи заминро тай бикунӣ.

Ҳазрати Бурх гуфт:

Ё Раззоқи олам, чӣ гуна дар замин равам?

Ҳақ субҳона ва таъоло гуфт:

-Эй девона, аз кӯҳи Тур фуруд ой, дар таги кӯҳ ғорест. Бирав, дар он ғор дарой ва ҳафт табақаи заминро бигардӣ.

Он замон Бурхи Абдол аз кӯҳи Тур фуруд омад ва дар ғори торик даромад ва

"Ё Азим" гуфту табақаи замини аввалро гашт.

"Ё Омир" гуфту табақаи замини дуввумро тай кард.

"Ё Мавлӣ" гуфту табақаи замини саввумро зиёрат фармуд.

"Ё Мавло" гуфту табақаи замини чорумро нузул кард.

"Ё Фард" гуфту ба табақаи замини панҷум дохил шуд.

"Аҳад" гуфту табақаи замини шашумро дохил шуд.

"Ё Самад" гуфту дар табақаи замини ҳафтум қарор гирифт. Боз "Ё Ҳу, Ё Манҳу" гуфту дар замини ҳафтум қарор гирифт. Дар лаби ғоре дид, ки дохили ғор аждаҳое даҳон боз карда истодааст ва ӯро ба коми худ мекашад. Ҳазрати Бурх чаҳор шабонарӯз дар даҳони аждаҳо монд. Аждаҳо ӯро фурӯ бурда наметавонист. Баъди чаҳор шабонарӯз Бурх ба яди қудрати Аллоҳ таъоло "Ё Ҳу, ё Манҳу" гуфт ва мисли барқ аз даҳони аждаҳор барҷаст ва болои кӯҳи Тур рафта санге гирифт ва бар он аждаҳор зад, ки он аждаҳор ду ним шуд. Бо амри Аллоҳ таъоло он замон Бурхи Сармаст муноҷот ба даргоҳи қозиюлҳоҷот кард:

-Илоҳо, муроди мани бечораро бидеҳ!

-Ҳақ субҳона ва таъоло гуфт:

-Ҳар чӣ мехоҳӣ бихоҳ.

Бурх гуфт:

-Худовандо, Ту донои кулли ҳолӣ ва медонӣ, ки ҳамин мурод аз даргоҳи самадияти Ту дорам, ки аз барои хотири ман дӯзахро аз миён бардорӣ, ки аслан дӯзах набошад.

Аллоҳ таъоло гуфт:

-Эй девонаи Ман, биҳишту дӯзах офаридам, биҳишт аз барои дӯстон ва дӯзах аз барои душманон:

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

**Тарёку заҳр ҳарду Маро дар хазона ҳаст,**
**Инро ба дӯстон медиҳам, онро ба душманон.**

Ман, ки дӯзахро аз миён бардорам, кофирон ва мутакаббирону золимон ва зиёнкоронро дар куҷо ҷой диҳам?

Бурх гуфт:

-Худоё, дунё набуд, мофиҳо набуд, осмонҳо набуд ва заминҳо набуд ва аршу курсӣ ва лавҳу қалам набуд. Ту будӣ ва ҳамаро Ту пайдо кардӣ. Кофиронро мусалмон гардон ва дар биҳишт ҷой бидеҳ ва дӯзах аз миён дур кун.

Дар ҳамин вақт бо амри Худованди таборак ва таъоло борони шадиде ба боридан шуруъ мекунад. Ҳазрати Бурх ба нияти зери борон намондану тар нашудан худро даруни ғоре, ки чанд нафари дигар низ он ҷо панаҳ бурда буданд, гирифтанӣ мешавад. Вале он нафарҳо ба ӯ иҷозат намедиҳанд, ки вориди он паноҳгоҳ шавад. Баръакс ҳамакаса ба лату кӯби ӯ сар мекунанд. Бурхи Валӣ ҳарчанд ба онҳо фаҳмонданӣ мешавад, ки ба касе зарар расонданӣ нест, вале онҳо ба гапи Бурхи Валӣ гӯш накарда ӯро беист муштy лагад мезананд. Дар ин дам Бурхи Валӣ боз бо гардани паст ба Худованди бузург рӯй меораду мегӯяд:

-Эй Парвардигори бениёз, он чизеро ки Ту медонӣ мани осии пургуноҳат ҳаргиз нахоҳам донист. Вале акнун дарк мекунам, ки он дӯзаххоят барои ҳамин гуна афродест, ки ҳаққи бандагони Худоро намешиносан-

ду даст ба чунин аъмоли бад мезананд.

Худованди бузургро ин суханони дӯсташ хуш омаду ӯро аз дасти он авбошон наҷот бахшид. Вале ҳамзамон ба хотири ин дӯсташ яке аз ҳашт дӯзахро барҳам дод:

**Ҳашт ҷаннат ҳаст дӯзах нест ҳашт,**
**Ҳақтаъоло аз яке дӯзах гузашт.**
**Кард барҳам дӯзахи ҳаштум тамом,**
**Баҳри Бурхи ошиқи некӯмаром.**

## Ҳиҷрати Бурхи Сармаст аз Макка ба Кӯҳистон

Ин буд воқеъоти баромадани ҳазрати Бурх аз кӯҳи Тӯр бар тарафи Арафот рафтани ӯ, ки ватани эшон буд, пеши падару модари худ. Агар пурсанд, ки падараш кӣ буд ва модараш кӣ буд, ҷавоб бигӯ, ки падараш ҳазрати Ҳошими Ҷабалӣ аз набоири Шиси Набӣ ва модараш Бибӣ Ҷалилаи Арасот буд.

Дар он замоне, ки ҳазрати Бурх аз кӯҳи Тӯр баромад, эшон се нафар буданд. Ҳазрати Бурхи Абдол ва Турки Абдол ва Барқи Абдол. Як бародари хурди дигар доштанд, лекин номи ӯро наёфтам. Аммо дар Арафот вафот ёфт, дар хонаи падараш. Модараш зинда буд. Ҳазрати Бурх ҳамроҳи бародаронаш ба назди модари худ рафтанд ва гуфтанд:

-Эй модар, мо аз мардумони ин диёр ранҷ дидем ва пеши Шумо омадем. Мехоҳем, ки Шумо бо мо ҳамроҳ

бираведг, ки мо ба кӯҳистон меравем. Модари эшон гуфт:

-Эй фарзандон, ба ҳар куҷое, ки шумо меравед, ман ҳам бо шумо меравам.

Он замон ҳазрати Бурх гуфт:

-Эй модар, биё, дар болои китфи ман нишин.

Модараш гуфт:

Эй фарзандон, ман дар болои китфи шумо нахоҳам нишастан.

Ҳазрати Бурх гуфт:

-Эй модар, ба ҳаққи Султон, ки ҳақ доред. Биёед дар болои китфони ман нишинед.

Он замон модари эшон дар болои китфи ҳазрати Бурх нишаст. Бо бародарон бо зикри Ҳақ машғул шуданд ва равон гаштанд. Аллоҳ таъоло фариштаеро фиристод, ки бирав, рагҳои заминро бикаш, ки бандаҳои Ман меҳнат накашанд. Фариштае биёмад ва рагҳои заминро бикашид.

## Қиссаи вохӯрии ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ бо шайх Абӯсаид

Ҳазрати Бурх бо модару бародаронаш дар як чашмак задан дар ҷазираи Рум фуруд омаданд. Дар ин ҷазира мардеро диданд, ки сарбараҳна ин тарафу он тараф ҳаросон медавад. Ҳазрати Бурх ба наздаш омаду аз ӯ пурсид, ки ту кистӣ?

-Султон Абӯсаиди Румиям.

Ҳазрати Бурх боз пурсид:

-Дар ин ҷазира чӣ кор мекунӣ?

Абӯсаид дар ҷавоб гуфт:

-Худованди бузург ба ман дурре дода буд, ки дар он сад ҳазор нури Илоҳӣ шаъшаъапошӣ менамуд. Ман он дурри Илоҳиро гум кардам. Чил сол боз дар ин ҷазира он дурро мекобам ва аммо то ба ҳол онро наёфтаам.

Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ рӯ ба сӯи осмон карду даст ба дуо бардошт ва гуфт:

-Худовандо, он дурро пайдо бигардону ба ин девонаи ишқи Худат бидеҳ.

Ҳазрати Бурх дар ҳолати дуо кардан буд, ки дар осмон нуре таҷаллӣ карду ба кафи дасти ҳазрати Бурх фаромад. Бурх онро ба Абӯсаиди Румӣ нишон доду гуфт:

Ай марди Худо, бигир, Худованд дурратро бароят боз пас гардонд.

-Абӯсаид дурро аз дасти ҳазрати Бурх гирифту пеши Худо шукрона кард. Сипас ба тарафи ҳазрати Бурх баргашту гуфт:

Ай марди Худо, ту кӣ ҳастӣ, ки мисолат мустаҷобуддуоро то ба ҳол надида будам?

Бурх гуфт:

Номи ман Бурх аст.

-Писари ҳазрати Ҳошими Ҷабалӣ, ки аз набераҳои Шиси набӣ ҳаст, ин туӣ?

-Бале, он манам.

Абӯсаид баробари шунидани ин суханон худро ба пойи ҳазрати Бурх партофту гуфт:

Илоҳо, ман аз Туаррамро талаб доштам. Аммо Ту ба ман ҳам дуррамро додиву ҳам дурдонаи Худатро. Ман дигар дар ин дунё орзуе надорам. Маро ба сӯи Худ даъват кун, Худоё!

Худованд дуои Абӯсаиди Румиро низ мустаҷоб гардонид. Рӯҳи ин марди бузург он лаҳза ба лиқои Ҳақ пайваст.

## Ба Кобул омадани ҳазрати Бурх ва модару бародаронаш

Ҳазрати Бурх модарашрову бародаронашро гирифта дар як мижа задан ба минтақаи Банди Кобул меояд. Дар ин ҷо чанд муддате зиндагонӣ мекунанд, ки бародари миёнаи онҳо Барқи Абдол ҷон ба Ҷонофарин таслим мекунад. Дар ҳамон ҷо ӯро гӯру чӯб мекунанд ва баъд ба сафари хеш идома медиҳанд. Баъди чанде ҳазрати Бурх, модараш ва боз ду бародараш Толиқонро ҷои зисти худ қарор медиҳанд. Дар Толиқон чанд муддат зиндагонӣ мекунанд, ки бародари хурдии ҳазрати Бурх аз дунё дармегузарад. Баъди ба хок супурдани бародар ҳазрати Бурх аз модар хоҳиш мекунад, ки ин минтақаро низ тарк кунанду ба ҷои дигаре биравaнд. Модар розӣ мешавад. Дасти модарро гирифта ҳазрати Бурх ба шаҳри Бо меояд. Дар он ҷо низ чанд муддат зиндагонӣ мекунанд, ки модараш аз дунё мегузарад. Баъди вафоти модар чанд муддате ҳазрати Бурх дар ҳамон шаҳр мемонад. Шабе ҳазрати Бурх модарашро дар хоб мебинад, ки ба ӯ мегӯяд:

-Фарзанди азиз, туро рухсат додам. Ҳар куҷо ки дилат мехоҳад, бирав.

## Ба Боршид омадани ҳазрати Бурху ошкор шудани ӯ

Ҳазрати Бурх шаҳри Бо-ро низ тарк гуфта ба минтақаи кӯҳистони Вахё ба мавзеи Боршид меояд. Дар он ҷо дар зери як буттаи чиварғ ҷойгир шуда пинҳон аз чашми одамон ба зикри Худои бузург машғул мешавад. Чил сол дар ҳамин мавзеъ дар забон номи Худо ба ёди Ӯ умр ба сар мебурд. Боре Бобо Ҳоҷӣ ном марде, ки дар деҳаи Боршид зиндагӣ мекард, дар ҷустуҷӯи ҳезум ба назди ҳамон чиварғ меояд. Чанд шохаи он буттаро мешиканад. Садое ба гӯшаш мерасад, ки мегӯяд:

-Ай марди Худо, як бор шуд.

Бобои Ҳоҷӣ ба ин ва он тарафи худ нигоҳ мекунад, вале касеро намебинад. Боз ба шикастани шохаҳои чиварғ идома медиҳад. Боз ҳамон садо баланд мешавад:

-Ай марди Худо,  як бор шуд.

Боз ба атрофи худ назар меандозаду касеро намебинад. Дафъаи саввум даст ба шикастани шохаҳо мезанад, ки дар поён як тахтасанги сабзеро мебинад. Вақте, ки тахтасангро  бардошта ба як тараф мегузорад, равзанае рӯ мезанад. Сар ба он равзана мехалад. Ҳазрати Бурхро мебинад, ки бо мӯйҳои дарозу чашмони муборакаш "Ё Ҳу, Ё Манҳу" гӯён ба зикри Ҳақ машғул ҳаст. Вақте, ки равзана кушода шуд, ӯ ба тарафи

Бобои Ҳоҷӣ нигоҳ карда гуфт:

-Ай марди Худо, аз ман матарс. Хости Худованд аст, ки ту маро зоҳир бисозӣ ва он корро кардӣ. Акнун бирав аз нишонсанги Хуллоз то сарҳади Боршид мардумро ҷамъ бикун то биёянду марқади маро дар як рӯз бисозанд. Бобои Ҳоҷӣ гуфт:

-Эй султони олам, ман марди камбағалам. Гапи маро касе намегирад. Ва мардумро низ наметавонам хӯрока бидиҳам. Ҳазрати Бурх дурреро аз миёни худ гирифту ба Бобои Ҳоҷӣ доду гуфт:

-Инро бигиру дар миёнат дошта бош. Корҳоят ба хости Худо барор хоҳанд гирифт.

## Қиссаи осиёби гардон, оҳуи қурбонӣ ва устоҳои дуредгар

Бобои Ҳоҷӣ он дурри ҳазрати Бурхро гирифта ба гуфтаи ӯ амал карда аз нишонсанги Хуллоз то Боршид мардумро барои сохтмони мақбараи ҳазрати Бурх даъват мекунад. Мардум ҳама даъвати Бобои Ҳоҷиро пазируфта ба мавзее, ки имрӯз дар он ҷо мақбараи ҳазрати Бурх қомат афкандааст, меоянду ба сохтмони мақбара шурӯъ мекунанд. Ба қавле хишти мақбараро аз деҳаи Сангвор, ки тақрибан 27 километр то мазор масофа дорад, мардум қатор истода дасти ба даст ба ҷои сохтмон мерасонанд. Чун одами зиёд ҷамъ шуда буд мавзӯи нон додани онҳо пеш меояд. Бобои Ҳоҷӣ тибқи васияти ҳазрати Бурх амал карда ба дӯли осиё-

би деҳа ду коса гандуми дар хона доштаашро мерезаду болои онро бо локиаш мепӯшад. Осиёб ба фармони Худо беист кор мекунаду пайваста орди хушсифатеро истеҳсол мекунад. Бобои Ҳоҷӣ он ордро гирифта ба мардуме, ки масъули тайёр кардани хӯроки ҳашарчиён буданд, медиҳад. Онҳо беист нон мепазанд ва ба мардуми ба ҳашар омада тақсим мекунанд. Нақл мекунанд, ки масъулин хӯрокаи ҳашарчиён нияти пухтани шӯрбо мекунанд, вале намедонанд, ки гӯштро аз куҷо бигиранд. Дар ҳамин вақт аз кӯҳ як нахчири бузургҷуссае меояду дар он тарафи Оби Мазор, на чандон дуртар аз мақбара сарашро болои санге гузошта гӯё касеро интизор мешавад. Бобои Ҳоҷӣ ба масъулини хӯрокаи ҳашарчиён мегӯяд, ки биравед он оҳуро сар бизанед, ки ба нияти худро қурбонӣ кардан ба инҷо омадааст. Яке аз масъулин кордеро гирифта ба назди он нахчир меравад. Ба фармони Худои бузург нахчир зарраи ҳам аз ҷой намеҷунбад. Ҳатто сарашро, ки ба тарафи қибла гардонда болои санг гузошта буд, намебардорад. Масъул оҳуро забҳ мекунаду барои мардуми ҳашарчӣ аз гӯшти он хӯрок мепазад. Хуни оҳу хоки мавзеи забҳро лолагун месозад. То ба имрӯз мардум аз он мавзеъ хоки аз хуни оҳу сурхшудаеро баъди зиёрати мақбараи ҳазрати Бурх бо худ ба хонаҳояшон мебаранд. Мегӯянд, ки ин хоки сурх хусусиятҳои табобатӣ доштааст. Ба гуфтаи ашхосе, ки таърихчаи ҳазрати Бурхро медонанд, ҳамон рӯз мақбараи ҳазрати Бурх-

ро сохта тамом мекунад. Танҳо кори васл кардани дари мақбара мемонад. Устоҳои дуредгар мегӯянд, ки онҳо монда шудаанд, барои ҳамин васл кардани дари мақбараро ба фардо мегузоранд. Устоҳо ҳамин гапи худро ҳанӯз тамом накарда будаанд, ки гардани ҳардуяшон метобад. Ба гиряву нола мезананд ва пеши Худо зора мекунанд, ки онҳоро боз ба асли қадим баргардонад. Дигар чунин беҳурматӣ нахоҳанд кард. Худованд онҳоро ҳамон лаҳза шифои комил ва оҷил ато мекунад ва устоҳо низ кори худро ба анҷом мерасонанд. Мақбара дар як рӯз сохта мешавад.

Мардум гӯшти оҳуро хӯрда Бобои Ҳоҷиро мутаваллии мақбараи ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ интихоб карданд ва ҳар кас аз пайи кори худ шуд.

## Феҳристи мутаваллиёни мазори ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ

Ин феҳрист, ки дар дастхате, ки дар мазор то солҳои 90-м нигоҳ дошта мешудааст, навишта шуда будааст.

Баъди Бобои Ҳоҷӣ мутаваллӣ шайх Ҷамил мешавад. Ҳамин тариқ мутавалигӣ аз шайх Ҷамил ба шайх Набӣ, аз шайх Набӣ ба шайх Валӣ, аз шайх Валӣ ба шайх Мӯъмин, аз шайх Мӯъмин ба шайх Маҷнун, аз шайх Маҷнун ба шайх Абдувалӣ, аз шайх Абдувалӣ ба шайх Ҷаъфар, аз шайх Ҷаъфар, ба шайх Қаландар, аз шайх Қаландар ба шайх Муттасил, аз шайх Муттасил ба шайх Таслим, аз шайх Таслим ба шайх Юсуф, аз

шайх Юсуф ба шайх Ёдгор, аз шайх Ёдгор ба шайх Қаландар, аз шайх Қаландар ба шайх Худойдод, аз шайх Худойдод ба шайх Валӣ, аз шайх Валӣ ба шайх Хусрав, аз шайх Хусрав ба шайх Толиб, аз шайх Толиб ба шайх Неъмат, аз шайх Неъмат ба шайх Қудрат, аз шайх Қудрат ба шайх Раҳмат, аз шайх Раҳмат ба шайх Ҷонӣ, аз шайх Ҷонӣ ба шайх Қабул, аз шайх Қабул ба шайх Работӣ, аз шайх Работӣ ба шайх Алии Дарвеш, аз шайх Алии Дарвеш ба шайх Работӣ, аз шайх Работӣ ба шайх мулло Мӯъмин, аз шайх мулло Мӯъмин ба шайх мулло Хайруллоҳ, аз шайх мулло Хайруллоҳ ба шайх мулло Қаландар, аз шайх мулло Қаландар ба мулло Фатҳуллоҳ, аз мулло Фатҳуллоҳ ба мулло Файзуллоҳ, аз мулло Файзуллоҳ ба мулло Исматуллоҳ, аз мулло Исматуллоҳ ба мулло Ҳусайн, аз мулло Ҳусайн ба мулло Сафар, аз мулло Сафар ба мулло Салим, аз мулло Салим ба мулло Одина расид. Валлоҳу аълам. Ва аз мулло Одина ба шайх Назар расид (сабти охир дар солҳои 1980-ум изофа гардидааст).

## Бурхи Сармаст ва талаби аз байн бурдани як дӯзах

«Дар саҳифаи 21 муноҷотеро Домулло Раҷаб дар ҳаққи Бурхи Сармасти Валӣ аз Мавлонои Румӣ ривоят мекунад. Ҳазрати Мавлоно, дар баёни ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ ва мартабаю манзалаташ дар назди Аллоҳ таъоло чӣ қадар буд, чунин ривоят кардааст, (албатта мо онро хулосатан меорем)

Бурх аслан аз қавми Мӯсо алайҳиссалом аст ва дар замони Мӯсо алайҳиссалом умр ба сар бурдааст ва дар ҳамон давр аз олам гузаштааст. Оиди кӣ будану чӣ будани Бурх ривоятҳо зиёд аст. Ҳатто ривоятҳои ӯзбекӣ ҳам ҳаст. Оиди қабраш ҳам нисбатҳои зиёд медиҳанд, ки дар мулки Араб аст ва дар Ӯзбекистон чанд маконро марқади Бурхи Сармаст ном мебаранд. Лекин ба ҳақиқати ҳол назар андозем он гуфтаҳое, ки мардум аз рӯи муҳаббат ва эътиқод ҳарф мезананд, доир ба кӣ будани Бурх ё он ҷойҳое, ки дар Ӯзбекистон ё дигар мамлакатҳо гумон бурда мешавад, марқади Бурх ба ҳақиқати он чизе, ки домулло Раҷаб ривоят кардааст, аз Мавлонои Рум дар кӣ будану чӣ буданаш, дар куҷо зиндагӣ ба сар бурданаш ва дар куҷо хок шуданаш, дар кадом асру замон зиндагӣ ба сар бурдааст ва чӣ қадар ба Парвардигор наздикӣ доштааст, дар ка-

дом аср гузаштааст, ба ҳақиқат наздикӣ мекунад. Аз-баски Мавлонои Рум дар васфи ҳар касу ҳар чӣ қалам ба рӯи қоғаз наовард, магар барои олитарин инсонҳои дунё ва олитарин чизҳо. Дар ин баёзаш домулло Раҷаб аз Мавлонои Рум дар васфи 3 шахсияти бузурги дунё қалам ба рӯи қоғаз овардааст. Аввал муноҷоти Бурх дар саҳифаи 21-и баёзаш, дуюм ҳикояи ба назм оварда шудаи Мавлоно дар ҳаққи Расул(с) дар саҳифаи 34 -и баёз, сеюм аз мақолоти Мавлоно дар ҳаққи Имло алайҳираҳма вал ғуфрон дар саҳифаи 24-и Баёз

**Дар хабар бишнав ту, эй марди салим,**
**Шуд хитоби Ҳақ ба Мӯсои калим.**

Чунончи хабар медиҳад, ки

- Эй Мӯсо, мо як дӯсте дорем аз хосони тан. Кӯҳеро ҷойи зист карор додааст. Ҳаргиз бе амри мо берун нарафтааст, яъне тарки фармони мо накардааст. Номаш Бурхи осудааст. Парвардигори бузург мегӯяд, ки аз санҷиши мо гузашт, дар аҳд бисёр бовафост. Парвардигори бузургу бекому безабон мегӯяд: "Эй Мӯсо, зи мо ранҷида шуд". Суоле пеш меояд, ки барои чӣ ранҷида шуд, барои он ки як умед, фикру хаёле дошт, ки Парвардигор дӯзахашро гирад то мардум осудаҳол шавад. Парвардигор умедашро иҷобат накард, сабаби ранҷиш шуд. Албатта, ин маълум аст, ки ягон банда ҳаққи ранҷидан аз Парвардигорро надорад. Лекин бандаи дӯстдору карини Парвардигор буд. Як нозе кард.

Парвардигори бузург бузургиаш ин аст, ки ҳазра-

ти Мӯсо алайҳиссаломро гуфт:

- Рав бидеҳ ӯро ба мо оштӣ. Яъне рав бифаҳмон, ки ҳаққи ранҷидан надорад банда аз Парвардигор.

Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом, ки яке аз дӯстони наздики Парвардигор буд, шитобон фаҳм кард аз рамзи сухани Аллоҳ. Зуд равон шуд ба тарафи кӯҳ. Дид, ки дар кӯҳ як девонаи дар оташи ишқи Илоҳӣ сӯхта. Ғайр аз Парвардигори бузург чизе пеши ӯ қадре надорад. Дар ҳаққи Аллоҳ фурӯ рафтагӣ, мӯйи сараш то зону. Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом бар дараш омад, салом дод. Ҳазрати Бурх боодобона ҷавоби салом дод, бисёр хушомадӣ кард. Бисёр хурсандӣ кард аз қудуми ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом.

**Эй хушо бар ман, ки меҳмонам шудӣ,**
**Завраќи ширин ту дар ҷонам шудӣ.**

Гуфт ҳазрати Бурх ба Мӯсо алайҳиссалом:

- Эй баргузидаи Парвардигор, -хуш омадӣ,- биё наздикам бишин, - Қаблан ҳам аз қудуми шумо кӯҳи Тур сар кашиду аз он нуре пайдо шуд. Ҳазрати Мӯсо гуфт:

- Аз куҷо донистӣ номи маро, ҳол он, ки маро надидаӣ? Дар ҳақиқат, Сино манзилу бошишгоҳи ман аст.

-Ҳазрати Бурх гуфт:

**Гуфт аршу фаршро донам аён.**
**Ҷаннату Фирдавсу нору инсу ҷон.**

-Агар бихоҳӣ ба ту хабар бидиҳам тамоми он чизе, ки дар обу дар хушкист, ҳатто гуфт равзаи хулди баринро ошкор кунам, эй Мӯсо. Морҳои дӯзахро то ҳаф-

тумин замин ошкор кунам -

Мӯсо алайҳиссалом гуфт:

- Эй масти висоли Парвардигор, бандаи некхисол, як хабар, як овозе дар гӯши мо расид. Аз назди Ҳақ омадам то бифаҳмам, ки аз чӣ рӯ гаштаӣ аз Парвардигор.

Гуфт:

-Аҳде буд байни ману Парвардигор ҳар он чизе, ки аз тарафи Худои Бузург амр шуд ман онро ба ҷо овардам:

**Ҳақ ҳамегуфт ҳарчи хоҳӣ он кунам.**

**Дӯсти мой, ман туро шодон кунам.**

Гуфтамаш, эй Парвардигор:

**Дӯзахатро бартараф кун аз миён.**

**То раҳо гарданд аз вай мардумон.**

Парвардигор хоҳиши маро рад кард. Агар хоҳишам ба назди Воҷибулвуҷуд мақбул мешуд, халқи олам шод мешуд, аз ғаму андӯҳ раҳо мешуд. Ин талаби ман рад шуд, аз ин ҷиҳат сабаби ранҷиш шуд. Агар Парвардигор маро, дар ҳақиқат, дӯсти худ қабул медошт, дӯзахашро аз замин мебардошт, лек умеди мо қабул нашуд ва минбаъд касе ба ман коре надорад. Ман ҳам аз дӯзахи пурмор натарсам. Биҳишту Ҳуру Қусур надонам, лекин дар тоъаташ ба тамоми ҳастӣ ҳозирам.

Бурх гуфт:

- Аҳди байни мо ва Парвардигор шикаста шуд. Алҳол барои оштӣ бовар надорам, -

Гуфт Калимуллоҳ:

- Эй масти Илоҳ, мулк аз Парвардигор аст. Агар

дӯзахи пурмор набуд, гармӣ ва хунукӣ набуд, саҷдаи Парвардигорро касе ба ҷо наёвардӣ, Худою дини Парвардигорро касе надонистӣ, агар ваъдаи Ҷаннат неъматҳои Ҷаннат набуд, касе аз бандагон ҳақиқати Парвардигорро нашинохт, ба ҳар тараф назар андозӣ он чизеро мебинӣ, аз сангу чӯбу дарахт ва ҷамъи ашё аз санъати Илоҳист. Ҳатто нури офтобу моҳтоб ба дасти Илоҳист. Наҳрҳову баҳрҳо, ин ҷаҳон, ҳама он чизе, ки мебинӣ аёну ошкоро Парвардигорро дарак медиҳад. Халқи олам, ҷамиъи мавҷудот, нестиву ҳастӣ аз Парвардигор аст. Ҳама он чизе, ки мебинӣ зери назорати Ӯст. Ҳатто як луқма ноне, ки фурӯ мебарӣ ба ҳисобу китоби Илоҳист. Агар иъонати Парвардигор набошад, касе ба коре қодир намешавад, агар раҳмату шафқати Парвардигор набошад аз гулӯи касе об фурӯ намеравад. Эй хушгуҳар, пас бишнав аз ман панде, ки ҳеҷ кас ҳаққи ранҷидани аз Парвардигори худро надорад, Парвардигор Парвардигор аст. Ҳар он чизе, ки дар дунё мебинӣ ба дасти Ӯст. Касе ҳаку ҳуқуқи дахолат надорад. Бояд банда руқъаи бандагиро аз гарданаш берун накунад.

Баъдан Бурх фаҳм кард, ки ӯ ҳаққи ранҷидани аз Парвардигорро надорад.

Гуфт:

**Аз сар ошиқам кардӣ.**

**Ва ҷон ба ҳақ таслим кард.**

Албатта, Парвардигор ба Бурх муҳтоҷ набуд. Ле-

кин эъҷозу икроми Парвардигор буд ба дӯсташ то, ки фаҳм кунад, ҳақиқати ҳолро дарёбад.

Дар бораи Бурхи Сармасти Валӣ ривоятҳо бисёр аст. Ҳатто, ки баъзан ривоятҳои ӯзбекӣ ҳам ҳаст. Ба фикри ман аз ҳама ривоятҳо ва он чизҳое, ки дар бораи Бурхи Сармаст мардум ҳарф мезананд, он чизеро, ки дар ин баёз домулло Раҷаб аз Мавлавии Рум ривоят кардааст, ба ҳақиқат наздик аст. Азбаски Бурх дар асри ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом зиндагӣ ба сар бурдааст, дар ҳамон вақт аз дунё гузаштааст. Дар як кӯҳе зиндагӣ ба сар бурдааст. Мӯсо - алаҳиссалом ба амри илоҳӣ ба назди Бурх ба ҳамон кӯҳ омадааст. Мумкин кӯҳ он ҷое бошад, ки ҳоло маркадаш он ҷост, яъне Дарвоз».

***Ин ҳикоят аз китоби Домулло Раҷаби Усмонзода "Баёз", ки соли 2006 дар Душанбе дар матбааи "Суннатуллоҳ" ба чоп расидааст, гирифта шудааст. Ин қисса дар саҳифаҳои 17-21 ин китоб ба табъ расидааст.***

***Домулло Раҷаби Усмонзода яке аз уламои машҳури дини мубини ислом дар кишвар буда аз соли 1944 то соли 1978 имом -хатиби масҷиди ҷомеъи шаҳри Ваҳдат будааст. Соли 1978 дар синни 85- солагӣ аз дунё чашм мепӯшад. Шеър низ гуфтааст.***

## Қиссаи чилтани пок ва Бурхи Сармасти Валӣ

Дар замони Мӯсо пайғамбар алайҳиссалом подшоҳе буд, ки як зан дошт. Чандин солҳо подшоҳӣ кард ва умраш ҳам ба ҷое расид. Дар он замон подшоҳ агар вафот мекард дар ҷояш писараш подшоҳ мешуд. Аммо ин подшоҳ писар надошт. Рӯзе бо занаш ин масъаларо дар байн мегузорад. Маслиҳат мекунанд, ки ба назди Мӯсо алайҳиссалом бираванд ва аз Ӯхоҳиш кунанд, ки дар вақти муноҷот гуфтанаш бо Парвардигор барои онҳо аз Худо талаби фарзанд кунад. Ҳамин тариқ субҳи дигар подшоҳу занаш ба назди Мӯсо алайҳиссалом мераванд ва мақсади омаданашонро ба ӯ мегӯянд. Мӯсо алайҳиссалом ба онҳо ваъда медиҳад, ки дар муноҷоти навбатиаш ба Худованд арзи онҳоро мерасонад. Рӯзи дигар ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом ба кӯҳи Тур рафта дар вақти муноҷоташ ба Худованди бузург гуфт:

-Ай Худои бузург, дар байни бандагони Туву умматони ман подшоҳе ҳаст, ки фарзанд надорад. Ӯ мехоҳад, ки фарзанд дошта бошад. Худоё, ба ӯ фарзанд бидеҳ!

Парвардигор посухаш медиҳад:

-Ё Мӯсо, дар тақдири ӯ фарзанд нест.

Ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом дигар чизе нагуфта ба хонааш бармегардад. Подшоҳро бо занаш дар он ҷо дида ба ӯ мегӯяд:

-Подшоҳо, Худованд гуфт, ки дар тақдири ту ва занат фарзанд нест. Ту аз ин ҷаҳон бефарзанд хоҳӣ рафт.

Подшоҳ низ маъюсона мегӯяд:

-Ҳар чӣ ки дар тақдири мо ҳаст, мо онро қабул дорем. Ва ба занаш мегӯяд, ки биё ба хона равем. Дар роҳ аз дур нафареро мебинанд, ки зикри сифатҳои Худо карда омада истодааст. Ӯро Бурхи Сармасти девона мегуфтанд. Бурхи Сармаст баробари дидани подшоҳ аз рафтан боз истода аз ӯ пурсид:

-Подшоҳо, аз куҷо меоӣ?

Подшоҳ ба ӯ ҳодисаро нақл мекунад.Бурхи Сармаст ба подшоҳ мегӯяд:

-Худованд бахил нест. Ӯ карим аст. Ӯ ба ту чил фарзанд медиҳад.

-Подшоҳ мегӯяд, ки ҳазрати Мӯсо алайҳиссалом талаби моро пеши Худованд бурда буд.

Худо ба ӯ гуфтааст, ки дар тақдири мо фарзанд нест. Мо ба тақдири худ тан додаем. Бурх ба подшоҳ боз мегӯяд, ки ноумед набошад. Худованд ба ӯ чил фарзанд хоҳад дод. Подшоҳ ба роҳи худ идома медиҳад. Бурхи Сармаст дастҳо ба сӯи осмон дуо мекунад, ки "Худоё, ба ин подшоҳ фарзанд бидеҳ!". Аз Худованд ба Бурх илҳом меояд, ки эй Бурхи девона, ман ба Мӯсо алайҳиссалом гуфтаам, ки дар тақдири ин подшоҳ

фарзанд нест. Ӯ аз дунё бефарзанд хоҳад рафт". Бурхи Сармаст ба Худои бузург мегӯяд:

Худоё, охир ман ба ӯ гуфтам, ки Ту бахил нестӣ, Ту каримӣ, Ту ба ӯ чил фарзанд медиҳӣ. Оё ин суханҳои ман рост нестанд?

Ҳазрати Парвардигор ба Бурхи Валӣ мегӯяд:

-Ё Бурхи Сармаст, бирав ба кори худ машғул бош. Ба подшоҳ чил фарзанд додам.

Бурх подшоҳро, ки ҳанӯз ба қаср нарасида буд, дарёб карда гуфт, ки ҳазрати Парвардигор ба ӯ чил фарзанд медиҳад. Подшоҳ ҳарчанд бовар накард, ки чунин мешавад, вале аз ҳазрати Бурх ибрози ташаккурӣ кард.

Ҳамон шаб подшоҳ бо занаш ҳамхоба шуд ва зани ӯ ҳомиладор гардид. Баъди нуҳ моҳу нуҳ рӯз зани подшоҳ чил фарзанд таваллуд кард. Чун чил фарзанд таваллуд кардан як амали ғайримуқаррарӣ буд, зану шавҳар маслиҳат карданд, ки яке аз фарзандонашро ба тарбияи худ гирифта боқимонда 39 нафарро дар як сабади калон гузошта ба як ҷангал бурда дар шохи як дарахт сабадро овезон кунанд ва ин корро карданд. Бо фармони Худованди бузург малоикаҳо омада тарбияву таълими ин 39 фарзанди подшоҳро ба ӯҳдаи худ гирифтанд. Фарзанде, ки ҳамроҳи подшоҳ буд, калон шуда рӯзе барои шикор ба ин ҷангал меравад. Дар ҷангал ӯ ҷавонҳои ба худ монандро дида бо онҳо шинос мешавад. Ҷавонҳо аз фарзанди подшоҳ кӣ буданашро мепурсанд. Ҷавон посух медиҳад, ки фарзан-

ди подшоҳ ҳаст. Онҳо низ мегӯянд, ки фарзандони подшоҳ ҳастанд. Ин сирро ба онҳо малоикаҳо кушода будаанд. Ҳамин тавр чил бародарон аз мавҷудияти худ огоҳ мешаванд. Ҳамон чилтани поке, ки дар бораашон миёни мардум ва аҳли тасаввуф ривоятҳои зиёд ҳаст, ҳамин бародарон, фарзандони ҳамон подшоҳ мебошанд.

***Ин қиссаро аз забони Мулло Эмомиддин писари мулло Охун, рӯзи 13 майи соли 2012 дар деҳаи Шаҳдрези ноҳияи Чиликӯл навишта гирифтам.***

# БУРХИ ВАЛӢ
# ДАР АШЪОРИ ШОИРОН

*Шайх Фаридудини Аттор*

## "МУСИБАТНОМА"

Буд андар аҳди Мӯсои Калим,
Бурхи асвад бедиле бо дил ду ним.
Он чунон сарсабзие дар Бурх буд,
К-аз саводаш чеҳраи дин сурх буд.
Шуд табаҳ бар Оли Исроил  кор,
З-он ки омад хушксолӣ ошкор.
Соя меафканд қаҳтӣ саҳмнок,
Хостанд афтод халқе дар ҳалок.
Халқ  омад пеши Мӯсо сар ба сар,
То ба истисқо бурун ояд магар.
Рафт Мӯсо сӯи саҳро беқарор,
Хост борон аз Худои комгор.
Ҳам ба истисқо намоз оғоз кард,
Ҳам яди байзо дуоро боз кард.
Гарчи бисёре дуо гуфт он замон,
Ҳеҷ асар пайдо наёмад дар ҷаҳон.
Рафт Мӯсо баъд аз он якбор низ,
Барнаёмад кор дигар бор низ.
Хост шуд халқе дар он тангӣ ҳалок,
Рафт Мӯсо гуфт: "Эй Донои пок,
Чист дору то шавад дармон падид?
Чист фармон то шавад борон падид?

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Ҳақтаъоло гуфт бо Мӯсо ба роз:
"Гар ба борон аст қавматро ниёз,
Бандае дорам, ки ӯ гӯяд дуо.
Аз дуои ӯ шавад ҳоҷат раво",
Мӯсӣ омад боз ҷуст он бандаро,
Бурх дид он бандаи фархундаро,
Бурхро гуфт: "Ай латифи номдор.
Чун ҷаҳонро қаҳтӣ омад ошкор,
Сӯи саҳро ранҷа шав фардо пагоҳ,
В-аз Худо аз баҳри борон абр хоҳ.
З-он ки гар з-ин сон бимонад хушксол,
Умр бар халқи ҷаҳон ояд завол".
Рӯзи дигар Бурх омад сӯи дашт,
Пас ҷаҳони халқ бар вай гирд гашт.
Гуфт ё Раб, халқро дар хун макаш!
Ҳарзамон дар ранҷи дигаргун макаш!
Халқро аз хок чун бардоштӣ,
Гурсна охир чаро бигзоштӣ?
Ё набоист офаридан халқро.
Ё на бешак луқма бояд ҳалқро.
Лутф кам шуд, ё карам гӯӣ намонд,
В-он ҳама инъому некӯӣ намонд?
Он ҳама дарёи бахшиш  к-он туроcт,
Менабахшӣ, менарезӣ? Он куҷост?
Гар Ту з-он меоварӣ ин қаҳти сол,
То диҳӣ халқони худро гӯшмол.
Баъд аз он тарсӣ, ки натвонӣ ҳаме,
Бал тавонӣ кард бо сонӣ ҳаме.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Лутф кун ин халқи ҳайронро бидор,
Ҷон чу додӣ, нон бидеҳ ҷонро бидор.
То бигуфт ин фаслро Бурхи сиёҳ,
Мард боло гашт аз борон гиёҳ.
Ҷумлаи олам зи борон тоза шуд,
Дилхушии халқ беандоза шуд.
Рӯзи дигар Мӯсии Имрон магар,
Дид ногаҳ Бурхро бар раҳгузар.
Гуфт: "Ай Мӯсо,бидидӣ он замон,
Бо Худои ту чи гуфтам он чунон.
Гармии ман дидиву гуфтори ман?,
Мардии ман дидиву хинҷори ман?"
З-ин сухан Мӯсо чунон дар тоб шуд,
К-оташи чашм омадаш в-аз об шуд.
Ҷӯш мезад хашми ӯ чун баҳри жарф,
Хост то ӯро биранҷонад шигарф.
То чунин шӯридае на сар на бун.
Инчунин густох чун гӯяд сухун,
Ҷабраил омад, ки "эй Мӯсо, матоб,
Пас маранҷон Бурхро аз ҳеҷ боб!
З-он ки Ҳақ мегӯяд ин Бурхи сиёҳ,
Ҳаст моро бандае аз дергоҳ.
Лутфи моро  ӯ ба ҳар рӯзе се бор,
Мебихандонад чу гулбарги баҳор,
Лутфи моро ханда аз гуфтори ӯст,
Кори ту нест ин валекин кори ӯст.
Ҳар касе хосияте  ёфт аз Илоҳ,
Буд ин хосияти Бурхи сиёҳ…

# ШУНИДАСТАМ, КИ МӮСО ДАР МУНОҶОТ

Шунидастам, ки Мӯсо дар муноҷот,
Зи Ҳақ чун ӯ яке мехост ҳоҷот.
Ки ё Раб, ё Раб аз фазли Илоҳӣ,
Зи хосонат яке бар ман намоӣ.
Нидо омад, ки эй Мӯсо, сафар кун,
Бирав андар фалон кӯҳе гузар кун.
Ки аз хосони мо он ҷо яке ҳаст,
Ки сӯзи ишқ бар вай андаке ҳаст.
Чу Мӯсо фаҳм кард он рози мутлақ,
Бирафт он ҷо, ки фармон будаш аз Ҳақ.
Якеро дид бар санге нишаста,
Ба зикри Ҳақ забони хеш баста.
Ки мӯи сар бипечида танашро,
Ту гӯӣ дӯхта пироҳанашро.
Ду чашмонаш мисоли чашми оҳу,
Набудӣ дар забонаш ғайри "ё Ҳу".
Саломаш дод Мӯсои сарафроз,
Ба ҷуз "ё Ҳу" наёмад ҳеҷ овоз.
Дили Мӯсо ба ҷӯш омад ба як бор,
Чу дарё дар хурӯш омад ба як бор.
Бад-ӯ гуфто, ки эй масти Илоҳӣ,
Аз ин бисёр "ё Ҳу" гуфтан чӣ хоҳӣ?

*Султони Ҳамад*

Агар бо Ҳақ туро кор аст, баргӯ,
Агар мақсуд дидор аст, баргӯ.
Манам Мӯсои пайғамбар, ки ҳастам,
Худоро аз дилу ҷон мепарастам.
Чу номи Ҳақ шунид он масти ҳайрон,
Бизад "ё Ҳу", парид аз қолабаш ҷон.
Нидо омад, ки эй Мӯсо, чӣ дидӣ?
Магар бо масти ҳайронам расидӣ?
Аз ин мастон маро чандин ҳазоранд,
Ки номамро шунида ҷон супоранд.
Ало Аттор хушгуфтор бошӣ,
Аз ин гуфтор бархурдор бошӣ.

***Мавлави Ҷалолиддини Рӯмӣ***

## БУРХНОМА

Рӯзе андар Тур Мӯсои Калим,
Роз мегуфтӣ ба Султони Карим.
К-зй Худованди карими раҳнамо,
Холиқу халлоқи ҷумла халқҳо.
Дар хабар бишнав ту, эй марди салим,
Шуд хитоби Ҳақ ба Мӯсои Калим.
Дӯсте дорам, ки бошад мустақим,
Роз гӯяд бо ту амсол, эй Калим
Ӯ маро дӯстест аз хосони ман,
Дар яке кӯҳе ҳамедорад ватан.
Муддати бошад, ки бо мо ошност,
Доимо дар гуфту дар фармони мост.
Меназад бе амри мо голе бурун,
Бурхи Сармастаст номи ӯ кунун.
Дар вафодорӣ басе санҷида шуд,
Лек, эй Мӯсо, зи мо ранҷида шуд.
Дил ба умеди хаёле доштӣ,
Рав, варо бо мо бидеҳ ту оштӣ.
Фаҳм агар дорӣ зи Холиқи азал,
Чун шуда он муҷтабӣ сӯи Ҷабал?

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Дид як девонаи мустағраҷе,
Оташи ишқи Аҳадро муғраҷе.
Мосаввалллаҳро шуда бегонае,
Мулки олам пешаш арзандонае.
Раста аз худ мутлақу дар Ҳақ шудаст,
Дар ҷаморуллоҳ мустағрақ шудаст.
Дӯхт бо қаддаш кунун пироҳанаш,
Мӯйи сар ӯро шуда то доманаш.
Бар дараш Мӯсо биёмад бо салом,
Бурх додияш ҷавоби бокиром.
Гуфташ: Эй Мӯсои Имронам, биё,
Розгӯи кӯҳи Синову Само.
Эй хушо, бар ман, ки меҳмонам шудӣ,
Завраҷи ширин ту бар ҷонам шудӣ.
Эй гузида бандаи некӯҷабин,
Хуш биёву ин замон пешам бишин.
Баҳри ташрифи қудумат кӯҳи Тур,
Бин таҷаллӣ ёфт аз иқболи хур.
Гуфт  чун донистӣ ту асмои ман?
Ҳаст Сино манзилу маъвои ман?
Аз чи донистӣ маро, эй хушгуҳар,
Чун надидӣ ту маро з-ин пештар?
Гуфт: Аршу фаршро донам аён,
Ҷаннату фирдавсу кори инсу ҷон.
Гар бигӯӣ, бо ту ман бидҳам хабар,
Ҷумлаи зарротро то баҳру бар.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Во намоям равзаи Хулди барин,
Дӯзахи пурмор то зери замин.
Он Калимуллоҳ гуфт: Масти висол,
Мар Худоро бандаи некӯхисол.
Муждае дорам зи пайғоми Худо.
Кард бар гӯшам Худовандам нидо.
Омадам, то оштӣ бидҳам туро,
К-аз чи рӯ ранҷидаӣ ту аз Худо?
Гуфт: Аҳде баста будам бо Худо,
Ҳар чӣ Ӯ гуфтӣ ҳамекардам адо.
Ҳақ ҳамегуфт: Он чи гӯйӣ он кунам.
Дӯсти моӣ туро шодон кунам.
Ҳар чӣ мехоҳӣ талаб, аз ман равост,
Ман Худоям, назди Ман ҳоҷат равост.
Ман ба Ӯ гуфтам, ки эй Маъбуди ман,
Дар ду олам мақсаду мақсуди ман.
Дӯзахатро бартараф кун аз миён,
То раҳо ёбанд аз вай мардумон.
Халқи оламро, Худоё, шод кун,
Ҷумларо аз банди ғам озод кун.
Ин талабро ӯ накардӣ мустаҷоб,
З-ин сабаб ранҷида гаштам дар шитоб.
Гар маро ӯ дӯст мепиндоштӣ,
Аз миён дӯзах ҳамебардоштӣ.
Ҳар киро бо ман набошад кор ҳеҷ,
Тарс нест аз дӯзахи пурмор ҳеҷ.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Не биҳишташ хоҳаму ҳуру кусур,
Лек андар тоъаташ дорам ҳузур.
Худ ҳаме бишкаст аҳде доштӣ,
Ин замон бовар надорам оштӣ.
Он Калими розгӯйи кӯҳи Тур,
Он ки гашта ғарқаи дарёи нур,
Гуфт: ай Бурхи валӣ, масти Илоҳ,
Мулк азони Ӯст, Ӯро кун паноҳ.
Гар набошад дӯзахи пурмори ӯ,
Гармиву сардӣ, ҷаҳиму нори ӯ.
Гар набудӣ ҷаннату хулду наъим,
Кай шиносад бандааш ҳаққи Раҳим.
Саҷда кай кардӣ варо андар замин,
Не Худо донистиву не роҳи дин.
Ҳар тараф осори сунъи Ӯ нигар,
Аз набототу ҷамодоту шаҷар.
Гар набудӣ нури моҳу офтоб,
Пай набурдӣ кас ба наҳсу саъди боб.
Наҳрҳою баҳрҳои ин ҷаҳон.
Аз барои сунъи ӯ некӯ аён.
Ҷумлаи заррот маълумоти Ӯст,
Халқи олам ҷумла мавҷудоти Ӯст.
Нестию ҳастӣ аз Яздон бувад,
Ҷумла зери қудрати Субҳон бувад.
Бе танобу чӯбу айвону фалак ,
Бас муаллақ монд чун моҳу малак .

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Луқмае ноне, ки гирӣ дар даҳон,
Реза гардад ӯ ба ҳукми зулманон.
Гар набошад ҳукми аълои азал,
Кай бибояд дастҳо зад дар амал.
Гар набошад шафқату осори Ӯ,
Кай тавонад рафт об андар гулӯ?
Пас шунав, эй хушгуҳар, аз ман басе,
Аз Худои хеш кай ранҷад касе?
Гуфт: Ай Мӯсо, диламро сухтӣ,
Оташи ишқам кунун афрӯхтӣ.
Фурқаташ тобе надорам ин замон,
Ин бигуфту андар он дам дод ҷон.
Ҷон ба ҷонон дод, тухме барфишонд,
Ҳазрати Мӯсо аз он ҳайрон бимонд.
Ҳақтаъоло гуфт: Эй Мӯсои ман,
Ту чаро ҳайрон бимонӣ з-ин сухан.
Ошиқони мо ба мо ҷонро диҳанд,
Сар ба болини бақо он ҷо ниҳанд.
Баъди ҳафт соат дар он ҷо зинда шуд,
Ӯ Худоро бандаи зебанда шуд.
Ҳақтаъоло дод умре ҷовидон,
Бо ҳамин гулдастаи боғи ҷаҳон.
Шуд ба амри Холиқи кавну макон,
Бар ду олам подшоҳи ошиқон.
Монд мифтоҳе ба дасташ аз қадар,
То кушояд қуфл аз шаръу матал.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Ҳашт ҷаннат буд, дӯзах низ ҳашт,
Ҳақтаъоло аз яке дӯзах гузашт.
Кард барҳам дӯзахи ҳаштум тамом,
Баҳри Бурхи ошиқи некӯмаром.
Зикри ӯ бар ҷон чу шаҳду шакар аст,
Тавфи дарбораш чу ҳаҷҷи акбар аст.
Аз Ҷалолуддини Румӣ гуш кун,
Рав зиёрат бар Ҷабал хомӯш кун.
Оқилӣ, аз сирри Ҳақ огоҳ бош,
Дар ду олам хориқи биллоҳ бош.
Ин маноқиб бишнав, эй олиҷаноб,
Аз карам, "валлоҳу аълам биссавоб".

*Аҳмади Ҷомӣ*

## МАН, КИ ДЕВОНАВУ МАСТАМ, ТАНИ ТАНҲО, Ё ҲУ

Ман, ки девонаву мастам, тани танҳо, ё Ҳу,
Қадаҳи шиша ба дастам, тани танҳо, ё Ҳу.
Ба қимори хони ишқат ҳамаро бохтаам,
Дил дар ин рафт зи дастам, тани танҳо, ё Ҳу.
То ки хоки дари риндони харобот шудам.
З-ин сабаб бода парастам тани танҳо, ё Ҳу.
Хӯрда будам зи майи ишқи Ту дар рӯзи азал,
Ҳамчу лояқилу мастам, тани танҳо, ё Ҳу.
Гашта Ҷомӣ зи ғуломони дари пири муғон,
Тани танҳо, тани танҳо, тани танҳо, ё Ҳу.

*Сайид Қаландар ибни Шоҳсоиб*
*Мавлавии Ҷунунӣ*

## ВОҚЕАИ ДУО НАМУДАНИ МӮСО (а) АЗ БАРОИ БОРОН

Каломи шир аз пистони ҷон аст,
Ба коми тифли ҷӯянда равон аст.
Чунин накл аст андар асри Мӯсо,
Наборид абр, шуд қаҳтӣ саропо.
Зироатҳо ҳама хушку хазон шуд,
Ба олам нархи туъма пургарон шуд.
Бишуд қавми банӣ исроилӣ танг,
Намонд аз бетаомӣ қуввату ҳанг.
Ҳама дар назди Мӯсо ҷамъ омад,
Чу парвона ба назди шамъ омад.
Ба қавмаш рафт Мӯсо сӯи саҳро,
Ба борон хостан аз Ҳақ таъоло.
Дуъоҳо кард Мӯсо баҳри борон,
Нашуд мақбул бар даргоҳи Субҳон.
Бигуфт Мӯсо, ай Халлоқи олам,
Чи сирраст ноқабулӣ дар дуоям?
Бигуфт Эзид, ки эй Мӯсои Имрон,
Дили қавмат сиёҳ аз фисқу исён.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Намесозанд тавба аз гуноҳон,
Надоранд сидқи дил ин рӯсиёҳон.
Аз ин соат дуоҳо ноқабул аст,
Куҷо мақбули мо ҳар булфузул аст?
Валекин дар фалон ҷо бандае ҳаст,
Қабули мост, номаш Бурхи Сармаст.
Бирав бо ӯ бигӯ созад дуоро,
Ба ҳукми ӯ кунам абри саморо.
Фиристонам бари ӯ зуд борон,
Магӯ ин сирри ҳикматро ба ёрон.
Барои ҷустуҷӯи Бурхи Сармаст,
Бигашт Мӯсо баландиҳову ҳам паст.
Бипурсидӣ суроғи ӯ зи ҳар кас,
Набудӣ воқиф аз он шоҳу ҳар кас.
Куҷо ҳар кас шиносад марди Ҳақро,
Зи илми ишқ нохонда сабақро.
Ба зери пардаи Эзид ниҳон аст,
Ба ӯ з-ин ваҷҳ мардум бадгумон аст.
Ҳама гуфтанд: мо ӯро надонем,
Валӣ мо ҳар гадоеро нахонем.
Ба ногаҳ масти Ҳақро ёфт Мӯсо,
Ба шӯриш буд ҳамчун мавҷи дарё.
Ба симои вуҷуҳаш нури саҷда,
Ба мавлояш ба хидмат нек банда.
Варо бишнохт Мӯсо бинни Имрон,
Саломаш кард гуфт, ай Бурхи Мастон.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Алайкум гуфт, ай Мӯсо, биё зуд,
Туӣ ҳамроз бо донои Маъбуд.
Бигуфт Мӯсо: "Чӣ донистӣ маро ту,
Ки ҳастам Мӯсии ҳамроз бо Ӯ".
Бигуфт: "Он ки туро бо ман фиристод,
Зи аҳволи ту Ӯ бо ман хабар дод.
Магар мехоҳӣ аз ман оби борон,
Ба борон аст қавмат интизорон".
Бигуфт Мӯсо, ки оре, чунин ҳаст,
Чу авқоти халоиқ аз замин аст.
Ба даргоҳи карам аз баҳри ҳоҷот,
Бигардон ошиқи содиқ муноҷот.
Ки ай саттори айби ин маъибон,
Бисозӣ мушкили ҳар банда осон.
Тараҳҳум кун ба ҳоли ин ғарибон,
Насибе бахш ту бар камнасибон.
Ба Мӯсо гуфт: сӯи хона рав зуд,
Ки борон мерасад ба амри Маъбуд.
Ба хона кард то Мӯсо қадам тез,
Бишуд борон ба фармони Худо рез.

*Домулло Раҷаби Усмонзода*

## МУНОҶОТИ БУРХ

Дар хабар бишнав ту, эй марди салим,
Шуд хитоби Ҳақ ба Мӯсои Калим.
Ки маро дӯстест аз хосони тан,
Дар яке кӯҳе ҳаме дорад ватан.
Муддате ҳаст ӯ ки бо мо ошност,
Доимо дар гуфта, дар фармони Мост.
Меназад бе амри Мо гоме бурун,
Бурхи асвад буд номи ӯ кунун.
Дар вафодорӣ басе санҷида шуд,
Лек, эй Мӯсо, зи Мо ранҷида шуд.
Дил ба умеди хаёле доштӣ,
Рав, бидеҳ ӯро ба мо, ту оштӣ.
Фаҳм кард ӯ рамзи халлоқи азал,
Чун шуда он муҷтабӣ сӯи Ҷабал.
Дид як девонаи мустағрақе,
Оташи ишқи Аҳадро муғрақе.
Мосаваллоҳро шуда бегонае,
Мулки олам пешаш арзандонае.
Дар ҷамолуллоҳ мустағрақ шуда,
Раста аз худ дар Ҳаққу мутлақ шуда.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Дӯхт бо қудрат кунун пироҳанаш,
Мӯи сар ӯро шуда то доманаш.
Бар дараш омад Калим додӣ салом,
Посухашро Бурх додӣ бо кором.
Гуфт: биё, эй Мӯсии Имрон, биё,
Розгӯйи кӯҳи Синову Сафо.
Эй хушо, бо ман ки меҳмонам шудӣ,
Завраки ширин ту дар ҷонам шудӣ.
Эй гузида бандаи некуҷабин,
Хуш биёю ин замон пешам нишин.
Баҳри ташрифи қудумат кӯҳи Тур,
Сар кашида з-он таҷаллӣ ёфт нур.
Гуфт: донистӣ ту исму ҷони ман,
Ҳаст Сино манзилу маъвои ман.
Чун ту донистӣ маро, эй хушгуҳар?
Гар надидӣ ту маро з-ин пештар,
Гуфт: Аршу фаршро донам аён,
Ҷаннату Фирдавс, нору инсу ҷон.
Гар бигӯӣ бо ту бидҳам ман хабар.
Ҷумлаи зарротро то баҳру бар.
Во намоям равзаи Хулди барин,
Дӯзахи пурмор то ҳафтум замин,
Гуфт Калимуллоҳ, эй масти висол
Мар Худоро бандаи некухисол,
Муждае дорам ман аз номи Худо.
Бар ту мегӯям пайғоми Худо,
Омадам то оштӣ бидҳам туро.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Аз чӣ рӯ ранҷида гаштӣ аз Худо?
Гуфт: аҳде баста будам бо Худо.
Ҳар чи гуфт Ӯ ман ҳамон кардам фидо,
Ҳақ ҳамегуфт ҳарчи гӯйи он кунам.
Дӯсти мой, Ман туро шодон кунам,
Ҳар чӣ меҳоҳи талаб, аз Ман равост.
Ман Худоям назди Ман ҳоҷат равост,
Ман ба Ӯ гуфтам, эй маъбуди ман.
Дар ду олам мақсаду мақсуди ман,
Дӯзахатро бартараф кун аз миён.
То раҳо гарданд аз вай мардумон,
Халқи оламро, Худоё, шод кун.
Ҷумларо аз банди ғам озод кун,
Ин талабро Ӯ накард аз ман иҷоб,
З-ин сабаб ранҷида гаштам дар шитоб.
Гар маро Ӯ дӯсти худ пиндоштӣ,
Дӯзахашро аз миён бардоштӣ.
Ки маро бо Ӯ набошад кор ҳеҷ.
Ҳам натарсам дӯзахи пурмор ҳеҷ,
Не биҳишташ хоҳаму ҳуру қусур,
Лек бошам тоъаташро дар ҳузур.
Худ ҳаме бишкаст аҳде доштӣ,
Ин замон бовар надорам оштӣ.
Он Калими розгӯи кӯҳи Тур,
Он, ки гашта ғарқаи дарёи нур.
Гуфт Калимуллоҳ, эй масти илоҳ,
Мулк аз они Ӯст, Ӯро кун паноҳ,

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Гар набудӣ дӯзахи пурмориӮ,
Гармию сардӣ, ҷаҳиму нори Ӯ.
Саҷда кай кардӣ варо андар замин,
Не Худо донистию не роҳи дин.
Гар набудӣ ҷаннату ваъди наъим,
Кай шинохтӣ бандагони Ҳақ Раҳим.
Ҳар тараф осору сунъи Ӯ нигар.
Аз набототу ҷамодоту шаҷар,
Гар набудӣ нури моҳу офтоб.
Пай набурдӣ кас ба наҳсу саъди бод,
Наҳрҳою баҳрҳои ин ҷаҳон,
Аз барои сунъи Ӯ неку аён.
Ҷумлаи заррот маълумоти Ӯст
Халқи олам ҷумла мавҷудоти Ӯст.
Нестию ҳастӣ аз Яздон бувад.
Ҷумла зери қудрати Раҳмон бувад,
Луқмаи ноне, ки гирӣ дар даҳон.
Реза гардад ӯ ба ҳукми зулманон,
Гар набошад ҳукми аълои азал,
Кай бибояд дастҳо зад дар амал.
Гар набошад шафқату исори Ӯ.
Кай тавонад рафт об андар гулӯ.
Бас шунав, эй хушгуҳар, аз ман басе,
Аз Худои хеш кай ранҷад касе?
Гуфт, эй Мӯсо, диламро сухтӣ,
Оташи ишқам кунун афрӯхтӣ.

Фурқаташ тобе надорам ин замон.
Ин бигуфту андар он дам дод ҷон,
Аввалаш бо хоку хокистар кунад.
Охираш ҳамчун садаф гавҳар кунад,
Ҳамчунон фармуд моро Мавлавӣ,
Муршиди аҳли тариқат Маснавӣ.

*Ранҷа*

## ДАР ҶОИ БУРХ ҲАР КИ РАСАД, ОШИҚ АСТ

Ҳар кас, ки сӯхт дилу ҷонаш, марди ошиқ аст,
Ҳар кас, ки хӯрд тири ғамаш, марди ошиқ аст.
Лоиқ ба Ишқ нест касе булҳавас бувад,
Дар баҳри Ишқ ғута хӯрад, марди лоиқ аст.
Парвонавор чарх занад гирди шамъи худ,
Болу параш чу сӯхт, бидон, марди ошиқ аст.
Сармояи ҳаёт бувад ишқи Дӯст, бас,
Бо ҳар кӣ ишқ нест, яқин марди фосиқ аст.
Тарки сивош ҳар кӣ бикард, мард мебувад,
Чун эътибори Дӯст шавад, марди ошиқ аст.
Ошиқ набошад он, ки ба ӯ дарди ишқ нест,
Дар доғи дард сӯхт, ҳамон марди ошиқ аст.
Сармасти ишқи Дӯст шудан номи Бурх буд,
Дар ҷои Бурх ҳар кӣ расад, марди ошиқ аст.
То луқма хуни дил нахӯрӣ, кай расӣ ба ҷо,
Ин ки хӯрад хуни дилаш, марди ошиқ аст.
Чандин балост бар сари ошиқ ҳамерасад,
Ҳар кас диловар аст дар ин марди ошиқ аст,
Собир ту бош Ранҷа, ба ҳар чӣ ризои Ӯст,
Таълим кард ҳар кӣ сараш, марди ошиқ аст.

*Мӯъмин Қаноат*

Даст намедиҳӣ ба мо, даст ба мо намерасад,
Садди миёни одамон то ба само намерасад.
Тири Накону ҷони Бурх мепараду ҳамепарад,
Пири тариқати маро тири хато намерасад.
Пеш бирав ба сӯи Ҳақ, то ки биёӣ пешво,
Акс марав, ки сӯи Ӯ кас ба қафо намерасад.

## АЗ ДОСТОНИ "ПАДАР"

Гуфт бо дилхушӣ Диловаршоҳ,
"Ки ғазои Худоӣ дар шаш моҳ.
Канд аз хок тухми кофарро,
Кошта тухмаи диловарро…
Сад қасам мехӯрам ба номи Алӣ,
Саҷдаҳо мебарам ба Бурхи Валӣ.
Мекунам аз салиби кофарҳо,
Наъли аспи шумо диловарҳо.
Ҳаст ин теғи ман балогардон,
Аз паси теғи ман, мусулмонон!!!

***Бозор Собир***

# ҶУНБИШИ ГАҲВОРАИ САБЗАШ - ҶУНБИШИ НАБЗАШ

Ҳар дам чаро ҷаноза бихонем?
Ҳар дам чаро кабуд бипӯшем?
Ҳар дам чаро бародари худро
Хунинкафан ба хок супорем?

Дасту бағал кушода, биёед,
Аз пӯстҳои хеш бароем,

Дар пӯстҳои ҳамдигар бидароем,
Аз ҷилди танги ҷанг бароем,
Дар ҷилди ору нанг дароем.

Дар пешгоҳи ҳазрати Мавлоно,
Дар пешгоҳи чашмаи Носир,
Дар пеши Мазори ҳазрати Султон,
Бо ҳам намози тавба гузорем,
Бо ҳам намози сулҳ бихонем.

Аз мо шикаст ҳурмати ҳамхунӣ,
Аз мо шикаст ҳурмати ҳамширӣ,

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Аз мо шикаст иззати хешӣ,
Аз мо шикаст решаи пайвандӣ.

Дар зери хоку моки Хуросон,
Дар зери сангу хоки Бадахшон,
Дар қабрҳои кӯҳнаи Хатлон,
Дар қалъаҳои кӯҳнаи Вахшон
Аз шарми ҷанги мо
Ҷунбид устухони азизон,
Ҷунбид устухони ниёгон.

Ранҷид рӯҳи Бурхи Валӣ аз мо,
Ранҷид рӯҳи Бӯалӣ аз мо,
Ранҷид рӯҳи Рӯдакӣ аз мо,
Ранҷид рӯҳи Хоҷа Камол,
Ранҷид рӯҳи ҳазрати Иқбол.

Хешу таборамон ҳама саргашта,
Саргаштаҳои гумгашта,
Хобанд пушта- пушта дар Афғонистон,
Хобанд пушта- пушта дар Покистон,
Хобанд пушта- пушта дар Эрон.

Оё умеди покии мо ҳаст?
Оре, умеди покии мо ҳаст:
Бигзор ҳамчун мардуми осӣ
Бӯсида риши мӯсафедонро,
Бӯсида чашми ятимонро,

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Дар пеши ҳайкали Фирдавсӣ,
Дар пеши пои ҳайкали Сино,
Дар пеши ҳайкали Айнӣ,
Дар пеши пои ҳайкали Восеъ
Зону занем аз пушаймонӣ.

Барпо кунем ҷашни ниёиш,
Барпо кунем ҳафтаи пӯзиш,
Барпо кунем тантанаи бахшиш
В-аз устухонҳои шаҳидон,
Аз гӯрхонаҳои азизон,
Аз ҳар шаҳид узр бипурсем,
Аз ҳар мазор узр бипурсем,
Бо нолаҳои зор узр бипурсем.

Ҳар сина покшӯӣ шавад аз кина,
Ҳар даст покшӯӣ шавад аз хун,
Ҳар чашм покшӯӣ шавад аз заҳр,
Ҳар ном покшӯӣ шавад аз доғ,
Яъне, ки покшӯӣ шавад барпо,
Монанди покшӯии тилло
Аз касофати дарё.

Бигзор, шири модари тоҷик
Чун чашмаи биҳиштӣ нахушкад!
Бигзор, гоҳвораи сабзаш
Ҷунбад баробари набзаш.

*Салимшо Ҳалимшо*

## ПОРЧАҲОАЗ МАСНАВИИ "НОҶИЁНИ ДУНЁ"

Вахё зи дами Бурхи Валӣ буд биҳиште,
Бар боди хазон роҳ набудӣ ба дари он.

Чун Бурхи хирадманд худ аз дудаи Тур аст,
Тур аст худ аз дудаи Ҷамшед чу сарҷон.

З-он аст, ки шуд Бурх чу Ҷамшед шарафёб,
Дунё бишавад то ба муроди дили инсон.

Аз дониши ӯ боғи ҷаҳон пур зи самар шуд.
Ҳам дар маҳи найсону даю тиру ҳазирон.

Бал Бурхи Валӣ дод ба кас умри дубора,
Бал садди аҷал гашт ба Вахёи дурахшон.

Ҷон дар қафаси сина сафо ёфт зи дасташ,
Тан гашта ба ҷон аз нафасаш тахти Сулаймон.

Аз нияти ӯ дард зи тан гашт фирорӣ,
Тан аз дами ӯ обу ҳаво ёфт чу бӯстон.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Шуд оташи ӯ нур ба ҳар синаи тира,
Шуд ҳикмати ӯ боли хирад бар тани нодон.

Аз дори ҷаҳон Бурх ба дунё ду писар дошт.
Буданд ду болу пари ӯ аз дари Раҳмон.

Вахшур будӣ пури бузургаш, ки ба номаш,
Ин водии Вахш аст ба ин шуҳрату ин шон.

Қонуни адолат шуд аз  ӯ вирди забонҳо,
Овард зи қонун ба сари дафтару девон.

Қонун бикунад пурамал аз зиндагии хақ,
Чун об, ки орад ба самар киштаи деҳқон…

Дармон бишавад оби бақо бар ҳама дарде,
Бояд, ки шавад худ суханат доруву дармон.

Вахшур аз он муъҷизаи обу замин кард,
Қонуни адолат ба ҷаҳон кашф ба бурҳон.

Қонуни адолат бувад оини табиат,
Аз он фари Ҷам кард макон мавҷи хурӯшон.

Дар хок бувад решаи ҳар нахли биҳиштӣ,
Аз хоки сияҳ омад аз он пайкари инсон.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Иблис хабар ёфт чу аз дафтари Вахшур,
К-он оинае ҳаст ба ҳар минбару девон.

Шӯре ба дили  турки ҷафопеша барангехт,
Дар ларза аз он фитна бишуд хоки Хуросон.

Тире бизад аз рашку ҳасад бар дили Вахшур,
Хунаш ба сари хок бишуд оташи сӯзон.

Вахшури ба хун ғарқа дами ҷонкании хеш,
Нолид ба даргоҳи Худованд, ки эй ҷон,

Мар тавба бубахшой ба ин бандаи бераҳм,
То ӯ бишавад муқбили даргоҳи муҳибон.

Иблис чу ин манзара дар Вахшонзамин дид,
Ҷодугарие боз барангехт дигар сон.

Хушконд ҳаме абри сияҳро зи паи кин,
То абр нарезад ба замин қатраи борон.

Андар раҳи рӯдест, ки зи Вахёст равона
Бар Вахшонзамин то ки ба сангаш бишавад ҷон.

Овард падид аждари шашсар ба тилисмаш,
То рӯд кунад хушку шавад мулк биёбон…

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Гаршосп чу ин манзараро дид зи ҷо хест,
То ҳифз кунад мулки Худованд зи шайтон.

Чун чашма бурун омада он аз ҷигари Бурх,
То ҳифз зи Вахё бикунад зодаи Ризвон.

Ӯ сохт зи алмос яке найзаи сартез,
Шуд тез дамаш аз нафаси Меҳри дурахшон.

Омад ба сари аждару зад найза ба чашмаш,
Чун мор зи ҷо ҷасту биафтод ба афғон.

Бар санг бадал гашт аз он найзаи Гаршосп,
Бар даҳр надидаст чунин марг зи пайкон.

Бар домани Вахё ба кунун аждари сангин,
Бо захми ҳамон найза бувад ҳайкали беҷон.

Бал мавҷзанон аз бари он рӯд равон аст,
Гӯяд, ки навош аз дили эҳёст навохон.

Он аз сари Вахё бишитобад, ки бибӯсад.
Дар домани Вахше, ки ба ӯ ҳаст санохон.

Қонуни ҳаёти абадирост зи Вахшоб,
Сад мӯъҷизае дар дили ҳар мавҷи хурӯшон.

З-он аст, ки ҳар ташналаберо бидиҳад Вахш,
Аз синаи худ об худ аз дасти пурэҳсон.

Ин қиссаи Гаршосп сари саргаҳи Вахё,
Шуд вирди забон боди саҳарро сари майдон…

## БУРХИ ВАЛӢ АЗ ДУДАИ ҶАМ ОМАДАСТ, ҲОН

Водии Вахш рози ҷаҳонро кунад ниҳон,
Аз дасти ҳосидони сияҳкори ҳар замон.

Донӣ, чарост сабз ҳама кӯҳпорааш?
Зеро, ки ҳаст дар раги ҳар кӯҳ хун равон.

Аз шаҳрагаш бурун бишавад чашмаи сафед,
Ба хуни шаҳрагаш бикунад рӯяш арғувон.

Водии Вахш хонаи Вахшури порсост,
Фарзанди Бурх ӯст дар ин пок хокдон.

Қонуни аввалини ҷаҳонро навишт ӯ,
Қонуни адл аз қаламаш гашт ҳукмрон.

Вахшур буд зодаи Бурхи Валӣ ба Ҳақ,
Бурхи Валӣ аз дудаи Ҷам омадаст, ҳон.

Эй бехабар, зи илми забон, безабон туӣ,
Ин рози сар ба муҳр набошад туро аён.

Ин ҷо насими субҳ забони муҳаббат аст,
Ин ҷо дарахти бед кунад рози Ҳақ баён.

Мурғони шохи бед ҳадиси куҳан кунанд,
Бо қиссаву ҳадиси ҷаҳонанд дилҷавон.

*Машраби Девона*

## БА ДАРВОЗ ГАР РАВӢ АЗ ҲАЗРАТИ БУРХ ИЛТИҶОЕ КУН

Агар хоҳӣ, ки санъатҳои дунёро тамошо кун,
Ба ёди қудраташ кӯҳу биёбонро тамошо кун.
Самак дар зери дарё ҷумла мурғон дар ҳаво парвоз,
Чу хуршеди фалак он моҳи тобонро тамошо кун.
Ҳаёти Хизр агар ёбӣ, ки дар Шоми шариф бошӣ,
Ба шаҳри Мисру Рум Байтулмуқаддасро тамошо кун,
Ба дашти Карбало рафтӣ шаҳидонро тамошо кун,
Чу аз он бигзарӣ мулки Хуросонро тамошо кун.
Кулоҳу ҷанда дар бар кун бирав аз хонумон бигзар,
Ба Ҳиндустону Кобул рав. ба як дидан тамошо кун.
Гузар кун ҷониби Кӯлоб, дуое кун ба Султон Вайс,
Аз он бигзар бирав лаъли Бадахшонро тамошо кун.
Ба Дарвоз гар равӣ аз ҳазрати Бурх илтиҷое кун,
Аз он ҷо бигзару ту Конибодомро тамошо кун.
Намангону Хузору Чуст аҷоиб накҳате доранд,
Ба Марғелон бирав тахти Сулаймонро тамошо кун.
Зиёрат кун макони авлиё - шаҳри Самарқандам
Бухорои шариф ҳам илму ирфонро тамошо кун,
Тамошои ҷаҳон кардӣ, бикун ёди Ватан, Машраб,
Ки дар мулки Ҳисор ҷамъи бузургонро тамошо кун.

*Назри Яздонӣ*

## БУРХӢ ВАЛӢ, БУРХИ ВАЛӢ

Бурхӣ Валӣ, Бурхи Валӣ
То арш рафтӣ ҷангҷӯ,
Ошуфта кардӣ хотираш,
Дар маснади аълои Ӯ.

Аз ҳашт дӯзах дам задӣ,
Осоишаш барҳам задӣ.
Эй ҳамдами хоси Худо,
Беҳуда бешу кам задӣ.

Аз ҳашт дӯзах чораҷӯ,
Дар ман надидӣ хубтар.
Андар сириштам сохта
Сад дӯзаху хулди дигар.

Як зарра заҳри ҳарфи ман,
Аз ҳашт дӯзах қотил аст,
Як ҳарфи меҳролудаам,
Чун ҳашт фирдавси дил аст.

Дар кинаи ман сӯхта,
Мардум ҳазор андар ҳазор,
Аз лутфи ман ороста
Ҷаннат қатор андар қатор.

Бигзор аршу фаршро,
Дар ман нигаҳ кун хубтар,
Аз нори дӯзах бок не,
Аз кинаи ман алҳазар!

## СУРУДИ БОБОӢ

Вахё, Вахё, замини бобо, Вахё,
Аъло, аъло, аз ҳама аъло, Вахё,
Зебо, зебо, ягона зебо, Вахё,
Валло, билло, аз ҳама боло, Вахё.

Ман садқа шавам лаҳҷаи Хингови туро,
Мастонагиву хурӯши Равнови туро,
Ман садқаи покизагии ҳавзи Кабуд,
Ман садқаи сабзинагии сардараҳо,

Сарчашмаи обҳои дунё, Вахё,
Сарбайти суруди рӯди гӯё Вахё,
Сарҳалқаи орифони доно, Вахё,
Сарриштаи риштаҳои тилло, Вахё.

Ҳар дида туро бидида тасхир шавад,
Ҳайратзадаи нахчири тоҳир шавад,
Фархунда шавад зи сояи боли ҳумо,
Фархундаи сарфарози тақдир шавад.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

***Султони Ҳамад***

Эй кишвари обу нобу лафзи асалӣ,
Соҳибдилу аҳли ҳолу қоли азалӣ,
Озодаву сарфароз ҳар як нафарат,
Чун тифли сари пуштаву чун Бурхи Валӣ.

Рӯзе, ки ҷудо шудам зи банду пайванд,
Ин навҳа бимонд сар-сари кӯҳи баланд.
"Ҳар кас, ки маро зи хоки Вахё барканд,
Барканда шавад зи молу мулку фарзанд".

Вахё, Вахё, замини бобо, Вахё,
Аъло, аъло, аз ҳама аъло, Вахё,
Зебо, зебо, ягона зебо, Вахё,
Валло, билло, аз ҳама боло, Вахё.

***Хайрандеш***

Эй ҳазрати Амирҷон, нумут дар ҷонум,
Дар зикри калому ояти Қуръонум.
Эй бод, бубар, бӯи дили бирёнум,
Бар ҳазрати Бурху ҳазрати Султонум.

*Қамари Абдуллоҳ*

## ДАР ВАСФИ ҲАЗРАТИ БУРХИ САРМАСТИ ВАЛӢ
## (Илҳом аз зиёрати оромгоҳи ӯ)

Садқаи номи хушат, эй Бурхи Сармасти Валӣ,
Аз куҷо ҳиҷрат намудӣ, марди сарпасти Валӣ?

Зодгоҳи ту куҷо ҳасту кӣ ҳаст авлоди ту?
Сахт мехоҳам бидонам аз кадом аҷдоди ту?

То ба ин кӯҳсори дури дур чун кардӣ сафар,
Ту аз ин Хингоби хашмолуд чун кардӣ гузар?

Неку бадро дар тарозуи хирад санҷидаӣ,
Аз Худои хеш баҳри дӯзахе ранҷидаӣ.

Ноз кардӣ аз муҳаббат бо Худои хеш ту,
Рахт бастӣ аз Ватан монанди як дарвеш ту.

Офарин бар ҷуръату бар он дили дарёи ту,
Дар ҷабину дида молам хоки поки пои ту.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Хостӣ, ки бандагон озод бошанд аз азоб.
Богуноҳу бегуноҳ яксон дар рӯзи ҳисоб,

Дӯзахеро баҳри ту барҳам бизад Парвардигор,
Хоҳишат буд, эй азизи халқ, аз роҳи хато.

Гар наметарсид мардум аз Худои ломакон,
Гар намешуд дӯзахи пурҳайбати оташфишон.

Якдигарро мардумӣ мекард дар това кабоб,
Хуни ҳам мехӯрд одам то қиёмат ҷойи об.

Тарси мардум гар набуд аз оташи оҳангудоз,
Рӯза кай бигрифт одам, кай адо кардӣ намоз?

Ҷои гӯшти гов мардум ҳамдигар мехӯрданд,
Бе касал ҷумла ҳама аз дасти ҳам мемурданд.

Қадри ту боло, ки буд пеши Худои ломакон.
Дод барҳам дӯзахе аз хотират дар он замон.

З-ин сабаб ҳастӣ миёни аҳли олам ту азиз,
З-ин сабаб ҳастӣ миёни ҷумла одам ту азиз.

Нест канда пои мардум, з-ин сабаб аз даргаҳат,
Рафтуои мухлисонат ҳаст доим дар раҳат.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Чун ту ёри Ҳақтаъолоӣ зи кас ин руст нест,
Ҳар кӣ меҳри ту надорад бо Худо ӯ дӯст нест.

Рафтуо доранд мардум бар мазорат мисли мӯр,
Аз зиёрат дидаҳои хира гардад пур зи нур.

Кас ба даргоҳат дароядд аз раҳи сидқу вафо.
Аз барои ту  Худо бахшад ба ӯ бешак шифо.

Манзилат дар Боршуд андар чунин кӯҳсори дур.
Зулмати шабҳои торро медиҳад чун моҳи нур.

Шаб шавад ғарқи ситора осмони софи ту.
Хониши Хингоб ояд ҳар гаҳ аз атрофи ту.

Қад-қади роҳат равон ҷӯи зулолу чашмасор.
Сабзаву себарга, гулҳо андар он ҷо бешумор.

Кабкҳо дар гирди ту пайваста хушхонӣ кунанд.
Булбулон то субҳ дар васфат "суханронӣ" кунанд.

Маст мегардад дили кас аз навои булбулон,
Рақс мехоҳад намудан дар ҳавои булбулон.

Ҷони ман бодо фидоят, ҳазрати Бурхи Валӣ.
Мо ҳама шайдову маст аз ҳасрати Бурхи Валӣ.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Ҳайрате дорам, ки дар ин домани кӯҳсори дур,
Аз куҷо пайдо шуда ин хиштҳои аз танур?

Бо ҳамин хишт сохтанд кунгуру айвони ту,
Шуд бино бо хишти пухта ҳуҷраву айвони ту.

Бо забони безабонӣ бо ту дорам гуфтугӯ.
Сирри хишти марқадатро аз аз ту дорам ҷустуҷӯ.

Баъзеҳо гӯянд: "Хишташ аз Самарқанд омада.
Рӯи китфи рамаи бисёр гӯсфанд омада".

Дигарон гӯянд: "Бо роҳи каҷу болову паст,
Омада аз деҳаи Сангвор он дасти ба даст".

Иддае гӯянд: "Бо фармоиши хоси Худо,
Хиштро овардаанд садҳо малоик аз ҳаво".

Қисса кӯтаҳ, нест то ҳоло ягон қавли саҳеҳ.
Ё китобе, то ки матраҳ созад ин пинҳон фасеҳ,

Дорам андар ин хусус ман дар дилам фикри дигар.
Фикри тоза, фикри нав, андешаи бикри дигар.

Хоки хишташро халоиқ аз камарҳо кофтанд,
Қолабашро пешакорон аз дили худ ёфтанд.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Чун ба завқи ҳазрати Бурх мениҳад ҳар кӣ қадам,
Пойҳояш суда мегардад, асои ӯ қалам,

Ҳар зиёратгар, ки аз ин деҳаҳо дорад гузар,
Зоҳири ихлосманде буда аз ҷону ҷигар,

Чунки ин Бурхи Валӣ як муътабар назди Худост.
Дӯст дорад ҳар кӣ ӯро, дӯстдори ӯ Худост.

*Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода*

## МО ЗИЁРАТ БУРХИ САРМАСТ ОМАДЕМ

Мо зиёрат Бурхи Сармаст омадем,
Аз хиҷолат гардани паст омадем.
Эй Худоё, кун зиёратро қабул,
Ё Илоҳо, кун зиёфатро қабул.
Шарҳи ҳоли рафтагонӣ, эй Валӣ,
Ёдгори хуфтагонӣ, эй Валӣ.
Омадам ман  бар дарат, эй ошно,
Мешавам хоки дарат, эй ошно.
Лаб-лаби Хингоб сӯят омадам,
Дида пурнам ман  ба кӯят омадам.
Мову Мирзо ҳамраҳи Шоҳи Гадо,
Омадем андар дарат ҳамчун гадо.
Бар Ҷабал кардӣ макон, эй шоҳи аср,
Ҳам ҷабал кардӣ ба ту  худ коху қаср.
Дӯстдори ҳазрати Ҷаббор ту,
Дӯстдори Аҳмади Мухтор ту.
Мову ту ошиқ ба рӯи Мустафо,
Дӯстдори чор ёри босафо.
Аз раҳи дур омадем, бетӯшаем,
Аз паси кӯҳем, ҳанӯз дар пуштаем.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Эй Худоё, бандаем, роҳе намо,
Сӯи шерони дарат роҳе намо.
Шаб ба хобам омад он марди Худо,
Пешам омад кард бар ман  як садо.
Як нидо бо лаҳни зебои дарӣ,
Ба забони тоҷикии модарӣ.
Гуфт бо ман: бар дарам хуш омадӣ,
Чун ғуломон ҳалқа бар гӯш омадӣ.
Гуфт бо ман: ҳурмати Ҳақро талаб,
Бош ботақвою зуҳд, эй ҳақталаб!
Гуфт бо ман: Мустафоро дӯст дор,
Чор ёри босафоро дӯст дор!
Гуфт: "Исмоил, "Далоил"-ро бихон,
Вирдҳои Мустафо аз ёд дон!"
Инчунин гуфт: "Ман манӣ аз сар бирон,
Аз гуноҳат нодимӣ? Инро бидон!"
Ранги ӯву рӯи ӯву мӯи ӯ,
Қиблагоҳамро ҳамемонд, мӯ ба мӯ
Қадди боло, рӯи волоро бубин,
Мӯи хушбӯ, чашми зеборо бубин.
Нури Ҳақ андар ҷабини ёр бин,
Ҳам ту шавқи ваъдаи дидор бин…
Лаҳзае баъд ҳолати ман гашта сахт,
Гӯиё тобути ман болои тахт.
Ё Худоё, ин чӣ аҳвол асту ҳол?
Лабхамӯшам, нест дар ман қилу қол.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Ҳамраҳонам ҳоли ман чун дидаанд,
То саҳар андар барам биншастаанд.
Гуфт бо ман, ки ба ту дарсе диҳам,
Дарси маънӣ аз худотарсӣ диҳам.
Эй Худоё, бандаатро даст гир,
Дар даруни нафси худ ҳастам асир.
Ман асири нафси Шайтон омадам,
Бандаи осӣ чу меҳмон омадам.
Ҷони ман бодо фидои номи ту,
Хатми ин манзума ҳам бо номи ту.
Бурхи Сармасти Валӣ, эй ҷони ман,
Як шабе ҳамдам будӣ бар ҷони ман…

*Сулаймони Ризо*

## ДАР ВАСФИ ЭШОНҲОИ ЁЗҒАНД

Ёд орам аз Худову аз Расулу аз Алӣ,
Аз ҳама пайғамбарону ҳазрати Бурхи Валӣ.
Ёди дӯстони Худову анбиёву авлиё,
Ёди он дӯсти Худо аз ҳазрати шайхи Валӣ.

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

Андаруни деҳи зебо  Ёзған(д)  дорӣ  қарор,
Деҳаи Ёзған(д) шуда аз шуҳратат овозадор,
Дӯстодорони шумову ҳазрати Бурхи Валӣ,
Бар зиёрат мераванд аз ҳар диёр чандин ҳазор.

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

Шукри номи поки ту аз қудрати Парвардигор,
Андаруни боғи худ акнун шумо доред мазор,
Мекунам ҳардам зиёрат хоки манзили туро,
Бар ҳама бечораву дармондагон ҳоҷатбарор.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

Шуҳрати ту аз Душанбе то ба Хатлон рафтааст,
Шуҳратат, эй авлиё, то мулки Афғон рафтааст.
То Бадахшону Зарафшону Хуросон рафтааст,
То Самарқанду Бухоро, Ӯзбакистон рафтааст.

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

Гирд-гирди марқади ту одамони муътабар,
Ҳазрати Марди Худову бобии Суфӣ Сафар,
Ҳар киро бошад хатар ҳам ҳоҷате бошад агар,
Мекунад ӯро мадад бо амри Ҳақ аз ҳар хатар.

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

Хуфтаанд эшони Султону Сулаймон дар барат,
Хуфтааст андар барат хуршеди тобон Ҳайдарат,
Нур мебарад зи рухсору тамоми пайкарат,
Ҷумлаи ёрон шуда имрӯз меҳмон аз дарат.

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Хуфтааст андар мазори нозанинаш додарат,
Дар бари ӯ хуфтааст як хоҳари мушти парат.
Ҳар гаҳе моро гузар афтад агар аз гузарат,
Мекашем бар дида мо чун тӯтиё хоки дарат.

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

Монда буд андар ҷаҳон як қатрае аз ҷони ту,
Рафт наздат бо карам эшони Аҳмадҷони ту.
Алвидоъ хонда ба номи Аҳмади ҷон нозанин,
Ӯ кунун бо амри Ҳақ бошад ҳаме меҳмони ту.

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

Мо кунун ӯро зиёрат дар канорат мекунем,
Пораи Қуръон қироат дар мазорат мекунем.
Марги беинсоф ӯро аз миёни мо рабурд,
Мо ба тақдири Худо шукру қаноъат мекунем.

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

Қиссаҳо дар васфи ту имрӯз ҳикоят мекунем,
Сад дуъову сад дуруд мо аз  бароят мекунем.

## БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

*Султони Ҳамад*

Гар Худо бори дигар орад туро рӯи замин,
Ҷони худро мо фидои хоки поят мекунем.

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

Месарояд ин ғазал имрӯз Сулаймони Ризо,
Мо ҳама дасти мадад дорем ба домони Худо,
Гарчи моён кӯру кар, ҳам дардмандему мариз,
Рӯҳи покат, авлиё, бошад мудом дармони мо.

Мо умед дорем ҳамеша аз Худову аз Расул,
Аз Худову аз Расулу аз шумо шайхи Валӣ.

Ман ба номи он Худо поёни ин ғазал кунам,
Шукри Аллоҳи бузургу гила аз аҷал кунам,
То ба вақте ҷону қалбам метапад андар бадан,
Ҳар замон ёд аз туву эшони Мирафзал кунам.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

Абдулҳайи Муҷахарфӣ, "Муфиз-ул анвор ва Девони ашъор", бо кӯшишу таҳқиқи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ва Бурии Бачабеки Карим, Москва, "Интрансдорнаука" 2003.

Абдумалик Шехов "Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ", Душанбе, "Ирфон" 1999

Абдумалик Шехов "Ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ", Душанбе, "Ирфон" 2006

Абӯалӣ Муҳаммад бинни Муҳаммад Балъамӣ "Таърихи Табарӣ" дар ду ҷилд, Теҳрон "Нашри замон", 2001

Абутолиб Муҳаммад ибни Алии Маккӣ "Қут-ул-қулуб фи маъомилат-ул- маҳбуб ва васфи тари қул мурид илло мақом-ут-тавҳид". Маймана-Миср, соли 1306 ҳиҷрии хуршедӣ

Айнӣ С. "Ёддоштҳо" аз силсилаи "Энсиклопедияи насри муосири тоҷик" Душанбе, 2009

Амирбек Ҳабибов "Ганҷи парешон", Душанбе, "Ирфон", 1984, саҳ. 191.

Андреев М. С. Чильтаны в среднеазиатских верованиях // Бартольд В.В., 334-348;

Аҳмад Наҷиби Байзоӣ Суханварони Дарвоз, Кобул, 1369 ҳ.ш. (Бо ҳуруфи форсӣ)

Бартольд В.В. "Туркестан в эпох Монгольского нашествия". Соч. т.1. Москва, 1963.

Бартольд В.В. "История культурной жизни Туркестана", Ленинград, 1927

Басилов В.Н Шаманство у народов Средней Азии и Казахстана. М., 1992

Басилов В.Н Культ святых в исламе. Москва 1970

Бобобек Раҳимӣ, Ошноӣ бо Бедил Душанбе "Ирфон" 2009

Библейский словарь. мураттиб Эрик Нюстрем, нашриёти "Мировая Христианская Миссия", Торонто, Канада, соли 1979, стр. 60.

Бозор Собир "Шоиру шеъре агар ҳаст…", Душанбе "Адиб", соли 2006, саҳ. 17-19.

Валишев А.Н. "Чекистские были" Душанбе "Ирфон" 1988.

Ганҷи Парешон, Муҳаққиқ Амирбек Ҳабибов Душанбе, "Ирфон", 1984

Ғафуров Бобоҷон Тоҷикон таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва даврони нав, Душанбе "Ирфон" 1998.

Гафуров Б.Г. "Таджики древнейшая, древняя и средневековая история. Москва, издательство "Наука" 1972.

Ғолиб Ғоибов "Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз", Душанбе "Дониш", 2006

Ғулом Ҷумъаи Ҷовид "Мавҷи Хингоб", Душанбе, 1999

Домулло Раҷаби Усмонзода, "Баёз", Душанбе, 2006,

Диловари Мирзо "Борон доғҳоро мешӯяд" , Душанбе, "Диваштич" 2006

Девонақулов А. "Асрори номҳои кишвар". Душанбе, "Ирфон" 1984.

Ибни Қурбон "Дар дуроҳаи фано ва эҳёи миллати қадим", Душанбе, "ЭР-граф" 2007

Кисляков Н. А. , Бурх горный козёл (Древный культ в Таджикистане), "Сов. Этнография", 1934, №№1-2, стр. 181-189

Кисляков Н. А., Описание говоров таджиков Вахиои Боло. Тр. Таджикистан. Базы АН СССР, т. 3,1936, стр. 29-57

Кисляков Н. А., Охота таджиков долины р Хингоу в быт и фольклоре, "Сов. Этногр.", 1937, №4, стр. 104-119

Кисляков Н. А., Жилище горных таджиков бассейна р. Хингоу. "Сов. этногр.", сб. статей, вып. 2,М.-Л., 1939, стр. 149-170

Кисляков Н. А., Старинные приёмы земледельческой техники и обряды, связанные с земледелием, у таджиков бассейна р. Хингоу. "Сов. этногр.", 1947, № 1 стр. 108-125

Кисляков Н. А., Древные формы скотоводства и молоного хозяйства у горных таджиков бассейна р. Хингоу, Изв. ТФАН СССР, №15, Душанбе, 1949, стр. 37-46

Кисляков Н. А., О некоторых древных поверьях таджиков долины р. Хингоу, КСИИМК, вып. 80, 1960, стр. 114-117

Кисляков Н. А. Следы первобытного коммунизма у горных таджиков Вахио-Боло, Мосва-Ленинград, 1936

Кисляков Н. А. "Очерки по истории Каратегина", Сталинабад, 1954

Кисляков Н. А. Писарчик А.К. "Таджики Каратегина и Дарваза. Вып. 1 Душанбе 1966.

Кисляков Н. А. Писарчик А.К. "Таджики Каратегина и Дарваза. Вып. 2 Душанбе 1970.

Китоби ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон, мураттиб Музаффар Азизов, Душанбе 2011

Куллиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дастхат таҳти рақами 546, Ганҷинаи дастнависҳои Институти Шарқшиносӣ ва мероси хаттии Академияи илмҳои ҶТ, саҳ. 29б-30а

Қиссас-ул-анбиё Аз Одам то Хотам, Теҳрон "Бозори Шерозӣ" 1347 ҳиҷрии хуршедӣ.

Литвинский Б.А. "Древные кочевники "Крыши Мира", Москва. 1972

Литвинский Б.А. О топорах эпохи бронзы из Таджикистана.-Изв. АН Тадж. ССР. Вып.1 1961

Мавлоно Фахриддин Алӣ ибни Ҳусайн Воъизи Кошифӣ "Рашаҳот айн-ал ҳаёт", чопи сангӣ- Лакҳнав (Ҳиндустон), соли 1350 ҳиҷрӣ, саҳ. 59.

Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ "Маснавии маънавӣ" Теҳрон "Нашри Замон" 2001

Мифологический словарь главный ред. Мелетинский Е.М., Москва. Советская энциклопедия, 1990 г.

Муҳаббатов Холназар «Инсон ва сарватҳои табиӣ», Душанбе, нашриёти «Адиб», соли 2012.

Муҳаммадҳусайни Бурҳон "Бурҳони қотеъ", таҳияи Амон Нуров, иборат аз ду ҷилд, Душанбе "Адиб" 1993-2004

Муҳаммад Ғиёсиддин "Ғиёсу-л-луғот" таҳияи Амон Нуров, иборат аз се ҷилд, Душанбе "Адиб" 1987-89

Муҳаммад Муъйин "Фарҳанги Муъйин" (як ҷилди форсӣ), Теҳрон "Заррин майдони инқилоб" 1385 ҳиҷрии хуршедӣ

Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Таърихи Ҳумоюн, ба чоптайёркунанда, мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҷӯрабек Назриев, Душанбе 2006.

Муҳиддинов Э. "Қисмате аз таърихи Рашти куҳан" (Очерки таърихӣ), Душанбе, 1991

Мунтахаб-л-луғот таҳияи Амон Нуров, Душанбе 2003.

Мӯъмин Қаноат "Аз Бесутун то Кунун", Душанбе, "Адиб", Душанбе-1993

Назархоҷаи Наботӣ ва Мирзо Олимов "Раштонзамин" Душанбе "Диваштич" 2008.

Назархоҷаи Наботӣ "Мавлуди Набӣ (с) Душанбе 2008

Назри Яздонӣ, Меҳрбон, Душанбе "Адиб", 1990.

Назри Яздонӣ, Дилнигора, Душанбе, "Диваштич" 2008.

Назри Яздонӣ, Тоҷикистон беҳтар аз ҷон, Дшанбе, "Ирфон" 1999

Назри Яздонӣ, Ҳикмати озодагон. Душанбе, "Санадвора", 2009

Назри Яздонӣ Нурполо, Душанбе "Адиб" 2009

Нальский Яков В горах Восточной Бухары, Душанбе "Ирфон" 1984

Рассудова Р.Я. Культовые объекты Ферганы как источник по истории орошаемого земледелия 'II СЭ. 1985, №4, 96-104;

Рахимов Р.Р. "Мужские дома" в традиционной культуре таджиков. Л., 1990, 57-59;

Сайид Қаландар ибни Шоҳсоиб Мавлавии Ҷунунӣ "Маъдан-ул-ҳол" Теҳрон, соли 1376 ҳиҷрии шамсӣ, саҳ.202

Сайёфи Мизроб "Хурофот дар мазороти Тоҷикистон" ҳафтаномаи "СССР" аз 26-уми феврали соли 2009.

Салимшо Ҳалимшо "Зодагони ҳафт туфон", Душанбе, "Адиб", 2006.

Сказки и легенды горных таджиков, мураттиби китоб Анна Зиновьевна Розенфельд, нашриёти Москва "Наука" 1990

Снесарев Г.П. Хорезмские легенды как источник по истории религиозных культов Средней Азии. Москва, 1983, 62-63;

Тарҷумаи тафсири Табарӣ иборат аз ду ҷилд, Хуҷанд "Нури маърифат", 2007

Таърихи Табарӣ, ҷилди 1,Теҳрон соли 2001, саҳ 69.

Таърихи Бадахшон, ба чоп тайёркунанда А. Н. Болдырев, Ленинград 1959 (бо ҳуруфи форсӣ)

Усмонов Иброҳим, Тоҷикон (суруди таърихи халқ

ва замин) Душанбе "Пайванд" 2001

Хайрандеш "Зиёратнома", чопи Кӯлоб, соли 1994, саҳ. 32.

Ҳабибуллоҳ Файзуллоҳ "Куллиёт", Душанбе, нашриёти "Ирфон", 1995, саҳифаи 126.

Ҳайдаршо Пирумшоев "Таърихи Дарвоз" (аз қадим то замони муосир) Душанбе "Ирфон" 2008

Ҳамза Камол "Мазорҳои шимоли Тоҷикистон", Душанбе, "Диваштич", 2004

Ҳотамов Намоз, Таърихи халқи тоҷик (аз солҳои 60-уми асри 19 то соли 1924) Душанбе "ЭР-граф" 2007

Чаҳордаҳ мазор, маҷмӯъаи мақолот, мураттиб Ҳамза Камол, Душанбе, 2001

Ҷомӣ Абдураҳмон "Нафаҳоту-л-унс", таҳияи Маҳдии Тавҳидипур, Теҳрон 1337 ҳиҷрии қамарӣ.

Шайх Абдулҳайи Муҷахарфӣ "Муфид-ул- мӯъминин", таҳияи Низомиддини Муҳамадикром ва Назруллоҳи Муҳаммадюсуф, Душанбе "Полиграфия Арсенал Принт", 2008

Шайх Фаридаддини Аттор "Илоҳинома". Душанбе, нашриёти "Пайёми ошно", соли 2000, саҳ. 263-266.

Шайх Фариддудини Аттор, "Мусибатнома"-Теҳрон, соли 1383-и ҳиҷрии хуршедӣ,

Шайх Фариддудини Аттор, "Тазкирату-л- авлиё" Хуҷанд "Ношир" 2008

Шишов А. Таджики, подготовка текста и комментарий Кадира Рустама, Алматы 2006

Шоҳзода Муҳаммад Дорошукӯҳ "Ҳасанот-ул-орифин", мураттиб Саид Махдуми Раҳин, Кобул, (соли нашр маълум нест,бо ҳуруфи форсӣ)

Шоҳ Абдуллоҳи Бадахшӣ, Армуғони Бадахшон, Кобул , 1367 ҳ.ш. (бо ҳуруфи форсӣ)

# МУНДАРИҶАИ
# "БУРХИ ВАЛӢ- ДӮСТИ ХУДО"

Пешгуфтор ....................................................3-4
Сарсухани муаллиф.........................................5-7
Худоё, фарзандаш бидеҳ! .................................8-16
Дар сабаби таълифи китоб..............................17-18
"Вахё - сарзамине, ки роҳ ба сӯи кишвари ҷовидонӣ он ҷост"..............................................................19
Сухане чанд дар бораи табиат ва ҷуғрофиёи Вахё...............................................................19-25
Сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи Вахё..........26-27
Водии Хингоб ё мулки Вахё..........................27-30
Н. А. Кисляков кӣ буд?..................................30-32
Одамон кай дар ин водӣ маскан гирифтанд?...32-37
Номҳои маҳал чӣ мегӯянд?............................38-39
Мардуми маҳал дар чӣ назаранд?...................40-41
Харвак ё худ Хева...........................................41-44
Тасодуф ё иртиботи воқеӣ?............................45-46
Ҳиҷрат ё бадарға?..........................................47-49
Вахё - корвонсарои "Роҳи абрешим".....................49
Нигоҳи мухтасаре ба таърихи Вахё...............50-51
Дар ҳайати аморати Бухоро.........................52-58
Ташкили ҳокимияти Шӯроҳо дар Вахё..........58-61

Тақсимоти маъмурии Вахё дар замони Шӯроҳо....62-65
Муҳоҷират ба водии Вахш………………………66-70
Вахё дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ……..……..70-71
Вахё ояндаи хуб дорад…………………………72-76
Вахё макони авлиё………………………………….76
Мазори Хӯҷаи Хуллоз…………………………77-78
Хоҷа Аҳмади Ясавӣ ваҶуръатдорхӯҷаи Валӣ…..79-82
Ҷунайдуллоҳи бағдодӣ ва дигарон……….……84-87
Мазори ҳазрати Хоҷа Алоуддин…………….….88-90
Ҳазрати Хоҷа Алоуддин сӯфӣ буд?..................91-94
Хоҷа Алоуддин Хоразмист?..........................94-96
**ТАЪРИХЧАИ МУХТАСАРИ ЭШОНҲОИ ВАХЁ**…………………………………………….96-97
Эшонҳои Ёзғанд..........…...............……….98-100
Ҳангоми ҳангомаҳомон гум шуд насабномаҳо мон……………………………………………..101-102
Сайидонро сайидон обод карданд…………102-103
Ошкор шудани донишмандии Авлиё Мирзора ҳим………………………………………………..103-105
Фарзандони эшони Авлиё Мирзораҳим…...106-107
Эшони Шайх Шаҳобуддини Валӣ…………107-108
Шайх Абдулҳайи Муҷахарфӣ………………108-111
Каромоти Шайх Шаҳобиддини Валӣ……….111-112
Эшони Султон - ҷойгузини Шайх Шаҳобуддини Валӣ…………………………………………………..113
Эшони Султон ва атрофиёни ӯ………………114-116
Қиссаи ба Ҳаҷ рафтани Эшони Султон……..117-120

Моҷарои қипчоқҳо…….......................120-122
Қиссаҳои бобои Мирзонаҷот дар бораи Эшони Сул
тон……...............................................122-123
Эшони Султон ва хоҳари мири манғит…….123-127
Эшони Султон ва Иброҳимбек……............128-130
Қиссаи музокироти эшони Султон бо фармондеҳ
Мелкумов.................................................131-132
Эшони Султон ва Махсуми Фузайл………..133-135
Қиссаи ба қатл расидани эшони Султон……135-141
Ҷанги эшони Сайидҷалолиддин бо Махсуми
Фузайл…………………...........................141-145
Қиссаи татари болшевики мусулмоншуда….146-147
Қиссаи тройка шудани эшони Сайидҷалолиддин148-150
Бозмондагони эшонҳои Ёзғанд……………..150-153
Таърихчаи мухтасари эшонҳои Арзунк…….154-155
Эшони домулло Қурбони Валӣ……………..156-161
Эшони Раҳматуллоҳ ва бозмондагони ӯ……161-163
Эшони Халифа…………………...................163-166
Қиссаи ба Ҷиргатол рафтани эшони домулло
Қурбони Валӣ…………….........................166-170
**БУРХИ ВАЛӢ ДӮСТИ ХУДО**..........................171
Калимаи Бурх дар фарҳанг ва луғатҳои форсӣ -
тоҷикӣ……………………………………172-173
Калимаи "Бурх" дар дигар забонҳо………..173-175
Зикри ҳазрати Бурх дар осори муҳаққиқони
ғайритоҷик………….................................176-178
Бурх бузи кӯҳӣ нест!..................................179-182

Бузи кӯҳиро бо Бурхи Валӣ чӣ муносибат аст? 182-185
Тамсили мушки оҳу……………………………..185-186
Бурх соҳиби калиди борон?.........................186-188
Бурх шахсияти асотирист ё таърихӣ?............188-189
Маънии Бурх сиришки оташ аст…...…………189-191
Бурхи Валӣ аз дудаи Ҷам аст?.......................192-194
Қиссаи аждаҳо дар забони мардум…………..194-197
Гаршосп дар "Энсиклопедияи советии тоҷик"….198
Миёни Бурх ва Зардӯшт чӣ иртибот аст?.......199-203
Бурх ва Куруши Кабир…...................................203
Бурхи Валӣ -дӯсти Худо ва уммати Мӯсо (а)... 204-206
Борух ҳамон Бурх нест?..............................206-211
Осаф ибни Бархиё кист?..............................212-213
Осаф ибни Бархиё дар "Таърихи Табарӣ"…..…213-214
Бархиё номи Абулобои мост?........................214-219
Симои ҳазрати Бурх дар осори бузургони тасаввуф….220-223
Фаридуддини Аттор ва Бурхи Валӣ………..223-228
Аз Ҷалолиддини Румӣ гӯш кун………………228-235
Амир Саиди Ҳамадонӣ ва Бурхи Сармаст…....236-238
Ҳазрати Бурх ва Нақшбандия…………..…….239-241
Ҷомӣ низ зикри Бурхро кардааст…………….241-242
Бурх ва Увайси Қаранӣ……………………..242-243
Зикри Бурх дар "Иршодуттолибин"………….243-244
Бурх дар ғазали Ранҷа……………………...245-248
Мавлавӣ Ҷунунӣ ва Бурхи Сармаст………...248-252
Бурх бонии Тавроте, ки аз зуҳури Муҳаммад (с)
башорат додааст?.....................................252-254

Дар бораи китоби Таврот……………………..254-257
Кисляков чӣ мегӯяд?........................................258-262
Қуръони маҷид ва бузургони ислом дар бораи дар Тав
роту Инҷил зикр гардидани номи Муҳаммад (с)....263-266
Ҳикояти мусалмон шудани яҳудӣ……………266-269
**ЗАМИМАИ КИТОБИ "БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО"**..................................................270
Суҳбат бо узви вобастаи АИ ҶТ Юсуфшоҳ Яқубов
………………………………………………………271-282
Суҳбат бо эшони ҳоҷӣ Ҳурматуллоҳ Мӯҳтоҷов ва
эшони Ҳуҷҷатуллоҳ Раҳматуллоев…..………283-295
Суҳбат бо усто Абдурашид, ки мазори Бурхи Вали
ро тармим кардааст……….......................…296-301
Суҳбат бо эшони Орифи арзункчӣ…………..302-305
Иртибот бо эшонҳои Ёзғанд…..…………….305-306
Морҳои гурезон……………………………..306-307
Эшони Ориф дар бораи ҳазрати Бурх……….307-312
Таъмири мазори ҳазрати Бурх………………312-314
Эшони Ориф дар бораи Нуъмонбӣ………….....314-318
Қиссаҳои эшони Махсумча…………………..319-321
Эшонҳои Арзунк дар солҳои 30 ва баъд……..321-323
Эшони домулло Қурбони Валӣ………………324-329
Эшонҳои Ванҷ…………........……………329-330
Дар бораи Ҳазрати Бурх………………………..330
Қиссаи талаби барҳам додани дӯзах…………..331
Қиссаи хоб дидани Мири Ҳисор……………332-333
Суҳбат бо мулло Ҳурматуллоҳи Неъматуллоҳ...334-342

Эшони Раҳматуллоҳ ва Мири Ҳисор.........342-343
Эшони Шояхсӣ.........................................344
Бузургвори Хурӣ..................................344-352
Домулло Қиёмиддин ва шаҷараномаи ӯ...........353
Асли баромад.......................................353-357
Соҳиби каромот....................................357-358
Дидани ҳазрати Бурхи Валӣ дар хоб..........358-360
Раҳоӣ аз дасти сардори ГПУ.....................360-361
Гурбаи одамхӯр.....................................361-362
Муаммоҳои домулло Қиёмиддин................363-364
Қиссаи қозӣ домулло Валии Вахёчӣ............365-366
Дар бораи ҳазрати Бурх..........................367-369
Қиссаҳои махсуми мулло Абдурашид..........370-374
Қиссаҳои Ҳоҷӣ Ҳурматуллоҳи сангворӣ дар бораи худ, ҳазрати Бурхи Валӣ ва мардуми Вахё...375-377
Хабари падарамро чӣ гуна пайдо кардам?....377-382
Муҳоҷиркунии мардум.............................382-383
Дар бораи ҳазрати Бурх..........................383-386
Санги Мазор........................................387-388
Суҳбат бо Назри Яздонӣ шоир ва файласуфи маъруф..........................................389-407
Қиссаи Қосимбек ва писари ӯ Мирзо Акрам.....408-412
Суҳбат бо эшони Саидкабир писари эшони Саидаҳмад дар бораи шаҷараномаи аҷдоди онҳо.....413-423
"Бурхнома" ба забони ӯзбекӣ.........................424
Қиссаҳо дар бораи Бурхи Валӣ.................425-427
Қиссаи кӯтали Арасот.............................427-433

Дуъои борон……………..…………………..434-435
Сабқати Бурхи Валӣ бо Худованди бузург дар
сурахонӣ…………...……………………….435-436
Сафари ҳафт табақаи осмону замин ва хоҳиши
Бурхи Сармаст……………..……………….437-441
Ҳиҷрати Бурхи Сармаст аз Макка ба
Кӯҳистон..............................................................441-442
Қиссаи вохӯрии ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ
бо шайх Абӯсаид………….........................443-444
Ба Кобул омадани ҳазрати Бурх ва модару
бародаронаш…………………………………..445
Ба Боршид омадани ҳазрати Бурху ошкор
шудани ӯ……………………………………446-447
Қиссаи осиёби гардон, оҳуи қурбонӣ ва устоҳои
дуредгар……………………………………447-449
Феҳристи мутаваллиёни мазори ҳазрати Бурхи
Сармасти Валӣ………………………..……449-450
Бурхи Сармаст ва талаби аз байн бурдани
як дӯзах……………………………………451-456
Қиссаи чилтани пок ва Бурхи
Сармасти Валӣ……………......……………..457-460
**БУРХИ ВАЛӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРОН**..........461
Шайх Фаридудини Аттор - "Мусибатнома"….462-464
Шунидастам, ки Мӯсо дар муноҷот…………465-472
Аҳмади Ҷомӣ - "Ман, ки девонаву мастам,
тани танҳо, ё Ҳу……………………………….473
Сайид Қаландар ибни Шоҳсоиб Мавлавии Ҷунунӣ -

"Воқеаи дуо намудани Мӯсо (а) аз барои борон……………………………………………….474-476
Домулло Раҷаби Усмонзода - "Муноҷоти Бурх"…………………………………477-481
Ранҷа - "Дар ҷои Бурх ҳар ки расад, ошиқ аст"……482
Мӯъмин Қаноат - "Даст намедиҳӣ ба мо"……….483
Аз достони "Падар"……………………………………483
Бозор Собир - "Ҷунбиши гаҳвораи сабзаш - ҷунбиши набзаш"……………………………….484-486
Салимшо Ҳалимшо - "Порчаҳо аз маснавии "Ноҷиёни дунё"…………………………………….487-491
Салимшо Ҳалимшо - "Бурхи Валӣ аз дудаи Ҷам омадаст, ҳон"……………………………….492-493
Машраби Девона - "Ба Дарвоз гар равӣ аз ҳазрати Бурх илтиҷое кун"……………………………………….494
Назри Яздонӣ - "Бурхи Валӣ, Бурхи Валӣ"…495-496
Назри Яздонӣ - "Суруди бобоӣ"…………….497-498
Хайрандеш - "Эй ҳазрати Амирҷон"…………….498
Қамари Абдуллоҳ - "Дар васфи ҳазрати Бурхи Сармасти Валӣ"……………………………………499-503
Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода - "Мо зиёрат Бурхи Сармаст омадем"……………………….504-506
Сулаймони Ризо - "Дар васфи эшонҳои Ёзғанд"……………………………………………….507-510
Адабиёти истифодашуда…………………….511-518

**Султони Ҳамад**

# БУРХИ ВАЛӢ - ДӮСТИ ХУДО

**Мусаҳҳеҳ:** **Саидмуроди Шариф**
**Муҳаррири техникӣ:** **Фаридун Муродализод**
**Тарроҳон:** **Ҷаҳонгири Султон, Ҳаётулло Холов ва Аҳмадшоҳи Султон**

Ба матбаа 17.05. 2013 супорида шуд.
Ба чопаш 27.05. 2013 имзо шуд. Қоғази офсетӣ.
Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 37,0. Андозаи нашр 1000 нусха.
Супориши 23/13

Нашриёти ***«Истеъдод»***
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел: 221-95-43, E-mail: istedod2010@mail.ru

